ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 809.155.0 (81.2 Т.)

АБДУЛЛОЕВА ГУЛРУХСОР ЗИЁДУЛЛОЕВНА

ТАҲҚИҚИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ВОЖАГОНИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИТ
Назарзода С.

ДУШАНБЕ – 2024

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ.....4-9
МУҚАДДИМА …….....5-14
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ ……..... 15-21
БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИКА…….....22-97
1.1. Ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир.....22-32
1.2. Робитаи забон бо фарҳанг.....33-42
1.3. Омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ.....43-56
1.3.1. Назари муҳаққиқон оид ба лаҳҷаҳо..... 43-51
1.3.2. Назари муҳаққиқон оид ба вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор.....51-56
1.4. Регионолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ.....57-65
1.4.1. Хусусиятҳои фарққунандаи регионолектизмҳо аз диалектизмҳо.....63-65
1.5. Регионолект ва муносибати он ба лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор.....66-85
1.6. Вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории мардумони водии Ҳисор 86-97
БОБИ II. ТАСНИФОТИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ВА МАВЗУИИ ВОЖАГОНИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР.....98184
2.1. Вожагони ифодакунандаи соҳаи чармгарӣ.....98-107
2.2. Вожагони ифодакунандаи соҳаи кулолӣ.....108-114
2.3. Вожагони ифодакунандаи соҳаи оҳангарӣ.....115-122
2.4. Вожагони ифодакунандаи соҳаи сохтмон 123-132
2.5. Вожагони ифодакунандаи соҳаи дӯзандагӣ.....133-144
2.6. Вожагони ифодакунандаи соҳаи бофандагӣ.....145-151
2.7. Вожагони ифодакунандаи зебу зинат ва ороишоти занон.....152-160
2.8. Вожагони ифодакунандаи соҳаи пазандагӣ ва қаннодӣ.....161-170
2.8.1. Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои пазандагӣ.....161-164

2.8.2. Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои қаннодӣ.....164-170
2.9. Номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманд 171-184
БОБИ III. ТАСНИФОТИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ВА МАВЗУИИ ВОЖАГОНИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР…….....185-272
3.1. Вожагони ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ.....185-194
3.2. Вожагони ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ.....195-204
3.3. Вожагони ифодакунандаи соҳаи чорводорӣ.....205-211
3.4. Вожагони ифодакунандаи соҳаи моҳидорӣ.....212-221
3.5. Вожагони ифодакунандаи соҳаи занбӯрпарварӣ.....222-228
3.6. Вожагони ифодакунандаи соҳаи тиб 229-247
3.7. Вожагони ифодакунандаи номи бозиҳо.....248-258
3.8. Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ 259-272
БОБИ IV. ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОНИИ ВОЖАГОНИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР….....273-343
4.1. Решашиносии вожагон 273-322
4.1.1. Вожаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ 273-289
4.1.2. Вожаҳои иқтибосӣ 289-322
4.1.2.1. Вожаҳои иқтибосии арабӣ.....294-307
4.1.2.2. Вожаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ…….....307-315
4.1.2.3. Вожаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ.....315-322
4.2. Вожагони ғайрифаъол.....323-341
4.2.1. Вожагони таърихӣ.....323-328
4.2.2. Вожагони куҳнашуда..... 328-343
ХУЛОСА 344-351
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....352-353
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....354-384
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ...385-390

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

Шаҳри Турсунзода

Ҷамоати деҳоти Қаратоғ

Қ.Т. – Қаратоғи Турсунзода

Шу.Т. – Шунуки Турсунзода

Д.Т. – Даҳбеди Турсунзода

Ҷ.Т. – Ҷовидони Турсунзода

И.Т. – Имоми Аъзами Турсунзода

Б.Т. – Батоши Турсунзода

Ме.Т. – Меҳрободи Турсунзода

С.Т. – Сайдалӣ Табарови Турсунзода

Аҳ.Т. – Аҳоруни Турсунзода

Н.Т. – НаврӯзиТурсунзода

Ар.Т. – Арши Обӣ Турсунзода

А.С. – Аскари Сурхи Турсунзода

З.Т. – Зарнисори Турсунзода

Ю.Т. – Юлдош Ашурови Турсунзода

БоТ. – Боқӣ Раҳимзодаи Турсунзода

Ҷамоати деҳоти 1-уми– Май

Х.Т. – Хайрободи Турсунзода

Ҳ.Т. – Ҳидояти Турсунзода

Дӯ.Т. – Дӯстии Турсунзода

Г.Т. – Гулистони Турсунзода

Р.Т. – Роҳати Турсунзода

М.Т. – Моҳи Нави Турсунзода

Ҳ.Т. – Ҳаёти Нави Турсунзода

Ҳа.Т. – Ҳамадонии Турсунзода

Ҷамоати деҳоти Ҷ. Раҳмонов

С.Т. – Саъдии Шерозии Турсунзода

Н.Т. – Нурободи Турсунзода

Ч.Т. – Чашмаи Турсунзода

То.Т. – Тоиби Турсунзода

Ҷамоати деҳоти Сешанбе

С.Т. – Самарқанди Турсунзода

И.Т. – Иброҳим Баҳодурови Турсунзода

Ду.Т. – Дурбеди Турсунзода

Ҷамоати деҳоти Работ

О.Т. – Олимободи Турсунзода

Х.Т. – Хайрободи Турсунзода

Ҷамоати деҳоти Навобод

С.Т. – Сангқалъаи Турсунзода

БО.Т. – Боғи Ирами Турсунзода

СА.Т.–Саттор Рачабови Турсунзода

Ш.Т. – Шодмон Турсунзода

В.Т. – Ваҳдати Турсунзода

О.Т. – Обшорони Турсунзода

Ҷамоати Ғарав(Регар)

Б.Т. – Байналмилали Турсунзода

И.Т. – Иттифоқи Турсунзода

Ш.Т. – Шаҳрисабзи Турсунзода

Ф.Т – Файзободи Турсунзода

Д.Т. – Деҳқонободи Турсунзода

Н.Т. – Навбаҳори Турсунзода

ОР.Т. – Ортиқ Ҷумаеви Турсунзода
Т.Т. – Темурмалики Турсунзода
Ис.Т. – Истиқлоли Турсунзода
К.Т. – Канории Турсунзода
Ч.Т. – Чиртаки Турсунзода
На.Т. – Навободи Турсунзода

Ҷамоати деҳоти Пахтаобод

А.Т. – Анҷибари Турсунзода

Ҷамоати деҳоти 10-солагии Истиқлолият

Меҳ.Т. – Меҳргони Турсунзода
И.Т. – Ифтихори Турсунзода
Х.Т. – Хурамзамини Турсунзода
К.Т. – Кӯҳсори Турсунзода
Ис.Т. – Исмоили Сомонии Турсунзода
Л.Т. – Лолазори Турсунзода
Н.Т. – Намунаи Турсунзода
Н.Т. – Нурафшони Турсунзода
Ш.Т. – Ширинчашмаи Турсунзода
Б.Т. – Бахтовари Турсунзода.
З.Т. – Зарафшони Турсунзода
С.Т. – Сарчашмаи Турсунзода

Ноҳияи Шаҳринав

Ҷамоати деҳоти Истиқлол

С.б.Ш. – Селбури Болои Шаҳринав
С.п.Ш. – Селбури Поёни Шаҳринав
С.Ш. – Суғдиёни Шаҳринав
И.Ш. – Иттифоқи Шаҳринав
Ҳ.Ш. – Ҳакимии Шаҳринав
Са.б.Ш. – Сангмелаи Болои Шаҳринав
С.м.Ш. – Сангмелаи мусои Шаҳринав
Са.Ш. – Санглохи Шаҳринав
П.Ш. – Пахтакори Шаҳринав
Р.Ш. – Роҳи Нави Шаҳринав
Н.Ш. – Нурободи Шаҳринав
Д.Ш. – Даҳбеди Шаҳринав

Ҷамоати деҳоти Шаҳринав

И.С.Ш. – Исмоили Сомонии Шаҳринав
Д.Ш. – Дӯстии Шаҳринав
Р.Ш. – Раҳматуллои Шаҳринав
Нур.Ш. – Нурободи Шаҳринав
Хоҷ.Ш. – Хоҷамови Шаҳринав
Сар.Ш. – Сараеви Шаҳринав
А.Ш. – Аюбови Шаҳринав
К.Ш. – Коргарони Шаҳринав
Р.Ш. – Рӯдакии Шаҳринав
Н.Ш. – Навободи Шаҳринав
Ҳ.Ш. – Ҳокими Шаҳринав
Б.Ш. – Бақоеви Шаҳринав
Рач.Ш. – Рачабови Шаҳринав
Сан.Ш. – Сангини Шаҳринав
Н.Ш. – Набии Шаҳринав
Шар.Ш. –Шарқии Шаҳринав

Д.Ш. – Дадабоеви Шаҳринав
М.Ш. – Маҷидови Шаҳринав
Ҳ.Ш. – Ҳайдари Шаҳринав
Ш.Ш. – Шарифободи Шаҳринав
Р.Ш. – Рофеъзодаи Шаҳринав
Н.Ш. – Насриддини Шаҳринав
Мир.Т.Ш. – Мирзо Турсунзодаи Шаҳринав
Н.М.Ш. – Носирҷон Маъсумии Шаҳринав
А.Л.Ш. – А. Абулқосим Лоҳутии Шаҳринав

Ҷамоати деҳоти Боғистон

Т.Ш. – Тоҷикистони Шаҳринав
Боғ.Ш. – Боғистони Шаҳринав
С.Ш. – Саидои Шаҳринав

Ҷамоати Деҳоти Чуст

З.Ш. – Зарнисори Шаҳринав
Де.Ш. – Деҳободи Шаҳринав
Ҷа.Ш. – Ҷавонони Шаҳринав
Хо. – Хоҷагулпӯши Шаҳринав
У.Ш. – Узуни Шаҳринав
Ч.Ш. – Чузии Шаҳринав
Н.Ш. – Наврӯзи Шаҳринав
Ба.Ш. – Баҳористони Шаҳринав
Х.Ш. – Хуҷии Шаҳринав
Ч.Ш. – Чашмасори Шаҳринав
О.Ш. – Офтобрӯяи Шаҳринав
Э.Ш. – Элокии Шаҳринав
Са.Ш. – Сангмелаи Шаҳринав
Г.Ш. – Гурсойи Шаҳринав
Сан.Ш. – Сангичоби Шаҳринав
Ч.Ш. – Чанбули Шаҳринав

Ҷамоати деҳоти А. Ҳасанов

А.Ш. – Аҷами Шаҳринав
Дӯс.Ш. – Дӯстии Шаҳринав
Б.Ш. – Баҳори Шаҳринав
Ҳ.Ш. – Ҳаёти нави Шаҳринав
Б.Ш. – Бӯстони Шаҳринав
Ф.Ш. – Файзбахши Шаҳринав
Ч.Ш. – Чаманорои Шаҳринав
Ҳок.Ш. – Ҳокими Шаҳринав
Нав.Ш. – Навбаҳори Шаҳринав
Г.Ш. – Гулрези Шаҳринав
М.Ш. – Меҳнатободи Шаҳринав
О.Ш. – Ободони Шаҳринав
З.Ш. – Х. Зафар Шаҳринав
Д.Д. – Долондеҳи Шаҳринав
Г.Ш. – Гули Сурх Шаҳринав
Ч.Ш. – Чашмаи моҳиёни Шаҳринав
О.Ш. – Обшорони Шаҳринав
Г.Ш. – Гулдараи Шаҳринав
Ш.Ш. – Шунуки Шаҳринав
Об.Ш. – Обиборики Шаҳринав
Р. Ш. – Рикии Шаҳринав
У.Ш. – Уртабузи Шаҳринав

Шаҳри Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Ҳисор

У.Т. – Узбекистони Ҳисор

Ч.Ҳ. –Чашмаи Моҳиёни Ҳисор

С.Ҳ. – Сайёди Ҳисор

Б.Ҳ. – Бӯстони Ҳисор

И. Ҳ. – Иттифоқи Ҳисор

Г.Ҳ. – Гулхании Ҳисор

Бу.Ҳ. – Булбулчашмаи Ҳисор

М.Ҳ. – Мавлонишарифи Ҳисор

Н.Ҳ. – Гулмайдони Ҳисор

К.Ҳ. – Куҳнабойи Ҳисор

Б.Ҳ. – Боғи Ҳисор

Наф.Ҳ. – Насафи Ҳисор

Н.Ҳ. – Навбунёди Ҳисор

С.Т. – Сарчашмаи Ҳисор

Ҳ.Ҳ. – Ҳуснободи Ҳисор

Сун.Ҳ. – Сунбулаи Ҳисор

Ҷ.Ҳ. – Ҷорӯбсойи Ҳисор

Х.Ҳ. – Хушманзари Ҳисор

Ҳа.Н.Ҳ. – Ҳаёти Нави Ҳисор

Навб. Ҳ – Навбаҳори Ҳисор.

Навр.Ҳ. – Наврӯзи Ҳисор

Ҳ. – Шеърхонии Ҳисор

Р.Ҳ. – Равшани Ҳисор

К.Ҳ. – Кончии Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Ориён

М.Ҳ. – Мурутаки Ҳисор

Ҳ.Ҳаф. – Ҳафттеппаи Ҳисор

Ҳ.Ҳал. – Ҳалқарӯди Ҳисор

Г.Ҳ. – Гулистони Ҳисор

Ч.Ҳ. – Чинори Ҳисор

Ҳоҷ.Ҳ. – Ҳоҷигирдоби Ҳисор

Ш.Ҳ. – Шарафободи Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Дурбат

Д.Ҳ. – Дурбати Ҳисор

Т.Ҳ. – Турдиқишлоқи Ҳисор

М.Ҳ. – Манзари Ҳисор

Х.Ҳ. – Хоҷасидиқи Ҳисор

Т.Ҳ. – ТирагониҲисор

Т.Ҳ. – Турдибобои Ҳисор

Ҷ.Ҳ. – Ҷавонони Ҳисор

Д.Ҳ. – Дӯстии Ҳисор

Н.Ҳ. – Ниёгони Ҳисор

З.Ҳ – Зартеппаи Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Деҳқонобод

А.Ҳ. – Аминиёни Ҳисор

Г.Ҳ. – Гачаки Ҳисор

Л.Ҳ. – Лангари Ҳисор.

С.Ҳ. – Содиқии Ҳисор

Б.Ҳ. – Бағалаки Ҳисор

Д.Ҳ. – Деҳқонободи Ҳисор

Л.Ҳ. – Латтабанди Ҳисор

М.Ҳ. – Муъминободи Ҳисор

Ш.Ҳ. – Шодмони Ҳисор

Ч. Ҳ. – Чилчинори Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Мирзо Турсунзода

М.Ҳ. – Меҳрободи Ҳисор

К.Ҳ. – Кишоварзи Ҳисор

Б.Ҳ. – Баракати Ҳисор

Д.Ҳ. – Даҳбеди Ҳисор

Н.Ҳ. – Намунаи Ҳисор

Ч.Ҳ. – Чаманзори Ҳисор

Ҳа.Ҳ. – Ҳалқадашти Ҳисор

Х.Ҳ. – Хайрободи Ҳисор

Ҳ.Ҳ. – Ҳакимии Ҳисор

О.Ҳ. – Оҳангарони Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо

С.Ҳ. – Сурхакчашмаи Болои Ҳисор

Х.Ҳ. – Хочилдиёри болоиҲисор

Т.Ҳ. – Тӯдаи Болои Ҳисор

Т.Ҳ. – Тӯдаи Ҳисор

Н.Ҳ. – Ноҷии Болои Ҳисор

Х.Ҳ. – Хочилдиёри Ҳисор

Н.Ҳ. – Нурободи Ҳисор

Н.Ҳ. – Ноҷии Ҳисор

Ҷ.Ҳ. – Ҷалолободи Ҳисор

Х. Ҳ. – Хокистартеппаи Ҳисор

Ч.Ҳ. –Чуқураки Ҳисор

Б.Ҳ. – Буйробофи Ҳисор

Д.Ҳ. – Деҳи Нави Ҳисор

С.Ҳ. – Сурхакчашма Ҳисор

Х.Ҳ– Хокистартеппаи Ҳисор

Д.Ҳ. – Деҳи Нави Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Алмосӣ

Т.Ҳ. – Тутакаи Ҳисор

Н.Ҳ. – Неъматбои Ҳисор

Г.Ҳ. – Гули Сурхи Ҳисор

Ғ.Ҳ. – Ғуриёни Ҳисор

А.Ҳ. – Алмосии Ҳисор

З.Ҳ. – ЗиракииҲисор

Ш.Ҳ. – ШамалиҲисор

С.Ҳ. – СангчашмаиҲисор

Са.Ҳ. – Сабзазори Ҳисор

Ҳ.Ҳ. – Ҳафтахтаи Ҳисор

Л.Ҳ. – Лолазори Ҳисор

Ҳ.Ҳ. – Ҳофизқадаи Ҳисор

Нав.Ҳ. – Наврӯзии Ҳисор

Б.Ҳ. – Бобосурхони Ҳисор

Л.Ҳ. – Лойоби Ҳисор

О.Ҳ. –Ободдараи Ҳисор

Ҷ.Ҳ. – Ҷиргинаки Ҳисор

С.Ҳ. – Сайидони Ҳисор

Д.Ҳ. – Дарозии Ҳисор

Суғ.Ҳ. – Суғдиёни Ҳисор

С.Ҳ. – СангчашмаиҲисор

Са.Ҳ. – Сабзазори Ҳисор

Ҳ.Ҳ – Ҳафттахтаи Ҳисор

Ҳ.Ҳ. – Хоҷазуҳури Ҳисор

Ю.Ҳ. – Юнусхоҷаи Ҳисор

Б.Ҳ. – Бедаки Ҳисор

Х. Ҳ – Хоҷамастони Ҳисор

Л.Ҳ. – Лойоби Ҳисор

К.Ҳ. – Кӯрпаии Нави Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Сомон

Б.Ҳ. – Буйробофи Ҳисор

Г.Ҳ. – Гулрези Ҳисор

Х.Ҳ. – Хирманаки Ҳисор

В.Ҳ – Ваҳдати ҳисор

Д.Ҳ. – Дучинораи Ҳисор

Ғай.Ҳ. – Ғайратободи Ҳисор

А.Ҳ. – АвғонободиҲисор

К.Ҳ. – Кӯчабоғи Ҳисор

М.Ҳ. – Мортеппаи Ҳисор

Ч.Ҳ. – Чаманистони Ҳисор

И.Ҳ. – Истиқлоли Ҳисор

Ч.Ҳ. –Чашмасори Ҳисор

Ш.Ҳ. – Шӯроби Авғони Ҳисор

Н.Ҳ.–. Нурафшони Ҳисор

О.Ҳ. – Обшорони Ҳисор

Б.Ҳ. – Боғистони Ҳисор

Ҷамоати деҳоти Хонақои кӯҳӣ

Н.Ҳ. – Нилӯи Ҳисор

Х.Ҳ. – Хирманаки Ҳисор

Д.Ҳ. – Дучинори Ҳисор

И.Ҳ. – Искичи Ҳисор

К.Ҳ. – Кӯшкаки Ҳисор

Т.Ҳ. – Тахти Ҳисор

Ш.Ҳ. – Шоҳони Ҳисор

К.Ҳ. – Кафшдӯзон Ҳисор

А.Ҳ. – Алибегии Ҳисор

Л.Ҳ. – Лаби сойи Ҳисор

М.Ҳ. – Меҳргони Ҳисор

А.Ҳ. – Арбобии Ҳисор

Л.Ҳ. – Латтахораки Ҳисор

Х.Ҳ. – ХонақоиҲисор

Ш.Ҳ. – Шоли Ҳисор

И.Ҳ. – Шоли Ҳисор

Г.Ҳ. – Гулдараи Ҳисор

А.Ҳ. – Аарҷинаки Ҳисор

Я.Ҳ. – Яккатути Ҳисор

Қ.Ҳ. – Қалъаи Ҳисор

Т.Ҳ. – Турушбоғи Ҳисор

В. Ҳ.– Варгандоки Ҳисор

И.Ҳ. – Истонии Ҳисор

Р.Ҳ. – Рағобаи Ҳисор

Ч.Ҳ. –Чангоби Ҳисор

W – ҳамсадои лабулабии ҷарангдор буда, овози **б**-ро иваз мекунад, йу – ю, йа – я, йо – ё, ъ – садонокҳои таърихан кӯтоҳи **у**, **а, и**-ро иваз мекунад.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Таркиби вожагонии лаҳҷаҳо ва гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор ниҳоят ғановатманд ва рангин буда, он дар мавҷудияти қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожаҳо, унсурҳои иқтибосӣ аз забонҳои бегона, воҳидҳои сермаъною зидмаъно, муродифот, муодилҳо ва мувозаҳои мухталифи калимаҳо, таъбиру таркибҳои фразеологӣ, унсурҳои бозмонда аз забони адабиёти классикӣ, қолабҳои вожа ва васоити махсуси калимасозу калимабанд ва амсоли инҳо мушоҳида мегардад. Ин аст, ки бе таҳқиқи ҳамаҷонибаи вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ва ҳар як лаҳҷаи дигари забони тоҷикӣ ва бе натиҷагирӣ аз ҷузъитарин хусусиятҳои дохилии онҳо муайян намудани раванди таърихии ташаккулу таҳаввули забони меъёрии тоҷикӣ ва асоси лаҳҷавии он як амали аз имкон берун буда, бо ҳамин сабаб омӯзиши масъалаи мазкур барои забоншиносии муосир хеле мубрам гаштааст.

Чунонки маълум аст, муваффақиятҳое, ки вобаста ба инкишофи тамаддуни инсонӣ дар ҷомеа ба зуҳур меоянд, мафҳумҳо ва вожаву истилоҳот, таркибу ибороти нав, ки дар ин ё он бахши ҳаёт пайдо мегарданд, пеш аз ҳама, дар таркиби луғавии забон таҷассум меёбанд. Аз ин рӯ, таркиби луғавӣ пайваста дар рушду таҳаввул қарор дошта, ин равандҳо, қабл аз ҳама, тавассути мунтазам пурра гардидани ҷойҳои холии он аз ҳисоби қолабҳои калимасозӣ, васоити калимасоз, истилоҳоти нодир, унсурҳои иқтибосӣ ва амсоли инҳо сурат мегиранд. Ин ҳодисаи забонӣ, албатта, раванди бардавом буда, лаҳҷаҳои маҳаллӣ, ки шакли ба маҳалҳо мутааллиқи забони миллии тоҷик мебошанд, аз ин раванд берун буда наметавонанд ва омӯзиши онҳо барои забоншиносӣ ҳамеша мубрам боқӣ мемонад.

Ҳамзамон, чунонки маълум аст, даврони шуравӣ таъсирашро на танҳо ба забони тоҷикӣ гузошт, балки баъзе аз пешаҳои мардуми тоҷикро низ қариб ба гӯшаи нестӣ бурда буд. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ ба намудҳои гумшудаи косибӣ умри дубора бахшида шуда, бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар кишвар «Соли рушди

сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» [345] ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуданд [346]. Ин иқдомҳо боиси аз нав зинда шудани ҳунарҳои мардумӣ ва калимаву истилоҳоте, ки ба гурӯҳи вожаҳои куҳнашуда дохил шуда буданд, гардиданд. Аз ин рӯ, мубрамии таҳқиқи мазкур, низ дар он аст, ки вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ ба таври васеъ омӯхта шуда, на танҳо оид ба калимаву истилоҳоти ифодакунандаи соҳаҳои мазкур бо фарогирии ҷанбаҳои асосии ин мавзуъ мавод фароҳам оварда мешавад, балки тавассути эҳёи вожагони дахлдор барои эҳёи худи анъанаҳои ҳунармандӣ ва маишӣ низ замина ба вуҷуд оварда мешавад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он низ зоҳир мегардад, ки дар водии Ҳисор навъҳои гуногуни ҳунармандӣ маъмул буда, Роҳи Бузурги Абрешим ин водиро миёни дигар мавзеъҳо шуҳратёр намуда буд, ки он таъсирашро на танҳо ба иқтисодиёту тиҷорат, балки ба забони ин минтақа низ расонидааст. Ҳамин ҷиҳати масъала зарурати таҳқиқи мукаммали вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор пеш оварда, имкон медиҳад, ки пайвастагии ин ду соҳа муайян гардида, вожаву истилоҳоти онҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ ҳамаҷониба омӯхта шаванд ва барои дарки маънои ҳар як калимаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур ва мавридҳои истифодаи онҳо заминаи мусоид фароҳам оварда шавад.

Дар баробари ин, пайдоиши вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, пеш аз ҳама, бо табиат, суннату анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Масалан, дар маросими базми арусӣ тақдими маснуоти заргарӣ, ҳангоми чидани анор гузаронидани маросими аноргӯркунӣ ва ғайра аз анъанаҳои асосии мардуми тоҷик маҳсуб меёбанд. Чунин маросиму суннатҳо сабаби пайдо шудани истилоҳу вожагони хоси худ гардида, омӯзиши онҳо барои рушди минбаъдаи забони адабӣ мубрам ва пураҳаммият хоҳад буд.

Мубрамии таҳқиқ, инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки бо вуҷуди назаррас будани дастовардҳо дар доираи илми этнолингвистика омӯзишу пажуҳиши равандҳои дар боло зикршуда дар баъзе соҳаҳо, махсусан, соҳаи ҳунармандӣ ва

маишӣ то андозае аз мадди назари муҳаққиқон дур монда, дар диссертатсияи пешниҳодшуда дар забоншиносии тоҷик аввалин маротиба вожагони соҳаҳои мазкур дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор аз нуқтаи назари этнолингвистӣ дар иртибот бо суннату анъанаҳои мардумӣ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор мегирад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Гарчанде этнолингвистика ҳамчун як шохаи алоҳидаи илми забоншиносӣ дар аввалҳои асри XX пайдо шуда бошад ҳам, аммо оид ба худи ин истилоҳ дар асарҳои И.Г. Гердер (асри XVIII), В. Гумболд (асри XIX) андешаҳои ҷолиб баён гардидаанд. Зуҳури этнолингвистика ҳамчун илми алоҳида бо номи пажуҳишгарони амрикоӣ – мардумшинос Ф. Боас ва забоншиносону мардумшиносон Э. Сепир ва Б. Уорф иртиботи ногусастанӣ дорад, зеро ин донишмандон дар робита ба забонҳои бехатти ҳиндувони амрикоӣ ва фарҳангу анъанаҳои онҳо корҳои назаррасро ба анҷом расонидаанд. Дар робита ба ҷанбаҳои асосии этнолингвистика муҳаққиқони рус В. Гордлевский, А. Деснитская, Е. Пешерова, Н. Трубачёв, В. Григорев, А. Герд, Б. Серебренников, Е. Перехвалская ва дигарон таҳқиқи арзишманд анҷом додаанд.

Ба таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ донишмандони рус хеле барвақт шуруъ намуда буданд. Аз ҷумла, дар рисолаи Н.И. Толстой «Доир ба забоншиносии қавмӣ ва нақши он дар омӯзиши забон ва қавм» [350] масъалаҳои этникии қавмҳои рус баррасӣ гардидаанд. Таҳқиқи вожагони соҳаи моҳидорӣ, ки як қисмати асосии таркиби луғавии лаҳҷаву шеваҳоро ташкил медиҳанд, дар рисолаи илмии А.А. Берлизов «Вожагони моҳипарварӣ дар лаҳҷаҳои украинии Поднестровяи Поён» [6] сурат гирифтааст. Фарқияти вожагони соҳаи маишӣ ва ҳунармандии мардумони соҳили дарёи Серёжаи Рус дар рисолаи «Вожагони ҳунармандӣ ва маишии аҳолии руси поёноби дарёи Серёжа» М.М. Сивороткин [29] нишон дода шудааст. Вожагони анъанаҳои шикор, ки миёни мардум маҳфуз мондаанд, дар таҳқиқи М.Б. Матансева «Таҳлили таърихӣ-этимологиии вожагони соҳаи шикор дар гӯйишҳои диндорони қадими (старообрядцев) Забайкалия» [130] баррасӣ гардидаанд.

Дар забони русӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он вожагони соҳаи заҒирпарварӣ мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Аз ин рӯ, рисолаи Л.М. Алёшина «Вожагони заҒирпарварӣ дар лаҳҷаҳои Орловск» [331] маҳз, ба омӯзиши ҳамин мавзуъ бахшида шудааст. Корҳои таҳқиқотӣ бо номҳои «Номҳои либосҳо дар лаҳҷаҳои русии вилояти Воронеж (ҷанбаҳои минтақавӣ)» М.В. Панова [343], «Вожагони кулоҳҳои занона дар лаҳҷаҳои ҷанубии вилояти Нижний Новгород»-и И.В. Назарова [342] ва «Майдони луғавӣ-маъноии «либос» дар лаҳҷаҳои казакҳои Дон: ҷанбаҳои этнолингвистӣ ва лингвокултурологӣ»-и М.В. Калинина [20] ба таҳлилу таҳқиқи вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи либосҳо ва дигар артибутҳои он дар гӯйишҳои гуногуни мардумони рус бахшида шудаанд.

Ба масъалаи баррасии тасвири забонии ҷаҳони моҳидорони Сибир рисолаи Т.М. Мамаева «Порча аз тасвири забонии ҷаҳони касбии шикорчиён ва сайёҳони Наздиенисейи Сибир (ҷанбаҳои этнолингвистӣ)» [345] равона гардидааст. Гурӯҳбандии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва соҳаи маишӣ дар рисолаи В. Маринин «Вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои ноҳияи Вади вилояти Нижгород» [22] ба назар мерасад.

Дар илми забоншиносии тоҷик низ дар шакли рисолаи номзадиву докторӣ ва мақолаҳои илмӣ таҳқиқоти зиёде пешкаши аҳли илм гардидаанд, ки дар онҳо баъзе масъалаҳои этнолингвистика матраҳ шудаанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти И.М. Оранский «Гурӯҳҳои этнографии тоҷикзабонони водии Ҳисор» (Осиёи Миёна, таҳқиқи этнографӣ) [164] масъалаҳои вожагони гурӯҳҳои этникии каволӣ, ҷӯгиҳо, чистонӣ, соҒутарош ва париён ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар рисолаи Б.П. Алиев «Луғати этнографии яҒнобӣ» [2] баъзе ҷанбаҳои этнолингвистии вожагон дар забони яҒнобӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Кори таҳқиқотии Ш.С. Некушоева «Инъикоси этнолингвистӣ ва муқоисавии вожаҳои ашёи рӯзгори гурӯҳи забонҳои помирии шуҒнонӣ-рӯшонӣ» [24] маҳз, ба таҳқиқи вожагони соҳаи маишии забонҳои шуҒнонӣ ва рӯшонӣ равона гардидааст. Масъалаи вожагони зебу зинат ва ороишоти занон дар рисолаи М. Бобомуродова «Таснифоти этнолингвистии лексикаи зебу зинат ва ороишоти занон дар забони тоҷикӣ» [8] матраҳ гардидааст.

Яке аз анъанаҳои деринаи мардуми тоҷик, ки ба роҳ мондани бозиҳо дар ҷашну маросимҳо ба шумор меравад, дар рисолаи С. Матробиён «Бозиҳои анъанавии вахониён (очерки этнолингвистӣ)» [133] таҳқиқ гардидааст.

Гарчанде тоҷикон яке аз қавмҳои деринаи ориёинажод маҳсуб ёбанд ҳам, аммо дар урфу одат ва расму оини онҳо тафовутҳо ба назар мерасанд. Ин масъаларо ба эътибор гирифта, муҳаққиқ Х. Кабиров рисолаеро бо номи Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи маишии забони тоҷикони Чин» [18] рӯйи варақ овардааст, ки дар он ақидаҳои ҷолиб оид ба забоншиносии қавмӣ баён гардидаанд.

Таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки бо вуҷуди анҷом додани таҳқиқи муайян дар мавзуи матраҳшуда, ҳанӯз ҳам дар илми муосири забоншиносӣ дар самти таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор таҳқиқи алоҳида вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, норасоии мавҷуда ва талаботи воқеӣ нисбат ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур омили асосии интихоби самти таҳқиқ дар ин диссертатсия гардиданд.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқи илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст ва лоиҳаи илмӣ-таҳқиқии буҷетии кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – «Ҷанбаҳои минтақавӣ ва забоншиносии фарҳангии таълими забонҳо (солҳои 2016-2020)» иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ тасвири пурраи этнолингвистӣ, низоми ҳамзамонӣ (синхронӣ) ва таърихӣ (диахрони)-и вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии гӯйишҳои водии Ҳисор, ки дар онҳо омезиши шеваи шимолӣ ва ҷанубӣ ба назар мерасад, инчунин, нишон додани хусусиятҳои фарққунандаи ин гурӯҳи калимаҳо дар қиёс бо забони адабии муосири тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ:

– нишон додани нақши этнолингвистика дар забоншиносии муосир;
– нишон додани робитаи забон бо фарҳанг аз нигоҳи этнолигвистика;
– омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ;
– таҳқиқи регионолект ва муносибати он бо лаҳҷаҳои минтақавӣ;
– тавсифи лаҳҷаҳои водии Ҳисор ва муносибати онҳо бо регионолект;
– ба гурӯҳҳо ва қабатҳо ҷудо намуда, ба низом даровардани истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои мазкур;
– ҷудо намуда, ба низом даровардани вожаву истилоҳоти соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои мазкур;
– нишон додани мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар низоми вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор;
– нишон додани мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур;
– таҳқиқи вожаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор;
– таҳқиқи вожаҳои русӣ-аврупоии соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур;
– пажуҳиши вожаҳои таърихӣ ва куҳнашудаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор.

Объекти таҳқиқро гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор – ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав ва Ҳисор, ки саросар тоҷикнишин мебошанд, ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқ хусусиятҳои этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, мавзуъҳои онҳо, вожагони калимаҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ, иқтибосӣ ва лексикаи ғайрифаъоли соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур мебошад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқ (доираи таърихии таҳқиқ). Ҷамъ кардани мавод ҳанӯз соли 2016 шуруъ шуда, соли 2023 таҳқиқи илмии он ба анҷом расонида шуд. Доираи таърихии таҳқиқро вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор дар даврони муосир фаро мегирад

Асосҳои назарии таҳқиқ. Барои расидан ба ҳадафи асосии диссертатсия, асосан, дар он ба адабиёти илмии забоншиносӣ ва забоншиносии қавмӣ, лаҳҷашиносӣ ва фолклор такя карда шудааст. Аз ин рӯ, дар диссертатсия ҳамчун заминаи назариявии он асару мақолаҳои олимон, ба мисли А. Семёнов, И. Зарубин, М. Андреев, Л. Успенская, А. Хромов, А. Розенфелд, Н. Ершов, В. Расторгуева, А. Герд, М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Д. Ҳомидов, О. Маҳмадҷонов, О. Қосимов, Н. Гадоев, С. Ҳалимова, З. Назарова, С. Назарзода, Д. Хоҷаев, Ш. Исмоилов, М. Бобомуродова, С. Раҳматуллозода, С. Матробиён, Р. Сангинова, Ж. Гулназарзода ва дигарон мавриди истифода қарор дода шудаанд. Инчунин, дар навишти диссертатсия аз асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» (ҷилдҳои (китобҳо) истифода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқро методҳои умумиилмӣ, усулҳои соҳавӣ, аз ҷумла, таҳқиқи этнолингвистӣ, шарҳи луғавӣ, ҳамзамонӣ (синхронӣ) ва таърихӣ ё дерзамонӣ (диахронӣ) ташкил дода, дар мавриди муайян намудани муносибати лаҳҷаи мазкур бо забони адабии муосири тоҷикӣ, забони адабиёти классикӣ ва ҷо-ҷо бо баъзе лаҳҷаҳои дуру наздик усулҳои муқоисавӣ–типологӣ ва оморӣ низ истифода шудаанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқро нутқи гуфтугӯйии мардумони водии Ҳисор, аз ҷумла, минтақаҳои Турсунзода, Шаҳринав ва Ҳисор осори илмӣ, таърихӣ, фарҳангҳо, аз ҷумла, фарҳангҳои тафсирӣ, решашиносӣ (этимологӣ), тарҷума-

вӣ, фарҳанги ибораҳои халқӣ ва рехта ташкил медиҳанд. Инчунин, ҳангоми навиштани кор китобҳое, ки худи мардуми маҳаллӣ доир ба таърихи маҳалҳояшон нашр намудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия аввалин маротиба таҳлили этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба роҳ монда шудааст; таҳқиқи назариявӣ ва амалии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст; вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор гурӯҳбандӣ карда шудааст; қабатҳои вожагонӣ-маъноии луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур муайян карда шуда, мавқеи калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ, унсурҳои лаҳҷавӣ, унсурҳое, ки аз адабиёти ниёгонамон ба мерос мондаанд, инчунин, вожаҳои арабӣ, туркӣ-муғулӣ, русӣ-аврупоӣ, вожагони таърихӣ ва куҳнашуда дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор нишон дода шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйишҳои водии Ҳисор дорои хусусиятҳои этнолингвистӣ буда, бо сатҳи баландӣ ташклёбиашон ва тартиби зинавиашон аз гӯйишҳои дигар минтақаҳо фарқ мекунанд.

2. Пас аз Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон, махсусан дар водии Ҳисор, навъҳои гуногуни ҳунармандӣ аз нав эҳё гардиданд, ки ин боиси пайдо шудан ва ба низом даровардани як зумра вожаву истилоҳот, хусусан, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ гардид.

3. Мавқеи регионолектҳо дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор хеле назаррас буда, таъсири онҳо ба манзараи забонии ҷаҳони гурӯҳҳои этникии кавол, соғутарош, чистонӣ, ҷӯгиҳо, париён хеле бузург аст.

3. Пажуҳиши этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор барои муайян намудани мавқеи аксар вожаҳое, ки дар гӯйиши мардумони ин водӣ мавриди истеъмол қарор дошта, аз даврахои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд, имконият фароҳам меоварад.

4. Мавқеи номвожаҳои ҷуғрофии зиёде дар гӯйишҳои мардумони ин мавзеъ маълум намуд, ки аксарияти онҳо дар иртибот бо соҳаи ҳунармандӣ ба вуҷуд омада, дорои хусусиятҳои этнолингвистӣ мебошанд.

5. Таснифоти семантикиву луғавии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар заминаи гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор барои ба таври муфассал муайян намудани хусусиятҳои фарққунандаи онҳо миёни мардумони гуйишҳои шимолӣ ва ҷанубии ин мавзеъ имкон медиҳад.

6. Робитаи зичи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, ки бевосита ба урфу одат ва зисту зиндагонии намояндагони ин лаҳҷаву шеваҳо иртибот дорад, боиси пайдо гаштани як зумра калимаву истилоҳоти пешаварӣ гардидаанд, ки хусусиятҳои этнолингвистӣ доранд.

7. Дар робита бо анъанаҳои ҳунармандӣ, урфу одат ва суннатҳои мардумӣ, дар гӯишҳои мардумони водии Ҳисор боварҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки тавассути онҳо бо тасвири забонии ҷаҳони ин мардумон ошноӣ пайдо кардан мумкин аст.

8. Рушду такомули соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ боиси пайдо гардидани як зумра воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои халқӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор шуда, бо ин васила, таркиби луғавии ин лаҳҷаҳоро боз ҳам ғановатмандтар гардонидааст.

9. Вижагиҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи решашиносӣ нишон медиҳад, ки баромади калимаҳо дар шакли аслан тоҷикӣ, унсурҳое, ки аз адабиёти классикӣ ба мерос мондаанд ва унсурҳои иқтибосӣ мебошад.

10. Диалектизмҳое, ки дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ба назар мерасанд, сирф хусусиятҳои этнолингвистиро касб намуда, майдони маъноии аксарияти онҳо аз лаҳҷаву шеваҳои мазкур дур рафта наметавонад.

11. Мавқеи калимаҳои таърихӣ ва куҳнашуда дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ нишон медиҳад, ки маҳз, ҳамин зуҳурот яке аз роҳҳои мустаҳакам намудани донишҳо оид ба ҳаёт, зиндагонӣ, урфу одат ва суннату анъанаҳои гузаштаи ин мардумон ба ҳисоб рафта, аксарияти онҳо дар баробари эҳё шудани ҳунарҳои мардумӣ аз нав эҳё гардидаанд.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар таҳқиқи мазкур фароҳамомада ва хулосаҳои он барои аз нав эҳёи шудани як қатор ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, ки бо сабабҳои ҷаҳонишавӣ, яъне таъсири дигар забонҳову фарҳангҳо ва муҳоҷират аз байн рафтаанд, замина гузошта метавонад. Инчунин, дар забоншиносии тоҷик барои муайян намудани хусусиятҳои хоси вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор аз нуқтаи назари этнолингвистӣ кумак расонида метавонад, тавассути он барои рушди илмҳои забоншиносӣ, лаҳҷашиносӣ, этнолингвистика ва назарияи забон заминаи мусоид фароҳам меояд. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ аз нуқтаи илмии пешниҳодгардида барои пажуҳишу ҷустуҷӯҳои илмӣ ба муҳаққиқони забоншинос ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ мусоидат намуда метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқ дар пажуҳиши вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, гурӯҳбандии онҳо аз ҷиҳати маъно, омӯзиши хусусиятҳои забонии онҳо арзиши муҳим дошта, дастоварди илмии мазкурро дар навиштани мақолаҳо ва таълифи китобҳои дарсӣ доир ба этнолингвистика, лаҳҷашиносӣ, истилоҳшиносӣ ва курсҳои махсус метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин, барои мураттаб намудани фарҳангҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ маводи диссертатсия замина гузошта метавонад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокӣ ва боварибахш будани натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди манбаъҳои илмӣ, истифода аз маҷмуи методҳои умумиилмию соҳавӣ ва далелҳои аз лаҳҷаҳои водии Ҳисор ҷамъоваришуда муайян мегардад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар он аст, ки бевосита дар дуконҳои ҳунармандии водии Ҳисор, саҳроҳои кишоварзон ва

амсоли он, инчунин, дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ҷанбаҳои асосии мавзуъро ҳаматарафа мавриди омӯзиши қарор додааст. Дар заминаи омӯзиш бори нахуст таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо мустақилона ба роҳ монда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин гурӯҳи калимаҳоро аз забони адабии тоҷикӣ муайян кардааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаву гузоришҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз қабили конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Забонҳои русӣ ва хориҷӣ: дурнамо, таҳқиқот ва таълими он дар мактабҳои олии Тоҷикистон» (Душанбе, 22-юми январи соли 2020), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Узбекистон: ҳолат ва дурнамо» (Душанбе, 30-Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар (Душанбе, 11-уми апрели 2022), конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии ҳайати профессорон-омӯзгорони мактабҳои олӣ «Россия–Узбекистон–Тоҷикистон. Ташаккули навоварӣ дар тарҳрезии равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ: аз ғоя то татбиқ» (Челябинск–Бухоро, 25-уми ноябри, 2022), конференсияи байналмилалии илми-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир (Душанбе, 23-юми декабри 2022), конференсияи байналмилалии олимони ҷавони мактабҳои олӣ «Тоҷикистон – Россия ва Узбекистон. «Ҳифз ва таҳкими арзишҳои анъанавии маънавию ахлоқии ҷомеа: банақшагирии стратегӣ дар соҳаи фарҳанги маънавӣ» конференсияи илмӣ-амалии ҳайати устодон, докторантҳо, магистрантҳо ва донишҷӯён «Нақши илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва дақиқ дар рушди суботи ҷомеа», бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (Душанбе, 17-уми апрели 2023), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Забони русӣ дар фазои муосири дузабона (Душанбе, 14-уми июни 2023) ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ, забони тоҷикӣ, методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва

забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон аз 30.10.2023, суратҷаласаи №3 баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар 1 монография, 33 мақола, аз ҷумла, 25 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва 8 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 390 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ I

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИКА

1.1. Ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир

Вобаста ба рушди ҷомеа илми забоншиносӣ низ ба мисли илмҳои дигар рушд менамояд ва дар он шохаю ҷараёнҳо ва самтҳои нав пайдо мешаванд. Тағйиротҳое, ки дар ҷамъият ба вуқуъ мепайванданд, бевосита нақши худро ба забон мегузоранд. Зеро забон бо фарҳангу тамаддун ва таърихи халқ пайвастагии сахт дорад. «Забон, дар маҷмуъ, як қисми муҳим ва ба ибораи дигар як бахши нигорандаи таърихи халқи мо буда, оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст» [250, с. 13].

Танҳо забон қодир аст, ки дар ҳар як давру замон таҷассумгари фарҳанг, таърих ва ҳаёти иҷтимоии миллатҳо бошад. Бо рушди ҷомеа ва пешрафти он доираи омӯзиши илми забоншиносӣ низ васеъ мегардад. Масъалаҳои мубрамеро ба зуҳур меорад, ки аз забоншиносон таҳлилу таҳқиқи амиқу дақиқро талаб менамояд. Дар бораи забони инсон, ки чун воситаи беш аз ҳама муҳимми муносибати чамъиятӣ ва мушахассан воситаи табаддулоти одамон аст, то имрӯз осори фаровон навишта шудааст. Забоншиноси варзида З. Мухторов оид ба ин масъала чунин ибрози ақида намудааст: «Забон аз оғози офариниш буда, рушд мекунад ва ҳамарӯза масъалаҳои навро барои мухаққиқон пеш меоварад» [148, с. 65].

Чӣ тавре ки маълум аст, дар ибтидо омӯзиши забон ҷузъи мантиқ, илм дар бораи қоидаҳои тафаккур буд, ки ин падидаи нек аз фаъолияти мутафаккири бузурги Юнони Қадим Арасту сарчашма мегирад. Дар ин марҳила, қонунҳои мантиқ ва қонунҳои тафаккур муайян карда шудаанд. Азбаски масъалаҳои забоншиносӣ дар ибтидо дар доираи илми мантиқ ҳаллу фасл карда шудааст, ин илм аввалин дастгоҳи истилоҳии худро маҳз, дар

ҳамин давра, аз мантиқ мерос гирифтааст, чунончи субъект, предмет, предикат ва ғайра.

Зикр намудан ҷоиз аст, ки илми этнолингвистика (забоншиносии қавмӣ) низ бо баробари рушди илми забоншиносӣ ба зуҳур омадааст. Ҳангоме ки мутафаккирон робитаи зич доштани забонро бо фарҳанг ва анъанаву суннатҳои мардумӣ эҳсос намуданд, ин боис гардид, ки этнолингвистика ба ҳайси як илми мустақил арзи вуҷуд намояд.

Этнолингвистика (аз юн.etnos-халқ, қабила ва лингвистика) яке аз ҷараёнҳои забоншиносие мебошад, ки тавассути забон робитаи онро бо фарҳанг омилҳои забонӣ, этнографӣ, этнопсихологӣ таҳқиқ мекунад. Ба таъбири дигар, этнолингвистика ҳамчун як соҳаи гуногунҷанба тавассути методҳои забоншиносии фарҳангӣ, психология, мифология ва урфу одатҳои қавму қабилаҳои гуногунро меомӯзад.

Ақидаҳои марбут ба илми этнолингвистика ҳанӯз дар асарҳои мутафаккирони барҷаста И.Г. Гердер (асри XVIII) ва В. Гумболд (асри XIX) ба назар мерасид. Ҳар як қавм дорои таъриху тамаддун ва забони махсус мебошад, ки бо баробари инкишофи ҷамъият рушду такомул меёбад. Ба андешаи В. Гумболдт, «барои инсон ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ мекунад, асосан, ҳамон аст, ки ин ҷаҳонро забони ӯ тасвир мекунад» [82, с. 80].

Муодили истилоҳи этнолингвистика дар забоншиносӣ ибораи «забоншиносии қавмӣ» ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгӯйи худ мебошад. Дар баъзе мавридҳо барои ифодаи ин мафҳум истилоҳи «антропологияи фарҳангӣ» низ маъмул аст.

Бояд қайд намуд, ки асосгузорони аввалини ин илм мардумшиносони варзида Ф. Боас ва Э. Сепир ба шумор мераванд, ки бо омӯзиши забонҳои бехату беалифбои ҳиндувони Америка шуғл варзида, бо ин амали накуи хеш ба пайдоиши ин илм асос гузоштаанд. Ба ақидаи Э. Сепир «нутқ мероси таърихии ҷамоат, воситаи истифодабарии дурударози иҷтимоӣ мебошад. Нутқ, чун дигар фаъолиятҳои эҷодӣ, гуногунҷабҳа буда, мумкин аст, ҳанӯз он қадар дарк

нашудааст, вале ба ҳар ҳол, дар пояи пасттар нисбат ба дин, боварӣ, расму анъана ва санъати мардумони гуногун қарор дорад» [192, с. 6].

Суоле ба миён меояд, ки чаро донишмандон Ф. Боас ва Э. Сепир маҳз, барои омӯзиш забонҳои бехату беалифбои индувони Америкаро интихоб намуданд? Ин ба он вобаста аст, ки то он солҳо ба фарҳангу тамаддун ва забони ин аҳвом таъсири дигар фарҳангҳо ва забонҳо кам расида буданд. Ба андешаи забоншиноси варзида М. Норматов забони ҳиндуҳои Америка аз рӯйи сохтори морфологии худ ба куллӣ аз забонҳои дигар фарқ мекунад [161, с. 15].

Дар он давра, муҳаққиқони ин соҳа, маҳз, ба масъалаи то кадом андоза муҳим будани қобилияти забонии одам диққати махсус додаанд, ки то кадом андоза инъкоскунанда ва таҷассумгари фарҳанги мушаххас буда метавонад. Бо таҳқиқи кардаи худ исбот намудаанд, ки дарки олами воқеӣ барои намояндагони ҳамаи забонҳо ва фарҳангҳо умумӣ мебошад. Инчунин, дар он давра, ошкор гардид, ки мафҳуми асосии этнолингвистика бо «нисбияти лингвистӣ» сахт алоқаманд мебошад. Оид ба «нисбияти лингвистӣ» ва ё «тасвири ҷаҳон» олимони варзида Ф. Боас, Э. Сепир ва Б. Уорф андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Масалан, донишманди варзида Б. Уорф овардааст: «Мо табиатро ба самти пешниҳодкардаи забони модариамон тақсим мекунем» [210, с. 174].

Тасвири ҷаҳон гуфта, намуна ё қолаби умумиеро дар назар доранд, ки дар тафаккури тамоми инсоният як хел инъикос меёбад, вале танҳо бо вожаҳо ва ё забонҳои гуногун ифода мегардад.

Гарчанде этнолингвистика ба ҳайси як фанни нисбатан нав маъмул буда, бо соҳаҳои нави башардӯстонаи дониш робитаи зич дошта бошад ҳам, вале на ҳама вақт маълум аст, ки мавзуи баҳси он чист, яъне ин илм кадом унсурҳои воқеиятро меомӯзад.

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки худи истилоҳи «этнолингвистика» дорои як мафҳуми аниқу дақиқ нест, зеро ҳар як олим онро ба таври худ шарҳу возеҳ додааст.

Бояд зикр намуд, ки дар солҳои охир аксарияти чунин самтҳои забоншиносӣ ба миён омадаанд. Бархе аз олимон чунин ақида доранд, ки этнолингвистика - илмест дар чорроҳа. Пайдоиши «илмҳои дар чорроҳа» бештар хусусияти хоси ҳам гуманитарӣ ва ҳам табиатшиносиро доранд. Гарчанде этнолингвистика илми дар чорроҳа бошад ҳам, аммо бо табиатшиносӣ ягон иртибот надорад. Пас, метавон гуфт, ки этнолингвистика ба ҳайси чунин илмҳое дохил мешавад, ки дар чорроҳаи илми забоншиносӣ ва илми мардумшиносӣ қарор дошта, хусусиятҳои ҳар ду илмро дар бар мегирад.

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки на ҳамаи пажуҳиш ва омӯзишҳо, маводҳои таълимӣ, мақолаву маъруза ва китобҳое, ки ҷанбаҳои гуногуни илми этнолингвистикаро дар бар мегиранд, ба ҳамин масъалаҳо бахшида шудаанд, зеро баъзеи муаллифони ин корҳо, дар ҳақиқат, мафҳуми истилоҳи «этнолингвистика»-ро бо мафҳуми истилоҳи «этнология» як мешуморанд ва дар баъзе ҳолатҳо маъноҳои онҳоро омехта менамоянд, гарчанде мавзуи баҳси онҳо гуногун аст. Дар китоби «Нақши омили инсонӣ дар забон» истилоҳи «этнолингвистика» аз ҷониби муаллифон ҳамчун як самти забоншиносие муайян карда шудааст, ки барои баррасии робитаи забон ва фарҳанги маънавии мардум, зеҳнияти (менталитети) халқӣ равона шудааст [193, с. 242].

Дар ҳақиқат, этнолингвистика ба омӯзиши фарҳанги қавму қабилаҳои гуногун, зеҳнияти онҳо равона шуда, дар он хусусиятҳои миллии забонҳои алоҳида нишон дода шудаанд.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки бештар ба шарҳу возеҳи истилоҳи «этнолингвистика» олимони рус кӯшиш намуда, дар ин ҷода ба муваффақиятҳо ҳам ноил гардидаанд. Масалан, дар «Луғати энсиклопедии забоншиносӣ» истилоҳи «этнолингвистика» ҳамчун илми алоҳида чунин шарҳ дода шудааст: «Этнолингвистика самти забоншиносие, ки таъсирпазири забонӣ, омилҳоии пайдоиши фарҳанги маънавии миллӣ, равоншиносии қавмиро дар фаъолият ва таҳаввулоти забон меомӯзад» [273, с. 597].

Албатта, дар ин маврид, андешаи гирдоварандагони ин фарҳанги забоншиносӣ то андозае дуруст аст, зеро, дар ҳақиқат, рушди забони қавмҳо бо

ҳолати равонӣ, инчунин, пайдоиши фарҳанги маънавии онҳо равобити зич дошта, дар ташаккули ин илм метавонад то андозае асос гузорад.

Академики рус Н.И. Толстой низ дар баррасии ин масъала бетараф набуда, фикру ақидаи хешро хеле бамаврид баён намудааст: «Этнолингвистика ин қисми забоншиносӣ ё ин ки васеътар самте дар забоншиносӣ, ки муҳаққикро барои баррасии муносибат ва алоқаи забон бо фарҳанги маънавӣ ва тафаккури мардумӣ, забони эҷодиёти халқ ҳидоят мекунад» [203, с. 27].

Таҳлилҳо собит намудаанд, ки эҷодиёти даҳонии халқ низ, дар ҳақиқат, як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллии қавмҳо маҳсуб меёбад. Пайдоиши ҳар як анъана, урфу одат, расму оин ва ҷашну маросимҳои миллӣ бевосита дар эҷодиёти даҳонии халқ таҷассум мегарданд ва агар жарфтар назар афканем, ҳар як маросим дорои суруду рубоиётҳои алоҳидаи худ буда, дар мавридҳои лозимӣ суруда мешаванд, ки яке бо дигаре ягон шабоҳат надоранд. Дар эҷод намудани ин суруду рубоиётҳо кӯшишу ғайрати халқиятҳо назаррас аст.

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки ақидаҳои олимон оид ба истилоҳи этнолингвистика гуногун буда, дар мавридҳои лозимӣ, яке дигареро пурра мегардонанд. Гирдоварандагони «Луғати калони тафсирии забони русӣ» тафсири истилоҳи «этнолингвистика»-ро чунин додаанд: «Этнолингвистика бахши забоншиносие, ки ба омӯзиши хусусиятҳои равонӣ ва этникии қавм, қабила ва инъикоси онҳо дар низоми забон равона шудаст» [265, с. 1520].

Дар ин маврид, пеш аз ҳама, бояд ба хотир овард, ки дар ҳақиқат, хусусиятҳои этникии қавму қабилаҳо дар забонашон таҷассум гашта, тавассути забон қавму қабилаҳо дунёе, ки онҳоро иҳота намудааст, тасвир менамоянд ва барои онҳо то ҷойе дунёи дигар бегона аст.

Дар шарҳу тафсири истилоҳи «этнолингвистика» саҳми муҳаққиқ А.М. Кузнетсов низ назаррас аст. Тафсири истилоҳи «этнолингвистика» дар «Энсиклопедияи калони советӣ», ки аз ҷониби ӯ дода шудааст, чунин аст: «Этнолингвистика аз калимаи юнонии etno-қавм, қабила ва linguistics-забоншиносӣ ташаккул ёфта, як самте дар забоншиносӣ мебошад, ки он забон ва муносибати онро бо фарҳанг меомӯзад. Дар фаҳмиши васеъ этнолингвистика

ҳамчун як фанни мураккабе ҳисобида мешавад, ки бо ёрии усулҳои лингвистӣ таҳқиқ мешавад» [264, с. 902]. Робитаи зич доштани забонро бо фарҳанг бидуни ақидаҳои А.М. Кузнетсов фаҳмидан мумкин аст, зеро танҳо забону фарҳанг дороии халқ маҳсуб меёбанд. Агар халқ то чӣ андоза дорои фарҳанги бойу ғанӣ бошад, забонаш низ то ҳамон андоза ташаккул ёфта, бойу ғанӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар гуфтаҳои муҳаққиқон, бояд ҳаминро қайд намоем, ки барои ҳамчун илми тадрисшаванда муаррифӣ гардидани этнолингвистика донишмандон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода, то андозае тавонистаанд ва масъалаҳои мубрами ин илми тозабунёдро ҳаллу фасл намудаанд. Масалан, забоншиноси варзида А.С. Герд дар дастури таълимии «Муқаддимаи этнолингвистика»-ро пешкаши аҳли илм намуда, дар муқаддимаи ин китоб андешаи хешро чунин баён намудааст: «Мавзуи баҳси этнолингвистика забон ва муносибати он бо қавм, ҷойгоҳ ва нақши забон дар ҷомеа мебошад» [72, с. 5].

Албатта, дар ин маврид андешаи муаллиф хеле дуруст аст, зеро дар натиҷаи таҳқиқи этнолингвистӣ, дар ҳақиқат, пеш аз ҳама, муносибати забонро бо қавмҳо ва нақши забонро дар ҷомеа муайян кардан мумкин аст.

Натиҷагирӣ аз мазмуну муҳтавои истилоҳи «этнолингвистика»-ро баррасӣ намуда, донишмандон тавонистаанд масъалаҳои мубрами ин илми тозабунёдро ба баъд ҳам идома диҳанд. Профессор Е.В. Переховалская соли 2016 собит намуд, ки этнолингвистика - фанни нисбатан нав буда, мавзуи баҳси он на ҳама вақт маълум аст. Ба мисли баъзе соҳаҳои гуманитарии нав, донишҳо ва ғайра. Этнолингвистика кадом мавзуҳои воқеиятро дар бар гирифтанаш, то айни замон мавриди баҳси донишмандон қарор дорад. Дар ин бобат профессор Е.В. Переховалская андешаи хешро чунин иншо намудааст: «Пеш аз ҳама гуфта метавонем, ки этнолингвистика ин илмест, ки дар натиҷаи бархурди илмҳои забоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба вуқуъ пайвастааст. Таҳқиқи монанд дар аксарияти вақтҳо собит менамоянд, ки зери номҳои «лингвистикаи

антропологӣ», «забон ва фарҳанг» ва «забон дар фарҳанг» ин мафҳум ниҳон аст» [169, с. 5].

Аз гуфтаҳои муҳаққиқ бармеояд, ки этнолингвистика бо мафҳуми калимаи «фарҳанг» робитаи зич дорад. Дар монографияи «Нақши омили инсонӣ дар забон», ки соли 1988 пешкаши омӯзандагони ин илм гардидааст, хусусиятҳои гуногуни ин истилоҳ ба амал оварда шудааст. Яъне, дар ин ҷо ин илмро бештар «забоншиносии антропологӣ» номидаанд. Ҳоло он ки ин ду мафҳум аз ҳамдигар дур буда, ба куллӣ фарқ менамоянд. Чӣ тавре маълум гардид, истилоҳи «забоншиносии антропологӣ» мафҳуми «омӯзиши муносибати шахс бо забонаш»-ро ифода мекунад, ки бо забоншиносии қавмӣ ягон иртибот надорад.

Муаллифони забоншинос доираи васеъ доштани забоншиносии антропологиро қайд намуда, чунин мепиндоранд, ки ин илм омӯзиши соҳаҳои гуногунро ба мисли шаклҳои муаррифии олами шинохтаи шахс, забоншиносии иҷтимоӣ, забоншиносии равонӣ, забоншиносии фарҳангӣ, палеонтологияи лингвистиро дар бар мегирад. Барои ҳали ин мушкилот, яъне дарки мафҳуми «забоншиносии антропологӣ» бояд аввал маънои асосии истилоҳи «этнолингвистика»-ро дуруст дарк кард ва онро илми мустақил номид.

Танҳо ҳангоми дарки истилоҳи «этнолингвистика» - маънои асосии истилоҳи «забоншиносии антропологӣ»-ро муайян карда метавонем. Пас аз таҳлилҳои донишмандон, маълум гардид, ки дар аксарияти ҳолатҳо дар Аврупо зери мафҳуми «забоншиносии антропологӣ» мафҳуми «этнолингвистика»-ро фаҳмида, танҳо дар доираи ин илм ва масъалаҳои мубрами он ақидаронӣ менамудаанд, аммо бо гузашти вақт, онҳо фарқи мафҳуми «забоншиносии қавмӣ»-ро аз «забоншиносии антропологӣ» ба куллӣ дарк намуда, солҳои охир таҳқиқи хешро дар доираи этнолингвистика ба роҳ монда истодаанд. Илова бар ин, гуфта метавонем, ки дар Россия истилоҳи «этнолингвистика» аз ҷониби тарафдорони ин илм дар ҳамин шакл пазируфта шуда, қабули ин истилоҳ дар ҳамин шакл барои ифодаи ин мафҳум то андозае бамаврид буда метавонад.

Чӣ тавре ки зикр намудем, дар аксарияти ҳолатҳо як шуморидани мафҳуми «этнолингвистика»-ро бо «этнология» низ аз ҷониби мутахассисон мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳоло он ки «этнология» фарогири мафҳуми, тамоман, дигар аст, яъне илмест, ки фарҳанги халқҳои алоҳида ва тамоми инсониятро омӯхта, бо «этнолингвистика» ягон иртибот надорад.

Инчунин, бархе аз донишмандон муродифи истилоҳи «этнология» истилоҳи «этнография»-ро медонанд, ки ин ақида низ асоси илмӣ надорад, зеро то айни замон ба таври куллӣ пазируфта шудааст, ки этнография (мардумшиносӣ) як илми тавсифӣ аст. Он, пеш аз ҳама, ба тавсифи фарҳанги моддӣ ва маънавии як халқи алоҳида дахл дорад. Истилоҳи «этнология» бошад, ифодагари мафҳуми «илме, ки ба тафсири маълумоти бадастомада оид ба қавму қабилаи алоҳида равона шудааст», буда метавонад.

Ногуфта намонад, ки ҳатто, 20 сол қабл, тамоми соҳаи дониш оид ба мардумшиносӣ дар кишвари мо бо истилоҳи «этнография» зикр мегардид. Дар нутқи мардуми мо истифодаи калимаҳои «этнографҳо» ва «экспедитсияҳои этнографӣ» ба назар мерасиданд.

Пас аз шарҳи мафҳуми истилоҳоти номбаршуда бояд ба хулосае омад, ки этнолингвистика як соҳаи донишест, ки дар чорроҳаи забоншиносӣ ва этнология қарор дошта, ба омӯзиши забон дар робита бо қавмҳо машғул аст.

Бояд зикр намоем, ки омӯзиши этнолингвистика ба ҳайси фанни таълимӣ ҳанӯз дар ҳама мактабҳои забоншиносии кишварҳои пешрафта таълим дода мешавад. Гарчанде, ки дар мактабҳои забоншиносӣ омӯзиши ин илм ба пуррагӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, аммо масъалаҳои мубраме низ дорад, ки то ҳол роҳи ҳали худро наёфтаанд.

Аз ин тафсилоти мухтасар бармеояд, ки этнолингвистика шохаи алоҳидаи илми забоншиносиест, ки муносибати забонро бо фарҳанг меомӯзад.

Чӣ тавре ки маълум аст, оид ба этнолингвистика муҳаққиқон фикру ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд. Албатта, аён гашт, ки этнолингвистика ин як самти забоншиносӣ ба шумор меравад ва ба омӯзиши забони қавму қабилаҳо равона гардидааст. Пас, барои муайян намудани мафҳуми худи истилоҳи

«забоншиносӣ» бояд каме кӯшиш ба харҷ диҳем. Дар атрофи ин масъала низ миёни мутафаккирону донишмандон баҳсҳои беканор ба миён омада, донишмандон диду нигоҳи худро доир ба ин масъала ба таври гуногун баён намудаанд. Масалан, донишманди шинохта Эмил Бенвенист дар китоби «Забоншиносии умумӣ» андешаи хешро ба чунин иброз намудааст: «Аввалан, забоншиносӣ ду объект дорад: ин илми забон ва илми забонҳост. Ин тафовутест, ки на ҳамеша ба назар мерасад: забон ҳамчун қобилияти инсонӣ, ҳамчун як хусусияти умумиҷаҳонӣ ва тағйирнопазири шахс, ба забонҳои алоҳидаи доимо тағйирёбанда, ки дар он амалӣ карда мешавад, монанд нест» [240, с. 21].

Забон, дар маҷмуъ, як навъ низоми аломатҳо маҳсуб меёбад ва забони мушаххас низоми мушаххаси аломатҳо ба ҳисоб меравад, ки онро баъзе фардҳо дастаҷаъмона дар вақти муайян ва фазои муайян истифода мебаранд. Аз ин бармеояд, ки забони инсон як ҷузъи мушаххас ба шумор рафта, барои ҳайвонҳо бегона мебошад. Инсон қодир нест, ки бо парандагон ва ҳайвонот, дар маҷмуъ, бо забони инсонӣ муоширатро ба роҳ монад, зеро онҳо ба фаҳмиши забони инсонӣ қодир нестанд. Аз рӯйи рафтори ҳайвонҳо олимон мушоҳида намудаанд, ки дар онҳо забон (аломатҳо)-и ғайримақсаднок бештар паҳн гардидааст.

Дар баробари ин, мо як синфи мавҷудоти зиндаро бо хусусиятҳои муайяни фарққунандаашон мешиносем ва онҳоро тавассути забон «паранда» ва «ҳайвонот» меномем. Аз ин бармеояд, ки мо на танҳо қудрати тавассути забон номбар карданро дорем, инчунин, тавассути забон ба онҳо ном низ ниҳодаем.

Забоншинос низ чунин аст ва ҳангоми омӯзишу пажуҳиши забонҳо қудрат дорад, ки мавзуи интихобкардаашро танҳо дар доираи як забони муайян мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор диҳад. Масалан, дар доираи забонҳои англисӣ, испанӣ, русӣ ва ғайра, аммо ӯ қодир нест, ки хосиятҳо, пайдоиш, намунаҳои гуногуни тағйирот дар низоми ниҳоят мураккаби аломатҳо, ки бо ёрии онҳо иттилоотро рамзгузорӣ, интиқол ва нигоҳдорӣ, мекунанд, дар ҳама забонҳо дида барояд.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, як забоншинос метавонад як забони мушаххасро мавриди омӯзиш қарор диҳад ва дар ин ҳолат натиҷаҳои хубро ба даст меорад. На танҳо омӯхтани қоидаҳои грамматикӣ, луғат, хусусиятҳои лаҳҷавӣ, таърихи ин забон, робитаҳои он бо забонҳои дигар дар доираи омӯзиши як забони муайян хубтар муяссар мешавад. Инчунин, ба роҳ мондани омӯзиши этнолингвистӣ дар доираи як забон ва гӯйишҳои муайян ба забоншиносон натиҷаҳои хубтар медиҳад, чунки ҳангоми гуногунии қавмҳо дунёи онҳо, ҷаҳоне, ки онҳоро иҳота намудааст, тасвири забонии ҷаҳони онҳо низ гуногун буда метавонад.

Аз ин сабаб, бештари пажуҳишҳои этнолингвистӣ миёни намояндагони забонҳои бехату беалифбо, яъне забонҳое, ки ба онҳо таъсири забонҳои дигар камтар расидааст, гузаронида мешаванд. Муҳаққиқон дар ин ҷода дар бештари ҳолатҳо ба комёбиҳои назаррас ноил гардида тавонистаанд.

Ҳамзамон, бояд ҳаминро зикр намоем, ки хосиятҳои забонро мо метавонем танҳо тавассути омӯзиши забонҳои мушаххаси зинда муқаррар намоем, зеро танҳо дар забонҳои зинда хусусиятҳои этникӣ баръало мушоҳида мешаванд.

Дар воқеъ, забоншиносӣ кайҳост, ки ба сифати як илми мустақил табдил ёфта, теъдоди зиёди истилоҳоти ба худ хосро дар бар мегирад. Қонуниятҳое, ки ба ҳама забонҳо хосанд, дигар бо умумияти қонунҳои мантиқ шарҳ дода намешаванд. Чунин хусусиятҳои забонҳои мушаххас ба умумиятҳо ҳамроҳ карда мешаванд, яъне хосиятҳои ҳамаи забонҳоро дар маҷмуъ, ки ҳарчанд ҳатмӣ нестанд, хусусияти забони инсонӣ ҳисобидан мумкин аст.

Пас аз муайян намудани объекти илми забоншиносӣ, бояд барои омехта накардани мафҳумҳои истилоҳи «этнология» бо «этнолингвистика», худи мафҳуми «этнология»-ро ҳаматарафа дарк намоем, гарчанде истилоҳи «этнолингвистика»-ро муҳаққиқон тафсир намудаанд.

Дар тахминҳои аввал пешниҳодшуда шарҳи истилоҳи «этнология» ҳамчун истилоҳи илмӣ ифодагари мафҳуми «илме, ки ба омӯзиши халқҳо ва фарҳанги онҳо, фарҳанги моддиву маданӣ равона шудааст» ба вуҷуд омадааст.

Ин тафсир то андозае дуруст аст, зеро этнология қонунҳои пайдоиш ва рушди фарҳанги тамоми инсониятро меомӯзад. Ин илм, инчунин, ба омӯзиши хусусиятҳои умумӣ (универсалӣ), ки ба ҳама фарҳангҳо хосанд ва ба хусусиятҳои фарҳанги як халқи мушаххас ё хусусиятҳои фарҳанги мушаххаси этникӣ равона карда шудааст. Пас маълум гардид, ки этнология бо забон ягон робитае надорад.

Этнолингвистика ба омӯзиши робитаи забону фарҳанги этникӣ равона карда шудааст. Аз сабаби он ки дар кишвари мо ба ғайр аз намояндагони забони тоҷикӣ дигар намояндагони гурӯҳҳои этникӣ зисту зиндагонӣ менамоянд, барои муҳаққиқони мо имкониятҳои омӯзишу пажуҳишии илми этнолингвистика фарохтар аст.

Маълум аст, ки ҳар як забони мушаххас таҷассумгари фарҳанги тамаддуни алоҳида ба шумор рафта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Фарҳанги мушаххаси этникӣ дар навбати худ як гунаи фарҳанги инсонӣ маҳсуб ёфта, омӯзишу пажуҳиши дақиқро тақозо менамояд. Дар баробари ин, забон, бо вуҷуди мураккабиаш, албатта, чун илм ба назар гирем, агар нисбат ба фарҳанги инсонӣ хеле сода менамояд.

Нақши этнолингвистика дар забоншиносии муосир, инчунин, дар забоншиносии тоҷик баръало намоён аст. Муҳаққиқони тоҷик ҷанбаҳои гуногуни ин илмро мавриди пажуҳиш қарор дода, дар рушду такомули ин илм саҳми босазоеро гузошта истодаанд.

Хулоса, омилҳои асосии рушду такомул ва инкишофёбии этнолингвистика дар кишвари мо ин зиёд будани халқиятҳо ва гурӯҳҳои этникӣ, фарҳангу маданият, урфу одат ва суннату анъанаи онҳо ба ҳисоб меравад.

1.2. Робитаи забон ва фарҳанг

Мусаллам аст, ки этнолингвистика ба робитаи забону фарҳанг диққати ҷиддӣ медиҳад, зеро ҳар як маросим, суннату анъана, расму оин бо вожаҳои забонҳои мушаххас номгузорӣ шуда, тавассути забон аз насл ба насл интиқол дода мешаванд. Ба андешаи муҳаққиқи рус Е.В. Перехвалская, ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи робитаи забону фарҳанг, ба масъалаҳои гуногун бояд таваҷҷуҳ дода шавад. Дар робита бо ин масъала, Е.В. Перехвалская, андешаи хешро чунин баён намудааст: «...Забон ҷузъи асосӣ ва муҳимтарини фарҳанг аст. Маҳз, забон ба фардҳои алоҳида имкон медиҳад, ки гурӯҳҳо - этникӣ, синну солӣ, иҷтимоӣ ташкил кунанд, ҳамин аст, ки забон дар таърифи фарҳанги мо тавассути номбар кардани ҷисмҳои таркибии он зикр мегардад» [169, с. 21].

Чӣ тавре дар боло қайд намудем, этнолингвистика илмест, ки дар он робитаи забон бо фарҳанг, яъне масъалаҳои муносибати байни забон ва фарҳан, инчунин, забонҳо ва фарҳангҳои этникӣ мавриди пажуҳиш қарор мегиранд. Дар ин маврид, истилоҳи «фарҳанг» каме шарҳу тафсирро металабад.

Дар ҳақиқат, вожаи фарҳанг маънои «фаъолияти хоси инсон»-ро, яъне маънои муосире, ки дар назар дорем, танҳо дар забонҳои аврупоӣ дар охири асри XVIII ба худ касб намудааст. Аз ин бармеояд, ки ин маънои нави он, яъне «нишон додани тамоми маҷмуи фаъолияти инсон бар хилофи табиати ғайриинсонӣ» дар дигар кишварҳо низ пазируфта шуда буд. Дар муаррифии минбаъдаи маънои калимаи «фарҳанг» гуфтан мумкин аст, ки маънои нави он дар заминаи мафҳумҳои мушаххас ташаккул меёбад.

Воқеан, гарчанде дар бораи таърифи истилоҳи фарҳанг маҷмуи васеи адабиёт вуҷуд дошта бошад ҳам, вале дар онҳо ҳар як муаллиф калимаи «фарҳанг»-ро ба таври гуногун шарҳу возеҳ намудааст. Маслан, дар «Фарҳанги калони академӣ» тафсири вожаи фарҳанг чунин оварда шудааст: «Маҷмуи дастовардҳои ҷомеаи инсонӣ дар соҳаҳои саноатӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ» [262, с. 764]. Чунин таърифи калимаи фарҳанг ба ҳақиқат наздик аст.

Чӣ тавре ки маълум гашт, фарҳангро гурӯҳбандӣ низ менамоянд. Масалан, фарҳангҳои хоси гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ба мисли фарҳанги хоси ҷавонон, фарҳанги донишҷӯён, фарҳанги хоси давлат, фарҳанги занон, фарҳанги хоси мардон, фарҳанги хоси шаҳр, фарҳанги хоси деҳот ва ғайра.

Зикр намудан ҷойиз аст, ки мафҳуми калимаи фарҳанг, аслан, дар гузашта ба шуғли кишоварзӣ ишора мекард. Шояд пайдоиши маросимҳои мавсимии кишоварзӣ ба ин падида асос гузошта бошанд. Ин истилоҳ дар гузашта маънои «киштзор, шудгор кардани заминҳои партов»-ро дошта, бо табиати ваҳшӣ муқобил буд. Дар айни замон низ гузаронидани маросимҳо марбут ба киштукор ба назар мерасанд, ки инъикосгари як ҷузъи асосии фарҳанги мардумӣ буда метавонанд. Махсусан, маросимҳои гуногун бештар ҳангоми ҷамъоварии зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешаванд, ки ба ин маросимҳои гандумдарав, гандумбодкунӣ, шолиниҳол, шолихишова, хирманкӯбон мисол шуда метавонанд. Ин маросимҳо хусусиятҳои қавмии худро доро буда, дар ҳар як манотиқи кишварамон ба таври хосса гузаронида мешаванд.

Яке аз аввалин таърифҳои истилоҳи «фарҳанг»-ро Эдвард Тейлор, асосгузори илми этнология пешниҳод кардааст. Дар аввал ин муҳаққиқ истилоҳи «фарҳанг»-ро ҳамчун «илми фарҳанг» номида, дар асари худ «Фарҳанги ибтидоӣ» таърифи онро ба таври зерин овардааст: «Фарҳанг ё тамаддун ба маънои васеи этнографӣ дар тамоми дониш, эътиқод, санъат, ахлоқ, қонунҳо, урфу одатҳо ва баъзе дигар қобилиятҳо ва одатҳое, ки инсон ҳамчун як чизи азхудкарда қабул намудааст, инъикос меёбад» [239, с. 18].

Гарчанде халқҳо дорои фарҳангу тамаддун ва арзишҳои миллиии хеш бошанд ҳам, аммо дар айни замон, ҳифзи он ба ҳар як аҳвом муяссар намегардад. Талаботи ҷомеаи башарӣ бо таҳаввулоти пайгиронаи илму техника ва технологияи замонавӣ то ҷойе расидааст, ки баъзе ҷомеашиносон аз фарорасии давраи комилан нав, яъне ҷаҳонишавии тамаддуни иттилоотӣ, глобализатсия чун меҳвари пешбарандаи ҷомеаи умумиинсонӣ изҳори андеша мекунанд [249, с. 2-3].

Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоям, ки дар тули 200 соли охир, аз замони пайдо шудани вожаи «маданият» ва маънои он, мафҳуми истилоҳи «фарҳанг» ба тарзҳои гуногун шарҳу тафсир ёфт. Одамшиноси барҷастаи амрикоӣ ва назариётшиноси фарҳангӣ Алфред Крёбер дар китоби худ «Избранное: Природа культуры» беш аз 160 маротиба калимаи «фарҳанг»-ро шарҳу тафсир намудааст, ки лозим донистем якчанд намунаи онҳоро, ки маҳз, ба этнолингвистика робита дорад ба таври намуна орем:

1) фарҳанг «таҷриди рафтори инсон аст, аммо худи рафтор нест»;

2) фарҳанг аз ҳамаи омилҳо дараҷаи пойин маҳсуб меёбад: чуғрофӣ, ирсӣ, руҳӣ;

3) ҳар як маълумоти таърихӣ фарҳанге ҳисобида мешавад, ки дар макони муайян вуҷуд дорад [45, с. 530-536].

Эҳтимол, якҷоя кардани ин таърифҳо аз ҷониби ин донишманд зарур аст, зеро ҳар кадоми онҳо ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми фарҳанг ишора мекунанд.

Аз ин бармеояд, ки фарҳанг ҳамчун ифодагари мафҳуми «майдони кишт» ба «табиат» мухолиф аст. Дар умум гирем, аз нигоҳи этнолингвистӣ ҳар чизе, ки инсон эҷод мекунад, инчунин, ҳар қобилияте, ки инсон бо мурури замон ба ӯ соҳиб гардидааст ва ин қобилият модарзод нест, ин фарҳанг буда метавонад. Тамоми падидаҳои сунъии ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ фарҳангӣ мешаванд. Ашёи табиӣ, аз қабили дарахтон, сангҳо, чашмаҳо метавонанд унсурҳои фарҳангӣ шаванд, агар онҳо ба арзиши махсуси табиӣ нисбат дода шаванд. Фарҳанг, инчунин, афкори одамон, амалҳо ва натиҷаҳои ин амалҳо мебошад. Эътиқод, дониш ва арзишҳо ҷузъи фарҳанг ба ҳисоб мераванд. Фарҳангро тамоми аъзоёни ҷомеа дар худ нигоҳ дошта, ба наслҳои минбаъда интиқол медиҳанд. Албатта, фарҳангро танҳо дар доираи як қишри муайяни ҷомеа омӯхта наметавонем, зеро фарҳанг ба ҳамаи намояндагони ҷомеа тааллуқ дорад.

Ҳангоми омӯзиши истилоҳи фарҳанг аз нигоҳи илми забоншиносӣ бевосита ба истилоҳоти «маданияти баланд» ва «маданияти паст» низ дучор гаштан мумкин аст, ки маънову муҳтавои ин ибораҳо ба тарбия, ахлоқ, тарзи муаррифӣ ва забони қавму қабилаҳо равона гардидааст. Масалан, ҷумлаи

«Тоҷикон аз гузашта дорои маданияти баланд буданд» ба ин андеша тавқият мебахшад. Ва дар ин маврид вазифадор ҳастем, ки бевосита ба тафсири худи калимаи «маданият» низ диққат диҳем.

Бояд зикр намоем, ки ба ғайр аз маънои аслии худ, инчунин, ин калимаҳо дар доираи этнолингвистика дигар маъноҳоро низ касб намудааанду бевосита бо зисту зиндагонии мардум иртибот доранд.

А. Маънои этнолингвистии фарҳанг

Тавассути таҳлилҳои боло маълум гашт, ки истилоҳи «фарҳанг» ҳамчун истилоҳи этнолингвистӣ аз маънои асосие, ки дар худ нигоҳ медорад, фарқ мекунад. Шояд пайдоиши ибораҳои «маданияти паст» ва «маданияти баланд» дар ин маврид бо пайдоиши ибораҳои «фарҳанги баланд» ва «фарҳанги паст» як буда, аз фаъолияти қавмҳои муайяне, ки дар ташаккулёбии ин ибораҳо саҳми босазое гузоштаанд, иртибот дошта бошанд. Ҳатто маънои аввалаи истилоҳи «фарҳанг» ба маънои этнологии он ба назар наздик аст, яъне «маҷмуи дастовардҳои ҷомеаи инсонӣ дар ҳаёти саноатӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ» нишонаи «дастовардҳо» ва ғайра.

Баъзе қолабҳои рафторро «дастовардҳои фарҳанг» шуморидан мумкин аст, масалан, чунонки дар баъзе филмҳо, аз ҷумла филме, ки аз рӯйи достони «Сиёвуш» ба саҳна гузоштаанд, «манзараи фароғати бойҳоро»-ро хеле моҳирона нишон додаанд. Дар ин ҳолат, он манзараҳоро бешубҳа, як қисми фарҳанг шуморидан мумкин аст, зеро дар он ҳам санъати рақс, санъати волои пӯшидани либосҳо, санъати худро муаррифӣ намудан дар ҷамъият нишон дода мешавад. Аммо ба ақидаи бархе аз донишмандон хурофотҳои мухталифро «дастовардҳои фарҳангӣ» ҳисобидан душвор аст. Масалан, эътиқод ба боварҳоро бархе аз донишмандон ҷузъи фарҳанг намешуморанд. Дар ин маврид, бешубҳа ба баъзе боварҳое, ки сирф хусусияти миллӣ доранд, рӯ овардан бамаврид аст. Ба ин мисол шуда метавонад боваре, ки миёни тоҷикон маъруфият дорад «агар дар хоб аспро бинӣ дар хонадонат, ҳатман мурда мешавад» ё миёни ақвоми рус «дидани гурбаи сиёҳ бадбахтӣ меорад», ки сирф

хусусияти миллиро зоҳир менамоянд. Беҳуда фарҳангро ҳастии миллат наменоманд [244, с.16].

Гарчанде бархе аз забоншиносони қавмӣ боварҳоро низ ҷузъи фарҳанги инсонӣ ҳисобанд ҳам, вале бисёре аз онҳоро метавон таърихан шарҳ дод. Пас ба аз ин мебарояд, ки аксарияти боварҳо бо таърихи халқу миллат иртиботи зич доранд. Масалан, дар маросими туйи арусӣ анъанаи гирдиаловгардонӣ таърихи пайдоиши худро доро мебошад.

Дар асл, агар гирем, оташро бо он мақсад меафрӯзанд, ки ҳаёташон ба мисли оташ равшан шавад. Ё ин ки дар ҷашни Наврӯз гузаронидани маросими аловпарак /чоршанбесурӣ, ки дар он оташ гиронда, аз болои он парида, «зардии рӯямро бигир, сурхии рйятро бидеҳ мегӯянд» ва гӯё тавассути ин амал хастагӣ ва беморихое, ки зимистони қаҳратун ба онҳо пеш овард, дар оташ мерехта бошад.

Дар маросими алову алас латтаҳои гуногунро оташ зада, гирди сари бемор мегардонанд ва тавассути равшании ин латтапораҳо бемориро аз бадани бемор мебароранд. Дар маросими нӯкчамонӣ дар чӯбчаҳои ҳушк пахтаи сафед тоб дода, оташ зада, тавассути он зиёну заҳматро аз бадани зиёнзада мебароранд. Решаи ҳамаи ин хурофотҳо ба урфу одатҳои зардуштӣ рафта, мерасад ки, ҳатто бархе аз донишмандон дар таълифотҳои худ ин падидаро дарҷ намудаанд: «Тақиқотҳои бостонӣ-археологӣ нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои оташпараст ва офтобпараст шудани ориёиҳо сардии замини ватани онҳо буд. Офтоб ва оташро начҳотбахши худ меҳисобиданд. Аз ин ҷост, ки норасоии офтобу оташро ба дараҷаи худоӣ бардошта, гармиро барҳақ, асоси зиндагонии ҳамаи олами ҳастӣ донистаанд. Ин дарки моддии олами воқеиро дигар халқҳо дар замони нав фаҳмидааанду ориёҳо бошанд, зарурати Офтобро барои олами наботот ва ҳайвонот ҳазор сол пеш фаҳмида буданд. Аз ин ҷост, ки асоси дини зардуштиро чор омили табиат: хок, об, оташ ва ҳаво ташкил мекунад» [257, с. 8].

Тавассути ин боварҳо мо тасвири ҷаҳонии забони хешро ба дигар намояндагони забонҳо нишон медиҳем. Бояд ҳаминро қайд намоем, ки яке аз

масъалаи муҳимми этнолингвистика ин нишон додани тасвири забонии ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки дар тафаккури тамоми қавму қабилаҳо як хел инъикос меёбад. Вале барои ифодаи олами воқеӣ вожаю истилоҳоти гуногун ё забонҳои гуногун мавриди истифода қарор мегиранд. Тасвири забонии ҷаҳон ҷамъи дониши шахс, этнос ва ҷомеаро оид ба ҳақиқати объективӣ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, муҳақиқони илми этнолингвистика барои «тасвири ҷаҳон» қолаби фарзиявӣ ё тахминро, ки аз фаҳмишу дониш таркиб меёбад, мураттаб намудаанд. Қолаби фарзиии «тасвири ҷаҳон» дараҷаи тафаккури халқҳоро оид ба ҷаҳони беруна, ҷаҳоне, ки мардумро иҳота намудааст, ба ҳисоб меравад. Донишу фаҳмишҳоро оид ба олами беруна халқҳо бо гузашти замон мегиранд ва ба дигарон ба мерос мегузоранд.

Воқеан, боварҳое, ки танҳо хоси халқиятҳои муайянанд дар натиҷаи зисту зиндагонии бисёрсола таъсирашонро ба дигар қавмҳо низ мегузоранд. Ин падидаро дар боварҳои мардуми рус, ки тоҷикон онҳоро қабул намуда, ҳамчун худӣ эътиқод менамоянд ба мушоҳида гирифта метавонем. Масалан, боваре, ки гӯё «*издивоҷ дар моҳи май бадбахтӣ меорад»* аз рӯйи мушоҳидаҳои мо ба зисту зиндагони ва урфу одати тоҷикон ягон иртиботе надорад. Гарчанде олими шинохта Э. Тайлор сарчашмаи пайдоиши ин боварро нишон дода, қайд намудааст, ки ғояи маъмули аврупоӣ, ки «*издивоҷ дар моҳи май бадбахт хоҳад буд*», решаашро аз замонҳои қадим мегирад ва ёдгорист, яъне пораи фарҳанги гузашта, ки дар тафаккури одамони муосир ҳифз шудааст. Ин бовар сарчашмаашро аз ҳодисае, ки аз моҳи май то апрел идома ёфта буд, яъне куштори арманиҳо аз ҷониби туркҳо гирифтааст.

Аз рӯйи ақидаҳои мардуми рус бошад, дар моҳи май ҳамаи гулҳои дарахтон хушк мешавад, аз ин лиҳоз риштаи ақди никоҳро дар ин моҳ бастан нашояд. Тааҷҷубовараш он аст, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар ин замина мақолҳои «*издивоҷ дар моҳи май кунӣ, гӯё бо саломатиат хайрухуш мекарда бошӣ»*, «*никоҳи дар моҳи май баста, умри дароз намебинад», «май моҳи аз ҳама вазнинест, барои бастани риштаи ақди никоҳ»* пайдо шудаанд. Ногуфта намонад, ки гарчанде ба ин бовар мардуми куҳансоли тоҷик диққати ҷиддӣ

надиҳанд ҳам, аммо ҷавонон, махсусан духтарон, ба ин бовар пеш аз издивоҷ аҳаммият дода, кӯшиш менамоянд, ки дар моҳи май хонадор нашаванд. Дар нутқи ҷавондухтарони тоҷик, махсусан водии Ҳисор бештар таркиби луғавии «*Мурам, ки дар моҳи май шӯ намекунам*»-ро мешунавем.

Дар ҳаёти ҳаррӯза фарҳанги сухан гуфтан ба назар мерасад. Дар ин маврид, мо фарҳанги тозашударо дар назар дорем, яъне мансубияти баъзе шаклҳои фарҳанги моддӣ ё маънавӣ. Намояндагони ҳар як қишри ҷомеа фарҳанги худро дороянд. Масалан, деҳқонон, коргарон, савдогарони хурд ва ҳатто қишрҳои камтар бонуфуз - гадоён, одамони аз синф баровардашуда, ҳар яке фарҳанги либоспӯшии махсус ва нутқронии махсусро соҳибанд. Албатта, дар мадди аввал, иртиботи ин падидаро бо забон муайян намудан каме душвортар аст, аммо бояд дарк намоем, ки танҳо дар асоси нутқи намояндагони гуногуни қишри ҷомеа забон ташаккул меёбад. Гузашта аз ин, намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии гуногуни ҳар як миллат ва ҳар як синф метавонанд нақши худро дар ташаккули фарҳанги миллӣ гузоранд. Мардуми тоҷик ба фарҳанг аз гузашта диққати ҷиддӣ медоданд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми давраи Сомониёнг таваҷҷуҳ ба ривоҷи илму фарҳанг буд [246, с. 242].

Агар истилоҳи фарҳангро ба маънои этнологии он баррасӣ кунем, робитаи зич доштани калимаи фарҳанг бо маънои аслиаш ба назар мерасад. Дар ин маврид, ҷанбаҳои дигари фарҳанги инсониро ба хотир овардан мумкин аст, аз қабили дониш, эътиқод, санъат, ахлоқ, қонунҳо, урфу одатҳо, суннату анъанаҳо ғайра. Ҳар як халқ дониш, эътиқод, қонунҳои худро доро мебошад, ки боиси пайдоиши фарҳангҳои махсус гаштааст. Аз ин мебарояд, ки маҳз, гуногунии маросимҳо, суннату анъанаҳо, урфу одатҳое, ки бо этнолингвистика робитаи зич доранд, ба гуногунии фарҳангҳо асос гузошта метавонад. Масалан, суннату анъанаҳои мардуми мо аз дигар халқҳо фарқ доранд. Миллати мо анъанаҳои зиёди таърихӣ доранд ки ташкили мушоираву байтбарак, гузаронидани мусобиқаҳои гуногун, сайру гаштҳои оммавӣ ва ғайра аз ҳамин ҷумла мебошанд [245, с. 98].

Ҷолиб он аст, ки ҷудо намудани фарҳанг ба ҷузъҳои «баланд» ва «паст» метавонад ба паҳлуи дигар табдил ёбад. Бархе аз мутафаккирон фарҳанги «баланд»-ро ба табиати модарзодии инсон алоқаманд менамоянд ва фарҳанги «паст»-ро ба табиате, ки дар давоми зисту зиндагонӣ инсон мегирад. Масалан, истеъдоди хондани сурудҳои халқиро ҳамчун истеъдоди «табиӣ» қабул кардан мумкин аст, аммо хондани сурудҳои замонавӣ, махсусан «рок» ё баъзе намудҳои санъати мусиқии дигар метавонанд барои инсон «бегона» эълон карда шаванд.

Ба андешаи мо бошад, ҳатто мусиқӣ низ метавонад хислату характери одамонро нишон диҳад. Барои мардуми мо мусиқии «лазгӣ» то андозае бегона аст, зеро ин навъи мусиқӣ, асосан хоси мардумони узбекзабон мебошад ва барои дигар мардумон бегона будани мусиқии «шашмақом»-ро низ дарк намудем, гарчанде ки ин мусиқӣ дар руйхати Юнеско шомил шуда, дар нутқи дигар намояндагони забонҳо низ дар истифода қарор дорад. Муҳаққиқ Г.Х. Шукуров оид ба ин масъала чунин ибрози андеша намудааст: «Робитаи фарҳанг бо забон на танҳо дар доираи як фарҳанг, балки дар робитаҳои байнифарҳангӣ низ мавқеи вижа дорад. Дар замони мо натиҷаҳои ҳамгироӣ ва таъсири мутақобилаи фарҳанг ва забонҳои гуногун дар Осиёи Марказӣ вожаҳои қадими аслии тоҷикӣ дар забонҳои узбекӣ қирғизӣ ва қазоқию туркманӣ мустаъмал гардида истодаанд. Масалан, вожаҳои ош, Наврӯз, чавгон, бузкашӣ барои ҳамаи забонҳои Осиёи миёна умумиистеъмол гардида истодаанд [237, с. 155].

Аз ин рӯ, бо назардошти фарҳангҳои гуногуни қавмӣ, мо на дар бораи фарҳангҳои «баланд» ва «паст», балки дар бораи баррасии сатҳи баланд ва пасти фарҳанг, пеш аз ҳама, рушди ин ё он ҷамъияти одамон суҳбат хоҳем кард. Рушди ҷамъиятӣ ҷузъи объективӣ ва муҳимми фарҳанг аст, гарчанде мо дарк намудем, ки он тамоми маҷмуаи фарҳангиро муайян намекунад. Масалан, ғояҳои эстетикӣ ё одоб хеле мустақиланд. Бисёр дигар ҷузъҳои фарҳанг низ устуворанд ва аз пешрафти ҷомеа вобастагии сахт доранд, ки бевосита таъсирашонро ба забон мегузоранд.

Гарчанде дар тули 20 соли охир инсоният ба давраи пас аз индустриалии рушд ворид шуд, технологияҳо ба ҳаёти одамон таъсирашонро гузоштанд ва ҳаёти одамон куллан тағйир ёфта бошад ҳам, аммо сухан, айни замон, дар бораи он меравад, ки оё ин тағйиротҳо тавонистаанд, ки таъсирашонро ба забон, махсусан ба забони тоҷикии мо ва лаҳҷаву шеваҳои он, гузоранд. Албатта, дигаргуниҳо ба амал омаданд, аммо ба ғайр аз воридшавии калимаҳо тағйироти дигареро дар сохтори забон дида наметавонем.

Ба ғайр аз рушди технологӣ, ҷаҳонишавии фарҳангҳо низ таъсирашро ба пайдоиши калимаҳои нав, махсусан, дар соҳаи маишӣ гузошта тавонистааст. Масалан, ибораи «никоҳ кардан» бо вуҷуди ҷаҳонишавии босуръат то ҳол хусусияти этноспефикии худро нигоҳ медорад ва ҳангоми гузаронидани маросими туйи арусӣ вирди забон мегардад, аммо пайдоиши ибораи «моҳи асалӣ» (мёдовый месяц)-ро дар ин маврид танҳо дар асоси таъсири фарҳанги рус дида метавонем, ки бевосита дар гуфтори мардумони водии Ҳисор низ ба мисли мардумони дигар мавзеъҳо ба назар мерасад: То туйи дабдабанок карана, ҳаму пулака дастакошонба тиен йа *моҳи асалӣ кара* биён (Ш.Т.). Маросимҳо чи оилавӣ ва чи ҷамъиятӣ як рукни муҳимми фарҳанги миллӣ мебошанд [243, с. 128].

Боиси зикр аст, ки дар пайдоиши арзишҳои ҳаётии миллӣ, инчунин, бисёр қолабҳои рафторӣ тарзи зисту зиндагонии халқҳо мавқеи асосиро мебозад. Давомнокии фарҳангӣ сарфи назар аз тағйироти шадиди ҷаҳони атроф зери таъсири пешрафти техникӣ идома дорад.

Пас маълум аст, ки забон ҷузъи муҳим ва муҳимтарини фарҳанг ба ҳисоб меравад. Маҳз забон аст, ки ба шахсони инфиродӣ, ба инсон имкон медиҳад, ки гурӯҳҳо - этникӣ, синну солӣ, иҷтимоиро ташкил диҳанд, аз ин рӯ, дар таърифи фарҳанги мо тавассути номбар кардани қисматҳои таркибии он забон низ зикр шудааст.

Забон дар рушди иҷтимоиву фарҳангии башарият нақши муҳим дорад. Бархе аз забоншиносони рус истилоҳи «этнолингвистика»-ро ҳамчун «робитаи забону фарҳанг» маънидод намуда, дар ин самт андешаҳои судмандеро

овардаанд. Муҳаққиқони тоҷик низ андешаҳои онҳоро ҷонибдорӣ намуда, дар пайравии он андешаҳо назари хешро баён доштаанд. Масалан, муҳаққиқ Г.Х. Шукуров чунин овардааст: «Арзишҳои фарҳангии ҳар як миллат бевосита дар забони он инъикос меёбанд. Дар забони форсии тоҷикӣ вожаю истилоҳоти зиёдеро дучор омадан мумкин аст, ки бевосита ба ифодакунандаи арзишҳои мардуми эронитаборанд ва бо дигар забонҳои дунё тарҷумаи комили онҳоро дарёфтан мушкил аст. Мисол: Наврӯз, Сада Меҳргон, чакан, атлас, чавгон, ош, шакароб ва ғайра» [237, с. 153].

Дар робита бо калимаи фарҳанг вожаву истилоҳоти нав пайдо шуда истодаанд, ки ба ин ибораи «фарҳанги сулҳ» мисол шуда метавонад. Дар китоби «Аз Ориё то Сомониён» ин ибора чунин шарҳ дода шудааст: «Фарҳанги сулҳ - роҳи муросову сулҳу созиш дар асоси қонуну аснодҳои амалкунанда, бо роҳу тадбирҳои расмию ғайрирасмӣ аз миён бурдани ихтилофу даргириҳо буда, аз сиёсатмадорону сарварони давлатҳо маданияти баланд, дасту дили пок ва инсофу адолатро тақозо мекунад» [248, с. 12].

Ҳамин тавр, моҳияти этнолингвистии фарҳанг ин нишон додани робитаи зичи фарҳанг бо этнолингвистика ба шумор меравад.

1.3. Омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ

1.3.1. Назари муҳаққиқон оид ба лаҳҷаҳо

Чуноне маълум аст, дар забоншиносии тоҷик, умуман, истилоҳи «этнолингвистика» аз нимаи дуюми солҳои 2000-уми асри ХХ мавриди истифода қарор гирифт. Гарчанде таҳиқоти олимон доир ба мавзуъҳои мардумшиносӣ зиёд бошанд ҳам, вале худи истифодабарии истилоҳи этнолинвистика аз ҷониби онҳо дар таҳқиқотҳояшон ба назар намерасид. Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки агар ба таҳиқотҳои кардаи муҳаққиқ М.С. Андреев жарфтар назар афканем, бевосита гуфта метавонем, ки хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамояд. Масалан, муҳаққиқ дар асари хеш «Тоҷикони водии Хуф» расму русум, сунннату анъана машғулият ва тарзи зиндагии ин қавмҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, оид ба маросими «мурдаосеб», ки сирф хусусияти этнолингвистӣ дорад, андешаҳои судмандро баён намудааст. Бовуҷуди ин ҳама, аз ҷониби М.С. Андреев дар номгузории асар истифодабарии истилоҳи этнолингвистика ба назар намерасад.

Ба ин монанд, асарҳои Н.А. Кисляков, И.И. Зарубин, А.З. Розенфелд, Л.В. Успенская, В.С. Расторгуева ва дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки хусусиятҳои этнолингвистӣ дар онҳо ба назар мерасанд.

Муҳаққиқони тоҷик низ дар ин ҷода кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ дода, ба комёбиҳо ноил гардидаанд. Масалан, забоншиноси варзида Ш. Исмоилов ҳангоми навиштани монографияи «Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт» ба калимаҳои лаҳҷавие диққати хешро равона намудааст, ки дар ифодаи урфу одат ва суннату анъанаҳои мардумӣ корбаст мегарданд. Гарчанде дар асару мақолаҳои муҳаққиқони дигар аз қабили Ғ. Ҷӯраев, М. Маҳмудов, Н. Гадоев, Р. Сангинова ва дигарон хусусиятҳои этнолингвистӣ зоҳир гарданд ҳам, вале аз ҷониби онҳо низ истифодабарии истилоҳи этнолингвистика ба назар намерасад.

Дар доираи солҳои 2000-уми қарни ХХ бошад, муҳаққиқони тоҷик бевосита таҳқиқи кардаи хешро бо нишон додани истилоҳи этнолингвистика

асарҳои илмӣ ва мақолаву маърузаҳои хешро ҷоннок намуда, исбот намуданд, ки пажуҳишҳои кардаи онҳо, маҳз, ба ҳамин самти илм равона карда шудаанд.

Бештар таҳқиқи этнолингвистӣ дар доираи лаҳҷаву шеваҳо ва забонҳои аҳвомҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ва берун аз он истиқомат менамоянд, равона гардидаанд. Пас аз оне ки забоншиносон ба пажуҳишии урфу одат ва суннату анъанаҳои мардумӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ машғул шудаанд ва ҷанбаҳои этнолингвистии вожагони забонҳо ва шеваю лаҳҷаҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор ёфт, доир ба ин мавзуъ фикрҳои ҷолиб ба майдон омадаанд. Маҳз, дар ҳамин давра, забоншиносон тасмим гирифтаанд, ки ба таҳқиқу таҳлили ҷанбаҳои этнолингвистии вожагони соҳаҳои гуногун даст зада, хусусиятҳои этникии ин гурӯҳи калимаҳоро нишон диҳанд. Масалан, муҳаққиқ С. Матробов ҳангоми пажуҳиши «Лексикаи анъанавии бозиҳои вахониён ва ҷанбаҳои этнолингвистии он», қайд намудааст, ки дар равандҳои қавмӣ яке аз хосиятҳои муҳимми забон маҳдудияти функсионалӣ ва ареалии он мебошад. Бешубҳа, ҳар як забони табиии зинда, қодир аст, ки ҳар гуна андеша ва мундариҷаи маъноиро ифода кунад [133, с. 8].

Бояд зикр намуд, ки рӯ овардан ба омӯзиши анъанаву суннатҳои мардумӣ ва нишон додани хусусиятҳои этникии ин гурӯҳи калимаҳо ба муҳаққиқи дигар М. Бобомуродова низ муяссар гаштааст. Ҳангоми навиштани рисолаи номзадии хеш таҳти унвони «Тавсифи этнолингвистии лексикаи зебу зинат дар забони тоҷикӣ» овардааст, ки калимаву истилоҳоти ифодакунандаи зебу зинати занона дар забони тоҷикӣ таърихи хеле қадима доранд [8, с. 3]. Пас маълум мегардад, ки анъанаи оро додани занон худро таввасути ҷавоҳирот урфу одати махсуси занони тоҷик буда, аз гузаштагонамон то ба мо омада расидааст.

Аз сабаби он ки аксарияти суннату анъана ва урфу одатҳои мардумӣ ҳангоми гузаронидани туйи арусӣ ба назар мерасанд, бештари муҳаққиқон таҳқиқи хешро ба ин самт равона сохтаанд. Масалан, муҳаققиқи дигар З. Назарова дар мақолаи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи марбут бо маросимҳои туйи арусӣ» (аз рӯйи маводи забонҳои помирӣ) хусусиятҳои этнолингвистии ин маросимҳоро ба назар гирифта, роҷеъ ба ин масъала чунин

қайд намудааст: «Занҳои Бадахшон домодро ҳангоми ба хонаи арус омаданаш бо ноне ки, safedtabaq nbvaruk (дар нон гузоштани қандҳо ва равғанҳои пора баровардан) ва širuγan (ширавған) пешвоз мегиранд, ин падида сирф хусусияти қамвӣ дорад, ки дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ низ ҳадя намудани ширинихо ҳангоми гузаронидани маросимҳо оварда шудааст» [154, с. 47].

Тоҷикон ба ғайр аз кишвари биҳиштосои мо Тоҷикистон дар дигар кишварҳо низ истиқомат менамоянд. Гунигунии ҳудуди ҷуғрофӣ ба урфу одат ва суннату анъанаҳои миллӣ таъсирашро расонида наметавонад. Тоҷиконе, ки берун аз Тоҷикистон истиқомат менамоянд аксарияти урфу одатҳояшон бо мо якхела буда, ҳангоми гузаронидани онҳо вожаҳое корбурд мешаванд, ки шаклу маънии якранг доранд. Муҳаққиқ Х. Кабиров ҳангоми таҳқиқи рисолаи номзадии хеш таҳти унвони «Тадқиқоти этнолингвистии лексикаи соҳаи маишии тоҷикони Хитой», маҳз диққати худро ба масъалаи ҷанбаҳои этнолингвистии калимаҳои ифодакунандаи маросими мотам равона сохта, дар ин мавзеъ маҳфуз мондани урфи деринаи тоҷикон, яъне дар марсими дафн дуд кардани испандро нишон додаст, ки ин одати тоҷикон сирф хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамояд [18, с. 24]. Таҳқиқи анҷомдодаи Х. Кабиров аз асарҳои дигар мутафаккирон ба куллӣ фарқ дошта, муҳаққиқ тавонистааст, ки тасвири забонии ҷаҳони тоҷикони Хитойро дар маросими маргу мурда нишон диҳад.

Бояд зикр намоем, ки омӯзишу пажуҳиши лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз нимаи дуюми асри XIX ба роҳ монда шудааст, гарчанде аввал муҳаққиқон ба навиштани мақолаҳои алоҳидаи экспедитсионӣ шуғл варзида бошанд ҳам, [ниг. Григорев, 1861, Семёнов, 1900 - 1901, Кузнетсов, 1915] вале барои кушода додани хусусиятҳои лаҳҷаву шеваҳои муайян, баъдтар имконияти фарохтар пайдо намудаанд.

Асари муҳаққиқи рус М.С. Андреевро, ки дар доираи лаҳҷаву шеваҳо ва забонҳое, ки дар кишвари мо арзи вуҷуд доштанд, таҳқиқи бунёдӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро ин таҳқиқот пойдевори асосиро барои омӯзишу пажуҳишии минбаъдаи ин лаҳҷаву шеваҳо гузошта тавонистааст.

Агар жарфтару доманадортар назар афканем, асару мақолаҳои дар он вақт рӯйи варақ овардаи муҳаққиқони рус, гарчанде хеле мухтасар бошанд ҳам, аммо то андозае хусусиятҳои этнолингвистӣ доштанд.

Таҳлилу таҳқиқи амиқ ва комили шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ, асосан, дар даврони шуравӣ оғоз гардид, ки дар он низ саҳми муҳаққиқони рус назаррастар аст. Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки дар солҳои 50-уми асри XX забоншиносон ба омӯзишу пажуҳишии лаҳҷаву шеваҳои муайян шуғл варзида, дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд. Натиҷаи омӯзишу пажуҳишии В.С. Расторгуева буд, ки ӯ соли 1952 асареро бо номи «Очерки по таджикской диалектологии» (выпуск 2) навиштааст ва дар кори мазкур омӯзиши гурӯҳи калони лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо забони узбекӣ қайд гардидааст. Масалан, овардани баъзе калимаву истилоҳоте, ки сирф хусусияти этнолингвистӣ дошта, калимаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ мебошанд аз ин шаҳодат медиҳанд: *Ба **қоқ** реза кардагишба дастот сийоак шуд* [173, с. 188]. *Ду матта **тимир** пӯлота қизитмиш кадаги-нда* [173, с. 189]. ***Писқоқ*** (номи деҳа) узбек - *тоҷик буданаша намедонам. Омадагӣ одам узбек* [173, с. 190].

Гарчанде, калимаи *қоқ* дар забони тоҷикӣ семаъноиро касб карда, дар ифодаи мафҳуми «шахси лоғару хароб» ва «нони хушк» низ корбаст гардад ҳам, вале муҳаққиқ ин калимаро ба маъное, ки дар он лаҳҷаву шеваҳо роиҷ аст, оварда тавонистааст**.**

Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки зери мафҳуми ибораи *қоқ реза кардан* муҳаққиқ «себқоккунӣ»-ро дар назар дорад, ки ин амал ҳангоми пухта расидани себҳо дар деҳаҳо ба сомон расонида шуда, аз пешаи боғдориву мевапарварии мардуми тоҷик шаҳодат медиҳад. Вожаи *тими*р (темур) ифодакунандаи мафҳуми «оҳан» буда, истифодаи он аз ба ҳунари оҳангарӣ машғул будани тоҷикон дарак медиҳад. Маънои воҳиди луғавии *писқоқ* «деҳае, ки дар ноҳияи Ашт вуҷуд дорад» буда, ин калима дар асоси пешаи деринаи мардуми ин мавзеъ пайдо шудааст.

Пас аз ба муваффақият ноил шудани В.С. Расторгуева дар омӯзишу пажуҳишии лаҳҷаҳои тоҷик пажуҳишигарони Пажуҳишигоҳи забон ва адабиёти

ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон руҳбаланд гардида, тавонистаанд дар як муддати на чандон тулонӣ асари илмиеро иборат аз панҷ ҷилд таҳти унвони «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» пешкаши аҳли илм гардонанд. Ҷилди якуми ин асар соли 1980, ҷилдҳои дуюм ва сеюм соли 1979, ҷилди чорум соли 1984 ва ҷилди панҷум, бошад соли 1982 чоп шудааст. Ин асарҳо фарогири калимаву истилоҳоте мебошанд, ки зиндагонии ҳамарӯзаи мардуми тоҷикро инъикос намуда, сирф хусусиятҳои этнолингвистиро зоҳир менамоянд. Масалан, дар ҷилди якуми ин асар воҳиди луғавии *арқавара* оварда шуда, «одами бадхашм бадҷаҳл» маънидод шудааст. Муаллифон ин калимаро ба лаҳҷаи вахёи қаротегинӣ ва кӯлобии ҳисорӣ нисбат додаанд [158, с. 210], ки истифодабарии онро то айни замон дар лаҳҷаи кӯлобии ҳисорӣ вохӯрдан мумкин аст: Ин отайи арқаварата киҷо ройи мекнӣ (Т. Ҳ.).

Илова бар ин, ҳаминро қайд карданием, ки майдони маъноии ин калима аз шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ низ берун рафта, дар шеваи шимолии водии Ҳисор, айни замон, ба маънои «шахси ба бемории асаб гирифторшуда» дар истифода қарор дорад. Шояд, решаи он бо вожаи «*арқан*»-и ифодакунандаи мафҳуми «пушт» як буда, ҷузъи дуюми он – **вара** ҳамчун пасванде, ки дар ташаккули калимаҳои *паривара, ҷаҳлвара, ҷинвара, аҷинавара* нақши намоён дорад ва дар ташаккули ин калима низ хизмат намуда аст.

Гарчанде таҳлилу таҳқиқу лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз баррасии маводи лаҳҷаҳои алоҳида сар шуда бошанд ҳам, вале ин иқдом имконият фароҳам овард, ки муҳаққиқон тавонанд лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳро низ ба тариқи муқоисавӣ ва ҷамъбастӣ таҳлилу таҳқиқ намоянд.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо, ҳаминро зикр намуданием, ки аз тарафи лаҳҷашиносон на ҳамаи маводи пешниҳодшудаашон фарогири ҷанбаҳои этнолингвистии шеваю лаҳҷаҳо буда метавонанд. Агар ба қафо боз назар афканем, масалан, дар пажуҳишҳои дар солҳои 50-уми асри XX ба сомон расонида, бештар олимон ба қисмати савтиёт ва сарфи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ диққати махсус додаанд, аммо таҳлили махсуси вожагони лаҳҷаҳо бошанд, то андозае аз мадди назари забоншиносон дур мондаанд.

Баъдтар, ин ҷиҳати корро дар лаҳҷашиносии тоҷик низ ба назар гирифта, қисми зиёди мақолаҳои маҷмуаи илмии «Масъалаҳои шевашиносии тоҷик», ки онро ходимони шуъбаи лаҳҷашиносии Пажуҳишигоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дастҷамъона ба табъ расонидаанд, ба таҳқиқи луғати лаҳҷаҳои алоҳида (лаҳҷаҳои Ромит, Ёхсу, Панҷакент, Шаҳритус, ҷануби Кӯлоб, арабҳои тоҷикзабон) бахшида шудаанд.

Дар ин асарҳо хусусиятҳои этнолингвистии лаҳҷаву шеваҳо бештар ба назар мерасид, чунки дар онҳо бештар калимаву истилоҳоти ифодакунандаи суннату анъана ва ҷашну маросимҳоро дар навиштаҷоти худ гирд оварда буданд. Масалан, ҳангоми таҳқиқи лаҳҷаи тоҷикони арабзабон қайд гардидааст, ки дар лаҳҷаи арабҳои тоҷикзабон маънии *туқузбинон* вожаи *парчадарон* истифода мешавад [228, с. 49] ва бархе аз забоншиносон ин андешаро ҷонибдорӣ менамоянд. Бар хилофи ин андешаҳо, ҳаминро гуфтанием, ки ин калимаи мураккаб буда, аз ду ҷузъ *парча* (навъи матои симдор) ва феъли фармоишии шахси дуюми танҳо *даррон* ташаккул ёфтааст. Дар дигар лаҳҷаҳо бо гунаҳои *занона, чимилиқдӯзон, парчабурон, чодардӯзон, туқузбиёрон, бисотнишонтияк, туқуз* ва ғайра мавриди истифода қарор доранд, ки ин аз ғановатмандии таркиби луғавии шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дарак медиҳад. Ин калимаҳо сирф хусусияти этнолингвистӣ дошта, расму русум ва суннату анъанаҳои туйи арусии мардумони тоҷикро инъикос менамоянд.

Китоби «Луғати шеваҳои ҷанубӣ» макети ҳарфи «д», ки бо ташаббуси Ғ. Ҷӯраев ва М. Маҳмудов зери таҳрири профессор Р. Ғаффоров соли 1971 интишор ёфт, пас аз ҷилди 5-уми «Очеркҳо»-и В.С. Расторгуева дар забоншиносии тоҷик дуюмин луғати лаҳҷавӣ ҳисоб меёбад, ки дар ин асар ҳам бештари калимаҳое гирд оварда шудаанд, ки хусусияти этнолингвистӣ доранд.

Асари таҳқиқии Т. Мақсудов бахшида ба луғат ва фразеологияи лаҳҷаҳои тоҷикони Исфара бо номи «Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара» соли 1977 рӯйи чопро дид. Ин муҳаққиқ чунон моҳирона калимаҳои фразеологиро дар лаҳҷаҳои тоҷикони Исфара таҳлилу таҳқиқ намудааст, ки хонанда ҳангоми хондани ин асар аз ғановатмандии лаҳҷаи тоҷикони Исфара ба

ваҳҷд меояд. Масалан, дар саҳифаи 53 ин асар муаллиф намунаҳои калимаҳои ифодакунандаи узвҳои инсонро оварда, диққати хешро бештар ба шарҳу тафсири калимаи ***сиёҳлавак*** равона сохтааст[128, с. 108], ки гунаи ин калима дар лаҳҷаву шеваҳои дигар *кабудлав, талоқ, испурч* ба ҳисоб мераванд.

Ҷилди дуюми китоби дарсии М. Эшниёзов «Диалектологияи тоҷик» интишор ёфт, ки дар он намунаи вожагони як қисми лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ гирд оварда шудаанд. Дар ин асар низ калимаву истилоҳоти зиёде, ки сирф хусусияти этнолингвистӣ доранд ва тасвири забонии намояндагони лаҳҷаву шеваҳои гуногунро нишон медиҳанд, гирд оварда шудаанд. Асари таълифнамудаи М. Эшниёзов чунин буд, ки муаллиф ҳатто ба кадом лаҳҷаву шеваҳо мансуб будани баъзе аз калимаву истилоҳотро ошкор намуда, андешаҳои хешро бо далелҳои муътамад оварда тавонистааст. Муаллиф дар ин асар калимаи *ма*-ро ҳамчун намуна аз калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешовандӣ оварда, қайд намудааст, ки ин вожа ба лаҳҷаи Роғ бештар ба назар мерасад [253, с. 251]. Дар ин маврид ҳам тасвири забонии қавмҳо ҳангоми овардани ҳар як калимаву истилоҳот ба назар гирифта шуда, гунаҳои дигари калимаи *модар* дар лаҳҷаву шеваҳои тоҷик аз қабили *ая, бува, нана, оча, ача* ба назар мерасад, ки ҳар яке бо сабабҳои гуногун пайдо шудаанд.

Дар асару мақолаҳои профессор Ш. Исмоилов тамоми ин гурӯҳи калимаҳо тақсимбандӣ шуда, ҳатто дар кадом лаҳҷаву шеваҳо ба кадом шакл мавриди истифода қарор гирифтани онҳо дарҷ гардидааст. Масалан, Ш. Исмоилов ба тасвири забониии ҷаҳони мардуми водии Рашт бештар диққати махсус дода, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои бозиҳоро, аз қабили *гена, почобозӣ, панҷакбозӣ, тоқиовмонак, донабозӣ, бачошавакон* [109, с. 118, 119, 120], ҳамчун намуна овардааст, ки ҳар яке аз ин калимаҳо хусусияти этнолингвистӣ ва сотсиолингвистӣ дошта, аз даврахои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ мегирад. Ин калимаҳо боз дар шаклҳои *чомоқбозӣ, подшо вазир, сангчабозӣ, тоқиғелонак, рустшавакон* байни намояндагони лаҳҷаву шеваҳои дигар дар истифода қарор доранд.

Қайд кардан лозим аст, ки аз солҳои 1980-1990 то имрӯз доир ба таҳқиқи масоили марбут ба луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ корҳои боз ҳам бештаре ба анҷом расонида шудаанд, ки маҳз, дар он корҳо хусусиятҳои этнолигвистӣ ба назар мерасанд: ҳафт рисолаи номзадӣ [Исмоилов, 1982; Истамова, 1983; Кабиров, 1995; Қаҳҳоров, 1998; Гадоев, 2009, Замонов, 2009, Сангинова, 2012], ду рисолаи докторӣ [Ҷӯраев, 1992, Ҳасанов, 2003] нашр гардидаанд, як луғати дузабона [Розенфелд, 1982] ва се луғати тафсирии лаҳҷавӣ [Маҳмудов, Бердиев, 1989; Маҳмудов, Ҷӯраев, 1997; Қосимӣ, Мирбобоев, Карамшоев, 1997] аз чоп баромаданд. Дастурамал оид ба ҷамъ овардани луғати лаҳҷаҳо дастраси омма шуд [Ҷӯраев, Мақсудов, Маҳмудов, 1982]. Дар алоқа ба масоили хурду бузурги луғати ин ё он лаҳҷа мақолаҳои алоҳида ба табъ расиданд [Ҷӯраев, 1984; Исмоилов, 1984, 1991, 2009, 2010, 2011; Кабиров, 1991, 1994; Қаҳҳоров, 1994; Гадоев, 2006, 2007].

Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо, чунон ки мебинем, алҳол вожагони тамоми лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ алоҳида-алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Гарчанде дар навишти ин асарҳо ҷидду ҷаҳди олимони тоҷик дар бобати гурӯҳбандӣ намудани калимаву истилоҳот дар доираи лаҳҷаву шеваҳо ва забонҳои алоҳидае, ки дар кишвари мо арзи вуҷуд доранд, назаррасанд

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар тақиқотҳои А.З. Розенфелд «Бадахшанские говоры таджикского языка» низ хусусияти этнолингвистӣ ба назар мерасад. Масалан, дар саҳифаи 118-уми монографияи худ истилоҳи ифодакунандаи номи гул «*гули сурх*»-ро дар шакли «*obkon*» овардааст, ки маҳз, дар асоси урфу одати ин мардумон чунин номгузорӣ шуда, ба гӯйиши мардумони Бадахшон марбут аст [184, с. 118]. Дар дигар лаҳҷаву шеваҳо ин навъи гулро *овҷиқон, сурхак, сурхча* меноманд, ки ҳар яке аз онҳо хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор истифодабарии калимаҳои ифодакунандаи ин навъи беморӣ аз қабили *owлаи харакон, гули гулафшон, гули калон-калон, гули қазомуқ, гули майда* ва *гули қаромуз* ба назар мерасанд, ки майдони маъноияшон аз ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд.

Дар таҳқиқи дигари хеш «Говоры Каратегина» ин муҳаққиқ хусусияти хоси этнолингвистии лаҳҷаи мазкурро ба инобат гирифта, калимаи «*пасак*»-ро тафсир намуда, ба ғайр аз маънои аслии худ ба маънои «*кокул-косичка*» корбаст шуданашро низ қайд намудаааст [182, с. 81].

Албатта, чунин маънидод намудани калимаи *пасак а*з ҷониби муаллиф то андозае дуруст аст, зеро дар гӯйишҳои мардуми водии Ҳисор калимаи «*пасак*», сермаъноиро ба худ касб намуда, ба ғайр аз маънои аслии худ, инчунин ба маъноҳои «*пушти куртаи занона*», «*пушти тоқипӯшаки занона», «пушти дар*» ва ғайра корбаст мегардад: *Пасаки* куртаам қитӣ тангтарак омадас (Ш.Т.); Да(р) *пасак* я(к) учқун пахта монда дӯз, ки пуштаки гарданам гармак шавад (Б.Т.); *Пасаки* дара рӯв, духтарҷон, ки я(к) меҳмон омада монад, шарманди ду дунё мешем (Д.Т.).

1.3.2. Назари муҳаққиқон оид ба вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор

Лаҳҷаи тоҷикони водии Ҳисор, ки ҳанӯз охири солҳои сиюм ва ибтидои солҳои чилуми қарни гузашта таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб карда буд. Оид ба омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ дар лаҳҷашиносии тоҷик як қатор корҳои илмӣ таҳқиқӣ ба сомон расонида шудаанд, ки аксарияти онҳо хусусияти этнолингвистӣ доранд. Аз таърих ба мо маълум аст, ки Ҳисори Шодмон мулки қадима аст. Ин водӣ, бахусус шаҳри он дар чорроҳаи Шоҳроҳи Абрешим маркази тиҷорат, ҳунармандӣ ва илму фарҳангу маърифат буд [236, с. 5]. Ин боис гашт, ки дар ин мавзеъ на танҳо ҳунару ҳунармандӣ рушд намояд, инчунин, барои иншои асарҳои назмиву насрӣ шароити мусоид фароҳам омад, ки боиси ташаккулу такомули гӯйиши ин мардум гардида тавонист. Илова бар ин, Шоҳроҳи Бузурги Абрешим на танҳо барои некуаҳволии мардумони ин мавзеъ хизмат менамуд, инчунин, тавассути он тиҷорат рушд намуда, ғарам-ғарам калимаву истилоҳоте пайдо мешуданд, ки бевосита бо номи макон иртиботи зич доштанд, масалан, номҳои ифодакунандаи навъҳои алоча, аз қабили *деҳнавӣ, кӯлобии миёнкӯфта, бойсунӣ, ғарбӣ* ва ғайра.

Водии Ҳисор яке аз минтақаҳои фарҳанговарест, ки аҳли илму адаб дар тули таърих ба ин мулк рӯй меовардaнд Ҳисори Шодмон ҳамчун яке аз марказҳои муҳимми иқтисодӣ-сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ дар таърихи кишварҳову марказҳои Осиёи Миёна мақоми худро дошт [38, с. 11].

Гӯйиши сокинони ин мавзеъ низ хусусиятҳои хосаро ба худ касб намуда, бо таъсири гурӯҳҳои этникие, ки барои сайқал додани ҳунари худ ин мавзеъро интихоб намуданд гуногун гардид. Аз рӯйи маълумотҳое, ки дар даст дорем, аслан, дар ин водӣ мардум аз ҳар гӯшаву канор бо сабабҳои гуногун омада, ин маконро аз сабаби шароити мусоид доштанаш барои истиқомат кардан интихоб намудаанд. Танҳо дар ин мавзеъ намояндагони якчанд гурӯҳҳои этникӣ аз қабили *каволӣ, париён, соғутарош, чистонӣ* ва *ҷӯгиҳо* зисту зиндагонӣ менамоянд, ки тасвири забонии ҷаҳони ҳар яке аз онҳо гуногун мебошад. Масалан, калимаҳои *сафал* куза (кӯза), *кҳатако хурҷин* (хурҷин), *чҳурӣ* (корд), *васкича* (камзӯл), *наринагӣ курта* (куртаи мардона), *боро датӣ* (дос), *чаву* (ҷорӯб), ки маҳз, дунёи намояндагони гурӯҳҳои этникии париёнро нишон медиҳанд, сирф хусусияти этнолингвистӣ дошта, майдони маъноии ин калимаву истилоҳот аз деҳаи Афғонобод ва Болои Канали шаҳри Ҳисор, деҳаи Қаҳрамони ноҳияи Шаҳринав ва деҳаи Ҷаврат, Санги Сафед ва Заркӯби шаҳри Турсунзодаи водии Ҳисор дур рафта наметавонанд. Инро кормандони Институти Забон ва адабиёти ба номи Рудакӣ низ тасдиқ намудаанд [291, с. 14 ,15,16, 17].

Муҳаққиқе, ки аввалин маротиба ба омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор даст задааст, ба назари мо М.С. Андреев ба ҳисоб меравад. Ин донишманд дар таҳқиқи кардаи хеш «Краткий обзор некоторых особенностей таджикских говоров», ки соли 1930-юм ба табъ расид, маълумоти мухтасарро оид ба баъзе лаҳҷаю шеваҳои забони тоҷикӣ дода тавонистааст. Дар ин таълифот, баъзе хусусиятҳои забони тоҷикони водии Ҳисор, аз он ҷумла, Қаратоғ дарҷ гардидааст. Гарчанде ин тадқиқ бунёдӣ маҳсуб ёбад ҳам, аммо муҳаққиқи лаҳҷаҳои Ҳисор Л.В. Успенская қайд менамояд, ки маълумот оид ба лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисорро М.С. Андреев аз як хабарнигоре, ки намояндаи деҳаи

Чузии ин водӣ аст, гирифтааст ва таҳқиқоти гузарондаи М.С. Андреев асоси амиқи илмӣ надошта, омӯзиши лаҳҷаи тоҷикони худи Қаратоғ ва деҳаҳои ба совети қишлоқи Қаратоғ дохилшуда ва баъзе хусусиятҳои забони мардуми Қаратоғро фаро гирифта натавонист [212, с. 7].

Аммо бар хилофи ақидаи В.Л. Успенская ҳаминро гуфтанием, ки таҳқиқи кардаи М.С. Андреев сирф хусусияти этнолингвистӣ дошта, дар ҳақиқат, дар асоси омӯзиши амиқи ин лаҳҷаҳо гузаронида шудааст, Пажуҳишии дигари ин муҳаққиқ таҳти унвони «Таджики долины Хуф» ба гуфтаҳои мо тавқият мебахшад. Маҳз, дар ин асар, муаллиф олотҳое, ки барои шудгор кардани замин дар водии Ҳисор мавриди истифода қарор медиҳанд дар муқоиса бо водии Хуф номбар карда тавониста, чунин овардааст: «*соха* /*сипорн*» дар Қаратоғ ва Яғноб бо гунаи «*испор*» маъмул аст [49, с. 35]. Ин ақидаи М.С. Андреев дуруст аст, зеро дар айни замон низ таркиби луғавии «*юғу испор*» миёни намояндагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор маъмул буда, ҳанӯз он доираи интишори васеъ дорад.

Муҳаққиқи дигаре, ки ба омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор даст задааст, ин донишманди варзида Л. Бузургзода ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқи хеш «Фонетикаи забони адабии тоҷик» бо баробари тавсифи фонемаҳо баъзе қайду ишораҳо оид ба хусусиятҳои фонетикии баъзе лаҳҷаҳо, аз он ҷумла, лаҳҷаҳои Сух, Ворух ва Ҳисор овардааст, гарчанде ин таҳқиқ ба этнолингвистика ягон робитае надошта бошад ҳам, аммо оид ба овози «и» назари хешро баён намуда, чунин овардааст: «Гарчанде ин овоз дар як қисми шеваҳо монанди забони адабӣ фонемаи мустақил ба шумор равад ҳам, дар як қисми шеваҳо (Самарқанд ва Ленинобод) аз овози «і» фарқ карда намешавад» [65, с. 37].

Лаҳҷашиноси дигар В.С. Расторгуева маҳз, дар соли 1952-юм дар асари хеш «Варзобский говор таджикского языка» оид ба лаҳҷаи Ҳисор андешаи хешро чунин ҷамъбаст намудааст: «Бояд лаҳҷаи Варзобро бо лаҳҷаи Ҳисор пас аз таҳқиқи лаҳҷаҳо ба гурӯҳи махсуси лаҳҷаҳои марказӣ дохил намоем» [174, с. 144]. Дар қисмати муайян намудани мавқеи лаҳҷаҳои Варзоб миёни лаҳҷаҳои дигар, лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ба лаҳҷаи Варзоб ба гурӯҳи махсуси марказӣ дохил намудааст, аммо дар ҳамон давра муҳаққиқи ин лаҳҷаҳо Л.В. Успенская

оид ба ақидаи В.С. Расторгуева эътироз баён намуда, чунин овардааст: «Ба як гурӯҳ бо лаҳҷаи Варзоб дохил намудани лаҳҷаи Ҳисор танҳо лаҳҷаи кӯҳиро метавонем. Дар ҳолате ки дигар лаҳҷаи ин водӣ омӯхта нашудааст. Чӣ тавре маълум аст, лаҳҷаи водигӣ ба гурӯҳи калони ҷанубу шарқии лаҳҷаҳои тоҷикӣ дохил карда шавад» [213, с. 114].

Ба ақидаи В.С. Расторгуева ноҳияи Ҳисор то Инқилоби Октябр ба ҳайати бекигарии Ҳисор дохил мешуд. Ба таҳқиқи ду гӯйиш - водигӣ ва кӯҳӣ Л.В. Успенская машғул шуда, оид ба лаҳҷаи мазкур қайду ишораҳо кардааст [177, с. 4].

Дар мавриди андешаи ин донишмандон, гуфтанием, ки лаҳҷаи ҳисориён аз лаҳҷаи варзобиҳо фарқ дорад ва наметавонем онҳоро ба як лаҳҷа дохил кунем, зеро вижагиҳои фарққунандаи ин лаҳча назаррасанд. Мо низ ҳаминро гуфтанием, ки таснифоти дар ин давра гузаронидаи Л.В. Успенская дар айни замон қиммати худро каме аз даст додааст, зеро тамоми аҳолии Ҳисор дар водӣ зиндагӣ мекунанд ва ҷудо намудани ин гуйишҳо ба водигӣ ва кӯҳистонӣ ба ҳақиқат наздик нест.

Бояд зикр намоем, ки дар асари муҳаққиқи дигари ин мавзеъ Н. Ершов бо номи «Каратаг и его ремесло» ба омӯзишу пажуҳиши навъҳои ҳунармандӣ дар Қаратоғи водии Ҳисор равона гардидааст. Гарчанде ин асар хусусияти этнографӣ дошта бошад ҳам, вале дар баъзе мавридҳо ба масъалаҳои этнолингвистика дахолат намудани муҳаққиқ низ ба назар мерасад. Масалан, ҳангоми баррасии баъзе масъалаҳои сару либос ва пойафзол, ки маҳз, ҳунармандони ин мавзеъ онҳоро омода менамуданд, чунин овардааст: «Шипак пойафзоли занонаи пошнааш хеле паст, аз се қабат чарм дӯхта шудааст, ки махсус барои аҳолии узбакҳои деҳаҳои кӯҳистонии атроф омода гардидааст» [95, с. 108] Бар хилофи ин андешаҳо, чунон ки Н. Ершов қайд кардааст, занҳои бонуфуз ва авлоди бой кафши кундалро мепӯшиданд.

Ин гурӯҳи калимаҳо на танҳо хусусияти этнолингвистӣ дошта, бештар дар онҳо хусусияти сотсиолингвистӣ низ ба назар мерасад. Агар мо калимаҳои кафши чакӣ, кафши ғижас, кафши пошнабаланд, кафши чармии ялақосиро

вирди забон орем, он гаҳ огоҳ мегардем, ки вазъи иҷтимоии мусобозориҳо барои пӯшидани ин навъи кафшҳо дар гузашта имконият намедод, зеро ин мардум ба чорводорӣ шуғл меварзиданд.

Ташаббускори омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор Л.В. Успепская тасмим гирифта буд, ки таҳқиқоти минъбаъдаи хешро маҳз, ба вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор равона месозад, аммо бо баъзе сабабҳо ин тадқиқро ба баъд гузошт [213, с. 5].

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, аввалин муҳаққиқе, ки бевосита ба таҳқиқи лаҳҷаи Қаратоғи ин мавзеъ, ки ба лаҳҷаҳои водии Ҳисор марбут аст, аз нигоҳи этнолингвистӣ, забоншиноси маъруф Л.В. Успенская буд. Ин муҳаққиқ лаҳҷаи мазкурро ба сифати рисолаи номзадӣ ба таҳқиқ гирифта, натиҷаи онро соли 1956 зери унвони «Каратагский говор таджикского языка» дар шакли китоби алоҳида ба табъ расонид.

Метавон гуфт, ки ин асар пас аз таҳқиқоти профессорон О. Ҷалолов дар соли 1949, Б. Ниёзмуҳаммадов соли1951 ва В.С. Расторгуева дар соли 1956 дар забоншиносии тоҷик чорумин коре буд, ки хусусияти муқоисавӣ дошт ва дар он ҷиҳатҳои овозӣ ва ҷо-ҷо морфологии яке аз лаҳҷаҳои тоҷикӣ – лаҳҷаи Қаратоғ, мухтассар бошад ҳам, ба таври қиёс бо забони адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Чунон ки аз мутолиаи асар бармеояд, профессор Л.В.Успенская, асосан, ба омӯзиши лаҳҷаи деҳшурои Пуштимиёна таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ҳадафи муҳаққиқ аз таҳқиқи ин лаҳҷа натиҷагирӣ аз хусусиятҳои овозиву грамматикии он аст. Дар рафти таҳқиқ оид ба масоили марбут ба луғат мухтасар баъзе ишораҳо карда бошад ҳам, аммо ба таҳқиқи пурраи лексикаи он даст назадааст. Муҳаққиқ тавонистааст намунаи афсона, ҳикояҳоро аз нутқи ворисони лаҳҷаи Қаратоғ орад, ки бевосита ба этнолингвистика иртибот дорад.

Дар ҳақиқат, дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ калимаҳое, ки мафҳумҳои предметиро ифода менамоянду ба ҷашну маросимҳои мардумӣ равона гардидаанд хеле зиёданд ва онҳо яке аз нишонаҳои махсуси вожагонии

ҳар як лаҳҷа ҳисоб меёбанд, зеро тавассути онҳо лаҳҷа, аз як тараф, аз забони адабӣ ва аз ҷониби дигар, аз лаҳҷаҳои дигар ҷудо шуда меистад.

Таҳқиқи кардаи И.О. Сулаймонов низ дар ин бобат арзиши калони илмӣ дошта, муаллиф тавонистааст тасвири забонии ҷаҳони мардуми Ҳисорро ба назар гирифта, калимаҳои *қарабоӣ* (чойники сирдор), *лаганд* (тағораи либосшӯйӣ), *карсон* (зарф барои хамиршӯронӣ), *дастгирак* (зарф барои шустани даст)-ро, ки дар дигар лаҳҷаву шеваҳои тоҷик ба назар мерасанд, орад [30, с. 5].

Гарчанде оид ба баъзе хусусиятҳои хоси лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз ҷониби муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ корҳои назаррас ба итмом расонида шуда бошанд ҳам, аммо ин корҳо фарогири тамоми мавзуи мазкур буда наметавонанд ва омӯзишу пажуҳишии ҷанбаҳои этнолигвистии гуйиши ин мардумон як таҳқиқи этнолингвистии мукаммалро аз ҷониби муҳаққиқон тақозо менамояд.

1.4. Регионолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангу тамаддунҳо таъсири як забон ба забони дигар ва як лаҳҷа ба лаҳҷаи дигар ба назар мерасад. Ҳатто, ин бархурд боис мегардад, ки на танҳо лаҳҷаҳо, балки забонҳо низ аз байн раванд.

Тибқи омори охирине, ки аз ҷониби забоншиносон гузаронида шудааст, дар ҳудуди Тоҷикистон наваду ду забон ва якчанд лаҳҷаву шеваҳое мавҷуданд, ки дар онҳо тафовутҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ ба назар мерасанд. Ин забонҳоро забонҳои минтақавӣ номидан мумкин аст. Ин вазъи забонӣ на танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар бисёр кишварҳои дигари дунё низ ба назар мерасад.

Мусаллам аст, ки ин масъала яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносӣ ба шумор рафта, хеле барвақт диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намуда буд. Ин аст, ки забоншиноси рус М.А. Бородинаро вазъи бисёрзабонӣ ва гӯйишҳои зиёд дар Фаронса ҳанӯз хеле барвақт ба ташвиш оварда буд, ки ӯ мақолаи «Диалекты или региональные языки»-ро таълиф намуда, қайд намудааст, ки гарчанде ҳамаи аҳолӣ бо забони фаронсавӣ ҳамчун забони расмии миллӣ, умумидавлатӣ гуфтугӯ намоянд ва барои аксарияти куллӣ аҳолӣ ин забони модарӣ ба ҳисоб равад ҳам, аммо бо баробари ин дар минтақаҳои хурд паҳншуда боз ҳафт забон ва шеваҳо аз қабили баскӣ, бретонӣ, фламандӣ, элзасӣ (олмонӣ), каталанӣ, корсиканӣ (итолиёӣ), оксатанӣ ва ғайра арзи вуҷуд доранд [62, с. 29]. Ба назари М.А. Бородина ин забонҳои минтақавӣ ба шумор рафта, ҳар яке дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

Ин ҳолатро дар ҳудуди кишвари мо ҳам ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Забони тоҷикӣ забони давлатӣ ва умумиистеъмолӣ маҳсуб ёбад ҳам, аммо дар Тоҷикистон намояндагони дигар гурӯҳҳои этникие умр ба сар мебаранд, ки забони хоси худро доро мебошанд.

Аз ин лиҳоз истилоҳи регионолект дар забоншиносии тоҷик дар дигар шакл мавриди истифода қарор гирифтааст. Масалан, профессор Ш. Исмоилов дар монографияи худ «Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт» қайд намудааст, ки А.З.

Розенфелд мафҳуми ин калимаро хеле барвақт дарк намуда, дар китоби «Таджикско-русский диалектный словарь», ки аз муқаддима, очерки мухтасар, доир ба луғатҳои шевагӣ ва қисми асосӣ, яъне луғат иборат аст, дар боби очерк ин масъаларо баррасӣ карда тавонистааст. Муаллиф оид ба калимаҳое, ки ареали васеи ҷуғрофиро дар бар мегиранд ва ҳам барои забонҳои помирию ҳам лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ умумӣ ҳисоб меёбанд, ин мафҳумро зери истилоҳи «зональная лексика» овардааст [109, с. 15].

Илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки профессор Ш. Исмоилов, инчунин, дар саҳифаи 15-уми монографияи «Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт» бо ин маънӣ ибораи «луғати минтақавӣ»-ро корбаст намудааст, ки маҳз, тарҷумаи таҳтулафзии истилоҳи «региональная лексика» маҳсуб меёбад [109, с. 15]. Пас, аз ин бармеояд, ки ибораҳои «региональная лексика» бо «зональная лексика» муодили якдигаранд.

Забоншинос Д. Ҳомидов дар китоби «Шевашиносии тоҷик» тафовути забони адабиро аз гӯйишҳои маҳаллӣ хеле равшан нишон дода, чунин овардааст: «Гӯйишҳои маҳаллӣ ё забонҳои шевагӣ забонҳои ғайрихаттие мебошанд, ки дар маҳалҳои муайян густариш ёфтааанду дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Дар шевашиносии тоҷик зери мафҳуми гӯйишҳои маҳаллӣ забони шевагӣ, лаҳҷа, гурӯҳи шеваҳо ва шева фаҳмида шуда, хусусиятҳои савтию дастурӣ ва луғавии ин унсурҳоро шевашиносон мавриди тадқиқ қарор медиҳанд» [223, с. 7].

Бояд тазаккур дод, ки профессор Д. Ҳомидов такя бар таснифоти пешинаи шевашиносон намуда, дар китоби «Шевашиносии тоҷик» оид ба хусусиятҳои савтӣ, луғатшиносӣ, сарфӣ ва наҳвии шеваҳои шимолӣ, ҷанубӣ, ҷанубу шарқӣ, гурӯҳи шеваҳои марказӣ маълумотҳои муфиде пешниҳод намудааст, аммо аз чӣ сабаб бошад, ки оид ба истилоҳи «регионолект» ва муносибати онҳо ба лаҳҷаҳои минтақавӣ чизе наовардааст.

Забоншинос Н.В. Хорошева масъалаи омӯзиши «регионолект»-ро баҳсталаб шуморида, ба омӯзиши регионолектҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, мавқеи асосии регионолектро миёни лаҳҷа ва забони адабӣ муайян карда, сабаби пайдо

шудани регионолектҳоро чунин баҳо медиҳад: «Дар забоншиносии иҷтимоии муосир бештар на дар бораи «матрук» ё «пароканда»-гии лаҳҷаҳои ҳудудӣ, балки оид ба тағйири намудии шаклҳои фазоии ивазшавии забон сухан мегӯянд, ки ба пайдошавии идиомаҳои гузариши оварда мерасонад» [218, с. 32].

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, тафовутҳои минтақавиро дар ҳама қисматҳои забон, умуман, дар қисмати савтиёт, луғатшиносӣ ва қисман, сарфу наҳв мушоҳида намудан роиҷ аст. Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки ҳангоми мутолиаи асари бадеӣ низ регионолекти (луғати минтақавӣ)-ро мушоҳида намуда метавонем. Масалан, ҳангоми хондани асарҳои устод Садриддин Айнӣ, новобаста аз нишон додани минтақа, аз ҷониби муаллиф тавассути забони асар хонанда истифодабарии калимаву истилоҳоти хоси як регионолекти муайянро аз ҷониби нависанда хеле равшан мушоҳида менамояд. Масалан. истифодабарии калимаҳои *чапғалат* (печдарпеч, ниҳонӣ), *дарак* (тараф, сӯй, чиз, кор), *яла шуда* (боз шудан), *ҷойдорӣ* (таҳҷоӣ, маҳаллӣ) аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳодисаҳо дар Самарқанду Бухоро рӯй додаанд. Ин калимаҳо дар гӯйиши мардуми Қаратоғи водии Ҳисор низ ба назар мерасанд. Чуноне ки зикр намудем, мардуми Қаратоғ аз деҳаи Даҳбеди Самарқанд муҳоҷир шуда омадаанд. Дар соҳаи омӯзиши забони нависанда ҳаминро гуфта метавонем, ки омӯзиши осори ӯ дар доираи як забон ва ё як лаҳҷаи муайян ба мо имкониятҳои фарохтарро дода метавонад.

Мафҳуми «регионолект» аксар вақт аз ҷониби муҳаққиқон дар мисоли гуногунии забони маҳаллии як минтақа баррасӣ карда мешавад.

Пеш аз оне ки ба тавсифи худи истилоҳи «регионолект» даст занем, бояд аввал тафсири ин вожаро дар фарҳанҳо ва фикру ақидаи олимонро дар асарҳои илмӣ оид ба ин калима дида бароем. Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, дарки равшани мафҳуми «регионолект» бо маҳаллигарой, гуногунрангии маҳаллӣ, лаҳҷа, забони мардумӣ, шевагӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар як минтақа метавонад баробар ду шева низ арзи вуҷуд намояд. Масалан, дар минтақаи Турсунзодаи водии Ҳисор ҳам намояндагони

лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҳам намояндагони лаҳҷаҳои ҷанубӣ истиқомат менамоянд, вожагон дар ин мавзеъҳо низ омезиш ёфтаанд.

Мафҳуми «регионолект» дар забоншиносӣ нисбатан нав аст, аз ин лиҳоз, дар забоншиносии тоҷик ин истилоҳ дар ин шакл мавриди истифода қарор нагирифтааст. Гарчанде лаҳҷашиносони тоҷик ҳудуди интишори лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикиро муайян намуда, ба ин мавзуъ наздик шуда бошанд ҳам, аммо дар таҳқиқи намудаи хеш калимаи «регионолект»-ро мавриди истифода қарор надодаанд.

Истилоҳи «регионолект» аз ҷониби забоншиноси рус М.А Бородина ҳангоми баёни назари хеш оид ба вазъи забонӣ дар Фаронса дар мақолаи «Диалекты или региональные языки» (К проблеме языковой ситуации в современной Франции) мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин мақола ӯ ба шарҳи мафҳуми истилоҳи «регионолект» диққати махсус дода, чунин ибрози ақида намудааст: «Мафҳуми истилоҳи «регионолект» (луғати минтқавӣ) дар калимаву ибораҳои «региональный язык» (забони минтақавӣ) «региональные говоры» (лаҳҷаҳои минтақавӣ), «регионализм» ва «региональные черты» (хусусиятҳои минтақавӣ) такрор меояд» [62, с. 32].

Ба андешаи мо ин калимаҳо, гарчанде шаклҳои гуногун дошта бошанд ҳам, аммо як мафҳумро ифода менамоянд.

Забоншинос Н.В. Хоршева ин гурӯҳи калимаҳоро «нимшеваҳо» номидааст [218, с. 32]. Дар ин маврид низ андешаи Н.В. Хорошева хеле бамаврид аст.

Дар забоншиносии рус ин истилоҳ баътар боз ҳам маъмултар гардида, баҳсҳо дар атрофи тафсири ин истилоҳ дучанд шуданд. Ин буд, ки соли 2001-ум олими шинохтаи рус А.С. Герд дар китоби «Введение в этнолингвистику» ба шарҳу тафсири истилоҳи «регионолект» пардохта, диди хешро чунин баён намудааст: «як шакли махсуси нутқи шифоҳӣ, ки дар он аллакай бисёр хусусиятҳои архаистии лаҳҷа аз байн рафта, хусусиятҳои нав инкишоф ёфтаанд» [72, с. 23].

Мусаллам аст, ки то имрӯз доир ба масъалаи дар боло зикршуда микдори зиёди мақолаҳои илмӣ аз ҷониби забоншиносон ба табъ расидаанд. Ин масъала бештар ба худ диққати забоншиносони русро ҷалб намуда, аз соли 2009 инҷониб дар вилояти Курски Россия озмоишгоҳи илмии минтақашиносии филологии «Калимаи Курск» фаъолият дорад, ки ба таҳқиқи лингвистии мероси адабии адибони вилояти Курск машғул аст. Инчунин, дар шаҳри Тамбов маҷаллаи махсуси илмӣ-иттилоотӣ ва таҳлилии «Филологическая регионалистика» аз чоп мебарояд, ки ин ҳам як иқдоми нек барои баррасии масъалаҳои минтақашиносӣ ба шумор меравад.

Воқеан, ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар Длонишгоҳи шаҳри Томски Россия ба ин масъала хеле ҷиддитар назар меафкананд. Ин аст, ки дар ин мавзеъ мактаби илмии «матнҳои» маҳаллии шаҳр ташкил карда шудааст. Олимон дар бораи кушодашавии мактаби «Матни Петербург» соли 1920 ва инчунин, оид ба кушодашавии мактаби матнҳои «Москва», «Перм», «Елетс», «Воронеж», «Рус», «Немис», «Лондон», «Рим», «Флорентина», «Крим», «Сибир», «Европа» сухан рӯйи варақ овардаанд.

Гарчанде дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз чунин мактабҳо вуҷуд надошта бошанд ҳам, аммо ба назари мо ин падида хеле барвақтар пайдо шудааст, ки мо онро аз рӯйи омӯзишу пажуҳишии осори адибони тоҷик, масъалаи омӯзиши адабию бадеии онҳо, таҳлили забонии матнҳои аз ҷониби адибони тоҷик иншошуда, аз ҷониби забоншиносон эҳсос карда метавонем. Суоле ба миён меояд, ки минтақашиносии филологӣ ҳамчун илм барои чӣ хизмат менамояд? Ин соҳа, албатта муҳаққиқони каломро вазифадор мекунад, ки матни адабии дорои маводи таърихии минтақаро дар заминаи осори худи муаллиф ва дар заминаи маводи таърихию адабии умумӣ баррасӣ намоянд. Ин равиш омӯзиши арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии давраро дар бар мегирад, ки дар маҳалшиносии бадеӣ инъикос меёбанд. Яке аз роҳҳои омӯзиши хусусиятҳои забонии гӯйишҳои минтақавӣ омӯзиши матнҳои адабии маҳалу минтақа маҳсуб меёбад, ки дар забони нависанда ба зуҳур меёбад. Агар мо осори шоир ва

нависандаро мутолиа намоем, на танҳо оид ба макон, балки оид ба замон низ маълумоти муфидро пайдо менамоем.

Албатта, инкишофи ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо, инкишофи босуръати илму техника хоҳ ноҳоҳ таъсирашонро ба регионолект (луғати минтақавӣ) мегузоранд, ва он калимаву истилоҳоти иқтибосӣ дар регионолектҳо (луғатҳои минтақавӣ) дар шакли лаҳҷавӣ мавриди истифода қарор гирифта, муодилҳои аввалаи худро аз даст медиҳанд. Масалан, ба ҷойи ибораи «туйи сурх» ибораи «туйи саристолӣ» ва баъдтар, ибораи «туйи камсамолӣ» (комсомолӣ) пайдо шудаанд. Инчунин, истилоҳи «нимтанаи занона» ҷойи худро бо мурури замон ба калимаи иқтибосии фаронсавии «камзӯл» (камзол) ва баъдтар, ба калимаи русии «безрукафка» (безрукава) дода тавонистаст.

Бархе аз забоншиносон чунин мепиндоранд, ки тафсири истилоҳи «регионолект» ҳамчун мавҷудияти нави истилоҳи «лаҳҷа» зоҳир мешавад, аммо ин ақида чандон дуруст нест, регионолект дар натиҷаи ҳамоҳангии фарқиятҳои минтақавӣ ба вуҷуд омадааст. Муддати дуру дароз забони адабӣ бо гӯйишҳои маҳаллӣ муқобилат мекарданд, аммо имрӯз мо шоҳиди мубаддалшавии онҳо гашта тавонистем.

Бояд зикр намоем, ки ҳанӯз устод Садриддин Айнӣ ҳангоми навиштани «Мактуби кушода ба рафиқ Толис» мавқеи регионолектҳо ва лаҳҷаву шеваҳоро дар ташаккули забони адабӣ муайян намуда, чунин назари худро нишон дода буд: «Дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳое ҳастанд, ки классиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани он гуна калимаҳо, онҳо ба дараҷае классиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимаи мурда» мепиндорад ва дар архаизм медароранд. Чунончи, «гусел» дар Ленинобод дар байни аҳвоми бесавод кор фармуда мешавад. Аммо бухороиён дар ҷойи ин калима «узод»-ро кор мефамоянд [43, с. 235].

Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, порофессор Ш. Исмоилов лаҳҷаи водии Рашти забони тоҷикиро таҳлил намуда, мавҷудияти хусусияти минтақавии нутқи қадимаи тоҷикиро дар минтаҷа мушоҳида карда қайд менамояд, ки «чунин навъи тадқиқ барои аз нав ба меъёри забони адабӣ дохил

шудани бисёр унсурҳои давраи пешинаи забонамон (унсурҳои ба истилоҳ архаистӣ), ки имрӯз аз истеъмоли баромада бошанд, шароити мусоид фароҳам меорад» [109, с. 24]. Дар ҳақиқат, муҳаққиқи лаҳҷаи водии Рашт Ш. Исмоилов дуруст қайд намудааст ва дар ин мавзеъ баъзе калимаҳое мавҷуданд, ки решаашон ба давраҳои аввали рушди забонамон рафта мерасанд, аз қабили *арғушт* (рақс), *бурут* (муйлаб), *хамирмоя* (хамиртуруш) ва ғайра.

Шарҳи истилоҳи «регионолект» аз ҷониби муҳаққиқон бениҳоят гуногун буда, яке бо дигаре монандӣ надорад. Ҳар як муҳаққиқ тавонистааст, ки ба тарзи худ ин мафҳумро шарҳу возеҳ диҳад. Ба ақидаи бархе аз забоншиносон лаҳҷаҳо рафта-рафта ба регионолектҳо мубаддал мегарданд, гарчанде баъзе забоншиносон, муҳаққиқон таъсири дигар забонҳо ва дигар лаҳҷаву шеваҳоро ба лаҳҷаҳои муайян эҳсос намуда, оид ба ин раванд чунин ибрози ақида намудаанд: «Лаҳҷаҳо намемиранд, балки ба регионолектҳо табдил меёбанд» [72, с. 24]. Баъзе аз муҳаққиқон мафҳуму маънои калимаи регионолектро бо диалект як мешуморанд, ин масъала моро водор сохт, ки пас аз шарҳу тафсири мафҳуми регионолект ё регионализмҳо ба тафсири истилоҳи диалектизм гузарем.

1.4.1. Хусусиятҳои фарққунандаи регионолектизмҳо аз диалектизмҳо

Мусаллам аст, ки диалектизмҳо дар баробари калимаҳои умумиҳалқӣ як қисми асосии вожагони лаҳҷаҳоро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи калимаҳо, одатан, доираи интишори муайян доранд ва дар лаҳҷаву шеваҳои алоҳида корбаст мегарданд. Ин навъи воҳидҳои нутқ, дар лаҳҷашиносӣ зери мафҳуми «калимаҳои хоси лаҳҷа» ё худ ба истилоҳ «диалектизмҳои лексикӣ» шинохтаву таҳқиқ карда мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки диалектизмҳо, аз як тараф, дар бобати ҷудо намудани як лаҳҷа аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ меъёр ҳисоб ёбанд, аз дигар тараф, онҳо барои фарқ намудани ин ё он лаҳҷа аз забони адабӣ хизмат мекунанд. Оид ба моҳияту мазмуни диалектизмҳо дар забоншиносӣ олимон кайҳо арзи ақида карда буданд. Дар луғати сеҷилдаи энсиклопедӣ, ки соли 1953

ба табъ расидааст, истилоҳи «диалектизм» ба таври зерин маънидод шудааст: «Калима ё ифодаҳое, ки ба ин ё он мавзеъ, ё ягон лаҳҷа дахл дошта, дар забони адабии умумихалқӣ дучор намеоянд» [312, с. 547].

Диалектизмҳо доираи муайяни истеъмоли худро доранд ва ҳатто, агар амиқтар назар афканем мебинем, ки дар баъзе мавридҳо маъною мафҳуми як вожа барои намояндаи лаҳҷаи дигар бегона буда метавонад. Масалан, таркиби луғавии *салту сувайт* (писари муҷҷарад) танҳо хоси лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор буда, барои намояндагони шеваи ҷанубӣ бегона аст.

Андешаи бархе аз забоншиносон оид ба диалектизмҳо тамоман дигар аст. Масалан, забоншиноси варзидаи рус В.А. Калинин овардааст, ки «калима, ибора, таркиби овозӣ ё аломати махсуси грамматикист, ки мансуб ба лаҳҷа буда, ҳамчун унсури забони адабӣ қабул кардани он мумкин нест» [113, с. 124].

Аксарияти диалектизмҳое, ки хоси гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор мебошанд, дар асарҳои шоирону нависандагон айнан дар ҳамин шакл корбаст шудаанд. Як қисми дигарашон дар гузашта дар забони адабӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, бо мурури замон ҷойи худро ба воҳидҳои лексикии дигар додаанд, аз қабили *лачак* (рӯймол), *равоқ* (раф), *зиреҳ* (гарданбанд), *қулфи геребон* (пешибарсӯзанак) ва ғайра:

То лачакдӯзӣ шуда занҷири мӯро дилписанд,

Шуд сари пасти лачакдӯзон зи савдояш баланд [328, с. 458].

Шарҳи истилоҳи диалектизм дар монографияи Ш. Исмоилов «Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт» хеле равшану возеҳ оварда шудааст: «Диалектизмҳои лексикӣ яке аз аломатҳои махсуси ҳар як лаҳҷаву шева ба ҳисоб мераванд, ки тавассути онҳо, аз як тараф, шеваю лаҳҷаҳо аз забони адабӣ фарқ кунанд, аз тарафи дигар, як шева аз шеваи дигар ва ҳатто як лаҳҷа аз лаҳҷаи дигар ё гурӯҳи лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ фарқ карда меистанд» [109, с .54].

Дар ҳақиқат, дар ин маврид, ақидаи профессор Ш. Исмоилов хеле ҷолиб аст, ки тибқи он миёни мардуми водии Ҳисор унсурҳои луғавие вуҷуд доранд, ки дар ин шакл корбасти онҳо дар дигар лаҳҷаву шеваҳо ба назар намерасанд аз қабили *қошуқча* (қисми пушти тоқипӯшак), *зywони хушдономан* (як навъи

тупакашак), *шерози ҷома* (оши угрои ғафс буридашуда), *owи даҳани мурда* (хамири аз ҳад зиёд расида) ва ғайра.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Р.И. Сангинова дар монографияи худ «Лексикаи лаҳҷаи Конибодом» оид ба истилоҳи диалектизмҳо чунин овардааст: «Диалектизмҳо нишонаҳои махсуси лексикаи ҳар як лаҳҷа ба ҳисоб мераванд» [188, с. 23].

Яке аз хусусиятҳои дигари диалектизмҳо он аст, ки решаи онҳо дар забони адабӣ вуҷуд надорад, ё худ шаклҳое, ки аз решаҳои адабӣ сохта мешаванд ва дар лаҳҷа маънои махсус пайдо мекунанд, диалектизми лексикӣ мебошанд. Ин гуна тафсир то андозае дуруст аст, зеро агар жарфтар назар афканем, дар ҳақиқат, баъзе аз калимаҳои лаҳҷавӣ аз решаи калимаҳои забони адабӣ сохта шудаанд. Масалан, калимаи *мелок* (чорбанде, ки дар он ширро мегузоранд), *ровак* (навъи гиёҳи шифобахши бӯйнок), *роғак* (чуқурӣ), аз решаи «мел» (шир), «ров» (навъе аз гиёҳ ва «роғ» (марғзор), ки дар гузашта ба ин маъниҳо корбаст мегардиданд, ба ин гурӯҳи калимаҳо дохил намудан мумкин аст .

Бояд гуфт, ки дар бобати ҷудо намудани диалектизмҳои лексикӣ аз дигар воҳидҳои луғавии забон ба ҳисоб гирифтани таносуби оҳангу маънии калимаҳо ба ашёву рӯйдодҳои олами воқеӣ ва муносибати этимологии онҳо нисбат ба ҳодисоти табиат дар доираи интишори шеваю лаҳҷаҳо аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, регионолект ё регионализмҳо аз диалектизмҳо ба куллӣ фарқ намуда, диалектизмҳо мафҳуми калимаҳои хоси лаҳҷа ва регионализмҳо мафҳуми луғати минтақавиро мефаҳмонанд, ки ҳар яке дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

1.5. Региолект ва муносибати он бо лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор

Водии Ҳисор дар чорсӯи бузург қарор дорад. Тавассути Роҳи Бузурги Абрешим ин водӣ дар тамоми ҷаҳон маъмулу машҳур гаштааст. Роҳи Бузурги Абрешим на танҳо боиси рушди некуаҳолии водии Ҳисор гашта тавонистааст, балки он ба таркиби луғавии лаҳҷаҳои ин мавзеъ низ бетаъсир намондааст. Ҳунару ҳунармандӣ мардуми ин мавзеъро.соҳиби фарҳанги бойу ғанӣ намуда, мардуми Ҳисори Шодмонро ҳамчун мардуми фарҳангофар дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда тавонистааст.

Ҳунару ҳунармандӣ чунон дар ин минтақа рушд намуда буд, ки ҳатто ба пайдоиши калимаву истилоҳоти *алочаи ҳисорӣ*, *ҷомаи ҳисорӣ, тоқии ҳисорӣ, кафши ҳисорӣ* асос гузоштаанд. Этнографи шинохта Н. Ершов қайд менамояд, ки Водии Ҳисор дар Бухорои шарқӣ бештар бо «алочаи ҳисорӣ» маъмулу машҳур буд [95, с. 3].

Маҳз ҳунармандӣ боис гаштааст, ки дар ин мавзеъҳо намояндагони якчанд забонҳо муҳоҷир шуда, сукунат гиранд. Лаҳҷаҳои сокинони Ҳисорро муҳаққиқон аз рӯйи хусусиятҳои фонетикӣ ва грамматикӣ ба гурӯҳи лаҳҷаҳои гузаранда байни лаҳҷаҳои ҷанубию шимолӣ дохил намудаанд. Ҳанӯз лаҳҷашиноси машҳур А.З. Розенфелд умумияти ин лаҳҷаҳоро бо лаҳҷаҳои соҳили рости Сурхоб, ки шеваи ҷанубӣ мебошад мушоҳида намуда, чунин ибрози ақида намудааст: «Дар асоси маълумоти на чандон зиёд, ки дар матбуот чоп шудааст, метавон ба чунин хулоса омад, ки ин лаҳҷаҳо ба лаҳҷаҳои саргаҳи Зарафшон, Мастчоҳ Ҳисор, шимолу ғарбии Кӯлоб баъзе умумиятҳо дорад» [182, с. 24]. Ин таснифот то андозае дуруст аст, аммо аз чӣ сабаб бошад, ки оид ба нутқи сокинони минтақаи Турсунзода (Регар), ки аксарияташон аз Балҷувон, Сарихосор ва Рашт (Ғарм) муҳоҷир шуда омаданд ва гуйиши онҳо ба шеваҳои ҷанубӣ мансубият дорад, чизе оварда нашудааст. Гарчанде мардуми куҳансоли ин мавзеъҳо бо факту далелҳо муҳоҷир шуда омадани худро исбот намудаанд.

Шояд дар он давра омӯзишу пажуҳишии ин лаҳҷаҳо то андазае аз мадди назари ин муҳаққиқон дур монда бошанд.

Бар хилофи гуфтаҳои боло муаллифони китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» чунин овардаанд: «Шеваи ҷанубӣ дар марказ ва ҷануби Тоҷикистон, яъне дар ҳавзаи рости дарёи Панҷ (Амударё), Вахш (бо шохобҳояш Сурхобу Хингоб), Қизилсӯйи Ҷанубӣ (бо шохобаш Ёхсу) ва Кофарниҳон паҳн шудааст. Мавзеъҳои ин водиҳо, ки бо номҳои Вахёи Пойин, Қаротегин, Кӯлоб ва Ҳисор машҳуранд, аз бобати ҷойгиршавии аҳолӣ хеле барвақт сурат гирифтаанд» [158, с. 5]. Албатта, таснифоти ин донишмандон хеле бамаврид мебошад, ки дар водии Ҳисор омезиши шеваи ҷанубӣ ва шимолӣ ба назар мерасад ва он таъсирашро ба гӯйиши мардуми ин мавзеъ гузошта тавонистааст.

Воқеан, аввалин маротиба донишманди рус Л.В. Успенская гӯйиши мардуми Ҳисорро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Пас аз омӯзишу пажуҳишии лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор, монографияеро бо номи «Каратагский говор таджикского языка» слли 1956 пешкаши аҳли илм намудааст, ки фарогири 126 саҳифа мебошад. Ин лаҳҷаҳо бо хусусиятҳои фарқкунандаи худ чунон диққати муҳаққиқро ҷалб намудаанд, ки дар як муддати на чандон тулонӣ ба омӯзиши лексикаи лаҳҷаҳои Ҳисор шуғл варзида, рисолаеро бо номи «Говоры таджиков Гиссарского района»-ро дар сли 1962 нашр намудааст, ки аз170 саҳифа иборат мебошад.

Гарчанде Л.В. Успенская дар ин рисола хусусиятҳои фонетикӣ ва морфологии ин лаҳҷаҳоро нишон дода бошад ҳам, аммо аз сабаби соҳибзабон набуданаш дар баъзе мавридҳо ҳангоми овардани мисолҳо ба хатоиҳо даст задааст. Масалан, муҳаққиқ, аслан, дар асари хеш лаҳҷаи тоҷикони Ҳисорро ба ду гурӯҳи калон гӯйиши кӯҳӣ ва гӯйиши водигӣ ҷудо намуда, дар мавриди овардани ҷумлаҳои лаҳҷавӣ ҷумлаҳоеро ҳамчун намуна овардааст, ки хоси мардуми ин мавзеъ набуда, ба гӯйиши мардуми вилояти Суғд мансубият доранд. Муҳаққиқ дар саҳифаи 80-ум ҷумлаи «Сатина рангаш ҳай-мӣ»-ро ба гӯйиши кӯҳӣ дохил намудааст [213, с. 80]. Ҳоло он ки, дар ягон лаҳҷаҳои водии Ҳисор истифодаи феъли «ҳай мӣ» ба назар намерасад. Инчунин, Л.В.

Успенская оид ба монанд доштани ин гӯйишҳо бо гӯйишҳои мардуми ҷануб чизе наоварда, диққати хешро бештар ба гӯйиши намояндагони шеваи шимолии ин мавзеъ равона сохтааст.

Дар водии Ҳисор якчанд регионолектҳои гуногун мавҷуданд, вале дар онҳо хусусиятҳои умумӣ ба назар мерасанд. Пеш аз он ки оид ба муносибати регионолект ба лаҳҷаҳои водии Ҳисор даст занем, бояд аввал фарқи худи истилоҳи регионолектро аз диалект нишон диҳем, ки ба андешаи мо чунин аст:

1) аз ҷиҳати ҳудуди интишор маҳдуд шуда, танҳо дар ҳудуди истиқомати субэтносҳо ба назар мерасанд;

2) аз ҷиҳати иҷтимоӣ маҳдуд шуда, нутқи одамоне, ки худро субэтнос мешуморанд ба ҳисоб меравад;

3) мавҷудияти якхелаи хусусияти забонӣ;

4) нуфузеро соҳиб мебошад, ки бо тасаввуроти мусбиати соҳибзабонон оид ба субэтнос алоқамандӣ дорад;

5) дар матнҳои бадеӣ, фолклорӣ ва рӯзноманигории намояндагони минтақаи муайян оварда мешавад. Масалан, оид ба назари дар матнҳои бадеӣ, фолклорӣ ва рӯзноманигории намояндагони минтақаи муайян корбаст шудани регионолектҳо чунин далелро пеш оврда метавонем. Калимаи «қӯзақарнӣ»-ро, ки маҳз, ба гуйиши мардуми ин мавзеъ мансубият дорад Мирзо Турсунзода, ки зодаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор мебошад, дар шеъри «Нақши пой» истифода намуда тавонистааст:

Агар барфи зимистон об гардад навбаҳор ояд,

Агар фасли гулу айёми парвози ҳазор ояд,

Барои *кузақарнӣ* ёр агар дар бешазор ояд,

Намоям пурсуҷӯ аз нақши пояш сабзазоронро [322, с. 50].

Калимаи «қузақарнӣ»-чора/чаґора дар забони адабӣ дар шакли «занбӯруғ» ва дар дигар лаҳҷаву шеваҳо дар шаклҳои «хоҷ», «телпаки морак» ва «сумаки аспак» шинохтаву пазируфта шудааст.

Ба масъалаи регионолект, асосан, забоншиносони рус бештар диққати махсус дода истодаанд. Забоншиноси рус И.С. Зварикина дар мисоли лексикаи

вилояти Астрахан ба масъалаи фарқ кардани ҳодисаҳои забоншиносии диалектӣ ва минтақавӣ дахл мекунад. Муаллиф ин ақидаро асоснок карда, чунин ибрози ақида намудааст: «Дар шароити муосири забонӣ бештар аз падидаҳои махсуси ҷиҳатҳои забоншиносии лаҳҷаву шеваҳо сухан рондан бамавридтар аст» [102, с. 210]

Регионолектҳо тавассути ҷаҳоне пайдо шудаанд, ки сокинони ин минтақаро иҳота намудааст, яъне тасвири забонии ҷаҳони қавму қабилаҳои ин мавзеъро нишон дода метавонанд. Масалан, калимаҳои *алоча* (навъи матои абрешимӣ), *кортан* (алочатан), *корез* (алочарангкун), *корпеч* (алочапечон), к*оргоҳ* (дукони алочабофӣ) танҳо хоси мардуми Қаратоғи водии Ҳисор буда, бо касби асосии занҳои ин минтақа, яъне бофандагӣ иртиботи зич доранд.

Забоншиносон низ дар пайдоиши регионолектҳо ин тарафи корро ба назар гирифта, далелҳои зиёд оварда тавонистаанд. Масалан, таҳлили регионолекти Забайкалро муҳаққиқи рус Т.Ю. Игнатович ба роҳ монда, дар он «наздикшавӣ (конвергенсия), табдил, сатҳи фарққунӣ ва инкишофи хусусиятҳои умумии маҳаллӣ»-ро қайд мекунад, ки дар зери таъсири равандҳои ҳамгирошавӣ (интегратсия) ба амал меоянд [13, с. 34]. Бо дар назардошти минтақашиносии сарзамини Астрахан чунин мегӯяд: «Шароити табиии вилояти Астрахан, ки бо фаровонии обанборҳо, дастрасӣ ба баҳри Каспий алоқаманд аст, далели он аст, ки яке аз ҳунарҳои асосии аҳолии ин минтақа моҳидорӣ будааст. Вобаста ба ин, дар забони мардуми ин вилоят воҳидҳои номбаркунандаи навъҳои гуногуни моҳиҳо хеле зиёданд» [13, с. 31].

Хусусиятҳои фонетикӣ низ дар регионолектҳои водии Ҳисор баръало намоён аст. Мардуми деҳаи Ҳакимӣ, асосан, сокинони кӯҳҳои осмонбӯси Ҳакимӣ бо садои баланд нутқронӣ намуда, суханро бо нидоҳои Ё, Ё. оғоз менамоянд: Ё, Ё да (р) *ҳаёчаи* (полез) шумо гов даромадай (Ҳ.Ш.). Худи истифодабарии калимаи *ҳаёча* (ҳаётча) дар ифодаи мафҳуми «полиз» аз гуногунии шеваи гуфтори ин мардумон шаҳодат медиҳад. Шояд ҷойгиршавии минтақаи зисташон онҳоро ба ин тарз сухан намудан водор сохта бошад. Дар баррасии ин ҷиҳати регионолектҳо муҳаққиқони бетараф набуда, ин сабабро низ

натиҷагирӣ намудаанд. Масалан, муҳаққиқи шинохтаи ин соҳа Л. Грузберг регионолекти сокинони минтақаи Пермро таҳлил намуда, асосан, ба хусусиятҳои фонетикии нутқи ин мардум диққати махсус дода, чунин овардааст: «Хусусиятҳои асосии регионолекти минтақаи дар назди об ҷойгирифта, бо доду фарёд сухан рондан ва аз ҳад зиёд кам кардани садонокҳо дар нутқашон мебошад» [80, с.14]. Пас, ба хулосае омадан мумкин аст, ки муҳити ҷуғрофӣ низ ба регионолект таъсирашро гузошта метавонад.

Боиси зикр аст, ки регионолектҳо дар водии Ҳисор ба як қаламрави муайян мансубанд. Дар онҳо мафҳуми фарҳангӣ, аз нигоҳи фарҳанг арзёбӣ мегардад, забони мардумӣ дар баъзе мавридҳо тобиши манфӣ мегирад. Масалан, дар маҳалли Ҳакимии водии Ҳисор ҷумлаи «Бачаҳаки очат мура»-ро ҳангоми ташрифи меҳмони гиромиқадр вирди забон меоранд, ки сирф хусусияти манфӣ дошта, аввал шунавандаро ба тааҷҷуб меоварад. Танҳо баъдтар, ҳангоми дарки маънои асосии он, ки «барои омаданат ман бимирам, қурбони қадамҳоят шавам» мебошад ва бевосита шахси гӯянда худро бачаи очаи меҳмони омада меҳисобад шунаванда қонеъ шуда метавонад.

Инчунин, дар регионолектҳои ин водӣ ба мисли дигар мавзеъҳо то андозае вожагоне, ки хоси забони мардумианду дар нутқи занон мавриди истифода қарор дорад, ба назар мерасад, аз қабили «манаҳчеката бандам», «тобутчеката барорам», «кафанаката шӯям», «мурдаҳаката ба тахта рост кунам» ва ғайра.

Регионолект, бешубҳа, мафҳуми забоншиносист, зеро хусусиятҳои минтақавӣ, ба гуфтаи муҳаққиқи рус Н.В. Хорошева «дар ҳама сатҳҳои забонӣ, вале равшантар дар сатҳҳои лексикӣ ва фонетикӣ зоҳир мешавад, дар ҳоле, ки хосияти синтаксисиро муайян кардан душвортар аст, зеро аксар вақт аз сохторҳои гуфтугӯйии умумӣ фарқ кардан душвор аст» [218, с. 33].

Ба ақидаи бархе аз забоншиносон истилоҳи «регионализм» дар қиёс бо истилоҳи анъанавии «диалектизм» шакл гирифта, воҳиди луғавии «лаҳҷа»-ро ифода мекунад. Масалан, ба ақидаи муҳаққиқи дигари рус Т.А. Кадоло истилоҳи «регионализм»-ро чун «калимаҳое, ки дар ҳудуди муайян амал

мекунанд ва дар луғатҳои тафсирии забони адабӣ дарҷ нашудаанд ва ё дар онҳо хусусиятҳои, маҳаллӣ, гуфтугуйӣ инъикос ёфтаанд» [112, с. 22].

Ба андешаи мо, таърифи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ Т.А. Кадоло то андозае андозае дуруст мебошад. Дар ҳақиқат, регионализмҳо дар мавзеъҳои муайян мавриди истифода қарор гирифта, дар луғатҳои тафсирии забони адабӣ тафсир карда намешаванд. Хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд, ҳатто метавонанд барои намояндагони дигар минтақаҳои як кишвар нофаҳм бимонанд.

Дар қаламрави ҷамоати деҳоти Навободи шаҳри Турсунзода дар сарҳади байни Тоҷикистону Узбекистон деҳаи Чиртак ҷойгир аст, ки гӯйиши ин мардум аз дигар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор ба куллӣ фарқ намуда, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Гарчанде, калимаҳои аз қабили *таркбандӣ* (бастани зардчуба ба сари кафида), *тоқибойғурдӣ* (бозии тоқипартойяк), *диёнбекиҳо* (доварон), *тарғарфа* (навъи хӯрок) ва ғайра хоси ин мардуманд.

Деҳаи мазкур бо номи Чиртак аз ибтидои асри XVIII мавҷуд буда, бо ҳамин ном то имрӯз арзи вуҷуд дорад. Мувофиқи нақли мӯйсафедон мардуми кӯчманчии арабу қазоқ ҳар вақт чорвою киштзорҳои беки Регарро, ки дар қалъаи Регар мезистааст, тороҷ мекардаанд. Бинобар ин, беки Регар ба беки Балҷувон муроҷиат карда, дархост намудааст, ки ба ӯ як даста мардони нотарсу далерро барои посбонии амволаш фиристад. Ҳамин тавр, гӯё аз ноҳияи Балҷувон, Муъминобод, Сарихосор, Файзобод шахсони ғаюрро чиртӣ (якачин) карда ба ихтиёри беки Регар мефиристанд. Беки Регар ба онҳо аз заминҳои Чиртак, яъне макони одамони чиртӣ (якачин шуда)-ро мегирад [206, с. 60].

Гарчанде гӯйиши ин мардум ба гӯйиши мардумони Балҷувон, Муъминободиҳо ва Файзобод шабоҳат дошта бошад ҳам, аммо бо мурури замон деҳаҳои Тошобод, Бештеппа, Шодмон Казоқ бо деҳаи Чиртак як регионолекти муайянро ташкил додаанд.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки калимаҳои дар боло зикршуда дар мавзеъҳои Балҷувон, Муъминобод ва Сари Хосору Файзобод мавриди истифода қарор надоранд.

Ҳамин тавр, дар водии Ҳисор ба ғайр аз лаҳҷаву шеваҳо якчанд гурӯҳҳои этникӣ истиқомат доранд, ки муносибати регионолект бо онҳо гуногун аст.

1. Регионолект ва муносибати он бо забони каволӣ. Дар водии Ҳисор ба ғайр аз лаҳҷаву шеваҳои мухталиф намояндагони гурӯҳҳои этникии гуногун истиқомат менамоянд. Донишманди шинохта И.М. Оранский оид ба забонҳои водии Ҳисор таҳқиқоти хешро ба анҷом расонидааст. Асосан, ин донишманд диққати хешро ба забонҳои каволӣ, ҷӯгиҳо, чистонӣ, соғутарош ва париён равона сохта, дар ин замина, монографияеро бо номи «Таджикоязычные этнографические группы Гиссарской долины» чоп намудааст, ки дар он оид ба хусусиятҳои фарқкунандаи ин забонҳо маълумоти муфассал дода тавонистааст.

Аз рӯйи андешаҳои бархе аз забоншиносон дар солҳои 1952-1953 дар шаҳри Кӯлоб намояндагони на чандон калони гурӯҳҳои этникие пайдо шудааанд. Мардуми Кӯлоб эҳсос намуданд, ки онҳо намояндагони забони дигар мебошанд, зеро ҳангоми муошират бо якдигар забони махсусеро истифода менамуданд, ки барои аҳолии тоҷикзабон ва узбекзабон нофаҳмо буд.

Ин гурӯҳҳои этникӣ дар минтақаи Кулоб ба касбу корҳои гуногун машғул шуда, бо мардуми маҳаллӣ унс гирифтанд. Миёни мардуми Кӯлоб бо номи каволӣ маъмул гаштаанд.

Аз рӯйи мушоҳидаҳои донишманди рус И. Оранский соли 1956 дар водии Ҳисор як гурӯҳи этнографӣ аз Афғонистон омада, маскан гирифта, дар байни мардуми Ҳисор бо номи «афғонҳои марҷонфурӯш» маъмул гардидаанд. Гарчанде, дар аввал оид ба баромади ин гурӯҳи этникӣ ягон маълумоти муфассал пайдо карда наметавониста бошанд ҳам, аммо баъзе тахминҳое мавҷуданд, ки гӯё «афғонҳои марҷонфурӯш»-и ҳисорӣ ва «кавол»-и кӯлобӣ ду шохаи як гурӯҳи этникӣ ё як забон маҳсуб меёбанд [164, с. 50].

Номгузории ҳар як забон дар водии Ҳисор бо ҳодисаву воқеаҳои алоҳида иртиботи зич дорад. Намояндагони забони каволӣ дар Хонақо, Гузари Афғонҳо (пас аз қишлоқи Гачак), Турба Қала (наздикии Чептура), Пахтаобод (ш. Турсунзода) истиқомат доранд.

Ба гуфтаи пирон, гузаштагони ин гурӯҳҳои этникӣ аз Балх (Мазори Шариф) ё тавре ки маълум аст, Хонобод (Афғонистон) ба Сталинобод гузаштата, баъд ин гурӯҳ пай дар пай дар Кӯлоб, Ҳисор, Шаҳринав ва дар охири солҳои 40-ум дар паси деҳаи Гачаки райони Ҳисор маскан гирифтаанд.

Албатта, аз рӯйи мушоҳидаҳое, ки намудем, гурӯҳҳои этникии «кавол» боз дар водии Ҳисор бо номҳои «афғонҳои рангфурӯш», «афғонҳои носфурӯш», «афғонҳои рӯймолфурӯш», «афғонҳои чарчинфурӯш», «афғонҳои марҷонфурӯш» ва айни замон бошад, бо номи «афғонҳои мӯйисарфурӯш» ва дар нутқи ҷавонон бо номи «афғонҳои бойчик» маъмуланд.

Гарчанде онҳо бо якдигар бо забони каволӣ сухан ронанд ҳам, аммо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо забони тоҷикӣ сухан меронанд, ки ин ҳодисаи муқаррарист. Чӣ тавре ки муҳаққиқи варзида В.И. Терекулов қайд намудааст, «дар зиннаи аввал ба этносҳои марбута забони алоҳида неву, балки забони умумӣ лозим аст, ки барои таъмин намудани якдигарфаҳмӣ дар доираи миллат истифода бурда мешавад» [200, с. 118].

Ин падидаро мо миёни дигар халқу миллатҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон истиқомат менамоянд, мушоҳида карда метавонем. Масалан, узбекзабонон низ миёни худ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо забони тоҷикӣ, яъне забоне, ки барои онҳо умумӣ шудааст, сухан меронанд ва забони узбекӣ барои узбекони дар ҳудуди Тоҷикистон маскан гирифтаанд, забони хонаводагӣ маҳсуб меёбад.

Оид ба «кавол» номгузорӣ шудани ин гурӯҳҳои этникӣ миёни муҳаққиқон фикру андешаҳои ҷолиб вуҷуд дорад. Намояндагони ин гурӯҳҳои этникиро мардуми Кӯлоб чунин номгузорӣ намудаанд.

Маълум аст, ки ҳатто номгузории ин гурӯҳҳои этникӣ аз шуғли дӯстдоштаи онҳо вобастагӣ зич дошта, дар заминаи он пайдо шудааст. Аз сабаби он ки дар айни замон мӯйисарфурӯшӣ касби асосии онҳо мебошад, дар байни мардумони водии Ҳисор онҳо бо номи «афғонҳои мӯйисарфурӯш» маъмул гаштаанд. Гарчанде дар водии Ҳисор онҳо ба касбу кори гуногун машғул шуда бошанд ҳам, аммо дар Кӯлоб шуғли асосии намояндагони ин гурӯҳи этникӣ бӯрёбофӣ будааст [164, с.75].

Дар минтақаи Кӯлоб ба мисли водии Ҳисор каволҳоро дар аксарияти ҳолатҳо ҷӯгӣ низ меноманд, аммо ин гурӯҳи этникӣ бо касбу кор ва намуди зоҳирӣ аз ҷӯгиҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Оид ба «кавол» ном гирифтани ин қавмҳо низ миёни худи ин мардум ақидаҳои ҷолиб мавҷуд аст.

Аммо муҳаққиқ М.И. Оранский овардааст, ки ба ин гурӯҳҳои этникӣ номи «кавол»-ро тоҷикони таҳҷойӣ ниҳодаанд, берун аз Кӯлоб онҳоро касе «кавол» наменомад. Ба ақидаи ин донишманд вожаи кавол бо калимаи форсӣ-арабии (gavvai) қиссагӯй алоқамандии зич дошта, ба пайдоиши номи ин гурӯҳҳои этникӣ асос гузоштааст [164, с. 57].

Шояд пайдоиши номи ин гурӯҳи этникӣ бо номи мавзеъ, яъне Кобул низ алоқаманд бошад. Аҷаб нест, ки мардуми тоҷик калимаи «кобулӣ»-ро ба нутқи худ мутобиқ намуда, дар шакли «каволӣ» мавриди истифода қарор дода бошанд.

Оид ба баромади номи «забони Шайх Маҳмадӣ» ҳаминро гуфтанием, ки худи ин мардум «насаби мо Шайх Маҳмадӣ, мо аз Афғонистон мегӯянд». Бо таъсири регионолектҳои водии Ҳисор мо васеъшавии калимаи «Шайх Маҳмадӣ»-ро эҳсос намудем, гарчанде дар ватани худ онҳо бо номҳои «афғон»-ҳо маъмул бошанд ҳам, аммо барои шинохти худ ҳамчун ақвоми алоҳида худро «Шайх Маҳмадӣ» номидаанд. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи регионолектҳо ба ақидаи муҳаққиқи рус И.С. Зваркина ин васеъшавии маънои калимаҳо мебошад [102, с.215], ки инро мо дар мисоли калимаи «Шайх Маҳмадӣ» дида метавонем.

Албатта, дар вожагони минтақавии ин гурӯҳи этникӣ калимаҳое ба назар мерасанд, ки маъноянашон васеъ гаштаанд, яъне ба худ маънои дигарро касб намудаанд, аз қабили *талхак* (пиёз), *уғра* (ош), *талхакӣ* (чой), *пълк* (мижгон), *чилпо* (каждум), *чоргул* (қоли бинӣ), *гӯрков* (як зергурӯҳи кавол), *камар* (сутунмуҳра), *ҳунар* (ҳила, макр), *гилпур* (ифлос), *лесак* (ранда), *лиф* (курпа) ва ғайра.

Гарчанде миёни мардуми водии Ҳисор онҳо бо маъноҳои дигар, яъне *талхак* (чизи талх), *уғра* (уғурча), *талхакӣ* (зардолуи талх), *пълк* (қисми болои чашм), *чилпо* (дайду), *чоргул* (рӯймол), *гӯрков* (қабркан), *камар* (миён), *ҳунар*

(пеша, шуғл), *гилпур* (сергил), *лесак* (чашмгурусна), *лиф* (мачалка) маъмуланд. Истифодаи ин гурӯҳи калимаҳо бо маъноҳои овардашуда танҳо аз ҷониби ин гурӯҳҳои этникӣ ба назар мерасанд, ки ба онҳо чизе асос шудааст. Масалан, каволиҳо тундро талх низ меноманд, аз ин лиҳоз, пиёзро *талхак* меноманд. Аслан, таъми чойи кабуд талх мешавад, ки ба пайдоиши калимаи *талхакӣ* асос гузоштааст. Дар гузашта аксарияти мардум имконияти ба обҷувоз рафтанро надоштанд, аз ин лиҳоз, пеш аз оне ки ош пазанд, шолиро ба уғурак андохта мекӯфтанд ва сипас, ош тайёр менамуданд, ки ин амали онҳо ба пайдоиши калимаи *уғра* ба ҷойи калимаи оши палов асос гузошт. Каждум чил пой дорад, яъне ин ном ҷавобгӯйи худ мебошад. Бештари занони каволӣ қоли биниеро истифода менамуданд, ки чор гул ва чор нигини хурдакак дошт, ки баромади номи *чоргул* аз ин ҷост. Як гурӯҳ намояндагони каволӣ пешаи гӯрканиро барои рӯзгузаронии худ интихоб намуда буданд, ки ҳатто, ин боис гашт онҳоро *гӯрков* номгузорӣ намоянд. Калимаи *камар* бар ивази калимаи сутунмуҳра истифодааш барои гуруҳи этникии кавалӣ қулайтар аст. Ҳилабозиву макр ҳам як навъи ҳунар аст, аз ин лиҳоз, калимаи *ҳунар* дар забони каволӣифодакунандаи мафҳуми найранг, макр ва ҳила мебошад. Калимаи *гилпур* дар ифодаи мафҳуми ифлос бамаврид аст. Дар даврони шуравӣ дар мағозаҳо дар кӯрпаҳои аз лиф омодашуда фурӯхта мешуд, ки ба пайдоиши калимаи *лиф* ба ҷойи кӯрпа асос гузошта тавонистааст.

Воқеан, калимаҳоеро ба мушоҳида гирифтем, ки таъсири лаҳҷаву шеваҳо ба онҳо нарасидааст, ба монанди *гаргул* (ҷавоҳироти занона) *ковус* (зарфи оҳанин барои ҷӯшонидани чой), *кирки* (тиреза), *тутави* (печка), *сурук* (ҳайвон), *бакрак* (кӯдак), *думбо* (гӯсфанд), *чамча* (қошуқ), *ҳаким* (духтур), *кирокаш* (аробакаш), *лапар* (каллапӯши мардонаи тобистона), *пайзор* (пойафзор), *панҷила* (дастпӯшак), *чӯбин* (козур), *такалту* (хурҷин), *авобилак* (фароштурук), *анки* (ранг), *дука* (хона), *лесак* (ранда), *мурчахатай* (қаланфур), *докаметарвегӣ* (каланд), *майобмеваршондагӣ* (сатил) *довоохол* (ҷав) ва ғайра.

Аксарияти ин воҳидҳои луғавӣ бо роҳи пайвастшавии ду калима, сохта шудаанд. Масалан, тухмбирён - *supol* (исм)+*biryn* (феъл); ҷорӯб -*dela*

(исм)+*meruftagi* (сифати феълӣ); каланд - *doka* (исм)+*metarvegi* (сифати феълӣ); сатил - *mayob* (исм)+*mevarshondagi* (сифати феълӣ); ҷав -*dowo* (исм)+*oxol* (исм) ва ғайра. Шояд дар ин маврид калимаҳои охол ва охур аз як реша ташаккул ёфта бошанд.

Бо таъсири регионолект ва гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор дар нутқи мардуми кавол истифодабарии калимаҳои *чалла, кулба, угро, зулфак, қулфак, гуловӣ, қарашқул, рафида, чалчиқ, ҳезум, қолдор, нофармон, рушод, ҷиғана обгирак, ҷаґел* ва ғайра ба назар мерасанд.

Тафовут бештар дар вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои хешовандӣ ба назар мерасад. Гарчанде калимаҳои умумиҳалқии бародар, хоҳар, бародарзода, хоҳарзода, амма, хола, таґо миёни ин мардумон маъмул бошанд ҳам, аммо калимаҳое ба назар мерасанд, ки танҳо хоси ин мардумонанд. Масалан, калимаҳои *або калон* (падаркалон), *ади калон* (модаркалон), *додо* (бародар), *удур* (амакӣ), *нану* (хоҳаршӯй) ва ғайра.

Ҳамин тавр, таъсири калимаҳои минтақавӣ ба забони каволӣ баръало намоён буда, гарчанде онҳо забони худро дошта бошанд ҳам, аммо, айнӣ замон танҳо мардуми куҳансол бо ин забон бештар муошират менамоянд.

2. Регионолект ва муносибати он бо забони ҷӯгиҳо. Чӣ тавре дар боло зикр намудем, дар кишвари мо, махсусан дар водии Ҳисор, бо баробари тоҷикон намояндагони дигар гурӯҳҳои этникӣ низ истиқомат доранд. Яке аз онҳо гурӯҳҳои этникии ҷӯгиҳо ба ҳисоб мераванд. Шояд сабаби зиёд муҳоҷир шудани ин гурӯҳҳои этникӣ бо ҳодисаҳои таърихии замони Темури ланг вобастагӣ дошта бошад, зеро бархе аз донишмандон маскан доштани ин гурӯҳҳои этникиро дар Самарқанду Бухоро ба мушоҳида гирифтаанд.

Аксарияти донишмандон оид ба забони ин гурӯҳҳои этникӣ таҳқиқот бурда, онҳоро тоҷикони арабзабон номидаанд. Оид ба баромад ва мавзеи зисту зиндагонии онҳо мақолаву асарҳои ин аҳвоми ҷудогона иншо гардидаанд. Масалан, шевашинос Ғ. Ҷӯраев, маҳз, ба таҳқиқи гӯйиши ин аҳвом даст зада, монографияеро бо номи «Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон» нашр намудааст. Оид ба маскан гирифтани ҷӯгиҳо дар ин асар чунин ибрози ақида намудааст:

«Маъхазҳои таърихӣ, маълумотҳои лингвистӣ ва нишондодҳои этнографию антропологӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки арабҳои Осиёи Миёна на танҳо ба як мамлакати муайяни араб нисбият доранд, балки онҳо ба ин сарзамин дар як вақти муайян низ наомадаанд» [228, с. 8].

Маълум гашт, ки аслан, маскан гирифтани ин гурӯҳҳои этникӣ дар Самарқанду Бухоро ба мушоҳида мерасидааст, аммо мувофиқи баъзе ривоятҳо, гӯё амир Темури ланг аз чӣ сабабе аз онҳо қасд гирифта, ба ин мавзеъҳо бадарға намудааст. Профессор Ғ.Ҷӯраев овардааст, ки «Темур адоват гирифта, хостааст, ки онҳоро ба воситаи хоки Осиёи Миёна ба Хитой бадарға кунад, аммо пири насиҳатгари Темур Мир Ҳайдар бо таваллову тазарруъ аз вай илтимос намудааст, ки аз гуноҳи онҳо гузарад. Гӯё, ба хотири ҳамин пири худ Темур розигӣ додааст, ки арабҳои «гунаҳгор» дар атрофи Ҳисор ва Қаршӣ ҷойгир шаванд» [228, с. 9].

То солҳои наздик намояндагони ин гурӯҳҳо тарзи зиндагиро ба оворагардӣ пеша карда буданд. Дар ин мавзеъ, гурӯҳи ҷӯгиҳо бо номҳои гуногун, ки аз рӯйи авлодҳояшон ба онҳо мардум дода буданд, истиқомат доранд, ки чунин аст: Саид-бахшӣ, Қунғуротбой, Азимбой ва ғайра. Гарчанде номи авлод аз рӯйи номи мардона гузошта шавад, аммо дар минтақаи Турсунзодаи водии Ҳисор Химчагул ном ҷӯгизане бо касабаи табибиаш номи авлодашро машҳур намуд, яъне номи авлод бо номи зан гузошта шудааст.

Намояндагони ҷӯгиҳои авлоди Азимбой забонашонро «авлодӣ» меноманд. Муҳаққиқи ин соҳа И.М. Оранский овардааст, ки забони модарии ҷӯгиҳои ҳисорӣ яке аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд ҷӯгиҳои калонсоли водии Ҳисор ба узбекӣ ҳарф зананд ҳам, аммо дар суҳбатҳои онҳо пайваста таъкид карда мешавад, ки забони модарии онҳо (zabon-i modari) маҳз, забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад [164, с. 111].

Дар деҳаҳое, ки онҳо истиқомат доранд масҷидҳо сохта шудаанд, аммо ибораи «ҷӯгӣ мусулмон нест» ҳамеша вирди забони мардуми таҳҷойӣ мебошад. Шояд сабаби пайдоши ин ақида ба хурофотҳои динӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, дар асоси одати гӯшти ҷайраро истеъмол намудани онҳо пайдо шуда

бошад. Инчунин, миёни мардумони маҳаллӣ ақидаҳое роҷеъ ба ин масъала вуҷуд дорад, ки яке аз хусусияти онҳо дар гузашта, ҳангоми гуруснагии сахт истеъмол намудани мурда аз ҷониби ҷӯгиҳо мебошад.

Мусаллам аст, ки дар ин забон ҳам ба мисли забони каволӣ васеъшавии маънои калимаҳо ба назар мерасад, ки намунаи онҳо *гӯрхона* (қабристон), *ширпулӣ* (маҳр) *гулангӣ* (гарданбанд), *тундӣ* (пиёз), *турва* (халта), *сафедӣ* (пахта), *майова* (тарбуз), *зардӣ* (сабзӣ), *касм* (ҳунар), *шилшила* (гарданбанд), *тутиё* (сурма), *созанда* (мусиқинавоз), *сухан* (суян) ва ғайра.

Новобаста аз ин, ҳаминро гуфтанием, ки забони онҳо забони тоҷикӣ буда, новобаста аз оне ки дар деҳаи Заркӯби шаҳри Турсунзода онҳо бо мардуми узбек якҷоя зиндагонӣ намоянд ҳам, аммо новобаста аз ин онҳо бо забони тоҷикӣ дар айни замон ҳарф мезананд. Баъзе калимаҳои узбекиро аз қабили *қизон* (духтар), *кӯйлакча* (курта), *чол* (шавҳар), *қалпоқ* (даҳанпӯш), *ачиқ* (талх) ва ғайра дар нутқи онҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Бояд ҳаминро ёдрас намоем, ки ҷӯгиҳои водии Ҳисор худро аз дигар гурӯҳҳои этникӣ, махсусан, аз гурӯҳои париён (ҷангар) ҷудо менамоянд. Агар оид ба баромади худи «ҷӯгӣ» диққат диҳем, албатта, миёни донишмандон дар атрофи пайдоиши ин истилоҳ баҳсҳои беканор вуҷуд доранд. Масалан, муҳаққиқи забони ин ақвом М.И. Оранский оид ба ин ҳодиса чунин андешаи хешро баён намудааст: «Рад кардан мумкин нест, ки баъзе аз ин гурӯҳҳои этникӣ, масалан ҷугиҳо, шояд дар ниҳояти кор мисли ҷугиҳои аврупоӣ ва рус зодаи Ҳиндустон бошанд, дар гузаштаи дур дар яке аз гӯйишҳои ҳинду-ориёӣ, ки баъдан аз забони тоҷикӣ (форсӣ) ҷой гирифтаанд, аммо дар ҳолати кунунии худ ин гурӯҳҳоро аз рӯйи таснифи забоншиносӣ бояд ҳамчун эронзабонӣ тасниф кунанд, на ҳиндузабон» [164, с. 109]. Гарчанде оид ба баромади ин гурӯҳҳои этникӣ ҳар як донишманд андешаи хешро ба таври гуногун баён намуда, яке онҳоро ҳиндузабон, дигаре арабзабон ва сеюмин эронзабон номида бошанд ҳам, аммо ҳаминро гуфтанием, ки онҳо бо лафзе гуфтор доранд, ки ба тамоми тоҷикзабонон ошно мебошад.

Илова бар ин, ҳаминро иброз намуданием, ки ба омӯзиши гурӯҳи ҷӯгиҳои водии Ҳисор аз лиҳози этнолингвистӣ ягон донишманд алоҳида машғул нагардидааст, ки баромади ин қавмро аниқ карда бошад, гарчанде ин як қавми алоҳида дар ин мавзеъ ба ҳисоб раванд ҳам, аммо оид ба хешигарӣ доштани ҷӯгиҳои водии Ҳисор, ки дар Самарқанду Бухоро бо номи «лӯлиҳо» маъмуланд, шубҳа надорем, умуман, лӯлиҳо ва ё ҷӯгиҳое, ки дар Осиёи миёна маъмуланд як қавму қабила маҳсуб меёбанд.

Қавмҳое, ки дар водии Ҳисор зиндагӣ менамоянд, калимаҳои гуногунро дар ифодаи мафҳуми «ҷӯгӣ» истифода мебаранд. Масалан, худи ҳисориҳо ва қаротегниҳо ин халқро «ҷӯгӣ» номанд ҳам, аммо дар байни мардуми узбекҳои Фарғона бошад, онҳо бо номи «лӯлӣ» маъмуланд. Қавмҳои қунғурот ва лақайҳои водии Ҳисор бошанд. ҷӯгиҳоро «мултонӣ» меноманд. Аҳвоми париён бошад, барои ифодаи чӯгиҳо вожаи «мазанг»-ро истифода менамоянд. Гурӯҳи чистонӣ ҷӯгиҳоро «гидойгир» меноманд. Барои гурӯҳҳои этникии соғутарош онҳо бо номи «ғарибако» маъмуланд.

Албатта, таъсири забони намояндагони водии Ҳисор ба ин гурӯҳҳо этникӣ низ назаррас буда, нутқи ҷӯгиҳои Водии Ҳисор аз дигар ҷӯгиҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Масалан, истифодабарии калимаҳои *таксарӣ* (болишт), *тағак* (шерозпоча), *нофармон* (ранги бунавш), *қирмизӣ* (ранги сурх), *қиндӣ* (курок), *қилвоч* (фароштурук), *ҷиғнакашак* (мӯйкашак), *ҷаґбут* (дақӣ), *мошова* (шӯрбои аз мош омодашуда), *қиёми зирк* (навъи дору), *ҷаґелак* (хамири ҳавло) аз ин шаҳодат медиҳад. Гарчанде дар нутқашон калимаҳое мавриди истифода қарор дорад, ки танҳо хоси забони онҳо мебошанд, аз қабили: *еварзан* (авсун), *дана*р (зан), *каланча* (кампир), ҳелангӣ/кӯкнорӣ (нашъаманд), *сурхӣ* (зардолу), *теґно* (теґ), *дадаґаз* (падар), *момаґаз* (модар), *почил* (пой), *фона* (чой), *куҳкӣ* (оҳангар), *келтақ* (шолӣ), *гурум* (маҷлис), *ҷондор* (гург), *ҷумалӣ/ ҷамолӣ* (мурґ), *ҷонвар* (ҷайра), *ноҳузӣ* (гилем), *бегӯшнок* (кар), *бебинӣ* (калуш) ва ғайра.

Маълум гашт, ки ба мисли забони каволӣдар нутқи намояндагони ин гурӯҳҳои этникӣ низ мавқеи калимаҳои мураккаб бештар назаррасанд, аз қабили пойафзордӯз - *pocil* (исм)+*dus* (феъл); либос - *sar* (исм)+*kala* (исм); себ -

sar (исм)+*daraxt* (исм); *талх* - *talx* (сифат)+*tum* (таъм); қолибинӣ - *xol* (исм)+*dini* (бинӣ)*;* эзор - *du* (шумора)+*linga* (исм); чойник - *fona* (исм)+*xur* (феъл); рубоҳ - *dum* (исм)+*daros* (сифат); занакбоз – *danam* (исм)+*dos* (феъл); миёнбанд - *вel* (исм)+*vanj* (исм) ва ғайра.

Ҳамин тавр, таъсири лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор ба гуфтори ҷӯгиҳо чунон назаррас аст, ки нутқи насли навраси ҷӯгиҳоро аз мардуми Ҳисор фарқ кардан мушкил аст.

3. Регионолект ва муносибати он ба забони чистонӣ. Дар водии Ҳисор намояндагони забони чистонӣ низ истиқомат менамоянд. Оид ба баромади гурӯҳи этникии чистонӣ низ миёни донишмандон ақидаҳои мухталиф вуҷуд дошта, то ҳанӯз пажуҳиши дақиқе, ки маҳз фарогири ин масъала бошад, вуҷуд надорад. Муҳаққиқ М.И. Оранский, ки маҳз, пажуҳиши худро ба забони қавмҳои водии Ҳисор равона сохта буд, тахмин намудааст, ки дар солҳои 50-уми асри ХХ дар минтақаи Кӯлоб одамон ин гурӯҳҳои этникиро мушоҳида намуда будаанд, аммо, баъдтар аён гашт, ки ин қавмҳо 5-10 оила дар мавзеъҳои Регар, Узун ва Сари Осиё, Деҳнав истиқомат доранд. Баромадашон аз Афғонистон буда, суннимазҳаб мебошанд [164, с. 148].

Худи намояндагони ин забон бошанд, забони худро «забони дуздӣ» меномидаанд Дар баъзе ҳолатҳо, онҳо забони худро «забони модарӣ» низ мегуфтаанд, оид ба забони модарӣ номидани забони ин халқ ягон шубҳае надорем, зеро аксарияти забонҳоро дар ин мавзеъ забони модарӣ меноманд.

Илова бар ин, қайд кардан ҷоиз аст, ки ин қавм миёни мардуми водии Ҳисор бо номҳои «кисабур» ва «каллабур» дар гузашта маъмул будаанд, ки ин номҳо дар асоси бебокию нотарсии онҳо пайдо шудааст. Ба ақидаи М.И. Оранский, гарчанде аксарияти донишмандон забони ин гурӯҳи этникиро бо забони каволӣ ва чӯгиҳо як медониста бошанд ҳам, аммо, новобаста аз ин, намояндагони забони чистонӣ худро афғон меҳисобидаанд.

Мардуми куҳансоли ин мавзеъ тахмин менамоянд, ки онҳо дар даврaҳои пеш, аз Кобул ба Осиёи Миёна сукунат кардаанд ва дар ҷанги соли 1917 рух дода, аксарияташон муқобили босмачиҳо баромада, сипас ба шаҳри Кобул

баргаштаанд. Аз рӯйи ақидаи М.И. Оранский ин гурӯҳи этникӣ боз ба се авлод ҷудо мешудаанд, ки бо номҳои «қаландар», «тутхӯр», «чумчуқгир/ғалбербоф» маъмул будаанд.

Гарчанде, тарзи зиндагӣ ва рафтору кирдори намояндагони ин гурӯҳҳои этникӣ аз тоҷикону узбекҳои дар водии Ҳисор истиқоматдошта ягон фарқият надошта бошанд ҳам, аммо саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро ин гурӯҳи этникӣ бо номи «чистонӣ» байни мардуми водии Ҳисор маъмул гаштааст. Албатта, дар атрофи ин масъала фикру андешаҳои ҷолиб вуҷуд дорад. Гарчанде забони ин халқ ҳангоми муошират дар ҷойҳои ҷамъиятӣ забони тоҷикӣ бошад ҳам, аммо дар баробари истифодабарии вожагони умумии гуфтугӯйӣ вожагони махсусеро, ки иборат аз калимаҳои нофаҳмо, махфӣ буда, ки дар мавриди зарурат ба сифати муодили маъноӣ амал карда метавонанд, истифода менамоянд. Таъсири лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ба ин гурӯҳи этникӣ чунон назаррас аст ва истифодабарии калимаҳои *ойнак* (тиреза), *овбориш* (борон), *зардак* (сабзӣ), т*амбу* (эзор) ва ғайра аз ин шаҳодат медиҳанд.

Теъдоди ками намояндагони ин гурӯҳ дар минтақаи Ҳисор истиқомат менамоянд ва калимаҳои аслиро танҳо аз нутқи куҳансол пайдо кардан мумкин аст. Дар айни замон, ин гурӯҳҳои этникӣ бо номи «афғонҳо» миёни мардуми Ҳисор маъмуланд.

Ҳамин тариқ, новобаста аз луғоти махсус доштани ин гурӯҳи этникӣ таъсири нутқи мардуми водии Ҳисор ба намояндагони забони чистонӣ баръало намоён буда, дар натиҷаи зиндагии чандинсолаи ин мардум ба вуҷуд омадааст.

4. Регионолект ва муносибати он ба забони соғутарош. Чӣ тавре дар боло зикр намудем, дар водии Ҳисор, ки ҳунармандӣ рушд намудааст, пайдоиши бисёр номҳо, махсусан номҳои гурӯҳҳои этникӣ, иртиботи зич дорад. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки пайдоиши номи гурӯҳи этникии «соғутароши ҳисорӣ» дар заминаи касби асосии онҳо чӯбтарошӣ ва қошуқтарошӣ пайдо шудааст. Муҳаққиқи ин соҳа И.М. Оранский қайд менамояд, ки соғутарошҳо дар гузашта хона надоштанд ва ба чӯбтарошӣ шуғл варзида, дар хонаҳои одамон вақт мегузаронидаанд, занҳо ба рангубори гаҳвора машғул буданд.

Аввалин маротиба бародарон Элмуродовҳо дар деҳаи Хонақои ноҳияи Ҳисор соли 1947 хона сохта, соҳиби манзили шахсии хеш гардиданд. Ва баъдтар онҳо дар ноҳияҳои Шаҳринав ва Регар маскан гирифтанд [164, с. 176]. Албатта, оид ба соғутарош номгузорӣ шудани онҳо миёни мардуми маҳаллӣ фикру андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Калимаи sjgu ба маъноҳои «нондон», «зарф барои нигоҳдории пилла», «зарф барои нигоҳдории орд» ва инчунин «зарф барои шӯронидани хамир» миёни ин мардумон маъмул мебошад, ки ин маъноҳо барои ба зуҳур омадани калимаи соғутарош замина гузоштаанд.

Ин аҳвом то ҳанӯз бо касби соғутарошӣ машғул буда, дар водии Ҳисор боз онҳо бо номҳои *кӯбтарош* ва *косатарош* низ маъруфият дошта, инчунин, онҳоро *табақтарош*, *косатарош* ва *косиб* низ меноманд. Соғутарошҳои ҳисорӣ худро гурӯҳи махсус меҳисобанд. Табақтарошҳо дар Самарқанд ҳам бо ҳамин ном маъмул будаанд. Шояд ин гурӯҳи этникӣ аз Самарқанд бо мардуми Даҳбед, ки дар Қаратоғ зиндагӣ доранд, ба ин мавзеъ якҷоя сукунат карда бошанд. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ ва аз рӯйи нақли мардуми маҳаллӣ онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: калта ва кӯканӣ.

Соғутарошҳоро мардуми Ҳисор «афғонҳои ҷӯгӣ» ва мардуми шаҳри Турсунзода, махсусан, деҳаи Чиртак ва гирду навоҳии он ҷӯгиҳои якумсорт меноманд, ки ин андеша ба ҳақиқат наздик нест. Оид ба гурӯҳи этникии махсус ҷудо намудани онҳо ҳаминро гуфтанием, ки ин тақсимот аз рӯйи кадом меъёрҳо гузаронида шудааст, ба касе маълум нест. Аз рӯйи андешаҳои баъзе мардуми куҳансоли маҳаллӣ соғутарошҳо намояндагони қавму қабилаҳои арабҳоянд. Ин андешаи онҳо дар заминаи оворагардии онҳо ба зуҳур омадааст, ки онҳоро бо қавму қабилаҳои арабзабон як мешуморанд.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, онҳо аввал дар оилаҳои мардуми маҳаллӣ истиқомат намуда, бо устогӣ машғул буданд ва то солҳои 50-60 асри ХХ манзили истиқоматии хешро надоштанд. Онҳоро боз афғонҳои чӯбтарош низ меноманд, ки дар пайдоиши ин ном ранги пӯсти онҳо асос гузоштааст. Аксарияти ин мардумон сабзинаранг мебошанд. Соғутарошҳо солҳои тулонӣ дар ин водӣ истиқомат дошта, худро муқими Ҳисор мешуморанд. Забони

соғутарошҳо ва шаклашон аз гурӯҳҳои этникии чӯгиҳо ва париён ба куллӣ фарқ менамоянд. Оид ба чӣ тавр маскан гирифтани ин мардумон дар ин мавзеъ ақидаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Агар бархе аз онҳо худро аз Самарқанд шуморанд, бархе аз дигарашон худро мардуми муқимии ҳисорӣ шуморида, мегуянд, ки онҳо аз деҳаи Чиртаки шаҳри Турсунзода ба ин мавзеъ маскан гирифта омаданд. Ин андеша то андозае дуруст аст, зеро дар айни замон низ устохонаҳои чубтарошӣ дар деҳаи Чиртаки Турсунзода хеле зиёд мебошанд.

Чӣ тавре ки маълум гашт, дар деҳаи Чиртак авлод/ уруғи *чӯбтарошҳо* ва *лакариҳо* истиқомат менамоянд. Маълум аст, ки ибораи «уруғи чӯбтарош» дар заминаи касби онҳо пайдо шудааст. Аммо роҷеъ ба пайдо шудани воҳиди луғавии «*уруғи лакарӣ*» миёни мардумони ин мавзеъ баҳсҳои доманадор вуҷуд доранд. Ба андешаи мардумони куҳансоли деҳа, гӯё сардори бофандаҳо Лутфулло ном дошта, ҳангоми ба ӯ доданӣ суоли ба куҷо меравӣ? Ӯ чунин ҷавоб медодааст: Лакар-лукур карда, ба корбофӣ рафта истодаам. Шояд ки барои пайдоиши ин ном ин ҷавоби ӯ асос гузоштааст. Ба андешаи бархе аз одамони дигар бофандаҳо аз деҳаи Лангарӣ ба ин мавзеъ маскан гирифтанд, ки боиси пайдо шудани ин ном гаштааст. Бархе аз одамони дигари деҳаи Чиртак мегӯянд, ки ин номро онҳо дар иртибот ба тарзи роҳгардиашон гирифтанд, яъне онҳо ба дӯконҳои бофандагӣ саросемавор мерафтанд, овози шарфаи пояшонро ҷариб ҳама мешунид, аз ин лиҳоз, ба ин авлод чунин ном доданд. Аслан, забони ин гурӯҳи этникиро аз забони мардуми тоҷик фарқ кардан душвор, аммо дар нутқи онҳо калимаҳое ба назар мерасанд, ки вобаста ба касби пеша кардаашон хусусияти хоси худро доро мебошанд, аз қабили *potigi* (пойафзор), *sogu* (нондон), *labgir* (як навъи махсуси ашёи чубтарошӣ ба монанди корд), *kaskord* (корди махсус барои тарошидани чӯб), *candow* (шоҳкоса) *gardis* (ғалбер). Дар Дарвоз вожаи *качкорд* бо номи *қошуққан* маъмул аст [164, с. 181].

Ҳангоми мушоҳидаҳо собит сохтем, ки ба гурӯҳи этникии алоҳида ҷудо намудани ин ақвом ва забони онҳоро забони махсус шуморидан аз ҷониби муҳаққиқони ин соҳа як муамоест, зеро нутқи ин мардум ба нутқи мардуми аз

деҳаи Даҳбед муҳоҷиршуда ба мардуми Қаратоғ шабоҳат дошта, хусусиятҳои фарқкунандааш камтар аст.

5. Регионолект ва муносибати он ба забони париён. Дар баробари гурӯҳҳои этникиие, ки дар боло қайд намудем дар водии Ҳисор намояндагони гурӯҳи этникии париён истиқомат менамоянд. Ин забони бехату беалифбоест, ки таърихи пайдоиши қадима дорад. Забони парён ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил аст. Мувофиқи пажуҳишиҳое, ки аз ҷониби донишмандони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шудааст, париёнҳо дар деҳаи Афғонобод, Қалъаи Ҳисор, Болои канал, деҳаи Қаҳрамони ноҳияи Шаҳринав, деҳаҳои Ҷаврат ва Санги Сафеди ноҳияи Турсунзода, ду-се хонавода дар деҳаи Навободи ноҳияи Исмоили Сомонӣ шаҳри Душанбе умр ба сар мебаранд [290, с. 4].

Дар гузашта намояндагони ин забон дар ин водӣ зиёдтар зиндагӣ менамуданд, ки маълумоти пешниҳоднамудаи муҳаққиқи ин соҳа М.И. Оранский аз ин шаҳодат медиҳад. Ба андешаи ин муҳаққиқ, намояндагони ин забон дар колхози Киров, маҳаллаи Пахтаободи шаҳриТурсунзода, деҳаи Лангари Боло, Хонақо ва колхози Москаваи Ҳисор умр ба сар мебурдаанд [164, с. 183]. Инчунин, айни замон онҳо миёни намояндагони шаҳри Ҳисор бо номи «пашту»-ҳо маъмуланд.

Таъсири регионолект ба мисли дигар забонҳо дар забони париён низ ба назар мерасад, намояндагони ин забон дар аксарияти ҳолатҳо он калимаҳоеро, ки хоси мардуми водии Ҳисоранд истифода мебаранд. Масалан, истифода намудани калимаҳои *учқун* (камтар), *алда кардан* (ором намудан) *сумбидан* (покӯб кардан), *тандурӣ* (дегдонӣ), *аруб*а (ароба) аз ин гувоҳӣ медиҳанд. Аммо агар жарфтарру амиқтар назар афканем дар ин забон калимаҳое ба назар мерасанд, ки танҳо маънову муҳтавои онҳо ба намояндагони мардуми водии Ҳисор ошно нестанд. Аз қабили: *ламо курта* (куртаи занона), *наринаги курта* (куртаи бачагона), *васкича* (камзӯлча), *ҷитӣ* (калӯш) *кайӣ* (табар), *боро датӣ* (дос), *мехтҳунал* (мехкаш), *чҳурӣ* (корд), *кҳарчӣ* (тоба), *андалӣ* (элак), *қинғола*

(зан, арус) *алмастӣ* (ачуза), думбо (гӯсфанд), *кҳота* (гусфанд), *коро* (асп) ва ғайра.

Дар аксарияти калимаҳои забони париён мавқеи пасванди–**ворӣ** назаррас аст, аз қабили-дасмолворӣ - *dasmal+vori*, *куморворӣ* - *kumor+vori*, *румолворӣ* - *Rucmal+vori*, *бурукворӣ* - *duruk+vori* ва ғайра. Забони ин гурӯҳи этникиро забони махсус номидан мумкин аст, зеро ин забон хусусиятҳои хоси худро доро мебошад.

Ҳамин тавр, таъсири регионолект ва гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор ба намояндагони гурӯҳҳои париён назаррас буда, дар натиҷаи зисту зиндагонии якҷояи онҳо ин раванд ба зуҳур омадааст.

1.6. Вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории мардумони водии Ҳисор

Гарчанде дарҷомеаи ҷаҳонӣ раванди пешравии босуръат дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ба назар расад ҳам, аммо ин боиси барҳам хӯрдани анъанаҳои фолклорӣ шуда наметавонад, зеро, маҳз ҳаёт, зисту зиндагонии мардум дар фолклор инъикос меёбанд. Фолклор ҳам ба шароит мутобиқ гардида, миёни халқ мавзуъҳои наве пайдо мегарданд, ки дар заминаи он мардум эҷодиёти минбаъдаи худро ба роҳ мемонанд. Масалан, дар айни замон, бештари рубоиҳое, ки аз тарафи мардум, махсусан мардуми водии Ҳисор, сароида мешаванд ба маросимҳои мардумӣ, вазъи иҷтимоӣ, муҳоҷиру мусофир гаштани мардум, алоқамандии зич доранд:

Ман садқа шавам ин ёри раҳдурира,
Ғамҳои дили дар ишқ сӯхтагира.
Ду чишмаки ман дар раҳи ту чор шудаст,
Худо бигира ин салту сувайтира (Ч.Т.).

***

Муҳоҷирбачае очат садқаи абрувот,
Россияги шудӣ рафтӣ, мондай нақши қадамот.
Ҳавлиҳаки падарита соҳиби бикун,
Молу мулки дунёра мебахшам барот (Қ.Ш.).

Воқеан, фолклор бо этнолингвистика робитаи зич дорад. Фолклор аз дигар сарчашмаҳо бо бойу ғанӣ будани жанрҳояш фарқ менамояд: рубоӣ, афсона, чистон зарбулмасал, мақол ва ғайра. Маҳз, фолклор нисбат ба дигар сарчашмаҳо ба хонанда аз бисёр ҷиҳат имкон медиҳад, ки ба ҷаҳони маънавии мардум амиқтар ворид шавад. Фолклор (махсусан, агар ба гузашта рӯ оварем) на танҳо оид ба яке аз зуҳуротҳои зиёди ҳаёти ҳаррӯза маълумот дода метавонад, инчунин, фолклор бо тамоми зуҳуроти худ, ба маънои том рӯзгори халқро инъикос карда метавонад [72, с. 175].

Мусаллам аст, ки оид ба таърихи пайдоши худи фолклор низ миёни донишмандони ин соҳа баҳсҳои беканор идома доранд. Дар кадом вақт ва дар куҷо ба вуҷуд омадани фолклорро аниқ муайян намудан ғайри имкон аст. Барои пайдо шудани ҳар як рубоӣ, суруд, тарона, қисса ва афсонае, ки аз ҷониби халқ иншо мешавад ягон ҳодиса сабаб мегардад, дар онҳо на танҳо рӯзгори мардум тавассути воситаҳои забонӣ, инчунин макон ва замон, тасвири забонии ҷаҳоне, ки он ақвомро иҳота намудааст, ифода меёбанд. Масалан, дар суруди халқии «Даргилмодик» дар намунае, ки И.И. Зарубин соли 1937 чоп намудааст, ҳатто номи қишлоқҳо низ зикр шудаанд:

Пеш-пешат якғуноҷин,

Модар аз Разуч, духтар – Даржомч [229, с. 30].

Шояд аввал ин байтҳо ва ҷумлаҳо буданду баътар ба достону қиссаҳо мубаддал гаштанд: ба маънои васеъ ва ба тариқи танг, мушаххас ё махсус гардонида шудаанд.

Мусаллам аст, ки фолклорро бархе аз донишмандон ҳамчун илми халқ, дар бораи гузашта, рӯзгори халқ, ақидаҳои онҳо муаррифӣ мекунанд, бархе дигар байни фолклор (фолклоршиносӣ) ва антропология аломати баробар гузошта, онро, умуман, илми башаршиносӣ (айни замон, антропология) медонанд. Мафҳуми фолклорро бархе аз мутахассисони ин соҳа бо этнография ва этнология якранг дониста, онро ҳамчун илми халқ ва анъанаҳои он меҳисобанд. Як зумра олимон фолклорро як фанни бештар махсус ва мутамарказ мешуморанд. Масалан, муҳаққиқи рус Ю.М. Соколов фолклорро «сегменти этнография» номида, дар баробари ин, исбот мекунад, ки фолклорро аз танқиди адабӣ, ба мисли оне. ки онро аз этнография ҷудо менамоянд, ҷудо кардан мумкин нест [196, с. 81-83].

Дар нимаи дуюми асри XX дар бисёр кишварҳо фолклор танҳо ҳамчун санъати халқие, ки дар шакли шифоҳӣ ифода меёбад, фаҳмида мешуд. Ин таҳқиқ ба фолклоршиносон ёрӣ расонд, ки марзу бум ва вазифаҳои онро равшан муайян намоянд, аммо, дар баробари ин, дастовардҳо дар аксарияти мавридҳо муҳаққиқонро водор месохт, ки ба таҳлили сирф адабӣ майл кунанд.

Фолклор низ ҷанбаҳои гуногуни ноомӯхта дорад. Яке аз масъалаҳои мубрами фолклор, дар айни замон, аз нигоҳи этнолингвистӣ омӯхтани он мебошад. Гарчанде дар солҳои охир сайу кӯшишҳои олимон дар бобати васеъ намудани доираи омӯзиши фолклор назаррас бошанд ҳам, вале омӯзиши он аз нигоҳи илми этнолингвистика аз ҷониби муҳаққиқон кӯшиши махсусро талаб менамояд, зеро маводи фолклорӣ дар этнолингвистика, чун анъана, яке аз воситаҳои умедбахши шинохти фарҳанги ибтидоӣ маҳсуб меёбанд.

Гарчанде оид ба фолклори тамоми мавзеъҳои мардуми тоҷик муҳаққиқон маълумотҳои зиёд гирд оварда бошанд ҳам, вале маводи мавҷуда фарогири тамоми ҷанбаҳои мавзуи мазкур буда наметавонанд. Таҳлилу таҳқиқи фолклор аз нигоҳи забоншиносиву этнолингвистӣ таҳқиқи мукаммалу муфассалро талаб мекунад.

Баробари фолклори дигар минтақаҳо фолклори мардумони водии Ҳисор низ миёни дигар мардумон маъруфияти хоссаро ба худ касб намудааст. Дар асл, матнависиву эҷодкории адибони шинохтаи ин мавзеъ ба монанди Бисмили Ҳисорӣ, Ушшоқ Мавлоно Евқотчии Ҳисорӣ, Абулазизи Хонақоҳӣ, Карим Девона, Мирзо Турсунзода ва Ҳомид Обидӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин мардумон маҳорати баланди эҷодкунӣ доранд.

Дар матнҳои фолклорӣ ҳангоми баён хусусиятҳои қавмии онҳо бештар ба назар расида, онҳо ба макон ва замон низ далолат менамоянд.

Дар ҳақиқат, ҳангоми омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои фонетикаву морфологияи ин лаҳҷаҳо Л.В. Успенская ба фолклори ин мавзеъ диққати махсус дода, дар саҳифаҳои 107-123 рисолаи ба лаҳҷаҳаи Қаратоғи водии Ҳисор бахшидааш, асосан, матнҳои фолклорӣ (афсона, рубоӣ, қиссаву ривоятҳо), ки аз забони мардуми таҳҷойии деҳа шунидаашро, гирд оварда, дар ин замина, намунаи нутқи лаҳҷавии тоҷикони Қаратоғро бо забони адабии тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ муқоиса намудааст. Муаллифро бештар суннату анъанаҳои хонаводагӣ ба худ ҷалб намудаанд, ки овардани афсонаи «*Мулло*» дар саҳифаи 109-и рисола аз он шаҳодат медиҳад. Муаллиф маросими

«*хонаба хондани хатм*», яъне гузаронидани маросими хатмбахшонро дар ин мавзеъ низ ёдрас намудааст [212, с. 109].

Инчунин, зиёдии матнҳои фолклорӣ дар мавзеъ ба худи баромади номи гурӯҳи этникии кавол, ки бархе аз донишмандан ин вожаро вожаи арабии gavvall қиссагӯй, ровӣ мешуморанд, далолат мекунад [164, с.57].

А. Вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклорӣ дар маросимҳои мавсимӣ. Маросимҳо низ як ҷузъи ҷудонопазири фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик маҳсуб меёбанд. Яке аз ҷашнҳои мавсимие, ки дорои суннату анъана ва маросимҳои миллӣ мебошад, ин ҷашни Наврӯзи хуҷастапай мебошад. Ин ҷашн бо маросимҳояш дар фолклори мардуми водии Ҳисор ба пуррагӣ инъикос ёфтааст. Калимаҳои ифодакунандаи маросимҳои наврӯзӣ то айни замон, дар забони мардуми ин мавзеъ ба пуррагӣ ҳифз шуда, аз насл ба насл гузашта истодаанд. Маросимҳои наврӯзӣ бештар дар рубоиёти мардуми водии Ҳисор инъикос ёфтаанд. Рубоихонӣ яке аз анъанаҳои мардуми тоҷик дар ин ҷашн ба ҳисоб рафта, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад.

Расму оинҳои зиёде, ки дар ҷашни Наврӯз дар водии Ҳисор гузаронида мешаванд, боиси пайдоиши як зумра вожаҳои фолклорие гаштаанд, ки ҳар яке аз онҳо дорои фалсафаи махсус мебошанд. Хусусиятҳои этнолингвистӣ бештар дар вожагони ифодакунандаи маросими *гулгардонӣ* ба назар мерасанд, ки ҳар яке аз онҳо мардумӣ ба назар мерасанд:

Дар дастаки ёракам бошад *гули қарақош*,
Атолаи кочиро тайёр кардам барош.
*Қарақош*и дастакаша ба қош молам,
Наврӯз раваму тамошо кунам симош (Д.Т.).

***

Ира шира хушат ба *гулгардонӣ*,
Аз рафтору кирдораки ман ҳайронӣ.
Чапчеки наврӯзета шероз гифтам,
Ба дардаки бедавои ман дармонӣ (Ш.Т.).

***

Дар кӯчаи мо буйи *гули наврӯзӣ,*

Дар дилаки ман ишқи ёри бачагӣ.

Гуфтум биравум хабар кунум хешоша,

Розигӣ диҳанд барои астардӯзӣ (Ҷ.Т.).

Дар пайдоиши ин рубоиётҳо вожаҳои *гулгардонӣ, гули наврӯзӣ, гули қарақош* нақши муҳимро бозидаанд. Инчунин, мавқеи калимаҳои фолклории *гули қарақош, чапонча, шероза, ёри бачагӣ, астардӯзӣ* низ назаррасанд, ки сирф хусусияти этнолингвистиро зоҳир намуда, тасвири забонии ҷаҳони мардумони водии Ҳисорро нишон медиҳанд.

Маросими дигари ҷашни Наврӯз *хонабуророн* мебошад, ки миёни мардумони шеваи ҷанубии водии Ҳисор бо номҳои «*сиёҳибуророн», «хонатакӣ*» ва байни мардуми Бадахшон бо номи «*чидирзе*» маъмуланд. Урфу одати офтоб намудани кӯрпаву болин, ва гилему қолинҳо дар ҷашни Наврӯз аз насл ба насл гузашта, дар фолклори ин мардум мавқеи муайянро ишғол менамоянд:

Шолакои хънара *офтов кардем*,

Ҷорубаки бастара таров кардем.

Наврӯзаки имсола пуфайз боша,

Лулаву якандозора поков кардем (Т.Ҳ.).

***

Дудаҳаку сиёҳиҳоя (ро) *берун карам*,

Аз қишлоқаки бегона келин карам.

Наврӯз шуду, идӣ барам барош,

Атласаку адраса тақдим карам (Б.Т.).

Воқеан, маросими *ҷуфтбуророн***,** ки вожагони он бештар хусусияти этнолингвистро зоҳир менамоянд, оғози кишту кори баҳорӣ буда, то имрӯз маъруфияти худро миёни ин мардумон гум накардааст. Ин маросим боз миёни мардуми тоҷик бо номҳои *ҷуфтбуророн, говбуророн*, *сарҷуфтӣ* маъмул аст. Рубоиётҳое, ки дар онҳо маросими *ҷуфтбуророн* сароида мешаванд, таҷассумкунандаи орзуву омоли мардуми тоҷик ба ҳисоб мераванд, аз қабили

Эй ёраки ҷон ҷуфтбурория сар кардӣ,

Ғамҳои *дили сӯхтайа* бадтар кардӣ.

Худ гуфта будӣ азизу ғамхори туям,

Аз гапакои гуфтагет ҳазар кардӣ (Н.Ш.).

***

Ҳамсоябача хушат ба *ҷуфтгардонӣ,*

Аз рафтору кирдораки ман ҳайронӣ.

Аз ишқаки ту дилкабобу маризам,

Бо ташвишҳои наврӯзекат саргардонӣ (Д.Т.).

***

Авлони сурха(ро) ба шохи говат бастам,

Аз қади баланду китфу бозут мастам.

Аз байнаки йгито (ҳо) туйя (ро) *таги чишм кардам,*

Як лаҳза бишин, ки интизорат хастам (Ҷ.Т.).

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, танҳо дар фолклор ҷанбаҳои ҳаматарафаи рӯзгори аслии халқ, орзуву омол азобу шиканҷа ба мисли оина инъикос меёбанд. Фарҳанги ҳар як миллат оинаест, ки симои воқеии ӯ дар он инъикос меёбад [244, с. 195].

Равғанаки заґера ба шохи гов молӣ ,

Ин дилаки ман аз ишқу ҳавасҳо холӣ.

Эй ёраки ҷон, биё, бишин дар баракам,

Буламоқ пазам, ҳам *кочиву чанголӣ* (Ш.Т.).

Маросими *аловпарак* (чоршанбесурӣ) низ миёни мардуми ин мавзеъ мақоми хосса дошта, яке аз оинҳои зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин маросим вожаҳои фолклории *аловпарак, чоршанбе, хаси чорраҳа, пири кор* мавриди истифода қарор мегиранд:

Ду *хасаки чорраҳая* имруз дуд кардӣ,

Қошои худа бо усма кабуд кардӣ.

Наврӯз шуду очаҳаки ту ризо нашуд,

Бо ваъдаи кардагет маро нобуд кардӣ (Ш.Т.).

Сабаби хоси эҷодиёти даҳонии халқ будани рубоӣ дар он аст, ки қариб ҳамаи рубоиҳои халқӣ дар мавзуи муҳаббат ва бевосита роҷеъ ба ишқи поки инсонӣ гуфта шудаанд [4, с. 105].

Эй ёраки ҷон, биё ба *аловпарак,*

Духтаройа бин шиштен ин ҷо қаторак.

Дар байнаки ду чинор ман ҳам шиштем,

Наврӯзаки имсолайа ба ман гӯйӣ муборак (Н.Ш.).

Дар фолклори ин мавзеъ бештар урфу одати оростани хони наврӯзӣ инъикос ёфтааст, истифодабарии калимаву истилоҳоти *суманаки кулчагӣ, суманаки бирёнӣ, суманаки ҳавлоӣ, суманаки отолагӣ*, *сақичак* аз он далолат менамоянд:

Суманаки *кулчагии* ман сурхакмӣ?

Сақичаки кардагии ман хуштаъммӣ?

Наврӯз шудасу мондам дегакома,

Тақсим кунам, аку суманаку сақичакома (Ш.Т.)

Дар ин маврид низ, тасвири забонии ҷаҳони мардуми Ҳисор ба назар мерасад, ки маҳз, дар маросими Наврӯз «суманаки сурхак» ва «сақичак»-ро омода менамоянд, ки ин калимаҳо барои намояндагони дигар забонҳо тамоман бегонаанд.

Суманаки ҳавлоима тақсим карам,

Дар рӯзаки сешанбе ирим карам.

Муҳоҷирбачаи раҳдури ман толеъ дорад,

Омад-омадаш шудасту гурум кардам (Қ.Т.).

Фолклор дар он ҳолате унсури ташаккули тавсифи этнографӣ шуда метавонад, ки тассавурот оид ба таърихи шакли он, сатҳи аслии он, дар бораи сохтори хос, репертуари жанрии он, дар бораи робитаҳои этникии он ба назар расанд. Дар умум, чӣ тавре ки дар дигар ҷанбаҳои маданияти халқ ин падидаҳо вуҷуд дошта бошанд [72, с. 182].

Ҳамин тариқ, тасвири забонии ҷаҳони ҳар як қавму қабила гуногун буда, дар он хусусиятҳои миллии забон ва фарҳанг таҷассум мегардад. Шарҳу

матнҳои муқаррарии забон ва маводи фолклорӣ дар ибтидо аз муҳимтарин ҷанбаҳои тафсири тавзеҳи лингвистикаи антропологӣ маҳсуб меёфт [135, с. 27].

Инсон қодир аст, ки тавассути забон фарҳангу тамаддун ва он оламеро, ки ӯро иҳота намудааст, таҷассум намояд. Тасвири ҷаҳон донишҳои шахс, этнос ва ҷомеаро оид ба ҳақиқати обективӣ инъикос менамояд.

Дар айни замон, мафҳуми «тасвири забонии ҷаҳон» маводи маъмули омӯзиш миёни мутахассисони фанҳо ва сатҳҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Мавзуи мустақили омӯзиш тасвири миллии ҷаҳон дар умум, ҳамин тавр, баъзе аз ҷузъҳои он консептҳо - гурӯҳҳои луғавӣ ба ҳисоб меравад.

Б. Вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклорӣ дар маросимҳои хонаводагӣ. Фолклор бо этнолингвистика иртиботи зич дошта, суннату анъана ва урфу одатҳои мардумӣ, хурофотҳои динӣ, маҳз, дар фолклор таҷассум меёбанд. Бештар истифодабарии рубоӣ, тарона, сурудҳои халқӣ дар маросимҳои хонаводагӣ ба назар мерасанд. Масалан, агар ба рубоиҳое, ки дар маросими «Чойгаштак» сароида мешаванд, амиқтар назар афканем, тамоман, барои дигар мардумон бегонаанд, зеро худи ин маросим хоси мардуми тоҷик аст. Унсурҳое, ки дар фолклор истифода мешаванд, чунон нозукона интихоб гардидаанд, ки бевосита дунёи ворисони он забонро нишон дода метавонанд. Дар фолклор, ҳатто, номи маросимҳои хусусияти халқидошта ифода гардида, бевосита аз расму русум ва анъанаҳое, ки миёни мардуми тоҷик солҳои тулонӣ инҷониб идома ёфта истодаанд, оварда мешаванд:

Чойгаштаки дугонема курта дӯхтам,
Хевараки дугонемба чишм андӯхтам.
Келин шаваму тагаки чимилиқ шинам,
Килиқои дугонема баъд омӯхтам.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин маросим одоби чойкашиву чойдарозкунии арус аз ҷониби занҳое, ки дар ин маросим иштирок менамоянд, санҷидаву озмуда мешавад, аз ин лиҳоз, чунин номгузорӣ карда шудааст. Аммо муҳаққиқ А. Аминов овардааст, ки мафҳуми чойгаштак метавонад шакли дигаршудаи калимаи «ҷойгаштак» бошад, зеро дар ҳамон маҳфил арус бо ҳамроҳи

дугонаҳои наздикаш, ки айни замон, бо истилоҳи шоҳид маъмул аст, як-як ба хонаҳое, ки дар онҳо меҳмонон ҳузур доранд, гашта, бо усули махсус таъзим менамоянд [4, с. 40]. Дар ҳар ду маврид ҳам тасвири забонии ҷаҳони мардуми тоҷик намоён аст, ҳам анъанаи ҷойкашӣ ва таъзимкунӣ.

Забоншиноси варзида А.С. Герд дар китоби «Муқаддимаи этнолингвистика» овардааст, ки маҳз, фолклор аз бисёр ҷиҳатҳо имкон медиҳад, ки амиқтар аз дигар маъхазҳо ҷаҳони маънавии мардумро бо олами тасвирҳои он ворид намуда, пешниҳод кунад ва дар ин ҷо ошкор кардани маънои аслии семантикии амиқи калимаҳои бо ин ё он ашё, маросим, боварҳо алоқаманд нақши босазоеро мебозанд [72, с. 475]. Ин андешаи забоншинос А.С. Герд то андозае дуруст мебошад. Масалан, ҳангоме, ки суруди «Шаҳ муборак бод» аз ҷониби ворисони лаҳҷаҳои Ҳисор сароида мешавад, метавонем бо ҷаҳони ин мардумон аз наздиктар шинос шавем. Ин суруд дар ҳар як деҳаи ин водӣ хусусиятҳои худро доро мебошад, ки намунаеро оварда тавонистем, аз қабили

Шаҳ муборак боде, домод саломат боде,
Домоди мо барои келин меравад.
Шаҳ муборак боде, домод саломат боде,
Ба аспи сафеди мармарин меравад.
Шаҳ муборак боде, домод саломат боде,
Бахмалаки сурхака пойандоз кунен.
Шаҳ муборак боде, домод саломат боде,
Домоди мо беҳтарин меравад.
Шаҳ муборак боде, домод саломат боде,

Бештар дар паҳн намудани маводи фолклорӣ мавқеи занон назаррас аст, зеро афсонагӯйиву рубоихонӣ бештар хоси занон аст. Ҳар қадар матнҳои фолклориро дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор аз назар гузаронем, мебинем, ки симои зан ҳамчун гӯянда дар нигоҳ доштани матнҳои фолклорӣ назаррас аст ва почаҳои зерин далели ин гуфтаҳост:

Келина мебарем, Қаратоғ, ёр, ёр, ёроне,

Мепазад гӯштаки шӯрток, ёр, ёр, ёроне.

Келини мо фаришта, ёр, ёр, ёроне,

Баҳунару басаришта, ёр, ёр, ёроне.

Яке аз хусусияти барҷастаи фолклор дар он зоҳир мегардад, ки тавассути ровиёну гӯяндагон аз даҳон ба даҳон гузашта, шакли махсусро мегирад. Масалан, ба ин мисол шуда метавонад, зарбулмасали «Кулол аз мундӣ об мехӯрад», ки миёни ин мардумон боз дар шакли «Ҳундӣ аз мундӣ об мехӯрад» маъмул аст. Ин зарбулмасал дар асоси мумсикии кулол, ки гарчанде кулол аст, аммо худаш аз кӯзаи хурди лабпарида об мехӯрад пайдо шудааст. Аксарияти мардумони самарқандиро дар водии Ҳисор яҳудӣ/ ҳундӣ меномиданд. Онҳо хеле басариштаву басаранҷом буда, беҳудаву баҳуда хароҷоти миёншикан намекарданд, ки ин амали онҳо барои ба зуҳур омадани зарбулмасали «Ҳундӣ аз мундӣ об мехӯрад» замина гузошта тавонистаст.

Ҳамин тавр, вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклорӣ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор назаррас буда, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

Дар асоси таҳлили мавод дар боби якуми рисола ба чунин **хулосаҳо** омадем:

1. Нақши этнолингвистика дар забоншиносии муосир бағоят калон буда, тавассути таҳқиқи этнолингвистӣ тасвири забонии ҷаҳони қавму қабилаҳо муайян мегарданд.

2. Шарҳу тафсири истилоҳи этнолингвистика аз ҷониби муҳаққиқон гуногун буда, ҳар як муҳақиқ фикру андешаи хешро оид ба ин истилоҳ ба таври хосса баён намуданд. Инчунин, ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар баъзе мавридҳо муҳаққиқон маънову мафҳуми истилоҳи этнолингвистикаро бо этнология ва этнография як мешуморанд, ки ин андешаҳо асоси илмӣ надоранд.

3. Омӯзишу пажуҳишии этнолингвистика ба ҳайси фанни таълимӣ аз солҳои 60-уми асри XX дар кишварҳои Амрико, Аврупо ва Россия оғоз гардид. Дар кишвари мо ҳам таҳқиқот дар доираи илми этнолингвистика ба назар мерасанд. Дар донишкадаву донишгоҳҳо ҳамчун фанни таълимӣ

этнолингвистика таълим дода мешавад. Рушди илми этнолингвистика дар кишвари мо аз зиёд будани халқиятҳо ва гурӯҳҳои этникӣ шаҳодат медиҳад.

5. Забон бо фарҳанг робитаи зич дошта, истилоҳоти фарҳанг аз нигоҳи забоншиносӣ шарҳу тафсири махсусро тақозо менамояд. Инчунин, ошкор намудем, ки дар гузашта калимаи «фарҳанг» маънои «кишоварзӣ»-ро ифода намуда, бо маънои ҳозирааш ягон иртиботе надоштааст. Ин маънои калимаи фарҳанг дар заминаи ҷашну маросимҳои кишоварзӣ пайдо шудааст.

6. Боварҳо низ ҷузъи асосии фарҳанги халқ ба ҳисоб рафта, аксарияти онҳо дар натиҷаи хурофотҳои динӣ, урфу одат ва суннату анъанаҳои мардумӣ пайдо шудаанд. Дар натиҷаи зисту зиндагонаи якҷояи мардуми рус бо мардуми тоҷик аксарияти боварҳо характери умумиистеъмолӣ пайдо кардаанд.

7. Ба омӯзишу пажуҳиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор олимону донишмандон хеле барвақт даст зада будаанд. Аввалин муҳаққиқони рус аз қабили М.С. Андреев, В.С. Расторгуева, Л.В. Успеская. Н. Ершов ба омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор даст задааанд. Гарчанде онҳо дар корҳои хеш истилоҳоти этнолингвистикаро мавриди истифода қарор надода бошанд ҳам, аммо ин таҳқиқот бештар хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамоянд.

8. Нутқи мардумони водии Ҳисор ба пайдоиши регионолектҳо заминаи мустаҳакам гузошта тавонистааст. Ба пайдоиши регионолектҳо мавқеи ҷуғрофӣ, касбу кор мавқеи мустаҳакамро бозида тавонистаанд.

9. Таъсири регионолектҳо ба гӯйиши гурӯҳҳои этникиии водии Ҳисор назаррас аст. Дар нутқи аксарияти намояндагони ин гурӯҳҳои этникӣ калимаву истилоҳоте мавриди истифода қарор мегиранд, ки сирф хусусияти маҳаллиро зоҳир менамоянд.

Гарчанде дар гуфтори гурӯҳҳои этникии кавол, ҷӯгиҳо, чистонӣ, соғутарош ва париён калимаву истилоҳоте. ки сирф хусусиятҳои этнолингвистиро зоҳир менамоянд, бештар ба назар расанд ҳам, аммо аксарияти ин вожаҳо бо таъсири суннату анъанаҳои мардумони водии Ҳисор ба ин гурӯҳҳои этникӣ пайдо шуда, аксарияташон калимаҳои умумиистеъмолӣ мебошанд.

10. Ба гурӯҳи алоҳида ҷудо намудани қавми соғутарош аз ҷониби донишмандони ин соҳа муамоест, ки то ҳанӯз роҳи ҳалли худро наёфтааст, зеро нутқи ин мардумон ба нутқи мардумони гӯйишҳои шимолии водии Ҳисор якранг буда, тафовутҳои назаррас ба мушоҳида намерасанд.

11. Намояндагони гурӯҳҳои этникии чистонӣ дар байни мардумони водии Ҳисор бо номи «афғонҳо» маъмул буда, шумораашон бениҳоят каманд.

12. Бо таҳлилҳо муайян намудем, ки дар вожагони фолклории гӯйишҳои водии Ҳисор бештар вижагиҳои этнолингвистӣ зоҳир мегардад. Дар онҳо бештар суннату анъана ва урфу одатҳои миллӣ таҷассум гардидаанд. Ҳангоми сурудани рубоёт ва сурудҳои мардумӣ мардумони ин мавзеъ чунон моҳирона калимаву истилоҳоти фолклориро интихоб намудаанд, ки барои хонандагон дарки давру замон осон мегардад. Аксарияти зарбулмасалу мақолҳое, ки миёни мардумони тоҷик вуҷуд доранд, дар гӯйишҳои алоҳида шакли худро тағйир дода, на танҳо хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамоянд, инчунин, хусусиятҳои сотсиолингвистӣ низ дар онҳо ба назар мерасанд.

БОБИ II

ТАСНИФОТИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ВА МАВЗУИИ ВОЖАГОНИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

2.1. Вожагони ифодакунандаи соҳаи чармгарӣ

Барои ҳифзи фарҳангу тамаддун ва забони ноби шевои худ миллати тоҷик ҳодисаҳои зиёди таърихиро пушти сар намуда, тавонистааст, ки бузургтарин дороии хеш, яъне забонашро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намояд. Пеш аз он ки номи миллат ва забони он таҳаввулоти таърихиро аз сар гузаронида, ташаккул ёбад, тоҷикон тули асрҳо барои истиқлолият ва ҳуввияти худ бо аҷнабиён муборизаҳои дуру дарози мазҳабию фарҳангӣ бурданд [247, с. 100].

Мусаллам аст, ки вожагони соҳаи ҳунармандӣ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷику хориҷӣ кайҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, аммо ҳамчун асари алоҳидаи илмӣ дар доираи лаҳҷаву шеваҳои муайяни тоҷик ба назар намерасад. Ногуфта намонад, ки бархе лаҳҷашиносоне, ки оид ба шеваю лаҳҷаҳои тоҷик таҳқиқотҳои мукаммалро ба итмом расонидаанд, ба ин гурӯҳи калимаву истилоҳот диққати махсус додаанд. Ҳанӯз дар солҳои 30-60-уми асри ХХ муҳаққиқи тоҷикони водии Хуф М.С. Андреев дар асари беназири хеш «Тоҷикони водии Хуф» оид ба баъзе калимаву истилоҳоти ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ маълумот дода, ҳатто, дар кадом мавзеъ ба ғайр аз водии Хуф мавриди истифода қарор доштани ин гурӯҳи калимаҳоро моҳирона муайян намудааст.

Лаҳҷашинос В.С. Расторгуева дар монографияи хеш «Очерки по таджикской диалектологии», ки дар он гӯйиши мардуми Шайдон, Ашт, Чуст ва Косонсойро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ба ин гурӯҳи калимаҳо диққати махсус дода тавонистааст. Масалан, муҳаққиқ дар ин асар овардааст, ки камзӯл-либоси болоии занона мебошад [173, с. 288]. Илова бар ин, ҳаминро дарҷ намуданием, ки дар тафсири баъзе истилоҳи соҳаи пазандагӣ ба хатоӣ даст

задааст. Масалан, роҷеъ ба калимаи қуйма чунин овардааст: «Қуйма - нони аз орди сафеди бо тухм шӯронидашуда» (лепёшка из белой муки замешенная на яйцах) [173, с. 72]. Ба назари мо, агар донишманди рус В.С. Расторгуева ин калимаро «маленкие шарооборазные мучное изделие, замешанные на яйцах и зеленью» тафсир менамуд, дар ин маврид ин калима маънои дар забони тоҷикӣ доштаи худро дода метавонист. Инчунин, забоншиноси варзида Т. Мақсудов дар асари хеш «Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара» ба калимаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ рӯ оварда, чунин иборози ақида намудааст: «Омӯхтани лексикаи соҳагии шеваҳо дар бобати нишон додани ҷараёни инкишофи ҳаёти моддӣ ва маънавии халқ аҳаммияти калони илмӣ дорад, чунки таърихи ҳар як истилоҳ бевосита ба таърихи предметҳо, ашёҳо, воситаҳои меҳнат, касбу кор - хулоса бо таърихи зиндагии халқ алоқаманд мебошад» [128, с. 99].

Баъдтар, профессор Ш. Исмоилов ин гурӯҳи калимаҳоро «калимаву истилоҳоти соҳаи касбу ҳунар» номгузорӣ намуда, истилоҳоти соҳаи бофандагӣ, оҳангарӣ, дуредгарӣ, кулолӣ, соҳаи шикорро дар гӯйиши мардуми водии Рашт ба риштаи таҳқиқ кашида, чунин овардааст: «Дар водӣ анвои касбу ҳунар хеле зиёданд. Вобаста ба ин, калимаву истилоҳоте, ки ба соҳаи ҳунармандӣ ва касбу кор иртибот мегиранд низ зиёд мебошанд» [109, с.104]. Албатта, агар жарфтар назар афканем вожаю истилоҳоти соҳаи шикор ба гурӯҳи калимаҳои соҳаи маишӣ марбут мебошанд.

Лаҳҷашиноси дигар Н. Гадоев низ ба ин гурӯҳи калимаҳо диққати махсус дода, ҳунари карбосбофиро пешаи аҷдодӣ ҳисобидааст [69, с.74].

Дар таҳқиқоти муаллифи монографияи «Лексикаи лаҳчаи Конибодом» Р. Сангинова бештар равона будани диққати муҳаққиқ ба таҳқиқи калимаву истилоҳоти соҳаи оҳангарӣ ба назар мерасад, ки ин ба ҳақиқат хеле наздикӣ дорад, зеро шуғли оҳангарӣ дар ин манотиқ хеле ривоҷ ёфтааст.

Дар забоншиносии тоҷик низ таҳлилу таҳқиқи калимаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд ва дар ин бахш рисолаву мақолаҳои зиёде аз ҷониби забоншиносони тоҷик рӯйи варақ оварда

шудаанд. Оид ба калимаву истилоҳоти ифодакунандаи касбу ҳунар муҳаққиқон Н.О. Шарофов ва Т.Қ. Ҷӯраев асари пурмуҳтавое бо номи «Лексикаи касбу ҳунар-сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик» пешниҳоди аҳли илм намудаанд, ки дар он калимаву истилоҳоти ифодакунандаи соҳаҳои гуногуни касбу ҳунарро таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Мавриди зикр аст, ки муаллифон тавонистаанд дар ин асари пурмуҳтаво тафовути калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунарро аз истилоҳот (терминҳо) нишон диҳанд: «Агар терминҳо ифодакунандаи мафҳуми расмии соҳаҳои маълуми илму техника, саноат, маданият ва иқтисодиёт бошанд, лексикаи касбу ҳунар, асосан, дар байни одамони машғули касбу ҳунар (косибон) кор фармуда мешаванд. Лексикаи касбу ҳунар калимаҳое мебошанд, ки дар давоми асрҳо аз тарафи аҳли ҳунар ба вуҷуд оварда шудаанд. Термин ба сифати номи ҳар гуна мафҳум пайдо нашуда, балки чун воситаи ифодакунандаи мафҳуми илмӣ асосан дар шакли хаттӣ ба вуҷуд меояд. Лексикаи касбу ҳунар бошад, бештар дар байни ҳунармандон дар ҷараёни кор ва гуфтугӯ пайдо мешавад. Лексикаи касбу ҳунар чун терминҳо дар миқёси васеъ истеъмол намешавад, бинобар ин, вариантҳои шевагии лексикаи касбу ҳунар низ мушоҳида мешаванд. Масалан, хумдонро дар баъзе маҳалҳо хумб (Яғноб), пэр (Файзобод), пермонӣ (Қаротегин) ва сӯз (Бадахшон) меноманд» [233, с. 5-6].

Ногуфта намонад, ки забоншиноси дигари тоҷик С. Иброҳимов вожагони ифодакунандаи касбу ҳунарро ба риштаи таҳқиқ кашида, асареро бо номи «Профессиональная лексика узбекского языка» пешкаши аҳли илм намудааст, ки дар он оид ба вожагони ҳунармандии забони тоҷикӣ низ маълумоти муфассалро дода тавонистааст, зеро муҳаққиқ дар вақти таҳқиқи вожагони ифодакунандаи касбу кор ба маҳалҳое, ки мардуми он тоҷикзабонанд рӯ овардааст, ба монанди Хуҷанд, водии Фарғона, Бухоро, Самарқанд ва ғ [105, с. 50].

Инчунин, С. Ҳалимиён вожагони касбу ҳунарро дар осори Сайидои Насафӣ чунон моҳирона ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки ҳангоми мутолиаи он шахс ба тааҷҷуб меояд. Андешаи муаллиф оид ба таҳлили амиқро талаб

намудани ин гурӯҳи калимаҳо хеле бамаврид аст: «Вожаҳои пешаварӣ кор як ҷузъи муҳимми таркиби луғавӣ буда, таҳқиқу таҳлили амиқро тақозо менамояд» [221, с. 12].

Дар забоншиносии рус ин мавзуъ мавқеи хоссаро ишғол намуда, масъалаҳои гуногуни лексикаи соҳаи ҳунармандӣ дар солҳои охир аз ҷониби донишмандони рус матраҳ гардидаанд. Масалан, муҳаққиқи рус М.М. Сивороткин дар рисолаи номзадии хеш «Лексика ремёсел и промыслов русского населения низовьев реки Серёжа», ки соли 1981 дифоъ намудааст, доир ба вожагони соҳаи ҳунармандии мардуми руси соҳили дарёи Серёжа таҳқиқоти мукаммалеро ба сомон расонидааст [29, с. 24]

Ин мавзуъ баъдтар низ миёни забоншиносони рус мубрамият пайдо мекунад, ки инро дар кори таҳқиқотии дигар лаҳҷашиноси рус А.В. Маринин таҳти унвони «Лексика промыслов и ремесел в говорах Вадского района Нижегородской области» [22, с. 25] дида метавонем.

Омӯзишу пажуҳиши вожагони соҳаи ҳунармандии водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ як таҳқиқоти мукаммалеро тақозо менамояд. Дар вожагони соҳаи ҳунармандию маишии водии Ҳисор, аслан, калимаву истилоҳоте корбаст мешаванд, ки аз даврaҳои аввали рушди забонамон сарчашма гирифта, аксарияташон ба забони адабиву китобии тоҷик марбутанд. Дар китоби «Забони миллат - ҳастии миллат» муаллиф овардааст, ки «Парвиз Нотили Хонларӣ ва И.М. Оранский, чунонки гуфтем, ҳарчанд ҷонибдори ақидаи интиқоли ин забон аз ҷанубу ғарб ба шимолу шарқанд, боз ҳам минтақаи ривоҷу равнақи ин забонро ибтидо ба шарқу шимоли Эрони шарқӣ мансуб медонанд» [250, с.129]

Хонларӣ дар тавқияти ин матлаб меафзояд, ки шоирони он даврон,» ғолибан, ба яке аз шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Балх, Марв, Тӯс ва ободиҳои дигари Хуросон мансуб ҳастанд [167, с. 9].

Ин андеша то андозае дуруст аст, зеро аксарияти одамони соҳибилму соҳибмаърифат зодаи Самарқанду Бухорову Балх будаанд. Онҳо на танҳо бо соҳибилмиву соҳибмаърифатии хеш миёни дигар қавмҳо шуҳрат ба даст оварда

тавонистанд, инчунин, бо ҳунармандиву кордонии хеш тоҷиконро дар ҷаҳон овозадор намуданд. Дар ин маврид, мо метавонем номи фарзандони фарзонаи миллат Абуалӣ ибни Сино, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Носири Хусрав, Сайидои Насафӣ ва дигаронро ҳамчун намуна орем, ки ба ғайр аз шеъру адаб ба корҳои ҳирфаӣ ва касбии худ низ машғул буданд.

Гарчанде як бахши махсуси ҳунармандӣ соҳаи чармгарист, аммо ба таҳлили ин соҳа аз нигоҳи этнолингвистӣ муҳаққиқон диққати ҷиддӣ надодаанд. Дар очерки этнолингвистии муҳаққиқи рус Н. Ершов «Каратаг и его ремесло» оид ба ин касб маълумотҳо ба назар расанд ҳам, аммо ҷанбаҳои ҳаматарафаи мавзуи мазкурро фаро гирифта наметавонанд. Н. Ершов диққати хешро бештар ба кафшдӯзӣ равона намудааст.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, дар ин маврид рӯ меорем, ба тасвири забонии ҷаҳони ин ақвом, оламе, ки мусобозориҳоро иҳота карда буд имкон намедод, ки занҳои мусобозорӣ кафшҳои пошнобаланди чиллодор пӯшанд, зеро шуғли асосии ин мардум чорводорӣ буд. Шипак ифодакунандаи маҳфуми пойафзори бепошна аст. Албатта, калимаҳои мукӣ ва чоруқ дар нутқи мардуми куҳансоли ин мавзеъ мавриди истифода қарор доранд, зеро як давре, ин ашёҳо дар бозор харидорони зиёд доштанд, аммо бо мурури замон ҳоло истифодаи он аз миён рафтааст, зеро пойафзорҳои дигари навсохт ҷойи онро иваз кардаанд. Мукӣ пойафзори тобистона аст ва мардуми кӯҳистон барои бадошт будани чармаш онро харидорӣ менамуданд. Чоруқ бошад, пойафзори зимистонаи сабук аст, ки барои пӯшидани ҳаррӯза тавсия мешуд.

Муҳаққиқи лаҳҷаи Тагнов Гадоев Н. дар китоби «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» оид ба калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи пойафзор чунин ишора намудааст: «Воҳиди луғавии чоруқ номи пойафзорест, ки мисли чамбӯс аст. Чоруқ аз лаҳҷаҳои шимолии Кулоб ба ин лаҳҷа гузаштааст. Ҳоло ин пойафзорро дар ин мавзеъҳо касе намепӯшад. Барои ҳамин ин калима ба гурӯҳи вожаҳои куҳнашуда дохил мешавад. Ба ҷойи ин воҳидҳои архаистӣ, ба лаҳҷа, калимаҳои ифодагари номи пойафзорҳои нав дохил шудаанд. Инҳо попӯшӣ

(номи умумии пойафзол), патинка, масҳӣ, калӯш, кетӣ, бастаночка, туфлӣ, бутӣ, шълопък, шълопинса ном дорад» [69, с. 79].

Вожаи *чоруқ* сирф лаҳҷавист ва онро мардуми маҳаллӣ *«хомак»* низ мегӯянд (пойафзори сабукест, ки аз пӯсти каллаи барзагов сохта мешавад) ва банди он *чоруқбанд* ном дорад. Инчунин, воҳиди фразеологии «чоруқо ғалбер шудан» ба маънои «роҳи дур рафтан» дар нутқи ворисони ин лаҳҷаҳо серистеъмол аст.

Таҳлилу таҳқиқи калимаву истилоҳоти соҳаи чармгарӣ дар корҳои забоншиносону лаҳҷашиносони тоҷик ба назар расад ҳам, аммо маводи пешниҳоднамудаи онҳо фарогири ҷанбаҳои ҳаматарафаи ин калимаву истилоҳот аз нигоҳи этнолингвистӣ буда наметавонад ва омӯзишу пажуҳиши амиқро талаб менамояд.

Ҳангоми куштани мол қассобон, маҳз, ба ҷудо намудани пӯсти он диққати махсус дода, пӯстакро ҳамчун маводи лозимӣ истифода менамоянд. Дар ин мавзеъ ибораҳои *моли ҳалол* ва *моли ҳаром* вирди забони мардум аст. Худи куштани мол як анъанаест, ки аз гузаштагонамон ба мерос мондааст. Пеш аз куштани мол гузаронидани маросими «хатмбахшон» ҳатмист, зеро дар ин мавзеъ, аввал, хатмбахшон намуда, арвоҳонро розӣ менамоянд ва баъд, молро мекушанд. Ҳангоми куштани мол калимаҳои *ҳалолкунӣ, макзанӣ, пӯстҷудокунӣ, гӯштқимакунӣ* вирди забони ин мардум мегардад. Дар вожагони ин соҳа калимаи пӯст мавқеи муайянро ишғол намуда, таркибҳои зиёде бо ин реша сохта шудаанд, аз қабили *пӯстак, пӯсткан, пӯстфурӯш, пӯстрангкун* ва ғайра. Дар пайдоиши ибораҳои халқии *пӯст кандан* (азоб додан), *пӯст рафта ба устухон часпидан* (лоғар шудан), *пӯстба коҳ ҷой кардан* (шиканҷа додан) низ мавқеи калимаи *пӯст* калон аст. Ногуфта намонад, ки вожаи *хомталош* низ бо куштани мол иртиботи зич дошта, каме тафсирро мехоҳад. Аслан, анъанаи гузаронидани хомталош дар Иди Рамазон ва Иди Қурбон гузаронида мешавад. Молро кӯшта, гӯшти онро хом ба мардум тақсим менамоянд, яъне одамон талош менамоянд гӯштро хомо-хом гиранд. Ин калима аз ду реша *хом* ва *талош* сохта шудааст.

а) вожаҳои марбут ба ҳунари сурфадӯзӣ: *тулум* (халтаи чармин барои тайёр намудани панир), *тулумдӯз* (шахсе, ки ба тулумдӯзӣ машғул аст), *машкоб* (халтаи чармин барои нигоҳ доштани об), *кемухтгарӣ* (як шохаи чармгарӣ), *кемухтгар* (чармгаре, ки бо роҳи ошдиҳӣ аз пӯсти ҳайвон чарми донаҳои майдадошта ҳосил мекунад), *сақов* (марде, ки сари чорворо бурида ба қассоб медиҳад), *сароч* (марде, ки зини аспу хар, афзори онро месозад) *куҳнадӯз* (устое, ки пойафзори даридаро таъмир мекунад) ва ғайр. Маънои ин калимаҳо аз байни мардумони ин мавзеъ дур рафта наметавонад. Соҳаи чармгарӣ калимаву истилоҳоти зиёдеро дар бар мегирад, аммо айни замон, ҳамаи онҳо мавриди истифода қарор надоранд, зеро чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, ба аксарияти ашёҳое, ки чармгарон тайёр менамоянд, мардуми водии Ҳисор ба мисли дигар минтақаҳо ниёз надоранд.

Чармгарон то айни замон сурфа тайёр менамоянд, зеро ягон зани тоҷикеро намебинем, ки дар зиндагии хеш сурфаро истифода нанамояд. Аслан, дар ин бахш, калимаҳои *сурфабур, сурфадӯз, сурфапарто, сурфаҒундор* ба назар мерасад, ки маънои луғавии ин калимаҳо ба ҳамаи тоҷикзабонон маълум мебошанд**.** Аксарияти урфу одатҳои мардуми тоҷик бо сурфа иртибот дорад. Масалан, ҳангоми ба сафари дурудароз рафтани фарзанди хеш модарон «Писарам баргардад сурфаи мурод мекушоям» вирди забони онҳост. Ҳатто, номи маросим *сурфакушоён* (оши бивиҳо) низ ба ин навъи ҳунармандӣ алоқамандии зич дорад. Аслан, маросими *сурфакушоён*-ро занҳои тоҷик пеш аз туйи хатна ва туйи арусӣ, дар рӯзи сешанбе оғоз менамоянд. Дар ин маросим, ҳатман, аввал, хӯроки ширӣ мепазанд, зеро ранги сафед кушоиши кор аст. Сипас, дар болои сурфа, қанд мавиз, сето фатирро гузошта, ба гузоридани ин маросим оғоз менамоянд, ба занҳои дар он ҷо ҳузурдошта бибиотун қанд, мавиз ва фатирҳоро тақсим карда, бо ин васила, маросими сурфакушоёнро мегузаронад.

Боварҳое, ки бо сурфа алоқамандӣ доранд:

Пеш аз оне, ки ҳалли масъалаи зеринро даст занем, бояд аввал ба пайдоиши «боварҳои мансуб ба асбоб ва анҷоми рӯзгор» ҳамчун маводи

фолклорӣ каме равшанӣ андозем. Боварҳо як намуди маводи фолклорӣ буда, таърихи пайдоиши хеле куҳан доранд. Боварҳо аз замонҳои хеле қадим пайдо шуда, бо мифология иртиботи ногусастанӣ доранд. Гарчанде аксарияти онҳо дар асоси ягон ҳодиса ва воқеаҳое, ки пас аз онҳо нохушӣ ба вуҷуд омадааст, пайдо шуда бошанд ҳам, аммо қисми зиёди онҳо бофтаанд.

Муҳаққиқи дигари тоҷик иртибот надоштани мафҳуми калимаи «бовар»-ро бо калимаи «шигун» ошкор намуда, овардааст: «Боварҳо ва таъбирҳо дар маҳаллу минтақаҳои Тоҷикистон бо номҳои ирим, ақида, боварҳо, фол, қарина ёд мешаванд, вале бояд эътироф намуд, ки вожаҳои мазкур ва ҳамчунин, ин калимот шугун маънои аслии ин намуди маънавиятро дуруст ифода карда наметавонанд. Масалан, шугун танҳо аломат, ё хабари хурсандибахшро ифода менамояд» [9, с. 9].

Агар сурфаро беорд монӣ, баракати хона мепарад.

Агар сурфаро зани нопоккушояд, ризқу рӯзӣ гум мешавад.

Агар сурфаро дар шаб афшонӣ, дар он хона қашшоқӣ мешавад.

Агар сурфаро чаппа таҳ кунӣ, дар хона нохушӣ рӯй медиҳад.

Агар сурфаро зани бетаҳорат партояд, гушнагии сахт меояд.

Ҳамин тавр, калимаҳои марбут ба ҳунари сурфадӯзӣ дар асоси урфу одат ва суннату анъанаҳои мардумони водии Ҳисор пайдо шудаанд.

б) вожаҳои марбут ба ҳунари кафшдӯзӣ: *чакӣ* (кафши пошнапаст), *кафши чорангушта* (кафше, ки андозааш чор ангушт аст), *кафши зимистон*а (кафше, ки барои гузаронидани зимистон тавсия шудааст) ва ғайра.

Кафшдӯзӣ аз бахшҳои хеле маъмул дар силсилаи соҳаҳои мухталифи ҳунармандӣ миёни косибони Ҳисор маҳсуб мешавад. Кафшдӯзӣ чун соҳаи махсус истилоҳоти фаровонро дар бар мегирад, ки он истилоҳот аз лиҳози маънӣ ва тобишҳои семантикӣ аз якдигар ҷудо шуда меистанд. Ҳангоми пӯшидани кафш дар нутқи мардумони водии Ҳисор, ба мисли дигар мавзеъҳо ибораи *«душмано зери по»* ба гӯш мерасад. Ҳангоми пӯшидани пойафзори нав «*муборак шавад*» гуфтан мумкин нест, ки ин дар асоси хурофотҳои динӣ пайдо шудааст.

Боварҳое, ки бо тайёр намудан ва пӯшидани пойафзор рабт доранд, дар лаҳҷаҳои ин водӣ мавқеи калонро ишғол менамоянд, ки баъзеи онҳоро ба таври намуна тавонистем гирд орем:

Агар попӯшро як тоқааширо монӣ хосияти бад дорад, соҳибаш мемурад.

Агар ҳангоми никоҳ пойафзорҳоро чапароста гузорӣ ба никоҳи арусу домод банд меғалтад.

Агар дар хоб попӯш биниву онро напӯшӣ, давлатат зиёда мегардад.

Агар дар хоб попӯшро аз пойят барорӣ, ба сафар меравӣ.

Агар попӯши худро ба касе туҳфа кунӣ, бебарор мешавӣ.

Агар кафши касеро нофаҳмида пӯшӣ, корҳоят бобарор мешаванд.

Агар пошнаи попӯш шиканад, ранҷу шиканҷа интизор мешавад.

Агар субҳидам попӯши пойи ростро аввал пӯшӣ, он рӯзат хуб мегузарад.

Агар попӯши занро дар хоб як тоқааш гум шавад, шавҳараш мемурад.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, боварҳо низ тасвири забонии ҷаҳони қавмҳоро нишон дода, ба урфу одат, суннату анъана ва хурофотҳои динӣ иртиботи ногусастанӣ доранд. Ба ин мисол шуда метавонаад бовари *«агар суҳидам попӯши пойи ростро аввал пӯшӣ, он рӯзат хуб мегузарад»*, ки миёни русҳо гунаи дигари он вуҷуд дорад, ба мисли: *«Агар маблағҳои пулиро ба худ ҷалб кардани бошӣ, пӯшидани пойафзорро аз пойи чап сар кун»* (Чтобы привлеч денежные потоки, обувь нужно одевать с левой ноги). Дар ин маврид, таъсири хурофотҳои динӣ ба пайдоиши боварҳо ба назар мерасанд, ки дар ин замина, якчанд урфу одатҳои мардуми тоҷик пайдо гаштаанд, ба мисли бо дасти рост салом кардан, бо дасти рост хӯрок хӯрдан, бо пойи рост аз ҷой хестан ва ғайра.

Дар ин бахш баъзе калимаҳое ба назар мерасанд, ки айни замон, мавриди истифода қарор надоранд. Масалан, аз сабаби он дар нутқи занон дигар истифодабарии калимаи *чакӣ* (кафши пошнааш паст) ба назар намерасад. Чармгарон ин навъи пойафзорро танҳо барои намоиш дар намоишгоҳҳо омода месозанд, аммо вақте сухан оид ба истилоҳи *шипак* меравад, сухан оид ба тасвири забонии ҷаҳоне, ки қавми мусобозориро иҳота намудааст рафта, дунёе, ки онҳоро иҳота намудааст, пеши назар меояд, зеро шипакро занҳои

мусобозорӣ мепӯшанд. Дар ин бобат, муҳаққиқ Н. Ершов дар китоби «Каратаг и его ремесло» чунин овардааст: «Шипакро занҳои савдогарони мусобозорие (як қавми узбекзабон), ки дар кӯҳҳои баланди дараи Қаратоғ истиқомат доранд, мепӯшанд» [93, с. 103].

Дар гӯйиши занҳои қаратоғии ин водӣ истилоҳи *шипак* ифодакунандаи мафҳуми «пойафзори бепошна» аст. Албатта, бояд қайд намоем, ки дар нутқи мардуми калонсоли ин мавзеъ калимаву истилоҳоти дигар аз қабили *мӯкӣ* ва *чоруқ* вомехӯрад, ки дар гузашта ин пойафзолҳо пойафзорҳои дӯстдоштарини мардум ба ҳисоб мерафтанд. *Мӯкӣ* пойафзори тобистона аст ва мардуми кӯҳистон барои бадошт будани чармаш онро харидорӣ менамуданд. Чоруқ бошад, пойафзори зимистонаи сабук аст, ки барои пӯшидани ҳаррӯза тавсия мешуд.Н. Гадоев дар китоби «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» чунин ишора намудааст: «Ба ҷоии ин воҳидҳои архаистӣ ба лаҳҷа калимаҳои ифодагари номи пойафзорҳои нав дохил шудаанд» [69, с. 79], ки дар ин мавзеъ низ ҳамин ҳолат дида мешавад.

Ҳамин тавр, бо такя ба маводи андӯхтаи худ, бояд ҳаминро қайд намоем, ки ин вожаҳо дар гӯйиши ин мардум серистеъмоланд. Аксарияти ин калимаву истилоҳотро ниёгонамон низ дар осори пурғановати хеш истифода намудаанд. Масалан, муаллифи китоби «Забони миллат–ҳастии миллат» истифода намудани калимаҳои гуфтугӯйии тоҷикӣ «*чоруқ»* ва *«пӯстин»*-ро, аз ҷониби Мавлоно дар «Маснавии Маънавӣ» қайд намудааст [250, с. 391].

Маълум гашт, ки дар вожагони соҳаи чармгарии гӯйиши мардуми водии Ҳисор сирф хусусиятҳои миллӣ таҷассум ёфта, тасвири забонии ҷаҳони ин қавму қабилаҳоро нишон медиҳанд.

2.2. Вожагони ифодакунандаи соҳаи кулолӣ

Кулолӣ аз санъатҳои пешрафта ва умумигаштаи ҳаёти маишӣ, рӯзгордории ақвоми тоҷик буда, то замони мо бо ҳама назокату нафосаташ идома дорад. Ва доираи интишори калимаву истилоҳоти марбут ба ин бахш хеле васеъ буда, дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ дар шаклҳои гуногун мавриди истифода қарор мегиранд, Масалан, воҳидҳои луғавии *чинӣ, дӯговӣ, лагандча, гуловӣ, коса,* гарчанде шаклҳои гуногун дошта бошанд ҳам, аммо як мафҳум, яъне мафҳуми «зарфи хурде, ки дар он хӯрок мехӯранд»-ро ифода менамоянд.

Оид ба куҳан будани ин касб миёни мардуми тоҷик он навиштаҷоте, ки гузаштагонамон ба мерос мондаанд гувоҳӣ медиҳанд. Мусаллам аст, ки кулолӣ пешаи дӯстдоштаи мардуми тоҷик ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои кулолӣ дар рубоётҳоии Умари Хайём ва дар «Шаҳрошӯб»-и Сайидои Насафӣ мақоми хосса доранд, аз қабили

Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст,
Дар банди сари зулфи нигоре будаст.
Ин даста, ки бар гардани ӯ мебинӣ,
Дастест, ки бар гардани ёре будаст [328, .с. 35].

***

Он **кулол**амрад, ки боми чарх ӯро манзил аст,
Хонаи дуконаш оби раҳмату кони гил аст [329, с. 436].

Новобаста аз гуфтаҳои боло бояд ҳаминро зикр намоем, ки вожагони соҳаи кулолӣ дар доираи илми этнолингвистӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Калимаву истилоҳоти соҳаи кулолиро забоншиносони тоҷик, махсусан, шевашиносон дар доираи лаҳҷаву шеваҳои муайян ба риштаи таҳқиқ кашида, дар таҳлилу таҳқиқи вожагони ин соҳа ба комёбиҳои назарас ноил гардидаанд.

Соҳаи кулолӣ дар водии Ҳисор, махсусан бештар дар Қаратоғ ва деҳаи Чиртакии ншаҳри Турсунзодаи водии Ҳисор хеле ривоҷ ёфтааст. Кулолиро дар ин гӯйишҳои Қаратоғи водии Ҳисор «кулолгарӣ» ҳам мегӯянд.

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки тафсири худи истилоҳи «кулол» дар фарҳангҳо ба тарзҳои гуногун оварда шудааст. Масалан, Муҳаммад Ғиёсуддин овардааст, ки «кулол дар форсӣ ба маънии касе зуруф аз гил созад» [267, с. 74]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бошад, вожаи «**кулол**» хеле сода маънидод шудааст: «кулол – кӯзагар, косагар» [296, с. 571]. Дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ низ ин калима дар шакли «кулол» мавриди истифода қарор дорад.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки ба ин касб занҳо машғул буданд, вале рафта-рафта мардҳо низ ин шуғлро аз худ карданд. пайдоиши вожаҳои *кулолдухтар, кулолписар, кулолзан ва кулолмард* низ аз ҳамин ҷост:

Гуфтам ба он *кулолписа*р, эй нигори чуст,

Гуфто: шикастаҳои ту ба хумдон шавад дуруст [328, с. 430].

Дар бештари ҳолатҳо, маҳсулоти кулолиро дар ин мавзеъ сафолӣ низ мегӯянд, ки ба баромади ибораҳои *косаи сафолӣ, кӯзаи сафолӣ, тавоқи сафолӣ, чойники сафолӣ* дар лаҳҷаҳои ин водӣ асос гузошта тавонистааст. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки ба пайдоиши воҳиди фразеологии *«сангу сафол шуда шиштан»* (хомӯш нишастан) низ ба ҳунари кулолӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, аз ин ҷо сарчашма мегирад.

Оид ба калимаву истилоҳоте, ки дар раванди тайёр намудани маҳсулоти кулолӣ корбаст мегарданд, миёни донишмандон баҳсҳои беканор вуҷуд дорад. Масалан, муҳаққиқ Н. Гадоев ҳангоми таҳқиқи вожагони соҳаи кулолӣ дар лаҳҷаи Тагнов ба ин гурӯҳи калимаву истилоҳ мавқеи хосса зоҳир намуда, чунин овардааст: «Дар Тагнов раванди пухтани маҳсулот ниҳоят сода аст, яъне вай дар ҳавои кушод сурат мегирад. Дар шимол бошад, барои тайёр намудан «дегҳои махсус» сохта мешаванд. Аз ин рӯ, вожагони кулолӣ дар шимоли мамлакат зиёдтар аст» [69, с. 76].

Аллбатта, муҳаққиқ Н. Гадоев вожагони соҳаи кулолиро дар лаҳҷаи Тагнов таҳқиқ намуда, ба дастовардҳо ноил гардидааст, аммо хуб мешуд, агар муҳаққиқ оид ба мавҷуд будани ин ҳунар дар водии Ҳисор, махсусан дар Қаратоғ, қайду ишораҳо менамуд, зеро, маҳз дар ин минтақа истифодабарии теъдоди зиёди калимаву истилоҳоти ин соҳа ба назар мерасанд.

Вожагони соҳаи кулолӣ на танҳо дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, инчунин, пажуҳишу омӯзиши вожагони соҳаи кулолӣ дар доираи забони тоҷикӣ низ ба роҳ монда шудааст. Масалан, муҳаққиқ Ҳ. Бурҳонова рисолаи номзадии хешро маҳз дар доираи таҳлилу таҳқиқи ин гурӯҳи калимаҳо ба роҳ монда, ба натиҷаҳо ноил гардидааст. Муаллиф на танҳо тавонистааст вожагони соҳаи кулолиро дар забони тоҷикӣ гурӯҳбандӣ намояд, инчунин, баромади ин гурӯҳи калимаҳоро муайян намуда, сохташонро нишон дода тавонистааст. Ва ба хусусиятҳои фарққунандаи вожагони соҳаи кулолӣ диққати махсус дода чунин овардааст: «Касби кулолии сокинони маҳалҳои шимол ва ҷануби Тоҷикистон аз рӯйи технологияи сохтан, пухтан, рангубор, номҳои асбоб, шакли чизҳои кулолӣ хусусиятҳои фарққунанда дорад» [65, с. 71]. Дар ин ҷо муаллиф то андозае дуруст қайд мекунад, дар ҳақиқат, номҳои асбоб дар лаҳҷаву шеваҳо гуногунанд. Масалан, танҳо истилоҳи *коса* дорои чунин синонимҳои мебошад: *косаи чинӣ, чинӣ, косаи фарфор, дуғовӣ* ва ғайра.

Мусаллам аст, ки истилоҳи *фарфор* дар дохили вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба мисли забони тоҷикӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, дар шакли аслии худ мавриди истифода қарор дорад. Профессор О. Қосимов оид ба баромади ин калима чунин ибрози андеша намудааст: «Калимаи *фағфур* баромади суғдӣ дошта, аз ду қисм *фау ё бау* - Худо *пур* вожаи тоҷикӣ - писар иборат мебошад. Бо мурури замон ба тағйироти маъноӣ гирифтор шуда, аз сабаби он ки аввалин маротиба фарфор аз Чин оварда шудааст, чунин номгузорӣ шудааст» [118, с. 40]. Дар байни мардуми ин мавзеъ рубоиётҳои зиёде мавҷуданд, ки бо ин ҳунар алақамандии зич дошта, то ба имрӯз омада расидаанд:

Ин *чархаки кулолира* аз чуб сохтӣ,
Дар миёнаи ҷувоно қадрак доштӣ.
Гиҷбулаки сохтагета туҳфам накарӣ,
Аз ишқакат норозиву дастам доштӣ (Қ.Т.).

***

*Қулқулаки д*астакма гарданъш борик,

Ин бачаи ёфтагита ситораш торик.

Бърам бъковм ёраки нав ба хъдма,

Бачаҳаки ҳамсояра қошош борик (Т. Ҳ.).

Мусаллам аст, ки калимаву истилоҳоти соҳаи кулолӣ қариб дар ҳамаи лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати шаклу маънӣ якранг буда, тафовути назаррасе дар ин бахш мушоҳида намешавад, аммо ногуфта намонад, ки вожагони ин соҳа низ ба тасвири забонии ҷаҳони қавмҳое, ки бо ин навъи ҳунармандӣ машғуланд иртиботи зич дорад. Масалан, маънои вожаи *кӯзаи қулқулак*» ба ворисони лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор ошно аст, зеро ин навъи кӯзаро танҳо дар ин мавзеъ истеҳсол менамоянд. Соҳаи бофандагӣ дар ин ҷо хеле рушд намуда, бофандагон ба истифодаи ин кӯза ниёз доранд.

Ногуфта намонад, ки дар заминаи касби кулолӣ мақолҳои «*кӯзаи нав - обаш хунук*» ва «*кулол дар мундӣ об мехӯрад*» пайдо шудаанд, ки маъною муҳтавояшон на танҳо ба намояндагони водии Ҳисор ошно мебошанд, инчунин, ба тамоми намояндагони забони тоҷикӣ ошноянд.

а) номи асбобҳое, ки кулол истифода мебарад*: аспакчӯби дӯкон* (ҷойи нишасти кулол), *мола* (абзорест, ки зарфро ба шакл медарорад), *чарх* (абзори мудаввари гирдгарданда), *тавоча* (абзорчӯбе, ки шакли кафгирро дорад), *ғудак* (абзоре, ки аз чӯб ба шакли ғарғара сохта шудааст ва барои ҳаҷми кӯзаро калон кардан истифода мешавад), *каҷкорд* (як навъи корд, ки барои тарошидани маҳсулоти кулолӣ истифода мешавад), *кӯба* (болғаи чӯбин) ва ғайра.

Кулолон дар мавриди кор ва сохтани асбобҳои рӯзгор аз хоки сурх ва аз хоки сафед ва рангҳои мухталифи оксиди филизҳо истифода ба амал меоранд. Ибораҳои *хоки сурх* ва *хоки сафед*, ки номи ашёи махсуси риштаи кулолӣ мебошанд, дар ин соҳа хусусияти истилоҳӣ касб кардаанд.

Дар ҳақиқат, дар ин мавзеъ кулолон аз хумдон ҳамчун воситаи пухтану ба истифода додани зарфҳои лойӣ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, маънои он дар лаҳҷаи мазкур аз маънидоди фарҳанг фарқ намекунад. Зарфҳо дар ҳарорати 800 ҳазор дараҷа гармии хумдон мепазанд, ки инро ҳунармандони қаратоғӣ хуб

медонанд. Хумдон аз қисматҳои алоҳида иборат аст, ки он қисматҳо, дар навбати худ, бо истилоҳоти зерин номгузорӣ шудаанд: *гулахн* (даҳони хумдон), *тур* (дохили хумдон), *даҳони арақ* (қисми болоии хумдон), *муҳрини тур* (сӯрохии дохили хумдон, ки алангаи оташро таъмин мекунад), рафи *хумдон* (ҷойе, ки дар он зарфҳои тайёрро мечинанд), *мурғак* (сӯрохӣ барои баромадани дуд), *қавза* (андоваи даҳони дудбаро) ва ғайра.

б) вожаҳои ифодакунандаи номгӯйи маҳсулоти кулолӣ: *хурма, сархурма, хурми ҷурғотхоwкунӣ, хурми равғангирӣ, хурми говҷӯшӣ, хурми бузҷӯшӣ, хурми қаймоқгирӣ, хурми оwгирӣ, хурми авқотпазӣ, хурмаи ширинигирӣ, хурмаи ҳавлогирӣ, хурмаи асалгирӣ* ва ғайра. Гарчанде дар забони адабии тоҷик барои ифодаи номгӯйи зарфҳои кулолӣ калимаҳое, ки аз ниёгонамон ба мо мерос мондаанд мавриди истифода қарор гиранд ҳам, аммо дар нутқи гуфтугӯйии мардуми тоҷик калимаҳои иқтибосӣ, айни замон, дар ифодаи ин мафҳумҳо бештар корбаст мешаванд.

Истифодабарии хурмаҳо бештар хусусияти табобатӣ дошта, маҳсулоти хунукро хунук нигоҳ медоранд ва маҳсулоти гармро гарм. Дар ин маврид, мехоҳем ба пайдоиши калимаи *«хурми говҷӯшӣ»* диққати ҷиддӣ намоем. Аз сабаби он ки дар гузашта яхдонҳо ба ҳама дастрас набуданд, аз ин лиҳоз, бештар ширро дар хурма нигоҳ дошта, ҳатто говро ҳам дар сатил неву дар хурма меҷӯшиданд.

Вожаҳои *чахдеги равғанширинкунӣ, чахдеги дӯғкашӣ, таwақи ошкашӣ /таwоқи ошкашӣ, таwақи туппакашӣ /таwоқи туппакашӣ, таwақи гӯшткашӣ /таwақи гӯшткашӣ, таwақи яламакашӣ /таwоқи шавлакашӣ, таwақи паҳм /таwоқи паҳмак, таwақи чуқур /таwоқи чуқурак /таwақи гърд / таwақи гирдак, таwақи чоркунҷа /таwоқи чоркунҷа б*о сабаби ниёзи мардум ба ин ашёҳо пайдо шуда, доираи истеъмоли васеъ доранд. Дар байни мардуми ин водӣ ибораҳои рехтаи «*табақа дойра кардан»* (табақро холӣ кардан) ва *«таги табақа гардондан»* (бар ивази хӯроки касе чизе додан) дар истифода қарор доранд.

Умуман, дар ин бахш калимаҳои *нимпиёла* ва *нимкоса* низ сермаҳсул буда, мафҳуми «пиёлаи на чандон калони чойкашӣ» ва «косаи на чандон

калони чинӣ»-ро ифода менамоянд. Дар вожагони соҳаи кулолӣ бештар калимаҳои иқтибосии русӣ - аврупоӣ, аз қабили *чашка, тарелка, тортнитса, конфетнитса* ва ғайра ба назар мерасанд.

Теъдоди боварҳое, ки дар иртибот бо зарфҳои кулолӣ ва чинӣ пайдо шудаанд, дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор хеле зиёд буда, хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки маҳз, дар боварҳо бештар тасвири забонии ҷаҳони қавму қабилаҳо инъикос мегарданд. Ба пайдоиши *«шикастани зарф дар моҳи Сафар бадбахтӣ меорад»* хурофотҳои динӣ асос гузоштаанд. Аз сабаби он ки моҳи Сафар барои мардуми мусулмон моҳи муқаддас ба ҳисоб меравад, аз ин лиҳоз, дар ин моҳ ягон амали ноҷо бояд содир нагардад.

Бар хилофи ин ақидаҳо байни русҳо бовари *«шикастани зарфҳо хушбахтӣ меоварад* - быть посуду к счастю» вуҷуд дорад.

Ба андешаи бархе аз русзабонҳое, ки дар ин водӣ истиқомат менамоянд ба пайдоиши ин бовар чунин ақида асос гузоштааст: «Як моҳ пеш аз маросими туйи арусӣ ҷину аҷина, шайтон ва қувваҳои бадро дар зарфи даҳонбаста руст намуда, маҳз дар маросими туйи арусӣ зарфро мешиканад, то ин ки чӣ балое бошад, ба сари зарф резад. Бо ин амали накуи хеш арусу домоди навро аз қувваи бад, чашм, ҳасуд эмин медоранд. Фикр мекунанд, ки зарфи шикаста ба онҳо хушбахтӣ меорад».

Дар гӯйишҳои мардуми водии Ҳисор, ба ғайр аз боварҳои дар боло овардаамон боварҳои зиёде мавҷуданд, ки маҳз, бо зарфҳо алоқамандӣ дошта, урфу одати ин мардумро инъикос менамоянд, аз қабили

Аз *табақи сафолӣ хӯрок хӯрдан савоб аст.*

Аз косаи лавпарида хӯрок хӯрдан аз ҷиҳати мусулмонӣ дуруст нест.

Агар дар моҳи сафар зарфҳои кулоливу чиниро шиканӣ, соли дароз ба шикаст дучор мешавӣ.

Агар косаро бо хӯроки пур ба ҳамсоя диҳиву холӣ баргардонад, баракати хонадон мепарад.

Агар косаро шахси муҷаррад лесад рӯзи туйаш борон меборад.

Агар зан дар назди шавҳараш косаро шиканад, дере нагузашта онҳо қаҳрӣ мешаванд.

Агар саҳарии барвақт шахс зарфи чинии пур аз обро бинад, он даромади хуберо ба даст меорад.

Агар табақи чинӣ ё сафолӣ дар хонадон шиканад, дар он хонадон нохуши калоне мешавад.

Маълум гардид, ки вожагони соҳаи кулолӣ дар гӯйишҳои мардумони хусусияти этнолингвистӣ дошта, бо зисту зиндагонӣ ва урфу одати ин мардум иртиботи ногусастанӣ доранд.

2.3. Вожагони ифодакунандаи соҳаи оҳангарӣ

Чӣ тавре ки қайд намудем, соҳаи оҳангарӣ калимаву истилоҳоти зиёдеро фарогир мебошад, гарчанде, айни замон, мардум бештар ашёҳоеро, ки дар заводу фабрикаҳо тайёр мешаванд мавриди истифода қарор диҳанд ҳам, аммо ҳастанд ашёҳое, ки маҳз, онҳоро оҳангар истеҳсол менамояду бо урфу одатҳои миллӣ иртиботи зич дошта, сирф хусусияти этнолингвистӣ доранд. Масалан, наъли аспро танҳо дар дукони оҳангарӣ истеҳсол мекунанд ва на танҳо онро ба пойҳои асп мезананд, инчунин. дар остонаи ҳар як хонадони мардуми ин мавзеъ наъли асп зада шудааст ва боваре вуҷуд дорад, ки «*агар наъли аспро дар остонаи хонадон зананд, дар он хонадон бало намерасад ва наъли асп он хонадонро аз чашми бад эмин медорад*».

Гарчанде истифодабарии истилоҳи *оҳан* умумӣ буда, дар ҳама мавридҳо дар истифода қарор гирад ҳам, аммо фарогири мафҳумҳои навъҳои он, яъне *қурғошим, мис, нуқра, тилло* ва ғайра буда метавонад, ки ҷумлаи зерин гувоҳи ин гуфтаҳост: Як пара *оҳана* да гӯшу гардан кашол караю зимину осмуна намешноса (Т.Ҳ.). Инчунин, истифодабарии маҳоли *«сад задани сӯзангар ва як задани оҳангар»* аз маъмул будани ин касб дар ин мавзеъ гувоҳӣ медиҳад.

Маънову муҳтавои калимаи *чойники чойҷӯшонӣ* ба ҳамаи тоҷикзабонон фаҳмо мебошад, аммо калимаҳои *ҷушак, чойҷушон, қарабойӣ, майоба, чайнак, ҷалабак*-ро бештар дар нутқи мардумони ин водӣ вомехӯрем. Муҳаммадҳусайн Бурҳон ҳанӯз дар даврони хеш калимаи «чушак»-ро чунин маънидод намудааст: «чушак бар вазни мушак; кӯзаи лӯладорро гӯянд» [278, с. 360].

Шояд бо мурури замон ин калима ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, шакли «ҷушак»-ро гирифта бошад. Ё дар пайдоиши ин вожа амали «*ҷӯшонидани*» *об* асос гузошта бошад. Ба пайдоиши калимаи *«ҷалабак»* чойникҳое, ки аз оҳани тунук истеҳсол карда шудаанд ва дар як мудати кӯтоҳ обро тез меҷӯшонанд асос шуда, аз сабаби тез ба ҷӯш омадани об дар ин чойник он чунин номгузорӣ карда шудааст.

Иддае аз калимаҳо ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гаштаанд, ки ба ин «*афтowa*»-ро ворид кардан мумкин аст. Ин вожа дар забони адабии тоҷик дар шакли «*офтоба»* маъмул аст [288, с. 15].

Бояд қайд намоем, ки сабаби асосии рушду такомули ин касб дар ин мавзеъ мавҷуд будани масолеҳи хом ба шумор меравад. Дар асрҳои миёна Пашмикуҳна (шимолу ғарбии соҳили рости дарёи Қаратоғ) яке аз мавзеъҳои маъданҳудозии Қаратоғи водии Ҳисор маҳсуб меёфт. Мардум дар ҳавзаи оҳани ин мавзеъ ба чунин касб машғул гаштаанд [57, с. 91].

Гарчанде калимаву истилоҳоти соҳаи оҳангарӣ аз ҷониби бештари муҳаққиқони тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқоти кардаи Р. Сангинова дар ин бахш дар доираи лексикаи тоҷикони Конибодом, ки якчанд саҳифаро (94-96) дар бар мегирад, маълумотҳои зиёди муфиде оид ба вожагони соҳаи оҳангарӣ оварда шудааст. Муҳаққиқ чунон нозукона номи кордҳоро гурӯҳбандӣ намудааст, ки ҳар як соҳибзабон аз ғановатмандии забони хеш ҳангоми хондани ин рисола ба ваҷд меояд, аз қабили *ростак, бодомча, суғма, қиличак, нӯлқайтарма, йорма, каҷак, қаламтарош, байза, коди зарин, коди дарӣ, дудама, коди чуст, қасобӣ, бегулбант, гулбан(т)дор, ҷанваркушак, шоҳдаста, устахондаста, қайирмагул, пистонгул, чилмехчагул* [188, с. 95].

Миёни мардуми ин водӣ дар соҳаи оҳангарӣ ва заргарӣ синоними ҷуфти *симу зар* то айни замон бо шакли қадимаи худ мавриди истифода қарор дорад, ки истилоҳи «*сим*» ба маънои нуқра ва «*зар*» ба маънои тилло корбаст мешавад. Ин калимаҳо маншаи худро аз давраҳои аввали рушди забонамон мегиранд. Муҳаққиқ О. Тухтасунов низ ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, ҳангоми баррасии масъалаи калимаву истилоҳоте, ки металли нуқрарро ифода менамоянд чунин овардааст: «Вожаи дигари синоними нуқра дар забони тоҷикӣ форсӣ, вожаи даврони форсии миёна «*сим*» мебошад. Ин вожа ҳоло дар таркиби калимаҳои *симбар, симгун, симтан* ва амсоли инҳо ишора ба ранги сафед ҷилонок дорад» [207, с. 97].

Ба мисгарӣ ҳамчун як шохаи алоҳидаи оҳангарӣ танҳо дар ин мавзеъ диққати махсус медиҳанд ва ин аст, ки дар ин минтақа ашёҳо бо номҳои *ялоғуи мисӣ, towаи мисӣ, афтowаи мисӣ, ностуфкунаки мисӣ, зангӯли мисӣ, чойҷӯшонаи мисӣ, owғираки мисӣ, тораткунаки мисӣ, таwоқи мисӣ, лаъли мисӣ, дасшӯяки мисӣ, кӯзаи мисӣ, қандowи мисӣ, коси гӯшакдораки мисӣ, чилими мисӣ, дуғи мисӣ, каwлези мисӣ, тағораи мисӣ, чойники чойҷӯшонаки мисӣ, чойники чойдамкунии мисӣ, шайтончироғи мисӣ, сиёҳчироғи мисӣ, осмончироғи мисӣ, пилтачироғи мисӣ, тарозуи мисӣ* хеле маъмуланд.

Аслан, истилоҳи *қандow* (шоҳкоса) хоси мардуми ин мавзеъ буда, дар дигар мавзеъҳо истифодаи ин калима ба назар намерасад. Бо гузашти солҳо аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи мисгарӣ дар ҳамин шаклу маънӣ дар ин мавзеъ корбаст мегарданд. Масалан, истилоҳи *анбур* абзоре бошад аз оҳан заргарон ва мисгарон тиллову миси тафтаро бад он гиранд [278, с. 114] айни замон, дар ҳамин шакл дар истифода мебошад.

Доир ба вожагони касбу ҳунари заргарию мисгарӣ забоншинос Б. Розиқов таҳқиқоти мукаммалеро ба сомон расонида, махсусиятҳои вожагони заргарию мисгарии забони тоҷикиро дар асоси маҳалҳои Хуҷанду Уротеппа мавриди баррасӣ қарор додааст. Ӯ вожагони заргарию мисгариро аз рӯйи сохт, маънӣ ва баромад тасниф намуда, ба ҷиҳатҳои гуногуни он равшанӣ андохтааст [28, с. 9].

Айни замон, дар ин мавзеъ, занҳо аз тарозуи мисин ҳангоми баркашидани абрешим истифода мебаранд. Дар мавриди муайян намудани вазни абрешим калимаву истилоҳоти ифодакунандаи ченаки вазн дар шакли аслии худ дар истифодаанд, аз қабили *эсирак* (1 кг, 49 гр), *ғариба*к (107 гр), *мискинак* (46, 8 гр), н*имискинак* (23, 4 гр), *йа мисқол* (4, 68 гр) ва ғайра. Ченакҳои вазни *сирниман* (95 кг, 87 гр), нимман (47 кг, 93 гр), *чоря*к (26 кг, 96 гр), *нимчорйак* (14 кг, 48 гр), *нимхурд* (5 кг, 94 гр), *этимак* (2 кг, 98 гр) дар гӯйиши ин мардумон дар ҳамин шаклҳо маъмуланд.

Дар ин мавзеъ, инчунин, истифодабарии ибораҳои *чӯчамуши мисӣ* ва *чумуши мисӣ* дар ифодаи мафҳуми «кавлези оҳанин» ба назар расиданд, ки дар бисёр лаҳҷаву шеваҳо дар шаклҳои *шӯрбокашак* ва *авқоткашак* маъмуланд.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ огаҳ гаштем, ки соҳаи оҳангарӣ дар водии Ҳисор хеле рушду такомул ёфта, таърихи куҳан дорад. Дар саршавии асри XIX Қаратоғ яке аз мавзеъҳои маъдангудозии бекигарии Ҳисор ба шумор мерафт. Илова ба ин, қайд кардан роиҷ аст, ки танҳо дар Қаратоғи водии Ҳисор то солҳои 30-юми асри XX беш аз 32-то дӯкони оҳангарӣ мавҷуд будааст.

Истилоҳоти соҳаи оҳангарӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ниҳоят зиёданд ва аз нигоҳи семантика аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин ҷиҳат, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунем:

а) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи кордҳо: Бештар ин вожаҳо хусусияти этнолингвистӣ дошта, бо шуғли асосии мардумони ин водӣ, урфу одат ва суннату анъанаҳои онҳо вобастагии зич доранд. Масалан, ба пайдоиши ибораи *корди говкушӣ,* маҳз, касби говкушӣ асос гузошта тавонистааст. Аз сабаби зиёд будани оҳан дар ин мавзеъ, оҳангарон бештар корд месозанд. Корд ҳамчун ашёи асосии рӯзгорбарӣ ҳамеша дар ҷайби мардҳо бояд бошад, ки ин одат аз даврахои обшинаи ибтидоӣ омада расидааст. Оҳангарони ин мавзеъ кордҳои гуногунро истеҳсол менамоянд.

Чӣ тавре зикр намудем, ба пайдоиши ҳар яке аз онҳо омиле асос гузоштааст. Асосан, дар гузашта мардон кордро дар ҷайби худ нигоҳ намедоштанд ва онро берун аз ҷайб меовехтанд, то ин ки он намоён бошаду тавонии мардро нишон диҳад. Маҳз, ҳамин одати мардон асос гузошта тавонист барои пайдоиши ибораи *корди гулбанддор.* Аз сабаби он ки банди ин корд аз чарми тоза омода шуда, бо як маҳорати хосса гулкорӣ карда шудааст, онро гулбанддор ном ниҳодаанд. Инчунин, дар ин мавзеъ ибораҳои *корди ошисуюқбурӣ* (Ш.Т.) /*корчайи угробурӣ* (Қ. Ш) (корде, ки тавассути он угро мебуранд) хеле сермаҳсул аст, ки онро маҳз, занҳои ҳунарманди угробур истифода менамоянд. Ҳунари кулолӣ бошад барои пайдоиши воҳиди луғавии *каҷкорд* (кулолон асбобҳои тайёркардаашонро бо он ҳамвор мекунанд) замина гузоштааст. Кордчаи кӯчаке, ки *чоқу* (М.Т.) номгузорӣ шудааст, барои намояндагони ин мавзеъ боз дар шакли ч*авқу* (Ш.Т.) (кордчаи қатшаваки кисагӣ) низ ошност.

Роҷеъ ба пайдоиши калимаҳои *кордча, таварча, тешача, қайчича, амбурча, қулфча, калидча* ҳаминро зикр намуданием, ки яке аз хусусиятҳои гуйиши ин мардумон зам кардани пасвандҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш дар охири калимаҳо ба ҳисоб меравад.

Боварҳое, ки бо корд ва ҳунари кордсозӣ миёни мардуми водии Ҳисор вуҷуд доранд, ки сирф хусусиятҳои миллиро ифодагаранд, аз қабили

Агар кордчаро шӯхиомез ба сӯйи касе кашӣ, дар он хона ҷангу ҷанҷол мешавад.

Агар кордат дар хонаи касе монад, ризқу рӯзиат гум мешавад.

Агар нонро бо корд реза кунӣ, гушнагӣ мешавад.

Агар кордчаро дар таги сари тифл гузорӣ, тифл наметарсад.

Агар дар зодрӯз ё ягон ид корд туҳфа кунӣ, он хосияти хуб надорад.

Агар кордро ба даст диҳӣ, он хун металабад.

Агар кордро дар дастурхон хобонда неву рост бимонӣ, хун металабад.

Агар кордро тасодуфан аз дастат ғалтонӣ, хосияти хуб надорад.

Ба пайдоиши ибораҳои халқии «*корди кунд қати куштан*» (касеро дар зери таънаи сахт гирифтан ва «*корда аввал ба худат зан, дард накунад баъд ба каси дигар*» (мушкилиро аввал ба худат кун, озор набинӣ баъд ба дигарон раво бин) маҳз, калимаи *корд* асос гузошта тавонистааст.

б) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи табарҳо: *тawари майда* (табарчаи дастӣ), *тawари калон* (табари ҳаҷмаш калон) (Ш.Т.) /*тawари калун* (Ҳ. Ҳ.), *тawари мусулмонӣ* (табаре, ки оҳангар сохтааст) (Ш.Т.), *тawари мусулмунӣ* (Ш.Ш.), *тawари урусӣ* (табаре, ки дар завод истеҳсол менамоянд), *тawарчи гӯштмайдакунӣ* (Д.Т.) /*тawари гуштқимакунӣ* (Т.Ҳ.) (табарчае, ки барои майда кардани гӯшт истифода мешавад), и*сканатawар* (табаре, ки барои кофтани чӯб лозим аст) *тawари кундакафонӣ* (табаре, ки барои кафондани кунда) ва ғайра. Пайдоиши ҳар яке аз ин вожаҳо бо урфу одат ва суннъату анъанаҳои миллии ин мардум иртиботи ногусастанӣ доранд.

Аз сабаби он ки дар водии Ҳисор намояндагони ҳам шеваи шимолӣ ва ҳам шеваи ҷанубӣ истиқомат доранд, аз ин лиҳоз, калимаи табар ҳам дар шакли «tawap» ва ҳам «табар» вирди забони ин мардум аст.

Дар ин маврид, лозим донистем, ки ба баромади ибораи «табари кундакафонӣ» каме равшанӣ андозем. Миёни мардуми ин мавзеъ дар туйи хатна ва арусӣ маросими кундакафонӣ миёни мардон гузаронида мешавад. Аз сабаби он ки дар туй хӯрокҳои зиёдеро омода месозанд ва кундаҳоро барои пухтани хӯрокҳо мекафонанд. Ин анъанаи мардумӣ оҳангаронро водор сохт, ки табари махсуси кундакафонии боқувватро омода намоянд.

в) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи қайчиҳо: *қайчи зардӯзӣ* (Ш.Т.), *қайчи симдузӣ* (Ч.Т.), *қайчии лилкакдӯзӣ*, *қайчии бофтадӯзӣ* (Қ.Т), *қайчи мӯякбурӣ* (Ч.Т.), *қайчи мӯйсаргирӣ* (Қ.Т.), *қайчи сартрошӣ* (Т.Ҳ.), *қайчи қолаббурӣ* (Ҷ.Т), *қайчи шероздӯзӣ* (Д.Т.), *қайчи ҷомадузӣ* (Т.Ҳ.) ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки иддае аз ин вожаҳо дар асоси анъанаҳои миллие, ки дар ин мавзеъ вуҷуд доранд, пайдо шудаанд. Ҳунарҳои халқӣ беҳтарин ва холистарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқаманданд [87, с. 223].

Чӣ тавре зикр намудем, як қисми мардуми ин водӣ аз Самарқанду Бухоро муҳоҷир шуда, ин мавзеъро барои зисту зиндагонии хеш интихоб намудаанд. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ огаҳ гаштем, ки дар Аморати Бухоро дар дарбори амир фармоишгари асосии маҳсулоти зардӯзӣ буд, ки ин зарурати ташкили устоҳоро назди дарбор ба миён овард. Донишманди рус П.А. Гончерова дар бораи мавҷудияти устохонаҳои зардӯзӣ, суннату анъанаҳои ин касби маъмули мардуми тоҷик дар корҳои хеш маълумотҳои судмандро гирд овардааст [74. с. 6] .

Инчунин, ин муҳаққиқ қайд менамояд, ки санъати зардӯзии бухорӣ ҳунари меросӣ буд, он аз бобо ба падар, аз падар ба писар мегузашт [73.с. 14]. Анъанаи зардӯзӣ дар ин мавзеъ боиси пайдо гаштани вожагони зиёди ифодакунандаи номи қайчиҳо гардидааст. Истилоҳи қайчии *мӯйгирӣ* (Қ.Ҳ.) ва

қайчи кокултрошӣ (Б.Ҳ.) дар заминаи хурофотҳои динӣ ва анъанаи «муйсаргирон» пайдо шудаанд.

Анъанаи дарздӯзӣ оҳангаронро водор сохт, ки *қайчи дарздӯзӣ* (Қ.Т.) *қайчи чокдузӣ* (Т.Ҳ.)-ро созанд. Калимаҳои *қайчи нохунгирӣ* (Қ.Ш.) /*қайчии нохункалтакунӣ* (Ш.Т.), *қайчи буруткалтакунӣ* (О.Т.), *қайчи муйлавкалтакунӣ* (Д.Т.) дар иртибот бо ниёзи мардум ба зуҳур омадаанд. Илова ба ин, ҳаминро зикр намуданием, ки воҳидҳои луғавии қайчи *гӯспандтарошӣ* (Б.Т.), *қайчи токбурӣ / токбур* дар иртибот бо пешаи ин мардумон пайдо гаштаанд. Инчунин, калимаҳои *теғ* ва *поку* дар ин мавзеъ миёни намояндаҳои ҳам шеваи шимолӣ ва ҳам шеваи ҷанубӣ якранг корбаст шуда, ифодагари мафҳуми «теғи муйсартарошӣ» мебошанд.

вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи асбобҳое, ки бо оташ ва оташкорӣ иртибот доранд: *печки саларкаӣ, печки кӯмурӣ, печки коксӣ, каҷак, турба, тагдегӣ, оташгирак, оташковак, оташқапак, алоwкоwак, алакоw, хокистаргирак, хокистаррезонак, лахчаковак, лахчагирак, қураи шашликпазӣ, товаи нонпазӣ* ва ғайра. Калимаи *алакоw* сирф хусусияти лаҳҷаиро зоҳир намуда, бештар дар гӯйишҳои шимолии мардумони ин мавзеъ дар истифода қарор дорад, ки муодилҳои он *оташкоwак* ва *алоwкоwак* мебошанд, ки марбут ба гӯйишҳои шимолии ин мавзеъ мебошанд.

На танҳо дар водии Ҳисор, балки дар тамоми кишвари биҳиштосои мо оташро чизи муқаддас ҳисобида, қариб ки дар ҳама ҷашну маросим анъанаи афрӯхтани оташро фаромӯш намесозанд, зеро ин оин аз гузаштагонамон ба мо мерос монда, аз насл ба насл мегузарад. Муаллифи китоби «Аз Ориё то Сомониён» дар ин бобат чунин овардааст: «Дар оини зардуштӣ макруҳ сохтани унсурҳои муқаддас - оташ, об, хок ва ҳаво гуноҳи азим ба шумор мерафт» [247, с. 51].

Дар гузашта ин минтақаҳо иқлими бениҳоят сард дошт, аз ин лиҳоз ниёзи мардум ба оташ бештар будааст. Маҳз, ҳамин омилҳо боис шуданд, ки мардуми тоҷик ихтирои асбобҳои оташкориро пешаи аҷдодии хеш шуморанд.

Ҳамин тавр, калимаҳои марбут ба оташ ва оташкорӣ дар шаклҳои дар боло овардашуда бештар миёни мардуми куҳансоли ин мавзеъ дар истифода қарор доранд.

д) номи ашхосе, ки ба мисгарӣ ва оҳангар: *қадоқгар* (марде, ки зарфҳои шикастаро таъмир менамояд), *оҳангар* (марде, ки аз филиз абзорҳои рӯзгор ва деҳқонӣ месозад), *мисгар* (марде, ки аз филизи мис абзорҳои рӯзгор месозад), *тунукасоз* (марде, ки тунука месозад), *наългар* (оҳангаре, ки танҳо наъли асп месозад), *кордсоз* (шахсе, ки аз оҳан намудҳои гуногуни корд месозад), *сӯзангар* (оҳангаре, ки аз сим сӯзан тайёр мекунад), *ангишткан* (шахсе, ки ангишт меканад), *ангиштсӯз* (шахсе, ки ҳангоми оташмонӣ бо ангишт сару кор дорад) то ҳанӯз мавқеи худро аз даст надодаанд. *дегрез* (оҳангаре, ки дар қолиб филиз об карда, дег мерезад), *кетмангар* (каландсоз), *мехчагар* (оҳангаре, ки аз сим мех месозад), *шамъгар* (касе, ки филиз об карда, дар қолаб шамъ мебарорад) ва ғайра.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки дар ин бахш бештар калимаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ, аз қабили *кетман, қайчӣ, қадоқ* барои пайдо шудани вожаҳои сохтаи *кетмангар, қайчича, қадоқгар* ва ибораҳои *кетмани майда, кетмани калон, қадоқи чойник, қадоқи табақ, қайчи дарздӯзӣ, қайчи чокдузӣ, қайчи зардӯзӣ, қайчи симдӯзӣ, қайчи нохунгирӣ, қайчии нохункалтакунӣ, қайчи буруталтакунӣ, қайчи гӯспандтарошӣ, қайчи токбурӣ* замина гузошта тавонистаанд.

Маълум гашт, ки соҳаи оҳангарӣ дар водии Ҳисор таърихи қадима дошта, аксарияти калимаву истилоҳоти марбут ба касби оҳангарӣ моли лаҳҷаҳои мазкур ба ҳисоб рафта, як қисмати асосии луғати лаҳҷаҳои ин мавзеъро ташкил медиҳанд.

2.4. Вожагони ифодакунандаи соҳаи сохтмон

Инсон қодир аст, ки бисёр корҳои начибро аз худ намуда, ба худ шуғли дӯстоштаашро интихоб намояд. Яке аз навъҳои фаъолияти одамон санъати хонасозӣ ва сохтмон маҳсуб ёфта, таърихи хеле қадима дорад. Маҳорати хонасозӣ ва сохтмон аз насл ба насл гузашта, ба мисли дигар санъатҳо мардуми тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ машҳуру овозадор намудааст.

Муҳандисони қалъасози Осиёи Миёна комёбиҳои калон ба даст оварданд. Деворҳои рахнанпазири қалъаҳо, ки онҳоро бурҷи овеза, садди мураккаби таги дарвоза ва тиркашҳои сершумор боз ҳам мустаҳакам мекарданд, санъати қалъасозии Осиёи Миёнаро ба дараҷаи беҳтарин санъати қалъасозии он давра боло бардошта буданд. Дар водиҳои Помири Ғарбӣ Қаҳқаҳа ва Ямчун барин қалъаҳои азим сохтанд, қи дар сари роҳҳои асосӣ воқеъ буданд ва силсилаи истеҳкомҳои дарозмуддати ба ҳамдигар алоқамандро ташкил мекарданд. Масолеҳи бинокорӣ гуногун буд. Барои деворзанӣ, одатан, похса ва хишти хомро истифода мебурданд.

Санъати меъмории мардуми тоҷик таърихи хеле куҳан дошта, оид ба ин дар сарчашмаҳои таърихӣ қайду ишораҳо низ вуҷуд доранд: «Таъсири тамаддуни эллинӣ ва фарҳанги юнониён ба Осиёи Миёна роҳ ёфта, қабл аз ҳама дар санъати меъморию шаҳрсозӣ ва ҳайкалтарошӣ мақоми арзанда пайдо мекунад» [248, с. 47].

Гарчанде ҳодисаҳои таърихӣ ба рушду такомули ин санъат таъсири манфӣ расонида бошанд ҳам, аммо бо пешрафти ҷомеа шаҳрҳо ва ёдгориҳои нав пайдо шудаанд, ки ба рушду такомули фарҳангу маданияти тоҷикон таъсири бениҳоят калон гузошта тавонистаанд. Ин масъала диққати кулли донишмандонро ба худ ҷалб намуда, дар атрофи он фикру андешаҳои тоза рӯйи варақ омадаанд. Масалан, забоншинос С. Ҳалимова чунин ибрози андеша намудааст: «Асри XVII низ дар таърихи инкишофи санъати меъморӣ яке аз марҳилаҳои муҳимтарин мебошад. Дар ин давра, санъати меъморӣ ривоҷу равнақ ёфта будааст. Аз ин ёдгориҳои меъмории дар ин давра бунёдёфтаи

Самарқанду Бухоро (мадрасаи Шердор, Тиллокории шаҳри Самарқанд, мадрасаи Лаби Ҳавз ва Абдулазизхон дар шаҳри Бухоро) шаҳодат медиҳад» [221, с. 42].

Аз арзи вуҷуд доштани Қалъаи Ҳисор ба хулосае омадан мумкин аст, ки санъати меъморӣ ва гилкорӣ дар ин мавзеъ хеле тараққӣ намудааст. Абзорҳое, ки бостоншиносон аз ин мавзеъ пайдо намуданд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин мардум бо ҳунари меъморӣ хуб ошно будаанд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар Самарқанду Бухоро санъати меъморӣ хеле рушду нумуъ намуда буд. Мардуми Қаратоғи водии Ҳисор, ки аз деҳаи Даҳбеди Самарқанд муҳоҷир шуда омада буданд, ин пешаи аҷдодии ниёгонамонро бо тамоми нозукиҳояш дар ин мавзеъ идома дода истодаанд.

Гарчанде калима ва истилоҳоти ин бахш дар лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба назар расанд ҳам, аммо аз нигоҳи этнолингвистӣ то ҳанӯз ба ҳайси як асари илмии мукаммал мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор нагирифтааст.

Мусаллам аст, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ин гурӯҳи калимаҳо мавқеи калонро ишғол намуда, ҳар яке аз онҳо дар мавридҳои муайян мавриди истифода қарор доранд.

Аслан, агар жарфтар назар афканем, дар нутқи мардуми ин мавзеъ дар соҳаи сохтмон ва меъморӣ калимаву истилоҳоте корбаст мешаванд, ки аз давраҳои пешини рушди забонамон маншаъ мегиранд. Масалан, истифодабарии калимаву истилоҳоти*чавкандӣ* [288, с. 81], *дарбича* [288, с. 99], *бинии дар* [288, с. 48] аз ин шаҳодат медиҳанд.

Теъдоди калимаҳои иқтибосӣ низ дар вожагони соҳаи сохтмон ва меъморӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, ки дар дохили вожагони лаҳҷаҳои мазкур ҳазм шудаанд ва танҳо ба забоншиносон баромади ин калимаҳо ошно буда метавонад. Яке аз чунин калимаҳо калимаи «чавкҳандӣ» ба шумор меравад, Оид ба истилоҳи чавкандӣ забоншинос Ҳ. Маҷидов чунин ибрози ақида намудааст: «Бештари калимаҳои сершумори аз забонҳои ҳиндӣ воридшуда, ифодагари чунин ашё ва ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ мебошанд, ки барои мардуми

мо бегона буданд. Баъзе аз чунин калимаҳо дар сарчашмаҳои ҷудогона дар шакли талаффузи аслиашон бо ҳамсадоҳои комию ҳалқӣ (чунончи чҳ, дҳ) ва баъзе унсурҳои дигари овозиашон оварда шудаанд: чҳап, чоп, чавкҳандӣ, шипанг, чайла» [141, с. 98].

Забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он хеле ғановаматманд мебошанд, аз ин лиҳоз, мафҳуми «хона»-ро мо дар калимаҳои *кулба*, *манзил, паноҳгоҳ, капа, даргоҳ, манзилгоҳ* дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор пайдо карда метавонем. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки гарчанде ҳамаи ин калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар ифодаи калимаи «хона» корбаст шаванд ҳам, аммо ҳар яке аз онҳо мавридҳои истеъмоли худро доранд, масалан: Ҳами товистон йа *кулваҳак* месохтему беғурватак саромона дурун мекарем (Ш.Т.). *Манзилаки* падаремба баретон, да унҷа шотим шай шуда хезам (Қ.Т.). Изаттойба йа *паноҳгоҳ* даркор, укаҳакош яҷоя шуда, созан ҳиҷ гап не, то кайа салту сувайтак мегарад (Д.Т.).

Рӯшан аст, ки вожаи *хонадор* дар забони тоҷикӣ дар ифодаи мафҳуми «соҳиби хона» омада метавонад. Дар ифодаи мафҳуми «оиладор» омадани ин калима низ дар баъзе мавридҳо ба назар мерасад, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ айнан чунин аст: Хайруллоҷона *хонадор* мекардем, мешуд, баъд беормон мемурдам (Ш.Т.).

Дар баъзе мавридҳо худи калимаи *хона* дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор сермаъноиро ба худ касб карда, метавонад ба маънои «шавҳар» ояд. Аммо бояд зикр намоем, ки ба ин маъно танҳо ҳангоми аз дунё гузаштани шавҳар танҳо зан корбаст менамояд. Дар ин маврид, хусусияти сотсиолингвистӣ касб намудани калимаи *хона* ба назар мерасад, яъне корбурди калима вобаста ба вазъ. Якчанд ҷумлаҳоро ҳамчун мисол дар ин маврид оварда метавонем, аз қабили: *Хонаме, хонаме*, чува иқа ҷувон рафтие (Ш.Т.). *Хонем*, агар намемурд номи бевагийа намебардоштам (Д.Т.).

Воқеан, ба мисли гӯйиши мардумони дигар мавзеъҳо дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ низ синоними ҷуфти *дару дуд* ва *дару девор* корбаст мегардад, ки сирф хусусияти этнолингвистӣ доранд. Ба пайдоиши ҷуфти

синонимии *дару дуд* калимаи *дар*, ки маънояш «табақи аз тахта, оҳан сохташуда барои пӯшидани даромадгоҳи хона» ва *дуд* бо маънои «он чи, ки аз оташ ҳосил шавад) нақши калон бозидаанд. Шояд қисми дуюми ин калима шакли «дуд»-ро надошта, шакли «дуда»-ро дошта бошад, дар ин маврид, маънои ин ибора ба маъное, ки мехоҳем пайдо кунем, рост меояд: дуда-хонавода [288, с. 108]. Ин калима хеле маънои васеъ дорад, яъне маконе, ки ба он сарро дарун карда метавонӣ, он ҷойе, ки хӯрок омода мешавад, дуд мебарояд. Дар рубоиёти мардуми ин мавзеъ низ ҷуфти синонимии *дару дуд* хеле васеъ истифода шудааст:

Ёраки мана мусофир кард ғами *дару дуд,*
Россия рафту кард бо манак падруд.
Хонаҳаки очешба интизорӣ дорам,
Афсурдаву хастаам аз ғамат ёри чашмкабуд (Ш.Т.).

Ҳангоми оғози кори сохтмон мардҳо калимаҳои *кори хайр, хатмбахшон-ро* вирди забон меоранд. *Кори хайра* ҳарчи тезтараш тезтар, фундамента ки рехтем, хешу тawора ба ёрдам даъват мекунем (Ш.Т.). Имрӯз отаҳакат *хатбахшона* гузаронданду симентаки хонаи Иззатулоҷона ҳашар кара, рехта мондан (Ш.Т.).

Аз забони занҳои ин мавзеъ, дар ин маврид бештар вожаҳои *бивисешанбегӣ, бивимушкулкушо, испандкунӣ*, *ҷину аҷинабарорӣ-ро* шунидан мумкин аст: Очи Зиёдулло имрӯз занакоя *бивисешанбегӣ* ҷуғ задагӣ, барои хонаандозии Зиёдуллоҷон йа косаҳак умочак андохтаст (Қ.Т.).

Дар деҳаҳои водии Ҳисор низ ба мисли дигар мавзеъҳо хонаро дастаҷаъмона бо иштироки хешу табор ва ҳамсоягон месозанд. Корбаст гардидани калимаи *ҳашар* то ба итмом расонидани хонасозӣ вирди забони ҳамагон мегардад. Маҳфуми таркиби луғавии «ёрдами хешу табор ва ҳамсоягон» дар ин мавеъҳо дар ибораи *дасти ёрӣ дароз кардан* ниҳон аст. Дар Помир ҳам хона коллективона сохта мешавад ва дар мавриди даъвати хешу табор ва ҳамсояҳо барои ёрӣ расонидан ҳангоми хонасозӣ калимаи «kiruar»-ро истифода мебаранд [24, с. 19].

Албатта, бояд иқрор шавем, ки дар водии Ҳисор низ истифодабарии воҳиди луғавии «кироя» дар мавриди сохтани хона ба назар мерасад. Ногуфта намонад, ки баъзе калимаҳое, ки дар нутқи мардуми намояндагони шеваи шимолии ин мавзеъ ба назар мерасанд дар нутқи намояндагони шеваи ҷанубӣ ба назар намерасанд, аммо калимаи «кироя» ба ин гурӯҳи калимаҳо дохил намешавад. Масалан: Устоя *кироя* кара то охираки товистон кулваҳака бардошта метониста бошем (Ш.Т.). *Кируя* бкнен устоҳора, наход пултон нараса (Т.Ҳ.). Калимаҳои *agilxano* (оғилхона) ва *anbarxano* (анборхона)-ро дар ин шакл дар нутқи мардуми париёни мардуми водии Ҳисор мавриди истифода қарор доранд.

Яке аз амалҳое, ки ҳангоми бардоштани хона ба сомон расонида мешавад ин андова кардан аст. Вожаи «*андова* низ аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ гирифта, дар луғат ба ҳамин шакл, вале дигар маъно дарҷ гардидааст: «*андова* - молаи устодони бано бошад; ва он афзорест бад он гилу гаҷ бар бому девор моланд» [277, с. 117]. Дар ин мавзеъ, инчунин, калимаҳои *қавусандова, гиландова. хасандова* мавриди истифода қарор доранд, ки ҳар яке аз онҳо дорои мафҳумои хос мебошанд.

Воқеан, маросимҳои зиёде дар водии Ҳисор гузаронида мешаванд, ки бо рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ иртиботи зич дошта, боиси пайдо гаштани баъзе аз калимаву истилоҳоти ин соҳа гардидаанд. Масалан, номи яке аз маросимҳое, ки ҳангоми сохтани хона гузаронида мешавад дар шакли *бӯрёкӯбон* маъмул буда, дар фарҳанг низ дар ҳамин шакл омадааст: «*бӯрёкӯбон* - киноя аз зиёфате бошад, ки дар хонаи нав кунанд» [278, с. 197]. Дар ифодаи калимаи *бӯрёкӯбон* дар аксари ҳолатҳо корбаст шудани вожаи *хонадароён* дар гӯйиши мардуми ин водӣ ба назар мерасад: Йа листак пичинак накаретон, духтаро, Ҳамида имрӯз *ханадароён* доштас (Ш.Т.).

Чӣ тавре дар боло қайд намудем, калимаву истилоҳоти соҳаи бинокорӣ ва сохтмон дар ин мавзеъҳо хеле зиёданд. Зиёдии мавод ба мо имкон дод, ки вожагони ин бахшро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намоем:

а) номгӯйи абзорҳое, ки дар соҳаи сохтмон истифода мешаванд: *танув* (Т.Ҳ.) */ банд* (Қ.Ш.) */респопча* (Ш.Т.), *канав* (риштаи ғафсе, ки тавассути он нақшаи биноро мекашанд)*; лом* (Ч.Т.) /*лъм* (Т.Ҳ.), *каланд* (Ҳ.Ҳ.) */кетман* (Б.Т.), *болиға* (Ш.Т.) */малатук* (Ч.Т.) (путк), *бел, теша, тешачаи лойтарошӣ, фона белчаи лойтийи, искана, зоғнул, чӯбхат, андовачӯб, табар, қайроқ /санги хоро* ва ғайра.

Гарчанде аксарияти калимаву истилоҳоти ин соҳа дар забони адабии тоҷик низ, айнан дар ҳамин шаклу маънӣ корбаст шаванд ҳам, вале иддае аз онҳо бо мурури замон ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гашта, шакли дигарро гирифтаанд, масалан, истилоҳи «*искана*» дар гузашта шакли «*аскана*»-ро дошта, дар фарҳангҳои пешин низ, айнан дар ҳамин шакл оварда шудааст: «*аскана* - авзоре, ки ба форсӣ бирма гӯянд» [288, с. 23].

Калимаи *қайроқ* низ дар мавриди сохтани бино хеле зиёд истифода мешавад. Ин калимаро дар баъзе ҳолатҳо ибораи *санги хоро* иваз карда метавонад. Муодили калимаи *қайроқ* дар гӯйиши мардуми Бадахшон калимаи *afson* ба ҳисоб меравад [184, с. 77].

Дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор бошад калимаи *қайроқ* дар дохили воҳиди фразеологии *«нӯлаш қайроқ задагӣ»* омада, ба маънои *«духтари маҳмададоно»* корбаст мешавад.

Дар мавриди истифодаи калимаи *чӯбхат* ҳаминро гуфтанием, ки гарчанде ин вожа баромади хеле қадима дошта бошад ҳам [288, с.81], аммо дар аксарияти ҳолатҳо истифодабарии калимаи иқтибосии русии *метр* дар ифодаи ин мафҳум аз ҷониби ворисони ин лаҳҷаҳо ба назар мерасад.

Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи обзорҳое, ки дар соҳаи сохтмон истифода мешавад, метавонанд дар ҳар як лаҳҷа дар шаклҳои гуногун истифода гарданд. Дар аксарияти онҳо тағйиротҳои фонетикӣ ба мушоҳида расид.

б) ***номи масолеҳи сохтмон: с****имент /симинт (цемент), сименбилок /симинтблок* (цемент блок), *абой /абуй* (обои), *кираска* (краска), *фанер /фанерка* (фанера), *река /рика* (рейка), *палинтус* (плинтус), *битон /битун*

(бетон), *алибастир* (алебастр) ва ғайра. Вожаҳои ифодакунандаи номи масолеҳи сохтмон бештар калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ буда, ба гӯйиши мардумони ин водӣ чунон мутобиқ гардидаанд, ки ҳатто иқтибосӣ будани онҳо ба назар шубҳаовар менамоянд.

Чуноне ки дида мешавад, тавассути ин калимаҳо дар ин мавзеъ ба мисли дигар мавзеъҳои кишварамон калимаҳои *сименблок, лойблок, битонковак, абойчаспонак, краскаковак, битоншӯронак* пайдо гардидаанд.

Истифодабарии калимаву истилоҳоти *ров /сатун /сутун /шоқул* (чӯби, ғафсе, ки барои нигоҳ доштани бино истифода мебаранд)*; гил /лой*, *тахта, ров, бомпӯш, зардеворӣ, мех, бӯрё, сим, қум, санг, сангча*, *гаҷ, тахтасанг*, *қавус* дар ин бахш ба назар мерасанд.

Гарчанде муодили калимаи *тахтасанг* дар забони тоҷикӣ воҳиди луғавии *парних* ба ҳисоб равад ҳам, аммо ба ин шакл дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ ба назар намерасад. Доираи истифодаи ин калима ҳатто дар забони адабии тоҷик низ хеле маҳдуд гаштааст. Оид ба вуҷуд доштани ин калима дар забони тоҷикӣ бо танҳо аз фарҳангҳо маълумот гирифта метавонем: «*Парних* - бар вазни зарних; тахтасангро гӯянд» [278, с. 233].

Теъдоди чунин калимаҳо дар забони тоҷикӣ хеле зиёданд, ки бо мурури замон мақоми худро дар забон аз даст дода, ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол гузаштаанд. Масалан, дар гузашта калимаи «*қавус*» дар забони тоҷикӣ дар шакли *«анбиа»* (ҳалоша ва хошокеро, ки баъд аз пӯшидани хона бар бом андозанд, то ба болои он хоку гил резанд ва бияндованд) корбаст мегардидааст [278, с. 115].

Албатта, дар забони тоҷикӣ калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи масолеҳи сохтмон хеле зиёд ба назар мерасанд, аммо мо танҳо он калимаву истилоҳотеро овардем, ки дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ ба назар мерасанд.

***в) калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи навъҳои хона*:** *айвон* (хонаи калоне, ки дар пеши хонаҳо сохта шишабандӣ карда мешавад), *шарбатхона* (хонае, ки барои нигоҳ доштани ширинӣ ва шарбатҳо сохта

мешавад), *тарабхона* (хонае, ки барои гузаронидани ҷашнҳо сохта мешавад), *чойхона* (хонае, ки барои нӯшидани чой ва истироҳату фароғат сохта мешавад), у*стохона* (хонае, ки дар он ҷо асбобҳоро таъмир менамоянд), *дӯконхона* (хонае, ки дар он дӯкони ҳунармандӣ гузошта мешавад), *майхона* (шаробхона), *қаҳвахона* (хонае, ки барои фурӯши қаҳва сохта шудааст), *қурутобхона* (хонае, ки барои тайёр намудани қурутоб сохта шудааст*), ошхона /танӯрхона /аловхона* /(хонае, ки барои тайёр намудани хӯрокҳо сохта шудааст), *сартарошхона* (хонае, ки барои паст кардани мӯй сохта шудааст), *санбӯсахона* (хонае, ки барои пухтану фурӯши санбӯса сохта шудааст), *болохона* (хонае, ки дар болои хонаи дигар сохта шудааст), *тагхона* (хонае, ки бари мустаҳкам нигоҳ доштани бинои асосӣ сохта шудааст), *қӯшхона* (хона барои мусофирон), *меҳмонхона* (хона барои меҳмонон), *кӯдакхона* (хона барои кӯдакон), *ҳезумхона* (хона барои нигоҳ доштани ҳезум), *анборхона* (хона барои нигоҳ доштани анҷомҳои рӯзгор), *хонаи зимистона* (хона барои зимистонгузаронӣ), *хони тобистона* (хона барои тобистонгузаронӣ), *тапакхона /саргинхона /чалмахона* (хона барои нигоҳ доштани саргин), *хасхона /пахолхона /каҳдон /хошокхона* (хона барои нигоҳдории хӯроки чорво) ва ғайра.

Равшан аст, ки калимаи *долун* (пешайвон) дар «Луғати шеваҳо» айнан, дар ҳамин шакл дарҷ гардидааст. Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» муодили истилоҳи *хони товистона* дар шакли зерин оварда шудааст: «*парбор* бар вазни ҳар бор; хонаи тобистонаро гӯянд [278, с. 226]. Парвора болохонаро гӯянд» [278, с. 233].

Истилоҳоти *келинхона, домодхона, туйхона, қудохона, мурдахона* вобаста ба вазъият ба амал омадааст. Аммо истилоҳоти *қӯшхона* аз асри XIX инҷониб, дар ин мавзеъ мавриди истифода қарор дорад, ки оид ба ин муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев чунин иборози ақида намудааст: «Дар ҳавлиҳои бисёр давлатмандони деҳа меҳмонхонаҳои калон бунёд карда шуд ва онро «қӯшхона» ном мебурданд. Дар «қӯшхона» савдогарони аз кишварҳои дурдаст омада, хобу хез мекарданд. Ҳар савдогар мувофиқи муддати истифодаи қӯшхона ба соҳиби он ҳақ медод» [227, с. 62].

Агар жарфтар ва амиқтар назар афканем, калимаи *анҷомхона* аз ду реша «анҷом» ва «хона» ташаккул ёфта, бояд маънои «хонае, ки дар он кор ба анҷом расонида мешавад»-ро диҳад, зеро маънои аслии калимаи «анҷом» дар фарҳанг «интиҳо ва охири кор» омадааст [278, с. 115], аммо дар гӯйиши ин мавзеъ калимаи *анҷомхона* ба маънои «хонае, ки дар он чизу чораро нигоҳ медоранд» корбаст мешавад.

Гарчанде дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор истилоҳи *хасхона* мафҳуми «хонаи барои нигоҳ доштани хас сохта шуда»-ро ифода намояд ҳам, аммо дар фарҳанг маънои он ба тарзи дигар оварда шудааст: «*хасхона* – хонае, ки аз хасҳо созанд» [288, с. 91]. Дар ин маврид ҳам бо вазъи иҷтимоӣ маънои нав касб намудани калимаи «хасхона» ба чашм мерасад.

Дар воқеъ, ки аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи сохтмонро калимаҳои иқтибосӣ, махсусан иқтибосии русӣ-аврупоӣ, ташкил медиҳанд. Дар гӯйишҳои ин мавзеъ, айни замон, ба ҷойи калимаи *айвон* калимаи иқтибосии *балкон* мавриди истифода қарор дорад, ки дар назари мо решаи ин калима рафта мерасад ба калимаи форсии қадимаи *болкона*, ки дар фарҳанг тафсири худро чуини ёфтааст: «болкона бар вазни осмона; даричаи мушабаккеро гӯянд, ки аз тилло ва ё нуқра ва амсоли он, ки аз даруни хона берунро тавон дид ва аз берун дарунро тавон дид; ва баъзе гӯянд *болкона* ба маънии шабака аст мутлақан; ниҳояташ он ки аз оҳану биринҷ ва ғайра бошад, болкона хонанд ва он чи аз чӯбу устухон ва амсоли он бошад панҷара гӯянд» [278, с. 149].

Калимаи *лойчӣ* дар баъзе мавзеъҳо дар шаклҳои *лойзан* ва *гилкор* маъмул аст. Муҳаққиқ Ҳ. Бурҳонова ин калимаро гуногунмаъно меҳисобад. Ӯ мегӯяд: «Гилкор гуфта, на фақат *андовачӣ, похсачӣ, лойчӣ* (умуман, касоне, ки кори худро аз лой сар мекунанд ва ин зинаро гилкорӣ меноманд» [67, с.71].

Сохтори грамматикии ин калимаҳо гуногунанд. Чуноне ки мушоҳида мешавад, бештари истилоҳоти ин банд мураккаб мебошанд, иддае аз онҳо дар шакли ибораҳо дар истифода қарор доранд, аз қабили *хонаи сангин, хонаи чӯбин, хонаи лойӣ, хонаи хиштин* низ ба назар мерасанд.

***г) номи ашхоси бинокор**: нақшакаш, тановкаш, сангчин, сименттшӯрон, овкаш, сементрез, хиштрез, хиштчин, деволзан, лойшӯрон андовачӣ, шкатуркачӣ / қумшивоқчӣ, шифирпӯш /шифирзан, паталокзан, ровзан /сутунзан* ва ғайра.

Дар ин бахш истифодабарии калимаи *усто* дар ин мавзеъҳо ба назар мерасад. Дар деҳаҳои Шунук, Даҳбед ва Батоши Ҷамоати деҳоти Қаратоғ, инчунин, мавқеи калимаи вожаи *усто калон* низ назаррас буда, доираи интишори ин калима аз ин мавзеъҳо дур рафта наметавонад.

Роҷеъ ба калимаву истилоҳоти сохтмон ҳаминро зикр намуданием, ки ин калимаву истилоҳот вобаста ба шуғли одамон пайдо шуда, дар мавриди сохтани хона аз забони ин мардум шунида мешаванд.

Ба ин тариқ, чунон ки мебинем, вожаҳои соҳаи сохтмон як қисмати калони вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ташкил медиҳанд. Аксарияти ин калимаву истилоҳот хусусиятҳои лаҳҷавиро зоҳир намуда, тасвири забонии ҷаҳони ин мардумро нишон медиҳанд.

2.5. Вожагони ифодакунандаи соҳаи дӯзандагӣ

Арҷгузорӣ ба суннату анъанаҳои миллӣ, маҳз, дар соҳаи дӯзандагӣ бештар ба назар мерасад. Ин санъати қадимаи тоҷикон буда, аз сабаби дар байни дигар қавму қабилаҳо хусусияти фарққунанда доштанаш, маҳз. чакани тоҷикӣ соли 2018-ум ба рӯйхати мероси фарҳангии Юнеско шомил гардид. Калимаву истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ аз ҷиҳати теъдод ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор чунон миқдори зиёдеро дар бар мегиранд, ки лаҳҷашиносон ҳангоми гурӯҳбандӣ намудани онҳо каме ба мушкилиҳо ҳам дучор омада, онҳоро омехта намудаанд. Аслан, матоеро, ки аз он либос омода месозанд дар нутқи занони ин мавзеъҳо дар шаклҳои *латта, латтабанд, латту лут, латту пут, лиwосворӣ, материал* ва *матоъ* дар истифода қарор доранд.

Маълум аст, ки оид ба калимаву истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ дар лаҳҷаву шеваҳои муайян ҳамчун маводи алоҳида таҳқиқоти алоҳидае аз ҷониби лаҳҷашиносони тоҷик ба назар намерасад. Аммо оид ба ин гурӯҳи калимаҳо, дар мавриди баррасии вожагони сарулибос олимони тоҷик маълумоти муайян дода тавонистаанд. Либос нишондиҳандаи фарҳангу тамаддуни миллӣ ба ҳисоб меравад. Доир ба ин масъала, муҳаққиқ М. Ҳалимова андешаи хешро чунин меорад: «Аз бозе, ки инсон бо тамаддуни воқеӣ қадам ниҳод, либос бо ҷисми ӯ доимӣ гардид. Ҳар як халқ, қавм ва миллат вобаста ба урфу одат, оину дин ва иқлими кишвараш либоси мувофиқ касб намуд» [34, с. 3].

Барои пайдо шудани мақолҳои «одаму либос, хонаву палос», «одама а (з) либосаш мешиносанд» калимаи *либос* нақши беҳамтоеро бозида тавонистааст. Ин мақолҳо дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор низ дар ҳамин шакл истифода мешаванд.

Воқеан, дар водии Ҳисор қаторкӯҳҳо зиёд ба назар расида, иқлими ин мавзеъ салқин мебошад, аз ин сабаб, бештар одамон либосҳои пахтаноку пашминро ба бар менамоянд. Дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор

истифодабариии калимаҳои васкакча, шорағза, чакман, тулуп ва ғайра ба мушоҳида мерасанд.

Муҳаққиқи лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор Л.В. Успенская овардааст, ки истилоҳи «*воскат*» дар лаҳҷаҳои Қаратоғу Ҳисор ҳамчун ифодагари нимтанаи занона дучор мешавад [212, с. 68], аммо айни замон, ин истилоҳ дар шакли «васкак» маъмул буда, шакли «*воскат*»-ро надорад. Шояд ҳангоме, ки Л. Успенская таҳқиқоти худро ба роҳ монда буд, ин калима чунин шакл дошт. Дар нутқи мардумони париёни водии Ҳисор дар шакли waskica ва дар нутқи соғутарошҳо дар шакли waskakca маъмул аст.

Воқеан, аксарияти калимаву истилоҳоти ин соҳа ба мисли калимаи *васкак* аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Ва ё бо калимаҳое сохта шудаанд, ки онҳо таърихи қадима доранд. Масалан, дар ташаккули ибораҳои *куртаи гулакушода* ва *куртаи гуламахкам* мавқеи калимаи *gola* (гулу, ҳалқум, гардан); ҳиндии қадим *gala* (гулу, ҳалқум, гардан); ва лотинии *gula* (ҳалқ, гулу), олмонии *Kehe* (гулу) [285, с.158] калон аст.

Инчунин, ба пайдоиши вожагони ифодакунандаи сарулибос ҳодисаҳо ё воқеаҳое, ки бевосита бо ҳаёти инсон алоқамандӣ доранд, боис гардидаанд. Забоншинос Г.В. Набиева дар мақолаи худ «Инкишофи лексикаи сарулибос» хеле бамаврид овардааст: «таърихи пайдоиши лексикаи сарулибос аз сарчашмаҳои гуногун сар мезанад. Яке аз манбаҳои ташаккул ва таҳаввули воҳидҳои луғавии ифодакунандаи сарулибос матоъҳои пахтагӣ ҳисоб мешаванд» [153, с. 45].

Гарчанде андешаи муҳаққиқ дар ин ҷо хеле бамаврид бошад ҳам, вале мардуми тоҷик на танҳо бо матоъҳои пахтагӣ сарулибос омода месозанд, инчунин либосҳои аз матоъҳои пашмиву абрешимӣ омода сохтаро низ ба бар менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки баъзе калимаҳое, ки дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор дар ифодаи сарулибос корбаст мешаванд аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Масалан, вожаи *сарандоз* бо ҳамон маъное мавриди истифода қарор дорад, ки айнан дар фарҳанги «Чароғи Ҳидоят»

тасриф шудааст: «Сарандоз - ҷомае, ки занон бар сар андозанд, чунонки рӯпок ва миқнаъ» [288, с. 127].

Гуфтан лозим аст, ки муодили ин истилоҳ дар ин мавзеъҳо вожаи *яктаҳ* ба ҳисоб меравад. Гарчанде, айни замон, истифодаи яктаҳ дар дигар мавзеъҳо ба назар нарасад ҳам, аммо дар деҳаи Тӯдаи ноҳияи Ҳисор занҳои миёнасол то ҳанӯз бе яктаҳ дар кӯчаву бозорҳо намегарданд, аммо ин калима ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, шакли «*яктак*»-ро гирифтааст. Доираи интишори калимаи *яктаҳ* ба маънои дар боло зикргардида на он қадар васеъ буда, корбасти истилоҳи *сарандоз* дар нутқи мардуми ин деҳот бештар ба назар мерасад.

Аслан, дар ифодаи либос дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор таркиби луғавии сарулибос мавриди истифода қарор дорад. Муҳаққиқи лаҳҷаи водии Рашт Ш. Исмоилов овардааст, ки «дар лаҳҷаи водии Рашт истилоҳҳои *моъмила, лоқ, лоқ-ъ, лоқ-ъ пар* дар ифодаи мафҳуми умумии «матоъ, либос, либосворӣ, сару либос» истеъмол меёбанд» [109, с. 113]. Гарчанде дар ин мавзеъҳо дар ифодаи мафҳуми *сарулибос* синоними ҷуфти *парупушок* низ сермаҳсул аст, аммо муҳаққиқ дар ин бора чизе нагуфтааст.

Лаҳҷашиноси дигари тоҷик Н. Гадоев ба ин гурӯҳи калимаҳо диққати махсус дода, воҳидҳои луғавии ин бахшро ба мардонаву занона гурӯҳбандӣ намуда, чунин овардааст: «Воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи либосҳои занона моҳиятан лаҳҷавианд» [69, с. 54].

Чунон ки гуфтем, дар доираи шеваю лаҳҷаҳо таҳлили вожагони соҳаи дӯзандагӣ то ҳанӯз идома ёфта истодааст. Зеро ин калимаву истилоҳот гарчанде моҳиятан як маъноро ифода намоянд ҳам, аммо дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳо дар шаклҳои гуногун мавриди истифода қарор дошта, қисме аз онҳо ба гурӯҳи калимаву истилоҳоти куҳнашуда дохил шудаанд. Оид ба ин масъала муҳаққиқ С.М. Исматов андешаи хешро чунин баён менамояд: «Вожаҳои сермаънои мисли *кӯдакӣ* дар зеҳни мардум айёми туфулиятро мерасонад. Аммо ҷумлаи «Ба болои (қади) он кӯдак дӯхтани кӯдакӣ» (вожаи аслиии зебо ба ҷойи

вожаи серистифодаи формача) маънои либосро медиҳад, ки аҳаммияти ин таркибу ҷумлаҳоро дар ташаккули маънӣ нишон медиҳад» [107, с. 87].

Воқеан, мардуми тоҷик ба мисли дигар ақвоми дорои фарҳангу тамаддуни бойу ғанӣ аз қадимулайём дар интихоби либос бениҳоят ҳассос буданд, зеро фардияти соҳиби либос дар пӯшидан ва интихоби либос зоҳир мегардад. Либос дар бораи соҳибаш ҳамон қадар маълумот медиҳад, ки шахс аз шиносномаи соҳиби либос омӯхта тавонад [121, с. 80].

Таҳқиқоти этнолингвистӣ доир ба вожагони соҳаи дӯзандагӣ дар забоншиносии тоҷик ба анҷом расонида нашудааст, вале муҳаққиқи рус Л. Тариева ҷанбаҳои этнолингвистии омӯзиши сохтори вожагони соҳавиро аз рӯйи маводи вожагони соҳаи дӯзандагӣ дар забони ингушӣ ба итмом расонида, бештар диққати худро ба вожагони либосҳои миллӣ равона сохта, чунин овардааст: «Пироҳани миллӣ ин либоси занонае, ки аз се қабат иборат мебошад куртаи таг, куртаи дуюм ва камзӯл ба ҳисоб меравад» [31, с.17].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар гузашта низ занҳои тоҷик куртаи тагро либоси асосӣ меҳисобиданд ва дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор ин навъи куртаро «*куртаи гирвончаи дандондорак*» меномиданд, аммо доираи истифодаи ин истилоҳ рӯз то рӯз дар ин мавзеъ танг шуда, ин истилоҳ ба гурӯҳи калимаҳо ғайрифаъол дохил шуда истодааст. Ба ҷойи ин дар соҳаи дӯзандагӣ калимаву истилоҳоти нав дохил шуда, дар дохили забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он ҳазм шуда истодаанд.

Калимаву истилоҳоте, ки дар маросими «*кӯрпадӯзон»* дар гӯйиши ин мардумон дар истифода қарор мегиранд сирф хусусиятҳои этнолингвистиро зоҳир намуда, аз тарафи забошиносон як таҳқиқоти алоҳидаи мукаммалро тақозо менамояд.

Вожагони сарулибос дар доираи этнолингвистика танҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик дар доираи муқоисаи забонҳо ба роҳ монда шудааст. Масалан, муҳаққиқ Ҷ. Худойбердиева дар рисолаи хеш «Таҳлили этнолингвистӣ ва сохтории лексикаи либоси занона ва мода дар забонҳои гуногуннизом (аз рӯйи маводи забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ)» овардааст:

«Инсон арзиши либосро ҳамчун воситаи муҳфизат аз таъсири нохуш дарк намуда, дар бораи вазифаи эстетикии он низ фикр намуданро сар кард» [36, с. 3].

Албатта, бояд ёдовар шавем, ки баъзе аз калимаҳое, ки дар ифодаи мафҳумҳои дӯзандагӣ дар забони тоҷикӣ корбаст мешаванд, аз даврaҳои аввали рушди забонамон маншаъ гирифта, айни замон, доираи истеъмолашон тангтар шуда истодаанд. Масалан, дар бахши ҷомадӯзӣ дар фарҳанги «Чароғи ҳидоят» таркиби луғавии *ҷомаи бабрӣ* оварда шудааст, ки ифодакунандаи мафҳуми «ҷомае нақшҳои он пулак пулак мисли пӯсти шер ва бабр бувад» буда, [288, с. 71], айни замон, дар истифода қарор надорад.

Водии Ҳисор аз гузашта бо ҳунармандони худ дар шаҳрҳои Осиёву Русия овозадор гашта буд. Қаратоғ дар водии Ҳисор маркази дӯзандагӣ ба ҳисоб мерафт.

Занҳои ин мавзеъ бо навъҳои гуногуни дӯзандагӣ шуғл меварзиданд, ки ин боиси зиёд гардидани калимаву истилоҳоти ин соҳа дар лаҳҷаҳои мазкур гардид. Агар амиқтар, жарфтар назар афканем, як мафҳум бо калимаҳои шаклҳои гуногундошта метавонад байни ин мардумон мавриди истифода қарор гирад. Масалан, истилоҳи *камзӯлча* миёни мардуми деҳаи Чиртак дар шакли *васкак,* деҳаи Шунук дар шакли *гупича*, деҳаи Ширкент дар шакли *беостинак* ва деҳаи Батош дар шакли *безрукафка* (безрукава) мавриди истифода қарор дорад.

Аксарияти ин калимаву истилоҳот хусусияти лаҳҷавӣ пайдо намудаанд: *ойнахалта* (халтача барои нигоҳдории ойнача), *зийаки ҳафтайак* (шерозе, ки аз ҳафт кӯк иборат аст), *калтач**а*** (камзӯлчаи бепахтаи ларози остиндоре, ки дар рӯзҳои мурдаву мотам мепӯшанд), *гирwончи дандонадор* (гиребони куртаи занонае, ки ба таври дандончаҳо оро дода шудаанд), *тоқипӯшак* (тоқии пахтаноке, ки бари занҳои калонсол аз матои мулоими пахтанок дӯхта шудааст), *рағзадӯзӣ* (дӯхтани либоси болои пашмин) ва ғайра.

Аз сабаби гуногунии ин соҳа дар ин мавзеъ, ин намуди ҳунармандӣ ба якчанд шохаҳои дигар ҷудо мешаванд: *куртадӯзӣ, поҷомадӯзӣ, шероздӯзӣ, даравшдӯзӣ, зардӯзӣ , тоқидӯзӣ, чапондӯзӣ, кӯрпадӯзӣ*.

Чуноне ки дида мешавад, ин истилоҳот таркибан мураккаб буда, аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл тавассути пасванди-ӣ, ки исми маънӣ месозад, таҳрезӣ гардидаанд. Чӣ тавре муҳаққиқи лексикаи лаҳҷаи Конибодом Р. Сангинова дар монографияи худ «Лексикаи лаҳҷаи Конибодом» қайд мекунад, ки дар лаҳҷаи Конибодом дар ифодаи маҳфуми «*косиб*» истилоҳоти *куттадӯз, чокдӯз, усто, халифа* ба кор мераванд» [188, с. 104]. Аз ин бармеояд, ки чунин навъи калимаҳо на танҳо дар гӯйишҳои водии Ҳисор, балки дар дигар лаҳҷаву шеваҳо низ назаррасанд.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки миёни мардуми водии Ҳисор ин гурӯҳи калимаҳо дар ҳамин шакл маъмул буда, дар деҳаҳои гирду атрофи Ҳисор бештар истилоҳи «*дӯзанда*» корбаст мешавад, яъне истифодаи садоноки «ӯ» дар ин калима ба назар намерасад, ки дар ин маврид ба шохаи шеваи ҷанубӣ мансуб будани ин гӯйишҳо ба назар мерасад. Дар нутқи сокинони деҳаҳои Шунук, Батош, Даҳбед, Ҷовидон ва Меҳрободи Ҷамоати деҳоти Қаратоғи шаҳри Турсунзодаи бештар вожаи *биwидарзӣ* роиҷ аст. Дар нутқи мардумони деҳаҳои Узбекистон, Навбунёд, Чашми моҳиён, Сарчашма, Сайёд, Ҳуснобод, Бӯстон, Сунбулаи Ҷамоати деҳоти Ҳисори шаҳри Ҳисор истифодабарии вожаи *чевар* бештар ба назар мерасад.

Истилоҳи *биwидарзӣ* бештар хусусияти лаҳҷавӣ дорад. Аз исми *биwӣ* (бибӣ), *дарз* ва пасванди **-ӣ** дар қолаби мураккаби калимасозӣ сохта шудааст. Вожаи *биwӣ* (бибӣ) дар ин маврид ифодагари маҳфуми хешутаборӣ набуда, балки маҳфуми «*пири кор*»-ро дар бар мегирад.

Вожаи *дарз* бошад, чунин маҳфумҳоро ифода мекунад: 1) чоки дӯхташудаи либос, ҷойи бо ҳам дӯхташудаи қисмҳои либос; 2) ҷойи пайванди ду чиз; 3) чок, шикоф, роғ, сӯрох.

Ин вожа дар осори адибони классик низ ба назар мерасад. Масалан, Сайидои Насафӣ дар «Шаҳрошӯб», ки ба косибони касбу кори гуногун бахшидааст онро хеле зиёд истифода намудааст:

Аз ғами он шӯхи **дарзӣ** ҷомаи худ сӯхтам,

Чашм чун сӯзан ба чоки домани ӯ дӯхтам [329, с. 436] .

Мафҳуми калимаи «дарз» дар деҳаҳои Қади Ҷӯйбор, Пахтакор, Сангмелаи ноҳияи Шаҳринав дар ибораи «*чоку чилик*» ниҳон аст, ки дар ташаккулёбии ин ибора калимаҳои *«чок»* (дарз) ва *«чилик»* (ангушт) нақши босазоеро бозидаанд.

Дар ин мавзеъ истифодабарии калимаҳои *чиликӣ* (як навъи рақс), *чиликак* (як навъи ангур), *чиликибандӣ* (як навъи рӯймолбандӣ) ва *чиликизанӣ* (як навъи доиразанӣ) ба чашм мерасанд, ки бо калимаи *чилик* ташаккул ёфтаанд. Ин калимаҳо, маҳз, тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро инъикос менамоянд.

Соҳаи дӯзандагӣ бахшҳои зиёд дорад, ки онҳо бо истилоҳоти гуногун номгузорӣ шудаанд. Аз ин рӯ, онҳоро боз ба гурӯҳҳои алоҳида тасниф кардан лозим аст:

***а) вожаҳои ифодакунандаи навъҳои кӯрпаву болин*:** *кӯрпи калон* (С.Ш.) / *курпайи калун* (Ҳ.Ҳ.), *кӯрпи рӯ* (Ш.Т.) /*курпайи боло* (Ч.Т.), *кӯрпи таҳлаҳатӣ* (И. Ҳ.) /*курпайи таҳ* (Ш.Ш.), *кӯрпи йаодама* (Б.Т) /*курпайи якасса* (М.Т.), *кӯрпи дуодама* (Н.Ш.) /*курпайи дукаса* (Ч.Ш.), *кӯрпи куроқӣ* (Ш.Т.), *кӯрпи зовутӣ* (М.Т.), *кӯрпача* /(Ш.Ш.) /*йакандоз* (Н. Ш.), *буғҷома* (Д.Т) */буғҷума* (Ч.Т.), *болишт* (Б.Ш.) */тагсарӣ* (Т.Ҳ.), *болишти дароз* (И.Ҳ.) /*тагсари дроз* (Т.Ҳ.), *болишти зардӯзӣ* (М.Т.*) /тагсари зардузӣ* (Т.Ҳ.), *болишти гулдӯзӣ* (Ш.Т.) /*тагсарӣ гулдузӣ* (Т.Ҳ.), *болишти пар* (Ҷ.Т.) /*тагсари пардор* (Ҳ. Ҳ.), *болишти поповӣ* (С.Ш.) /*тагсари попурӣ* (Т.Ҳ.), *лӯлаболишт* (Қ.Т.) */лулаболишт, рӯкашаки кӯрпа /ҷилди курпа, рӯкашаки болишт /ҷилди болишт, рӯйҷо /чодир /чодур* ва ғайра. Дар ин мавзеъ истифодабарии ибораи *«кӯрпаву болин»* бештар дар ифодаи мафҳуми вожаи *кӯрпа* ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки маҳз, ин санъати мардуми тоҷик, ки бештар хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамояд, калимаву истилоҳоти зиёдеро дар бар

гирифта, омилҳои пайдоиши худро доро мебошанд. Масалан, барои пайдоиши вожаҳои *кӯрпаи арусӣ*, *курпачаи таги чодар*, *курпаи қуроқии таги пойи домод*, *курпаи шаҳбача*, маҳз, маросимҳо туйи арусӣ ва хатнасур асос гузоштаанд.

Маросими *кӯрпадӯзон* дар арафаи туйи арусӣ гузаронида мешавад, ки аз якчанд марҳила иборат аст, аз қабили *мағзимонӣ, пахтаандозӣ, қавиққунӣ* ва ғайра. Гарчанде ин калимаҳо калимаҳои умумиистеъмолӣ ба ҳисоб раванд ҳам, аммо доираи истеъмоли вожаҳои *пахтамонӣ, лагандакунӣ* аз байни намояндагони шеваи шимолӣ ва *пахтаандозӣ, кувамонӣ* аз байни намояндагони шеваи ҷанубӣ дур рафта наметавонанд. Калимаву истилоҳоти ин бахш мавридҳои истеъмоли худро доро мебошанд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар ин бахш калимаву истилоҳоте корбаст мегарданд, ки барои намояндагони дигар гӯйишҳо низ маъмуланд. Масалан, вожаи *ғилефӣ* (раванди дӯхтани мағзӣ ба канори абра ва астар) барои намояндагони лаҳҷаҳои Бухоро низ ошност [260, с. 253].

Аслан, бо вожаи кӯрпа исмҳои шахси *кӯрпадӯз, кӯрпамағзимон, кӯрпақавиққун, кӯрпачин, кӯрпапарто, кӯрпаҷундор ва кӯрпаборкун* пайдо гаштаанд. Дар сохта шудани калимаҳои *кӯрпавор, астарвор, кӯрпачавор, мағзивор, рӯкашаквор, болиштчавор* нақши пасванди қадимаи **-вор** бағоят назаррас аст.

Боварҳое, ки дар иртибот бо ҳунари бистардӯзӣ пайдо шудаанд:

Агар болиштро чапа гузорӣ, соҳибаш мемурад.

Агар кӯрпаву кӯрпачаро чапа таҳ кунӣ, бадбахтӣ меорад.

Агар ба таги сари кӯдаки навзод болишти пахтааш сахтро гузорӣ, гарданаш каҷала намешавад.

Агар кӯрпачаи таги чодари арусро аз қуроқ дӯзӣ, хушбахт мешаванд.

б) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи ҳунари кашидадӯзӣ: Дар водии Ҳисор ҳунари *кашидадӯзӣ* боз бо номҳои *гулдӯзӣ, нақшдӯзӣ, чакандӯзӣ* ва *юрмадӯзӣ* маъмул аст. Ин калимаҳо калимаҳои мураккаб буда, аз калимаҳои умумистеъмоли тоҷикӣ ташаккул ёфтаанд. Маънову муҳтавои калимаҳои *гулдӯзӣ, нақшдӯзӣ* ба ҳамаи тоҷикзабонон ошност, аммо калимаи *юрмадӯзӣ* аз

калимаи туркӣ узбекии «юрма» ва феъли фармоишш «дӯз» ва суфикси **-ӣ** ба зуҳур омадааст.

Дар бобати баромади калимаи *чакандӯзӣ* ҳаминро гуфтанием, ки аслан оид ба пайдоиши худи вожаи *чакан* миёни донишмандони ин соҳа баҳсҳои беканор вуҷуд доранд. Бархе аз донишмандон дар он ақидаанд, ки решаи калимаи *чакан* рафта мерасад, ба калимаҳои *чеканит* ва *чеканка*-и русӣ, аммо бархе аз дигарашон мепиндоранд, ки ин ба ташаккулёбии ин калима нақши асосиро вожаҳои *чакомак* ва *чакома*-и авестоӣ бозида тавонистаанд. Бидуни андешаҳои донишмандон ҳаминро гуфтанием, ки ин шакли ба тағйироти фонетикӣ дучор гаштани калимаи чакин-и форсӣ тоҷикӣ мебошад, ки дар фарҳанг тафсири худро чунин ёфтааст: «Чакин - навъе аз кашида ва заркашдӯзӣ ва бахиядӯзӣ бошад; ва ҷома ва қабоеро, ки чунин дӯхта бошанд, чакиндӯзӣ гӯянд; ва ба касри аввал ва сонӣ (яъне чикин) ҳам омадааст» [278, с. 352].

Оид ба нақши муҳим доштани ҳунари гулдӯзӣ миёни мардуми водии Ҳисор муҳаққиқон андешаҳои хешро ба таврҳои гуногун баён намудаанд. Ин ҳунар, асосан, миёни занҳо маъруфият дорад, ки онро *нақшдӯзӣ* ҳам мегӯянд. Занҳои дар ин бахш ҳунарманд бо номи *косиб* шинохта мешаванд. Вожаи *косиб* баромади арабӣ дошта, аз асоси *касб* рӯйидааст, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ мавқеи устувор дорад.

Албатта, санъати кашидадӯзии миллати тоҷик гуногун буда, бештар дар онҳо орзуву ормонҳои занон таҷассум гардидаанд. Маҳз, ин сабабҳо омили асосии пайдоиши нақшҳое гардидаанд, ки занҳо бо ҳунари кашидадӯзӣ онҳоро мураррифӣ менамуданд,

1) Номи нақшҳо: *якофтоwа нимофтоwа, якмоҳа, нимоҳа, кунгура, гули қадима, бодомча*, *гули коси калон, майдагулак, садбаргул, баҳор, гули зинда, косагул, лолагул* ва ғайра. Нақшҳои офаридаи ин косибон рамзи офтоб ва хуршедпарастӣ мебошад.

Дар ҳақиқат, санъати кашидадӯзии мардуми тоҷик беназир ва беҳамост, зеро ҳангоми таҳлили мавод собит карда тавонистем, ки танҳо дар забони тоҷикӣ ва

номи маҳсулоти гулдӯзӣ: *пешисӯзанӣ, занҷирак, гулбаст, дол, катакча* ва ғайра. Маҳсулоти дӯзандаҳои ин мавзеъ бо калимаҳои *сӯзанӣ вкт/ ҷойпӯш /ҷойнамоз /борпӯш, рӯмоли миён /локӣ /миёнбанд, болишт /тагсарӣ, болои чимилиқӣ / болои чодар* номгузорӣ карда шудаанд.

Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки синоними ҷуфти *очаву бача* дар заминаи ҳунари даравшакдӯзӣ пайдо шуда, ифодагари мафҳуми «ҷойпӯш» ва «ҷойпӯшча» мебошад. Калимаи **дарawшак** дар забони тоҷикӣ дар шакли дарафшак маъмул аст.

Ҳамин тавр, вожагони ифодакунандаи ҳунари кашидадӯзӣ дар гӯйишҳои ин мардумон мавқеи калонро ишғол намуда, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

в) вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари куртадӯзӣ: Калимаву истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ як қабати калони вожагони лаҳҷаҳои мазкурро фаро гирифта, муодилҳои зиёде доранд, ки дар мавридҳои зарурӣ яке дигареро иваз карда тавонад. Пайдоиши теъдоди зиёди ин калимаҳо аз кучо сарчашма мегирад? Дар ин мавзеъ навъҳои гуногуни дӯзандагӣ рушд намудааст, зеро водии Ҳисор аз гузашта маркази тамаддуни халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, чӣ тавре дар боло қайд намудем, Роҳи Бузурги Абрешим тавассути ин мавзеъ мегузашт. Аслан, дӯзандаҳои ин мавзеъ дар ҳунари дӯзандагӣ истеъдоди беҳамто дошта, дар ҳар мавриди муайян метавонанд куртаҳои дӯхтаи хешро пешниҳод намоянд. Либосҳоро чунон нозукона медӯхтанд, ки тавассути ҳунари хеш ҷинсият, вазъи иҷтимоӣ, руҳ ва синну соли соҳиби онро нишон дода метавонистанд.

Бо маҳорати беҳамтои хеш, ҳатто, ҳолати равонии соҳибони либосро нишон дода метавонистанд. Ин истеъдодро на танҳо дӯзандаҳои тоҷик, балки дӯзандагони рус низ доштанд, ки дар энсиклопедияи калони рус ин чиз дарҷ гардидааст: «Либос метавонад ҳолати руҳиро низ инъикос намояд, тавассути он ҳар яки мо кадом як қисм шахсиятамон таъбу завқ, ният, муносибат ба назари худро ошкор намоем» [122, с. 383].

Таҳлилҳо собит намуданд, ки ҳунари куртадӯзӣ низ бо урфу одатҳои мардумӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, вобаста ба суннату анъанаҳо дӯзандаҳои водии Ҳисор куртаҳоро медӯзанд. Масалан, номгӯйи куртаҳои *туйравак /туйпушак, куртаи аъзогӣ /мурдапушак, куртаи хонагӣ /хонапушак куртаи меҳмонравак /меҳмонпушак* худ ҷавобгӯйи худанд.

Дар гӯйишҳои мардуми ин водӣ ба мисли дигар гӯйишҳо истилоҳи *куртадӯз /къртадуз* мавриди истифода қарор дорад, ки ифодагари мафҳуми «ашхосе, ки ба дӯхтани курта шуғл меварзад», мебошад. Дӯзандаҳои ин мавзеъ, аслан, *курти фӯрма* (Б.Т.) /*къртаи пешакдърак* (Т.Ҳ.) /*курти тоҷикӣ* (Ш.Т.), (куртаи пешакдор), *курти пешкушода* (Ш.Т.) /*къртаи пешчокак* (Ҳ.Ҳ.), *курти пешмахкам* (Н.Ш.), *къртаи пешъкмахкам* (Т.Ҳ.) (куртаи пешмахкам), *курти йайақага /къртаи йагърwуна* (куртаи якгиребондошта), *курти ду йақага* (С.Ш.) /*куртаи дугървуна* (куртаи дугиребондошта), *курти гирвончиростакдор* (Ш.Т.) **(**куртаи гиребонаш рост), *курти гирвони дандончадор* (О.Т.) (куртае, ки дар гиребонаш бо шакли дандонча таркидӯзи карда шудааст), *куртайи ростак* (Ҳ.Ҳ.) (куртае, ки бепешак ростак дӯхта шудааст), *курти таҳпӯшак* (Ш.Ш.) (куртае, ки аз таги куртаи тунуки ҳарир барои натофтани бадан тавсия шудааст), *куртайи урусӣ* ***/сарафан*** (Ч.Т.) (куртаи бо тарзи русӣ дӯхташуда), *куртайи шабпӯшак* (кӯртае, ки барои хоб рафтан дӯхта шудааст) ва ғайраро медӯзанд.

Баромади этимологии калимаи *сарафан* ба калимаи форсии **serapa** (либоси фахрӣ /почётная одежда) ва тоҷикии *саропо* рафта мерасад [303, с. 561].

Дар водии Ҳисор гӯйишҳои гуногун мавҷуданд, ки ҳар яке хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Як мафҳум метавонад дар ин мавзеъ бо калимаҳои гуногун номгузорӣ гардад. Масалан, дар баъзе гӯийшҳои ин мавзеъ ибораи *куртаи пешакдор* ба назар мерасад, ки метавонад бо воҳиди луғавии *куртаи фӯрмачадорак* синоним шавад. Дар ташаккулёбии ин калимаи вожаи русии форма нақши асосиро бозидааст.

Ҳунармандони куртадӯз калимаву истилоҳоти *қад* (дарозии курта), *бар* (кушодии курта), *остин* (остини курта), *фӯрмача/ фурма/ пешак* (пешаки курта**),** *йақа /гиребун* (гиребони курта)**,** *пасак* **(**пушт), *астарак* (астар), *қулфак* (дӯхтани пораи матоъ барои кушод кардани таги каши курта), *тириз* (духтани пораи матоъ барои кушод шудани бари курта)-ро ҳангоми дӯхтани курта истифода мебаранд. Баъзе аз ин калимаҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Масалан, ибораи *лаби гербон,* айнан, дар ҳамин шакл дар фарҳангҳои пешин оварда шуда, тафсири худро чунин ёфтааст: «ҷойе, ки гиребон, ки сиҷоф ва зеҳ бар он дӯзанд ва он тарафи болост» [288, с. 187].

Гарчанде, калимаи поҷома бо гунаҳои эзор*, шарвор, лозимӣ, бурук, поча* дар гӯйишҳои водии Ҳисор мавриди истифода қарор дошта бошад ҳам, аммо дар фарҳангҳо ин калима дар шакли *изор* оварда шуда, чунин тафсир шудааст: «Изор бар вазни хиёр; бун ва таги обро хонанд ва дасторро низ гӯянд; ва ҳар чиз бар пой кашанд, монанди шалвортунбон; ва дар арабӣ ба маънии зан бошад, ки дар муқобили мард аст; лунгӣ ва лунгӣ фута ҳам ҳаст» [277, с. 84].

Боварҳое, ки бо пӯшидани либос иртибот доранд:

Агар куртаро чапа таҳ кунӣ, соҳибаш мемурад.

Агар куртаро чапа пӯшӣ, чашм намерасад.

Куртаро дар тана дӯзӣ, ба марг дучор мегардӣ.

Ҳангоми пӯшидани курта умри ман дароз шавад, умри куртаам кӯтоҳ гӯйи агар, умри дароз мебинӣ.

Ҳамин тавр, бештар калимаҳои соҳаи дӯзандагӣ хусусияти этнолингвистиро ифода менамоянд. Теъдоди ин гурӯҳи калимаҳо дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор хеле зиёд буда, аксарияти онҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд.

2.6. Вожагони ифодакунандаи соҳаи бофандагӣ

Бояд қайд кард, ки соҳаи бофандагӣ бахши маъмули ҳунарҳои мардуми тоҷик ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳи зиёдро дар бар мегирад. Ҳатто, муаллифи китоби «Тоҷикон» Бобоҷон Ғафуров оид ба куҳан будани ин касб миёни мардуми тоҷик чунин овардааст: «Бофандагӣ миёни тоҷикон хеле рушд карда буд. Матоъҳо аз абрешим, пахта ва заҒирпоя тайёр карда мешуданд» [70, с. 68].

Гарчанде ин ҳунари қадимаи мардуми тоҷикон ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳи зиёдеро дар бар гирад ҳам, аммо аксарияти ин калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои камистеъмол дохил шуда истодаанд, аз қабили *халифагӣ* (марде, ки дар хонаи мардум ба бофандагӣ машғул аст), *обчоқ* (марде, ки дар танидани тору пуди алочабофиӣ маҳорат дорад), *абрмон* (бофандае, ки матои алочаи абр мебофад) ва ғайра.

Дар таҳқиқотҳои лаҳҷашиносону шевашиносони тоҷик ба монанди Ш. Исмоилов, Н. Гадоев, Р. Сангинова қайду ишораҳо оид ба вожагони ин навъи ҳунармандӣ дар гуйишҳои мардумӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, аммо фарогири тамоми ҷанбаҳои мавзуи мазкур буда наметавонад.

Рисолаи номзадии муҳаققиқ С. Усмонова ба вожагони бофандагии забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои гуногун хусусиятҳои лексикӣ, семантикӣ ва сохтории лексикаи бофандагиро баён намуда, нақши онро дар инкишофи забони тоҷикӣ нишон дода тавонистааст, вале ин таҳқиқот фарогири ҷанбаҳои этнолингвистии мавзуи мазкур буда наметавонад [32, с. 234].

Маълум аст, ки касби бофандагӣ яке аз касбҳои машаққаталабтарин дар миёни мардуми тоҷик ба ҳисоб мерафт, аз ин лиҳоз, Сайидои Насафӣ, ки худ аз ҳунармандӣ воқиф буд, диду назари хешро оид ба машаққати ин ҳунар чунин баён намудааст:

Дилакам зардоб шуд аз ҷаҳ чаҳи *бофандагӣ,*
Чашмакам пуроб шуд аз риштаҳои кандагӣ.

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар даврони Шуравӣ қариб, ки касби бофандагӣ ба гӯшаи нестӣ рафта буд, дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ калимаву истилоҳи ин соҳа низ кам ба назар мерасиданд. Дар ҳамон давра дар Қаратоғи водии Ҳисор бофандаҳо рустӣ дар хонаҳои худ ба касби бофандагӣ шуғл меварзиданд. Аз қадимулайём барои серрангу пурҷило бофтани матоъ диққати махсус медоданд. Касби бофандагӣ, ки шуғли дӯстдоштаи сокинони ин мавзеъ буд, аз нашъунамои дарахти тут вобастагии сахт дорад. Умуман, матоъҳои абрешимие, ки мардуми тоҷик истеҳсол менамуд, ҳанӯз дар асрҳои 1Х-Х миёни дигар халқҳо шукӯҳу шаҳомати хосса дошт. Матои *зандонича* абрешимӣ буд, порчаҳои зандоничаи абрешимии давраи пеш дар баъзе осорхонаҳои ҷаҳон то ҳанӯз маҳфуз мондаанд [71, с. 228].

Дар ин мавзеъ, рубоие, ки вирди забони ин ҳунармандон мегардад, бевосита сарчашмаи худро аз ҳодисае, ки соли 1988 асри гузашта рух дода буд, гирифтааст. Ҳангоми монеъ гардидан кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба ҳунари бофандагӣ, ҳунармандон маҷбур шуданд, ки калобаҳои абрешимии худро ба дарёи Қаратоғ обакӣ кунанд. Бениҳоят як манзараи мудҳишовар пеши назари шахс меояд. Аз сабаби он ки калобаҳо бо рангҳои сурх, зард, кабуд, сабз ва сиёҳу ҷигарӣ ранг карда шуда буданд оби дарё низ чунин рангҳо гирифта буд, ки рубоиёти зерин далели ин гуфтаҳост:

Дарёҳаки Қаратоға оваш ранга,
Меҳнатои кардагема дарё дида.
Аз дастаки қонундоро ҷигархун ҳастем,
Калобаи ресидагима нахаш дига (Қ.Т.).

а)вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари алочабофӣ: *Алочи тошкентӣ, алочи бойсунӣ, алочи деҳнавӣ, алочи кулобии миёнкуфта, алочаи ғарбӣ* ва ғайра. Ин номгӯйи алочаҳо, маҳз, ба макон далолат карда, дар фолклори мардуми ин мавзеъ низ таҷассум гардидааст:

Кузачаи қулқулаки дастам сирдор,
Алочаи бойсунема барорам бозор.
Гар ёраки раҳдурӣ маро суроғ ояд,

Ҷомаҳаки мушку заъфарша ёбам дар ҳол (Қ.Т.).

Калимаи *алоча* на танҳо хоси гӯйиши ин мардум будааст, инчунин, мардуми Бадахшон низ ин вожаро дар рубоиёти худ мавриди истифода қарор додаанд:

Нозукбадан дар кӯча,
Дар танаш куртаи *алоча,*
Аз барояш дилам беқарор,
Ширинқад ҷононаи ман [229, с. 42].

Аслан, дар гузашта алочабофиро дар Қаратоғи водии Ҳисор дар гузашта корбофӣ меномиданд, ки дар ин бобат, муҳаққиқон андешаҳои хешро ба тарзҳои гуногун баён намудаанд. Масалан, муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев мепиндорад, ки «алочаро бисёр вақт *«кор»* ҳам ном мебаранд. Чунончи, *кори сусӣ, кори ҷелакӣ* ва амсоли онҳо» [227, с. 41]. Дар ин маврид, муҳаққиқ номҳои *алочаи сусӣ* ва *алочаи ҷелакӣ*-ро дар назар дорад, ки дар гӯйиши мардумони Қаратоғ метавонанд боз бо номҳои дар боло зикршуда корбаст гарданд.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор дар бахши бофандагӣ вожаҳои *кортан, корбоф, корпеч* ва *коргоҳ* низ ба кор мераванд, ки аз инҳо *кортан* ва *корбоф* шахсро ифода мекунанд». Ин калимаҳо исмҳои шахс буда, дар гузашта ҳар яке мавқеъ ва мавридҳои истифодаи худро доштанд.

Дар ин мавзеъ, дар мавриди тайёр намудани алоча ба ранг диққати махсус медиҳанд, ки калимаҳои *самсамӣ /нофармон* (ранги бунафш), *пуштигул* (гулобӣ), *садбаргӣ* (сурх), *ниловӣ* (кабуд), *пистоқӣ* (сабз), *қошнил* (ҷигарӣ), *заъфарон* (зард) маҳз, тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро нишон дода метавонанд. Рангро дар водии Ҳисор, асосан, бо ду усул ба ҷо меоварданд, бо усули гарм, яъне шахсоне ки бо ин усул рангро ба даст меоварданд, онҳоро *устои рангрез* ва шахсоне, ки бо роҳи хунук ранг тайёр менамуданд, *устои кабудгар* меномиданд.

Пайдоиши номҳои *алочаи сиёҳала, алочаи қошнил, сиёҳкор, алочаи лолагӣ, алочаи ақиқӣ* маҳз дар заминаи номи рангҳо пайдо шудаанд.

Маълум аст, ки риштаҳоро калоба намуда, ранг менамоянд, ки ин амал барои пайдоиши *калимаҳои каловакор, каловача ва каловаи калон* замина фароҳам оварда тавонистааст. Маҳз, дар заминаи амали калобакунӣ миёни мардуми тоҷик ва инчунин, мардуми ин мавзеъ мақоли *«сари каловема гум карам»* пайдо шудааст. Дар ин мавзеъ истифодабарии ибораҳои халқии *«каловаи бесару нуг»* (чизи печдарпеч) ва *«калови бесару нуг барин»* (печдарпеч будани коре ва мушкил будани ҳалли он) ба назар мерасанд.

Мусаллам аст, ки калимаҳои *алочаи думокугӣ, алочаи семокугӣ* ба амали шахс далолат карда, ба пайдоиши онҳо тарзи бофтани алоча замина гузоштааст. Нозукии бофтани ин матоъҳо дар ба вуҷуд омадани калимаву истилоҳоти алочаҳои *пари паша, алифӣ, пусти мор, чанда* ба назар мерасанд. Бар хилофи ин, мавҷуд будани номҳои алочаҳои *чигӣ, мушку заъфар, маҳмадшоҳии ҷелакӣ, нимшоҳӣ, ҷомагӣ* аз дурушту бадошт будани матоъ гувоҳӣ медиҳанд.

Гарчанде теъдоди зиёди ин калимаҳо дар як давраи муайян аз байн рафта бошанд ҳам, аммо бо эҳё шудани ҳунарҳои мардумӣ аксарияти ин калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои фаъол дохил шуда истодаанд.

б) вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари атласбофӣ: Атласбофӣ яке аз ҳунарҳои қадимаи мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Ҳам тор ва ҳам пуди ин матоъ аз абрешими тоза мебошад. Бо атлас бештар куртаҳои занона тайёр менамоянд. Ин матоъро бо ибораи дигар дар ин мавзеъҳо *«шоҳи матоъҳо»* меноманд. Аз сабаби он ки хеле матои қиматбаҳо ба ҳисоб мерафт ва на ҳар як зан дар гузашта имконияти пӯшидани ин либосҳоро дошт. Масалан, дар водии Ҳисор қавму қабилаҳои гуногун истиқомат менамуданд, вале танҳо аз ин санъат занҳои қаратоғии ин водӣ имконияти пӯшидани ин либосро доштанд. Дар китоби «Таърихи даҳаи Чиртак ва Чиртакиён» муаллиф чунин овардааст: «Занҳо куртаи карбос, чит, тик, оби равони бегиребони қазоқидӯхт мепӯшиданд» [206, с. 12].

Гарчанде занҳои чиртакии водии Ҳисор имконияти ба бар намудани куртаи атласро дар гузашта надошта бошанд ҳам, аммо дар Қаратоғ қариб ҳар як зан соҳиби куртаи атлас буд, зеро аксарияташон ҳунари атласбофиро

доштанд. Боз анъанае миёни ин занҳо вуҷуд дошт, яъне онҳо куртаи атласи обдидаро (обшустаро) дар туйу маъракаҳо ба бар наменамуданд. Дар фарҳанг вожаи *обдида* чунин тафсир карда шудааст: «обдида - матоъи зоеъ» [288, с. 11].

Дар вожагони ин бахш бештар калимаи *абр, армонӣ* ва *армон*-ро вохӯрдан мумкин аст. Дар аввал, мо ақида доштем, ки бештари нақшҳои атласу адрас, ки ба абрҳо шабоҳат доранд, омили пайдоиши ин вожаҳо гаштаанд. Аммо ҳунармандон мегӯянд, ки абрмонӣ ин омехта намудани ду навъи ришта дар матоъ мебошад, ки аз ҳунарманд талаб менамояд. Дар «Бурҳони қотеъ» ба ин маънӣ вожаи «абраш» оварда шудааст, ки тафсираш чунин аст: «абраш бар вазни маҳваш: «ранги сурху сафед дар ҳам омехтаро гӯянд» [277, с. 68]. Пас, маълум мегардад, ки ин калима аз даврахои аввали рушди забонамон маншаъ гирифта, решааш ба даврахои аввали рушди забони форсӣ-тоҷикӣ мерасад.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, бо эълон гардидани солҳои 2019-21 «Солҳои рушди сайёҳӣ, деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ» дар ин мавзеъ баробари дигар касбҳо касби бофандагӣ низ аз нав зинда шуда, боиси пайдо гардидани дуконҳои нав гардид. Бояд ҳаминро иброз намоем, ки аслан, дар ин мавзеъ бофандаҳо ба бофтани *атлас, адрас* ва *алоча* шуғл меварзанд.

Атлас навъи матои абрешимӣ ва нимабрешимӣ буда, атласи абрешимиро, асосан, барои дӯхтани либоси занон, нимабрешимиро барои кӯрпаю кӯрпача ва ғайра истифода менамоянд. Ҳунари атласбофӣ бо абрешим иртиботи зич дошта, аксарияти калимаву ибораҳое, дар ин бахш мавриди истифода қарор мегиранд, ки бевосита аз решаи ин калима сохта шудаанд, ба монанди *абрешимсафедкун, абрешимрангкун, абрешимдор, абрешимлоскун, абрешимин, абрешимрес, абрешимфурӯш, роҳи абрешим* ва ғайра.

Мусаллам аст, ки маҳз худи вожаи *абрешим* барои пайдоиши истилоҳи «Роҳи Абрешим» боис гардидааст. Аз шарофати тиҷорати абрешим дар биёбону даштҳои беобу гиёҳ қофилаю корвонҳо пайваста рафтуо дошт, дар сари шоҳроҳу чорсӯҳо корвонсаройу манораҳои мудофиавӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва шаҳракҳо қомат меафрохтанд, дар мавзеъҳои муносиби роҳи тулонӣ ҷойҳҳои обкашӣ ва сардобаҳо падид меомаданд [248, с. 93].

Калимаи *абрешим* таърихи пайдоиши хеле куҳанро соҳиб аст, ки маҳз, дар луғатҳо тафсир шуданаш аз он далолат менамояд: «абрешим /*абрешум* маъруф аст; гӯянд микрозкардаи он дар маъоҷин қуввати боҳ диҳад ва баданро фарбеҳ кунад. Ва пӯшидани либоси он шабуш пайдо накунад; ва тори созро низ ба тариқи киноя абрешум гӯянд; ва ба ҷойи ҳарфи сонӣ **фо** ҳам омадааст, ки **афрешум** бошад». Ин калима дар нутқи мардуми Ҷамоати деҳоти Қаратоғ ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, шакли берашум /брешумро гирифтааст[278, с. 69].

Атласҳое, ки дар ин мавзеъҳо тайёр карда мешавад аз атласҳои дигар минтақаҳо фарқ доранд. Аксарияти донишмандон чунин ақида доранд, ки бо тараққиёт ва рушди ин санъат дар ин мавзеъҳо маҳз Роҳи бузурги Абрешим асос гузошта тавонистааст.

Нақшҳои атласҳо дар номгузории онҳо мавқеи хоссаро бозида, тавассути нақш онҳо чунин номгузорӣ шудаанд: *атласи сиёҳ, шоҳсабз, барги карам*, *парах-параха, ҷавонӣ, муҳаббат, пирӯзӣ*, *ҳамроҳ, кайҳон, ҷонона, мурғобӣ, лола, гули намозу шом, одмиёна, сиёҳу сафед, сурху сафед, сабзу сафед, атласи нофармон* ва ғайра.

Дар пайдоиши номҳои *атласи Хуҷанд, атласи Марғелон*, *атласи Тошканд* ҳаминро гуфтанием, нусхаҳои онҳоро аз ин мавзеъҳо ба водии Ҳисор овардаанд ва ин атласҳо дар дигар мавзеъҳо низ харидорони зиёд доранд. Муҳаққиқ М. Бобомуродова низ ба баррасии ин масъала бетараф набуда, андешаи худро чунин баён намудааст: «Атласи Самарқанд, атласи Бухоро, Хуҷанд, Конибодому Андиҷон ва дигар маҳалҳои Осиёи Миёна шуҳрат доранд» [61, с. 39].

Барои пайдоиши калимаи *атласи бухоро* калимаи Бухоро асос гузошта тавонистааст. Миёни олимон доир ба пайдоиши номи Бухоро баҳсҳои беканор вуҷуд дошта, ҳар яке ин номро бо таврҳои гуногун шарҳу возеҳ додаанд, ки яке аз онҳоро ҳамчун намуна овардем: «Бухоро таҳрифи истилоҳи санскритии вихара «дайри будоӣ, ибодатгоҳ мебошад» [269, с.31].

Дар фарҳанги «Бурҳони Қотеъ» калимаи Бухоро тавре маънидод шудааст: «шаҳрест машҳур дар Мовароунаҳр ва муштақ аз бухор аст, ба маънии бисёрилм ва чун дар он шаҳр уламо ва фузало бисёр буданд, бинобар он, бад ин ном мавсум шудааст» [278, с. 157].

Рӯшан аст, ки ба пайдоиши номи *заратлас*, гарчанде калимаи *зар* мавқеи хосса бозида бошад ҳам, аммо калимаи *хонатлас* каме шарҳу тафсир металабад. Аз рӯйи ривоятҳое, ки миёни ин мардум вуҷуд дорад, гӯё Хони Марғелон духтари бофандаи камбағалеро дида, ба ӯ сахт ошиқ мешавад. Ӯ соҳиби панҷ зани дигар будааст. Бофанда аз ҳоким хоҳиш менамояд, ки аз нияташ гардад, чӣ хоҳише, ки дорад ӯ иҷро менамояду духтари ноболиғашро нарасад. Хон талаб менамояд, ки бар ивази ин кор барои вай дар матоъ нақши беҳамтое офарад. Падари духтар ба ин шарти хон розӣ шуда, зуд ба иҷрои он шуруъ менамояд. Дар лаби ҳавз нишаста, ҳайрон буд кадом нақшро ба вуҷуд орад ва аз Худованд кумак талабид. Нохост дар рӯйи об инъикоси абрҳоеро дид, ки пас аз борон ба вуҷуд омада буданд. Дарҳол, ин рангинкамонро дар матоъ инъикос намуда, ба хон тақдим намуд. Хон шоду хурсанд ба ватани худ баргашту аз он давра ин навъи атлас *хонатлас* номгузорӣ карда шуд. Дар фарҳанги либоспӯшии занҳои тоҷик ин атлас нақши муҳимро бозида, қариб, ки ҳар як зани тоҷик соҳиби ин навъи атлас мебошад.

Таҳлилу таснифи мавод нишон медиҳад, ки дар калимаву истилоҳоти бахши бофандагӣ бештар орзуву омоли ин мардумон таҷассум ёфта, пайдоиши ҳар яке аз онҳо ба урфу одат, суннату анъана ва расму русуми мардумони ин мавзеъ иртиботи зич дорад.

2.7. Вожагони ифодакунандаи зебу зинат ва ороишоти занон

Вожагони ороишоти занон фарогири калимаву истилоҳоти зиёде буда, таҳқиқоти мукаммалу мафассалеро аз ҷониби муҳаққиқон талаб менамояд, гарчанде дар ин соҳа таҳқиқотҳои зиёде ба назар расанд ҳам, аммо он фарогири тамоми масъалаҳои ин соҳа буда наметавонад. Дар корҳои муҳаққиқон Н. Гадоев, 2012, М. Бобомуродова, 2014, С. Ҳалимиён, 2014, Ш. Исмоилов, 2018, Р. Сангинова сари ин масъала баҳсҳо ба назар расанд ҳам, аммо ин пажуҳишҳо ҷанбаҳои этнолингвистии мавзуи мазкурро фаро гирифта наметавонанд.

Анъанаи истифодаи ороишот ва зебу зинати занона миёни мардуми Ҳисор таърихи 1000-сола дошта, бо гузашти айём миёни мардуми ин мавзеъ ҷариб дар шакли аввалаи худ ҳифз шудааст.

Ҳангоми кофтуковҳои бостоншиносӣ ороишоти зиёди занона ва маснуоти зиёди заргарие пайдо гардид, ки ба шоҳзодаҳаву маликаҳо ва бонувони одӣ тааллуқ доштанд.

Ҳамин тавр, иқрор шудан мумкин аст, ки омӯзиши вожагони ороишоти занон ва маснуоти зар ба таърихи гузаштаи халқамон иртиботи ногусастанӣ дошта, аз руйи хусусияти лаҳҷавии худ аз забони адабӣ хеле фарқ мекунад. Бояд гуфт, ки либос ва оришот дар мавриде, ки одамон дар ҷомеа худро ҳамчун шахсият муаррифӣ мекунанд, нақши калонро мебозанд. Танҳо либос ва ороишоти дуруст интихоб намудан шахсияти соҳиби онро нишон дода метавонанд.

Либос ва ороишот барои инсон, махсусан занон муҳим аст. Ҳамчун субъекти утилитарӣ, он, пеш аз ҳама, бо шароити табиии муҳити зист, ҷуғрофӣ ва иқлимӣ алоқаманд аст. Либос ва ороишот ҳамчун яке аз воситаҳои асосии зарурии ҳифзи инсон аз таъсири гуногуни беруна шуоъҳои сӯзони офтоб, шамол, хунук дар гузаштаи хеле қадим ба вуҷуд омадааст.

а) номи абзорҳои заргарӣ:*туфангча* (абзоре, ки аз дарунаш оташ баромада, барои об кардани тиллову нуқра истифода мебаранд), *қайчии заргарӣ* (асбоби хуртараке, ки барои буридани тилло ва нуқра истифода

бурда мешавад), *болғачаи резинӣ* (абзоре, ки барои рост кардани маҳсулоти заргарӣ истифода бурда мешавад) ва ғайра.

б) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи ороишоти заргарӣ: *сарсӯзанак, дастмона, пешибарсӯзанак, қулфи гиребон, зираи гардан, зиреҳ, гарданбанди тиллоӣ, дасмонаҳои нигиндорак, саркитфӣ, қоши тилло*, тоҷи тилло, *гушвори балдоқ, гушвори тут, гушвори садафча, чала бозубанд, қоли бинӣ* ба назар мерасанд.

Дар муддати тулонӣ вожагони ин соҳа аз калимаву истилоҳот бойу ғанӣ гардидаанд. Маъмулан, занони ин минтақа дар туйу маъракаҳо дар баробари сарулибос оришоти зарагиро ба бар мекунанд. Номи ин ашёҳо аз рӯйи хусусияти лаҳҷавии худ аз забони адабӣ хеле фарқ мекунад. Гарчанде аксари ин вожаҳо дар гӯйишҳои водии Ҳисор ба гурӯҳи вожаҳои архаистӣ дохил гардида бошанд ҳам, аммо қисми зиёдашон бе тағйироти шаклу маънӣ арзи вуҷуд доранд. Ин равандро Н. Гадоев дар лаҳҷаи Тагнов мушоҳида намуда, андешаи худро чунин баён кардааст: «Бояд ёдовар шуд, ки ҳоло аксари ин ашёҳои зикргардидаро занон истифода намебаранд. Ба ҷойи онҳо асбобҳои ороишии тамоман нав пайдо шудаанд. Аз ин рӯ, як қисми вожаҳои номбурда камистеъмол шуда рафтанд» [69, с. 55]. Дар ҳақиқат, андешаи муҳаққиқи вожагони лаҳҷаи Тагнов то андозае дуруст аст, айни замон, занон ба сар ба ҷойи сарпечак шарфро мебанданд. Пас, дар ин маврид, доираи истеъмоли калимаи шарф назар ба сарпечак фарохтар аст.

Диққати занони ин минтақаро бештар ороишоти заргарӣ ҷалб намуда, дар ин замина, калимаву истилоҳоти зиёде мавриди истифода қарор доранд Дар гузашта калимаи *зевар*-ро синоними ҷуфти *«зару зевар»* ва вожаи *поюн* иваз мекарданд. Тафсири маънои калимаи «поюн» дар фарҳанг ба ин тавр оварда шудааст: «Поюн бар вазни қонун; пероя ва ороиш ва зевар бошад» [278, с. 221]. Гарчанде истифодаи синоними ҷуфти *зару зевар* ба назар расад ҳам, аммо истифодабарии вожаи поюн, ҳатто дар забони адабӣ низ ба назар намерасад.

Аз ин мебарояд, ки ҳунари заргарӣ дар миёни тоҷикон як кори хеле қадимӣ ва пешрафта маҳсуб мешавад ва ҳунармандони ин мавзеъ то ҳол ин ҳунари нотакрори худро идома медиҳанд. Ва касе, ки ба ин кори нозук машғул аст, заргар номида мешавад. Ва баромади мақоли «*қадри зара заргар медонад»* дар иртибот бо касби заргарист.

Бояд гуфт, ки муродифи вожаи заргар дар гӯйишҳои водии Ҳисор вожаҳои бунёдии *ҳалқасоз, гушворсоз, чаласоз,* ва *ювилер* мебошанд. Истилоҳи ювелир дар забони олмонӣ дар шакли juwel «санги қиматбаҳо» дар фаронсавӣ joel «туҳфа» дар юнонӣ jokeiium «сарват, сарват»-ро доштааст. Ба забони русӣ аз забони олмонӣ ворид шуда, [304, с. 526] дар ҳамин шакл аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ омада расидааст.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, санъати заргарӣ миёни мардуми тоҷик таърихи хеле қадима дорад. Ар рӯйи андешаҳои бархе аз муҳаққиқон маълумотҳои нисбатан қадимтар дар бораи паҳншавии санъати заргарӣ дар Осиёи Миёна ва шуҳрати ороишоти заргарии осиёимиёнагӣ берун аз ҳудуди он ҳанӯз дар асарҳои таърихшиносон Ҳеродот ва Страбон мавҷуд аст. Сарчашмаҳои таърихии муҳимтарин дар бораи инкишофи санъати заргарӣ дар асрҳои миёна асарҳои «Ҳудуд-ул-олам»-и муаллифаш номаълум, «Китоб-ут-тафҳим» ва «Китоб-ул-ҷавоҳир»-и Абурайҳони Берунӣ, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Таърихи Масъуд»-и Байҳақӣ ва дигарҳо мебошанд. Ин асарҳо маълумотҳои васеъро дар бораи соҳаҳои гуногуни ҳунарҳо ва санъатҳои заргарию мисгарӣ ва маводи таърихии бойеро доир ба лексикаи заргарию мисгарӣ дар бар мегиранд» [28, с. 8] .

Ин аст, ки оид ба баромади қадима доштани худи калимаи «заргарӣ» низ миёни донишмандон баҳсҳои беканор вуҷуд дорад. Масалан, забоншинос Б. Розиқов андешаи хешро оид ба ин масъала чунин баён кардааст: «Калимаи заргарӣ ба даврахои қадимтарини забони тоҷикӣ мансуб буда, дар «Авесто» низ ёдрас шудааст, ки дар он «тилло»-ро калимаи «АК-2 АКА» ифода мекард. Ва номи Зардушт (Заратустра) низ аз ин реша гирифта шуда буд»[28, с. 9].

Дар заминаи ин калима дар забони тоҷикӣ вожаи «заргар» пайдо шудааст, ки дар осори ниёгонамон айнан дар ҳамин шакл омадааст:

Ҳар ки як дам ҳамдами он дилбари заргар шавад,

Санг гирад, лаъл гардад, хок гирад, зар шавад» [329, с.435].

Мавриди зикр аст, ки дар нутқи занони куҳансоли деҳаҳои Қади Ҷуйбори ноҳияи Шаҳринав, Қаратоғи шаҳри Турсунзода ва Искичи шаҳри Ҳисор ба маънои «зару зевар» синоними ҷуфти «тиллову танга» ба назар мерасад, ки ҷумлаҳои зерин далели ин гуфтаҳо буда метавонанд: А хони отеш тиллову танга новарошад, да гӯшу гарданош чийа кашол кунад (Қ.Т.). Ман да ту гуфтум, ки зани *тиллову тангадора* наги, ки писанд намекна (Қ. Ш.). *Тилову тангая* да ман оварас, ба фоиди худаш, туйу тамошоҳоба кара гаштас (И.Ҳ.).

Воқеан, маснуоти заргарӣ дар ин мавзеъҳо ҳам бо калимаҳои умумистеъмолӣ, лаҳҷавӣ ва иқтибосӣ номгузорӣ карда шудаанд, ҳатто маросиме дар байни ин мардум вуҷуд дорад, ки аз номи маҳсулоти заргарӣ сарчашма мегирад. Масалан, маросими *чалаандозон,* маҳз, дар асоси калимаи *чала* ташаккул ёфтааст. Ин маросимро пеш аз туйи арусӣ барои интихоб намудани арус мегузаронанд. Дар ин маросим ба дасти арус модари домод ва ё хешу табори ӯ чала меандозанд. Дар гузашта ин маросим дар шакли»*куртапӯшон»* маъмул буд, яъне ҳангоми интихоби арус ба вай хешовандони домод куртаи нав мепӯшониданд. Маросими чалаандозон бо таъсири фарҳангу тамаддуни Ғарб миёни мардуми тоҷик ба вуҷуд омадааст. Гарчанде дар гузашта низ ҳам дар фолклори мардуми водии Ҳисор ва ҳам дар фолкдори дигар мардумон калимаи *чала* дар истифода қарор дошта бошад ҳам, аммо истифодаи калимаи *чалаандозон* ба назар намерасад.

Калимаи *чала* миёни мардуми тоҷик боз дар шакли «ангуштарин» мавриди истифода қарор дошта, дар гузашта, маҳз, дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор доштааст. Гарчанде маънову муҳтавои калимаҳои ангуштбона, *ангуштак* ба намоядагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор маълум бошанд ҳам, аммо доираи истеъмоли калимаву ибораҳои *ангушту* (чанголӣ), *ангиштво* (нони дар рӯйи оташи зуғол пухташуда), *ангушта* (абзори аз чӯб, монанди панҷаи даст ва

даста низ дорад, ки барзгарон хирмани кӯфташударо бад он бод диҳанд)» [278, с. 22], ки дар асоси калимаи *ангушт* ташаккул ёфтаанд, маҳдуд гардида, айни замон мавриди истифода қарор надоранд. Аз сабаби он ки калимаи *чала* сирф хусусияти этнолингвистӣ дорад, дар фолкрори мардуми ин мавзеъ истифодабарии он бештар ба назар мерасад:

Чалаҳаки тилогия дар дастам андохт,
Ин бачаҳаки ҳакимчӣ дилакма бохт.
Очаҳаку отаҳакаша розӣ дорад,
Алоwаки ишқакаша дар дилам андохт (Ш.Т.).

Гарчанде бештари занҳову бонувони тоҷик имконияти харидани дигар маҳсулоти тиллоиро надошта бошанд ҳам, аммо чалаандозӣ як анъанаест, ки аз насл ба насл дода мешавад. На танҳо дар водии Ҳисор ин анъана маъмул аст, балки дар дигар мавзеъҳо низ ба назар мерасад

Дар рубоиёти мардуми Бадахшон низ истифодабарии калимаи чала ба назар мерасад, ки маҳз, тасвири забонии ҷаҳони ин қавму қабилаҳоро нишон дода метавонад:

Ин *чалаи* нуқрагӣ пушти дастам,
Ман духтари бартанги кавги мастам.
Ҳарчанд кунанд таъриф ман астам,
Аз чати гапи мардум гарданпастам [229, с.61].

Занони водии Ҳисор айни замон, дар ифодаи маҳсулоти заргарӣ калимаву ибораҳои *тиловории туркӣ, тиловории италявӣ, тиловории тоҷикиро* мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ин калимаҳо дар асоси макони тайёр шудани ин маҳсулот ба вуҷуд омадаанд. Инчунин, калимаҳои *тилои сурх, тиллои зард, тиллои сафед* вобаста ба ранги тилло ба зуҳур омадаанд. Калимаҳои *тавқ, гарданбанд, сепочка,* маҳз, ба вожагони соҳаи заргарӣ мансуб буда, ҳар яке мавриду мавқеи истифодаи худро доранд. Дар нутқи занони деҳаҳои Нилӯ, Хирманак, Дучинор, Кӯшкак, Шоҳони Кафшдӯзони Ҳисор истифодабарии вожари *зира* бар ивази калимаигарданбанд ба назар мерасад. Гарчанде истифодабарии калимаву истилоҳоти зиёде дар ифодаи мафҳуми *гарданбанд*

дар ин мавзеъҳо ба назар расанд ҳам, аммо ибораи фразеологии *«тавқи лаънат»* маҳз, дар заминаи калимаи *тавқ* пайдо шудааст.

Айни замон, ба мисли дигар мавзеъҳои кишварамон дар ин мазеъҳо ҳам калимаи дар ифодаи мафҳуми маҳсулоти заргарӣ иқтибосии *бужутерия* мавриди истифода қарор дорад. Воҳиди луғавии*бужутерия* баромади фаронсавӣ дошта, дар шакли bijouterie (фурӯши маснуоти заргарӣ) солҳои 60-уми асри XX ба забони русӣ иқтибос шуда, айни замон, ба маъноҳои *«маснуоти заргарӣ, муҳра, чала, гушворҳое, ки аз металҳои арзон сохта шудаанд»* корбаст мешавад [286, с. 61].

Бештар дар вожагони соҳаи заргарӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, вожаҳои *бодомча, бодомнусха, бодом* ба назар мерасад. Дар гузашта, ин калима дар шакли бодома маъмул буда, тафсири худро дар фарҳанг чунин ёфтааст: «Бодома нигин ва муҳри ангуштар» [278, с. 137].

Дар ифодаи мафҳуми дастпона низ бештар истифодабарии калимаи *«браслет»* ба назар мерасад. Гарчанде дар гузашта ин калима шакли «Абранҷан»-ро дошта бошад ҳам, вале аз ниҳон будани ин маъно дар ин калима танҳо тавассути луғатҳо огаҳ гашта метавонем [278, с. 68].

Боварҳое, ки дар асоси истифодабарии маҳсулоти заргарӣ миёни ин мардум ба вуҷуд омадаанд:

Агар зан дар гардан муҳра наовезад, ба аъзо гирифтор мешавад.

Агар дар хоб нигинаи ангуштарин афтад, зани шавҳардорро шавҳараш мемурад.

Агар зани ҳомила дар хоб ангуштарин бинад, духтар таваллуд мекунад.

в) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи маҳсулоти ороишӣ:*сафеда* (хокаи сафеде, ки бо модаҳои химиявӣ тайёр мекунанд), *сурхӣ* (хокаи сурхе, ки барои сурх намудани рухсораҳо омода месозанд), *ҳина* (рустание, ки тавассути он даст ва мӯйро сурх мекунанд) ва ғайра.

Аксарияти ин калимаҳо калимаҳои умумиҳалқӣ буда, маҳз, дар онҳо хусусиятҳои этнолингвистӣ, сотсиолингвистӣ мафҳуз мондаанд. Бештари ин калимаву истилоҳот миёни мардуми водии Ҳисор дар шакли аввалаи худ

мавриди истифода қарор доранд. Аслан, занҳои ҳисорӣ дар туйу маъракаҳо бештар дастони худро бо ҳино ранг менамоянд.

Одати бо ҳино ранг намудани дастон миёни занҳои ин мавзеъ таърихи чандинҳазорсола дошта, аз насл ба насл ба мерос гузашта истодааст. Калимаи ҳино дар гӯйиши мардуми ин водӣ ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, шакли *«ҳина»*-ро гирифтааст. Дар мавриди бастани ҳино дар нутқи занҳои мардуми водии Ҳисор калимаву истилоҳоти *баргитокчинӣ, замчкӯбӣ, қаймоқшакӣ, қулфбандӣ* ба назар мерасанд, зеро ҳангоми дар даст ҳиноро мондан бо барги ток онро пӯшонида, сипас бо матоъ мебанданд, барои сурх гирифтанаш каме замчро кӯфта, бо ҳино ҳамроҳ менамоянд, барои қулф заданаш, баъд аз шустан, ба кафи дастон қаймоқ мемолиданд.

Дар мавриди бастани ҳино калимаҳои *ҳинаи хонагӣ* ва *ҳинаи боғӣ* ба назар мерасад, ки ба пайдоиши ин ибораҳо навъи ҳино асос гузоштааст. Маросими ҳинобандон низ дар асоси ин урфи деринаи тоҷикон ба амал омадааст ва то имрӯз шакли деринаи худро нигоҳ дошта тавонистааст: «ҳинобандон-маъруф; ва низ ҷашн, ки дар катхудой кунанд, ҳангоми ҳино бастани арус» [288, с. 86].

Инчунин, аз сабаби хусусияти шифоӣ доштанаш ҳиноро дар сар ҳам мебанданд, ки ин анъана низ аз гузаштагонамон то ба мо омада расидааст.

Маҳз, дар водии Ҳисор деҳаи Чиртак макони усмапарварӣ ба ҳисоб мерафт. Мардуми таҳҷойӣ иброз намуданд, ки аз солҳои 1975 инҷониб коштани усмаи бухороӣ (растании тарбедмонанде, ки хушк карда, зимистон ба буғи оби гарм ҷаббида, ба абру мекашанд) дар деҳа аз ҷониби занҳо авҷ гирифт.

Дар байни занҳои водии Ҳисор то имрӯз анъанаи абрувони худро бо усма оро додан низ ҳифз шудааст. Занҳои тӯдачӣ дар ифодаи маънои калимаи *усма* ибораи *усмаи кабуд,* занҳои қадиҷуйборӣ *усмаи тар* ва занҳои чиртакӣ калимаи *усмаи бухорӣ* маъруфияти бештар пайдо намудааст. Албатта, дар ифодаи мафҳуми калимаи *усма* истифодабарии калимаи *басма* низ ба назар мерасад. Усмаро ба абрувон тавассути ашёе мемоланд, ки *дукчӯw* ном дорад. Ин калима дар байни занҳои дигар мавзеъҳо дар шаклҳои дигар мавриди истифода қарор дорад. Масалан, дар Файзбод калимаи далелчуwак, дар лаҳҷаи Ҳисор даличуw

дар деҳаи Мунҷони Бадахшон дewчу дар лаҳҷаи Нуробод вожаи лиwодъста истифода мешаванд.

Боварҳое, ки дар заминаи урфу одати усмакашӣ пайдо шудаанд:

Агар дар шаб ба қошҳоят усма кашӣ бадбахт мешавӣ.

Агар ҳар сол бо усма қошҳоятро бо надиҳӣ қошҳоят мерезанд.

Агар ба қоши тифли навзод усма кашӣ кудаки серқош мешавад.

Агар ҳангоми ҳикак кардани кӯдак байни ду қошашро бо усма кабуд кунӣ, ҳикакаш бас мешавад.

Вожагони марбут ба зебу зинат ва ороиши занон калимаву истилоҳоти зиёдеро дар бар мегирад, ки бештари онҳоро калимаҳои лаҳҷавӣ ташкил медиҳад.

г) вожаҳои марбут ба тарзҳои бофтани мӯй: *пичабофак, бӯйробофӣ, гандумак, чилбоф, майдабофӣ, дуқатора, сеқатора, дукокула, панҷбоф, тошкандча, гирди сар, гирди* тоқӣ ва ғайра.

Чӣ тавре зикр намудем, ороиши дигаре, ки дар водии Ҳисор занон ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд, ин ба тартиб даровардани мӯй ба ҳисоб меравад. Ба ин кор, занҳое, ки таҷрибаи хуб доранд ва бо номи сарбоф машҳуранд, шуғл меварзанд. Дар лаҳҷаҳои мазкур, дар ин бобат, истилоҳоти зиёде истифода меёбанд. Дар аксар ҳолатҳо мӯйҳои духтарони хурдсолро пичабофак мекунанд, то ки муйи сар ба чашмонашон осеб нарасонад. Ин вожаро дар гӯйиши Панҷакент калимаи *қанотак* ва дар гӯйиши Кӯлоб вожаи *пешпича* иваз мекунанд. Духтарон, одатан, нӯги муйҳои худро оро медиҳанд, ки дар ин маврид истилоҳоти зерин ба кор мераванд: *ҷамолаки муҳрадор, ҷамолаки пӯпакдор, ҷамолаки берашумӣ, тӯфҳои нуқрагин, пилтаи сафед* ва ғайра.

Аз сабаби он ки мӯй зинати асосии занон ба ҳисоб меравад боварҳои зиёде дар асоси нигоҳубини он дар гӯйишҳои мардумони ин мавзеъҳо пайдо шудаанд:

Агар рӯзи якшанбе мӯйи саратро шӯйӣ, дар кафанат наҷосот мекунӣ.

Агар рӯзи душанбе мӯйи саратро шӯйӣ, қашшоқ мешавӣ.

Агар рӯзи сешанбе мӯйи саратро шӯйӣ, дар косаи бивиҳо муйи сар меафтад.

Агар рӯзи чоршанбе мӯйи саратро шӯйӣ, шӯят мемурад.

Агар рӯзи панҷшанбе мӯйи саратро шӯйӣ, мағзоба ба косаи арвоҳҳо меравад.

Агар рӯзи ҷумъа мӯйи саратро шӯйӣ, ризқу рӯзиат зиёда мегардад. Агар рӯзи шанбе мӯйи саратро шӯйӣ, қашшоқ мешавӣ, дар шанбе хук муй намепартояд.

Агар ба як бофи кокул муҳраи чашми ё тумор кашол кунанд, ба мӯйи сар чашм намерасад.

Агар зани бебарор мӯйи сари дарозро бофад, мӯй рехта кам мешавад.

Агар тори мӯйи зан ба даруни хӯрок афтад, дар хонавода дилхунукӣ мешавад.

Агар тори мӯйи зан ба дасти нохалаф афтад, зан хонавайрон мешавад.

Агар тори мӯй ба нӯги ҷорӯб печад, зан сардард мешавад.

Агар тори мӯй ба пойи қурбоқа печад, мӯйи сари зан мерезад.

Агар тори муйи духтар даққӣ шавад, хостгорҳояш кам мешаванд. Агар мӯйи сари келин ба косаи хушдоман афтад, байни онҳо дилхунукӣ мешавад.

Агар зан дар беморхона мӯйи сарашро бурад, боз бемор шуда ба беморхона меафтад.

Агар зан ба хонаи каси дигар сар шӯяд, ба он хона касофатӣ меорад.

Агар зан тоқӣ ё рӯймоли сарашро гум кунад, ё ба касе ҳадя кунад давлаташ кам мешавад.

Ҳамин тавр, вожаҳои зебу зинат ва ороишоти занон таърихи пайдоиши хеле куҳан дошта, то ҳол иддае аз онҳо дар нутқи ворисони ин лаҳҷаҳо дар шакли қадимаи худ мавриди истифода қарор доранд.

2.8. Вожагони ифодакунандаи соҳаи пазандагӣ ва қаннодӣ

2.8.1. Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои пазандагӣ

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки ҳунари пазандагӣ ва қаннодӣ яке аз ҳунарҳои тараққикардаи мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад, зеро ин соҳа бо рӯзгори мардум иртиботи зич дорад. Албатта, агар жарфтар назар афканем, чунин менамояд, ки гӯё ҳамаи калимаву истилоҳоти ин соҳа дар ҳама лаҳҷаву шеваҳо як шакл доранд, аммо агар вожаҳои *банди ҷома* (як навъи туппа), *буламоқ* (як навъи атола), *забони хуштоман* (оши угрои калон буридашуда), *уғурчагӣ* (пиёзу гашничи кӯфтагӣ), *гунгина* (гандумҷӯшак) танҳо хоси мардуми ин мавзеъ буда, барои намояндагони лаҳҷаҳои дигар бегонаанд.

Вожаи *кӯча* (хӯроке, ки аз гандуми кӯфташуда ва донагиҳо омода мешаванд) дар дигар гӯйишҳо боз дар шаклҳои *дангича, далда, гандумкӯча* ва *кашк* маъмул аст.

Аксарияти калимаву ибораҳои соҳаи пазандагӣ дар доираи истилоҳи *нон* ба вуҷуд омадаанд, аз қабили: *нонтии, ноншиканон, нонзада, нонбарӣ ноништо, нонпаз, нонфуруш, нон кардан* ва ғайра. Гарчанде, калимаи *нонвой* ба мисли дигар лаҳҷаву шеваҳо хоси мардуми ин мавзеъ бошад ҳам, аммо дар баъзе мавридҳо калимаи *нонпаз* низ ба ин маънӣ дар ин мавзеъҳо корбаст мешавад. Оид ба калимаи *нонвой* донишмандон фикру андешаҳои ҷолиб баён намудаанд: «Нонво ё нонвой мафҳуми умумиест, ки тамоми ҷараёни истеҳсоли нонро дар бар мегирад. Маълум аст, ки аз аҳли коргарони нонвой ҳар як нонвой дар пухтани нон як қисми корро иҷро менамояд, лекин ба таври расмӣ, умуман, нонвой номида мешавад» [151, с. 39-48].

Дар нутқи ин мардумон истифодабарии калимаи *кумоч* ба назар мерасад. Ин калима айнан дар ҳамин шакл да фарҳанг дарҷ гашта, маънои «нони дар хокистари ҷӯшон пухташуда»-ро дорад [290, с. 290], ки бо ҳамин маънӣ дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ низ корбаст мешавад.

Мавқеи калимаи *нони башир* низ дар гӯйиши мардумони ин водӣ бағоят калон аст, зеро дар ин мавзеъ шир ва маҳсулоти ширирро ба мисли дигар қавмҳо

ғизои асосии худ меҳисобанд, махсусан, ин ғизои асосӣ барои мардуме, ки дар иқлими сард зиндагӣ доранд, ба ҳисоб меравад, ки аксарияти муҳаққиқон дар таҳқиқоти кардаи худ ин падидаро дарҷ намудаанд: «Маҳсулоти ширӣ дар ғизои мардуми қалмиқ ғизои асосӣ ба ҳисоб меравад» [165, с. 93-99].

Ба нон мардуми ин мавзеъ чунон эътиқоди зиёд доранд, ки ин эътиқодашон ба пайдоиши қасамҳои *«нон занад»* ва *«нон кӯр кунад», «нон қорӣ кунад»* асос гузоштаанд.

Боварҳое, ки дар иртибот бо нону нонпазӣ ба вуҷуд омадаанд:

Агар нонро дар таги сари кӯдак гузорӣ, кӯдак натарсида хоб меравад.

Агар нонро газида, писарбача ба сафар равад, насибааш мекашаду сиҳат саломат ба хонаашон бармегардад.

Агар дар пушти зани нонпаз нишинӣ, нонҳояш аз дегдон меафтанд. Агар хамири нонро шӯр кунӣ, нон намерасад.

Агар мағзи нонро афтониву бардошта ба абру намолӣ, қашшоқӣ меояд.

Воқеан, таркиби луғавии шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ниҳоят пурғановат ва муқтадир аст. Воҳидҳои луғавие, ки хусусияти этнолингвистӣ доранд, метавонанд шахсро ба гузаштаи дур бурда, бо урфу одат, расму оин ва суннату анъанаҳои мардуми тоҷик ошно созанд. Дар таркиби луғавии лаҳҷаҳо вожаҳое маҳфуз мондаанд, ки инъкосгари тамаддун, илму фарҳанги мардуми тоҷик буда, аз қаъри асрҳо ба мерос мондаанд. Шеваҳои забони тоҷикӣ манбаи асосии лексикаи забони адабии тоҷик ба ҳисоб мераванд. Водии Ҳисор маркази калони ҳунармандӣ дар гузашта ва имрӯз ба шумор меравад. Муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши ин мавзеъ даст задаанд, бештар диққати хешро ба соҳаи ҳунармандии ин водӣ равона сохтаанд, зеро соҳаи ҳунармандӣ ин мавзеъро шуҳратмандтар гардонида буд.

Баъзе урфу одат ва суннату анъанаҳо, маҳз, бо номи хӯрокҳо сахт алоқаманд буда, дар заминаи тайёр намудани онҳо пайдо шудаанд. Масалан, ба пайдоиши номҳои маросимҳои *оши бивисешанбегӣ* (маросиме, ки дар он рӯзи сешанбе кампиракҳо ҷамъ омада, дар се гӯшаи дегдон се фатир ва хӯроки шири омода сохта мегузаронанд) ва *оши бивимушкулкушо* (маросиме ки рӯзи

чоршанбе барои кушоиши кор гузаронида мешавад) лексемаи *ош* саҳми босазоеро гузоштааст.

Дар ин маросимҳо истифодабарии калимаи *умоч* низ дар нутқи занҳои ин мавзеъ хеле зиёд мавриди истифода қарор мегирад, зеро тайёр намудани умоч ҳатмист. Бо калимаи «*умоч* «ибораҳои *умочи ба шир, умочи ба қатиқ, умочи ба пудина* ва *умочи ба кадуча* ташаккул ёфтаанд. Дар ин маросимҳо бештар умочи башир ё умочи ба кадучаи тарак мепазанд. Вожаи *умоч* аз даврахои аввали рушди забонамон сарчашма гирифта, дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» тафсири худро чунин ёфтааст: «умоч – навъе аз оши орд бошад» [278 , с. 128], ки маъноиш то айни замон тағйир наёфтааст.

Рушди забон бо таърихи халқ, бо фарҳанги он, бо санъат, бо анъана, бо урфу одат ва расму оин он алоқаи ногусастанӣ дорад. Маҳз, он дар урфу одат ва фарҳанги қавм ҳифз мегардад. Дар ин бобат дар «Забони миллат–ҳастии миллат» чунин оварда шудааст: «Забон, дар маҷмуъ, як қисмати муҳим ва ё бо иборати дигар як бахши нигорандаи таърихи халқи мо буда, оинест ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст» [251, с. 13].

Дар таркиби шеваҳои мардуми мо калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ дар ифодаи мафҳумҳои пазандагӣ ва қаннодӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи авалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни тадқиқоту ҷустуҷӯйҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд. «Забон, инчунин падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс ҳувияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад» [250, с. 5].

Дар ин мавзеъ, калимаҳое, ки бо лексемаи *«сар»* дар вожагони соҳаи пазандагӣ ба назар мерасанд, хеле зиёданд, аз қабили *сардастӣ* (хӯроке, ки дар муддати тез омода карда мешавад, *сардегӣ* (хӯроки пеш аз хӯроки асосӣ омодашуда), *сарқут* (хӯроке, пас аз хӯрдани касе мондааст), *сар сарӣ* (хӯроке, ки бо дили нохоҳам омода шудааст) ва ғайра.

Бо лексемаи *об* низ калимаҳои зиёде сохташудаанд, ки хоси соҳаи пазандагӣ мебошанд, аз қабили: *гардоw, пиёоwа, сузоw, лакоw, ҳалилоw, пийоwа, лубиоwа, мошоwа* ва ғайра.

Дар ифодаи номи хурокҳои ширӣ дар ин мавзеъ калимаҳои *ширшавла /шули башир, ширибиринҷ, ширгурунҷ, ширбат, ширчой /ширчъй, ширавған /ширруған, широтола /атали ба шир, отолаи сфедак* ба назар мерасанд.

Боварҳое ки дар иртибот бо шир пайдо шудаанд:

Агар ширро резонӣ, синаи гов дард мекунад.

Агар ба кӯдак шири бузро диҳӣ, кӯдак бедард калон мешавад.

Агар ҳангоми ҳомиладорӣ шир истеъмол намоӣ кӯдак сафед мешавад.

Агар зани ҳомила ба рӯйҳояш ширро молад, доғи рӯяш меравад.

Агар хӯроки шириро бештар истеъмол кунӣ, умрат дароз мешавад.

Гарчанде бо таъсири фарҳангу тамаддун дар дохили вожагони соҳаи пазандагии водии Ҳисор калимаву истилоҳоти зиёде ворид гашта бошанд ҳам, аммо дар онҳо хусусиятҳои этнолингвистӣ камтар ба назар мерасанд. Масалан, калимаи *макароншӯбо* (шӯрбое, ки аз макарон омода шудааст), бо ягон урфу одат ва анъанаи мардуми тоҷик вобастагӣ надорад, аммо дар пайдоиши калимаи *хомшӯрбо,* маросими ҷашни арусӣ, хатнатуй, маъракаҳои маргу аъзодорӣ асос гузоштаанд, ки ин калима сирф хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамояд.

2.8.2. Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои қаннодӣ

Дар лаҳҷаи водии Ҳисор калимаву истилоҳоти ифодакунандаи соҳаи қаннодӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, зеро ин навъи ҳунармандӣ солҳои зиёд инҷониб, дар ин мавзеъ вуҷуд дошта, бо гузашти солҳо рушду такомул ёфта истодааст. Дар сарчашмаҳои мавҷуда чунин зикр гардидааст: «Махсусан, дар Қаратоғ қаннодҳои машҳури водии Ҳисор истиқомат менамуданд, Қаратоғ бо ҳалвою қандфудҳои лазизаш кайҳо боз байни мардуми водии Ҳисор ном баровард» [227, с. 56].

Ширинихое, ки дар ин мавзеъ истеҳсол менамоянд дар тамоми манотиқи кишвари мо ва берун аз он харидорони худро доранд. Албатта, агар ин раванд аз як ҷиҳат боиси рушду такомули ин соҳа гардад, аз тарафи дигар боиси паҳн гардидани калимаву истилоҳоти ин соҳа мегардад. Ҳатто дар асри XIX савдогарони Самарқанду Бухоро аз ҳалвою ширинихои Қаратоғ барои худ тӯшаи роҳ мегирифтаанд. Дар гузашта ва имрӯз ҳам ин касб миёни косибони Қаратоғ бисёр маъмул аст. Қаннодон дар Қаратоғ чунон зиёд буданд, ки дар ҳар як маҳаллаи Қаратоғ растаи ҳалвогарон вуҷуд дошт .

Чӣ тавре ки маълум аст, ҳар як ширинии, ки дар ин мавзеъ тайёр менамоянд, бо як анъанаи мардуми маҳаллӣ вобастагии сахт дошта, ифодагари расму русум ва урфу одати хос мебошанд. Масалан, дар маросими чил омода намудани тарҳалво ҳатмист, ки бо ин навъи ширинӣ даҳони шахсони азодорро ширин менамоянд. Пас аз фотиҳатуй маросими таги лаълигардонӣ оғоз мегардад, ки ҳатман дар ин маросим умочҳалво тайёр намуда, бо кулча ба хонаи домод равон месозанд, то ин ки модари домод ба хешу ақрабои хеш тақсим намуда, аз хонадоршавии писараш дар рӯзҳои наздик хабар диҳад. Урфу одат ва анъанаҳои пазандагӣ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда истодааст.

Мусаллам аст, ки бо вуҷуди моли забони арабӣ буданаш бо вожаи *қанд* ба мисли забони адабӣ дар нутқи мардуми водии Ҳисор низ калимаву истилоҳоти зиёде ба назар мерасанд, ки бо урфу одате алоқамандӣ доранд, аз қабили *қандчошӣ* (барчош), *қандоwдарорӣ* (шаҳдобдарорӣ), *қандкашӣ* (наъличакашӣ) ва ғайра.

Вожаҳои *қандак, қандпаз, гулқанд, калақанд* дар вожагони ин лаҳҷаҳо чунон ҳазм шудаанд, ки танҳо ҳангоми таҳқиқоти решашиносӣ мо метавонем инро муайян созем. Истилоҳи «*қанд*» бештар дар таркиби синоними ҷуфти *қанду қурс* низ ба назар мерасад.

Дар байни мардуми водии Ҳисор баъзе бовару хурофотҳое низ вуҷуд доранд, ки дар иртибот бо вожаи *қанд* пайдо шудаанд. Масалан, ҳангоми овардани арус ба хонаи домод ё баръакс рафтани домод ба хонаи арус ба сари

онҳо қанд мепошанд, то ин ки зиндагиашон ба мисли қанд ширин шавад. Инчунин, ҳангоми ба никоҳ омадани домод аввал ба вай қандчой нӯшонида, баъд, ба никоҳ кардан оғоз менамоянд, ки қариб дар ҳама мавзеъҳои кишварамон ин одати деринаи тоҷиконро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар Бадахшон низ ин анъана то айни замон ҳифз гардидааст, ки гуфтаҳои зерин аз он шаҳодат медиҳанд: «Занҳои Бадахшон домодро ҳангоми ба хонаи арус омаданаш бо ноне, ки safedtabaq nbvaruk (дар нон гузоштани қандҳо ва равғанҳои пора баровардан) ва širuγan (ширавған) пешвоз мегиранд» [154, с. 471-486].

Гарчанде калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои пазандагӣ ва қаннодӣ дар лаҳҷаву шеваҳо шаклҳои гуногун дошта бошанд ҳам, аммо мафҳумҳои якхеларо ифода менамоянд. Аксарияти онҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон сарчашма мегиранд. Масалан, истифодабарии калимаи *гулқанд* дар осори Сайидо низ ба назар мерасад:

Гулашро хонда ширинтар зи *гулқанд,*

Ниҳоли гул асои лаълпайванд Сайидо [329, с. 34].

Доираи истеъмоли калимаи *каллақанд* (қанди сафеди калон) каме маҳдуд гашта, ин калимаро танҳо дар нутқи мардуми куҳансол вохӯрдан мумкин аст.

Дар бобати истифодабарии ибораи *қанди кокулдорак* ҳаминро гуфтанием, ки дар мавриди ба зуҳур омадани ин ибора таъму мазаи қанд нақши асосиро набозида, балки коғазе, ки бо он қанд печонида шудааст, нақши асосиро бозида тавонистааст. Пӯчоқи ин қандро аз коғази сафеди аълосифат тайёр мекунанд. Нӯги коғазро моҳирона ба мисли мӯйи духтарон маҳину борик бурида, танҳо онро ранг менамояд. Аз сабабе, ки ин коғази ин қанд ба кокули духтарон шабоҳат дорад, чунин номгузорӣ карда шудааст.

Чӣ тавре ки маълум аст, ҳар як шириние, ки дар ин мавзеъ тайёр менамоянд, бо як анъанаи мардуми маҳаллӣ вобастагии сахт дошта, ифодагари расму русум ва урфу одати хос мебошанд. Масалан, дар маросими чил истифодабарии калимаи *тарҳавло* ҳатмист, зеро бе ин ширинӣ ин маросим гузаронида намешавад. Ин калима миёни мардуми Қаратоғ дар шакли *атали*

сурхак ва мардуми Ҳисор *ҳавлои тар* маъруфият дорад. Дар заминаи ин, воҳидҳои луғавии *тарҳавлопаз, аталапаз, ҳавлоитарпаз* сохта шудаанд, ки ба шахс далолат менамоянд.

Дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор истифодабарии калимаву ибораҳои ҳавлои сурхак ва ҳавлои сфедак ба назар мерасад. Албатта, қайд кардан бамаврид аст, ки ҳар ду ибора ҳам ба намояндагони шеваи шимолии водии Ҳисор тааллуқ дошта, дар байни намояндагони шеваи шимолӣ ин ибораи *ҳавлои сфедак* маъмул набуда, *ҳавлои сурхак* дар шакли *умочҳавло* маъруф аст.

Инчунин, дар маросими *тагилаълигардонӣ*, калимаи *умочҳалво* бештар истифода мешавад. Модари арус ба хонаи домод як чодар кулча ва як тағора ҳалво пухта, равон менамояд, ба хешовандони наздик ҳатман дар рӯйи кулча ҳалво монда, тақсим менамоянд. Оид ба пайдоиши ин анъана миёни донишмандон андешаҳои ҷолиб вуҷуд дорад.

Бархе аз донишмандон чунин мепиндоранд, ки аз сабаби ранги сурх доштанаш маҳз умочҳалворо ба хонаи домод равон мекунанд, то ин ки ҳамеша рангашон сурх бошаду беғаму ғурбат зиндагӣ намоянд. Ба андешаи бархи дигар, аз сабаби таъми ширин доштанаш, маҳз, умочҳалворо дар маросими тагилаълигардонӣ мепазанд, то зиндагии арус ва домод мисли ҳавло ширин шавад. Дар самти пайдоиш ва баромади урфу одат ва пайдоиши вожаҳои ифодакунандаи онҳо таҳқиқотҳо идома дошта, ҳар як муҳаққиқ диду нигоҳи хешро оид ба ин масъала ба таври гуногун баён намудааст. Масалан, муҳаққиқ Г. Сӯфиева оид ба ин масъала чунин ибрози андеша намудааст: «Вақтҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон, забоншиносон ва фолклоршиносон ба доираи вожагони ифодакунандаи расму оин ва урфу одатҳои халқӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ хеле зиёд гардидааст» [198, с. 227].

Инчунин, дар ин мавзеъ истифодабарии вожаи *ҳалвои малакогӣ* ба назар мерасад, ки дар ташаккули он калимаи русии *молоко* (шир) нақши калонро бозидааст. Дар ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ дар ифодаи номи ҳалво вожаву истилоҳоти гуногун истифода бурда мешаванд. Масалан, гарчанде барои намояндагони лаҳҷаи Бухоро истилоҳоти *ҳалвои яхак, ҳалвои рӯғанин, ҳалвои*

пистамағз, ҳалвои собунӣ маъмул бошад ҳам, аммо [275, с. 267] барои мардуми водии Ҳисор ин калимаҳо дар шаклҳои *ҳавлои сахтак, ҳавлои ба равғани зард, ҳалвои ба писта, ҳалвои собунак* маъмуланд. Ибораи *ҳалвои лавз* низ дар нутқи намояндагони ин водӣ хеле зиёд корбаст шуда, маънои «ҳалвои аз мағзи бодом тайёршуда»-ро дорад.

Воқеан, дар ин бахши ҳунармандӣ пайдоиши истилоҳи *пашмак* каме аҷоиб ба назар менамояд. Аз ин лиҳоз лозим донистем, ин калимаро тафсир намоем. Барои тайёр намудани ин ҳалво чунин корҳоро ба анҷом мерасонанд. Аввал аз шакар ва бех (як навъи растанӣ) қиём омода менамоянд. Дар як деги алоҳидаи сафед ордро бо равғани зард то каме зардча шуданаш бирён мекунанд, аммо нозукиаш дар он аст, ки бояд орд аз ҳад зиёд зард нашавад. Сипас, қиёмро бо орди бирёншуда омехта карда, хуб молиш медиҳанд. Баъд, омехтаи ҳосилшударо дар мехҳое, ки дар девор зада шудааст, меовезанд. Оҳиста-оҳиста ранги омехта сафед мешавад. Сипас, онро ба болои наъли калон гузошта, аз чор тарафаш мекашанд, то даме, ки дар омехта торҳо пайдо гарданд. Вақте ки ҳалво шакли мӯякро гирифт, онро аз рӯйи андозаи муайян бурида коғазпеч менамоянд, барои хушбӯ шуданаш каме ҷавҳари лиму ҳамроҳ менамоянд.

Илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки ин бахши ҳунармадӣ дар ин мавзеъ нозукиҳои худро дорад, ки дар робита бо он боварҳои махсус дар ин минтақа пайдо шудаанд. Масалан, дар ин мавзеъ воҳиди луғавии *пайғалтӣ* дар истифода қарор дорад. Ин калима дар асоси боваре, ки байни ҳунармандони ин мавзеъ маъруфият дорад, пайдо шудааст:

Агар дар вақти тайёр намудани ҳалво одами бетаҳорат ба хона дарояд, пай меғалтад ва ҳалво сафед намешавад.

Аксарияти калимаву истилоҳоте, ки дар тайёр намудани ширинихои қаннодӣ истифода бурда мешаванд, то айни замон шакли аввалаи худро нигоҳ дошта тавонистаанд, ба мисли *чахдег* (деги махсуси калон), *кавча* (ба кавлез шабоҳат дорад, ки аз чӯб тайёр карда мешавад ва *чилчӯw* (аз дарахти юлғун тайёр мекунанд, ки ба мисли пружина қату рост мешавад ва барои расонидани

бех лозим аст), *оташгирак* (асбоби оташгирӣ), *таҳгиронӣ* (оташафрӯзанда) ва ғайра.

Инчунин, калимаҳое дар истифода қарор доранд, ки бо мурури замон аз байн рафта, ҷойи онҳоро калимаҳои дигар гирифтаанд. Ба ҷойи калимаи *парвезан* калимаи *элак* ба гӯйиши мардумони ин водӣ ворид гаштааст, ки аз қадима буданаш зикри он дар луғат шаҳодат медиҳад: «*парвезан* бар вазни сафшикан; мухаффафи *парвезан* бошад, ки ордбез аст, ҳар чизи сӯрох-сӯрохро гӯянд» [278, с. 235]. Сабаби асосии ин падидаро зисту зиндагонии ин мардум бо қавму қабилаҳои узбекон мебинем.

Истилоҳи *обидандон* на танҳо дар ин мавзеъ дар ифодаи як навъ қанд хеле сермаҳсул аст, балки истифодабарии ин истилоҳ, инчунин, дар дигар лаҳҷаҳу шеваҳои забони тоҷикӣ ва дар осори пурғановати шоиру нависандагони тоҷик низ ба назар мерасад. Устод Садриддин Айнӣ ҳам дар қиссаи «Марги судхӯр» барои тасвири ҳақиқати воқеӣ хеле моҳирона ин истилоҳро истифода намудааст: «Ба тарафи дигари лаълӣ конфетҳои арзонбаҳо ва *обидандонҳоро*, ки аз лойшакар сохта мешуданд, рехта, ба ҳар кадоми онҳо ҳам як пулӣ ду пулӣ нарх мемонд» [318, с. 62].

Барои намояндагони ин мавзеъ ибораҳои *ширини ангурӣ ва ширинии тутӣ* ошност. Инчунин, калимаи *шарбат* ва *шаҳдоб*, ки дар забони адабии тоҷикӣ низ дар ҳамин шакл истифода мешаванд, хоси намояндагони ин лаҳҷаҳоянд. Истилоҳи *шарбат* низ дар аксари ҳолатҳо дар шакли аслии худ корбаст мешавад.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки аксарияти вожаҳои марбут ба ҳунари қаннодӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор бо дигар лаҳҷаву шеваҳо шакли якхела дошта умумиистеъмоланд. Сабаби як хел истифода шудани ин калимаҳо дар ин минтақа дар он аст, ки дар водии Ҳисор шеваи шимолӣ бо шеваи ҷанубӣ омезиш ёфтааст. Шохаи ҳисории лаҳҷаи ҷанубӣ, ки дар давоми солҳои зиёд дар муҳити лаҳҷаҳои дигар амал мекунад, тағйироти муайянеро аз сар гузаронидааст. Дар натиҷа, баъзе калимаҳои хоси он аз байн рафтаанд [50, с. 240].

Албатта, то ин замон аксарияти калимаҳое, ки сирф хусусияти лаҳҷавӣ доранд, дар нутқи мардуми куҳансоли ин мавзеъ ҳифз шудаанд, аммо дар нутқи насли наврас бештар калимаҳои умумиистеъмолӣ ба назар мерасанд. Ҳаминро ба назар гирифта прфессор Л.В. Успенская навишта буд: «Лексикаи ҳар ду лаҳҷаи Ҳисор, асосан, умумиҳуқикист» [213, с. 26].

Ба ин тариқ, калимаву истилоҳоти бахши қаннодӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор як қабати махсусро ташкил медиҳанд ва маводи ғановатмандеро фаро мегиранд. Ғановат, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо вожаҳои ҳам умумиҳуқикиву лаҳҷавӣ ва ҳам унсурҳои иқтибосӣ амал мекунанд. Вожаҳои иқтибосӣ чандон фаровон набошанд ҳам, дар нутқи сокинони мавзеъ ҳазм шуда, бо вожаҳои ҳуқикӣ дар як радиф истеъмол меёбанд.

2.9. Номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманд

Яке аз масъалаҳои мубрами этноолингвистика ин муайян намудани баромади қавмҳо ва фарҳангу тамаддуни онҳо мебошад. Рушди ҷомеа пайваста сурат мегирад. Ҳангоми рушди соҳаҳои ҳунармандӣ ва маишӣ ба забон калимаву истилоҳоти нав ворид мешаванд.

Оид ба пайдоиши номвожаи ҷуғрофии водии Ҳисор, ки дар иртибот бо ҳунармандӣ пайдо шудаанд, миёни забоншиносон фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ Ҳисор аз замонҳои хеле қадим бо номҳои Шумон, Сумон, Ҳисор ва Ҳисори Шодмон ёд шуда, дар осори чинӣ бо унвони «Суман» ва маъхазҳои арабиву тоҷикӣ ҳамчун «Шумон» зикр шудааст. Роҳи Бузурги Абрешим **аз** Ҳисори бостон низ мегузаштааст, ин омил боиси рушди асосии ҳунармандӣ дар ин манотиқ гаштааст. Шумон (Ҳисори имрӯза) дар замонҳои ҳукуматдории давлати Сомониён, ҳатто аз он ҳам пештар вуҷуд доштааст, ки ин манотиқро Чағониён номбар намуда, номи Чағониён аз ғулғулаю саршори рудҳои шухи кӯҳии он гирифта шудааст [236, с. 7].

Роҳи Бузурги Абрешим аз Тоҷикистон ҳам гузаштааст. Муаррихон онро ба чор самт тақсим кардаанд: «Аввалин роҳ «Суғдӣ» мебошад. Он аз масири Қӯқанд–Исфара–Конибодом–Хуҷанд–Истаравшан–Шаҳристон–Айнӣ–Панҷакен–Зарафшон–Анзоб–Душанбе мегузарад. Дуюм роҳ «Қаротеинӣ» мебошад. Масираш: Тирмиз–Деҳнав–Турсунзода–Ҳисор–Душанбе–Кофарниҳон–Файзобод–Рашт–Ҷиргатол–Дорут–Қурғондараи дарёи Қошғар (Чин) мебошад. Самти сеюм «Ҷанубӣ» буда, Душанбе–Норак–Данғара–Ховалинг–Ҳулбук-–Рустаӣ-–Фархор-Панҷ–Ҷалолиддини Балхӣ– Бохтар–Қубодиёнро дар бар мегирад. Роҳи чорум «масири бузурги Помир аст» [54, с. 270].

Оид ба таърихӣ будани водии Ҳисор байни муҳаққиқон фикру ақидаҳои зиёде ҷой доранд. Ин сарзаминро ҳоло бо номи водии Ҳисор ёд мекунанд. Ин водӣ дорои чандин деҳаву деҳакҳои хушманзар ва шаҳру шаҳракҳои қадимаи ободу зебо мебошад.

Чӣ тавре маълум аст, барои пайдоиши номвожаҳои ҷуғрофӣ ҳодисаи табиӣ, рушди кишоварзӣ, боғдориву чорводорӣ, рушди ҳунармандӣ, бунёдгарии шахс, мавқеи ҷуғрофии қавму қабилаҳо ва дигар омилҳо боис шуда метавонанд.

Номвожаҳои ҷуғрофӣ ҳамчун ҷузъи устувори камтағйирпазири воҳидҳои забонии минтақаҳои гуногуни таърихӣ нисбат ба забони зинда дар худ марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофи забони бостониро таҷассум менамоянд. Ин хусусияти муҳимми номвожаҳои ҷуғрофӣ метавонад фаҳмиши моро дар бораи равандҳои гуногуни диахронӣ, аз ҷумла, дарки масъалаҳои таърихи забон ва ташаккули миллат дар тули таърих густариш диҳад ва барои пажуҳандагон имкониятҳои васеъ ва доманадорро бобати таҳия ва истифодаи усулҳои нави лингвистӣ муҳайё намояд [88,с. 3]. Масалан, ба пайдоиши топонимияҳои *Қушбулоқ* (ду чашма), *Гаҳворасанг* (санги мисли гаҳвора), *Ёруктош* (санги кафида), *Санги Кабуд* (санги рангаш кабуд), *Сурхӣ* (хоки сурх), *Шӯробдара* (дараи обаш шӯр), *Тешуктош* (санги сӯрох), *Обдузд* (маҳали обаш кам), *Чуқурак* (маҳалле ки дар чуқурӣ ҷойгиршуда), *Шӯрхок* (дараи хокаш шӯр) ҳодисаҳои табии боис гаштааст.

Номвожаҳои *Ҳакимӣ, Абду, Париён,* Оби *Ғарибак* аз бунёдгариву қаҳрамонии ашхос дар ин мавзеъ далолат менамояд.

1. Номвожаҳои дараи Ҳакимӣ. Ривоятҳои аз насл ба насл омада, собит менамоянд, ки пайдоиши номвожаҳои ҷуғрофии *Ҳакимӣ* амалҳои неки *Эшони Ҳаким* (ному насабаш ба пуррагӣ дар ҳеҷ куҷо сабт нашудааст) боис гаштааст. Аз рӯйи ривоятномаҳои мардуми куҳансоли ин мавзеъ аён гардид, ки Эшони Ҳаким фирорӣ будааст ва ҳангоми ҷанги Темуриён дар мадрасаи шаҳри Самарқанд мударрисӣ мекардааст, фурсати мувофиқро ғанимат дониста, ба зодгоҳаш кӯҳистони Фалғар мегурезад ва мардуми деҳаро аз фалокат ва ваҳшониятти лашкари Темуриён огоҳ карда, бо гурӯҳи 40-50-нафараи хешу таборон аз ағбаи Саратоғ ва теппаи миёнаш сӯрох, ки бо номи Муҳра шинохта мешавад, гузашта, ба имрӯза Қаратоғ раҳсипор мешаванд [44, с. 27].

Аслан, калимаи *ҳаким* гарчанде моли забони арабӣ бошад ҳам, вале дар дохили вожагони забони тоҷикӣ чунон ҳазм шудааст, ки аз иқтибосӣ будани он танҳо забоншиносон воқифанд. Ин вожа дар забони тоҷикӣ бо маъноҳои «доно», «донишманд», «соҳиби ҳикмат», «файласуф», «табиб», «муолиҷакунанда» ва «пизишк» маъруфият дорад. Дар китоби муқаддаси «Инҷил», ки аз тарафи Мартин Люте ба забони олмонӣ тарҷума шудааст вожаи *ҳаким* дар ифодаи мафҳуми «Мавҷудоти воломақом» оварда шудааст [266, с. 91].

Номвожаи *Сарбиной* ба дарё мансуб буда, ба номи зан алоқамандӣ дорад. Дар ин мавзеъ мақбараи хоҳари азизи Худо, Хоҷа Ҳасан, ки бо номи Сарбиной маъмул аст, ҷойгир шудааст. Ӯ аз Шаҳрисабз ба ин ҷо омада буда, вафот кардааст. Вожаи Сарбиной дар қолаби калимасозии махсус сохта шудааст. Гарчанде, дар айни замон, бо чунин қолаби калимасозӣ номҳои Уғулой, Улуғой, Гаҳварой, Роҳатой ба назар расанд ҳам, аммо вожаи Сарбиной ҳамчун номи зан дар ин мавзеъ мавриди истифода қарор надорад.

Чуноне ки дида мешавад, дараи Ҳакимӣ аз чанд деҳа ва кӯлҳову дарёҳо, ки ҳар яке бо номҳои хоси худ ба мисли кули *Париён,* ҳамвории *Обшикан,* баландкӯҳи *Оби Ғарибак*, шохоби дарёи *Сарбиной,* ҷангалзорҳои *Беоб* маъмулу машҳуранд, иборат мебошад. Дар тарафи рости дараи Ҳакимӣ ҳамворие бо номи *Обшикан* воқеъ аст, ин номвожа низ аз ду ҷузъ об (исм)+шикан (феъли фармоишии шахси дуюм) ба зуҳур омадааст. Аз сабаби он ки дарёи серобу пурталотуми Қаратоғ, маҳз, дар ҳамин макон мачрояш дигар ва орому бомаром мешавад, яъне об мешиканд, чунин номгузорӣ карда шудааст. Орому сокиншавии об боиси рушди моҳипарварӣ ва моҳидорӣ дар ин мавзеъ гаштааст.

Пайдоиши ибораи *Оби Ғарибак* ҳамчун номвожа ба гуфтаи мардуми Ҳакимӣ бо амалҳои нек, яъне ҳунари дорусозии як марди ҳакимӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Гӯё, ҳангоми бо ду хар овардани гиёҳи дорувории кинг барои табобати беморони мубталои бемории қанд, ин мард дар таги сел мемонад. Ҳамаи маводи ҷамъоварикарда ва харҳояшро сел мебаранд. Худаш дар сӯрохии як кӯҳ пинҳон шуда, аз ҳуш меравад. Сокинони деҳа ин марди

мусофирро дар ҳамин аҳвол ёфта, ба ин мавзеъ чунин ном мегузоранд. Ба андешаи бархе аз сокинони мавзеи Ҳакимӣ, ба пайдоиши номвожаи ҷуғрофии *Оби Ғарибак* дар гузашта маскан гирифтани қавмҳои ҷӯгӣ асос гузоштааст, зеро онҳоро мардуми маҳаллӣ *«ғарибако»* меномиданд.

Муҳаққиқ О. Маҳмадҷонов дар монографияи худ «Топонимия ва микртопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор» топоним-ибораҳои бо термин- индикатори «об/ов» сохташударо, аз қабили Оби Нуқра (деҳаи Н.В.), Ови Арзак (Д.Р), Ови Сафед (чашма, Н.В.), Ови Хунук (чашма, Н.В.), Оби Ширин (чашма, Н.В), Ови Дарайи Никите (Д.Р) оварда, пурра шарҳу возеҳ дода тавонистааст [138, с. 36].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки бо термин-индикатори *кӯл* низ дар ин мавзеъ номвожаи ҷуғрофии *Кӯли Париён* ба назар мерасад, ки таърихи пайдоиши худро дорад. Аз рӯйи ривоятҳои мардуми куҳансоли ин мавзеъ ин макони дилкашро барои шикор яке аз сарватмандони бекигарии Ҳисор интихоб намуда будааст. Одамони Беки Ҳисор, ки дар ҷашни Наврӯзи мардуми Ҳакимӣ иштирок доштанд, зебоии париҳои (духтарҳои ҳакимӣ)-ро дида, дар ҳайрат мемонанд. Онҳо ҳафт нафари париҳоро барои пешкаш ба Ҷаноби Амир интихоб менамоянд. Падару модари духтарон онҳоро дар саҳро пинҳон намуданд, аммо савораҳо духтаронро дунболагирӣ карданд. Қариби боздоштанашон бо амри Худо дар он ҷо кӯле падид меояд ва он париҳо худро дар кӯл мепартоянд ва аз он паризодҳо дигар ному нишоне боқӣ намемонад. Ҳамин тавр, мардум ин мавзеъро *Кӯли Париён* ном гузоштанд. Ин ҳодиса боиси пайдоиши номи ҷуғрофии Кӯли Париён гаштааст. Аслан, калимаи «кӯл»-ро забоншиносон моли забони туркӣ мешуморанд ва он дар фарҳанг чунин тафсир шудааст: «кӯл - ҷойе, ки дар он оби бисёр ҷамъ шудааст» [288, с. 580]. Аммо бо ин ақида бархе аз забоншиносон розӣ набуда, чунин мешуморанд, ки вожаи *кӯл* моли забони тоҷикӣ мебошад. Калимаи *Париён* сохта буда, тавассути ба исми *парӣ* ҳамроҳ кардани пасванди ҷамъбандии ***-ён*** сохта шудааст.

Илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки воҳиди луғавии *парӣ* дар фарҳанг чунин тафсир шудааст: «парӣ маъруф аст, ки нақизи дев бошад; ва

мухаффафи парер ҳам ҳаст, ки парерӯз бошад, ки рӯзи пеши дирӯз аст, ва музореи мухотаби паридан бошад; ва замми аввал ба маънии пур ва мамлув будан» [278, с. 235].

Мусаллам аст, ки баъзе номвожаҳо, дар ҳақиқат, ба ривоятҳои мардум, ба ҳодисаю воқеаҳои дар он давра базуҳуромада, иртиботи зич доранд. Масалан, бархе аз забоншиносон дар он ақидаад, ки номвожаи ҷуғрофии *Шунук* ба маънои «шуднокӣ», «серҳосилӣ» дар ин мавзеъ иртибот дорад, аммо аз рӯйи ривоятҳои мардуми тагҷойии ин мавзеъ ба пайдоиши ин номвожа, тамоман чизи дигар асос гузоштааст. Замоне бемории вабо дар ин мавзеъ паҳн мешавад ва қисме аз эшонзодагон аз ин беморӣ раҳо ёфтань мешаванду гурехта, ба пастхамии кӯҳҳои сарбафалак кашида мерасанд. Як нафар намояндаи ин гурӯҳ асои хешро ба замин мехалонад ва бо қудрати Офаридагор он ҷо чашмае пайдо мешавад. Эшонзодагон «обу ободонӣ, шуд некӣ» - гӯён ин маҳалро макони зист интихоб мекунанд. Сипас, эшонзодагон бору бисоти хешро бо хару аспҳо бор карда, ба мавзеи «шуд некӣ» меоянд ва тадричан ин номи маҳал ба Шунук табдил меёбад» [214, с. 9].

Воқеан, новожаҳои марбута на танҳо ба соҳаи ҳунармандию ба амалҳои неки одамон, балки бо ҳодисаҳои таърихӣ низ иртибот доранд. Масалан, номвожаи *Темурдара* бо расидани қадами нопоки Темуриланг ба ин мавзеъ ба вуҷуд меояд. Аз рӯйи баромад, ин калимаи мураккаб буда, аз ду калима, яъне Темур (туркӣ) ва дара (тоҷикӣ) ташаккул ёфтааст.

Аз рӯйи гуфтаҳои сокинони ин мавзеъ, гӯё сабаби пайдоиши номвожаҳои *Пушти Миёна* (пушта /теппаи кӯҳ), *Дӯнгӣ* (баландӣ), *Батош* (серсанг), *Аршӣ* (ҷойи баланд), *Лавичай* (лабичар), *Ойборик* (обиборик), *Оқҷар* (ҷари сафед) мавқеи ҷуғрофии онҳо мебошад. Бо вуҷуди ин дар водии Ҳисор номвожаи *Пушти Миёна* ба рушду такомули соҳаи ҳунармандӣ иртиботи зич дорад. Масалан, муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев қайд намудааст, ки оҳанро дар ин мавзеъ, маҳз, аз Пуштимиёна меоварданд, ки ин боиси рушди касби оҳангарӣ дар ин мавзеъ гашта, боиси пайдоиши ибораи *оҳани пуштимиёна* гашта тавонистааст [227, с. 50].

Дар забони адабии тоҷикӣ ин ҷойномаро метавон дар шакли «Пуштаи Миёна» корбурд намуд. Чунки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ баъзан пасвандҳои калимасози» –а» ва «-ӣ» ҳангоми истифодаи бандаки изофӣ (ӣ) ҳифз мешавад. Ин ҳолатро дар лаҳҷаҳои шимолии водии Ҳисор бештар мушоҳида намудан мумкин аст: хони калон (хонаи калон), қайчи токбурӣ (қайчии токбурӣ) ва ғ. Ҳамзамон, пушта метавонад, болоӣ, пойинӣ ва миёна бошад.

Инчунин, дар ин мавзеъ дар гузашта ҳунари оҳангарӣ бениҳоят рушду такомул ёфта буд, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ низ нишон дода шудааст. Этнографи варзида Н. Ершов дар асари хеш «Каратаг и его ремесло» овардааст, ки В. Липский - набототшинос охири асри XIX дар ноҳияҳои кӯҳии хонигарии Бухоро саёҳат карда, дар бораи савдои мануфактураи москвагӣ дар Қаратоғ гуфтааст: «кордро дар деҳаи Пуштимиёна низ месозанд, ки он 11 км аз Қаратоғ болотар ҷойгир аст» [93, с.7].

Чуноне ки дида мешавад, ин калима мураккаб буда, аз ду ҷузъ – пушт+миёна сохта шудааст. Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» низ калимаи «пушт» ҳамчун номвожаи ҷуғрофӣ дарҷ гардидааст: «Пушт бар вазни мушт, маъруф аст ва ба арабӣ заҳр хонанд; ва паноҳ ва пуштибон; ва беруни ҳар чизеро низ гӯянд; ва номи баландиест дар навоҳии Нишопур муштамил бар дувисту бисту шаш қария. Ва чун ин балда ба манзалаи пуштӣ бошад. Нишопуро бад-ин ном хонанд; ва номи қарияе ҳам ҳаст аз вилояти Бодғис дар Хуросон ва ҳес ва муханнасро низ гӯянд» [278, с. 240]. Яъне бо вожаи *пушт* номвожаи ҷуғрофӣ дар гузашта низ вуҷуд доштааст.

2. Номвожаҳои дараи Қаратоғ. Воқеан, ҳунармандӣ дар Қаратоғи водии Ҳисор бештар рушд намудааст, гӯйем ҳам, ғалат намекунем, зеро таъсири зиёди рушди ҳунармандиро дар ин мавзеъ дар пайдоиши номвожаҳои маҳалҳои Чармгарон, Кулолӣ, Мехчагарӣ, Собунгарӣ, Қассобхона, Сарбозхона, Қозихона, Олтин Жилав, Читгарӣ, Ҷӯшонак (деги куҳна), Рангрезхона метавон мушоҳида намуд. Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ созем, ки номвожаи Қаратоғро мо бевосита дар таркиби ибораҳои *алочаи қаратоғӣ, шоҳии қаратоғӣ, тоқии*

қаратоғӣ, даравшдӯзиҳои қаратоғӣ, қанди кокулдораки қаратоғӣ, ҳавлои қаратоғӣ, нишолоҳи қаратоғӣ дида метавонем. Оид ба пайдоиши худи номвожаи ҷурофии «Қаратоғ», ки дар водии Ҳисор бо ҳунармандонаш маъмулу машҳур гаштааст, миёни донишмандону мутафаккирон баҳсҳои бепоён идома доранд. Масалан, муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев оид ба пайдоиши ин номвожаи ҷуғрофӣ чунин ибрози ақида намудааст: «Маънои аслии Қаротоқ «қарияи тоқ» аст. Мафҳуми *«қария»* - қишлоқ ё деҳа мебошад. Мафҳуми *«тоқ»* ин танҳо аст, яъне *«*қишлоқи танҳо» [227, с. 50].

Аммо дар байни мардуми дараи Қаротоғ равияҳои зиёде нисбати пайдоиши ин номвожаи ҷуғрофӣ ҷой доранд. Ба ақидаи гурӯҳи якум калимаи *Қаротоқ* туркӣ буда, маъноияш *«кӯҳи сиёҳ»* аст. Ин калимаи туркӣ аз сифати ифодакунандаи ранг *қара* (сиёҳ) ва исми *тог* - кӯҳ сохта шудааст.

Қисми дигари донишмандони ин мавзеъ оид ба маъно ва пайдоиши ин ном ақида доранд, ки аслан, ин калима дар гузашта шакли *«Қаратуғ»*- ро доштааст, ки маъноияш «қара - сиёҳ», «туғ - асо» аст. Ин ном гӯё дар асри XIУ дар давраи ҳукмронии амир Хусайн ва амир Темур пайдо шуда бошад. Яъне ҳангоми рӯ ба ғарибӣ овардани мардуми Даҳбеди Самарканд онҳо бо асои охирини худ аз кӯҳи сиёҳ гузашта бошанд. Аммо бар хилофи ин ақидаҳо профессор Ш. Исмоилов оид ба пайдоиши ин калима чунин ибрози ақида намудааст: «Ин калимаи авестоӣ буда, аз ду ҷузъ **кара** (санг, кӯҳ) ва **таг** (устувор, сахт, побарҷо, идомадиҳанда), ки дар қатори топонимияҳои Тоҷикистон ва таҳаввулоти таърихии он аз давраи авестоӣ то имрӯз вохӯрдан мумкин [108, с. 5].

Сабаби чандгуна шарҳ додани мафҳуми калимаи Қаротоғ аз ҷониби муҳаққиқон дар он аст, ки дар ин дара ҳам турку барлосҳо ва ҳам тоҷикони эронзабон умр ба сар бурдаанд. Мафҳуми деҳаи Каротоғ ба мафҳуми маҳалаи Қарияи болои шаҳри Душанбе шабеҳ аст .

Мушҳидаҳо собит намуданд, ки дар ҳақиқат, мардуми Самарқанд бо мардуми қаратоғӣ имрӯза робитаи хешигарӣ доранд, зеро кадом навъи

ҳунармандие, ки дар Самарқанд рушд карда буд, дар ин мавзеъ идома ёфта истодааст.

Инчунин, куҳан будани ин мавзеъ аз забон ба забон гузашта, то ба имрӯз ба шакли ҳикояву ривоят боқӣ мондаанд. Яке аз чунин ривоятҳо ривояти «Асрори қабрҳои нишонадор» мебошад. Дар ин мавзеъ қабрҳои нишонадор хеле зиёд буданд. Сангҳои ин қабрҳо чунон ҳам моҳирона ороиш дода шуда буданд, ки тамоми одамоне, ки ин муъҷизаҳоро медиданд, ба ҳайрат меомаданд. Яке аз қабрҳое, ки мардуми деҳа ва мардуми кошғарӣ, то имрӯз муқаддас мешуморанд, ин қабри «Офоқхӯча» (Хоҷаи муҳтарам) мебошад. Мувофиқи сарнавишти китоби «Шоҳмашраб» Офоқхӯҷа дар ҳамин деҳа аз олам гузаштааст. Қошғариҳои Хитой Офоқхӯҷаро набераи ҳаждаҳуми паёмбар Муҳаммад мешуморанд. То имрӯз мардуми қошғарие, ки дар Тоҷикистон ва Узбекистон зиндагӣ доранд, ба зиёрати ин марқад меоянд. Оффоқхӯҷа яке аз соҳибилмони мардуми кошғари Хитой будааст. Дар китоби «Девони Машраб» маълумотҳои зиёдеро ёфтем: «Шоҳ Машраб аз Намангон баромада, ба шаҳри Уш (Ош) ва аз он ҷо ба шаҳри Қошғар барои зиёрат ҳазрати Оффоқхуҷа меравад. То Инқилоби Октябр Қаратоғ ба ҳайати бекигарии Ҳисор медаромад. Аз рӯйи сарчашмаҳои таърихӣ гуфта метавонем, ки бозори калони бекигарии Ҳисор, маҳз, дар Қаратоғ буд, зеро ҳунармандон дар ин мавзеъ ҷамъ омада буданд. Соли 1907 дар ин ҷо заминҷунбии сахте ба амал омад, ки ҳунару ҳунармандорро ба замин яксон кард» [227, с. 58].

Агар як омили асосии рушди ҳунармандӣ дар ин минтақа ин гузаштани «Роҳи Бузурги Абрешим» аз ин мавзеъ бошад, омили дигар ба пайдоиши суннатҳои гуногуни ҳунармандӣ дар минтақа ба сокин шудани қавмҳои гуногун алоқаманд мебошад. Азбаски ҳар як қавм хусусиятҳои хоси ҳунармандии худро доранд, аз ин лиҳоз, танҳо онҳо метавонанд ба рушди соҳаҳои алоҳидаи ҳунармандӣ сабаб шаванд. Масалан, дар Қаратоғи водии Ҳисор гузари *Ҷуҷуто* вуҷуд дорад, ки маҳз, ин халқият ба ҳунари кафшдӯзӣ, заргарӣ, мисгарӣ машҳур шуда, боиси пайдоиши ин номвожа гаштаанд. Дар ин маврид, калимаи *ҷуҳут* ба тағйироти фонетикӣ дучор гашта шаклӣ «ҷуҷот»-ро гирифтааст. Ин

вожа дар фарҳанг чунин тафсир шудааст: ҷуҳуд арабӣ яҳудӣ фарде аз халқи яҳудӣ [297, с. 796].

Дар гузари *Чармгарон* ҳунари чармгарӣ рушд кардааст, гарчанде бо мурури замон чармгарон дар ин мавзеъ дигар ба ғайр аз афзори хару асп ва баъзе ашёҳои рӯзгор чизи дигар надӯзанд ҳам, вале ин навъи ҳунармандӣ боис гардид, ки ин номвожаи ҷуғрофӣ то ҳол дар ин мавзеъ устувору побарҷо бимонад.

Кулолӣ низ яке аз касбҳои дӯстдоштаи ин мавзеъ буда, иқлими ин дара барои рушду такомули ин навъи хунармандӣ шароити хеле хуб фароҳам оварда буд. Дар дараи Қаратоғ ҳам гили сурх ва ҳам гили сафед, ангоб, ва моддаҳое, ки аз он ранг истеҳсол карда мешаванд, хеле зиёд ба назар мерасанд. Ҳоло низ кулолони қаратоғӣ бо табақу гуловичаҳои сафолӣ ва кӯзачаву қулқулакҳои худ шуҳрату овозаи ин мавзеъро боз дучанд карда истодаанд. Маҳз ҳунари кулолӣ барои аз байн нарафтани номвожаи «Гузари Кулолгарон» гашта тавонист.

Ҳунари оҳангарӣ дар ин мавзеъ, ки боз ба шохаҳои мисгарӣ, мехчагарӣ, сӯзангарӣ ва ғайра ҷудо мешавад. Дар заминаи ин ҳунар, боз дар ин ҷо номвожаи ҷуғрофии гузари *Мехчагарон* пайдо шудааст. Бо пешрафти илму техника ва пешравии ҷомеа, айни замон, мардум дигар ба мехчаҳое, ки мехчагарон истеҳсол менамоянд ниёз надошта бошанд ҳам, вале шохаҳои дигари ин навъи ҳунармандӣ аз қабили кордсозӣ, наълсозӣ, турбасозӣ, мӯрисозӣ, оташдонсозӣ ва ғайра намегузоранд, ки номвожаи *Гузари Мехчагарон* ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда дохил шавад.

Воқеан, пайдоиши номвожаи *Гузари Бойбичаҳо*, ки дар деҳаи Олтин Ҷилав воқеъ аст, аз рушду такомули ҳунари *қолинбофӣ, қоқмабофӣ ва намадрезӣ* дар ин мавзеъ шаҳодат медиҳад. Даромаде, ки дар ин мавзеъ аз ин ҳунарҳо ба даст меоварданд, боис гардид, ки ин маҳал чунин номгузорӣ гардад. Чорводориву молпарварӣ дар ин мавзеъ ба пайдоиши номвожаи *Гузари Мусобозориҳо* замина гузоштааст.

Гарчанде қавмҳои ҳинду, дарбандӣ, калтатой, айни замон, истиқомат надошта бошанд ҳам, аммо дар гузашта, ки бо ҳунарҳои худ дар ин мавзеъ

машҳур буданд, ин гузарҳо бо ҳамин номҳо ба мардуми тагҷойӣ маъмуланд. Турку барлосҳо ва мусобозориҳову бойбичаҳо то ҳол ҳунарҳои худро идома дода истодаанд.

Маълум гашт, ки номвожаи *Осиёбдара* низ таърихи пайдоиши худро доро мебошад. Дар гузашта, дар ин дара панҷто осиё мавҷуд буд ва осиёбонҳои ин мавзеъ аз нозукиҳои ҳунари осиё дорӣ воқиф будаанд. Ин амали неки онҳо боиси ба вуҷуд омадани ин номвожаи ҷуғрофӣ гардид.

Истилоҳи *осиё* дар фарҳангҳо ба тарзҳои гуногун тафсир шудааст, яке аз онҳо чунин аст: «*осиё* - яке аз олоти кашидани равған, ки асорон доранд, осиёи дастӣ - осиёе, ки ба даст гардонанд» [288, с. 14]. Осиё маъруф аст ва он санге бошад мусаттаҳ ва мудаввар ба болои санги дигар, ки об ва бод ва одамӣ ва ҳайвон ва дигар онро бигардонанд; ва баъзе аз он чӣ об гардад осиёи гӯянд ва он чиро ба даст гардонанд ё чорво гардонад, осиё намегӯянд [278, с. 54].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки забоншинос Ҳ. Маҷидов ин калимаро ба гурӯҳи калимаҳои рехта дохил намуда, чунин овардааст: «Ҷиҳати ҷолиби диққати ном, ки қиёфаи овозии калима аст, рафта-рафта рехта шуда, ба дараҷаи боло мегирад, ки на фақат маънои воқеӣ, балки ибтидоии онро низ аз байн мебарад. Чунин тақдир калимаи осиёро «дастгоҳи орди ғалла», ки аз ибораи оси об муштақ аст, (муқ, варианти дигари маъмули он - осиёб), насиб шудааст. Калимаи осиё имрӯз, бе ягон мамониат бо калимаҳои обӣ, дастӣ, барқӣ алоқаманд шуда, навъҳои мухталифи онро ифода мекунад: осиёи обӣ, осиёи барқӣ» [141, с. 37].

Таҳлилҳо собит намуданд, ки калимаи *осиёб* боз дар шаклҳои *осиё, осию* дар лаҳҷаву шеваҳо маъмул аст, ки дар ин калимаҳо мо танҳо тағйироти фонетикиро мебинем. Аммо муҳаққиқи тоҷикони водии Хуф М.С. Андреев овардааст, ки *осиёи дастиро* дар Ишкошим «дос-дос» меноманд [49, с. 91]. Дар ин маврид, шакли ин калима дигар аст.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки калимаи осиёб ба ғайр аз маънои аслии худ, инчунин, ба маънои дигар низ корбаст мешавад, ки дар фарҳангҳо ин маънои он низ дарҷ гардидааст: «*Осиё* ва *осиёб* - мельница, осиёби бодӣ,

сангосиёб, ё осиёсанг, гуфтугӯйӣ дандон ва чоғ дандонҳои осиёбӣ - коренные зубы» [270, с. 45].

Мусаллам аст, ки забон ва гӯйишҳои он ба фарҳангу тамаддуни ҳар як миллат таъсири мустақил мерасонанд. Агар ба таърихи номгузории маҳалҳои гуногуни водии Ҳисор назар афканем, дарк намудан мумкин аст, ки хусусиятҳои хоси номгузории ин маҳалҳо ба вижагиҳои забонии сокинон рабитаи ногусастанӣ доранд.

Яке аз хусусиятҳои хоси ин минтақа рушди дуредгариву чубтарошӣ ба ҳисоб меравад. Азбаски атрофи деҳа саросар ҷангалзор буда, манбаи чӯбу дарахт будааст, мардуми маҳаллӣ ба ҳунари наҷҷорӣ майл карда, ин касбро меомӯхтанд ва иҷора менамуданд. Ин буд, ки устоҳои чӯбкор дар деҳаи Ҳакимӣ зиёд гардида, бо ҳунари худ ҳам мардуми деҳаро бо абзорҳои зарурии чӯбӣ таъмин макарданду ҳам ба минтақаҳои дигар дастранҷашонро ба фурӯш мебароварданд, Азбаски деҳаи Ҳакимӣ дар Роҳи Бузурги Абрешим қарор дорад, тоҷирон аз кӯҳистони Фалғар, шаҳрҳои Панҷакенту Самарқанд ба шаҳрҳои Қаратоқ, Деҳнаву Тирмиз, Бойсуну Шаҳрисабз, Китобу Ғузор мол оварда, аз ин ҷойҳо маводи ниёзи мардумро харидорӣ карда, сипас, ба мавзеъҳои худашон бармегаштанд. Бинобар ин, номҳои *зарфу табақи ҳакимӣ, қошуқи ҳакимӣ, кафлези ҳакимӣ, уғураки ҳакимӣ, ҷувози ҳакимӣ, чархчӯби ҳакимӣ, чахники ҳакимӣ, урчуқи ҳакимӣ* машҳур гардидаанд.

Аз сабаби он ки дар деҳаи Ҳакимӣ косибони зиёде фаъолият менамуданд, дар ин замина, номҳои *усто Алии ҳакимичӣ, усто Абдураҳмони ҳакимичӣ, усто Абдуҷалили ҳакимичӣ, усто Мумини ҳакимичӣ, усто Ҳабибуллои ҳакимичӣ, усто Шукури ҳакимичӣ, усто Карими ҳакимичӣ, усто Холи ҳакимичӣ* пайдо шудаанд.

Ба таври хулоса, гуфтан мумкин аст, ки рушди ҳунармандӣ дар водии Ҳисор дар давоми таърихи чандҳазорсолаи ин мавзеъ боиси пайдо шудани истилоҳоти хоси ҳунармандӣ ва дар асоси онҳо номгузорӣ шудани мавзеъҳои гуногуни ин минтақа гаштааст.

Натиҷагириҳо аз таҳқиқ дар боби дуюм чунинанд:

1. Соҳаи чармгарӣ калимаву истилоҳотеро дар бар мегирад, ки аксарияти онҳо, айни замон, ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол дохил шудаанд, ба монанди *фалахмон, кемухт, кемухтгарӣ, тулум, тулумдӯзӣ, ямоқ, ямоқга*р ва ғайра.

2. Калимаҳои сурфа/ суфра, чоруқ, чоруқбанд, мукӣ аз давраҳои аввали рушди забонамон сарчашма гирифтаанд. Дар асоси калимаву истилоҳоти соҳаи чармгарӣ бисёр боварҳое дар ин мавзеъ ба зуҳур омадаанд, ки хусусиятҳои миллӣ доранд. Дар вожагони соҳаи чармгарии мардумони водии Ҳисор дар бештари ҳолатҳо калимаҳое ба назар мерасанд, ки онҳо дар гӯйиши мардумони дигар мавзеъҳо ба назар намерасанд, аз қабили *мозо, қейш, тапушка* ва ғайра.

3. Соҳаи кулолӣ фарогири калимаву истилоҳоти зиёде мебошад, ки ҳар яке аз онҳо дар заминаи суннату анъана ва урфу одатҳои мардумони ин мавзеъ пайдо шуда, тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро инъикос менамоянд, аз қабили *қулқулак, кӯгичаҳушток, чахдег, майоба* ва ғайра.

4. Миёни мардуми водии Ҳисор бисёр боварҳое вуҷуд доранд, ки дар иртибот бо ҳунари кулолӣ ва маҳсулоти кулолӣ пайдо шудаанд. Бо сабаби дар ин мавзеъ истиқомат намудани қавму қабилаҳои гуногун, шаклҳои аксарияти зарбулмасалу мақолҳо тағйир ёфтаанд, масалан, «Ҳундӣ аз мундӣ об мехӯрад», ки шакли аслаш «Кулол аз мундӣ об мехӯрад» ва ғайра.

5. Аксарияти номҳо дар ин мавзеъҳо дар асоси пешаҳои интихобкардаи ин мардумон, махсусан пешаҳои мардон пайдо шудаанд, аз қабили *корди говкушӣ, қайчии гӯспадтарошӣ, қайчии токбурӣ, токбур, қайчии буруткалтакунӣ* ва ғайра.

6. Теъдоди зиёди номгӯйи масолеҳи оҳангарӣ дар заминаи анъанаҳои мардумӣ пайдо шудаанд, аз қабили *табари кундакафонӣ, қайчии муйсаргирӣ, шохаи гандумбодкунӣ, доси шолидаравкунӣ* ва ғайра.

7. Соҳаи дӯзандагӣ дар ин мавзеъ калимаву истилоҳоти зиёдро дар бар гирифта, барои пайдоиши ҳар яке аз онҳо урфу одат ва суннату анъанаҳои ин мардумон замина гузоштаанд. Гарчанде дар ин мавзеъ дар ифодаи мафҳумҳои номи кӯрпаҳо бештар калимаҳои умумиистеъмолӣ корбаст шаванд ҳам, аммо

воҳидҳои луғавии *таглағатӣ, кӯрпи таги чимилиқ, кӯрпи рӯйи товут, рӯйиҷо* хоси ин мардумонанд.

8. Теъдоди зиёди вожаҳои соҳаи дӯзандагӣ дар заминаи ҳунари гулдӯзӣ пайдо шуда, ҳар яке аз онҳо хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Яксарияти онҳо гарчанде шаклҳои гуногун дошта бошанд ҳам, вале як мафҳумро ифода менамоянд, аз қабили *кашидадӯзӣ, гулдӯзӣ, нақшдӯзӣ, чакандӯзӣ,* ки мафҳуми «бахиядӯзи»-ро ифода менамоянд. Ҳунари гулдӯзӣ калимаву истилоҳоти зиёдеро фарогир буда, дар ин мавзеъ, ҳатто, номи кӯкҳо хусусияти маҳаллӣ доранд, ба монандӣ *дол, пешисӯзанӣ, занҷирак, ова, ктакча, сӯзанак* ва ғайра.

9. Аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ аз даврахои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Ба ин калимаи *чакан* мисол шуда метавонад, ки бо калимаҳои иқтибосии *чеконка, чеканит* ва калимаҳои чакома ягон иртибот надошта, дар гузашта дар шаклҳои чикин ва чакин (бахиядӯзӣ) мавриди истифода қарор доштааст.

10. Аксарияти калимаву истилоҳоти ифодакунандаи ҳунари бахиядӯзӣ ба худ шакли лаҳҷавиро касб намуданд, ба монанди *оча бача, болойӣ* (қисми болои поҷома)*, даравшакӣ* (сӯзанӣ), *тагичимилиқӣ* (гулдӯзии зери чодари арус), *болоичимилиқӣ* (гулдӯзии болои чодари арус)*, чойхалта* (халтачаи махсус барои нигоҳдории чой), *ойнахалта* (халтаи гулдӯзикардашуда барои нигоҳ доштани ойна)ва ғайра.

11. Ба пайдоиши ибораҳои *атласи Хуҷанд, атласи Марғелон, атласи Тошкандча* номи макон сабаб шудааст. Нусхаҳои онҳоро аз ин мавзеъҳо ба водии Ҳисор овардаанд. Аз ин лиҳоз, ин атласҳо чунин номгузорӣ карда шудаанд.

12. Иддае аз калимаву истилоҳоти соҳаи бофандагӣ сирф хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамоянд. Масалан, анъанаи аз зар омода кардани матоъ дар ин мавзеъ вуҷуд дошт, ки ин анъана ба пайдоиши номи заратлас мавқеи хосса бозида тавонистааст. Вожаи хонатлас бошад, дар асоси кори накуи Хони Марғелон пайдо шудааст.

13. Аксарияти калимаву истилоҳоти ифодакунандаи ҳунари заргарӣ миёни мардуми водии Ҳисор дар шакли аввалаи худ мавриди истифода қарор доранд, аз қабили *гушвор, чала, пешибарсӯзанак, қоли бинӣ* ва ғайра.

14. Миёни мардуми ин водӣ суннату анъанаҳое вуҷуд доранд, ки дар иртибот бо номи ороишти занон пайдо гаштаанд, аз қабили *ҳинобандон, саршуён, сарбофон* ва ғайра.

15. Усмакашӣ ҳам яке аз анъанаҳои деринаи занони ин мавзеъ ба ҳисоб рафта, дар байни занони водии Ҳисор боварҳое арзи вуҷуд доранд, ки дар асоси анъанаи усмакашӣ пайдо шудаанд. Масалан, *агар қошро се бор бо усма об надиҳӣ, усма дар қош намегирад* ва ғайра.

16. Аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи пазандагӣ дар ин мавзеъ дар шакли лаҳҷавии худ маъмуланд, ба монанди *банди ҷома* (як навъи туппа), *буламоқ* (як навъи атола), *зувони хуштоман* (оши угрои калон буридашуда), *уғурчагӣ* (пиёзу гашничи кӯфтагӣ*), гунгина* (гандумҷӯшак) ва ғайра.

17. Иддае аз калимаву ибораҳои соҳаи пазандагӣ дар доираи истилоҳоти «нон» ба вуҷуд омадаанд, *аз қабили, нонтийӣ, ноншиканон, нонзада, нонбарӣ, ноништо, нонпаз, нонфуруш, нон кардан* ва ғайра.

18. Зумрае аз калимаҳои соҳаи қаннодӣ, аз қабили *қандак, қандпаз, гулқанд, калақанд* дар дохили гӯйишҳои ин мардумон чунон ҳазм шудаанд, ки танҳо ҳангоми таҳқиқоти решашиносӣ метавон муайян кард, ки дар ташаккули ин вожаҳо нақши вожаи арабии *қанд* бағоят калон аст.

19. Дар гуфтори ин мардум номвожаҳои ҷуғрофие ба назар мерасанд, ки дар заминаи ҳунармандӣ пайдо шудаанд, ба монанди Чармгарон, Читгарон, Кулолгарон, Қассобхона, Собунхона ва ғайра

20. Рушди такомули ҳунармандӣ дар водии Ҳисор дар давоми таърихи чандҳазорсолааш омили асосии вожагони лаҳҷавии соҳаи ҳунармандӣ низ гардидааст.

БОБИ III

ТАСНИФОТИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ВА МАВЗУИИ ВОЖАГОНИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

3.1. Вожагони ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ

Соҳаи маишӣ яке аз соҳаҳои маъмули мардумӣ ба ҳисоб рафта, пешрафти ҷомеа бо пешрафти ин соҳа иртиботи зич дорад. Ҳануз соли 1994 оид ба ин масъала Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози андеша намуда буданд: «Имрӯз ба ҳамагон маълум аст, ки дар қатори масъалаҳои сиёсӣ проблемаҳои пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ низ аҳаммияти калон пайдо мекунанд» [241, с. 275].

Аз бахшҳои гуногун иборат мебошад, ки ҳар яке аз онҳо дорои калимаву истилоҳоти хос мебошанд.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, аз лиҳози этнолингвистӣ омӯхтани вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, айни замон, яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Гарчанде мафҳуми ибораи *соҳаи ҳунармандӣ* ба ҳамаи тоҷикзабонон ошно бошад ҳам, вале истилоҳоти *соҳаи маишӣ* каме тафсир металабад. Ин ибора низ доираи фарохи истеъмол дошта, бо зисту зиндагонии мардуми ин мавзеъ иртиботи зич доранд. Соҳаи маишӣ низ дар ин мавзеъ хеле рушд намуда, дар ин замина, калимаву истилоҳоте пайдо шудаанд, ки аксарияти онҳо танҳо хоси гӯйиши мардуми ин мавзеъ мебошанд.

Воқеан, Тоҷикистон дар тули ин солҳо ба кишвари зироатӣ ва саноатӣ мубаддал гашта, соҳаҳои гуногуни саноату зироат, сохтмону нақлиёт рӯ ба инкишоф ниҳодаанд [242, с. 10].

Бояд тазаккур дод, ки солҳои охир, диққати олимону донишмандонро таҳқиқоти этнолингвистии вожагони соҳаи маишӣ ва ҳунармандӣ дар лаҳҷаву шеваҳои тоҷикӣ ба худ ҷалб намудааст, зеро гарчанде кишвари биҳиштосои мо

аз ҷиҳати масоҳат на чандон калон набошад ҳам, аммо дар он қавмҳои гуногун истиқомат менамоянд, ки тасвири забонии ҷаҳонашон гуногунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъалаҳои зерин хеле муҳим ва мубрам ба ҳисоб рафта, аз ҷониби донишмандону муҳаққиқон як таҳқиқоти мукаммалро тақозо менамояд

Рӯшан аст, ки инсон оҳан, гил, пашм, чӯб, санг, моҳӣ, асал ва меваро аз табиат мегирад ва ҳамаи ин ба соҳаи маишӣ марбут аст. Соҳаи *маишӣ* ба кору фаъолияти инсон ва рӯзгузаронии он алоқамандии зич дошта, рушду такомули он ба пайдоиши калимаву истилоҳоти ин соҳа замина гузоштааст, аммо истилоҳи *ҳунармандӣ* бештар бо фаъолияти шахс – касб, созандагӣ иртиботи зич дошта, дар ин замина пайдо шудааст.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки ин ду истилоҳот, яъне *ҳунармандӣ* ва *маишӣ* бо якдигар равобити ногусастанӣ доранд, масалан, агар истилоҳи моҳидориро мо ба соҳаи маишӣ дохил намоем, аммо вожаи *моҳидор* марбут ба касб аст, пас, бевосита мебоист ин истилоҳро ба соҳаи ҳунармандӣ дохил намуд. Агар жарфтар ва фарохтар назар афканем, истилоҳоти *ҳунармандӣ* ва *маишӣ* дар нутқи мардумӣ хеле зиёд мавриди истифода қарор мегиранд.

Ин истилоҳот ҳам аз ҷиҳати талаффуз ва ҳам аз ҷиҳати маъно гуногун мебошанд. Масалан, зери мафҳуми *соҳаи маишӣ* моҳидорӣ, шикор, кишоварзӣ, занбӯрпарварӣ, ки манбаи рӯзгузаронӣ мебошанд, фаҳмида мешаванд. Ин машғулиятҳо шуғли асосии мардуми тоҷик ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи ин мафҳумҳо ҳамарӯза вирди забони мардуманд. Ҳамаи ин дастовардҳоро мо фақат агар оғози кор гӯйем, ғалат намекунем. Давраи нави илми забоншиносии тоҷик талаб менамояд, ки вожагони ҳар як соҳа дар доираи лаҳҷаву шеваҳои алоҳида таҳлилу таҳқиқ карда шавад, зеро бидуни ин кор омӯзиши яклухти вожагони соҳаҳои ҷудогона аз нигоҳи этнолингвистӣ имконпазир мебошад.

Воқеан, соҳаи ҳунармандӣ бо соҳаи маишӣ иртиботӣ зич дошта, яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Масалан, барои зироаткорон абзорҳои меҳнат аз қабили каланд, бел, теша, табар, шоха хаскашак, омоч ва ғайра лозиманд, ки бевосита ба ҳунари оҳангарӣ вобастагӣ доранд.

Албатта, вақте ки сухан оид ба вожагони соҳаи маишӣ меравад, пеш аз ҳама ба тасвири забонии ҷаҳони мардумони ин мавзеъ рӯ овардан мебояд, зеро мардумони ин мавзеъ калимаву истилоҳотеро корбаст менамоянд, ки фарогири ҷаҳони онҳоянд. Масалан, агар ба пайдоиши ибораи *аноргӯронӣ* жарфтару фарохтар назар афканем, он гоҳ огаҳ мегардем, ки ин калима дар ин мавзеъ, дар натиҷаи маросиме, ки барои эмин мондани анорҳо аз пӯсидан гузаронида мешуд, пайдо шудааст. Маънову муҳтавои ин ибора на танҳо ба намояндагони забонҳои дигар, инчунин,ба намояндагони дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ нофаҳмо мемонад.

Ҳамаи соҳаҳое, ки ба зисту зиндагонӣ ва маишат марбутанд, хоси мардуми тоҷик буда наметавонанд, аз ин лиҳоз, танҳо калимаву истилоҳоте мавриди истифода қарор мегиранд, ки барои дарки олами воқеӣ иртибот дошта бошанд. Калимаву истилоҳоти соҳаи маишӣ, пеш аз ҳама, ба шуғлҳое, ки хоси мардуми мо буда метавонанд, иртибот дорад.

Водии Ҳисор, ки мавзеи сабзу хуррам аст, дар ин ҷой зироаткорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ хеле рушд намудааст. Асалпарварӣ ва моҳидорӣ ҳам шуғли дӯстдоштаи ин мардум ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳоти зиёдеро дар бар мегиранд.

Таҳқиқи калимаву истилоҳоти соҳаи маишӣ дар корҳои лаҳҷашиносону шевашиносони тоҷик ба назар мерасанд. Пеш аз ҳама боз рӯ меорем ба таҳқиқоти М.С. Андреев. Ин муҳаққиқ тавонистааст, ки дар асари хеш «Таджики долины Хуф» ба ҳар як маросимҳое, ки бо чорводорӣ, боғдорӣ, зироаткорӣ ва маросимҳои мавсимӣ, динӣ ва хонаводагӣ иртибот дорад, диққати махсус диҳад.

Инчунин, дар дигар минтақаҳо гузаронида шудани ин маросимҳоро низ қайд намуда, корбаст шудани калимаву истилоҳоти номи маросимҳоро нишон дода тавонистааст.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқон З. Замонов, В. Росторгуева, А. Розенфелд, Л. Успенская, Ғ. Ҷӯраев, А. Мирбобоев Ш. Исмоилов, Н. Гадоев, Р. Сангинова, И.

Сулаймонов ба калимаву истилоҳоти соҳаи зироаткорӣ диққати махсус дода шудааст.

***а) номи ашхоси зироаткор**: шоликор* (шахсе, ки ба шоликорӣ машғул аст)**,** *гандумкор* (шахсе, ки гандум парвариш менамояд), *обмон* (обёрикунандаи кишт), *мошкор* (шахсе, ки ба парвариши мош машғул аст) ва ғайра.

Воқеан**,** маишати мардум, асосан, зимни истеҳсоли анвои гуногуни зироат таъмин мегардад. Бинобар он, тоҷикон ба бахши зироаткорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Аз сабаби он ки зироаткорӣ шуғли асосии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад, вожагони ин соҳа ҳам дар забони тоҷикӣ мавқеи муайян дорад, лекин то имрӯз, вожагони соҳаи зираткорӣ ҳамчун як мавзуи алоҳида дар доираи илми этнолингвистика ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, дар лаҳҷашиносии тоҷикӣ, албатта, ба ин мавзуъ даст задаанд [ниг. Исмоилов 2018, 86-88; Гадоев 2012, 62-68, Сангинова 2017, 123-129], С. Раҳматуллозода [2020, 3-56], лекин ин пажуҳишҳо нокифоя буда, фарогири тамоми ҷанбаҳои мавзуи мазкур буда наметавонанд.

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки дар солҳои охир дар соҳаи зироаткорӣ низ калимаву истилоҳоти наве пайдо гардидаанд, ки бо пешрафти ҷомеа иртиботи зич доранд. Масалан, агар дар гузашта истифодабарии калимаву истилоҳоти *гандуми зафар, гандуми ватан, гандуми басирбой, гандуми москвич, гандуми жагра* миёни ин мардум ба назар намерасид, аммо имрӯз, доираи истеъмоли ин ибораҳо хеле васеъ мебошад. Ин, пеш аз ҳама ба ислоҳоте, дар даврони Истиқлол дар соҳаи кишоварзӣ дар кишварамон ба вуқуъ пайваст, алоқамандӣ дорад. Чӣ тавре Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, «дар соҳаи кишоварзӣ низ ислоҳоти азиме бавуҷуд омад» [242, с. 14].

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, дар ифодаи шахсе, ки ба зироаткорӣ машғул аст дар ин мавзеъ калимаи умумиистеъмолии *деҳқон* корбаст мешавад. Аммо вожаҳои *зироаткор*, *киштукорчӣ, обчакор* ва амсоли инҳо дар гӯйиши мардуми ин водӣ ба назар мерасанд, ки ки муодилҳои калимаи «*деҳқон*» ба ҳисоб мераванд.

Равшан аст, ки тафсири калимаи умумиистеъмолии *деҳқон* дар фарҳангҳо хеле зиёд ба назар расида, ҳар як мураттиб онро аз рӯйи дарку фаҳмиши худ тафсир намудааст. Масалан, ин калима дар «Ғиёс -ул -луғот» ин вожа чунин шарҳи худро ёфтааст: «*Деҳқон* муарраби деҳгон аст, ки мураккаб аз деҳ, ки ба маънии қария бошад ва лафзи гон, ки калимаи лаёқат ва нисбат аст» [267, с. 350].

Аз ин тафсир бармеояд, ки калимаи *«деҳқон»* аз ду ҷузъ «деҳ» ва «гон» иборат буда, бо мурури замон ба тараққиёти фонетикӣ дучор шуда, шакли *«деҳқон»*-ро гирифтааст. Дар айни замон бошад, лексемаи -гон дар забони адабии тоҷик ҳамчун пасванди ҷамъбандӣ маъруфият дорад.

Воқеан, устод С. Айнӣ низ барои дуруст шарҳу тафсир намудани ин калима кӯшишҳои зиёдро ба харҷ дода, дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» шарҳи ин калимаро васеътар овардааст: «*Деҳқон* - заминдори калон ва соҳиби деҳ, арабишудаи *«деҳгон»* аст, ки дар забони тоҷикии қадимӣ *«соҳибдеҳ»* ва «с*оҳибдеҳа»* гуфтан аст, аммо дар замонҳои охир ин калима, умуман, ба маънои касони ба киштукор машғулшаванда ва аз ҳосили замин фоидабаранда кор фармуда шуд» [259, с. 100].

Маълум гашт, ки шарҳи ин калима дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» равшантар аст, яъне чанд маънои ин калима нишон дода шудааст: 1. кишоварз зореъ. 2. молики замин, заминдор, арбоби деҳ, деҳхудо.3. аҷам, 4. маҷ. қиссагӯй, таърихдон» [296, с. 365].

Мусаллам аст, ки нақши деҳқон дар тафаккури одамон ҳамчун шахси меҳнатдӯст, пок, ғамхор таҷассум ёфтааст, аз ин лиҳоз ба деҳқон мардум бо як самимият ва меҳру муҳаббат назар меафкананд, ки ин падида дар фолклори мардуми ин мавзеъ ба чашм мерасад:

Деҳонбачая бин, замина шудгор дора,
Ба ин ҷигараки рехтагии ман чӣ кор дора.
Кочи пазаму, равам шинам дар баръш,
Катагӣ къна, ки ба мисли ман, чунин ёр дора (Т.Ҳ.).

***

Ин ёраки хушкардаи ман *деҳқонай.*

Аз ғамаки туймона саргардонай,

Ҷомаҳаки духтагима ҳадяш бибаръм.

Аз фикру хайёла хотиракъш парешонай (Ҳ.Ҳ.).

. ***

Ин ёраки ман деҳқонира бас кардай,

Қаландар шуда, оварагия ҳавас кардай.

Гуфтъм биравъм, хавар кунъм очаша,

Бачаҳаки деҳқонъш мара ҳавас кардай (Т.Ҳ.).

Бо вожаи мазкур дар забони тоҷикӣ ташаккулёбии якчанд калимаи мураккаб ба чашм мерасад, ки намунаи онҳо дар «Луғати имлои забони адабии тоҷик» дарҷ гардида, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ҳамин шакл дар истифода қарор доранд: *деҳқондухтар, деҳқонзан, деҳқонмонанд, деҳқоннажод, деҳқонтабиат, деҳқонҷорӯб* [271, с. 84]. Дар айни замон ин калима ба маънои «кишоварз» миёни ин мардум маъруфият дорад.

Дар нутқи гуфтугӯйии мардумони водии Ҳисор вобаста ба соҳаи зироаткории шахс дар ном шуғлаш пайваст карда мешавад: Ҳайити *шоликор*, Халели *гандумкор*, Исмоили *пахтакор*, Ашури *арзанкор*, Маҳмуди *ҷӯворикор*, Аҳмади *мошкор,* Ҳасани *нахӯдкор* ва ғайра.

Воқеан, зироаткорӣ аз бахшҳои қадимаи шуғли мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Калимаву истилоҳоти соҳаи зироаткорӣ дар забони тоҷикӣ бо мурури замон ташаккул ёфта, вобаста ба даврахои рушди ҷомеа, муродифот ва муодилу мувозаҳои гуногун пайдо кардаанд. Имрӯз вожаҳои марбут ба бахшҳои зироаткорӣ як ҳиссаи калон ва аз ҳама сермаводи вожагони ин гӯйишҳо ба ҳисоб мераванд.

б) калимаву истилоҳоти соҳаи ғаллакорӣ:*қайроқӣ, сурхак, сафедак, қароқилдир, басирбой, ватан, зафар, москвич, шарора, жагра, баҳорӣ, тирамоҳӣ* (навъҳои ғалла) ва ғайра.

Маълум гашт, ки ҳар як манотиқи кишвари мо барои навъҳои гуногуни зироаткорӣ мутобиқ буда, маҳз, дар ин замина калимаву истилоҳоти зиёде

пайдо гардидаанд. Аслан, дар гӯйиши мардуми Ҳакимии ин водӣ дар ифодаи мафҳуми полиз, яъне ҷойе, ки растаниҳои палакӣ ва сабзавот кошта мешаванд, калимаи «*ҳаёча»* корбаст мешавад. Барои шарҳу тафсири ин калима бо мардуми куҳансоли ин мавзеъ ҳамсуҳбат гаштем. Инчунин, ба фарҳангҳои пешин назар афкандем. Ба андешаи бархе аз соҳибони ин гӯйиш, ин калима шакли вайронгаштаи вожаи «*ҳаётча»* буда, дар натиҷаи ба тағйироти фонетикӣ дучор шуданаш, чунин шаклро гирифтааст. Аз сабаби он ки шуғли асосии ин мардум буд ва даромади асосиашон аз ин пеша иртиботи зич доштааст, аз ин лиҳоз, полезро «ҳаёт» ва суфикси ифодакунандаи хурдиву навозишро «-**ча**»-ро илова намуда *ҳаёча* номгузорӣ намуданд.

Маълум гашт, ки иқлими дараи Ҳакимӣ ба кишту кори гандум хеле мувофиқ буд, аз ин лиҳоз, дар ин мавзеъ бештар гандум мепарваранд. Дар вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор номи зиратҳои донагӣ бо калимаҳои умумиҳалқӣ ифода меёбанд, аз қабили *ҷуворимакка, гандум, лубиё, ҷав, авёс, нахуд, мош, мушунг, наск, биринҷ* ва ғайра.

Воқеан, лаҳҷашинос Н. Гадоев дуруст иброз намудааст, ки дар лаҳҷаи Тагнов истилоҳи *ғомък* мавриди истифода қарор дорад ва ин зироате мебошад, ки монанди наску андак калонтар [69, с. 84], зеро ин калима дар нутқи ворисони гӯйишҳои кӯлобии водии Ҳисор ба мушоҳида мерасад.

Профессор Ш. Исмоилов қайд намудааст, ки барои аҳолии ҳамаи маҳалҳои водии Рашт истилоҳи *ғалла* ва *дуна* умумӣ мебошад, вале доираи интишори хър-ъ дун маҳдуд буда, танҳо да ҳудуди деҳшурои Иззатулло Ҳалимови ноҳияи Нуробод истеъмол меёбад [109, с. 86].

Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хелҳои ғалладона, аксаран, бо истилоҳоти маҳаллӣ номгузорӣ шудаанд. Масалан, вожаи *гандум* дар гӯйиши ин мардум аз лиҳози шаклу маънӣ бо забони умумиҳалқии тоҷик як аст, аммо хелҳои гандум дар бисёр маврид бо унсурҳое ифода мешаванд, ки хоси муҳовараи кишоварзони худи ин водист. Вожаи *ҷуворимакка* шакли талаффузи лаҳҷавӣ дорад ва ҳам истилоҳоти марбут ба он низ характери лаҳҷавӣ зоҳир мекунад, аз қабили *ҷӯвори сафедак, ҷӯвори сурхак, пақ-пақак* (хелҳои ҷуворимакка), *ғуша,*

*шувак, сари ҷӯворӣ, пӯпаки ҷӯврӣ, сӯтт*а (номи қисмҳои поя ва танаи ҷӯворимакка) ва ғайра.

Миёни мардуми дараи Ҳакимӣ ривояте вуҷуд дорад. Гӯё, соли 1937 чунон зимистон қаҳратун меояд, ки тамоми гандуми коштаи ин мавзеъро хунук мезанад. Ва дар ин минтақа гуруснагии сахте ҳукмфармо мешавад. Аз ҳар як оила дар як рӯз як ду нафар вафот мекунанд Муаллифони китоби «Деҳаи Ҳакимӣ» чунин овардаанд: «Кумитаи Инқилобии Қатартоқ ба раис Қурбонов Сайфиддини Ҳакимчӣ супориш медиҳад, ки ба воситаи чил хар бобати омодагӣ ба киштукори баҳорӣ аз ноҳияи Ёвон ба анбори марказии шаҳри Душанбе шашуним тонна гандуми тухмӣ биёранд» [44, с. 49]. Раис ду марди паҳлавон Мансуру Абдулазизро итихоб менамоянд ва ин паҳлавонон супориши раисро иҷро намуда, мардумро аз гушнагӣ наҷот медиҳанд.

Шояд ин ҳодисаи нохуш сабаб шуда бошад, ки то айни замон маросими хирманкӯбон дар ин мавзеъ ҳамчун базм гузаронида мешавад. Дар маросими хирманкӯбон суруди «майдае»-ро месароянд, ки тавонистем порчаеро аз ин суруд ҳамчун намуна орем:

Солаки бобарор шава, майдае, майда,
Боронак дар баҳор шава, майдае, майда.
Гандумои мо бисёр шава, майдае, майда,
Ба гандум харидор бисёр шава, майдае, майда.

Дар мавриди кӯфтани гандум калимаҳои *хирманҷой, хирманкӯбон /хирманкубон, соҳиби хирман* дар истифода қарор доранд.

Миёни мардуми кӯҳсори ин водӣ дар мавриди мавриди кӯфтани гандум калимаҳои *чиғинаву чапар* мавриди истифода қарор доранд. Гарчанде синоними ҷуфти *чиғу чипор* дар ҳамин шакл миёни мардумони ин мавзеъ маъруфият дошта бошанд ҳам, аммо дар фарҳангҳои пешин ин калимаҳо ба таври чудогона тафсир шудаанд: «чиғ – пардаи маъруф; ва чиғи мухафифи он чалун гӯянд» [288, с. 81]. «Чиғ пардамонанде бошад, ки онро аз чӯбҳои борик созанд ва аз пеши дари хона овезанд. Гӯянд туркист» [278, с. 362]. «Чапор – хона ва деворе бошад, ки аз чӯбу алаф созанд; ҳалқа ва доирае, ки аз мардум ва

ҳайвоноти дигар кашида шуда бошанд; пӯстпораҳоеро гӯянд, ки бандбофон ва наворбофон тори абрешимро ва ресмонро бар он кашанд. Ва ҳар мартаба, ки пудро бигзаронанд, онҳоро бигардонанд. Ва ин қисм ва он наворро чапарбоф гӯянд»[263, с.338].

Ҳамин тавр, ҳангоми таҳлили мавод маълум гашт, ки аксарияти калимаву истилоҳоти ин бахш бештар ҳам хусусияти лаҳҷавӣ ва ҳам хусусияти қавмиро зоҳир менамоянд.

в)вожагони соҳаи шоликорӣ: *оқпар, авангард, юбилей, девзира, август, awгонӣ, нол нӯҳ, нол сездаҳ, марҷон, дандони уштур, лазер* (номи навъҳои биринҷ).

Соҳаи зироаткорӣ вобаста ба иқлим рушду тараққӣ намудааст. Роҷеъ ба пайдоиши ибораи *биринҷи Регар* ҳаминро зикр намуданием, ки ин ибора дар вобастагӣ бо номи мавзеъ пайдо шудааст.

Ҳангоми шоликорӣ калимаву ибораҳои *шудгоркунӣ* (нармкунии замин), *яхобмонӣ* (нобуд кардани решаи алафҳои бегона ва кирмҳои зарарасон), *ҷуфти баҳорӣ* (дар баҳор ҷуфт намудани замин), *палкашӣ* (кашидани пал барои шолишинонӣ), *лойшан* (замини шолиро ба лойоб табдил додан), *андоваи гирди пал* (барои сӯрох нашудани пал аз об баландии гирди онро андоба кардан), *шоликорӣ* (коштани шолӣ), *шолиниҳол* (шинондани ниҳоли шолӣ), *мирзодавак* (дар пали шолӣ барои мустаҳакам шудани решаҳои шолӣ давидан), *ҷомиқурwоқагундорӣ* (гирифтани обзабзҳо аз пали шолӣ), (*шолиӯтоw, шолихишова* (чидани алафҳои шолӣ) ба назар мерасанд.

Пас аз шолидарав калимаҳои *тунуккунӣ* (офтоб додани шолӣ), *хирмангардонӣ* (се рӯз шолиро гардондан), *галагов* (бо воситаи хар ва асп ва ҷувонаҳои ҷуфтӣ куфтани шолӣ) *бодкунӣ* (тавассути кӯракҳо дар гашти шамол шолиро бод менамоянд). Дар байни намояндагони шеваи ҷанубӣ, яъне ноҳияҳои Шаҳринав ва шаҳри Ҳисор ва ғармиҳои шаҳри Турсунзода ба ҷойи калимаи *галагов* истифодабарии калимаи *галагирдов* ба назар мерасад. Алббата, ташаккулёбии калимаи *галагов* ба ҳамаи соҳибзабонон маълум аст, яъне ин калима аз ду реша *гала* ва *гов* иборат буда, калимаи мураккаб ба ҳисоб меравад.

Аммо дар мавриди пайдоиши калимаи *галагирдов* ва иртиботи он ба шоликӯбӣ чизеро пайдо карда натавонистем.

Калимаву истилоҳоти корбаст мешаванд. Вожаҳои *юбилей* (юбилей), *авангард* (авангард), *август* (август) аз забони русӣ ба забони мо иқтибос шудаанд. Дар фарҳанги этимологӣ дарҷ гардидааст, ки вожаи «avant - garde» баромади фаронсавӣ дошта, мафҳуми «отрядро супоридан»-ро ифода менамояд [301, с. 68].

Вожаи *«юбилей»* (ҷашнӣ) низ дар забони русӣ дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дорад, ин калима ба забони русӣ аз забони юнонӣ шакли «jbialum» ворид гаштааст, ки решааш ба калимаи забони яҳудии қадим «jobel» рафта мерасад, ки дар гузашта ифодакунанди мафҳуми «шохи гӯсфанд» будааст. Дар мавриди чунин номгузорӣ шудани ин навъи гандум ҳаминро гуфтанием, ки яке аз раисони калхози Жданов Маҳмудов Ҳомид дар ҷашни 60-солагии ташкилшавии Иттиҳоди Шуравӣ ширкат намуда, тухми ин шолиро аз Москва ба деҳаи Батоши ноҳияи Турсунзода меорад, аз ин лиҳоз, гандум чунин номгузорӣ мешавад.

Аз таҳлилу таҳқиқи мавод бармеояд, ки калимаву истилоҳоти соҳаи зироаткорӣ қисми асосии вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ташкил дода, дар онҳо бештар хусусиятҳои этнолингвистӣ ба назар мерасанд.

3.2. Вожагони ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ

Дар ҳақиқат, калимасозию истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон буда, ин раванд ҳангоми ба вуҷуд омадани истилоҳоти соҳаи боғдорӣ низ хеле баръало намоён мешавад. Боғдорон, асосан, бо дарахт сару кор доранд. Этимологияи калимаи *дарахт* дар «Луғати этимологии забонҳои эронӣ» чунин дода шудааст: «daraxta чизи устувор истода, сахт, мустаҳкам, дарахт, решааш рафта мерасад ба забони форсии қадим» [285, с. 456].

Боғдориро яке аз касбҳои наҷиби ин аҳвом ҳам гӯйем иштибоҳ намекунем. Боғдорӣ амали хайр буда, аз гузаштагонамон ба мо ба мерос мондааст. Илова бар ин, ҳаминро гуфтанием, ки маҳоли халҳии «Аз доно *боғ* мемонад, аз нодон доғ» бори дигар моро водор месозад, андеша намоем, ки боғдорӣ ва дарахтшинонӣ шуғли варзидаи мардуми тоҷик маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин шуғл якчанд анъанае миёни мардуми тоҷик вуҷуд дорад, ки ба ҷо овардани онҳо ҳатмист, яке аз ин анъанаҳо набуридани шохи дарахт ҳангоми нашъунамо ба ҳисоб меравад, ки дар китоби «Аз Ориё то Сомониён» ин масъала чунин зикр гардидааст: «Баъзе аз унсурҳои дини зардӯштӣ, аз қабили макруҳ накардани обу хоку оташ, амали носавоб донистани чорвои наврасу дуҷон, дар айни нашъунамо ё ҳосил гуноҳ донистани буридани шохи дарахт, ба хонаи аруси нав ё тифли навзод роҳ надодани каси шумҳадаму баднафас, танҳо нагузоштани арусу домод ҳафтаҳои аввали хонадорӣ, дуд кардани ҳазориспанд барои рафъи ҷуку ҷондор ва даҳҳо мисли дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки имрӯз ҳам Зардушт бо оини ростину маниши неку зикри амалҳои хайраш дар ҳар хонадони миллати фарҳангдӯсти хирадмандпарвари тоҷик ошён дорад» [247, с. 53].

Мусаллам аст, ки вожаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ як қабати калони вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ташкил медиҳанд. Боғдорӣ аз дар ин мавзеъ хеле рушд намудааст. Калимаҳои *мирзоӣ, ҳусайнӣ, сойибӣ*, ки дар ифодаи мафҳумҳои номи ангурҳо дар гӯйишҳои водии Ҳисор корбаст мешаванд, тавассути ҳамроҳ кардани пасвандӣ **-ӣ** ба решаи калимаҳои Мирзо, Ҳусайн ва

Сойиб, ки номи шахс мебошанд, пайдо шудаанд. Дар ин маврид, фаъолияти калимасозии лаҳҷаҳои мазкур ба назар мерасанд. Профессор С. Назарзода доир ба ин масъала андешаи хешро хеле бамаврид зикр намудааст: «Агар дар забон калимаи муносиб барои ифодаи чунин мафҳумҳо пайдо нашуд, он гоҳ фаъолияти калимасозии забон ба кор медарояд. Барои ин кор забон аз захоиру имконоти дохилӣ ва васоили гуногуни дастурии хеш, аз қабили калимасозӣ мутобиқи суннатҳои анъанавӣ, аз пасванду пешвандҳо ва нимвандҳо ва ғайра истифода мебарад»[155, с. 24].

Мардуми ин мавзеъ боғдорҳои асил ба ҳисоб рафта, шуғли дӯстоштаи хешро аз насл ба насл ба мерос монда истодаанд. Танҳо номи анвои ангур дар ин мавзеъ бо бештар аз панҷоҳ истилоҳ ифода меёбад.

Парвариши дарахтон ва ба воситаи пайванд ба вуҷуд овардани навъҳои гуногуни меваҳо боиси пайдо шудани истилоҳоти нави ин соҳа шудаанд. Дар айни замон, ки мақому манзалати забони тоҷикӣ барҷаста намоён аст, таҳқиқи вожаҳои мазкур хеле бамаврид ба ҳисоб меравад.

Зарурати таҳқиқоти соҳаи боғдорӣ дар забон дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти ин калимаҳо дар фарҳангҳои меъёрие, ки айни замон, мураттаб гардидаанд, дарҷ нашудаанд. Инчунин, дар нутқи мардумони дигар мавзеъҳо мавриди истифода қарор надоранд. Ба ҷойи онҳо истифодаи калимаҳои иқтибосӣ ба назар мерасанд. Ин раванд барои аз байн рафтани калимаҳои аслии забон ва ба ҷойи онҳо истифода шудани калимаҳои иқтибосӣ мусоидат менамояд [37, с. 5].

Ин падидаро дар вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ бевосита мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, калимаҳои *норанҷ, финдуқ, қулфинай, марминҷон,* ки ба гурӯҳи калимаҳои умумихалқӣ шомиланд, мавқеи худро дар айни замон аз даст дода, ба ҷойи онҳо калимаҳои *мандарин, финикӣ, кулубника, малина, киви, ананас* хеле фаъол гардидаанд. Дар раванди пурталотуми глобализатсия арзишҳо ва меъёрҳои умдаи ҷаҳонӣ ташаккул меёбанд ва дунёи муосир бори гарони сарватҳои таърихиву мероси куҳани миллиро кашида наметавонад.

Арзишҳои куҳан қимати иҷтимоии худро бохта, ботадриҷ аз миён мераванд ва ҷойи онҳоро арзишҳову меъёрҳои нави ҷаҳонӣ мегиранд [249, с. 2].

Воқеан, калимаи *«боғ»* доираи истеъмоли хеле васеъ дошта, на танҳо дар забони тоҷикӣ, балки дар аксарияти забонҳои дигар дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дорад. Инчунин, дар баъзе забонҳо ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шудааст. Муҳаққиқ Р.Г. Ахметянов оид ба куҳан будани таърихи пайдоиши ин калима дар забони бошқирӣ чунин овардааст: «Дар забони бошқирӣ дар ифодаи мафҳуми боғ калимаи «бакча» мавриди истифода қарор дорад, ки решааш ба забони форсии қадим: bauca (пайколи кишт, боғча) - дар шакли хурдию навозиш bau (сад) рафта мерасад» [51, с. 52].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар бобати истифодаи номи ҷинсҳои асосии дарахтон аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ қариб тафовут ба назар намерасад, зеро номи аксар дарахтоне, ки дар ин водӣ парвариш меёбанд, дар бештари маҳалҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна ба чашм мерасанд. Аз *зумраи себ, зардолу, ангур, тут, биҳӣ, олу, шафтолу, анор, анҷир* ва амсоли инҳо. Аммо дар баробари ин, дар соҳаи боғдорӣ ва коркарди анвои мева дар гӯйиши ин мардум вожаҳое низ ба кор мераванд, ки майдони маъноии онҳо аз дохили ин лаҳҷаҳо берун баромада наметавонанд. Барои мисол истилоҳоти *«довуча», «чомоқ/чомақ», «қурвоқатут», «бодарингсеw», «хасак», «боғбонак»*-ро мегирем.

Воҳиди луғавии *довуча* дар нутқи мардуми водии Ҳисор, махсусан намояндагони шеваи шимолӣ, дар маънии «меваи хому нопухта» истифода мешавад. Воқеан, муодилҳои *ғура* ва *ғурик* (ғуръ) аз нигоҳи баромад аз як асосанд ва дар ин шаклҳо мавриди истифода қарор доранд. Ба ин мафҳум дар лаҳҷаи Конибодом истифодабарии вожаи «*ғӯра»* ба назар мерасад [188, с. 86].

Вожаи *боғбонак* аз ҷиҳати маънӣ баробар аст ба калимаи дар тоҷикӣ маъмули *хазонак.* Агар зоҳиран, назар афканем, дар назари аввал чунин менамояд, ки исми *боғбонак* моли забони адабӣ аст ва мафҳуми «хурдию навозиш»-ро мефаҳмонад. Вале, агар ба он ҷиддитар зеҳн монем, мебинем, ки

дар лаҳҷаи мазкур вожаи *боғбонак* мафҳуми «меваи дерпазак, аз ҳосили дуюм»-ро ифода мекунад.

Калимаи *боғ* дар забони тоҷикӣ хеле серистеъмол буда, бо решаи он калимаҳои зиёде сохта шудаанд, аз қабили *боғбон, боғбонӣ, боғдор, боғистон, боғкӯча, боғмонанд, боғот, боғча, боғӣ* [271, с. 60].

Инчунин, дар бахши боғдорӣ дар гӯйиши мардуми ин минтақа калимаву истилоҳоте корбаст мешаванд, ки барои намояндагони дигар мавзеъҳо ошно нестанд. Ба ин мисол шуда метавонад калимаи «*чомоқ»,* ки дар лаҳҷаи мазкур ҷойгузини воҳиди луғавии чормағзи забони адабӣ мебошад. Вожаи «*бодарингсеw»* низ ба ҳама намояндагони забони тоҷикӣ ошно мебошад. Ин калима хусусияти лаҳҷавиро ба худ касб намуда, бар ивази ибораи «*себи розмарин»* ба кор меравад.

Чунон ки мебинем, ин аз сабаби он ки боғдорӣ пешаи маъмули мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад, аз нексириштии ин мардум далолат медиҳад. Аз ин лиҳоз, аксарияти мутафаккирону донишмандон дар навиштаҷотҳои худ оид ба ин пешаи аҷдодии мардуми тоҷик суханҳои беҳтаринро гуфтаанд.

Боғдорон хелҳои гуногуни ангурро ба вуҷуд меоранд. Аз ин лиҳоз истилоҳи *боғ* дар китоби муқаддаси «Қуръони Карим» хеле зиёд корбаст шудааст: «Ва ба рӯйи замин қитъаҳоест дар канори якдигар ва боғҳои ангуру киштзорҳо ва нахлҳое, ки ду тана ва як реша рустааст ва як тана аз як реша ва ҳама ба як об сероб мешаванд ва дар (таъм, мазаи) мева баъзеро бар дигаре бартарӣ ниҳодем. Албатта, дар инҳо барои хирадмандон ибратҳост!» [324, с. 496].

Вожаву истилоҳоти ин бахш хеле зиёд мебошанд, ки ҳар яке аз онҳо дар робита бо чизе пайдо гаштаанд ва зиёдии мавод имконияти гуруҳбандии онҳоро ба таври зерин фароҳам овард.

а) номи меваҳое, ки дар иртибот бо ранг пайдо шудаанд: *сафедак, сурхак маҳтобӣ, сиёҳпайванд, нимранг, қараангур, қарозанҷол, қарабоӣ, қарокалтак, халилӣ сурх, кишмиши сиёҳ, лаълӣ, шакараки сафед, пуштигулча, шакарангури зард, шакаробаки сабз, қаламфурӣ, чумурғонии сиёҳ, зангбанди*

сурх, ҳусайни сурх, ҳусайни сурхи калон, ла(ъ)лӣ, чилики сурх, чилики сафед, кишмиши сиёҳ, кишмиши зард, бедони сурх, ангури сиёҳи хонатарош, ангури сиёҳ, ангури сиёҳи ҳисорӣ, дарозаки сиёҳ, нӯли зардак, ангури дашти сиёҳак, дерпазаки савзак, қайроқи сафедак, (наъҳои ангур); *сурхсеб, зардсеб, кавудсеб, сафедсеб, лолагӣ, сурхсеби тирамоҳӣ, залатойсеw, сеwи сурх* (навъҳои себ), *зарднок, сафеднок, ноки каwутак* (навъҳои нок), *анори донасиёҳ, анори донасурх, анори донасафед* (навъҳои анор); *шафтолу зард, шафтолу сурх, шафтолу заъфарон, шафтолу гулоwӣ, норанҷӣ* (навъҳои шафтолу); *гелоси зардак, гелоси сиёҳак, гелоси сурхак* (навъи гелос), *қаролу, кӯксултон /куксултон* (навъҳои олу) *чормаҒзи сиёҳмаҒз/ҷомақи сиёҳ, чормаҒзи сиёҳ, чормаҒзи сафед/чомақи сафед* (навъҳои чормаҒз) ва ғайра.

Майдони маъноии иддае аз ин калимаҳо аз ҳудуди ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд. Масалан, вожаи чормаҒз, ки боз дар баъзе деҳаҳои водии Ҳисор бо номи *чомоқ* маъмул аст, ки ба пайдоиши ибораҳои *чомоқи сиёҳ* ва *чомоқи сафед* замина гузошта, бештар хусусияти маҳаллиро касб намудааст. Калимаи *карк* ба мафҳуми «пӯсти сабзи чормаҒз» дар истифода қарор дорад. Оид ба вожаи *лучак /личак* ҳаминро гуфтанием, ки аз сабаби он ки дар ин минтақа намояндагони лаҳҷаи қаротегнии ҳисорӣ низ ҳаёт ба сар мебаранд, ин калима дар баъзе мавридҳо бидуни маънои аслии хеш ба маънои «шахси нодор, камбаҒал» низ омада метавонад: И(н) съҒерайи *личака х*унаву дардор кардем, аку ки хъдша гърифт ҳамитарит мекна (Ҳ.Ҳ.).

Маълум гашт, ки номи меваҳое ки дар иртибот бо ранг пайдо шудаанд, дар ин мавзеъҳо хеле зиёд ба назар мерасанд. Ҳар яке аз онҳо хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд

б) калимаву истилоҳоте, ки дар вобаста ба замони пухта расидани меваҳо пайдо шудааанд: *тезпазак, тирамоҳӣ, баҳорӣ, зимистона, товистона* (навъҳои себ), *августӣ, пасмонда, зимистона* (навъҳои анор), *ҷавпазак, дерпазак, тезпазак* (навъи ангур) ва ғайра.

Аслан, ин навъи калимаҳо дар гӯйишҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба назар мерасанд ва ҳатто баъзе аз онҳо ҷуфтҳои антонимиро ташкил дода метавонанд,

масалан, *сеwи пешпазак* - *сеwи дерпазак, сеwи тобистона* - *сеwи зимистона* ва ғайра. Оид ба чунин номгузорӣ шудани калимаи ангури ҷав «ангури ҷавпазак» ҳаминро зикр намуданием, ки аз сабаби он ки ин ангур дар вақти даравидани ҷав мепазад, чунин номгузорӣ карда шудааст.

Дар калимасозии ин бахш мавқеи ворисони лаҳҷаҳо баръало намоён аст. Гарчанде тафсири калимаи *«гелоси майскӣ»*-ро аз ягон фарҳанг пайдо накарда бошем ҳам, аммо бо боварӣ гуфта метавонем, кимуродифи ин *гелоси баҳорӣ* шуда метавонад. Ибораи *анори пасмонда* шакли лаҳҷавиро ба худ касб намуда, дар ифодаи мафҳуми аноре, ки пас аз пухтани тамоми меваҳо мепазад, омада метавонад.

Аслан, дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор калимаи *анор* боз ба маънои маҷозӣ низ корбаст шуданаш хеле зиёд ба назар мерасад. Анор дар ифодаи маънои «духтари зебо» низ дар аксари ҳолатҳо ба назар мерасад: *Анораки* хонаҳакатона моҳон бурданӣ, Манучеҳр барвақт таги чишм каруд (Ш.Т.). Ду линҷакуш *анорае*, чӣ хел ба мън търа дъст надоръм (Т.Ҳ.). Калимаи *анор* дар забони тоҷикӣ дорои синонимҳои *анор, норбун, румон* мебошад [310, с. 466].

Ибораи *анор барин* дар нутқи ворисони ин лаҳҷаҳо дар ифодаи «зани солим, хушрӯй, зебо» истифода мешавад, ки аз даврахои аввали рушди забонамон маншаъ гирифтааст. Аксарияти истилоҳоте, ки дар забони адабии тоҷикӣ дар ин бахш маъмуланд, барои намояндагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ошно нестанд, ба ин мисол шуда метавонад ибораи «анори Ёсин» дорои мафҳуми аноре, ки мувофиқи ақидаи хурофӣ, агар дар иди Наврӯз чил ё сад бо бар он сӯраи «Ёсин»- ро хонанд ва ҳар кас онро бихӯрад дар тамоми сол аз бемориҳо раҳо меёбад [296, с. 77].

Ҳамин тавр, калимаҳои ва ғайра дар заминаи замон пайдо шуда, дар гӯйишҳои мардумони ин водӣ хеле серистеъмоланд.

в) номгӯйи меваҳое, ки аз номи одамон сарчашма гирифтаанд: *азимбоӣ, азаматӣ, маҳмадқулӣ, муслимӣ, усмонӣ, худойдодӣ, хуҷамирӣ* (навъҳои зардолу), *зарифӣ, акрамхӯҷагӣ, аwдулоӣ, чишми юсуф, мирзойӣ, юсуфӣ, хусайнӣ, саидғуломӣ мирзойӣ, юсуфӣ, хусайнӣ, саидғуломӣ, сойибӣ*

муллорачабӣ, шоҳусайнӣ (навъи ангур); *сибиринка* (навъи себ) дар робита бо амалҳои неки инсон ба вуҷуд омадаанд.

Дар шинондан ва парвариши навъи дарахтон саҳми одамони ин мавзеъ хеле назаррас мебошад. Танҳо ворисони лаҳҷа ба чунин номгузорӣ намудани калимаву истилоҳот саҳмгузор буда метавонад. Гарчанде дар мадди назар чунин намояд, ки ба пайдоиши истилоҳи *«анори дилафрӯз»* саҳми Дилафрӯз ном шахс назаррас аст, аммо ҳангоми бо мардуми маҳаллӣ ҳамсуҳбат шудан, исбот намудем, ки ин ибора бо номи ашхос ягон иртибот надорад. Аз сабаби он ки таъми ин анор хеле бомазза буда, ҳангоми хӯрдани он дили кас равшан мешавад, чунин номгузорӣ карда шудааст.

Дар ин маврид ибораи «*себи сибиринка»* каме шарҳу тафсир металабад. Гарчанде дар мадди назар чунин намояд, ки ин ибора дар вобастагӣ бо макон, яъне Сибир ташаккул ёфта бошад ҳам, аммо ҳангоми таҳлил исбот намудем, ки дар пайдоиши ин ибора амали олими варзидаи украинагӣ Лев Симиренко нақши беандозаро бозида тавонистааст. Дар соли 1893 ин навъи себро ӯ ба намоишгоҳи Екатиринодар оварда, ба намоиш гузошт. Себҳоро ба шарафи падари худ Платон Симиренко чунин номгузорӣ намуд. Пас аз он парвариши ин навъи себ дар Тоҷикистон низ ба роҳ монда шуд.

г) номгӯйи меваҳое, ки ба макони овардашудаи онҳо нигаронида шудааанд: *фахрӣ, тагоwӣ, даштӣ, бойсунӣ, гурҷӣ, ангури сина, катақурғонӣ, ҳуҷандӣ, ҳисорӣ* (номи ангурҳо), *сеwи намангон, сеwи ашт, сеwи рахш, сеwи кӯҳӣ* (навъҳои себ), *қазоқанор, анори даштноботӣ, анори шаҳрисабз, анори озорбойҷонӣ* (навъи анор), *чормағзи туркӣ, чормағзи арабӣ, чормағзи заминӣ* (навъи чормағз), *олучи кӯҳӣ, олучи самарқанд* (хелҳои олуча) ва ғайра.

Бештари навъҳои меваҳоро ба водии Ҳисор аз дигар манотиқҳо оварда тавассути қаламчапайванд зиёд намудаанд.

Аз сабаби он ки аз ин водӣ Роҳи Бузурги Абрешим мегузашт, барои мардуми водии Ҳисор ин амал мушкилиро пеш намеовард. Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ намуд, ки сифати нисбии ҳисорӣ на танҳо дар ташаккули калимаву ибораҳои соҳаи ҳунармандӣ, аз қабили *пустаки ҳисорӣ, кузачаи*

қулқулаки ҳисорӣ, корди ҳисорӣ, сабади ҳисорӣ, намади ҳисорӣ, алочаи ҳисорӣ, болиштчаи ҳисорӣ, шоли ҳисорӣ, алочаи кабутаки ҳисорӣ, тоқии ҳисорӣ, чомачаи ҳисорӣ, куртаи ҳисорӣ нақши беҳамторо бозидааст, инчунин дар нақши номвожаи Ҳисор дар ташакулёбии калимаҳои ба соҳаи маишӣ марбутбуда, ба монанди, *ангури катақурғони ҳисорӣ, гуспанди ҳисорӣ, асали ҳисорӣ* хеле назаррас аст.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, бештари калимаву ибораҳои ифодакунандаи номи меваҳо дар ин мавзеъ дар заминаи номи макон ба вуҷуд омадаанд.

д) номгӯйи меваҳое, ки дар қиёс бо узвҳои ҳайвонҳо сар задаанд: *долаки гов, дили асп, думи рӯбаҳ, нӯли зоғ, чочи штур* (навъи ангур), х*арсеw* (навъи себ), *линги хар* (навъи нок), *говшафтолу, рӯғанаки гов* (навъи шафтолу), *шаголӣ* (навъи зардолу), *хирсак, сагак, хукакчигда* (навъи ҷигда), *қурвоқатут,* (навъи тут) ва ғайра.

Маълум гашт, ки дар пайдоиши номи меваҳо дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор узвҳои ҳайвонот низ нақши беандозаро бозида тавонистаанд. Ин гурӯҳи калимаҳо дар натиҷаи маҷоз ба вуҷуд омадаанд, яъне одамон меваҳоро ба узвҳои ҳайвон монанд мекунанд ва ин шабоҳатро ба назар гирифта, онҳоро чунин номгузорӣ намудаанд. Дар ин маврид низ вуҷуд доштани ду шева дар ин водӣ бештар ба назар мерасад. Масалан, дар ягон маврид ибораи *чочи штур* дар ифодаи мафҳуми «ангури дароз-дароз» миёни намояндагои шеваи шимолӣ ба назар намерасад. Ё ин ки, бар хилофи ин андешаҳо ҳаминро оварданием, ки маъруфияти вожаи *қурвоқатут* дар байни намояндагони шеваи шимолӣ бештар ба назар мерасад, ки маҳз, дар ин маврид, тасвири забонии ҷаҳони қавмҳо бештар дарк кардан мумкин аст, аз сабаби он ки шоликорӣ бештар дар шаҳри Турсунзода ба назар мерасад ва бо қурбоқа онҳо то охири ғундоштани ҳосил рӯ ба рӯ мешаванд, як навъи тутро ба қурбоқа шабоҳат дода, чунин номгузорӣ намудаанд.

Воқеан, калимаҳои марбут ба навъҳои меваҳое, ки дар иртибот ба узвҳои инсон сар задаанд аз ҷиҳати сохт якхела набуда, дар қолабҳои гуногуни калимасозӣ таҳрезӣ шудаанд.

е) номгӯйи меваҳои, ки дар иртибот бо шакл ва таъм ба зуҳур омадаанд: *анорсеw, бодарингсеw* (себ), *севбиҳӣ* (навъи биҳӣ), *дарозак* (навъи нок), *хурмоҷигда, челонҷигда* (навъи ҷигда) ва ғайра.

Дар тамоми минтақаҳои кишвари азизамон ибораҳои *себи турушак* ва *себи ширинак* вирди забони мардум аст. Аз ин мебарояд, ки диққати мардумро бештар шакл неву, балки таъм ба худ ҷалб менамояд. Теъдоди номгӯйи меваҳое, ки дар иртибот бо таъм ба зуҳур омадаанд дар ин минтақаҳо хеле зиёд ба назар мерасанд. Масалан, олучаи кӯҳиро дар баъзе мавзеъҳои водии Ҳисор *турушак* низ меноманд..

Дар заминаи вожаи *турушак* дар ин мавзеъ, махсусан дар Ҷамоати деҳоти Қаратоғ, истифодабарии ибораҳои *шули турушак, ялами турушак, угрои турушак* ба назар мерасанд, ки маҳз, дар заминаи илова намудани олучаи турушак ба ин хӯрокҳо пайдо шудаанд. Калимаву ибораҳои *шӯранок, турушмуруд* (навъи нок), *турушаколу, ширинаколу* (навъи олу), *бодоми ширинак, бодоми ширидона, бодоми талхак* (навъи бодом) хусусиятҳои умумиистеъмолӣ доранд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки истилоҳи *бодом* миёни мардуми Бадахшон низ дар ҳамин шакл дар истифода аст, ки фолклори ин мавзеъ аз он далолат менамояд:

Бодом зарапӯст, пӯсти *бодо*м зарапӯст,

Маро бикушанд барои як дидаи дӯст.

Маро бикушанд кунанд ҷудо гӯшт зи пӯст,

Устухони сафед монаду майлам ба амӯст [230, с. 60].

Калимаи *«турушакбиҳӣ»* низ хоси мардуми ин мавзеъ буда, дар байни мардуми ҷануб дар шакли *«биҳи труш»* маъмул аст. Вожаи *биҳиро* дар лаҳҷаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаи *сеwибиҳӣ* иваз мекунад. Муродифи калимаи *биҳӣ* дар забони адабии тоҷик вожаи *сафарҷа*л ба ҳисоб меравад, ки ба ин

мутафаккири варзида Абуали ибни Сино низ ишора намудааст: *Сафарҷал* - биҳӣ. Биҳӣ меваи маъруф аст [39, с.223].

Хулоса, вожагони соҳаи боғдорӣ таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисорро боз ҳам ғановатдмандар намудаанд, ки дар ин таркибҳои луғавӣ бештар хусусиятҳои этнолингвистӣ ба назар мерасанд. Аксарияти ин калимаҳо бештар хусусияти маҳаллиро ба худ касб намуда, доираи интишорашон аз ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд.

3.3. Вожагони ифодакунандаи соҳаи чорводорӣ

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки воҳидҳои луғавии соҳаи чорводорӣ қариб, ки дар забони гуфтугӯйӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ як хел аст. Таъми хуши хӯрокҳои гӯштдор, шуғл ба корҳои кишоварзӣ, шудгори замину кашондани борҳои вазнин, муҳофизати хонаву дар, интиқоли ашё аз як мавзеъ ба дигар мавзеи дуртар, амалиёти гуногуни ҳарбиву бозиҳои варзишӣ, инкишофи бозор ва амсоли инҳо оҳиста - оҳиста водор сохтаанд, ки инсон ба ром кардани ҳайвоноти ваҳшӣ ба худ, хонагӣ намудан ва парваришу афзоиш додани наслу саршумори онҳо дар муҳити рӯзгори хеш машғул шавад. Ин як навъ комёбӣ ва муваффақияте буд дар соҳаи чорводорӣ, ки инсон тавонист бо тақозои зиндагӣ ба даст оварад ва ба баъд, онро тараққӣ диҳад .

Асосан, таҳти истилоҳи *чорво* (чорпо) дар забони тоҷикӣ маънии «*ҳайвоноти хонагӣ*» фаҳмида мешавад. Аз қабили *гов, гӯсфанд, буз, асп* ва ғайра. Пайдоиши соҳаи чорводорӣ ва имконоту таҳаввулоти он дар ҷомеа қонунҳои махсуси худро дорад. Аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки аз 140 ҳазор навъи ҳайвон дар олам инсоният тавонистааст, ки танҳо 47-намуди онро ром карда, ба ҷонвари хонагӣ табдил созад [123, с. 79].

Маълум аст, ки ҳар як соҳаи машғулияти одамон давра ба давра калимаву истилоҳоти хоси худро пайдо мекунад, аз ҷумла, соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ низ бо мурури замон калимаву истилоҳоти зиёдеро касб намудаанд, ки ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Чорводорӣ дар водии Ҳисор имрӯз аз бахшҳои сердаромади хоҷагии халқ маҳсуб меёбад. Бинобар он, ин соҳа сол аз сол рушд намуда, истилоҳоти нав ба нав пайдо карда истодааст. Теъдоди зиёди ин гурӯҳи вожаҳо ба мо имконият дод, ки онҳоро ба таври зерин гурӯҳбандӣ намоем:

а) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи аспҳо: *аспҳои тоҷикӣ, аспи урусӣ, аспи бохтарӣ, аспи тахорӣ ва аспи хатлонӣ, аспи ҳисорӣ, аспҳои кӯҳӣ, аспи ёвоӣ, аспи хонагӣ, аспи ваҳшӣ, аспи калтапо, аспи пешониқашқа,*

аспи майдахелак, аспи гардандароз, аспи дабба, аспи чолдорак, аспи думдароз, аспи қутур ва ғайра.

Аз гузашта мардуми тоҷик ба аспу аспарварӣ диққати махсус медоданд, ки ситоиши асп дар достони «Шоҳнома»-и Фирдавсии бузургвор ба назар мерасад:

Зи ман ҳар чи хоҳӣ нахоҳам дареғ,
Аз ин афсару аспу динору теғ [316, с. 17].

Профессор О. Қосимов овардааст, ки калимаи асп дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 800 маротиба зикр гардадааст [119, с. 19].

Асп ҳайвони саворие мебошад, ки дар тули таърихи дароз ва рушди пешрафти ҳаёти инсонӣ нақши муҳимме бозидааст. Одамон дар давраҳои аввали ҳаёти худ аспро на танҳо ҳамчун нақлиёт, инчунин, аз шираш низ истифода менамуданд. Муҳаққиқи ин соҳа С. Раҳматулозода чунин овардааст: «Асп дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хосса дорад. Ин аст, ки доир ба номи анвои асп ва истилоҳоти марбут ба афзору асбоби асп дар шеваҳо калимаҳо зиёде мавҷуд аст» [179, с. 6].

Дар китоби «Аз Ориён то Сомониён» муаллиф оид ба зотҳои аспҳо ёдрас шуда, чунин овардааст: «Умуман, ҳангоми дар бобати зоти аспҳо сухан рондан аспҳои хушзоти бохтариву тохорӣ ва хатлониро аз мадди назар дур андохтан имконнопазир аст. Зеро ин аспҳои хушзоту зебопайкар дар пайдоиши зоти аспҳои озарӣ, ахалтекинӣ, қаробоҳирӣ, терекӣ, кустанайӣ, алалхусус зоти аспҳои арабӣ ва англисӣ саҳми муносиб доранд» [247, с. 63].

Аспарвариро як ҷузъи фарҳанги мардуми ин мавзеъ, агар гӯем ҳам, иштибоҳ намекунем, зеро якчанд расму русуми мардуми ҳисориро бе вуҷуд доштани асп имконпазир медонем, масалан, маросими хатнасур, агар дар фаслҳои баҳор, тирамоҳ ва зимистон гузаронида шавад, дар он бозии варзишии бузкашак ҳатмист. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки танҳо тавассути аспҳо ин бозӣ ба роҳ монда шуда, баромади ибораи «*аспи бузкашӣ»* низ аз ин бозӣ сарчашма мегирад. Ибораи халқии «*аспу аробеш кати омад*» (бо кӯчу бор омадан) бо анъанае, ки миёни мардуми кӯҳистони водии Ҳисор ҳифз шудааст,

яъне бурдани арус ба хонаи домод бо аспу ароба, маҳз, дар заминаи ин анъана ба зуҳур омада, миёни ин қавму қабилаҳо маъруфияти хешро аз даст надодааст.

Инчунин, ба пайдоиши калимаи *«аспакбоз»* низ урфи деринаи мардуми куҳанбунёди тоҷик дар туйи хатнасур ба аспакбозӣ намудан асос гузоштааст.

Миёни мардумони водии Ҳисор ба мисли дигар қавмҳои тоҷикон мақолҳои зиёде дар иртибот бо вожаи асп пайдо шудаанд, ки мақоли *«агар занакро бо сару либосаш шиносанд, мардро бо аспаш»* аз зумраи онҳост.

Дар гӯйиши ин мардум калимаи *«асп»* маънои манфиро дар ягон маврид ба худ касб карда наметавонад ва ибораҳои халқии *«асп барин будан»* (солим будан), *«асп бо аробааш гузаштан»* (ҷойи кушоду серодам) «*асп тозон будан»* (кор пеш рафтан) маҳз, дар заминаи хусусияти мусбатро доро будани асп, пайдо шудаанд. Бар хилофи ин ақидаҳо дар тафаккури ин мардум бовари «*дар хоб дидани асп, нек нест»* ҷой шудааст. Пас суоле пайдо мешавад, ки заминаи пайдоиши ин бовар аз кӯҷост? Чаро мардуми ин мавзеъ аз аспро дар хоб дидан ин қадар метарсанд? Ба андешаи мо асп як қувваи бузургест, қудрати кашида бурдани ҳама чизро дорад, ҳатто ҳаёти инсонро, аз ин лиҳоз, дар хоб дидани асп ин тобут аст. Ва тобутро дар ин мавзеъ *«аспи чӯбин»* низ мегӯянд.

Дар деҳаҳои Қалуқо ва Найманои шаҳри Турсунзодаи водии Ҳисор аз сабаби он ки узбекон истиқомат доранд, аспҳо бо калимаҳои туркӣ номгузорӣ карда шудаанд, аз қабили *тӯруқ, ҷеран, қаротӯруқ, қавучоқ, бурул, куран, охйол, ҷеранқашқо, саманқашқо, охпеча* ва ғайра ба назар мерасанд, ки дар гӯйишҳои мардуми Канибодом низ аксарияти ин калимаҳо корбаст мешаванд [188, с. 86].

Агар дар хоби шахс асп дарояд, ҳатман дар он хонадон тобутро мебинад.

Агар арғамчини аспбастагиро пас аз фурӯхтан ба соҳиби аввалааш барнагардонӣ, дар он хонадон мурда мешавад.

Агар асп ёлҳояшро тилтонад, дере нагузашта борон мешавад.

Агар дар роҳ аспи сафедро бинӣ, ба хонаат меҳмон мебиёяд.

Агар асп пойи росташро сахт- сахт ба замин занад, дар он хонадон хурсандӣ мешавад.

Ҳамин тавр, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи аспҳо бештар хусусияти этнолингвистӣ дошта, бештари онҳо дар заминаи суннату анъанаҳои ин мардумон пайдо гардидаанд**:**

б) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи говҳо: *модгов* (модагов), *қашқа* (гове, ки пешониаш рагни сиёҳ дорад), *ғелак* (гови майдаи қадпаст), *калгов* (гови шохмайда)**,** *сурхгов* (гови рангаш сурх), *сафедгов (гови рангаш сафед*), *сиёҳгов* (гови рангаш сиёҳ) ва ғайра.

Маълум аст, ки рӯзгори мардуми тоҷик, инчунин, мардумони водии Ҳисор бо парвариши гов иртиботи зич дошта, аксарияти суннату анъанаҳояшон дар иртибот бо парвариши ин навъи чорво гузаронида мешаванд. Аслан, дар забони тоҷикӣ калимаву истилоҳоте, ки ба гов ва хусусиятҳои он алоқаманданд вожаҳои умумиистеъмолӣ мебошанд. Масалан, М.С. Андреев истилоҳи «гургов»-ро дар нутқи тоҷикони водии Хуф пайдо намуда онро «навъе аз гов» шарҳ додааст [49, с. 116], ки айнан, дар ҳамин шакл миёни мардумони водии Ҳисор маъмул мебошад.

Гарчанде, калимаи асп дар баёни хислатҳои нек, зиракиву чолокии инсон мавриди истифода қарор гирад ҳам, аммо ибораҳои халқии зиёде дар байни мардуми водии Ҳисор мавҷуданд, ки калимаи гов дар тасвири сифатҳои манфӣ оварда шудаанд, ба монанди: *гови бешир будан* (ландаҳӯр), *гови бешира авозаш баланд* (шахсе, ки аз дасташ як кор намеояд ва дар таърифҳояш истода намешавад), *гови бешох барин* (коргурез), *гова фурӯхта, гусолеша талаб кардан* (иҷора гирифтан, фоидахӯрӣ кардан), *гов барин хӯрдан* **(**пурхӯр будан), *гов барин шинухез кардан* (рафтори ношоиста кардан) ва ғайра . Дар ин маврид низ тасвири забони ҷаҳони мардумон нақши беандозаро бозидааст.

Инчунин, дар ифодаи маънии «зани кӯдакдори бешавҳар» низ ибораи *«гови ба гӯсола»* истифода мешавад, ки дар ин маврид низ истифодабарии ҷиҳати манфии калимаи гов ба назар мерасад.

Дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор ибораи «*гӯсолаи латахур»* мавҷуд аст, ки дар лаҳҷаҳои кулобии ҳисорӣ муодили ин ибора *«гусолаи лоқхър»* ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи М. С.Андреев ба пайдоиши ин ибора боваре, ки миёни

мардуми тоҷик вуҷуд дорад асос гузоштааст: *«Агар пас аз хӯрдани фала дастонро пок нанамоем, гӯсола латаро мехояд, ин гуна гӯсоларо лоҳхӯр мегӯянд»* [49, с. 119].

Умуман, истилоҳи *гов* дар гӯйишҳои водии Ҳисор майдони васеи истифода дошта, бо ин калима зарбулмасалу маҳолҳо ва ибораҳои халҳии зиёде ба назар мерасанд, ки зиёд ва ҳам тасвири забонии ҷаҳони онҳоро инъикос менамояд.

Бештар калимаву истилоҳоте зиёде ба назар мерасанд, ки дар асоси сифат ва тарзи парвариши он ба вуҷуд омадаанд**:** *гӯсола* (Қ.Т.)/*гусола* (Ҳ.Ҳ) /*новаст* (Ш.Т.); *ҷувона* (Ш.Т.) /*бъҳҳа*/(Ҳ.Ҳ.), *бърдоҳӣ* (Т.Ҳ.), *барзагов* (Т.Т.) /*базгов* (Ш.Т.) /*гови бонӣ* (Д.Т.), *модагов* (Ш.Т.) /*модагов* (Ч.Т.); *калгов* (И.Ҳ.), *гови бешох* (Д.Т.), *шохчанбар* (Қ.Ш.) ва ғайра.

Теъдоди боварҳое, ки дар иртибот бо гов ва парвариши он пайдо шудаанд. хеле зиёданд, ба мисли

Агар синаи ширдори говба назари бегона расад, шираш гум мешавад.

Агар гусолайа тез а (з) *шири очаш ҷудо кунӣ, ҳоҳи мурданӣ мешавад.*

Агар гусолайа пеш аз ҷӯшидан назди очаашба сар натиӣ, улум намекунад, ширша паст намекнад.

Агар гови гандайа вақти ҷӯшидан бо банд пойҳояшро бандӣ, шираш мегурезад.

Агар ҳилвоч (фароштурук) *дар болои сари гови навзод начосот кунад, шири гов мегурезад.*

Агар гов дугоник зояд, дар он хонадон ризҳу рӯзӣ меафзояд.

Агар говба пӯчоҳи пиёз диҳӣ, шираш тез мешавад.

Агар гови буғуз тахтапуштаашро хорад, ҷувонача мезояд.

Агар шири говро ба ҳамсоя диҳӣ, бояд ҷогаро нашушта биёрад, агар шуштагӣ биёрад, шири гов ҳоҳ мешавад.

Агар ҳангоми фурӯхтани гов сатили говҷӯширо ба соҳиби наваш надӣ, гов гашта назди соҳиби аввалааш мебиёяд.

Хулоса, бештари вожаҳои ифодакунандаи номи говҳо дар вобастагӣ ба сифатҳои онҳо пайдо шуда, бештари онҳо хусусияти умумиистеъмолӣ доранд

в) калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи афзор ва хӯроки чорво: *чулбур* (Қ.Ш.) /*канаw* (Б.Ш.), /*таноw* (Д.Т.), /*тасма* /*респон* /*ғалтак* (Ш.Т.) (банд барои бастани чорво) *мех* /*гулмех* /*ишкел чормех* /*якамех* (мех) ва ғайра.

Дар як ифодаи мафҳуми *«банд»* истифодабарии вожаи чулбур, ки ба назари мо узбекӣ аст, аз ғановатмандии гӯйишҳои мардумони ин мавзеъ гувоҳӣ медиҳад.

Вожаи *ишкел* маънои маҷозиро ба худ гирифтаст, ки ҷумлаи зерин аз он шаҳодат медиҳад: Чида шут кор намекна, чор *ишкили* дърст дораву да хъна мешина (Т.Ҳ.).

Маънову мафҳуми синоними ҷуфти *ҷулу пӯстак* дар ифодаи мафҳуми «матое, ки ба болои улоғ мепартоянд» на танҳо ба ҳамаи намояндагони ин водӣ ошно мебошад, инчунин, синоними ҷуфти *ҷулу пустак* ба худ маънои маҷозӣ касб карда, ба маънои сару либос низ дар ин мавзеъҳо маъмул аст: *Ҷулу пустакша* гъфта ин аруси Комрон гъму гър шидай (Т.Ҳ.).

Вожаҳои *туқум* (полони хар), хӯрҷин /хурҷинхалта (халтае, ки дар болои хар мепартоянд), *зин, наъл, занҷир, эзангу* /узангу /изангубоғ (тасмаи кирикоб), *фукбанд* (як намуди нӯхта, лекин сайёр)**,** *пордум* (банди чармие, ки аз таги думи хар гузаронида, ба полон баста мешавад**),** *лаҷом* /*лаҷумак* /ҷилав /*улав* (лаҷом), *каҷоwа* (афзори гову хар) айнан, дар ҳамин шаклҳо мавриди истифода қарор доранд.

Калимаи *ҷул* миёни ин мардумон боз дар шакли *ҷил* низ маъмул аст. Профессор С. Раҳматуллозода овардааст, ки вожаҳои *дъкак* ва *купчик* синоними калимаи *ҷил* мебошанд [179, с. 13].

Истифодабарии калимаву истилоҳоти *тарит* (нони қоқи таркардашуда), *саwӯс* /саwус (сабӯс), *эм* (хӯроки гов), *беда* (юнучқа), *каҳ* (коҳ), *кунҷола, лакоw* (ордоб), *намаксан*г /*нъмак* (барои аз минерал таъмин кардани чорво), *қандо*w (ширинчойе, ки дар вақти касалшавӣ ба гов медиҳанд), *шулха* /*шилха* (партови чигит), *пахол* /*пъхол* (пояҳои хушккардашудаи шолӣ), *кӯка* /*кука* (кӯрак), *пирес*

(пресс), селос (силос), *ҷуворӣ /ҷъгорӣ /ҷавҳарӣ* (ҷӯворимакка) дар ифодаи мафҳуми «хӯроки чорво» дар гӯйишҳои мардумони ин мавзеъ ба назар мерасанд.

Чӣ тавре ки дида мешавад, аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи чорводорӣ калимаҳои лаҳҷавӣ буда, дар натиҷаи омезиши шеваи шимолӣ ва ҷанубӣ дар водии Ҳисор ба вуҷуд омадаанд. Аксарияти ин калимаҳо дар асоси суннату анъана ва расму русуми ин мардумон пайдо шудаанд.

3.4. Вожагони ифодакунандаи соҳаи моҳидорӣ

Вожагони соҳаи моҳидорӣ гуногун буда, дар он хусусиятҳои миллии забон ва фарҳанг таҷассум мегардад. Инсон қодир аст, ки тавассути забон фарҳангу тамаддун ва он оламеро, ки ӯро иҳота намудааст таҷассум намояд. Масалан, агар соҳаи моҳидорӣ гӯем, бевосита қавмҳое, ки дар соҳили баҳру уқёнусҳо умр ба сар мебаранд пеши назар меоянд, яъне олами ҳақиқии онҳо бо ин соҳа иртиботи зич доранд. Тасвири ҷаҳон донишҳои шахс, этнос ва ҷомеаро оид ба ҳақиқати обективӣ инъикос менамояд.

Гарчанде тасвири забонии ҷаҳон қолаби умумии дар тафаккури тамоми одамон як хел инъикос ёфта мебошад, аммо аз сабаби гуногунии забонҳо ва хусусиятҳои хоси онҳо бо забонҳо ва вожаҳои гуногун ва инчунин, бо тарзҳои гуногун ифода меёбанд. Масалан, хусусиятҳои забони тоҷикӣ бештар дар шеър таҷассум ёфтааст ва осори назмӣ дар забони мо бештар аз осори насрӣ буда, шоирон ҳангоми тасвири нозуктарин мавзуъҳои зиндагӣ аз вожаҳову таркибҳои асили забони тоҷикӣ бештар истифода кардаанд:

Дилбари моҳипазам бошад ба рух чун офтоб,
Моҳии худро даруни деги ӯ кардам кабоб [329, с. 451].

Дар айни замон, мафҳуми *«тасвири забонии ҷаҳон»* маводи маъмули омӯзиш миёни мутахассисони фанҳо ва сатҳҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Мавзуи мустақими омӯзиш тасвири миллии ҷаҳон дар умум, ҳамин тавр баъзе аз ҷузъҳои он консептҳо - гурӯҳҳои луғавӣ ба ҳисоб меравад [129, с. 99].

Агар амиқтару жарфтар назар афканем, ҳатто номгузорӣ намудани навъҳои хӯрокҳое, ки аз моҳӣ тайёр карда мешаванд, ифодакунандаи тасвири забонии ҷаҳони қавму қабилаҳо буда метавонанд. Масалан, калимаи *моҳиёба*, ки ҳатто дар фарҳанг дар ҳамин шакл дарҷ ёфтааст [288, с. 190] ба фарҳанги хӯрокпазии мардуми мо тааллуқ дошта, барои намояндагони дигар қавму қабилаҳо ошно нест.

Таҳқиқоти шуури лингвистии намояндагони гурӯҳҳои гуногуни этникӣ яке аз вазифаҳои таъхирнопазири забоншиносии муосир дар айни замон буда, дар ин ҷода олимон сайу кӯшишҳои беандоза намуда истодаанд.

Бояд зикр намоем, ки ҳар як соҳибзабон тавассути воситаҳои забонӣ ҷаҳонеро, ки ӯро иҳота кардааст бемонеа тасвир кардааст, метавонад. Масалан, воҳидҳои луғавии *даҳанҳалолкунӣ* (дар моҳи шарифи Рамазон истеъмоли моҳӣ, ки барои покиза нигоҳ доштани забон ҳатмист), *ҷомаи қӯрвоқа* (обе, ки аз будани чунин навъи обсабз моҳӣ инкишоф намеёбад), *такичак* (ҳашароте, ки таввасути он моҳиро медоранд), *қӯрмоқ* (асбоби моҳидорӣ) фақат хоси намояндагони забони тоҷикӣ буда, дунёи махсуси онҳоро ба тасвир мекашад.

Масалан, зарбулмасали *«Рыба гниёт с головы»* (моҳӣ аз калааш ганда мешавад) ва воҳиди фразеологии *«золотая рыбка»* (моҳии тиллоӣ), гарчанде ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда бошанд ҳам, аммо бар хилофи ҷаҳонбинии мардуми мо хусусиятҳои хоси тасвири ҷаҳонро аз ҷониби қавми рус нишон медиҳад. Ё ин ки, баръакси ҳол, мақоли *«моҳӣ нахоҳӣ думаш гир»,* ки дар забони тоҷикӣ дар мавриди «агар кор кардан нахоҳӣ, ба ҳила аз сар во кун» ва ё *«тухми анқо»,* (чизи ноёб), *«обро лой карда моҳӣ доштан»* (талотӯб карда, кори лозимии худро буд кардан) хоси мардуми тоҷик буда, барои дигар халқиятҳо бегонаанд. Инчунин, хусусияти хоси дигари забони тоҷикӣ он аст, ки дар аксари ҳолатҳо фикри худро тавассути зарбулмасалу мақолҳо ифода менамоянд, ки ин аз ғановатмандии забони нобу шевои мо дарак медиҳад. Масалан, аз ин восита, ҳатто, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон истифода бурдаанд: «Бо тавтиаю валвалаи онҳое, ки обро лой карда моҳӣ доштанӣ буданд, Тоҷикистон ба гирдоби бало гирифтор шуд» [241, с. 47].

Тавассути истифодаи зарбулмасалу мақол на танҳо ғановатмандии забони ноби тоҷикиамонро нишон дода метавонем, инчунин, нутқамон пуртаъсир ва суханамон пурмазмун мегардад. Зарбулмасалу мақол дар тамоми соҳаи ҳаёти мардум барои исботу тасдиқ ё инкори фикр, барои назокату нафосати нутқ,

барои муассир ва нишонрас шудани сухан аҳаммияти ниҳоят бузург дорад [117, с. 99].

Вожагони соҳаи маишӣ барвақт диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст ва маводи таҳқиқи забоншносон гардидааст. Аз ҷумла, бештари муҳаққиқони соҳаи забоншиносии тоҷик диққати худро ба масъалаи ташаккули истилоҳоти илмӣ равона кардаанд ва барои мураттаб намудани истилоҳти илмии ифодакунандаи олами ҳайвоноту наботот, албатта рӯ ба лаҳҷаву шеваҳои тоҷик мениҳанд, зеро дар он ҷо калимаву истилоҳоте маҳфуз мондаанд, ки аксарияти онҳо аз даврахои аввали рушди забонамон сарчашма мегиранд.

Мусаллам аст, ки вожаҳои дар робита ба мавзуи моҳидориву моҳипарварӣ дар лаҳҷаҳои мазкур истифодашаванда, бо ҳаёти иҷтимоии ин мардум алоқамандии сахт доранд. Моҳидорию моҳипарварӣ низ аз қадимулайём яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи ин мардумон ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳоти зиёде дар ифодаи ин шуғл дар забони ворисони ин лаҳҷаву шеваҳо мавриди истифода қарор доранд, ки баъзе аз онҳо таърихи пайдоиши куҳан доранд. Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» овардани баъзе аз калимаҳои соҳаи моҳидорӣ аз ин шаҳодат медиҳад: *«парпин»* бар вазни рангин; моҳипарвариро гӯянд ба арабӣ ҷадвор хонанд [278, с. 227].

Моҳигирӣ ҳамчун як бахши муҳимми иқтисодие буд, ки аҳолии водии Ҳисор, аз ҷумла, мардуми Ҳакимиву Қаратоғ бо ин шуғл рӯзгори худро пеш мебурданд. Иқлими ин мавзеъ ва табиати ин ҷо барои моҳидриву моҳипарварӣ хеле мутобиқ буд. Обҳои дарёи Қаратоғ ва кӯли Париён чунон ҳам тозаву шафоф буданд, ки ҳатто, шинои моҳиҳоро бе ягон монеа дидан мумкин буд. Оид ба ин ақида, дар китоби «Деҳаи Ҳакимӣ» чунин оварда шудааст: Ҳатто рӯзона ҳаракати ҳайвонҳоро дидан мумкин буд. Гулмоҳиҳои дарёи шӯхобаш, воқеан, дар бомазагӣ беқиёс буда, машҳури водии Ҳисори зарнисор гаштааст [44, с. 25]. Агар мо моҳипарвариро як омили асосии рӯзгоргузаронии мардуми ин мавзеъ гӯем, ғалат намекунем.

Гарчанде ин навъи шикор дар ин минтақа аз гузашта арзи вуҷуд дошт, аммо дар асри XIX бо сабаби дар ин мавзеъ сукунат ихтиёр кардани халқиятҳои гуногун, асосан, яҳудиҳои самарқанд, барлосҳо, мусобозориҳо ин амали нек дар ин мавзеъ хеле рушд кард. Бо рушди ин соҳа, ҳатто, дар Қаратоғ касби *моҳипазӣ* пайдо шуд, ки овозаю шуҳрати он ҳунармандон ба дигар минтақаҳои кишвари мо паҳн гашт ва ба ин мавзеъ бештар сайёҳон барои истеъмоли моҳибирён меомаданд.

Вожагони соҳаи моҳидорӣ низ мавриди омӯзишу пажуҳишии забоншиносон дар шакли рисола қарор нагирифтааст. Гарчанде дар забоншиносии тоҷик дар ин мавзуъ корҳои назаррас намоён набошанд ҳам, аммо дар корҳои лаҳҷашиносони тоҷик оид ба ин мавзуъ қайду ишораҳо ҷой доранд. Дар забоншиносию шевашиносии рус доираи омӯзишу пажуҳиши ин мавзуъ хеле фарох аст. Зеро моҳипарварӣ ва моҳидорӣ яке аз шуғлҳои асосии мардуми рус буда, тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро нишон медиҳад. Вожагони соҳаи моҳидорӣ диққати бисёри шевашиносони русро ба худ ҷалб мекунад [130, с.105].

Инчунин, дар тартиб додани фарҳанги истилоҳоти касбӣ низ омӯзишу пажуҳиши ин соҳа мавқеи калонро мебозад ва аз ин рӯ, барои омӯзиши вожагони соҳаи моҳипарварӣ забоншиносон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодаанд. Масалан, дар ин бобат забоншиноси рус А.С. Герд чунин ибрози ақида намудааст: «Ба масъалаи ташаккули истилоҳоти илмӣ аз рӯйи маводи истилоҳоти номи моҳиҳо муҳаққиқон диққати хосса додаанд» [73, с. 5].

Бо сабаби гуногунии лаҳҷаву шеваҳо истилоҳоти соҳаи моҳидорӣ низ дар лаҳҷаҳои мазкур хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Калимаи *моҳӣ* дар ин минтақа бештар ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гашта, дар шакли *маҳӣ* маъмул аст.

Воқеан, ҳангоми таҳқиқи мавод ҳаминро мушоҳида намудем, ки баъзеи калимаҳои ин соҳа аз даврaҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Масалан, калимаи *шаст* дар гузашта бо ҳамон маъное корбаст мегардидааст, ки

айни замон, мардумони Ҳисор корбаст менамоянд: «*шаст* - қуллобе, ки бад бад-он моҳиро шикор кунанд» [288, с.140].

Калимаи *шикорӣ*, ки тафсираш чунин аст: «шикорӣ шикорандоз; ба маънои нахчир аз шикор» [278, с. 142] дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор бо ҳамин маъно маъмул аст.

Маълум гашт, ки баъзе аз калимаҳои соҳаи моҳидорӣ ба маънои маҷозиашон корбаст мегарданд. Масалан, ширмоҳӣ, ки сафед аст, духтари зеборо низ дар ин мавзеъ *ширмоҳӣ* меноманд: *Ширмоҳии* очайе, агар имсол соқу саломатак синфи ёздаҳума буд кунӣ, сараката чуфт мекунам (Қ.Т.).

Ин калима дар фолклори ин мавзеъ низ мавқеи калонро ишғол менамояд. Баштар он ҳангоми сароидани рубоӣ аз забони мардуми маҳаллӣ ба мушоҳида мерасад:

Ширмоҳии ман ғарава тамошо дора,

Тангаи гардануш арзиши як дунё дора.

Аз ишқаки у сухтаву алҷима шидам,

Аз ошиқии ма бехабару дусад ошно дора (Ч.Т.).

Теъдоди зиёди вожаҳои ифодакунандаи анвои моҳиро ба назар гирифта, онҳоро ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудем**:**

а) вожаҳои ифодакунандаи номгӯйи навъҳои моҳӣ: *ширмаҳӣ, гулмаҳӣ, лақамаҳӣ, сурхмаҳӣ, мормаҳӣ, заҒорамаҳӣ, сагмаҳӣ, ҒурмаҳӣҚизилола* ва ғайра.

Ин калимаҳо дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ боз муодилҳои худро доранд. Масалан, муодили калимаи *мормаҳӣ* дар лаҳҷаи тоҷикони Китоб вожаи *маховак* ба ҳисоб меравад [140, с. 178]

Истилоҳи мураккаби *қизиллола* дар ифодаи *моҳии сурх* низ аз калимаи узбекии *қизил* (сурх) ва *лола* (гул) ташаккул ёфта, дар гузашта низ миёни мардуми тоҷик дар ин шакл дар истифода қарор доштааст, ки айнан, дар ҳамин шакл оварда шудани ин вожа дар фарҳанги «Чароғи ҳидоят» аз ин шаҳодат медиҳад: «*моҳии қизиллола* - мураккаб аст аз моҳӣ ва қизилола; ва он аз навъи моҳии сурхранг бувад» [288, с. 190].

Номи моҳиҳо вобаста ба сохт, ранг, хусусияти табиии онҳо гузошта шудааст, ки ин ақидаро мо дар пажуҳиши забоншиноси варзидаи украинӣ А. Берлизов ҳангоми таҳқиқи «Вожагони моҳидорӣ дар лаҳҷаҳои украинии Поднестровяи Пойин» мушоҳида намудем: «Таҳлили шуморавӣ нишон дод, ки қисми зиёди номгузории моҳиҳо ба ранг, хусусиятҳои ранг ва хусусиятҳои табиии онҳо вобастагии зич доранд» [6, с. 6].

Ин ҳодисаи забониро мо, бе шакку шубҳа, дар номгузории моҳиҳо дар водии Ҳисор мушоҳида карда метавонем, масалан калимаҳои *ширмоҳӣ, маҳии сафед, маҳиии хокистарӣ, маҳии зард, маҳии қизилола* дар робита бо ранги онҳо базуҳур омадаанд. Дар номгузории калимаҳои *заґорамоҳӣ, сагмоҳӣ, лақамоҳӣ, мормоҳӣ* бештар хусусиятҳои табиии онҳо ба назар мерасад.

б) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи асбобҳои моҳидорӣ: *қармоқ* (шаст), *тур /тӯр /сетка (матои* боқуввати аз ришта бофташуда), *чач* (аз навдаҳои борику дарози зарбед сабади дарозрӯя бофта, дар ҷараёни об мегузоранд), *экран* (тавассути қувваи барқ доштани моҳӣ) ва ғайра.

Чӣ тавре ки маълум аст, дар ин гурӯҳи калимаҳо хусусиятҳои маҳаллӣ бештар ба назар расида, ҳар яке аз ин калимаҳо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

Маълум гашт, ки истилоҳи *қармоқ* моли забони туркӣ буда, дар фарҳанг низ, айнан, дар ҳамин шакл омадааст [294, с. 606].

Калимаи «*дастӣ*» низ дар мавриди доштани моҳӣ дар гӯйиши шимолӣ хеле зиёд истифода бурда мешавад. Дар кӯлҳо бо усули *дастӣ,* яъне лойқа кардани оби кӯл, ки дар ин ҳолат, моҳӣ нафастанг шуда, болои об мебарояд дошта мешавад.

Бояд гуфт, ки худи калимаи дастӣ ҳамчун вожаи маънисоз дар таркибҳои ба монанди *алочаи дастӣ*, *қолини дастӣ, кавши дастӣ*, *гӯшвори дастӣ, мошинаи дастӣ* дучор меояд. Истилоҳоти *банди зеҳ* (жилка), *чанкак* (крючок), *ґараб* (чӯби моҳидорӣ), *куркурак* (қисми тоб медодагии шаст), *қурґошим* (сурб барои вазнин нигоҳ доштан) дар ин лаҳҷаҳо ба таври фаровон истифода мешаванд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор калимаи *«шаст»*-ро истифода мебаранд. Ҳангоми таҳлили мавод ба мушоҳида расид, ки ин калима таърихи пайдоиши хеле куҳан дошта, дар фарҳангҳои пешин низ дар ҳамин шакл оварда шудааст, ки як тафсирро ҳамчун намуна оварда тавонистем: «шаст адади маъруф; ва қуллобе, ки бад - он моҳиро шикор кунанд, ва нарангушт, ки ба арабӣ ибҳом хонанд» [288, с. 140].

Воқеан, дар ин бахш калимаи *тӯр /тур* каме тафсир мехоҳад. Калимаи *тур,* айнан, дар ҳамин шакл дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оварда шудааст, аммо маънои «матои сӯрохдор»-ро ифода накарда, чунин шарҳу возеҳ шудааст: «тур - паҳлавон, далер; номи писари миёнаи Фирдавсӣ дар «Шоҳнома; аҳли Турон».

Пас, аз ин мебарояд, ки калимаи тур ба маънои «асбоби моҳигирӣ» решааш рафта мерасад, ба вожаи «тюль»-и забони русӣ. Ин калима тағйироти фонетикӣ грифтор шуда, дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он шакли «тур»-ро гирифтааст. Ба забони русӣ бошад, аз забони фаронсавӣ иқтибос шудааст. Оид ба этимологияи калимаи *тур* (тюль) забоншиноси варзида Н. Шанский чунин овардааст: «Тюль аз забони фаронсавӣ дар нимаи аввали асри XIX

дар шакли TuLLe (топонимия) матоъ номгузорӣ карда шудааст, бо номи маҳалле, ки дар он ҷо ин матоъро тайёр намудаанд, ба монади кашмир ва ғайра ба забони русӣ гузаштааст» [309, с. 204].

Агар қисми зиёди ин калимаҳо дар нутқи моҳидорон истифода шаванд, вале қисми дигарашон дар нутқи одамоне пайдо мешавад, ки ҳеҷ иртибот бо моҳидорӣ надоранд. Масалан, калимаи *тур* ба ғайр аз маънои «матои сӯрохдор барои доштани моҳӣ» ба маънои «матои ҳаририре, ки занҳо дар пеши фаранҷӣ, инчунин, дар сар мепартоянд» низ дар истифода қарор дорад: Ира шира Маҳмудҷон *тураки* маҳиқапекаша гифта, таҳтул накара, буромада рафт (Қ.Т.); Мурғфарёд Маҳмудҷон *тури* моҳиқапиша гирифта, авсарӣ нокарда бурмада рафт (Ч.Т.). Эшонқул ҳамиқа сол салту сувайт гашта, гашта як пирдухтари

коладори сию панҷсолая бе туйу тамошо гифта овард, намонд, ки ман ба дилам як келинчаки *туру* тоқидора ёваму орзуҳои дилам шиканад (Ш.Т.);

Воқеан, дар ин мавзеъ калимаву истилоҳоти *турбофӣ* (бофтани тӯр тавассути чангак) ва *тургирӣ* (тӯр дӯхтан дар гирди рӯймол ва дастрӯймолча) низ истифода бурда мешаванд. Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки феъли «тӯр гирифтан» дар мавриди дӯхтани тӯр дар гирди рӯймол ва дастрӯймолча мавриди истифода қарор мегирад: Шотимки Нигина то саҳара нӯмоли мана *тур гирфта* шавад (Қ.Т.); Ҳамаи корота мону гирди нӯмоли келина *тур гир* (Ш.Т.). Феъли «тӯр партофтан» дар мавриди доштани моҳӣ ва ба сар партофтани тӯр мавриди истифода қарор мегирад. Дар фарҳанг ба ҷойи вожаи *тӯр*, яъне «матои сӯрохдоре, ки занҳо дар сар мепартоянд», таркиби луғавии «пардаи занбӯрин – пардаи сӯрохдор, ки занон дар бурқаъ дӯхта пеши рӯ доранд», оварда шудааст [288, с. 52], ки хеле табиӣ номгузорӣ карда шудааст, зеро ҳамон сӯрохиҳои ин матоъ ба хонаи занбӯр шабоҳат доранд.

Бояд зикр кард, ки гурӯҳҳои мавзуии оид ба соҳаи моҳидорӣ дар забони русӣ бештар дида мешавад. Шевашиносони рус номҳои асбобҳои моҳидориро ба чанд гурӯҳ ҷудо намудаанд:

1. Номгӯйии асбоби моҳидорӣ аз тӯр;
2. Номгӯйии домҳои аз ришта бофташуда;
3. Номгӯйии асбоби моҳидории чангакдор;
4. Номгӯйии асбоби моҳидории хордор.

Бар хилофи номи моҳиҳо, ки таърихи маърифати инсонро оид ба олами ҳайвонот инъикос мекард, номгузории асбобҳои моҳидорӣ ва қисматҳои онҳо таърихи рушди амалии захираҳои моҳидориро тасвир кардааст [25, с. 15].

в) номи ашхосе, ки бо моҳӣ сару кор доранд: *маҳиқап* (шахсе, ки моҳӣ медорад), *севетмон* (шахсе, ки тавассути свет мондан дар об, моҳиҳоро кушта, медорад), *экранпарто* (шахсе, ки ба об экран партофта, моҳӣ медорад), *қармоқдор* (шахсе, ки қармоқро дошта, моҳӣ медорад), *чачбоф* (шахсе, ки барои моҳидорӣ чач мебофад) ва ғайра.

Ин гурӯҳи калимаҳо дар вожагони соҳаи маишӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, маънову муҳтавояшон ба намояндагони водии Ҳисор ошно мебошанд.

Дар ин мавзеъ ба ғайр аз калимаҳои ифодакунанда номи ашхосе, ки бо моҳӣ сару кор доранд истифодабарии калимаҳое, ки барои муайян кардани шароити моҳидорӣ истифода мешаванд низ хеле зиёд ба назар мерасанд, ба монанди *маҳиқапии зимистона*, *маҳиқапии тобистона, маҳиқапии саҳарӣ, маҳиқапии бегонӣ, маҳиқапии рӯзона, маҳиқапии шабона* ва ғайра.

Дар ҳақиқат, вожаҳои *маҳихона, ҳавз, дарё, кӯл, обанбор, ҳавзҳои сунъӣ*, ки макони зисти моҳиро ифода менамоянд, калимаҳои умумихалқӣ буда, доираи интишори васеъ доранд.

Воҳидҳои луғавии *такичак /бузак /чирчирак /хараки хокӣ* (харак), *кирми сурхак, кирми партови гов, кирми лойхурак* (кирм) марбут бо моҳикобӣ, аниқтараш бо хӯроки моҳӣ буда, сирф хусусияти лаҳҷавиро зоҳир менамоянд.

Калимаи *такичак* дар забони адабии тоҷик низ дар шакли *харак* маъмул мебошад. Доираи истеъмоли вожаи *харак* дар ин мавзеъ каме фарох буда, ба чанд маъно мавриди истифода қарор дорад. Масалан: *харак* (хари хурд), *харак* (асбобе, ки дар дутор барои рост нигоҳ доштани торҳои он хизмат менамояд), *харак* (асбоби чӯбии дароз, ки дар он 10-12 кас менишинанд), *харак* (асбоби варзишие, ки аз рӯйи он мепаранд).

Номи хӯрокҳое, ки аз моҳӣ омода мешавад низ хеле зиёд ба назар мерасанд, аз қабили *маҳичӯшак, маҳибирён, маҳишӯрбо* ва ғайра.

Гарчанде забоншиноси варзида С. Ҳалимиён дар монографияи «Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ» ба номи амалиёти хӯрокпазие, ки дар осори Сайидои Насафӣ» оварда шудаанд, таркиби луғавии «моҳиро кабоб кардан»-ро ворид намуда бошад ҳам [221, с. 24], вале барои намояндагони ин лаҳҷаҳо ин воҳиди луғавӣ бегона менамояд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки пайдоиши ибораҳои *Алимардони маҳипаз, Ашури маҳипаз, Акбари маҳипмаз, Холи маҳипаз* ба истилоҳоти касбӣ иртибот дошта, аз серистеъмол будани вожаи *маҳӣ/моҳӣ* ва сохтани таркибу ибораҳо бо он далолат мекунанд.

Ҳангоми таҳлили мавод мушоҳида намудем, ки дар ташаккули вожаҳои марбут ба соҳаи моҳидорӣ нақши феълҳо бағоят фаъол буда, бештар ба амалҳои моҳидорӣ равона гардидаанд, масалан: *банди зеҳа(ро) а(з) ғараб ҷудо кардан, света ба кор бурдан, турра партофтан, маҳия(ро) ба ях ларзондан, яха шикоф каран, такичака дар қармоқ мондан, бо ow муборизa бурдан, қӯрмоқа(ро) тов додан, маҳия(ро) пароканда каран* ва ғайра.

Ҳар яке аз гурӯҳҳои дар боло овардашуда, калимаҳо ва ибораҳои ба сайёдон маълум ва аз ҷониби онҳо истифодашаванда, ки дар минтақаҳои гуногуни водии Ҳисор, дар гӯйишҳои шимолӣ ва ҷанубӣ дар истифода қарор дошта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд.

Дар айни замон, лексемаҳо ва ибораҳо дар ин бахш истифода мешаванд, ки дар натиҷаи омезиш бо забону лаҳҷаҳои дигар, махсусан забони русӣ, пайдо шудаанд. Ҳатто иқтибосҳое, ки ба тағйиротҳо дучор нагардидаанд, ба назар мерасанд. Масалан, ба ин мисол шуда метавонанд вожаҳои *поплавок, жилка, крючок, свет* ва ғайра.

Гарчанде теъдоди боварҳое, ки дар иртибот ба соҳаи моҳидорӣ ва моҳӣ пайдо шуданд на чандон зиёд бошанд ҳам, вале тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро нишон дода метавонанд, аз қабили

Агар ба зани ҳомила моҳӣ диҳӣ, кӯдакаш тез таваллуд мешавад.

Агар зани ҳомила моҳиро тамошо кунад, даҳони кӯдак ба мисли даҳони моҳӣ калон мешавад.

Агар шахси зарпарвин моҳиро тамошо кунад, зардиаш ба моҳӣ гузашта, зуд шифо меёбад.

Ҳамин тавр, гарчанде ки маводи дар ин бахш ҷамъоваришуда ба андозаи муайян, қабати омӯхташудаи вожагони ин соҳаро ташкил дода тавонад ҳам, аммо аз сабаби гуногунии гӯйишҳо дар ин мавзеъ, баъзе калимаву ибораҳо ҳам хоси забони сайёдон ва ҳам хоси забони истеъмолкунандагон мебошанд, бинобар ин таҳиқи вожаҳои марбут ба соҳаи моҳидорӣ дар забоншиносии тоҷик хеле муҳим ба назар мерасад.

3.5. Вожагони ифодакунандаи соҳаи занбӯрпарварӣ

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, дар забоншиносии тоҷик калимаву истилоҳоти ҳар як соҳа мавқеи махсусро ишғол намуда, аксарияти онҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон сарчашма мегиранд. Гарчанде мардуми мо дар арсаи ҷаҳонӣ бо осори ғании ниёгонамон маъруфанд, аммо тарзи зисту зиндагонӣ ва пешаи гурӯҳҳои этникӣ ва намояндагони шеваву лаҳҷаҳое, ки дар кишвари мо зиндагӣ доранд, аз якдигар тафовут доранд. Танҳо ин фарқҳо боиси пайдо гаштани майдони маъноии калимаву истилоҳоти соҳавӣ шуда метавонанд.

Пешаи занбӯрпарварӣ ҳам дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор таърихи куҳан дошта, аксарияти калимаву истилоҳоти он танҳо барои намояндагони ин соҳа ошнотар аст. Масалан, калимаи *занбӯри илло*, агар ба намояндагони лаҳҷаи қаратоғии водии Ҳисор дар ҳамин шакл ошно бошад, байни намояндагони лаҳҷаи Қаратоғи ин мавзеъ ибораи «занбӯри зардак» дар ифодаи ин мафҳум маъмул аст: *Занбӯри зардака* заҳракаш ганда, ага (р) газида монад, ҷош ба анча-мунча саҳат намешад (Ш.Т.). Илова бар ин, зикри ин матлабро зарур медонем, ки гарчанде калимаи *занбӯри асал,* агар барои намояндагони ҳамаи шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар ҳамин шакл ошно бошад ҳам, воҳиди луғавии *асалко занбӯр* танҳо хоси намояндагони гурӯҳи этникии парёни водии Ҳисор буда, майдони маъноияш аз байни ин гурӯҳҳои этникӣ дур рафта наметавонад.

Гарчанде калимаву истилоҳоти соҳаи занбӯрпарварӣ дар гӯйишҳои намояндагони шеваи шимолӣ ва ҷанубие, ки дар ин мавзеъ иқомат менамоянд, шаклҳои гуногун дошта бошанд ҳам, вале маънои онҳо ба намояндагони ҳам шеваи шимолӣ ва ҳам шеваи ҷанубӣ ошноянд. Оид ба ин масъала устод С. Айнӣ чунин овардааст: «Агар лаҳҷаеро риоя карда чизе навишта шавад, агарчи ин лаҳҷа ба лаҳҷаҳои дигар баробар наояд ҳам, дар фаҳмиданаш душворӣ пеш намеояд»[43, с.107].

Равшан аст, ки баъзе калимаву истилоҳот дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ гирифта, то ба имрӯз дар

ҳамон шаклу маънӣ ба мо омада расидаанд. Масалан, дар деҳаҳои Шунук ва Даҳбеди ноҳияи Турсунзодаи ин мавзеъ баробар истифода шудани ибораҳои *хонаи занбӯр* ва *катаки занбӯр* ба назар мерасанд. Воҳиди луғавии *катак* аз забони суғдӣ ба маънои «хоначаи мурғон» [141, с.107] ба мисли забони тоҷикӣ ба ин лаҳҷаҳо ворид гардидааст. Аз сабаби он ки сокинони ин маҳал аз Самарқанд муҳоҷир шуда омадаанд, яъне аҷдоди аҳолии он мавзеъ намояндагони забони суғдӣ ба ҳисоб мераванд, аз ин лиҳоз, дар нутқи онҳо калимаву истилоҳоте корбаст мегарданд, ки сарчашмаи худро аз забони суғдӣ гирифта, то ба имрӯз дар нутқи мардуми ин маҳал устувору побарҷо мондаанд. Оид ба масъалаи дар Бухорову Самарқанд дар гузашта арзи вуҷуд доштани забони суғдӣ дар китоби «Забони миллат–ҳастии миллат» низ муаллиф ёдрас намудааст: «Забони суғдӣ на танҳо дар Самарқанд балки дар Бухоро ҳам забони расмиву гуфтугӯйи буд» [250, с.126].

Барои ҳар як пешае, ки мардум интихоб менамояд иқлим ва вазъи ҷуғрофӣ низ мусоидат карда метавонад. Водии Ҳисор барои парвариши занбӯр ҳам аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқлим мутобиқ мебошад. Соҳаи занбӯрпарварӣ теъдоди зиёди калимаҳоро дар бар гирад ҳам, аммо то айни замон таҳлилҳои амиқи фарогири ҷанбаҳои этнолингвистии он ба миён наомадаанд.

Аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ саъйу талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду такомули забони тоҷикӣ ва гурӯҳбандӣ намудани калимаву истилоҳоти забони тоҷикӣ назаррасанд ва дар як давраи муайян теъдоди зиёди ин калимаву истилоҳоте, ки қариб ба гӯшаи нестӣ рафта буданд. Калимаву истилоҳоти соҳаи мазкурро аз рӯйи маънӣ ба гуруҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

а) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи занбӯрҳо: *занбӯри* зардак (занбӯри рангаш зард)**,** *занбӯри алло* (занбӯре, ки ду ранг дорад, зард ва сиёҳ), *говзанбӯр* **(**занбӯри ҳаҷмаш калон), *сиёҳзанбӯр* **(**занбӯри рангаш сиёҳ) ва ғайра.

Гарчанде дар назар чунин намояд, ки калимаҳои ифодакунандаи номи занбӯрҳо дар ҳама лаҳҷаву шеваҳо шаклу маъноянашон якхелаанд, аммо дар асл

ин тавр нест. Масалан, профессор Ш. Исмоилов дар монографияи «Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт» ҳангоми баррасии калимаҳои ифодакунандаи номи ҳашарот, хазанда ва газандаҳо ҳамчун намуна якчанд калимаҳои ифодакунандаи номи занбӯрҳоро овардааст, ки дар онҳо ё тағйироти маъной ба назар мерасад ё шакли онҳо дигар аст, аз қабили *занбӯри сиёҳ, говзанбур* - занбури ало, *табу* - як хел занбури хурдакакест, ки дар болои санг аз лой хонача месозад, *бувак* - занбури хурдакак, ки дар роғи девор ва сӯрохии замин лона мекунад»-ро овардааст ва ғайра[109, с. 13].

бигирен, ки *бувак,* ки хуна кад, ҳолмон табоҳ мешава (Д.Т.).

Забоншинос Н. Гадоев вожаҳои *занбури ало* ва *говзанбур*-ро ба гурӯҳи калимаҳои умумиҳалқикӣ дохил намудааст [4, с. 85], ки андешаи муҳаққиқ то андозае дуруст мебошад.

Гарчанде дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон ба омӯзишу пажуҳиши ба ин гурӯҳи калимаҳо диққати ҷиддӣ надода бошанд ҳам, вале дар забоншиносии рус низ омӯзишу пажуҳиши калимаву истилоҳоти соҳаи занбӯрпарварӣ аз мадди назари муҳаққиқон дур намондааст. Масалан, донишманди рус М.В. Титова дар мақолаи хеш «Професиональная лексика алтайских пчёловодов в аспекте взаимодействия языка и культуры», ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, андешаи хешро чунин баён намудааст: «Чун анъана марҳалаи асосии оғози кори занбӯрпарварӣ интихоби мавзеъ ба шумор меравад» [201, с. 76]. Дар ҳақиқат, муаллиф дуруст зикр намудааст, барои рушди соҳаи занбӯрпарварӣ интихоби мавзеъ нақши муҳим мебозад, зеро дар ҷойе, ки гул набошад, асал рӯёнда намешавад.

Муҳаққиқи дигар Г. Зиязетдинова вожагони соҳаи занбӯрпарвариро дар доираи забони адабии тоторӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, рисолаеро бо номи «Лексика пчёловодства татарского литературного языка» ба аҳли илм пешкаш намудааст. Муҳаққиқ оид ба парвариши занбӯр диди хешро чунин овардааст: «Занбӯрпарварӣ дар давраи ба вуҷуд омадани аввалин қабилаҳо, дар даврае, ки иқлим бениҳоят сард буд, ба вуҷуд омадааст. Дар он давра парвариши занбӯр худ ба худ инкишоф меёфт, яъне дар дарахтон занбӯрҳо хона карда, асал ғун

мекарданд. Пас аз ба вуҷуд омадани усулҳои нави занбӯрпарварӣ, вожагони ин соҳа низ хеле рушд намуд, ки он барои муҳаққиқони забон маълумоти зиёде дода метавонад. Инчунин, рушди ин соҳа барои муаррихону мардумшиносон низ кумак расонид» [103, с. 3].

Воқеан, дар замонҳои хеле қадим одамон асалро истеъмол намуда, худи занбӯрҳоро бераҳмона нобуд мекарданд. Гарчанде таҳқиқоти археологӣ исбот намудаанд, ки 4-5 ҳазор сол пеш дар Ҳабашистон, Фаластин, Сурия, давлатҳои Араб, Бобулистон ва дигар давлатҳои Шарқи Наздик барои нигоҳубини оилаи занбӯри асал кандуҳои шаклашон сода ба роҳ монда шуда буд, аввалин бор дар бораи истифодаи маҳсулоти занбӯри асал барои табобати бемориҳои одамон барои ороиш дар китоби «Папирус Эберса» табибони фидоии Ҳабашистон (1700- сол пеш аз милод) маълумот дода шудааст [124, с. 3].

Гарчанде муодили калимаи асал дар забони тоҷикӣ вожаи *ангубин* ба ҳисоб равад ҳам, вале аз чӣ сабаб бошад, ки ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар нутқи мардуми тоҷик бештар калимаи «асал» дар истеъмол қарор дорад. Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ номҳои духтаронаи *Асал, Асалбегим, Асалбибӣ, Асалбону, Асалмоҳ* мавриди истифода қарор дошта, дар «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» айнан дар ҳамин шакл оварда шудаанд [305, с. 9]. Дар ин маврид низ таъсири тасвири забонии ҷаҳоне, ки моро иҳота кардааст, мавқеи муайянро ишғол менамояд. Асал аз сабаби ғизои аз ҳама ширин ва пурарзиш миёни тоҷикон ба ҳисоб рафтанаш, имкон медиҳад, ки мардуми тоҷик ба духтаронашон чунин номҳоро гузоранд. Масалан, миёни русҳо гузоштани номҳо бо калимаи «мёд» ба назар намерасад.

Гарчанде аксарияти ин калимаҳо барои намояндагони дигар шеваю лаҳҷаҳо дар ҳамин шаклҳо ошно бошанд ҳам, аммо калимаи *модарзанбӯр* на ба ҳама намояндагони лаҳҷаву шеваҳо ошно буда, каме шарҳу тафсир мехоҳад. Асосан, барои пайдоиши ин калима амале боис шудааст, ки занбӯрон бояд анҷом медиҳанд. Барои самаранок истифода бурдани айёми асалгункунӣ на танҳо саҳми занбӯрони ҷавон назаррас аст, ичунин занбӯрони таҷрибадор низ ба ҷавонзанбӯрон аз саҳро шаҳд овардан, онро ба асал табдил намудан, дар

шонаҳо ҷойгир сохтан, ба мум сарпӯшбандӣ карданро меомӯзонанд. Мавҷудияти модарзанбӯр дар оилаи занбӯрон барои асалғундорӣ ҳатмӣ ва зарур аст. Пас, аз ин бармеояд, ки дар ин маврид *модарзанбӯр* ифодакунандаи мафҳуми «тавлидкунанда, сарчашмаи насл» набуда, балки дар худ мафҳуми «таҷрибадиҳанда, коромӯз»-ро низ ҷой додааст.

Мусаллам аст, ки занбӯрҳо рафторҳои ачиб доранд ва ҳар яке аз онҳо дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он бо забонҳои гуногун номгузорӣ шудаанд, масалан пайдо шудани ибораи *бӯйгирии занбӯрҳо* дар натиҷаи хеле эҳсосӣ будани онҳо ба бӯй пайдо шудааст: *Бӯйгирии занбурора* бин, медунан киҷо раван (Ч.Т.).

Инчунин, дар байни занбӯрпарварони ин водӣ истилоҳи «*рақси занбӯрҳо*» ошност, ки ин ибора бевосита дар иртибот ба ҳаракатҳои онҳо пайдо шудааст. Дар байни баъзе навъи ҳайвонот низомҳои боз ҳам мустақили алоқа ва сигналҳо ба кор бурда мешаванд, ки асоси онҳоро аломатҳои ҳодисаҳои нисбатан мавҳум ташкил медиҳанд. Ба чунин воситаҳои мухобираи ҳайвонот «рақсҳо»-и занбӯр ва баъзе шаклҳои алоқаи байни мӯрчагон дохил мешаванд. Бо ёрии рақсҳояшон занбӯрҳо метавонанд, ҳамдигарро на танҳо дар бораи дар ҷойи муайян мавҷуд будани шаҳд ва гарди гул хабар диҳанд, балки бо ин рафторашон, инчунин, дар куҷо ҷойгир будани шаҳд ва гарди гул, масалан, таҳти 30 дараҷа ба тарафи чапи офтоб низ муайян месозанд.

б) амалҳое, ки занбӯрҳо ба сомон мерасонанд:: *ғуншавии занбурон, тухмгузории модарзанбӯр, куввагункунии занбӯрон, шаҳдқабулкунӣ, асалғункунӣ, рақскунӣ, ғунгас кардан* ва ғайра.

Аслан, дар гӯйишҳои ин водӣ ибораи фразеологии «занбӯри зардак барин ғунгас задан» мавриди истифода қарор дорад, ки дар забони адабии тоҷикӣ низ дар ҳамин шакл маъмул аст. Ин ибораи фразеологӣ, маҳз, дар асоси амали занбӯрон пайдо шудааст. Инчунин, амалҳое, ки занбӯрон ба сомон мерасонанд чунин номгузорӣ шудаанд

***г) номгуйи гулу рустаниҳое, ки аз шаҳди гули онҳо асал ҳосил мешавад*:** *гули ҷавак, гули офтобпараст, гули кукнор, гули беда* (юнучка), *шоҳбулут*

(кастона), *себарга, гули тарбуз, гули харбуза* ва ғайра.Теъдоди ин калимаҳо дар гӯйишҳои ин мардумон на чандон зиёданд, зеро аз шираи ҳама гуна растаниҳо асал ҳосил намешавад.

Воқеан, калимаи офтобпараст дар ҳамин шакл аз давраҳои аввали рушди забонамон то ба имрӯз расидааст, ки дар фарҳанг чунин тафсир шудааст: «Ин лафзро бар се чиз итлоқ мекунанд, хусусан: бар гули нилуфар; ва бар ҷонваре монанд аст ба чалпоса ва онро ба сурёнӣ хирзун гӯянд; ва гуле, ки бар ҳар тараф, ки офтоб майл кунад, баргҳои он рӯй бад-он ҷониб кунад; ва аҳли Ҳинд бар ҳар гули кабуд умуман; ва тоифае низ бошанд аз габрон ва мушкирон ва афлокиён» [278, с. 57].

д) номгӯйи ашёе, ки бо онҳо асалро мегиранд: *асалкашак* (дастгоҳ барои кашидани асал), *мумгудозак* (асбоб барои гудохтани мум), *мумшиббакунак* (дастгоҳ барои шибба кардани мум), *гардчамъкунак* (абзор барои ҷамъоварии гарди гул), з*аҳрҷамъкунак* (дастгоҳ барои ҷамъоварии заҳр), *искана* (абзор барои ҷудо кардани шонаҳо ҳангоми тафтиши оилаҳо), *канду* (занбӯрқуттӣ, қуттӣ барои нигоҳдории оилаи занбӯри асал) ва ғайра. Ин гурӯҳи калимаҳо, аслан, дар қолаби калимасозии гуногун сохта шуда, бештар ба худ пасванди «-**ак**»-ро қабул кардаанд.

е) номгӯйи навъҳои асалҳо: *асали баҳорӣ* (асале, ки дар баҳор мегиранд), *асали тирамоҳӣ* (асале, ки дар тирамоҳ мегиранд), *гуласал* (асале, ки аз гул ҳосил мешавад), *асали якнабототӣ* (асале, ки аз шаҳди гули рустаниҳои муайян ба вуҷуд меояд), *асали сернабототӣ* (аз шаҳди гули рустаниҳои бешумор), *шакарасалак* (асале, ки занбӯрон на танҳо аз растаниҳо, балки аз ҳашарот, ширинча кайбаргакҳо низ, ки аз моеи ширин шакарак ҷудо мекунанд), *шаробасал* (асали масткунанда) ва ғайра. Аслан**,** маънову муҳтавои ин гурӯҳи калимаҳо ба асалпарварон ошно буда, теъдодашон на чандон зиёд аст.

Гарчанде дар ин бахш маънову муҳтавои ҳамаи калимаҳои ифодакунандаи навъҳои асал ба намояндагони забони тоҷикӣ фаҳмо бошад ҳам, аммо калимаи *шаробасал* (асали мадҳушкунанда) каме тафсирро талаб мекунад. Аслан, занбӯрҳо ин навъи асалро аз гули кӯкнор ҳосил менамоянд ва аз сабаби

хусусияти масткунанда доштани кӯкнор ин асал чунин номгузорӣ карда шудааст.

Дар мавриди ифодаи номгӯйи рангҳои асал истифодабарии калимаву истилоҳоти *зардасал, сурхасал, сафедасал, асали зарди сурхча, асали зард, асали зарди лимунӣ, зарди паст* ба назар мерасанд. Дар китоби «Занбӯрпарварӣ» муаллифон хусусиятҳои рангии асалҳоро ба назар гирифта, чунин овардаанд: «Навъҳои равшани асал аз растаниҳои- *ақоқиё* (шаффоф), *зерфун* (равшани қаҳрабоӣ), *офтобпараст* вобастагии сахт дорад» [124, с. 28].

Ҳамзамон, хусусиятҳои фоидавовари асал дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор боиси пайдо шудани ибораҳои *асали тоза*, *асали дурӯғакӣ, асали доругӣ* гаштаанд. Инчунин, дар ин мавзеъҳо ибораи «*чилинги асалесӣ*» мавриди истифода қарор дорад, ки дар фарҳанг дар шакли «ангушти асал, ангуште, ки бад он асал лесанд» оварда шудааст [288, с. 27].

Воқеан, асал хусусияти табобатӣ дошта, дар атрофи баррасии ин масъала муҳаққиқон фикру андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд. Масалан, муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев дар китоби «Диёри шоир» оид ба истеъдоди табибӣ доштани мардуми ин мавзеъ ақидаронӣ намуда, зикр кардааст, ки дар Қаратоғи водии Ҳисор дар гузашта табибон зардчаро бо асал табобат менамуданд [227, с. 66].

Вожаву истилоҳоти асалгирак, *асалгирӣ, хурмаи асалгирӣ, косаи асалгирӣ, пиёлаи асалгирӣ* дар ифодаи мафҳумҳои номгӯйи ашёе, ки дар онҳо асал нигоҳ дошта мешаванд дар истифода қарор доранд.

Ҳамин тавр, соҳаи занбӯрпарварӣ шуғли дӯстдоштаи мардуми водии Ҳисор ба ҳисоб меравад. Дар гӯйиши сокинони водии Ҳисор калимаву истилоҳоти зиёде мавриди истифода қарор доранд, ки ба ин соҳа марбут мебошанд. Дар вожагони соҳаи занбӯрпарварӣ калимаҳои тоҷикӣ мавқеи калонро мебозанд. Аксарияти ин гурӯҳи калимаҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Дар баробари калимаҳои тоҷикӣ истифодабарии калимаҳои иқтибосӣ низ дар вожагони соҳаи занбӯрпардарӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба назар мерасад, ки бо ин васила тариби луғавии ин лаҳҷаву шеваҳо бойу ғанӣ гардидаанд.

3.6. Вожагони ифодакунандаи соҳаи тиб

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, дар айни замон, оид ба масъалаи ба таври илмӣ гурӯҳбандӣ намудани истилоҳот аз тарафи забоншиносон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода шуда, дар ин ҷода ба комёбиҳо ноил шуда истодаанд. Масалан, иваз намудани калимаҳои иқтибосии *стоматология* ва *медсестра* ба вожаҳои *дандонпизишк* ва *ҳамшираи шафкат* аз ин далолат медиҳанд.

Вожаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои тиббӣ низ дар забон мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Худи ибораи *истилоҳоти тиббӣ* дар фаҳмиши ҳар як миллат ҳар хел таҷассум ёфтааст. Масалан, ба ақидаи бархе аз забоншиносон *истилоҳоти тиббӣ* ин маҷмуи калима ва ибораҳое, ки аз тарафи мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳо дар соҳаи тиб ва тандурустӣ истифода бурда мешаванд. Муҳққиқ Х. Сангова оид ба ин масъала чунин ибрози ақида намудааст: «Истилоҳи тиббӣ маҷмуи истилоҳоти анатомӣ, килиникӣ ва фармасевтиро дар бар мегирад» [189, с. 57].

Истифодабарии вожаву истилоҳи тиббӣ дар осори гузаштагонамон мавқеи муаяйнеро ишғол менамоянд. Гузаштагони мо оид ба илми тиб таълифоти зиёде доранд, ки дигар қавмҳо то ҳол аз навиштаҷоти онҳо истифода намуда, ба чандин беморон шифо мебахшанд. Махсусан, дар осори Абуалӣ ибни Сино доираи истифодаи ин навъи истилоҳот хеле фарох аст. Асари ӯ «Ал Қонун фит-тиб» яке аз таълифоти беҳтарине оид ба тиб мебошад, ки шаш аср хизмат намудааст. Асарҳои навиштаи ин олими ҳамадон тавонистанд ӯро чун «Авиценна» дар тамоми дунё машҳур намоянд.

Бояд зикр намоем, ки пеш аз мутафаккири варзида Абуалӣ ибни Сино низ миёни мардуми тоҷик ҳакимони зиёде буданд, ки бо роҳу усулҳои гуногун беморонро табобат менамуданд ва бо амалҳои неки худ таркиби луғавии забонамонро пурраву муккамал мегардониданд. Хизматҳои шоистаи ин фарзандони фарзонаи миллатро мардуми маърифатпарвари мо ҳеҷ гоҳ фаромӯш

нахоҳад кард, зеро номи онҳо дар таърихи халқи тоҷик бо хатҳои заррин навишта шудааст.

Боиси зикр аст, ки пажуҳишу омӯзиши калимаву истилоҳоте, ки мафҳумҳое тиббиро ифода менамоянд, дар айни замон, яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, аз гузашта диққати забоншиносонро ба худ ҷалб карда буд. Гарчанде дар забони тоҷикӣ калимаву истилоҳоти зиёде дар ифодаи мафҳумҳои тиббӣ мавҷуд бошанд, ҳам то ҳанӯз аксари онҳо мавриди истифода қарор надорад. Истилоҳоти тиббӣ яке аз қабатҳои хоси луғат, ки аз рӯйи хусусиятҳои ба худ хоси сохтори маъноӣ, калимасозӣ ва хусусияти услубӣ доранд ва аз калимаҳои маъмул фарқ карда, ҳамин тавр ҷойи махсусро дар системаи луғавии забон ишғол менамоянд [33, с. 5].

Тазаккур бояд дод, ки масъалаи омӯзиши истилоҳоти тиббӣ пас аз даврони Истиқлол дар забоншиносии тоҷик авҷ гирифт**.** Ин масъала, асосан, аз замони соҳибистиқлол шудани ҷумҳуриамон ба ҳукми анъана даромадааст. Тавре ба мо маълум ва равшан аст, дар замони собиқ шуравӣ, монанди дигар ҷумҳуриҳо дар Тоҷикистон низ қисми бештари муҳаққиқон аз нуқтаи назари идеологияи ҳамон давру замон ба калимаву истилоҳсозӣ муносибат менамуданд [205, с. 46].

Дар ҳақиқат, пас аз Истиқлол дар кишвари азизамон дар риштаи забоншиносӣ корҳои шоёне ба анҷом расонида шудааст, ки яке аз онҳо гурӯҳбандӣ намудани калимаву истилоҳот дар забони тоҷикӣ мебошад. Мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои ғанӣ гардонидани забони адабии тоҷикӣ сайу талош намуда, ҷиҳати рушди он заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овардем [250, с. 5].

Чӣ тавре ки маълум аст, дар ин давра, масъалаҳои мубрами илми забоншиносии тоҷик ҳаллу фасл шудаанд. Инчунин, дар бахши истилоҳ ва истилоҳшиносӣ низ корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи варзида М.Б. Султонов чунин ибрози ақида намудааст: «Имрӯз замоне, ки Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гаштааст, махсусан масъалаи забон ва илм, дар кишвари мо мубрам ба ҳисоб меравад, зеро

Истиқлоли миллӣ бидуни шак далели муҳимтарини бунёди давлати миллӣ ва рушди илм ва технология дар асоси тафаккури миллӣ мебошад» [197, с. 81].

Бояд қайд намуд, ки истилоҳоти тиббӣ, хусусан, калимаҳое, ки номи бемориҳоро ифода мекунанд дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хусусияти лаҳҷавӣ касб намудаанд. Масалан, на ҳамаи ворисони лаҳҷаву шеваҳо ҳангоми шунидани таркибҳои луғавии *боло поён шудан* ва *дев лаҷом бастан, коса шиканак, лавша шудан* дарк менамоянд, ки инҳо дар мавриди бемории исҳол ва сафедшавии лаб, эпилепсия дар истифода қарор мегиранд.

Тибқи ривоятҳои мардуми куҳансоли деҳаи Қаратоғи ин водӣ дар соли 1983 дар Қаратоғ ҳаким, табиби варзида бо номи Ҳоҷӣ Мулло Саид якчанд истилоҳи ифодакунандаи номи бемориҳоро вирди забон овадааст, ки аксарияти онҳо хусусияти лаҳҷавӣ доранд, аз қабили: *сиёҳбод, қулгуна*, *ханозир*, *суякдард* устухондард, *иститқоқ* ва ғайра. Инчунин, калимаву истилоҳоти *ашкрезон* (аз дарди шадид гиристан) *шатоламишвар*а (шахсе, ки майнааш осеб дораду тез тез аз ҳуш меравад) *маразӣ* (шахси дар баданаш захмҳои обиладор баромада), *лавша* (шахси ба беморие лоғаршавӣ гирифторгашта), *устаҒоншиканак* (аз норасоии калсий шикастани устухонҳо), *номалишкунӣ* (ивази ном ҳангоми беморие шадид), *бекорашавӣ* (вазнин шудани бемор), *алову аласкунӣ* (манаҳбанди шахси мурдаро оташ зада, дар гирди шахси бемор гардондан), *колакӣ* (резондани хуни ҳаром), *лосшавӣ* (афгор шудан ҳангоми беморие шадид), *лаҷомак /сагак* (захми кунҷи лабҳо), *нохунпечак* (хасмол) танҳо ба намояндагони ин мавзеъ ошно мебошанд. Оид ба амали *ивази ном* ҳангоми беморие шадид дар фарҳанги «Чароғи ҳидоят» чунин оварда шудааст: «*ном баргаштани бемор* - табдил ёфтани ном аз рӯйи фоли нек, то шифо ёбад дар сурати имтидоди беморӣ. Ва ин марсуми Эрон аст» [288, с. 204].

Бояд ҳаминро дарҷ созем, дар мавриди беморӣ, дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор таркиби луғавии «*номашро бардошта натонист»* мавриди истифода қарор мегирад, ки дар иртибот бо хурофотҳои динӣ пайдо шудааст. Дар ҳолате, ки бемор шифо наёбад базми калон ороста, номи ӯро иваз мекунанд.

Вожаи *ашкрезон,* ки дар ҳамин шакл, айни замон, дар истифода қарор дорад, аз давраҳои аввали рушди забонамон сарчашма гирифтааст.

Маълум гашт, ки аксарияти калимаву истилоҳоте, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор истифода бурда мешаванд дар дигар лаҳҷаҳо низ муодилҳои худро доранд. Масалан, вожаи *хасмол* агар дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар шакли *нохунпечак* дар истифода бошад, дар ин навъи калимасозӣ мавқеи пасванди **-а**к баръало намоён аст, ки инро мо дар калимаи *ғилофак* низ дида метавонем, ки айнан дар лаҳҷаи Бухоро ҳамин мафҳумро ифода менамояд: «*ғилофак* - ҷароҳате ки дар зери нохун пайдо мешавад» [275, с. 253].

Воқеан, ба пайдошавии таркиби луғавии *алову алас* аз маросими алову аласкунӣ сарчашма гузошта, ин анъана аз гузаштагонамон ба мо ба мерос мондааст. Ин амал оташпараст будани мардуми тоҷикро бори дигар таъкид менамояд. Дар маросими алову аласкунӣ калимаҳои *алоw, оташ, алоwгардон, хуни мурғи сиёҳ, манаҳбанди мурда, оwи мурда, хаси чораҳа* истифода бурда мешаванд.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, тоҷикон оташро чизи муқаддас ҳисобида, дар ҳама ҷашну маросимҳояшон оташ афрӯхтанро фаромӯш намесозанд. Аз рӯйи ақидаҳои мардуми ин мавзеъ, гӯё дар маросими *алову алас* ба бемор на манаҳбанди мурда, на оби мурда, балки оташ шифо мебахшад.

Дар ин мавзеъ вожаву истилоҳоти зиёдеро дар ин бахш вохӯрдан мумкин аст, ки барои намояндагони дигар лаҳҷаҳою шеваҳо низ ошно мебошанд. Масалан, *алус* (иллати чашм), *ҳафтпӯст* (захми пурҷароҳат), *дардманд* (бемор), *дарди вос вос* (дарде, ки даво надорад), *боди восил* (бадбӯйӣ), *саггазида* (шахсе, ки саг газидааст), *нухсвара /баазов /ҷонбуромада* (одами бемор), *иллатӣ* (шахси маъюб), *раганӣ* (шахсе, ки дар натиҷаи бемории дурудароз лоғар гаштааст), *охсил* (шахси ба бемории сил гирифторшуда). Калимаи *алӯс* дар гузашта дар забони тоҷикӣ дар шакли *адӯс* мавриди истифода қарор доштааст: *адус* касеро гӯянд, ки ба сабаби иллате чашми ӯ торикӣ кунад; ва шабкӯрро низ гуфтаанд [278, с. 75].

Мусаллам аст, ки синонимҳои ҷуфти *лангу лунг, касалию беморӣ, дарду ранҷ, дарду ғам* ба намояндагони дигар шеваю лаҳҷаҳо низ ошно мебошанд. Инчунин, дар мавриди беморӣ ибораҳои «*дарди Худо»,» шифои комил»* ва ҷумлаҳои *«Сиҳатеша аз худо талаб кун»; «Худо шифоша(ро) тияд»*; «*Дарда(ро) Худо дод, шифошам Худо метияд»*; *«Одам аз Худо зӯр нест»*; *«Худо дарда(ро) ба одами дӯстдоштеш метияд»; «Тани гарм бе дард намешад»; «Касалӣ дурӯза меҳмон», «Илоҳӣ ҳамаи беморон шифо ёбанд»* ва ғайра вирди забони ворисони ин лаҳҷаҳо мегарданд, ки ин аз эътиқоди зиёд доштан ба Яздони пок шаҳодат медиҳад. Инчунин, дар мавриди беморӣ бештар ҷумлаи «*Касал касал не, касалибон касал»*-ро ворисони лаҳҷа вирди забон меоранд.

Истилоҳоти тиббӣ дар ин лаҳҷаҳо теъдоди зиёдро ташкил медиҳанд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунем:

а) калимаву истилоҳоте, ки номи захмҳоро ифода менамоянд: *чӯтурӣ* (Б.Ҳ.) /*чътърӣ* (Т.Ҳ.) (осебҳое, ки пас захм мемонад), *свинка* (Қ.Ш) /*тепки* (Ҷ.Т.) /*ғъргушак* (Ҳ.Ҳ.) (ғургӯшак), *насиwахурак* (И.Ҳ.) (захми худе, ки дар нуги забон мебарояд), *нарак* (Ш.Т.) /пучак (Б.Ш.) (захме, ки дарунаш риму зардоб дорад), *чишмӣ /чашмӣ* (захме, ки аз чашм расидан мебарояд), *ширинча* (захмчаҳои хурде, ки дар лабу даҳони кӯдакон мебарояд), *учуқ /тавхол* (табхол), *гуҳмиҷа* (варами бехи миҷаҳо), *саглесак* (дар бадан пайсаҳои сурх пайдо мешавад), *сӯгал* (озах), *нохунпечак* (А.Ҳ.) /*хаспечак* (Ч.Т.) /*ғилофак* (Қ.Т.) (хасмол), *гармича* (Н.Ш.) /*гармов* (Н.Ҳ.) (аз гармии зиёд дар тан доначаҳои сурх пайдо мешаванд), *бисмил* (захми пурҷароҳате, ки ба марг оварда мерасонад), *калпесак* (сафедшавии пӯст), *мараз* (захми дар бадан баромада), *оwламараз* (захми обиладор), *оwчак/ оwла* (обила), *қалахч* (болои захм сахт шудан), *оwҷиқон* (об баровардани захм), *думал* (варами ҷойи бо сӯзан доругузаронда), *чахмоқӣ* (захме, ки пас аз он доғҳои зиёд дар бадан пайдо мешаван), *гул* (беморие, ки танаи одам пур аз доначаҳои сурхак-сурхак мешавад) ва ғайра.

Роҷеъ ба бемории гул ҳаминро гуфтанием, ки ин бемори боз навъҳои худро дошта, бо истилоҳоти зерин номгузорӣ шудаанд: *чечаки бузакон, гули*

майда, owлаи харакон, гули гулафшон, гули калон-калон, гули қазомуқ, гули қаромуз». Истилоҳи *owлаи харакон* дар Бадахшон дар шакли *obkon* маъмул аст. Дар деҳаи Қади Ҷуйбори ноҳияи Шаҳринав боз бо номи *owҷиқон* маъмул аст.

Гарчанде ки истилоҳоти ифодакунандаи бемории «*гул*»-ро мо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор пайдо карда тавонистем, аммо намояндагони тибби тоҷик то ҳанӯз аз истилоҳоти иқтибосии «*ветрянка*» ва «*кор*»-ро дар ифодаи бемории «*гул*» истифода мебаранд.

Истилоҳоти «*мараз*»-ро забоншинос К.Ш. Тураҳасанов дар мақолаи «Нақши калимаҳои арабӣ дар истилоҳсозии тиббӣ». ба гурӯҳи истилоҳоти тиббие, ки хоси забони форсӣ буда, дар забони тоҷикӣ истифода намешаванд, дохил намудааст [205, с. 47].

Гарчанде ин истилоҳ аз забони арабӣ ба забони мо иқтибос шуда, дар лаҳҷаву шеваҳо хеле васеъ истифода шавад ҳам, вале бояд ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан дар мавзеъҳои Қаратоғ, Чиртак, Ширкент истилоҳи «*мараз*» хеле сермаҳсул буда, ин калимаро дар таркиби калимаҳои мураккаби *овламараз*, *сурхмараз*, *бодмараз, сиёҳмараз* ва калимаи таркибии «*маразӣ*» низ вохӯрдан мумкин аст ва дашноми қабеҳи занҳои ин мавзеъ «*Сиёҳмараз хурад туя* (ро)» мебошад. Инчунин, калимаи *маразӣ* на танҳо дорои мафҳуми «шахсе, ки дар бадан ҷароҳатҳои зиёд дорад» буда метавонад, инчунин, дар ифодаи шахси «зиёнкору, бадкор» низ омада метавонад: *Маразӣ* Сайфуллобой ҳамаи дарахтоя(ро) а(з) бехашон канда партофтас (Т.Ш.). Истилоҳи *чутур* барои намояндагони дигар лаҳҷаву шеваҳо низ ошно мебошад.

Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» вожаи *табхол*, ки муодилаш калимаи *учуқ* дар лаҳҷаҳои мазкур ба ҳисоб меравад, чунин тафсир шудааст: «*табхол* бар вазни абдол; ҷӯшише бошад, ки бо сабаби ҳарорат саврати таб аз атрофи лаб барояд» [278, с. 269].

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки аз сабаби он ки дар ин мавзеъ ҳам намояндагони гӯйишҳои ҷанубӣ ва ҳам намояндагони гӯйишҳои шимолӣ истиқомат доштанашон истилоҳи *табхол* дар шаклҳои *тавхол* ва *учуқ* мавриди

истифода қарор доранд: Гулиҷон, ҳами доруҳака да лавwакот шак, шотим ки *учуқакот* шай шуда раван (Т.Қ.); Ай тарса да(р) лawои Саломат *тавхол* задай буромадай (Б.Ш.).

Доираи истеъмоли вожаи *чахмоқӣ* дар лаҳҷаҳои мазкур он қадар васеъ нест, зеро ин калима танҳо ба намояндагони Ҷамоати деҳоти Қаратоғ маъмул буда, барои намондагони шеваи ҷанубӣ ошно нест. Дар нутқи мардуми куҳансоли ин мавзеъ ба ин маънӣ калимаи лаҳҷавии *доғӣ* низ маъмул аст.

Дар байни ин гурӯҳи истилоҳот мавқеи калимаҳои иқтибосӣ низ бағоят калон аст, махсусан иқтибосоти арабӣ, туркӣ ва русӣ- байналмиллалӣ. Масалан, калимаи *свинка* дар ифодаи номи беморие *ғургӯшак* аз забони лотинӣ дар шакли *schöfula* ба забони русӣ иқтибос шуда дорои мафҳуми «варами гардан ва бехи гӯш» мебошад [303, с. 578]. Бо мурури замон ин калима аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шуда, маънои худро нигоҳ дошта тавонист.

б) номи беморихои гузаранда: *домана /думана* (домана), *зарпарма /зарпармин* (зардпарвин), *оҳим/ грипп* (зуком), *ӯпка*, т*ипиркуло*с */силкасал* (туберкулёз), *дурунрав /дилрав /дилпечак /шикамрав* (исҳол), *хурӯсак* (гулудард) ва ғайра.

Дар мавриди бемор шудан ба касалиҳои гузаранда истифодабарии таркибҳои луғавии *ирим каран, ҳазар каран, парҳез каран, бекора шудан, дар назми ҷон будан, руз шумурдан* ба назар мерасанд. Аз домана дар гузашта яксарияти беморон вофот менамуданд.

Гарчанде дар ифодаи номи беморие зуком дар ҳар манотиқи кишварамон калимаҳои гуногун аз қабили *грип, зуком, сарору* ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд ҳам, аммо дар Ҷамоати деҳоти Қаратоғ, дар деҳаҳои Шунук, Даҳбед, Батош, Имоми Аъзам вожаи *оҳим* дар ифодаи мафҳуми беморие зуком мавриди истифода қарор дорад, ки аз давраҳои аввали рушди забони тоҷикӣ сарчашма мегирад ва овардани решаи ин калима дар фарҳанг аз ин шаҳодат медиҳад.

Чӣ тавре маълум гардид, ин калима бо калимаи *оҳиёна,* ки мафҳуми «устухони болои димоғ»-ро ифода менамояд аз як реша ташаккул ёфтаст [278,

с. 66]. Вожаи сарору дар лаҳҷаи Тагнов низ дар ҳамин шакл маъмул аст [69, с. 90].

Маълум гардид, ки аксарияти вожаҳои ифодакунандаи бемориҳои гузаранда хусусияти лаҳҷавиро касб намудаанд.

в) номи бемориҳои муолиҷавӣ: *киркиракдард /қуртуқдард /гулудард /галундард* (гулудард), *биқиндард* (дарди ду тараф), *миёндард* (бемории дарди миён), *сардард* (бемории дарди сар), *зоб* (зиқи нафас**),** *пилагӣ* (варами бехи дандон), *қандкасал* **(**касалии қанд**),** *гурдадард* (гурдакасал), *ошқазонкасал* (меъдадард), *париwара* (бемории руҳӣ), *шайтоламишwара* (бемории асаб), *бедимоғӣ* (хирагии табъ), *сулфи каwутак* (кабудсулфа), *сурхбод* (бемории захми рӯда), *тарбод* (бемории варами пой), *сиёҳбод* (бемории саратон), *димоғмаҳкамӣ* (махкам шудани бинӣ) ва ғайра. Ин вожаву истилоҳот ба намояндагони ҳам гӯйишҳои шимолӣ ва ҳам гӯйишҳои ҷанубие, ки дар водии Ҳисор зиндагӣ менамоянд ошно мебошад. Гарчанде, калимаи *сурхбод* дар фарҳанг низ дар ҳамин шакл оварда шуда бошад ҳам, аммо тафсири ин калима ба таври дигар дода шудааст: «*сурхбод* - иллати сурх, иллате бошад, ки онро сурхбод гӯянд» [288, с. 155].

Миёни мардуми водии Ҳисор калимаи *сурхбод* дар ифодаи маънии захми меъда маъмул буда, ин беморӣ танҳо тавассути бодхонӣ муолиҷа карда мешавад. Ин бо хурофотҳои динӣ иртиботи зич дошта, аз урфу одати ин мардум шаҳодат медиҳад.

Дар ин бахш калимаҳои иқтибосӣ низ ба назар мерасанд. Масалан, истилоҳи *зоп* аз забони русӣ дар шакли *зоб* маъмул буда, решаи украинӣ дорад ва дорои маънои «фурӯ бурдан» мебошад [302, с. 102].

Вожаи *киркирак* баромади таърихӣ дошта, аз давраҳои аввали рушди забони тоҷикӣ сарчашма мегирад. Гарчанде ин калима дар фарҳанг дар шакли *искирак* оварда шуда, «барҷастагии гулу» тафсир шуда бошад ҳам [278, с. 96], аммо ин ҳамон вожаи *искираке* мебошад, ки бо тағйироти фонетикӣ шакли «*киркирак*»-ро гирифтааст.

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки гарчанде калимаи *димоғ* хоси забони арабист, аммо дар ашъори суханварони асрҳои VI-VIII мисли байти зерин, ки ғолибан аз калимаҳои тоҷикӣ иборат аст, бисёр дида мешаванд:

Гулшан насими дард занад бар *димоғи* мо,

Дидори лола тоза кунад захми доғи мо.

Дар забони тоҷикӣ бо исми *димоғ* калимаҳои зиёде сохта шудаанд, аз қабили *димоғсухта, бедимоғ* ва ибораи фразеологии «*димоғ дуд кардан*» ва ибораи халқии фразеологии «дим*оғ дигар шудан*» низ хеле дар нутқи ворисони лаҳҷаҳои мазкур сермаҳсуланд.

Инчунин, бо калимаи *бод* низ дар ин мавзеъ калимаву истилоҳоти зиёде корбаст мешаванд. Пайдоиши истилоҳи *бодронӣ* бо маросими *бодронӣ,* ки ҳангоми аз танаи шахси бемор рондани бод тавассути дуохонӣ гузаронида мешавад, алоқамандии зич дорад. Истилоҳи *бодронӣ* дар ҳамин мавзеъ боз дар шакли *дамхонӣ* низ маъмул аст, барои ба зуҳур омадани ибораи *owu дам* низ амали бодхонӣ боис гаштааст.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки лексемаи *дам* сарчашмаи худро аз забони авестоӣ мегирад, ки навиштаҷоти зерин далели ин гуфтаҳост: «Лексемаи dam дар забон авестоӣ ва форсии қадим ва дигар забонҳои шохаи эронӣ сабт шудааст» [285, с. 316-317].

Истифодабарии калимаву истилоҳоте, ки ба ҳолати бемор алоқаманданд низ хеле зиёд ба назар мерасанд ва бештари онҳо хусусиятҳои сирф лаҳҷавиро ба худ касб намуда, дар ин шакл дар забони адабии тоҷик роиҷ нестанд, аз қабили *дил беҳазурак |дилайнак* (дил беҷо), *ланҷ шудан* (беҳаракат шудан), *шах шудан* (аз ҳуш рафтан), *маза набудан* (бемор шудан, *алангсаланг* (он қадар сиҳат нашуда, аз ҷогаҳ хестан), *тайтайпопо шудан* (пас аз бемории вазнин аз ҷой хеста, роҳ гаштан), *бекора шудан* (вазнин шудан), *а* (з) *гапу ҳарф мондан* (аз гап мондани бемор), *овлоҳӣ гуфтан* (дар вақти доштани таби баланд дар хоб гап задан), *ҳавлуқа каран* (варам кардан), *қӯзға каран* (авҷ гирифтани дард), *ҷазарак бастан* (аз таби баланд лаби бемор мекафад), *ҷойгир гирифта*н (суқу ҳасуд даромадан), *вовайло* (доду бедод аз сӯзиши дард), *парто-парто* (қайд

кардан), *шай шудан* (сиҳат шудан), *газак гирифтан* (хунук гирифтани захм), *пайса задан* (баромадани захм), *ришта шудан* (лоғар шудан). Ибораи *беҳузур шудан* дар гузашта ба маънои «бемор шудан» низ корбаст мешудааст [288, с. 46].

Дар мавриди феъли «*ришта шудан»,* ки дар ин мавзеъҳо боз бо гунаҳои «*сӯзан гаштан», «қоқ задан», «чуви қоқ шудан», «афгор шудан»* маъмул аст, ҳаминро гуфтанием, ки ин ифода таърихи пайдоиши қадима дорад, гарчанде бо гузашти аём шакли он тағйир ёфта бошад ҳам, вале ин маъноро дар ибораи «*борик ресидан*» пайдо намудем, ки тафсираш дар фарҳанг, маҳз, «лоғар шудан» аст [288, с. 33] Иртиботи калимаи *ришта* бо беморӣ дар лаҳҷаҳои мазкур баръало ба чашм мерасад. Масалан, дар лаҳҷаи қаратоғии ин мавзеъ калимаи *ришта* ба маънои номи беморӣ низ омада метавонад: Гулнозая (ро) афташба нигоҳ карда намешад а(з) ови ҳаром хӯрдана *ришта* шуда мондаст (Ш.Т.). Дар фарҳанг низ ба ин маъно омадааст: «*ришта* - маъруф; ва низ маразе , ки онро *норӯ* гӯянд дар форсӣ ва ҳиндӣ» [288, с. 112]; Ришта - навъе аз даво: Хайринисоя (ро) чақалоқакаш даҳанпазак шудаст, *ришти* берашуми рагнокарда кати тоза кунад, як ба як шуда мерад (Д.Т.); Дар фарҳанг ба ин маъно ибораи *риштаи хатоӣ* - навъе аз даво [288, с. 112] оварда шудааст. Дар байни мардуми ин мавзеъ ибораи «*ришта бастан»* маъмул аст, ки дар деҳаҳои Қади Ҷуйбор, Навобод, Тӯда, Чиртак дар шакли «*дедон бастан»* дар истифода қарор дорад. Кенҷабойба як *ришта баста* да(р) тагаки сари гӯдак мондем, шотим, ки соз шуда равад (Ш.Т.). Дар фарҳанг бошад, ба ин маъно таркиби луғавии «*ресмон тоза кардан* - шифо ёфтан аз бемории саъб омадааст» [288, с.117].

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар лаҳҷаи Қаратоғ дар баъзе мавридҳо калимаи «*ришта*»-ро воҳиди луғавии *ресмон* иваз менамояд: Камзӯлчеката аз кадом *ресмон* гуландозӣ кунам (Қ.Т.).

Ибораи «*маза набудан»* дар «Фарҳанги ибораҳои халқӣ» дар шаклҳои *маза гурехтан* ва *маза рафтан* оварда шудааст, ки маҳз маънои «бемор шудан»-ро ифода менамояд [298, с. 211].

Маълум гашт, ки дар вожагони ин бахш бештар омезиши гӯйишҳои шимолӣ бо гӯйишҳои ҷанубӣ ба назар расида, майдони маъноии ин калимаҳо аз ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд.

***г) номи давоҳо*:** *геран, мушхор, марғелон, хаси чорроҳа, равғани хирс* ва ғайра. Номи доруворихо низ як қабати калони вожагони ин мавзеъро ташкил медиҳанд. Номи доруворихо дар тиб бо номи *истилоҳоти фармасевтӣ* маъмуланд. Оид ба ин масъала муҳаққиқ Х. Сангова чунин овардааст: «Истилоҳоти фармасевтӣ аз номи доруҳо, аз растаниҳои шифобахш, ҳар гуна равғанҳо ё доруҳои бо роҳи химиявӣ ҳосилшуда, иборат мебошанд. Ин навъи истилоҳот байналмилалӣ ҳисобида шуда, аслан, бо забони лотинӣ навишта ва дар дигар забонҳо бе тарҷума, танҳо бо тағйироти овозӣ истифода мешаванд» [189, с. 57].

Дар лаҳҷаву шеваҳо истилоҳоти фармасевтиро сирф калимаҳое, ки хусусияти лаҳҷавӣ доранд, ифода менамоянд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки дар кишвари биҳиштосои мо аз гузашта наъҳои гуногуни гиёҳҳои шифобахш мерӯйиданд. Дар гузашта доруворӣ ва қаланфур, ба мисли абрешим харидорони зиёде дошт ва дар Аврупои асримиёнагӣ ин маводҳо пулро иваз карда метавонистанд. Барои харидорӣ намудани ин маводҳои доруворӣ бо камоли майл тилло, нуқра ва дигар чизҳои медоданд. Ин барои мо одамони имрӯза қаланфур ва дорувори фақат хуришест барои таом. Дар таббохии қадим ва асрҳои миёнагӣ қаланфур ва дорувор истифодаи васеъ доштанд.

Бояд тазаккур дод, ки баъзеи истилоҳоте ки номи давоҳоро ифода менамоянд аз давраҳои аввали рушди забонамон сарчашма гирифтаанд. Масалан, истилоҳи ҳулбаро мутафаккири ҳамадон дар китоби «Қонуни тиб» чунин овардааст: «Андар охири дараҷаи якум гарм ва андар дараҷаи якум хушк аст. Аз рутубати зиёдати холӣ нест» [39. с, 124].

Таҳлилҳо собит намуданд, ки айни замон низ, ин калимаҳо дар лаҳҷаҳои мазкур мавқеи истеъмоли худро аз даст надодаанд, зеро давоҳое, ки дар тибби қадим васеъ истифода бурда мешуданд ба дарди беморон шифо мебахшанд.

Дар ибтидои асри XIX дар бозори Қаратоғ растаҳои махсус буданд, ки рустаниҳои шифобахшро гиёҳшиносони маҳаллӣ аз кӯҳу пуштаҳои деҳаҳои доираи Қаратоғ чида меоварданд .

Истилоҳоти ифодакунандаи номи давоҳоро дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудем:

1) номи гиёҳу растаниҳои шифобахш: *қӯзақарнӣ /к ӯзаи қандин /хоч /сумаки аспак /телпаки морак* (навъи занбӯруғ), *решаи беда* (решаи юнучка), *гули тоҷихурӯс* (як навъи гул), *оқчаир* (шираи камол), *хори марғелон* (як навъи хор), *кинг* (гиёҳи шифобахш барои табобати бемории қанд), *гули кӯкнор* (гули афюн), *ярҳон* (райҳон), *тахач* (растании талх), *ҳулба* (шанбалид), *татум* (рустание, ки доначаҳои турушак дорад), *алафи газанда* (анҷур, газна), *зарчӯwa* (зелол), *ров* (рошак), *торон* (гиёҳи турушмак), *бӯмодарон* (бӯймодарон), шири харак (як навъ гиёҳ), *шивитак* (шибит), *заятӯн* (зайтун), *занҷабил* (қаланфур) ва ғайра. *Зайтун* - меваи маъруф ва он лафзи арабист [288, с. 121]. Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» калимаи *торон* ба маънои тира ва торик оварда шудааст [278, с 264].

Дар рафти таҳлили мавод собит гашт, ки ҳар як вожае, ки дар ин лаҳҷаҳо номи гиёҳу рустаниҳои шифобахшро ифода менамоянд дар забони адабӣ муодилҳои худро доранд. Масалан, *занҷабил* – адрак [278, 75]; *беда* – аспист [278, с.89]; *бӯмодарон* – асиж [278, с. 71] ва ғайра.

Оид ба истифодабири вожаи *шибит* ҳаминро иброз намуданием, ки ин вожа дар лаҳҷаи Рашт, айнан, дар ҳамин шакл дар истифода қарор дошта, ифодакунандаи мафҳуми «як навъи гашничи саҳроӣ мебошад [109**,** с. 103], аммо дар фарҳангҳо шибит чунин маънидод гардидааст: «гиёҳҳест хушбӯ, ки ба ошҳо меандозанд» [299, с. 582].

2**) номи равғанҳои шифобахш**: *рӯғани кучук* (равғани саг), *рӯғани ғоз* (равғани ғоз), *рӯғани хук* (равғани хук), *рӯғани хирс* (барои табобати сулфа), *рӯғани бодом* (равғани бодом), *рӯғани сиёҳдона* (равғани сиёҳдона), *рӯғани зарди даҳсола* (равғани зарди даҳсола) ва ғайра. Ибораи *бодоми талхак* дар фарҳанг дар шакли «арҷан» омадааст [278, с. 77].

3) номи сангҳо ва моддаҳои химиявии шифобахш: *янтар* (санги шифобахше, ки аз шираи дарахт ҳосил менамоянд ва дар гардан барои рафъи бемории зиқи нафас меовезанд), *санги кабуд* (санге, ки ҳангоми дар гирди он гаштан сулфаи кабутак гум мешавад), *марҷон* (муҳрае, ки аз қаъри баҳр пайдо менамоянд, барои табобати ҷигаркасал муфид аст).

Бояд таззакур дод, ки истилоҳи *янтар* ба забони русӣ аз забони фаронсавӣ да шакли anbar ворид гашта, решааш ба калимаи *анбар* -и забони арабӣ рафта мерасад, аммо мутаассифона муҳаққиқ Фасмер ишора намудааст, ки калимаи *янтар* ба забони русӣ аз забони литовӣ дар шакли gintäras иқтибос шудааст [304, с. 558].

Аксарияти вожаҳои ифодакунандаи давоҳо калимаҳои лаҳҷавӣ бошанд ҳам, иддае аз онҳо барои намояндагони дигар лаҳҷаву шеваҳо маъмул мебошанд.

д) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои таваллудкунӣ: *бугуз /дуҷон /ҳомила* (обистан), *зоидан /чашм рӯшан шудан /аз қад ҷудо шудан /аз бадан ғалтидан /сабук шудан* (таваллуд кардан), *сари фарзанд рафтан* (дар вақти таваллудкунӣ вафот кардан), *муборакшавӣ* (ғалтидани ноф), *ширдон* (шикамдардии тифл) ва ғайра. Маънову муҳтавои ин вожаҳо ба ҳамаи ворисони лаҳҷаҳо ошно мебошанд. Теъдоди зиёди ин гурӯҳи калимаҳо аз ғановатмандии гӯйишҳои водии Ҳисор далолат дода, ҳар яке аз онҳо мавриди истифодаи худро доро мебошанд. Масалан, ибораи «*сари хишт рафтан»*-ро танҳо дар мавриди ҳангоми тавлиди тифл гузаштани зани ҳомила истифода мебаранд. Феълҳои *ёфтан* ва *сохтан* низ дар ин мавридҳо серистеъмоланд, ки ин мафҳумҳоро дар ҷумлаҳои зерин дарк карда метавон: Имшаw духтараки Моҳира гӯдакак *ёфтас* (Ю.Т.). И шаw дъхтари Моҳира гълак сохтаст (А.Т.).

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки калимаи *ширдон* дар забони адабии тоҷик ба маънои «чизе мисли каду гӯсфандро ғайр аз шиканба болои шиканба бошад» маъмул аст [288, с. 143].

Гарчанде истилоҳи *обистан* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои *бордор, дуҷон, ҳомила* тафсир шуда бошад ҳам [299, с. 892], аммо дар фарҳанги

«Бурҳони қотеъ» ин калима тафсири хешро чунин ёфтааст: «*обистан* бар вазни донистан; ниҳуфта ва пинҳонро гӯянд; ва ҳар ҳайвоне, ки бача дар шикам дошта бошад», омадааст [278, с. 38].

Ибораи *сабук шудан* дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор мафҳуми «таваллуд кардан»-ро ифода намояд ҳам, аммо дар лаҳҷаи Тагнов ин ибора ба маънои «рафъ шудани беморӣ» низ дар истифода қарор дорад [69, с. 103].

Илова ба ин, бояд қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ ибораи фразеологии «*чашми касе равшан шудан*» ба гурӯҳи ибора рехта дохил шуда, ба ғайр аз маънои «таваллуд кардан», боз маънои «хурсанд хушҳол гаштан» ва «сиҳат ва саломат мондани зан баъди зоидан»-ро дар худ нигоҳ дошта метавонад.

Дар мавриди таваллудкунӣ, инчунин, таркибҳои «*муборакбодӣ рафтан», «гӯдака аз сина ҷудо каран»,* «*гӯдаки ширмак», «гӯдаки чилланок», «нофкунӣ*» дар нутқи ин мардумон ба назар мерасанд. Ин таркибҳо сирф хусусияти маҳаллӣ дошта, муодилҳояшон дар фарҳанг оварда шудааст, ба монанди: *ба чашм хӯрдан* – ба чашм равшании касе рафтан [288, с. 35] ва *тифлро аз пистон буридан* – боздоштани тифл аст аз хӯрдани шир [288, с. 151]; *тифли шир* – тифли ширхора [288, с. 150]; *тифли ҳола* – тифли навзода, ки зиёда аз чанд рӯз ба зоданаш нагузашта бошад [288, с. 151]; *гирифтани ноф* – буридани ноф [288, с. 180] ва ғайра.

Бояд қайд намоем, ки истилоҳи *мома* (доя) низ дар ин мавзеъ хеле серистеъмол буда, ҳам ба маънои модаркалон ва ҳам ба маънои «*доя»* корбаст мешавад: *Момам* имшав касали сахте шуд, ки ҳамая талхакафак кард (Т.Ш.); *Момашда* Гулнисо нарзи дастша додай, бо(з) се метр докаву ду калла собун дигаям битеш гуфтум (Ч.Т.).

Дар гузашта занҳои калонсолони деҳа истеъдоди хуби таваллудкунонӣ доштаанд. Оид ба ин андешаҳои худро донишмандон ба тарзҳои гуногун баён намудаанд: «Кампирони бадаступои деҳа дар таваллуд кунондани занҳои ҳомила нақши калон мебозиданд онҳо то чиллаи тифл баромадан бо зани навзод шабона ҳамроҳ буданд. Подоши момодоягон се метр дока як адад собуни чомашӯйӣ буд» [206, с. 13].

Дар ин мавзеъ ҳангоми таваллудкунӣ, инчунин, ибораи «*нарзи даст*» низ ба назар мерасад. Ибораи *нарзи даст* на танҳо дар лаҳҷаҳои мазкур, инчунин, дар забони адабии тоҷик низ, айнан, дар ҳамин шакл дар истифода қарор дошта, дар луғат низ дар ҳамин шакл омадааст: «*Нарзи даст* - даст ҳалол кардан, поси намак нигоҳ доштан, ҳаққи намак» [288, с. 49].

Пас аз таваллуд калимаи *зардча /зеча* мавриди истифода қарор мегирад. Боварҳои зиёде дар водии Ҳисор дар иртибот бо таваллудкунии зан ба зуҳур омадаанд, ки овардани баъзеи онҳоро ҳамчун намуна лозим шуморидем:

Агар дар паҳлӯи зани зардча арғамчини аз риштаи сиёҳу сафед бофташударо гузоранд, ӯ аз ягон чиз наметарсад.

Агар зани ҳомила дар хобаш гӯшвор бинад, духтар таваллуд мекунад.

Агар дар зани ҳомила дар хобаш кордча бинад, писар таваллуд мекунад.

Агар тайи косаи зани навзоидаро зани дигар хурад, вай ҳам дуҷон мешавад.

Агар зани бачапарто пас аз партофтани бача хӯрок пухта ба зани дигар хӯронад, он зан ҳам бачапарто мешавад.

Агар шиками зани ҳомила ҷӯш бошад, писар таваллуд мекуад.

Агар шиками зани ҳомила хунук бошад, духтар таваллуд мекунад.

е) номи амалиёти зидди бемориҳо: *тумору таштов* (додан тӯмор), *суқбаророн* (баровардани чашм тавассути дуохонӣ), *бардоштани дил* (бастани дил, пас аз тарси сахт бо докаи сафед ва тухми хонагӣ), *дедон бастан* (ҳафт тор риштаи сафедро ба ҳафт гиреҳ баста дуохонӣ кардан), *тав бастан* (дар тухм дуо хонда, дар қӯри оташ гӯр кардан), *лавша кандан* (лавша як навъи беморие, ки одамро харобу лоғар, беҳавсалаю бемадор мекунад, рагҳои таги забонро канда, хуни ҳаромро мерезонанд ва барои хун манъ шудан пучоқи тарбузро сӯхта мегузоранд), *колак задан* (бо алмос бурида хуни ҳаромро резонидан), *момагӣ каран* (бо тухм, орд ва равған), *алас каран* (аловгардон кардан), *да ҳақи момаҳо нукча мондан* (барои момоҳаво хайр кардан, то бемор сиҳат шавад), *сулаймонӣ каран* (агар одам пас аз ғарқ шудан дар об бемор шавад, дар ҳаққи ҳазрати Сулаймон хайр мекунанд, то бемориашон тезтар сиҳат шавад), *да*

чилтано нукча мондан (дар ҳаққи чил тани шаҳидшуда хайр кардан, то шахси бемор тезтар шифо ёбад), *ов чакондан* (пеш аз марг бо пахта об додан), *чилёсин* (чил маротиба ҳазрати ёсинро хондан), *бахшибонӣ* (як намуди таъсири руҳӣ ба бемор), *ҷодубурорӣ* (баровардани ҷоду аз бадани бемор), *тарсчирағмонӣ* (барои шахси тарсидагӣ мондани нӯкча), *ширдонбандӣ* (докаи борикро ба шиками кӯдак ҳангоми исҳол шуданаш бастан), *кирмшипонӣ* (ҳангоми пӯсидани дандон тухми пиёзро месӯзонанд ва аз бӯйи ғализи он кирмҳои дандон мерезад), *танакормонӣ* (ҳангоми пилагишавии дандон бо танакор муолиҷа кардан), *тарк бастан* (бастани сар бо тухму зелол, ҳангоми осеб ёфтани сар), *бодронӣ* (бодро аз бадан рондан тавассути дамхонӣ), *маддакафонӣ* (зардоби захмро баровардан) ва ғайра. Дар «Фарҳанги ибораҳои халқӣ» ибораи «*маддая кафондан*», тамоман, ба таври дигар тафсир шудааст: *маддая кафонидан* – мақсад ва муддаои дилро гуфтан [298, с. 210].

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи *пилагӣ* дар тибб муосир дар шакли *гингивит* (илтиҳоби милки дандон) маъмул аст. Ибораи *кирми дандон* дар тибби имрӯза дар шакли *кариес* (пӯсиши дандон) маъмул буда, ба луғати лотинӣ шомил аст [102, с. 245-247].

Вожаи *кирмшипонӣ* дар ин маврид каме тафсир металабад. Ба зарфи калони чинӣ каме равған мемоланд, сипас, дар он тухми пиёзро месӯзонанд, шахси дандондард ба сараш ҷома партофта, даҳонашро ба коса наздик мебарад, аз бӯйи ғализ кирмҳои дандон меафтанд, ки инро кирмшипон меноманд. Аслан, истилоҳи *суқбарорӣ* ҳангоми маросиме, ки дар он мулло тавассути дуохонӣ ба шахси бемор, гӯё шифо мебахшида бошад, ба сомон расонида мешавад. Муодили таркиби луғавии *суқ расидан* дар ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор ибораи *чашм расидан* ба ҳисоб меравад.

ж) номи макони бо бемор ва табибон алоқаманд: *дхтурхона /беморхона /шифохона* (бемористон), *чилахона* (хонае, ки дар он тифли навзодро нигоҳубин менамоянд), *девонахона,* (беморхонае, ки дар он бемориҳои рӯҳиро табобат менамоянд) ва ғайра.

Маълум гашт, ки асарияти вожаҳои ифодакунандаи номи табибон калимаҳои умумиистеъмолӣ *акушер* (шахси таввалудкунанда), *бахшӣ* (шахсе, ки бахшибонӣ менамояд), *дамгар* (муллои бодроникунанда), *колаккун* (шахсе, ки таввасути теғ хуни ҳаромро мебарад), *лавшакан* (шахсе, ки ҳангоми лавша шудан, рагҳои таги забонро меканад), *эмкун* (шахсе, ки эм мекунад), *гулабардор /гуласафедкун* (шахсе, ки обилаҳои дар гулу ба вуҷудомадаро бо ангуштонаш мекафонад), *рагмол* (шахсе, ки бо роҳи молидан рагҳои шахшударо муолиҷа менамояд), *халакан* (шахсе, ки ҷойҳои аз хунукӣ шахшударо тавассути, маҳз, табобат менамояд). Калимаи *рагмол* дар лаҳҷаҳои тоҷикони Бухоро айнан дар ҳамин шакл омадааст: «касе, ки бо роҳи молидан рагҳои шахшудаи одам ва ҳайвонҳоро табобат мекунад» [264, с. 192].

Маълум гашт, ки дар тасвири забонии ҷаҳони ин мардум хурофотҳои зиёде дар иртибот бо вожаи *ҷоду* пайдо шудаанд. Ҳангоми ба беморӣ гирифтор шудан бархе аз одамон инро ҷоду ҳисобида, шахс, ҳатман ба ҷодубурор муроҷиат менамоянд, ки ин амали онҳо ба пайдоиши вожаи *ҷодубарор* боис гаштааст. Ҷодубаророн анъанаест, ки миёни ин мардум тайи солҳои тулонӣ идома ёфта, боиси ҷангу ҷанҷол ва ҳатто пошхӯрии оилаҳо низ гашта истодааст. Ин маросимро бо пухтани хӯрокҳо ва ширинихои болаззат ба мисли туй оғоз менамоянд. Дар шоҳидии якчанд узви оилаи шахси бемор гузаронида мешавад. Дар ин маврид. лозим донистем вожаи «ҷоду»-ро каме тафсир намоем. Худи ҷоду гуфта, чиро меноманд, албатта ин ҷоду ашёи алафрезакунӣ нест, инчунин, ҷоду кардан маънои «мафтун кардан»-ро надода, баръакс маънои манфиро ба худ касб намудааст, ки ба соҳаи тиб алоқаманд аст. Хурофоте вуҷуд дорад, ки гӯё, агар дар чарми тунук равғани хоми гов ё гӯсфанд бо мӯйи сар ва нохунҳояш шахси ҷодукунанда омехта намуда, назди домулло мебарад ва домулло тавассути сураҳо дар он чарм ҷину аҷинаҳоро ҷой менамояд, то ин ки зиёнашонро ба он шахси ҷодушаванда расонанд. Сипас, шахси ҷодукунанда ҷодуро ба болишт ё курпаи ҷодушаванда тавре бояд пинҳон намояд, ки касе пайхас наравад, аз сабаби дар чарм печонидан бӯйи равғанро эҳсос намекунанд. Вақте ки равған об шавад шахси бемор мемурад.

Ҷодубарор тавассути дуохонӣ ва задани доира, ки овози бениҳоят баланд дорад диққати ҳамагонро ҷалб менамояд, дар ин маврид гӯё аз бистари бемор ҷодуро пайдо менамояд. Бархе аз мардумони донишманди ин минтақа, дар ин маврид, мегуянд, ки шахси ҷодубарор аз санъати чашмбандӣ (гипноз) сахт воқиф буда, он ҷодуро тавассути чашмбандӣ пайдо менамояд, яъне ҳамроҳи худ оварда, дар остин ё ҷайбаш пинҳон намуда, ҳангоми баровардан ба бемор таъсири равонӣ мерасонад ва бемор дар майнааш ҷо мекунад, ки ҳангоме ҷоду пайдо шуд, вай шифо меёбад.

Боварҳоеро, ки бо мафҳумҳои беморӣ алоқамандӣ доранд, дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунем. Дар байни мардуми ин мавзеъ зери таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ бовару эътиқодҳои гуногуне ба вуҷуд омадаанд, ки дар ҷаҳонбинии мардум таъсиргузор мебошанд, бархе аз онҳоро, ки бештар хусусияти этнолингвистӣ доранд, барои намуна бидуни тафсиру таҳлил, айнан, пешниҳод мекунем*:*

Агар одами бемор аз болои одами солим парад, дардаш ба ӯ мегузарад.

Агар дар рӯзи сешанбе сар шӯйӣ, дар косаи бивиҳо мӯйи сар меафтаду бемор мешавӣ.

Агар зани бачамурда ба аёдати зани навтаваллудкарда равад, ин кор хосияти хуб надорад.

Агар дар поёни пойи шахси бемор нишинӣ, бемориаш вазнин мешавад.

Агар рӯзи шанбе ба аёдати бемор равӣ, бемориаш шадидтар мешавад.

Агар дасти кӯдакро бӯса кунӣ, кӯдак касалӣ мешавад.

Агар мӯйи сари духтарон бо порӯб якҷоя шавад, он гоҳ духтарон кал мешаванд.

Агар дар болои шахси алобу аласкарда даро̄ӣ, бемориаш мегузарад.

Агар аз чизе сахт битарсӣ, дар лабат табхол мебарояд.

Агар калтакалос дар дасти одам пешоб кунад, он гоҳ одаме, ки дар дасти он калтакалос пешоб кард, пес мешавад.

Агар тухмро бо ҷурғот омехта намуда, истеъмол намоӣ, он гоҳ пес мешавӣ.

Агар аз болои ягон шахс парӣ, касалиат ба ӯ мегузарад.

Агар муйи сари кӯдак дароз шавад, кӯдак лоғару касалӣ мешавад.

Агар дар таги сари кӯдаки хурдсол китоби Қуръонро нагузорӣ, дар ин ҳолат, кӯдак зиёнвара мешавад.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар ин бахш теъдоди калимаҳое, ки хусусияти лаҳчавӣ доранд, назар ба калимаҳои умумиистеъмолӣ зиёдтар ба чашм мерасад. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки аксари деҳаҳои водии Ҳисор миёни кӯҳҳо ва дар баландӣ ҷойгир буда, то ба беморхона рафтани онҳо мушкилот пеш меояд. Аз ин сабаб, барои табобат табибҳои маҳаллиро даъват мекунанд, ки ин яке аз омилҳои теъдоди зиёд пайдо кардани вожаҳои маҳаллӣ дар ин бахш гаштааст.

3.7. Вожагони ифодакунандаи номи бозиҳо

Чӣ тавре зикр намудем, таҳқиқи калимаву истилоҳоти соҳавӣ яке аз масъалаҳои доғи забоншиносии тоҷик гардидааст. Пас аз Истиқлол дар кишвари мо ба ин масъала ҷиддитар назар менамоянд. Гарчанде дар даврони шуравӣ ба истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забоншиносии тоҷик диққати махсус дода шуда бошад ҳам, аммо он маводҳо фарогири ҳамаи ҷанбаҳои истилоҳшиносиву истилоҳсозӣ буда наметавонанд. Бо фаро расидани Истиқлолият ва забони давлатӣ элон шудани забони тоҷикӣ масъалаи забон аҳаммияти хосса пайдо кард ва ба ҳаде мубрам гардид, ки онро метавон яке аз падидаҳои муҳимми шуури миллӣ ва афкори ҷамъиятии ин солҳо номид [250, с. 11].

Ҳатто мавзуи истилоҳоти забони тоҷикӣ ба андозае мубрам аст, ки дар суханронии Пешвоии муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷашни 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ин масъала чунин зикр гардидааст: «Мо бояд ба таҳия танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар роҳи рушди забони давлатӣ ба шумор меравад, эътибори ҷиддӣ диҳем. Дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника таҳияи истилоҳ ё истилоҳсозӣ ба сифати омили тавонбахши забон дар ҷомеаи мо аҳаммияти мубрам пайдо кардааст» [346].

Истилоҳоти варзишӣ як соҳаи муҳимми истилоҳоти соҳавии забон ба шумор меравад. Гарчанде ба ин масъала бештар муҳаққиқони тоҷик Н. Гадоев, 2012, С. Матробиён, 2012, Р. Сангинова, 2012, С. Ҳалимиён, 2014, Ш. Исмоилов , 2018, Г. Абдуллоева, 2018, А. Шафоатов, 2019, И. Сулаймонов, 2019 даст зада бошанд ҳам, аммо дар бахши истилоҳоти варзишӣ қабати номвожаҳои марбут ба бозиҳо таҳқиқи ҷиддиро талаб менамояд.

Варзиш тарзи ба роҳ мондани ҳаёти солим дар мардуми куҳнабунёди мардуми тоҷик аз гузашта шуғли асосӣ ба шумор рафта, дар ҳар давру забон қурби худро гум накардааст. Ва ин шуғл аз овони кӯдакӣ омӯзонида мешавад. Мо ҳаҷ надорем фаромуш кунем, ки тарғиби тарзи зиндагии солимро ҳанӯз аз

оила ва боғчаҳои бачагона оғоз карда, дар мактаб ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ идома додан зарур аст [243, с. 5].

Машғулиятҳои гуногуни варзишӣ ва ҳар гуна бозиҳо дар ҳаёти гузаштагони мо мавқеи хосса доштанд. Махсусан, дар базмҳо, рӯзҳои ид, туйҳо намудҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ бисёртар намоиш дода мешуданд. Ин амали нек аз тарафи мардуми тоҷик то имрӯз идома ёфта истодааст. Ҳам ҷашнҳои мавсимӣ ва ҳам ҷашнҳои хонаводагиро айни замон бидуни бозиҳои гуногун тассаввур кардан ғайри имкон аст.

Бозиҳо низ аз бойу ғанӣ будани фарҳанги халқ гувоҳӣ медиҳанд, он истилоҳоту вожаҳое, ки дар ифодаи номи бозиҳо то ба имрӯз дар забони мо ҳифз шуда, то ба мо омада расидаанд, аз он шаҳодат медиҳанд. Забон, инчунин падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс ҳувияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад. Илова бар ин, забон яке аз унсурҳои таконбахши таъриху фарҳанг ба шумор рафта, дар он анъана ва суннатҳои халқ ифода меёбанд. Маҳз, тавассути забон инсон арзишҳои маънавии халқи худро ҳифз менамояд ва ба ин арзишҳо арҷи бештар мегузорад [251, с. 5].

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки калимаи *бозӣ* чӣ тавре ки дар забони адабӣ истифода мешавад, миёни намояндагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дорад, аммо дар баъзе лаҳҷаву шеваҳо ба тағйироти фонетикӣ дучор гаштааст. Масалан, миёни тоҷикони арабзабон дар шакли *бӯзӣ* дар истифода қарор доштааст: Ку, бачаҳои мо йак *бӯзӣ* када битийа канӣ [228, с. 212].

Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан дар минтақаҳои Турсунзода, Шаҳринав ва Ҳисор ин вожа дар аксари ҳолатҳо дар шакли *бозӣ-бозӣ* низ истифода мешавад ва дорои маъноҳои гуногун буда метавонад:

1. Ба маънои аслии худ, бо чизе андармон шудан: Рав, луфтакчета гиру қати ҳамроҳакот *бозӣ-бозӣ* карда гард (Қ.Т.); Манижа ҳеҷ каса ғам нимета шикамша сер, кун, бозӣ-*бозӣ* кара мегара (Ш.Т.);

2. Ба маънои беҳуда гузаронидани вақт: Умрата ба *бозӣ-бозӣ* гузарониди, чӣ кор кар (д)ӣ худат медониву худои тепи сарат (Д.Т.); Ба *бозӣ-бозӣ* нисфи умрут гузашт, аку калата кор фармову номаъқулира камтар бъку (Т.Ҳ.);

3. Ба маънои бо касе ҳазл кардан, фиребкорӣ кардан: Ту тирмизак кати ман *бозӣ-бозӣ* накун, ҷояш биёд ба хок яксон мекунам (Н.Ш.); Ба бозӣ-*бозӣ* мана талаву тарака кад, хъдм нафаҳмида мондм, ки чӣ гап шид (Ч.Т.).

Гарчанде дар мавзеъҳои алоҳидаи Тоҷикистон номи бозиҳо гуногун бошанд ҳам, вале маънии онҳо як аст. Гӯйиши ин мавзеъ дар истеъмоли номи бозиҳо аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба куллӣ фарқ намекунад. Азбаски дар ин мавзеъ ҳам намояндагони шеваи шимолӣ ва ҳам намояндагони шеваи ҷанубӣ умр ба сар мебаранд, калимаю истилоҳоти ин бахш низ бо ҳам каме омезиш ёфтаанд. Хусусияти ин гурӯҳи калимаҳоро ба назар гирифта, вожаҳои ифодакунандаи номи бозиҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем:

а) номи бозиҳои духтарона: *алғакбозӣ /ҳуйталак/, ҳоя, авлончакбозӣ /ҳойсуворӣ арғунчакбозӣ* (бодпарӣ, дар шохи дарахт ресмони сахтро мебанданду, дар он мешинанд ва шахси дигар ин ресмони басташударо сахт алвонҷ медиҳад), *парак-парак /симпарак /куртикбозӣ /скалкабозӣ* (бо ресмонча паридан), *сангчабозӣ /санчилбозӣ /панҷакбозӣ* (ҳангоми ин бозӣ, бояд аз замин сангчаҳои ҳаҷмаш майдаро бо кафи даст гиранд ва ҳангоми дар як панҷа даҳто сангча ҷойгир шудан, ғолиб дониста мешаванд), *қолбозӣ /макмак* (ин бозиест, санги ҳамвори паҳнро тавассути як пой ба хатҳои кашида мебарӣ, бояд санги паҳн аз хатҳои кашида набарояд), *каду-каду* (якчанд духтар дастҳоро аз таги дастони духтари якум нишастагие, ки дастонашро дар дарахт ҳалқа кардааст, гузаронида, қатор, паси якдигар ба мисли каду менишинанд ва ба духтари дигар супориш медиҳанд, ки кадуи пухтагиро интихоб кунад ва он духтар ба сари духтарон бо ангуштонаш сахт-сахт мезанад ва садои сари кадом духтаре, ки баланд барояд онро аз байни духтарон бояд ҷудо намояд, ҳангоми натавонистан, худаш ба ҷойи он духтар менишинад), *қамбар-қамбар* (аз хок мақбарачае месозанду болояшро андова менамоянд, бо дастони худ то пайдо шудани мӯй мақбарачаро *қабар-қабар мӯй барор, мӯйи сафедак барор, мӯйи*

сиёҳак барор, гӯён молиш медиҳанд, ҳангоми пайдо кардани мӯй ғолиб дониста мешаванд), *давакдавак* (дар гирди чоркунҷае, ки дар замин кофта шудааст, медаванд), *ҷигарҷигар* (як навъ бозии духтаронае, ки аз 12 нафар зиёд ширкат меварзанд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд ва гурӯҳи якум овози ягон ҳайвонро бароварда, ба хонаи гурӯҳи дуюм ба меҳмонӣ мераванд), *баҷошавакон* (чашми як нафарро бо рӯймолча мебанданд, дигарҳо пинҳон мешаванд, касеро, ки аввал пайдо намуд, дафъаи дуюм чашми ӯро мебанданд), *хоначабозӣ* (аз латтачаҳои гуногун хонача оро медиҳанд, кадом духтарчае, ки хоначаи зеботар оро дода тавонист, ғолиб дониста мешавад), *луфтакчабозӣ* (рӯйи лӯхтакро аз танга тугмаи калон сохта, тавассути ришта оро медиҳад) доираи интишори васеъ дошта, дар нутқи ворисони лаҳҷаҳои ин мавзеъ серистеъмоланд.

Дар ин бахш, лозим донистем, ки истилоҳи *парак-парак* ва *алғакбозӣ*-ро каме тафсир диҳем. Бозии *парак-парак*, аслан дар Ҷамоати деҳоти Қаратоғ бо номи *парак-парак* дар деҳаи Чиртак бо номи *симпарак* маъмул буда, муодилҳои он дар деҳаи Тӯдаи ноҳияи Ҳисор *куртикбозӣ* ва дар байни мардуми Ҳакимии ноҳияи Шаҳринав *искалкабозӣ* (скакалька) ба ҳисоб меравад: *Ман пъри пър шалпар шдм, дига фараи куртикбозира надорм* (О.Т.); Ё, ё бачаҳаки очат мура, Манзурачон намебиёи қати Ашурбивичон иқаҳак *искалкабозӣ* кунӣ (Б.Ҳ.). Воҳиди луғавии *парак-парак* аз такрори калимаи *парак* ба вуҷуд омадааст, ки яке аз маъноҳои калимаи *парак* дар забони тоҷикӣ «садо» ва «нидо» мебошад [6, с.231]. Шояд ҳамин маънои «садо» доштани ин калима боиси чунин номгузорӣ гаштани ин бозӣ шуда бошад, зеро ҳангоми бо ресмонча паридан садои пойҳо хеле баланд мебароянд. Шояд феъли *паридан* дар ин ҳолат дар ташаккули ин истилоҳ мавқеи асосиро бозида бошад. Ин калима дар лаҳҷаи Панҷакент дар шакли *ресмончабозӣ* маъмул аст.

Истилоҳи *алғакбозӣ* боз дар байни мардуми ин мавзеъ дар шаклҳои *бодпарак, бодравӣ ҳайбодбозӣ алғакбозӣ, ҳуйталак, ҳоя, авлонҷчакбозӣ ҳойсуворӣ, арғунчакбозӣ* дар истифода қарор дорад. Аслан, миёни мардуми Батош, Меҳробод ва Қаратоғ дар ифодаи ин навъи бозӣ калимаҳои *бодпарак, бодравӣ, ҳайбодбозӣ* маъмул аст ва дар ташаккули ин калимаҳо феъли номии

бод додан мавқеи асосиро бозӣ менамояд: Духтаратон хаёлӣ шуда рафтас, очаҷон ба ғайри *бодпарак* дастакаша да ягон кори хона намезанад (Б.Т.); Нигина, ғамҳои дилаша *бодрави қати* буроварсос, а(з) дина боза намаки Худойа начашидас (Ҷ.Т.); Очабивем гуфтан, ки чиқа *ҳайбодбодбозӣ* кунӣ, ҳамуқа гуноҳот мерезад (Қ.Т.). Дар деҳаҳои Шунуку Даҳбед ба ин маънӣ калимаҳои *авлонҷчакбозӣ ва арғунчакбозӣ* серистеъмоланд. Ба мардуми Чиртакдара ва деҳаҳои гирду атрофи он, ки гӯйиши намояндагонаш бештар ба шеваи ҷанубӣ майл менамояд, номи ин навъи бозиро бештар дар шаклҳои *ҳуйталак /ҳойталак, ҳоя, ҳойсуворӣ*, ки дар ташаккули онҳо мавқеи феъли *ҳой* (алвонҷ) *додан* басе калон аст, ба забон меоранд. Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки шаклҳои дигари ин истилоҳ *ҳайучак /арғунчак* хоси мардуми Бухоро мебошанд.

Тазаккур бояд дод, ки ин истилоҳ дар аксарияти деҳаҳои Варгандок, Искич, Нилуи ноҳияи Ҳисор дар шакли *алғак* низ маъмул аст: *Алғака,* ки кашан дига гӯдако ғам наметиян *алғабозӣ* кара мегаран (И.Ҳ.). Алғакро аз ресмони ғафси абрешимӣ омода менамоянд, ки дар гузашта онро *аврак* ва *бодпеч* меномиданд ва тафсири ин истилоҳ дар фарҳанг чунин омадааст: «*аврак* ресмоне бошад, ки атфол дар айёми ид ва Наврӯз дар шохи дарахт ва монанди он овезанд ва бар он нишаста, дар ҳаво оянду раванд» [278, с. 125]. Шояд ҳамин истилоҳи *алғаке,* ки дар ин мавзеъ маъмул аст, шакли тағйирёфтаи *аврак* бошад.

Истилоҳи *баҷошавакон д*ар лаҳҷаи Тагнов муодили *ҷогашавакун* дорад [69, с.68]. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки ин калима дар баъзе мавзеъҳо дар шакли *руститавакон*, *пинҳоншавакон* низ маъмул аст.

Ҳамин тавр, маълум гардид, ки номи бозиҳо дар заминаи урфу одат ва маросимҳои мардумӣ пайдо шудаанд.

б) номи бозиҳои писарона: *туббозӣ* (бозӣ бо тӯб), *буҷулбозӣ* (бозӣ бо буҷул, ё устухончаҳо, ки чор тарафи онҳо бо тарзҳои гуногун номгузорӣ шудаанд ва тарафи асосиаш асп, тарафи дигараш хар, тарафи сеюмаш *чук* ва тарафи чорумаш *пук* номгузорӣ шудааст ва агар ҳангоми партофтани буҷул

тарафи аспаш ояд, бозиро мебуранд), *дулдулбозӣ/ чомоқбозӣ /чормаҒзбозӣ* (чуқурча кофта, чормаҒзҳои майда, ки *ҒЕла* ном доранд, дар гирди он ҷамъ менамоянд ва бо чормаҒзи калоне, ки *сакка* ном дораду барои задан аст, чормаҒзҳои хурдро мезананд, агар ба чуқурча чормаҒзҳо ҷуфт афтанд, бозиро буридагӣ ҳисоб мешаванд), *подшобозӣ* (бозӣ бо куттии гӯгирд,), *чиликқаҳрӣ /ликдангал /иликқаҳрӣ* (бозӣ бо чӯбчаҳо). Бозиҳои *дулдулбозӣ* (чормаҒбозӣ), *тоқиҒурбойдӣ* (тоқиҒелонак) *ва мушкеттӣ* (муштҷангак) хоси мардуми Чиртакдара мебошанд.

Аслан, истилоҳи тӯббозӣ дар забонҳои бадахшонӣ, аз ҷумла, рӯшонӣ, шуҒнонӣ, ишкошимӣ, бо номи *putīozi* маъмул аст. Дар ин хусус, муҳаққиқи рус Е.М. Пешерева чунин овардааст: «Бозичае, ки бо он писарон ва духтарон бозӣ менамоянд, тӯб ба ҳисоб меравад, ки дар байни тоҷикони кӯҳӣ ва яҒнобиҳо номи *tup/ tuf* гирифтааст» [170, с. 60]. Ин мафҳум дар забони форсӣ ҳам маъмул аст, лекин дар аксари ҳолатҳо вожаи guy онро иваз месозад. С. Матробов тахмин мекунад, ки вожаи *tup/ /tud* «туб»ба забони тоҷикӣ аз забони туркӣ иқтибос шудааст [133, с. 46].

Агар ба баромади истилоҳи *дулдулбозӣ* жарфтар, амиқтар назар афканем, пас собит месозем, ки пайдоиши номи ин бозӣ бо калимаи *дул* (чуқурчае, ки масоҳати он ба кафи даст баробар аст) алоқамандии зич дорад. Дар деҳаҳои Шунук, Даҳбед ва Имоми Аъзам ин *бозӣ* бо номи *чомоқбозӣ* (чормаҒз) маъмул аст, ки аслан, барои пайдоиши ин истилоҳ худи *чомоқ* (чормаҒз), ки тавассути он ин бозиро оҒоз менамоянд, нақши беандоза гузоштааст. Бархе аз забоншиносон истилоҳи «чомоқ»-ро ба луғати туркӣ шомил медонанд, ки ин андеша чандон дуруст нест, зеро вожаи *чормаҒз* ба забони туркӣ *yongoq* тарҷума мешавад. Дар фарҳанги «Чароғи ҳидоят» оварда шудааст, ки *чумоқ* - зоҳиран лафзи туркист, зеро ки қоф дар форсии асл нест, ба маънии чӯбдасте ба шакли махсуси маъруф. Ва ин аксар ривоҷи аҳли Эрон аст. Ва аҳли Тӯрон аломати ташайюъ донанд, зеро ки пеши арбоби ташайюъ нигоҳ доштани чӯби бодом ба шакли мазкур маснун аст [288, с. 79].

Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар водии Рашт «*дулдулбозӣ»*-ро бо номи *генабозӣ* мешиносанд, ки ин калимаро профессор Ш. Исмоилов чунин шарҳ додааст: «*Гена* гуфта, чормағзи пухта нарасидае, ки зӯран аз пӯсташ ҷудо менамоянд» [109, с. 121]. Дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор бошад, ин навъи чормағзҳоро «*ғелла*» меноманд.

Таҳлилҳо собит намудаанд, ки калимаи *подшобозӣ* низ дар лаҳҷаву шеваҳо муодилҳои худро дорад. Масалан, дар водии Рашт дар шакли *поҳчобозӣ*, дар водии Зарафшон *подшобозию дурраб*ozӣ ва дар баъзе мавзеъҳои дигар бо номи г*угирдбозӣ* маъмул аст. Дар фарҳанги тафсири истилоҳи *бозии миру вазир* чунин дода шудааст*:* «бозиест, ки аксар атфол ва ҷавонон бозӣ кунанд, ки ҳамин маъниро соҳиб мебошад, омадааст» [288, с. 30].

Чӣ тавре ки маълум гашт, дар ин таркиби луғавӣ ба ҷойи калимаи *подшоҳ* муодили он *мир* оварда шудааст, ки ин аз ғановатмандии забони тоҷикӣ дарак медиҳад. Инчунин, ба ғайр аз калимаи *мир,* синонимҳои дигари ин калима, аз қабили «*ҳоким, ҳаким, шоҳ, сарвар, роҳбар»-ро* вохӯрдан мумкин аст, ки ҳар яке аз онҳо мавқеъ ва мавридҳои истеъмоли худро соҳиб мебошанд.

Калимаи *подшо* баромади форсӣ-тоҷикӣ дошта, аслан, дар забони адабии тоҷикӣ дар шакли *подшоҳ* маъмул аст ва ба гурӯҳи калимаҳои қадимаи форсӣ-тоҷикӣ дохил мешавд. *Подшоҳ* - номест форсии бостонӣ мураккаб аз *под* ва *шоҳ*; ва *под* ба маънии пос ва посбон ва нигоҳбон ва пойидан ва дорандагии тахту авранг бошад, чунонки гузашт ва *шоҳ* ба маънии асл ва худованд ва домод ва ҳар чиз, он ба сират ва сурат ва амсол ва ақрои беҳтар ва бузургтар бошад [278, с. 213]. *Подшоҳ*-(ба бои форсӣ, маъруф); таҳқиқи дар вожагони қадима навишта омада ва ин ки дар Ҳиндустон ба бои тозӣ (яъне бодшоҳ) шуҳрат дорад, зоҳиран, аз ҷиҳати истикроҳи ҳарфи аввал аз калимаи мазкур аст, ки ба забони ҳиндӣ қабеҳ аст [288, с. 50].

Гарчанде, айни замон, доираи истеъмоли ин калима каме танг шуда, ба ҷойи он калимаҳои *президент* ва *сарвар* дар истифодаанд, аммо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ин вожа дар нутқи куҳансолон дар айни замон низ ба маънии аслии худ серистеъмол аст.

Илова бар ин, ҳаминро қайд карданием, ки ин калимаро қариб ҳар як адиби тоҷик дар осори худ истифода намудааст ва менамояд. Масалан, устод Айнӣ низ дар повести «Одина» ҷойи ин калимаро муайян карда овардааст: - «Худо *подшоҳ* аст», гуфта нишастан кори бевазанон аст, - гуфт Одина» [317, с. 66]. Як хусусияти барҷастаи С. Айнӣ дар он аст, ки вай маҷолу масалро дар айни тасвири авҷи воқеа кор мефармояд.

Истилоҳи *чиликқаҳрӣ* ифодакунандаи мафҳуми яке аз бозиҳои маъмул ва қадимаи тоҷикона аст. Ин бозӣ дар лаҳҷаву шеваҳои тоҷик бо номҳои гуногун номгузорӣ шудааст. Масалан, дар лаҳҷаи водии Рашт дар шакли *чиликдангал*, дар лаҳҷаи тоҷикони Самарқанд бо номи *чилакбозӣ* ё *чакалакбозӣ*, дар Панҷакент бо номи *чиликбозӣ*, дар Бадахшон бо номи *чӯкӯлӯк* маъмул аст. Аз рӯйи зикри муҳаққиқ В. Гордлевский маълум мешавад, ки дар байни халқи қирғиз ин бозӣ бо номи *cikit ва cikelek*, дар байни туркҳо бо номи *celik* - игра в чижика [74. с.23] маъмул аст.

Истилоҳи *буҷулбозӣ* низ барои намояндагони дигар лаҳҷаву шеваҳо дар ҳамин шакл маъмул буда, дар забони адабии тоҷикӣ ҳам айнан дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дорад. Ин калима аз ду ҷузъ *буҷул* ва *бозӣ* сохта шудааст. Вожаи *буҷул* дар луғати «Бурҳони қотеъ» чунин тафсири худро ёфтааст: «устухони шитолинг ва он дар миёни бандгоҳи соқи пой мебошад ва ба тозӣ каъб мегӯянд [278, с. 55].

Боиси зикр аст, ки дар айни замон лаҳҷаҳои Водии Ҳисор ба мисли дигар лаҳҷаҳо аз исмҳои иқтибосии *шашка, шахмат*, *кубик*, *карта, денди, компютер*, *автомат*, *пистолет*, *мошин*, *хокей*, *футбол* ва *рагатка* бо илова кардани исми тоҷикии *бозӣ* дар қолаби мураккаби вожасозии навъи тобеъ истилоҳоти *шашкабозӣ, шахматбозӣ, кубикбозӣ, карта /қартабозӣ, дендибозӣ, компютербозӣ, автоматбозӣ, пистолетбозӣ, мошинбозӣ, хокейбозӣ, футболбозӣ ва рагаткабозӣ* сохта шудаанд. Истилоҳоти *пабедабозӣ* ва *резинкабозӣ* низ бо ҳамин роҳ пайдо шудаанд.

Истилоҳи *ланкабозӣ* (бозӣ бо пӯстаки тагаш сурбдор) низ дар байни мардуми ин мавзеъ хеле васеъ истифода бурда мешавад. Ба андешаи мо, решаи

ин калима *лама,* «*ламка*»-и забони русӣ аст, ки ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гашта, шакли «*ланка*»-ро гирифтааст. Калимаи *лама*, аслан, аз забони испанӣ дар шакли ilama, ки маънои «ҳайвони аз оилаи ширхорҳои хурди шутурҳои америкоӣ»-ро дар худ нигоҳ медорад, ба забони русӣ иқтибос шудааст [302, с. 112].

Дар ин бахш мо бо калимаи «нардбозӣ» вохӯрдем. Калимаи «нард» баромади тоҷикӣ дошта, дар фарҳанг чунин тафсири худро ёфтааст: «бозии шатранҷмонанд, ки бо сӣ муҳраи сиёҳу сафед ду тос бозӣ карда мешавад» [296, с. 833].

в) номи бозиҳои гурӯҳӣ: *сарҷанг* (ду нафар сари худро ба якдигар мезанад), *муштҷан*г (қувваозмоии ду нафар бо мушт), *куштинг* (қувваозмоии ду нафар тавассути муҳориба), *дастхowонак* /*дастҷиқак* (қувваозмоии ду нафар бо як даст), *тухмҷангак* (дар рӯзи идҳои рамазону қурбон бачаҳо тухмҳоро бо ҳам мезананд, тухми касе шиканад, мағлуб аст), *гӯшмолак/ гуштовонак* (то сурх шудан гӯшро мемоланд, касе тоқат кунад, ғолиб дониста мешавад), *каwкҷангак* (ду кабкро ҷанг меандозанд), *хурӯсҷангак* (ду хурӯсро ҷанг меандозанд), *чавгонбозӣ* (хокей), *бузкашак* (човандозҳо ба чоҳи кандагӣ бузро кашола карда меоранд), *ҷангаратуй* (бо харҳо бузро кашола карда то ҷоҳи кандашуда меоранд), *тановкашак* (ду гурӯҳ шуда ресмонро ба тарафи худ мекашанд, кадом гурӯҳе, ки бандро кашида гирад, ғолиб дониста мешавад), *пайга* (пойгаҳ, давидан), *асптозӣ* (мусобиқаи аспронӣ). Асптоз маъруф аст, ки аспдавонанда бошад [278, с. 87]. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи *човандоз* дар асл шакли *«чоҳадоз* «-ро дошта, бо мурури замон ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шудааст.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар ин бахш дар ифодаи номи бозиҳо калимаҳои мураккаб хеле зиёд ба чашм мерасанд, ки аксарияти онҳо бо калимаи *ҷанг* сохта шудаанд. Муҳаққиқ А. Шафоатов овардааст, ки дар ин маврид, вожаи ҷанг маънои «*ҳарб, муҳориба, қувваозмоӣ*»-ро ифода мекунад ва зимни истилоҳсозӣ бо исмҳои гуногун алоқа баста, номи бозиҳои мухталифро низ ба вуҷуд меорад [234, с. 27].

Калимаву истилоҳоти *аспакбозӣ* (як навъи рақс бо аспаки чӯбин), *нағмабозӣ* (масхарабозӣ), *дорбозӣ* (ҳаракат дар болои банд) дар ифодаи номи бозиҳои хушҳолкунанда марбутанд. Бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки истилоҳи *дорбоз* низ ба луғати забони форсӣ тоҷикӣ шомил буда, дар забони адабии тоҷикӣ боз дар шаклҳои *расанбоз ва ресмонбоз* дар истифода қарор дорад, ки ин аз ғановатмандии забони нобу шевои мо дарак медиҳад.

Ҳар як бозиро дар мавридҳои муайян ташкил менамоянд. Барои гузаронидани бозиҳо вақту соат, замону макон мавқеи муайянро мебозанд. Масалан, бозии *бузкашакро* дар ягон давра дар тобистон ташкил намекарданд, зеро дар ҳавои гарм аспҳо ташна монда, хуб давида наметавонанд. Бозиҳои дорбозию аспакбозӣ, нағмабозӣ дар рӯзи туй гузаронида мешаванд [39, с. 82]. Истилоҳи *дорбозӣ* аз даврахои аввали рушди забонамон сарчашма мегирад, зеро дорбозӣ яке аз ҳунарҳои қадимӣ ва машҳури тоҷикон аст. Гӯштингирӣ яке аз намудҳои қадимии варзиш буда, то ҳол идома дорад. Махсусан, ҳангоми истиқболи ҷашни Наврӯз гӯштингирӣ яке аз қисматҳои муҳимми ин ҷашнҳо гардидааст. Гӯштингирӣ, инчунин, аз соҳаҳои варзиши ҷаҳонӣ мебошад. Гарчанде, истилоҳи *гуштин* дар ин мавзеъ дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дошта бошад ҳам, аммо дар осори ниёгонамон, махсусан дар осори Сайидо, дар шакли ба гуфтори имрӯза наздики ин калима «*куштин», «гуштингир»*-ро ба кор бурдааст [221, с. 62]:

Шӯхи *куштингир* бошад дар фанни худ устод,

Хонаи худ бурдам ӯрову ба зӯри худ фитод [329, с. 448]:

Илова бар гуфтаҳои боло, ҳангоми таҳқиқи мавод собит намудем, ки бо калимаи *бозӣ* як силсила истилоҳоти нав сохта шудаанд, ки онҳо хусусияти этнолингвистӣ ва сотсиолингвистӣ дошта, ба истилоҳоти соҳаи варзиш дохил намешаванд. Масалан, дар суҳбат бо мардуми куҳансоли ин мавзеъ як силсила истилоҳоти иҷтимоии хусусияти маҳалли доштаро бо вожаи бозӣ аз қабили *ӯйношбозӣ* (ишқварзии зани шавҳардор бо марди бегона), *ойимбозӣ* (ишқварзии марди зандор бо зани дигар), *ҷувонбозӣ /ҷувоншинонӣ* (ишқварзии мард бо мард) номбар намуданд. Маълум гашт, ки ин истилоҳот дар як давраи хоси таърихӣ, яъне давраи Аморати Бухоро фаъол буда, ҳоло ба вожаҳои таърихӣ

архаистӣ табдил ёфта, аз истифода баромаданд. Инчунин, дар ин мавзеъ калимаҳои оббоз *аспбоз, гургбоз, морбоз, сагбоз, хурӯсбоз қиморбоз* маъмуланд ва дар гузашта низ дар ҳамин шакл корбаст мешудааанд.

Калимаи *бозингар*, асосан, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан Ҷамоати деҳоти Қаратоғ ба маънои раққос, раққоса мавриди истифода қарор дорад, ки дар фарҳанг низ ин маънои он қайд шудаст: «*бозингар* он ки дар ягон бозӣ маҳорат дорад, монанди дорбоз, раққос, шатранҷбоз» [296, с. 195], аммо бидуни маънои аслии худ ин вожа ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор боз ба маънои «*шахси ҳилагар*» низ мавриди истифода қарор дорад. Инчунин, муодили ин вожа дар баъзе лаҳҷаҳо, аз он ҷумла, Тӯдаву Ноҷии водии Ҳисор вожаи *арғушт* ба ҳисоб меравад ва бештар дар шеваи ҷанубӣ маъмул аст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки калимаи *арғушт* баромади тоҷикӣ дорад. Масалан, дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» калимаи *арғуштак,* ки аз исми *арғушт* тавассути ҳамроҳ кардани пасванди ***-ак*** сохта шудааст, далели ин ақидаҳост: «*арғуштак* – навъе аз бозӣ бошад, ки дӯшизагон ва духтарон кунанд; ва он чунон аст, ки бар сари ду по нишинанд ва кафҳои дастҳоро бар сари зонуҳо моланд ва чизҳо гӯянд ва ҳамчунон нишаста бар саи пойҳо барҷаҳанд ва кафҳои дастҳоро бар ҳам зананд» [278, с. 80].

Маълум гашт, ки барои намояндагони ин лаҳҷаҳо на ҳамаи калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо, ки дар забони адабии тоҷик ва шеваҳои забони тоҷикӣ маъмуланд, ошно мебошанд. Масалан, мафҳумҳои калимаву истилоҳоти «*сахтбоз*-касе ки дар қиморбозӣ дасти тамом дошта», «*хишти қимо*р - хиште, ки бар он қаъбатайн буҷул андозанд», *«суроҳибозӣ* - навъе аз рақс аз олами шишабозӣ», *тосбоз* - касе ки ба тос бозӣ кунад, аз олами шишабозӣ»[288, с. 124, 92,145, 149] барои ин мардумон бегонаанд.

Номи бозиҳо вобаста ба пайдоиш ва доираи интишорашон ба калимаҳои хусусияти умумитоҷикидошта, лаҳҷавӣ ва иқтибосӣ ҷудо мешаванд.

Хулоса, аз таҳлилу таҳқиқи мавод, бармеояд, ки истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор як қисми калони вожагони ин мавзеъро ташкил намуда, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

3.8. Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ

Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар ифодаи мафҳумҳои хешутаборӣ бештар истилоҳоте корбаст мешаванд, ки маънову муҳтавои онҳо барои тамоми мардуми тоҷик маъмуланд. Ҳар як истилоҳ дар забон таърихи пайдоиши худро дорад. Ба андешаи профессор С. Назарзода истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳар чи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст. Ҳангоме ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо бад-он бармехуранд, дар навбати аввал саъй мекунанд, ки дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат ё наздикӣ ба онҳо доранд ва барои аҳли фан ё мардум бештар ошно буда, метавонанд маънои мафҳуми навро инъикос намоянд [155, с. 24].

Мусаллам аст, ки як қабати аз ҳама муҳимми вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисорро калимаю истилоҳоти дорои мафҳумҳои хешовандӣ ташкил медиҳанд. Аслан, худи истифодабарии вожаи *хеш* дар ин мавзеъ, асосан, аз он шаҳодат медиҳад, ки аксарияти ин калимаҳо калимаҳои умумиистеъмолӣ буда, доираи истеъмоли фарохро соҳибанд. Вожаи *хеш* дар фарҳанг ба ҷуз маънии ҷонишинӣ (худ, худам, хештан) боз дар ифодаи мафҳуми *табор, ақрабо, наздикон* оварда шудааст [297, с. 474].

Истилоҳи *хешованд,* ки таркибан сохта буда, аз решаи *хеш* сохта шудааст, низ дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо ҳамин маънӣ зикр ёфтааст [296, с.474]. Ғайр аз ин истилоҳ, дар забони халқ вожаи *хешигарӣ* ҳам пайваста ба кор меравад, ки ин исми маънӣ буда, тавассути пасвандҳои – ӣ, -гар ва -ӣ зинаҳои муайяни калимасозиро аз сар гузаронидааст. Ин калима мафҳуми муносибатро ифода мекунад, муносибате, ки зимни аз як авлод баромадан ё дар асоси никоҳи ду нафар марду зан ба амал омада бошад. Шахсоне, ки дар муносибати хешигарӣ қарор доранд онҳоро дар ин мавзеъҳо *хешованд* меноманд. Истилоҳи *хеш,* гарчанде дар забони адабии тоҷикӣ маъмул бошад ҳам, аммо дар забони

адабиёти классикӣ муодилаш калимаи *табор* ба ҳисоб меравад, ки ба андешаи мо ба ташаккули ин калима вожаи қадимаи русии табор (макони мардуми оворагард, лӯлиҳо), асос гузоштааст. Аммо дар фарҳангҳои этимологии русӣ баромади ин калимаро туркӣ дониста, маъноящро «*лагер*» қайд намудаанд.

Тафсири калимаи табор дар фарҳангҳои пешин чунин оварда шудааст: «Табор бар вазни қатор; дудмон ва хешовандон ва қаробатиёнро гӯянд; ва ба маънии асл ва нажод ҳам ҳаст; дар арабӣ ба маънои ҳалок бошад» [278, с. 268]. Дар аксарияти ҳолатҳо дар забони тоҷикӣ истифодабарии синоними ҷуфти *хешутабор* ба назар мерасад. Дар «Луғати имлои забони тоҷикӣ» бо решаи ***хеш*** истилоҳоти *хешигарӣ, хешованд, хешовандӣ, хешӣ, хешбача, хешутаборчигӣ, хешутаборбозӣ, хешуақрабо, хешутаборӣ* ба қайд гирифта шудаанд [271, с. 261], ки аксаран хусусияти гуфторӣ доранд ва бештар дар доираи нутқи лаҳҷавӣ амал мекунанд.

Истилоҳоти хешутаборӣ дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз забони адабӣ фарқ мекунанд. Зеро як мафҳум метавонад дар як маҳал бо ду ё якчанд вожа мавриди истифода қарор гирад. Масалан, зане, ки аз шавҳари якумаш писардор шуда, писарашро ба хонаи шавҳари дуюмаш меорад**,** ин писарро дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор **кола** ва дар лаҳҷаи Ҳисори ин водӣ *какан* мегӯянд. Маънои луғавии калимаи *кола* дар «Фарҳанги забони точикӣ» «мол, чизу чора, матоъ» аст [296, с. 245]. Аммо дар лаҳҷаи водии Рашт, чунон ки профессор Ш. Исмоилов қайд менамояд ба ду маънӣ роиҷ аст:

а) ҳайвони боркаш, аз ҷинси хару асп;

б) дар таркиби ибораи *сари кола* ба мафҳуми «туйи пеш аз никоҳ, ки дар хонаи домод барпо мегардад» [109, с.65-66], ки ин ҷо ин маъниҳо ба муносибатҳои таборӣ ҳеҷ гуна умумият надоранд.

Маълум аст, ки инсон пайваста ниёз ба истифодаи ин гурӯҳи вожаҳо дорад. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқон ба пажуҳишу омӯзиши ин мавзуъ диққати махсус дода истодаанд. Дар забоншиносии тоҷик то ҳол оид ба вожагони хешутаборӣ, ба ҷуз мақолаҳои алоҳидаи З. Зайниддинова, ки соли 1976 нашр гардидаанд, инчунин, қайдҳои ҷудогонаи Н. Гадоев, 2012, Аъзам Таваккулӣ,

2014 ва Р. Сангинова, 2012, ки дар рисолаҳои худ онҳо оид ба ин мавзуъ мухтасар сухан кардаанд, пажуҳишҳои дигаре ба назар намерасанд, ки ҷанбаҳои ҳаматарафаи ин гурӯҳи вожаҳоро фаро гирифта бошанд.

Воқеан, ин мавзуъ баҳсталаб аст ва дар асоси маводи вожагони лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ таҳқиқоти махсусеро тақозо мекунад. Оид ба вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои хушутаборӣ, албатта, муҳаққиқон фикру ақидаҳои ҷолиб рӯйи варақ овардаанд. Аз рӯйи таҳқиқоти кардаи забоншиносон калимаву истилоҳоти хешутабориро бу ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Истилоҳи хешони ҳамхун;

2. Истилоҳоти хешони ғайрихунӣ.

Вожаҳои хешутаборӣ дар ҳар забон метавонанд калиде барои кушодани рамзҳои ношинохтаи луғатҳо ва истилоҳоти дигар ва ҳамчунин нишонае барои дастёбӣ ба вобастагӣ ва иртиботи забонӣ бо якдигар бошанд, зимни муқоисаи истилоҳоти хешовандии забонҳо шабоҳати фонетикӣ дар бисёре аз забонҳоро мушоҳида мекунем. Аз ин лиҳоз, омӯзишу пажуҳиши онҳо аз ҷониби муҳаққиқон ҳатмӣ ва зарур аст.

1. Калимаву истилоҳоти марбут ба хешони хунӣ. Барои ифодаи мафҳуми «*модар»* дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор воҳидҳои луғавии гуногун истифода мешаванд. Масалан, дар лаҳҷаи Қаратоғ *оча/она,* дар гӯйиши мардуми Чиртак *оча/ апа*, дар лаҳҷаи ғармии ҳисорӣ *ача* ва ғайра. Аз сабаби он ки дар айни замон мардумони гуногун дар ин водӣ зиндагӣ менамоянд. Истифодабарии калимаҳои *ая /оя, бува /бва,* низ ба назар мерасанд. Муодили калимаи *оча* дар лаҳҷаи Истаравшан вожаҳои *нана* ва *бува*, дар лаҳҷаи Роғ шакли *нъна* дар Дарвозу Ванҷ гунаҳои *ума, мъма* ба ҳисоб мераванд.

Чӣ тавре ки мушоҳида намудем, дар гӯйишҳои мардумони деҳаҳои Батош, Шунук, Даҳбед, махсусан дар нутқи насли наврас, дар ифодаи мафҳуми модар истифодабарии калимаи «ма» ба мушоҳида мерасад, ки Н. Гадоев ин падидаро дар лаҳҷаи Тагнов ба мушоҳида гирифтааст [69, с. 59].

Дар ин маврид, ду далелро пеш овардан мумкин аст, якум, шояд ҷавонон тақлид ба русзабонҳо намуда, вожаи «ма»-ро дар ифодаи мафҳуми «модар»

истифода намоянд. Дуюмаш ин аст, ки шояд таъсири гӯйишҳои ҷанубӣ ба онҳо бештар расида бошад. Ба ақидаи бархе аз забоншиносон аз рӯйи мушоҳидаҳо ва аз нигоҳи фонетикӣ истилоҳи *ма* ба калимаи *мама*-и забони русӣ хеле наздик буда, яъне як ҳиҷои ин вожа аст ва бори дигар ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил будани забони тоҷикиро ёдрас менамояд. Вожаи *модар* дар забони олмонӣ дар шакли muter, дар англисӣ *mase*, дар забони полякӣ *matka***,** дар забони русӣ дар шакли *мама* мавриди истифода қарор дорад, аз хешигарии ин забонҳо шаҳодат медиҳад.

Забоншиносон дар чунин ақидаанд, ки вожаи *мама,* ки аз ҳиҷои ҷуфт сохта шуда, дар давраи аввали пайдоиши хат, вақте ки нав одамон кӯшиши бо ҳиҷо навиштани калимаро доштанд, пайдо шудааст. Баъзе аз луғатнигорон чунин мепиндоранд, ки гӯё вожаи *«мама»* аз калимаи туркии *эме /меме* сарчашма гирифта бошад**,** ки ин чандон салоҳ нест, зеро дар забони туркӣ ин калима дар ифодаи мафҳуми узве меояд, ки тавассути он кӯдакро шир медиҳанд, яъне «сина» ё «пистон» корбаст мешавад. Аммо забоншиноси рус А. Дудников вожаи «*мама*»-ро сирф моли забони русӣ медонад [91, с. 61]. Ин истилоҳ дар забони адабии тоҷик дар шакли «*модар*» маъмул аст ва дар луғати «Бурҳони қотеъ» дар шакли «ан» оварда шудааст, ки дар луғати Занду Позанд волидаро гӯянд, ки модар бошад [278, с. 113].

Дар баъзе лаҳҷаҳои тоҷикӣ ифодакунандаи мафҳуми вожаи «модар» истилоҳи *нана* маҳсуб меёбад. Аммо дар забони англисӣ *нана* ифодагари мафҳуми «модаркалон» аст ва аз сабаби он ки бисёр самимию ширин ба гӯш мерасад, дар нутқ назар ба вожаи *grandmother* хеле серистеъмол аст. Дар забони чинӣ низ истилоҳи *нана* ба кор меравад, ки мафҳуми «*модаркалон*»-ро дорад ва дар талаффуз, шакли *няня* пайдо кардааст.

Воқеан, истилоҳи *нана* барои намояндагони шеваи ҷанубии водии Ҳисор дар шакли овозии *нинӣ* маъмул аст, ки маънияш «кӯдак, кӯдаки нав ба дунё омада» мебошад. Аз рӯйи меҳрубонӣ ва дӯстдорӣ муодилҳои дигари он *нинича* ва *нинияк* низ ҷо ҷо ба мушоҳида мерасанд. Ин ҳодиса аз умумияти таърихӣ

доштани лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо дигар забонҳову лаҳҷаҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ гувоҳӣ медиҳад.

Боиси зикр аст, ки истилоҳи *модар* дар баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ синонимҳои лаҳҷавии худро дорад, ки онҳо дар шаклҳои фонетикии *оча,* ача; *нана /нъна*; *ая, оя; бува /бва* мавриди истифода қарор мегиранд. Оид ба ҳудуди интишори ин гурӯҳи вожаҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳоло миёни забоншиносон баҳс идома доранд. Масалан, Н. Гадоев дар рисолаи худ «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» оид ба воҳиди луғавии *ма* чунин қайд намудааст: «Ю.И. Богорад–муҳаққиқи лаҳҷаи Роғ воҳиди луғавии «*ма*-ро ба лаҳҷаи Роғ мансуб дониста, интишори локалии онро аз лаҳҷаи мазкур намедонад**.** Ҳоло он ки дар лаҳҷаи Роғ модарро «ма» не, балки «нъна» мегӯянд» [69, с. 58].

Истилоҳи *падар*, ки дар забони адабии тоҷикӣ дар ҳамин шакл маъмулу маъруф гардидааст, дар лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор муродифҳои зиёд дорад. Дар лаҳҷаҳои шимолии ин водӣ бештар дар шакли *ота, дада /дадо /додо*, дар лаҳҷаи ҷанубӣ дар шакли *бово /аъво /бова* истифода қарор дорад. Дар гӯйиши сокинони Дарвозу Ванҷ дар шакли *боба,* дар лаҳҷаи ҳардурӣ дар шакли *бобак***,** дар лаҳҷаи Тагнов дар шакли *да,* дар лаҳҷаҳои Кӯлоб бо гунаи *ата /ота***,** дар гӯйиши мардуми Мастчоҳу ноҳияи Айнӣ дар шакли *додо и*стифода мешавад**.**

Калимаи *дада* дар қадим шакли *ад /ада*-ро дошта, баъдан, боиси пайдо шудани вожаи туркии *деде* гардидааст**.** Калимаи *ота б*ошад, решаи ҳиндуаврупоӣ дошта, аз қаъри асрҳо ибтидо мегирад ва дар шакли маъмул *otьcь- atta* ба мо омада расидааст**.** Дар истилоҳи *отец*– и русӣ ҳам решаи **otьcь** ба назар мерасад. Дар гузашта, дар байни қавмҳои рустабор дар шаклҳои *отёк, отьнь, отчий* низ корбаст мешудааст [286, с. 194]. Оид ба истилоҳи *падар* ҳаминро бояд зикр намоем, ки дар гузашта дар шакли санскиртии *pitara* маъмул будааст.

Бояд қайд кард, ки гарчанде истилоҳоти *модар* ва *падар* ба гурӯҳи хешони хунӣ дохил шаванд ҳам, истилоҳоти *падаранда*р ва *модарандар,* ки дар ҳамин шаклҳо дар гӯйишҳои ин мардумон низ қарор доранд, ба ин гурӯҳ дохил карда наметавонем. Вожаи *модарандар* дар баъзе гӯйишҳои мардумони ин

мавзеъ, махсусан гӯйиши ҳисориҳои қаротегинӣ дар шаклҳои *моинда/ моҳиндар/ мойиндар* ва дар гӯйиши мардуми Ҷамоати деҳоти Қаратоғ дар шакли *модари угай очаӯгай* истифодааш ба назар мерасад. Истилоҳи *падарандар* дар гуйиши ворисони шеваи ҷанубии водии Ҳисор дар шакли *паиндар /пияндар* ва дар гӯйиши ворисони шеваи шимолӣ дар шакли *падари угай/ отаӯгай* ба кор мераванд.

Дар нутқи ин мардум истилоҳоти *очахон,* ва *отахон* низ ба кор мераванд, ки онҳо ба гурӯҳи хешони ғайрихунӣ мансубанд.

Яке аз истилоҳҳои маъмул, ки бештар диққати забоншиносонро ба худ кашидааст, ин истилоҳи *модаркалон* аст, ки дар лаҳҷаҳои маҳаллии водии Ҳисор дар шаклҳои мухталиф мавриди истифода қарор дорад. Синонимҳои истилоҳи *модаркалон* дар гӯйиши мардумони минтақаҳои Турсунзода ва Шаҳринав *очакалон* ва *очабивӣ, бъвӣ* ба ҳисоб мераванд. Воқеан, дар шеваи шимолии водии Ҳисор *момо /мома* ба ивази вожаи *модаркалон* омада метавонад**.** Ифодакунандаи мафҳуми модаркалон дар гӯйиши мардуми Тагнов вожаи *бӣ,* дар Ёвон *мома,* дар лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ *бивӣ* дар лаҳҷаи тоҷикони Хуҷанд *бибӣ б*а шумор мераванд**.**

Рафти тадқиқ собит намуд, ки дар баъзе мавзеъҳо ифодакунандаи мафҳуми *модаркалон* калимаи *оча* низ шуда метавонад. Дар деҳаи Чиртаки ноҳияи Турсунзода модарро *апа* ва модаркалонро *оча* мегӯянд.

Чуноне ки муҳаққиқ Н. Гадоев қайд кардааст, истилоҳи *бобо* дар лаҳҷаи Тагнов ба мисли забони адабӣ талаффуз карда мешавад [69, с. 58]. Ин истилоҳ дар лаҳҷаи водии Рашт шакли *бowӣ* ва дар лаҳҷаи Қаратоғ гунаи фонетикии *бowa*-ро дорад.

Оид ба истилоҳи *бобо* дар фарҳанг чунин оварда шудааст: *бобо* - падар ва ҷадаро гӯянд, ки падари падар ва падари модар бошад ва саркарда ва ришсафеди тоифаи қаландаронро низ бобо гӯянд [278, с. 135].

Истилоҳи табории *бобо* дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба чанд маъно корбаст мешавад: Ин расму русум а(з) *бowу биwиҳомон* мондагӣ (Қ.Т.). Дар ин ҷумла истилоҳи *бобо* (бо**w**а) дар ифодаи мафҳуми «гузаштагон» корбаст шудааст.

Гарчанде истилоҳи *бобо* дар забони тоҷикӣ ҳамчун калимаи сермаъно мавриди истифода қарор дорад, дар китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳамагӣ ду маънои ин истилоҳ нишон дода шудаасту халос: 1. Падар, волид; 2. Падари падар ё падари модар [295, с. 189].

Чӣ тавре ки маълум аст, истилоҳи *апа* низ ба вожагони хешони хунӣ шомил буда, дар гӯйиши Ҷамоати деҳоти Қаратоғ шаклҳои *апамулло, апачек, буча, ая, ойтӣ, ойтимуллоро* дорад. Тоҷикон аз рӯйи эҳтиром зани аз худ калонро низ «*апа»* мегӯянд.

Воқеан, вожаи хоҳарро мо бо шаклҳои *хорък* дар лаҳҷаи Тагнов, *ховар, хуҳар* дар гӯйиши мардуми Ҳисор, *хоҳарак, хоҳарча*, дар баъзе лаҳҷаҳои шимол *хорак,* дар забони рӯшони *ях* дучор мешавем.

Ҳаминро бояд ёдрас намоем, ки вожаи *хоҳар* дар баъзе лаҳҷаҳои водии Ҳисор бештар дар шакли *ҳамшира* мавриди истифода қарор дорад. Истилоҳи *ҳамшира* дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст.

Истилоҳи *бийёр* дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ мафҳуми «*бародари хурдиро*» ифода мекунад, ки муродифаш дар лаҳҷаҳои шимолӣ вожаҳои *уко /ука* мебошад. Вожаи *балък,* ки хоси лаҳҷаи Тагнов аст, ифокунандаи мафҳуми «*додар*»-и дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад [69, с. 58].

Истилоҳи *таго* дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, шаклҳои *таґа, таґоӣ, тъґойӣ, тоґо, тъґо*-ро гирифтааст. Аз рӯйи гуфтаҳои баъзе донишмандон вожаи *таґо* калимаи туркӣ буда, дар гузаштаи қадим маънои «орзу кардан»-ро доштааст. Ин истилоҳ дар гӯйишҳои маҳаллӣ дар аксар маврид на ба маънои «бародари модар», балки ба маънои маҷозии «пушту паноҳ», «одаме, ки дастгирӣ мекунад» истифода бурда мешавад: Ага(р) Муниса *таґа* медошт, донишкадада дохил мешид (Ҳ. Ҳ.).

Баъзе аз истилоҳоти ифодакунандаи хешони хунӣ дар дар нутқи ҷории мардуми Панҷакент ба тағйироти фонетикӣ гирифтор мегарданд. Аз қабили вожаи *амма*, ки дар ин лаҳҷа шакли *амба*-р**о** гирифтааст [10, с.67].

2. Калимаҳои ифодакунандаи номи хешони ғайрихунӣ. Миқдори вожаҳое, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор мафҳуми хешони ғайрихуниро ифода

менамоянд, назар ба гурӯҳи якум зиёдтаранд. Истилоҳи *зан* (ҳамсар) низ ба хешони ғайрихунӣ мансуб аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар бораи вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми зан дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ З. Зайниддинова пажуҳиши илмиро ба сомон расонидааст [98, с. 162-170]. Аз навиштаҷоте, ки ба мо аз гузаштагонамон мерос мондааст, метавон ба чунин хулоса омад, ки эшон ба ҷинси зан ҳамчун тавлидкунандаи насл ва офарандаи зебоӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд ва воҳидҳои зиёди луғавиро барои ифодаи мафҳуми *«зан»* дар ашъорашон истифода намудаанд. Аз қабили *санам, маъшуқа, бут, турк, кабк, гул , моҳ, парӣ, товус, таноз , ҷонона* ва ғайра.

Истилоҳи *ҷонона* бештар дар нутқи ҷавонони водии Ҳисор истеъмол ёфта, мафҳуми «маъшуқа», «духтари дӯстошта», «духтари писандида» низ корбаст мешавад. Чунон ки гуфта шуд, як қисми асосии вожагони забони тоҷикиро истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ ва калимаҳое, ки бо ин решаҳо сохта шудаанд, ташкил медиҳанд.Масалан, истилоҳоти *қудоталбон, хусурталбон, хушдоманталбон, арусталбон, домодталбо*н, ки дар ифодаи номи маросимҳо меоянд, дар ҳамин замина пайдо шудаанд.

Ин ҷанбаҳоро ба назар гирифта, муҳаққиқ М. Бобоева дар рисолаи худ «Термины брачного родства в немецком и таджикском языках» чунин овардааст: «Истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони олмонӣ бештаранд. Дар забони тоҷикӣ вожаҳое, ки аз решаҳои ҳиндуаврупоӣ сар задаанд, теъдоди зиёд доранд, ки вожаи *зан* аз қабили онҳост. Дар асоси ин вожа дар забонҳои туркӣ ва арабӣ низ калимаҳои нав сохта шудаанд» [7, с. 22].

Воқеан, зан – модар олиҳаи зебоӣ ва рамзи бузургист ва шояд ба хотири бузургиаш дар шеваю лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба мисли дигар лаҳҷаву шеваҳо калимаи мазкур дорои чунин муродифҳои зиёд бошад. Масалан, воҳидҳои луғавии *қъҳгола, авратина, кахоза, кайбону, бева, бапича, бъна-зан, сияҳпича, кампир, ҳамсар, аёл, аврат, валима, заифа, паршикаста, мазлума, мушти пар, хонум, хотун, бону, нозанин, бегим, пошикаста, духтар, завҷа, рафиқа, очаи*

гӯдако, очи бачаҳо, ҳамбистар, ҳамболин, соҳиwхона, арус, келинчак ва амсоли инҳо ифодакунандаи мафҳуми зан-ҳамсар мебошанд. Дар мавриди калимаи «бева» ҳаминро гуфтанием, ки дар забони адабии тоҷикӣ зани бешавҳар ё аз шавҳар ҷудошударо «бева» меноманд [190, с. 44]. Дар осори классиконамон низ калимаи бева ба ҳамин маъно корбаст гардидааст:

Зан гуфт сухан чун рост хоҳӣ,
Мардест на бандию на чоҳӣ.
Ман беваам ин рафиқ дарвеш,
Дар ҳар ду зарурате зи ҳад беш [328, с. 153].

Вожаҳои арус ва келин дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ба ҳамин шакл маъмуланд. Устод С. Айнӣ аз ҷиҳати равонӣ ва хубии услуб барои такрор наёфтани калимаҳо дар асарҳояшон ҳар ду вожаро мавриди истифода қарор додаанд: Арбоб Камол ба худ андеша мекард, ки агар Гуландомро ба худ *келин* кунад, харҷи бисёре хоҳад кашид [316, с. 53].

Гиряе, ки *арус* дар вақти никоҳ мекунад, гиряи шодист, ин аломати ба хурсандӣ розӣ шуданаш аст, дар воқеъ арусшавандаи ҷаноби мир ҳақ дорад, ки ба арусӣ аз ҳад зиёд шодӣ кунад [319, с. 156].

Мусаллам аст, ки вожаи иқтибосии *арус* аз забони арабӣ ва *келинчак* аз забони туркӣ ба тоҷикӣ гузашта, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба хусусияти сермаъноӣ пайдо кардаанд. Гарчанде истилоҳи *арус, келинчак* маънии «духтари номзадшуда», «духтари туйшуда», «духтари туйшудаистода» ва «зани ҷавон-ро фаҳмонад ҳам, вале дар лаҳчаи Қаратоғи водии Ҳисор, агар хушдоман 90 - сола бошаду келинаш 50- сола, келин барои хушдоман келинчак аст. Дар ин маврид, пасванди **-ак** ифодакунандаи мафҳуми хурдӣ набуда, балки дар ифодаи навозиш, дӯстдорӣ, меҳрубонӣ, муҳаббат ба кор меравад.

Бояд ҳаминро ба назар гирем, ки ҳар яке аз ин вожаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор боз мавқеи истифода ва тобишҳои маъноии худро доранд. Масалан, вожаи *ойим-ойимча* бештар дар лаҳҷаи шимолии водии Ҳисор истеъмол меёбад ва ба маънои «маъшуқае, ки марди зандор бо ӯ ишқварзӣ мекунад» роиҷ аст. Вай маънан бо вожаи *любовница-и* забони русӣ мувофиқат мекунад.

Синонимҳояш дар гӯйиши узбекони ин водӣ вожаҳои *чурук* ва *қаплон* ба ҳисоб рафта, бо калимаи тоҷикии *хушдор* ва вожаи туркии *уйнош м*уносибати антонимӣ доранд. Дар гӯйиши мардуми ин водӣ истилоҳоти *кундош* ва *бохчун* дар ифодаи мафҳуми муносибати занҳои як мард корбаст мешаванд. Дар фарҳангӣ «Бурҳони қотеъ» муродифҳои онҳо вожаҳои *амвиснӣ* ва *анбоғ* ба шумор мебошанд: *амвиснӣ* ду занро гӯянд, ки як шавҳар дошта бошанд ва ҳар як мар дигареро *амвиснӣ* бувад [278, с. 113], *анбоғ* ду занро гӯянд, ки дар никоҳи як мард бошанд; ва ҳар як аз эшон мар дигареро *анбоғ* бошад [288, с. 115].

Дар забони шуғнонӣ синоними ин истилоҳ вожаи *абен /абин* мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст пасванди **-ин** дар гузашта маънои инкорро ифода мекардааст. Ин вожа дар ин забон ба маънои «бад дидан» низ корбаст мешавад.

Мушоҳидаҳо далели онанд, ки ҳангоми хурсандӣ ва дар мавриди туйу сур ҳеҷ вақт дар нутқи мардумони водии Ҳисор истилоҳи *паршикаста, пошикаста, заифа ва мазлумаю сияҳпичаро* нисбат ба зан истифода намекунанд. Баръакс воҳидҳои луғавии *занак, занакҷон, хонум, бону, нозанин,* ки дорои тобишҳои маънои услубии хурсандӣ, меҳру муҳаббат ва навозишу меҳрубонӣ мебошанд, дар истифода қарор доранд: *Хонумча***,** бо(з) туйа(ро) кӣ шултур дод, ки да(р) ид куртаи нав кунӣ (Қ, Т.).

Бояд хаминро ёдовар шавем, ки дар ин мавзеъ агар зан пеш аз шавҳараш мирад, шавҳар ба ӯ *гулам* гуфта фиғон мекунад, агар шавҳар мирад, зан *хонам* ё *турам, шоҳам* гӯён нола мекунад. Дар ин маврид, маҷозро истифода бурдани соҳибони лаҳҷа баръалло намоён аст. Зан, дар асл, ба мисли гул зебо, дилкаш ва чароғи ҳар як хонадон аст. Шавҳар бошад, сутуни хонадон, файзу баракат, ободии рӯзгори зан аст.

Одатан, шавҳар миёни занони шеваи шимолии ин водӣ бо истилоҳоти *хӯҷаин, нисбат, мардакҷон, хонадор, мӯсафед, ёр, додош, дадеш, отеш* ифода мешавад. Истилоҳи *домод* дар шеваю лаҳҷаҳои мазкур бо гунаҳои *дӯмод /думод, шоҳ, шаҳ, куёв, подчо* маъруфият дорад.

Оид ба маънову мафҳуми вожаи янга Бобоҷонова М. чунин овардааст: «Воҳиди луғавии *янга* дар забони тоҷикӣ ин бо эҳтиром муроҷиат намудан ба зани шахсе, ки шиноси азизи туст, агар ӯ аз гӯянда калон бошад, агар хурд бошад, *ҷойи* ин истилоҳро калимаи *келин* иваз мекунад» [7, с. 23]. Муродифҳои ин вожа дар гӯйиши мардумони Хуҷанд *келиноя,* ки шакли «кеноя»-ро гирифтааст, мебошад. Дар лаҳҷаи Тагнов бошад, келин дорои муродифи *сънор* аст [69, с. 59]. Шояд ин калима бо вожаи «сестра»-и забони русӣ ягон рақобат дошта бошад.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар баъзе лаҳҷаҳои ин водӣ ҳангоми номгузории хешони ғайрихунӣ синну сол низ нақши муҳимро бозида тавонистааст. Масалан, дар лаҳҷаи Қаратоғ келини калониро *очакелин /онакелин*, келини хурдиро *кенҷакелин* ва аз хурдӣ пешро *улҷа* мегӯянд. Истилоҳи *хуштоман /қайно /қайнона /хъштуман /хушдоман* (модарарус, модаршӯй), *қайсинӣ /яъна /йана /қайсангъл /қайсингил* (хоҳарзан, хоҳаршӯй) доираи интишори васеъ дошта, дар лаҳҷаҳо тафовути ҷиддӣ надоранд. Аммо ҳангоми муроҷиат ба хушдоман вожаҳои *янгамулло, холамулло, амаҷон*, *янгамоҳ, холамоҳ* ва *очаҷон* дар гуйиши мардумони водии Ҳисор мавриди истифода қарор мегиранд.

Ифодакунандаи мафҳуми «бародари зан», ё «додари зан» дар лаҳҷаҳои шимолии водии Ҳисор воҳиди луғавии *қайнӣ* ба шумор меравад. Дар баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин вожа бо истилоҳоти *эвар /ҳевар ва хъсърбурда /хъсърбача* ифода мегардад. Ин истилоҳ дар лаҳҷаи водии Ҳисор дар шакли *хусурбача* ба кор меравад.

Вожаи *хусур* ба гурӯҳи хешони ғайрихунӣ мансуб буда, дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи мафҳуми «падари зан» ва «падари шавҳар» мебошад.

Аз тафсилоти мухтасари боло бармеояд, ки истилоҳоти соҳаи хешутаборӣ як қисмати калони вожагони лаҳҷаву шеваҳои ин мазеъро ташкил медиҳанд. Аксарияти ин калимаҳо дар осори ниёгонамон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Истилоҳоти ин бахш, дар лаҳҷаву шеваҳо аз ҷиҳати шакл гуногун бошанд ҳам, дар маҷмуъ, мафҳумҳои ягона доранд.

Хулосаи боби сеюмро метавон дар бандҳои зайл ифода кард:

1. Таҳлилу таҳқиқи нишон медиҳад, ки вожагони соҳаи зироаткорӣ қисми асосии вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ташкил дода, дар онҳо бештар хусусиятҳои этнолингвистӣ ба назар мерасанд. Иддае аз вожаҳо ба монанди *хирманҷо, хирманкӯбон, хирманбодкунӣ* гарчанде ба гурӯҳи калимаҳои умумистеъмолӣ дохил шаванд ҳам, аммо вожаҳои гандуми *басирбой, гандуми зафар, қайроқӣ, қароқилдир, ватан, зафар, москвич, шарора, жагра* сирф лаҳҷавӣ буда, доираи интишори на чандон васеъ доранд.

2. Дар баъзе лаҳҷаҳои водии Ҳисор аксарияти калимаву истилоҳот ба тағйироти фонетикӣ дучор гардидаанд. Масалан, калимаи *юғу сипор* дар шакли *чиғинаву чапар* дар гӯйиши мардуми Ҳакимии ноҳияи Ҳисор дар истифода қарор дорад. Истилоҳоти *лойшан, ҷомиқурwоқағундорӣ* дар ифодаи амалҳо ва *шоли авангард, йубилей, девзира, авгӯст, нол нӯҳ, нол сездаҳ, марҷон, дандони уштур* дар ифодаи номи навъҳои биринҷ бештар байни мардумони манотиқи Турсунзода ва Шаҳринав маъруфият доранд.

3. Майдони маъноии иддае аз калимаву истилоҳоти соҳаи зироаткорӣ аз байни мардумони ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд. Калимаву истилоҳоти *шармандакаду тамошокаду лифкаду, садафрайҳон, нокпиёз, сурхкартишка* маҳз, тасвири забонии ҷаҳони ин қавмҳоро нишон медиҳанд

4. Аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ серрмаъноиро ба худ касб намудаанд. Ба ин мисол шуда метавонанд калимаҳои *боғбонак, хазонак, дилафрӯз, оби набот, чашми юсуф, чочи гов*, ки ба тағйироти маъноӣ дучор шуда, ба ғайр аз маънои аслиии худ, боз мафҳумҳои «ҳосил аз меваи дуюм», «навъи тут», навъи нок», «навъи харбуза», «навъи ангур»-ро ба худ касб намудаанд.

Дар гуйиши мардуми водии Ҳисор дар ифодаи номи меваҳо вожаҳое корбаст мегарданд, ки дар иртибот бо ранг ба зуҳур омадаанд, аз қабили *себи сурх, ангури сиёҳак, ангури сафедак, ноки сабз* ва ғайра.

Инчунин, калимаву истилоҳоте, ки дар вобаста ба замони пухта расидани меваҳо пайдо шудаанд, дар вожагони соҳаи боғдории лаҳҷаҳои водии Ҳисор

мавқеи муайянро ишғол менамоянд, ба монанди *зардолуи пешпазак, севи тирамоҳӣ, ангури зимистона* ва ғайра. Дар гӯйиши мардумони ин водӣ аксарияти номи меваҳо аз номи одамон сарчашма гирифтаанд.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки номгӯйи меваҳое, ки вобаста ба макон пайдо шудаанд, дар гӯйиши мардумони ин водӣ мавқеи калонро ишғол менамоянд.

5. Хусусиятҳои этнолингвистӣ бештар дар вожагони соҳаи чорводорӣ ба назар мерасанд. Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи аспҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Пайдоиши калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи говҳо бо ҳаёти мардумони ин мавзеъ ва зисту зиндагонии онҳо иртиботи зич доранд.

6. Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки аксарияти вожагони соҳаи моҳидорӣ аз давраҳои рушди забони тоҷикӣ маншаъ гирифта, тасвири забонии ҷаҳони ин қавмҳоро нишон дода, доираи интишорашон аз ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд, аз қабили вожаҳои дар заминаи калимаҳои *чач, такичак, моҳиёwа, қизилмоҳӣ, тӯр, ширмоҳӣ* ва ғайра.

Нақши вожаи моҳӣ дар тасвири забонии ҷаҳони мардумони водии Ҳисор хеле калон буда, моҳипарварӣ таҷассумгари суннату анъанаҳои пешинаи мардуми ин мавзеъ ба ҳисоб меравад.

7. Хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти соҳаи занбӯрпарварӣ дар ин мавзеъ бештар зоҳир шудаанд. Истифодабарии калимаву истилоҳоти *говзанбур, модарзанбур, шаробасал, гуласал* аз ин шаҳодат медиҳанд

8. Хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти соҳаи тиб дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар ҳифз гардидани урфу одатҳои *бахшибонӣ, нӯкчамонӣ, алобгардон, алобу алас, ҷодубаророн, кирмшипонӣ, бодронӣ, дамхонӣ* бештар ба мушоҳида расиданд. Маҳз, ин урфу одатҳои деринаи тоҷикон боиси пайдош шудани ғарам-ғарам калимаву истилоҳот шуда тавонистаанд.

9. Хусусиятҳои этнолингвистӣ бештар дар калимаву истилоҳоте, ки ба таваллуди тифл иртибот доранд ба назар мерасанд. Калимаҳои *нофкунӣ, даступокунӣ, момогикунӣ, оwидамтии, қайтармакунӣ* дар заминаи урфу одатҳои деринаи ин мардумон пайдо шуда, миёни намояндагони ҳам гӯйишҳои шимолӣ ва ҳам гӯйишҳои ҷанубӣ маъруфият доранд. Аксарияти боварҳое, ки дар иртибот бо таваллуди тифл пайдо шудаанд, майдони маъноиашон на чандон васеъ буда, аз гӯйишҳои ин мардумон дур рафта наметавонанд.

10. Аксарияти номи бозиҳо дар ин мавзеъ аз даврaҳои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ гирифта, то айни замон дар ҳамон шакли қадимаи худ мавриди истифода қарор доранд. Бештари калимаҳои ин бахш бо решаи калимаи «бозӣ» ба вуҷуд омада, на танҳо хусусиятҳои этнолингвистиро зоҳир менамоянд, балки хусусиятҳои сотсиолингвистиро ба худ касб намудаанд, аз қабили *ӯйношбозӣ ойимбозӣ ҷувонбозӣ ҷувоншинонӣ* ва ғайра.

11. Вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешовандӣ аксарияташон умумиистеъмолӣ буда, майдони маъноии васеъ доранд. Доираи истеъмолашон аз ин мавзеъҳо дур рафта метавонанд.

Вожагони соҳаи маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле ғановатманд буда, пайдоиши он бо зисту зиндагонӣ ва ҳаёти чандинсолаи мардумони ин водӣ иртиботи ногусастанӣ дорад.

БОБИ IV

ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОНИИ ВОЖАГОНИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

4.1. Решашиносии вожагон

4.1.1. Вожаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ

Қисмати асосии масолеҳи соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисорро калимаҳои аслии тоҷикӣ-форсӣ ташкил медиҳанд, ки ин гурӯҳи калимаҳо аз даврҳои хеле қадими рушди забонамон маншаъ гирифта, бевосита бо рушди ҳунармандӣ густариш ёфта истодаанд. Баъзе калимаҳое ба назар мерасанд, ки таърихи бениҳоят тулонӣ дошта, бо гузашти айём шакли қадимаи худро тавонистаанд нигоҳ доранд, ба мисли *болишт, пилишк, ангубин, арғушт*. Аслан, калимаҳои аслии тоҷикӣ содаву оммафаҳм буда, ба маънову мафҳумҳои онҳо ба тамоми тоҷикзабонон фаҳмоянд.

Равшан аст, калимаҳои аслии забонамон ба мисли калимаҳои аслии дигар забонҳо хусусиятҳои ба худ хос дошта, бо сабабҳои гуногун ба зуҳур омадаанд. Оид ба хусусиятҳои хоси калимаҳои аслии тоҷикӣ забоншиноси варзида Ҳ. Маҷидов чунин ибрози андеша намудааст: «Калимаҳои аслӣ гоҳо бо лексикаи фонди асосии луғавӣ омехта карда шуда, бо онҳо як дониста мешаванд, ки ин дуруст нест. Дар ҳақиқат, қисми зиёди лексикаи фонди асосии луғавӣ ва аслии тоҷикӣ бо ҳам мувофиқат мекунанд. Дар забон мавқеи устувор доранд, ба мафҳумҳои ҳаётан муҳим далолат мекунанд, ифодагари ашёи мушаххас буда, муътадилоҳанг мебошанд. Сарфи назар аз ин ҳама, дар умумияти ин гурӯҳҳо фарқ ҳаст. На ҳар як калима фонди асосии луғавӣ (масалан, калимаҳои иқтибосӣ) ба ҷумлаи аслии тоҷикӣ дохил мешаванд ва баръакс на ҳамаи калимаҳои аслии тоҷикӣ (чунончи, калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ) мансуби фонди асосии луғавӣ мебошанд, пас ин мафҳумҳоро набояд бо ҳам омехт» [141, с. 89].

Дар бораи пайдоиши вожаи *мелок* Ҳ. Маҷидов чунин овардааст: «Рехташавии калимаҳои сохта ва гум шудани қимати пасвандҳои калимасоз низ аз ҳодисаи чандон нодир нест. Масалан, дар калимаи мелок (овезаи зарфи шир) дар муқоиса бо калимаҳои сохтаи бо он мушобеҳи пӯшок, хӯрок реша ва пасванди –ок-ро ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар гузаштаи дур решаи мел ба маънои «шир» истифода мешудааст» [141, с. 92]. Хурми *ҷурғотхоwкунӣ* (хурмаи калоне, ки дар он ширро мойнӣ карда мехобонанд), *чахдег* (зарфи калони сафолие, ки барои дӯғкашӣ тавсия шудааст), *чахчӯw /чалахчӯw* (чӯби сепояи махсус аст, ки чарх зада равғанро аз ҷурғот ҷудо менамояд), *чахник* (ҳалқаҳои махсуси чӯбини бо чарх васлшуда), ч*ахникбанд* (банди чахник).

Ин ҷо яқин аст, ки ҳиссаи *чах* бо калимаи *чарх* алоқаманд аст. Ин андешаро бо ду далел тақвият додан мумкин аст: 1) маънои луғавии *чарх* ҳар чизи мудаввару гирдгарданда буда, ба шаклу хусусияти чахдег ҳам мувофиқ меафтад, зеро ин асбоб мудаввару гирдгарданда аст; 2) дар як қисми лаҳҷаҳои шимолӣ калимаи *чарх* дар таркиби феъли *чарх задан* (давр задан, тай задан) дучор меояд: Раву укет қати йа кӯчаҳоко-йа чарх зада биё (Ш.Т.).

Воқеан, калимаҳои аслии забонамон чунон пуриқтидоранд, ки аз забони мо ба дигар забонҳо иқтибос шуда, дар шакли нав ба забони ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор доранд, ки ҳатто ба форсӣ тоҷикӣ будани худи соҳибзабонон низ шубҳа доранд. Ба ин мисол шуда метавонанд, калимаи *икра* дар ифодаи «тухми моҳӣ», ки аз забони авестоӣ дар шакли аеха - ях мороз ва сипас, ба забони форсӣ гузашта, шакли аех ях-ро ки дар гузашта маънои «ях»-ро доштааст. Ва баъдан, аз забони форсӣ ба дигар забонҳо гузаштааст [301, с. 126]. *Икраҳои* оварагӣ отета да яхдон мон (Қ.Т.).

Дар гӯйишҳои мардуми водии Ҳисор, айни замон, дар нутқи ҷавонон ба ҷойи калимаи *айвон* калимаи иқтибосии *балкон* мавриди истифода қарор дорад, ки дар мадди назар ин калима русӣ-аврупоӣ менамояд.

Ҳангоми таҳлили собит намудем, ки решаи ин калима рафта мерасад ба калимаи форсии қадимаи *болкона*, ки тафсираш дар фарҳанг чунин оварда шудааст: «*болкона*-бар вазни осмона; даричаи мушабаккеро гӯянд, ки тилло ва

ё нукра ва амсоли он, ки аз даруни хона берунро тавон дид ва аз берун дарунро тавон дид; ва баъзе гӯянд *болкона* ба маънии шабакааст муталқан; ниҳояташ он ки аз оҳанку биринҷ ва ғайра бошад, болкона хонанд ва он чи аз чӯбу устухон ва амсоли он бошад, панҷара гӯянд» [278, с. 149]. Ба назари мо ин калима барои пайдо шудани калимаи «балкон» – и забони русӣ замина гузошта тавонистааст. Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ба маънои наваш, яъне «айвон» дар истифода қарор дорад: А(з) *балкон* ҳама ҷои шаҳра дида мешад (Т.Т.).

Агар амиқтар, жарфтар назар афканем, теъдоди чунин калимаҳо дар забони тоҷикӣ хеле зиёд буда, барои муайян намудани мавқеи онҳо дар забонҳои дигар як таҳқиқоти забоншиносии махсус зарур аст. Калимаи *рад* (ряд), ки дар забони форсии миёна дар шакли *ratak* маъмул буда, баъдтар шакли radag-ро гирифта, ба забонҳои дарӣ, тоҷикӣ дар шакли rada ворид шудааст, аз ҷумлаи чунин калимаҳост [285, с. 201].

Ногуфта намонад, ки ин калима, айнан, дар шакли *ряд* истифода шуда, худи ворисони лаҳҷа шояд аз тоҷикӣ будани он дарак надошта бошанд: Йа (як) рядак памадур корем, да(р) байни боимҷоно мешад (Ш.Т).

Воқеан, вожаи *сарафан* дар ифодаи маънои «куртаи занона» ба ин гурӯҳи калимаҳо ворид намудан мумкин аст. Баромади форсӣ-тоҷикӣ доштани истилоҳи сарафан - *sarafan* дар фарҳанги этимологӣ дарҷ гардидааст: *serapo* - либоси одамони бонуфуз [303, с. 561].

Бештар калимаҳои аслии тоҷикӣ барои тасвири забонии ҷаҳони қавмҳои гуногун истифода мегарданд. Масалан, истилоҳи *сарандоз* ва *сарандоздӯзӣ,* ки аслан, занони водии Ҳисор дар маросими туйи арусӣ онро ба сар меандозанд, бевосита ҷаҳони занони тоҷикро инъикос намуда, барои намояндагони дигархалқҳо бегона мебошад ва ҳатто дар фарҳангҳои пешин дар ҳамин шаклу маънӣ омадааст: «Сарандоз ҷомае, ки занон бар сар андозанд»[288, с. 127].

Дар ҳақиқат, ифодаи мафҳумҳо тавассути вожаҳо барои ҷаҳоне, ки қавмҳоро иҳота намудааст, лозим буда, дунёи ворисони лаҳҷаву шева ва забонҳои гуногунро нишон дода, инчунин, аз зисту зиндагонӣ, рӯзгордорӣ, пешаҳои интихобнамудаи онҳо дарак медиҳад. Истифодаи ҳар як калима моро

ба дунёҳои рангоранг бурда метавонад, ки инро мо дар осори боқимондаи ниёгонамон дида метавонем. Бояд гуфт, ки барои таҳқиқи тасвири ҷаҳони ниёгони тоҷикон маводи фаровоне, чи дар шакли хаттӣ ва чи шифоҳӣ, мавҷуд аст, ки тавассути онҳо мо метавонем, бо зисту зиндагӣ ва фарҳангу урфу одати онҳо ва муҳимтар аз ҳама, андешаи ҷаҳони онҳо бо роҳи ковишҳои этнолингвистӣ огоҳӣ пайдо намоем [137, с. 13].

Чӣ тавре ки маълум аст, ба калимаҳои аслии тоҷикӣ вожаҳои *хишт, хиштрез, хиштхона, хиштгузор* низ дохил шуда, ба ҳамин шаклу маънӣ барои намояндагони дигар шеваю лаҳҷаҳо низ ошно мебошанд. Оид ба калимаҳои *курта, куртадӯз, куртапоракун,* ки маҳз, ба соҳаи дӯзандагӣ марбутанд ҳаминро дарҷ сохтанием, ки майдони маъноии онҳо на чандон васеъ мебошад, зеро миёни тоҷикони дигар кишварҳо худи калимаи *курта* дар шакли *пироҳан* маъмул аст. Албатта, ногуфта намонад, ки калимаи пироҳан дар фолклори ин мавзеъ ба чашм мерасад:

Пироҳани ту аз шоҳии гуловӣ,
Нумоли сарат фарангии ноловӣ.
Ин дилаки ман шуда моили ту,
Саргаштаву сарсонам, эй ёраки норовӣ (Қ.Т.).

Яке аз нишонаҳои дигари калимаҳои аслии тоҷикӣ решагӣ ё аз як ҳиҷо иборат будани онҳо маҳсуб меёбад. Масалан, калимаи *ош* ба ин гурӯҳи калимаҳо марбут буда, яъне аз як реша иборат бошад ҳам, аммо дар бобати калимасозӣ мавқеи калонро ишғол намуда, тавассути он калимаҳои мураккаби *ошпаз, ошак, ошӣ, ошхона, оште, ошбур, ошхур, ошкаш* ва *ошдастакун* ба зуҳур омадаанд.

Бояд зикр намуд, ки калимаи *орд* ҳам ба соҳаи маишӣ ва ҳам ба соҳаи ҳунармандӣ марбут буда, дар ташаккулёбии калимаҳои *серорд, каморд, ордов, ордак,* ки ба соҳаи пухтупаз иртибот дорад мавқеи калонро бозидааст. Илова бар ин, бояд аз зуҳуроту ташаккули вожаҳои *пиёва, лаков, моҳиёва* ёдовар шуда, қайд намоем, ки ин воҳидҳои луғавӣ на танҳо ба намояндагони лаҳҷаи Ҳисор ошно ҳастанд, балки барои намояндагони дигар лаҳҷаву шеваҳои забони

тоҷикӣ маъниҳои онҳо маъмул мебошанд. Вожаи *моҳиowa* аз давраҳои аввали рушди забони тоҷкӣ маншаъ гирифта, таърихи куҳан дорад. Ин вожа дар фарҳангҳои пешин низ айнан дар ҳамин шаклу маънӣ дарҷ гардидааст: *Моҳиёба* навъе аз нонхӯриш» [278, с. 190]. Дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор, махсусан дар лаҳҷаи Қаратоғ, маънии аввалаи худро ҳифз карда тавонистааст: *Моҳиowи* пухтагет мазза надорад (Қ.Қ.).

Гарчанде лексемаи *лаков* дар забони тоҷикӣ мафҳуми хӯроки барои гов тайёршударо ифода кунад ҳам, вале дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ бидуни маънои аслии хеш маънии «хӯроки бемаза-ро касб намуда тавонистааст. Албатта, ногуфта намонад, ки дар атрофи пайдоиши ин калима метавон каме мулоҳиза намуд. Шояд, дар ин маврид ба пайдоиши ин калима итилоҳи об /ов нақш набозида, маънои ин калима иртибот дошта бошад, ба маънии воҳиди луғавии *лак*, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин тафсир шудааст: 1.сифла, фурумоя, паст, аҳмақ; 2. сухани беҳуда, гапи бемаънӣ, ҳазён; 3. Асбобу анҷом, палос, пӯшиданҳо, хусусан, куҳна фарсуда [296, с. 592].

Дар ифодаи мафҳуми хӯрок дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» истилоҳи «*лакона»*-ро пайдо намудем, ки маъноyш «ҳасиб рӯдаи гусфанд, ки бо гӯшту чигари кӯфта пур карда мепазанд» мебошад [296, с. 592]. Шояд калимаи лакона ва лаков аз як реша рӯйида бошанд.

Воҳиди луғавии *сар* хусусияти калимасозӣ дошта, тавассути он калимаҳои *сардегӣ* (хӯроке, ки дар муддати кӯтоҳ пеш аз хӯроки асосӣ тайёр карда мешавад), *сарқут* (хӯроки аз кас монда), *саршир* (қаймоқ), *сардастӣ* (хӯроке, ки дар муддати кӯтоҳ омода карда мешавад), *сарак* (сангу сафоли биринҷ), ки хоси соҳаи пазандагианд ба вуҷуд омадаанд. Гарчанде дар гузашта калимаи *сардастӣ* дар забони тоҷикӣ ба маънои «чӯбдастӣ» [288, с. 129] маъмул бошад ҳам, вале ин маънои он, айни замон, ба намояндагони ин лаҳҷаву шеваҳо ошно нест. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шарҳи калимаи сардастӣ оварда шудааст, ки чунин аст: «сардастӣ - чизе ва ё коре, ки дарав ба зудӣ иҷро мешавад» [297, с. 205] Мардумони водии Ҳисор ин калимаро бо ин маъноyш

мешиносанд, ки ҷумлаи зерин далели ин гуфтаҳост: Йа авқотаки сардастӣ напухтӣ, отаҳакат гушни зор (Қ.Т.).

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки бештари калимаҳои аслии тоҷикие, ки дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор корбаст мешаванд решаи ҳиндуаврупоӣ дошта, танҳо якҳиҷоӣ набуда, балки калимаҳои сохта низ буда метавонанд. Масалан, истифодабарии калимаҳои марбут ба вожагони хешутаборӣ, аз қабили *хоҳар, бародар ҳевар/ эвар, ки* бо пасванди қадимаи **-ар** сохта шудаанд, ба мисли дигар лаҳҷаву шеваҳо дар гӯйишҳои ин мавзеъ низ ба назар мерасад. Муҳаққиқи рус С. Иванов оид ба ин масъала ибрози ақида намудааст: «Таркиби овозии **-ар**, - **ор** дар охири калимаҳои духиҷоии *падар, модар, хоҳар, бародар сунҳор, эвар* монанди инҳо ҳанӯз дар ҳиндуаврупоии қадим пасванди махсуси ифодагари мафҳумҳои хешутаборӣ будааст» [106, с. 210].

Инчунин, ба ин ақида таҳқиқоти муҳаққиқи лаҳҷаи Тагнов Н. Гадоев тавқият мебахшад, ки ӯ дар ифодаи мафҳуми вожаи «келин» гунаи» сънор»-ро дар ин лаҳҷа пайдо намудааст [69, с. 59].

Калимаҳои аслии тоҷикӣ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии водии Ҳисор чунон теъдоди зиёд доранд, метавон онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

А. Вожаҳое, ки ҳам хоси забони адабиёти классикӣ ва ҳам хоси лаҳҷаҳои водии Ҳисоранд. Бештари ин калимаҳо ба соҳаи дӯзандагӣ марбут буда, бо рушду такомули забони тоҷкӣ мавқеи аввалаи худро аз даст надода, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар шакли аслии худ сайр доранд. Масалан, вожаи *хиштак* дар фарҳангҳои пешин дар шакли «*хиштча /хиштак* – он порчаи чоргӯша бошад, ки зери баҒали ҷома ва миёни тунбон дӯзанд» [277, с. 393] оварда шудааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ ба ҳамин маънӣ наздик ин калимаро тафсир намудаанд: порчаи чоргӯшае, ки зери баҒали ҷома ва миёни поҷома медӯзанд» [297, с. 482], ки дар гӯйишҳои мардуми ин мавзеъ низ ба ҳамин маъно корбаст мегардад: *Хиштаки* шалвари дадаҳаката камтар кушодтарак гир, Фотимаҷон (Д.Т.).

Истилоҳи болишт, ки маҳз, ба соҳаи дӯзандагӣ марбут аст, бо гузашти солҳо бе тағйироти шаклу маънӣ дар нутқи мардуми ин мавзеъ мавриди истифода қарор дошта, айнан, дар ҳамин шакл, дар фарҳанги «Бурҳони Қотеъ» тафсир шудааст: «Болишт болишеро гӯянд, ки дар зери сар ниҳанд» [277, с. 149].

Илова бар ин, ҳаминро дарҷ намуданием, ки дар гӯйиши мардуми калонсоли Ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Турсунзодаи водии Ҳисор истилоҳи *пинакорӣ* мавриди истифода қарор дорад, ки аз калимаи *пина* ташаккул ёфтааст. Дар «Бурҳони Қотеъ» тафсири калимаи *пина* ба гунаи зерин оварда шудааст: «пина - порчае, ки бар кафш, ҷома ва ҳирқа дӯзанд» [278, с. 261]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънии ин воҳиди луғавӣ «порча,чизи порашуда» [297, с. 61] дода шудааст.

Албатта, айни замон, низ ба ҳунармандӣ бештар мардуми куҳансололи ин мавзеъ шуғл меварзанд ва аз ин лиҳоз, калимаҳои аслии тоҷикиии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандиро низ аз забони онҳо бештар шунидан мумкин аст. Масалан, маънову муҳтавои вожаи бахала, ки марбут ба соҳаи чармгарӣ аст, дар фарҳанг тафсири худро чунин ёфтааст: «бахла пӯсте бошад, ки ба андоми панҷаи даст дӯзанд ва миршикорон бар даст кашанд ва чарғ ва боз ва шоҳинро ба даст гиранд» [277, с. 202], маънии аслии худро то айни замон дар ин гӯйишҳо ҳифз намудааст.

Бояд ҳаминро дарҷ намуд ки вожаҳои *пордум* ва *пордумдӯзӣ*, ба соҳаи чармгарӣ мансубанд, гарчанде сайри таърихи намуда бошад ҳам, аммо то айни замон ҳам дар забони адабии тоҷикӣ, ҳам дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, инчунин, дар гӯйишҳои мардуми водии Ҳисор дар шаклу маънии аслии хеш, чӣ тавре ки дар луғатҳо шарҳи худро ёфтанд: «Пордум он чарме бошад паҳн, ки бар паси полони чорво дӯзанд ва бар паси рони чорво андозанд. Ва баъзе гӯянд чарме бошад, ки бар паси зини асп банданд ва бар зери думи асп андозанд» [278, с. 213].

Воҳидҳои луғавии *чоруқ, мӯкӣ, маҳсӣ, мӯза, доирасоз, торак, саҷов, чармгар, чармгарӣ, пустак, маҳсидӯз, тулумдӯз, пустакдӯз, мӯзадӯз, мӯкидӯз*

пӯсткан, пӯстфурӯш, андоз, андозагирӣ, бахийадӯзии соҳаи чармгарӣ низ ба ин гурӯҳи вожаҳо ворид карда метавонем.

Ҳангоми таҳлили мавод таваҷҷуҳи мо ба истилоҳи *кемухтгарӣ*, ки ин як шохаи чармгарӣ мебошад, бештар афзуд, зеро айни замон, доираи истеъмоли ин калима дар забони тоҷикӣ хеле танг шуда, гарчанде бештар дар осори ниёгонамон ба назар расад ҳам, аммо дар нутқи косибони қаратоғӣ то айни замон корбаст мешавад. Ин калимаро муҳаққиқон бо гунаҳои гуногун шарҳу возеҳ додаанд. Косибони соҳаи коркарди пӯст аз пӯсти хар ва асп ба таври махсус чарм тайёр мекунанд, ки онҳо *кемухтгар* ном доранд.

Шарҳи калимаи *кемухт* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин аст: «Кемухт пӯсти ба таври махсус даббоғӣ кардашудаи хару асп аст; чарме, ки донаҳои майдаи барҷаста дорад» [295, с. 549]. Бар хилофи ин андешаҳо, Муҳаммад Ғиёсуддин қайд мекунад, ки асли ин калима аз гевомӯхт аст ва ҳамчун кемухт маъруф аст; ва «Сомонӣ дар кофи форсӣ оварда, ки асли ин аз гевомӯхт буд, чи Гев, вақте ки дар саҳроҳои Туркистон пинҳон мешуд, аз пӯсти гӯрхар кемухт сохт ва аз ӯ дигарон омӯхтанд» [267, с. 185].

Мусаллам аст, ки аксарияти калимаҳои соҳаи кулолӣ низ то айни замон дар шакли қадимаи худ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор дар истифода қарор доранд. Инчунин, бо реша вожаҳои зиёде, ки маҳз, ба вожагони соҳаи ҳунармандӣ марбутанд сохта шудаанд, аз қабили *косагар, косатарош, косагул* ва ғайра. Гарчанде калимаи *коса* дар гӯйишҳои ин мардумон ба мисли забони тоҷикӣ синонимҳои зиёд дошта бошад ҳам, аммо ин вожа бештар дар шакли аслии худ, яъне *коса* мавриди истифода қарор дорад. Дар осори адибон низ вожаи коса дар ҳамин шакл омадааст :

Гарчи рӯзӣ аз рӯкафи ҳоҷ аст, рӯзидеҳ худост,
Бар сари рӯзихурон хуш нест зи ӯ миннат ниҳӣ.
Нест ӯ ҷуз *косаву* кафгир деги ризқро,
Беҳ, ки бошад косаву кафгир аз миннат тиҳӣ [321, с. 185].

Он *косагаре,* ки косаи саҳро кард,
Дар *косагарӣ* санъати худ пайдо кард .

Бар хонаи вуҷуди мо нигун коса ниҳод,

В-он *косаи с*арнагун туро расво кард [330, с. 80].

Калимаҳои ба соҳаи оҳангарӣ марбутбудаи гунаҳои *дарawшпарма, теғ,* оҳангар, сӯзангар, мисгар, наълкор, кордсоз, кордча, зин, занг, теша, *новтеша, човқу, деги мисин, деги оҳанинро* низ дар фарҳангҳои пешин ва осори ниёгонамон дар ҳамин шакл корбаст шудаанд.

Таркиби луғавии *деги мис* дар ибораи халқии «Сар деги мис барин»-одами саркалон дар ин водӣ корбаст мешавад.

Воқеан, калимаи теғ бештар маънии «корди киссагӣ» ва «поку»-ро дода метавонад. Дар деҳаҳои Шунук, Батош, Даҳбеди Ҷамоати деҳоти Қаратоғи водии Ҳисор ба маънои корди киссагӣ бештар меояд: А(з) нуги *теғи* отаҳакат хун мечакад, Гуличон ин кора накун, ки пушаймон мешӣ. Муйи сараша *теғ* кати покиза тарошидаст (Ч.Т.).

Дар лаҳҷаҳои мазкур истифодабарии калимаи *ова* ба маънои «нақши гирди сӯзанӣ, ки бо кӯки занҷирак дӯхта мешавад» назаррас аст. Ин калима, хушбахтона дар фарҳангҳои пешин низ тафсир шудааст, аммо дар шакли *оваҳ* оварда шудаааст: «оваҳ - занҷираро низ гӯянд, ки нақкошон ва дӯзандагон бар канори чизҳо бикашанд ва бидӯзанд» [278, с. 64].

Маълум гашт, ки ҳунари асптозӣ миёни тоҷикон маъмул аст, ки истифодабарии ин калима аз фарҳанги волои мардуми тоҷик дарак медиҳад. Дар баробари ин қабилаҳои ориёии Евросиё ва Осиёи Миёна нахустин ромкунандагони аспҳо ва уштурҳои ваҳшӣ буда, онҳо зоти тезаки саворӣ ва уштурони боркаши бохтарӣ (бухтӣ)-ро тавлид ва тарбия кардаанд [249, с. 51]. Ин воҳиди луғавӣ бо маънои аспдавонанда миёни ин аҳвом маъмул аст: Миралӣ а*сптозир*а наметуна, чида бъзкашакуш бурден (Т.Ҳ.) Калимаи асп дар забони форсии қадим шакли «asa»-ро доштааст [90, с. 29].

Вожаи *наъл* дар нутқи мардуми ин водӣ хеле серистеъмол аст, ки ниёгонамон низ, айнан, дар ҳамин шакл дар истифода қарор додаанд:

Суми аспон зи оташ *наъл* баста,

Зи хун баргустувонҳо лаъл баста [327, с. 160].

Калимаи *тахбандӣ* мафҳуми чидани кӯрпаҳоро бо як равиши муайян чизе дар худ ниҳон медорад, аммо дар забони тоҷикӣ бидуни маънии аслии хеш боз маънои «чизе, ки пеш аз хӯрдани шароб ва ғайра хӯранд»-ро соҳиб аст, [288, с. 66], ки ин маъноиш барои намояндагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ошно нест.

Воҳиди луғавии *ғирев,* ки ба вожагони соҳаи маишӣ, аниқтараш маросимҳои маргу азодорӣ мансуб аст, дар нутқи мардуми сокинони ин водӣ маънои «доду фарёд, фиғон»-ро дода метавонад: Ии рӯза Худоҷон ба сари ҳиҷ кас набиёрад, доду *ғиреви* Азизайа медидӣ, бечора чанд бор аз ҳуш рафт (М.Т.). Маҳз, дар ифодаи ин маъно корбурди он дар осори пурғановати ниёгонамон хеле зиёд ба назар мерасад:

Ғиреву кӯс дода мурдаро гӯш,
Димоғи зиндагонро бурда аз ҳуш [327, с. 160].

Чӣ тавре ки зикр намудем, калимаи теғ ба маънои «корди киссагӣ» дар байни мардуми водии Ҳисор маъруфият дорад: А нуги *теғи* отат хун мечика, ҳоли отаи ту қасос нагирифтай, бгушон иқа хурсандӣ накунан (Қ.Ш.).

Дар ҳақиқат, калимаи *боронӣ* вожаи қадима буда, тафсири он дар фарҳангҳо ба таври зайл дода шудааст: «ҷомаи сақирлот, ки барои муҳофизат аз борон пӯшанд» [288, с. 32], маҳз, ба ин маъно истифодабарии он дар гӯйишҳои мардуми ин мавзеъ ба назар мерасад. Ин вожа дар забони адабии тоҷикӣ ба маънои «боридани борон» ҳам ба корбаст мегардад:

Ин шаби туршрӯйи боронӣ,
Кулбаи модарам ба ёд омад.
Боми ӯ мечакад зи боронҳо,
Дар дилам оламе ба дод омад [325 , с. 38].

Вожаи *ширинихӯрон* дораи интишори васеъ дошта, ба маънои аслиаш миёни ин мардумон маъруфият дорад. Дар фарҳанг маънои ин калима чунин оварда шудааст: «ҷашнест, ки дар вақти муқаррар кардани нисбати арусу домод кунанд пеш аз катхудоӣ» [278, с. 143]

Воқеан, вожаи *заҒора* калимаи умумиистеъмолӣ буда, маънои асосиаш «нони аз орди ҷӯворӣ омодакардашуда» мебошад. Дар айни замон дар гӯйиши

мардумони ин мавзеъ ғайр аз маънои аслии худ боз ба маънои «нони хушкшуда» мавриди истифода қарор дорад.

Ҳамин тавр, теъдоди вожаҳои тоҷикие, ки ҳам хоси забони адабиёти классикӣ ва ҳам хоси лаҳҷаҳои водии Ҳисор мебошанд дар гӯйишҳои мардумони ин водӣ хеле зиёд ба назар мерасанд**.**

Б. Вожаҳое, ки шакли овозии худро каме тағйир доданд. Калима ва истилоҳоте, ки шакли овозии худро каме тағйир додаанд теъдодашон дар лаҳҷаҳои мазкур хеле зиёданд. Ба ин гурӯҳ бевосита калимаи *чароғ* ворид мешавад, ки ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, шакли *чироғ*-ро гирифтааст: *Чироғи* owарагетона ду бӯлак кару монд, аз дастакаш гифтаҳак ягон ҷоҳаки баландиба намондед (М.Т.).

Гарчанде дар водии Ҳисор ҳам ба мисли дигар мавзеъҳои кишварамон дар айни замон аз қувваи барқ истифода намоянд ҳам, аммо чароғсозӣ ва истифодаи он дар кӯҳҳо аз байн нарафтааст, ки истифодабарии калимаҳои *шайтончироғ, сиёҳчироғ, осмончироғ, пилтачироғ* миёни мардумони ин мавзеъ далели ин гуфтаҳост.

Маълум аст, ки ба чароғ ниёзи мардум бештар аст, аз ин лиҳоз, дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор бештар ибораҳои халқии зиёде бо калимаи *чароғ* корбаст мешаванд, аз қабили *чироғ аз раҳат намонад* (ба вақту замони худ хомӯш кардани чароғ); Кору бораката, ки кара шудӣ, барвақтар хов рав *чироғ* аз раҳат намонад (Ш.Т);*чироғ* даргирифтан (ба пешравӣ оғоз намудани кори касе); Мунавварҷон савдоба гузашту чироғакаш даргирифт (Д.Т.); *чироғи падару модара даргирондан* (дар хонаи истиқоматкардаи падару модар истиқомат намудан ва он ҷойро обод карда шиштан); Куҷо мерӣ дар ин нотинҷиҳо, *чироғаки* падару модаката даргиронда шин; *чароғаш* равшан (шод ва масрур); Дугонема дида дилам гуловид, а бачаҳакаш омадаги *чироғаш* равшан (Ш.Т.).

Аслан, тафсири вожаи *чароғ* дар фарҳанг чунин оварда шудааст: «асбоби рӯшноист, ки аз фатила ва равған иборат буда, дар зарфи махсуси сафолӣ ё чӯянӣ гузошта мешавад» [296, с. 526].

Дар фолклори мардуми ин мавзеъ ин истилоҳ васеъ истифода мешавад, ки рубоии зерин далели ин гуфтаҳост:

Дузанда шудам дар шаҳраки бегона,
Ин ёраки ҳисории ман бечора.
Чироғаки хонеша гирон дидам,
Парвона шаваму гарам гирди он хона (Ш.Ш.).

Мусаллам аст, ки калимаи *гиребон* дар осори ниёгонамон дар шакли аслии худ хеле зиёд корбаст шудааст:

Чун шамъ зи бас оинасомони баҳорам,
То новаки оҳам сару баргаш пури рангест.
Бедил гуҳари ишқ ба баҳрест, ки ин ҷо,
Оинаи ҳар қатра *гиребони* наҳангест [315, с. 149].

Бо мурури замон ба мисли дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ин калима ба тағйироти фонетикӣ дучор гашта, дар нутқи намояндагони шеваи шимолии водии Ҳисор дар шакли «гиреwон» ва дар нутқи намояндагони шеваи ҷанубӣ дар шакли «гиреwун» мавриди истифода қарор дорад.

Ҳангоми таҳлилҳо собит намудем, ки агар вожаи *геребо*н ба маънои «ҷузъи куртаи занона» корбаст шавад, дар бештари холатҳо ба худ суффикси ифодакунандаи хурдию навозиш -ча-ро гирифта, дар шакли *гиреwонча* дар истифода қарор мегирад*: Гирwончи* курти мана паҳми бад духтас, Очи Зиёдулло, ҳозирак гифта бурда да(р) саракаш зада мебиём (С.Ш.).

Ин калима, агар дар ифодаи маънои «ҷузъи куртаи мардона» ояд, дар шакли *гиреwон* корбаст мегардад: Гире*wони курти* Собира дида намешад, қарқи холӣ, мегӯйи курти ягон даҳмардая пӯшидагӣ бошад (Ҷ.Т.).

Воқеан, калимаи *чашмак* дар нутқи ворисони лаҳҷаҳои мазкур дар шакли «чишмак» корбаст гардида, бидуни ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гаштанаш, инчунин, сермаъноиро низ ба худ касб намудааст. Ин вожа ба ғайр аз маънои аслии худ боз ба маъноҳо «нигине, ки бо он ангуштаринро оро медиҳанд» маъмул аст: *Чишмаки* чалема сурх кунед (Ш.Т.). Маънои дигари он дар забони

адабии тоҷикӣ «пойафзор ва кафш» [278, с. 347] мебошад, ки ба мардуми ин мавзеъ ошно нест.

Ҳамин тариқ, теъдоди калимаҳои тоҷикие, ки шакли овозии худро каме тағйир доданд дар гӯйишҳои ин мардумон назаррас буда, ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

В. Калимаҳои тоҷикие, ки шаклу маънии лаҳҷавӣ пайдо кардаанд. Теъдоди ин гуна калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба назар мерасанд. Масалан, калимаи *кавутак /кабутак* маънои лаҳҷавӣ пайдо карда, бидуни маънои аслии худ боз ба маънои «алочаи рангаш кабуд», ки дар маросими маргу азодорӣ истифода мебаранд: Калтачи а (з) *алочи кавутак* дӯхтагема пӯшам, бо мардум нагӯн, ки мурди отеш нав мурдасу фасон шуда гаштаст (Ш.Т.).

Вожаи *гулобӣ* дар ифодаи мафҳуми як навъи ранг барои ҳамаи тоҷикзабонан ошност. Миёни мардуми ҳунарманд ва кишоварзи водии Ҳисор маъноҳои «навъи харбуза» ва «навъи матоъ» маъмул буда, маънои дуюми он дар фарҳанг низ дарҷ гардидааст [310, с. 233].

Калимаи *лолагӣ,* ки аз исми *лола* ва пасванди **-ӣ** ташаккул ёфтааст, дар лаҳҷаи қаратоғии водии Ҳисор ба маънии «алочаи рангаш сурхи лолагӣ» корбаст мешавад. Ба ин гурӯҳ калимаҳои *парипаша* (алочае, ки хеле шафоф бофта шудааст ва ба пари паша монандӣ дорад), *пӯстимор* (алочае, ки басо маҳину нозук бофта шудааст ва матои он ҷило дорад, ки ба пӯсти мор монанд аст), *сиёҳу сафед* (алочае, ки аз ду ранг бофта шудааст), *чандаҳ* (алочаи нархаш гарон), *чортеғ* (алочае, ки нақшаш ба чор теғ монанд аст), *оча бача* (ҷойпӯш ва ҷойпушча) ворид карда метавонем.

Гарчанде калимаи *бодқамиш* дар ифодаи мафҳуми як «навъи рустанӣ» корбаст шавад ҳам, вале маънои лаҳҷавии ин калима танҳо ба ҳунармандони ин водӣ ошно мебошад, ки чунин аст: «бодқамиш- чӯбчаҳои борики нағз суфтакардашуда, ки барои даққӣ нашудану якҷоя нашудани нахҳо дар дӯкони бофандагӣ гузошта мешавад».

Воқеан, сифати феъли *партофта* низ ба худ маънои лаҳҷавӣ касб намуда, дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ дар ифодаи мафҳуми «рӯймолро набаста, ба сар партофтан» мавриди истифода қарор дорад. Маънову муҳтавои калимаи ибораи *owи равон* ба ҳама намояндагони забони тоҷикӣ ошно мебошад. Ин ибора бидуни маънои аслии худ маънои лаҳҷавӣ касб намуда, дар нутқи занҳои ин маҳал ба маънои «матои ҳарири пахтагин» дар истифода мебошад: Куртаҳаки owи равонама як овак нагифтен, имрӯз туй пӯшида мерам (Д.Ҷ.).

Чӣ тавре ки маълум аст, сифати аслии *арманӣ* дар забони тоҷикӣ мафҳуми «чизи ба Арманистон нисбият дошта»-ро ифода менамояд. Бидуни ин маънӣ ин калима, инчунин, ба маънои «ғӯлачӯби тарошида, ки кӯндаланг дар асбоби бофандагӣ гузошта шудааст ва барои пайваст кардани сарқавза бо тагқавза хизмат мекунад», корбаст мегардад.

Гарчанде дар забони тоҷикӣ воҳиди луғавии *аспак* ба маънии «аспи хурд» маъруфият дошта бошад ҳам, аммо дар нутқи ҳунармандони водии Ҳисор вожаи аспак мафҳуми «қисми асбоби бофандагие, ки бо ресмончаи мехчадор ба тори хона зада мешавад», дода метавонад.

Калимаи *хомак* дар ифодаи меваи нопухтаву норасида корбаст шуда, доираи интишори васеъ дорад, бидуни маънои аслии худ ба маънои «пойафзори сабуки аз пӯсти каллаи барзагов сохташуда» низ корбаст шудани он ба назар мерасад.

Маънои вожаи *фатила* «ресмони бофандагӣ» (фарҳ) дода шудааст, дар нутқи зардӯзон бошад маънои «чӯби дарозе, ки ба он риштаи зармонанд печонида мешавад»-ро дода метавонад: *Фателая* зад шикаст, зарнигор, а(з) вай зардӯз намебурод (Б.Т.).

Воҳидии луғавии *чорқад* бештар дар дохили феълҳои таркибии «чорқад шудан» омада, маънои «таъзим намудан»-ро дода, аз урфу одат ва суннату анъанаҳои куҳани мардумони ин водӣ дарак медиҳад. Чармгарони водии Ҳисор метавонанд ин вожаро боз дар ифодаи маънои «кафше, ки андозааш чор ангушт аст» корбаст намоянд: *Чорқад* намегифтед, дадеш, медонед, ки почаҳакои

Шаҳноза се метри, худакаша буда чен кара мегифтед, ҳози шай шуда рафтагӣ (Қ.Т.).

Дар ин мавзеъ шахсе, ки бо ҳунари чӯбтарошӣ ошно аст, ӯро *чӯбтарош* меноманд. Маънои дигари ин калима «асбобе, ки ба воситаи ин асбоб чармро тоза мекунанд» буда, доираи интишори чандон васеъро соҳиб набуда, танҳо миёни чармгарони деҳаи Қаратоғ маъмул аст: *Чӯбтароша* гиру чарми оварагии қасоwa тоза кун (Қ.Т.). Калимаи зияк ба маънои шерозпоча низ корбаст мешавад.

Дар ин мавзеъҳо калимаи *шамшерак* хусусияти лаҳҷавиро ба худ касб намуда, ба маънои «лӯбиёи сабз» ва «чӯби пайвандкунандаи сутунҳои дӯкони бофандагӣ» дар истифода қарор дорад.

Мусаллам аст, ки дар водии Ҳисор калимаву истилоҳоте мавриди истифода қарор доранд, ки дунёи ин мардумро инъикос намуда, дар ин шаклу маънӣ на танҳо ба намояндагони забонҳои бегона, балки ба намояндагони лаҳҷаву шеваҳои дигар низ бегона мебошанд. Ба ин мисол шуда метавонад вожаи *ликак*, ки дар нутқи занҳои зардӯзи водии Ҳисор ба маънои «чизи пуружинмонанди зардӯзӣ, ки барои зебу зинати тоқӣ дӯзанд», маъмул аст.

Ибораи *марги моҳӣ*, ки ба маънои «чизе, ки дар дарё онро андозанд ва моҳӣ онро хӯрда маст гардад ва ба рӯйи об ояд» байни ин мардум дар истифода қарор дорад, таърихи пайдоиши хеле куҳан дорад, ки зикри он дар фарҳанг аз он шаҳодат медиҳад [288, с. 193].

Як бахши вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор, маҳз, аз ҳамин гуна унсурҳои нутқ иборат мебошад. Масалан, калимаҳои, *аспак, зира, қаср, тур, лос* ҳамин гуна хусусият доранд.

Ин гурӯҳи калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан, дар Ҷамоати деҳоти Қаратоғи шаҳри Турсунзодаи водии Ҳисор ба ғайр аз маънии умумиҳоҷикии худ «аспи хурдакак», «тухми гиёҳи хушбӯй», «кох», «матои бофташуда, барои моҳидорӣ» ва «навъи оҳу», боз дар мафҳуми «як қисми асбоби бофандагӣ», «зиреҳи гардан», «асбоби чӯбин барои нишасти арусу домод», «дохили хумдон» ва «абрешими сифаташ паст» кор фармуда

мешаванд: *Аспаки* Аминҷона ем дода, баъд ба бузкашак баред; *Аспаки* дӯкон шикаста рафтас (Қ.Т.)**.** *Зираи* аз бозор овардагетон тамоман бӯй надорад, тухми савзӣ аралаш кардагӣ; *Зири* харидагема аку рӯзаки туйякатба да (р) гарданакат мекунӣ (Б.Т.). Қасрҳои боҳашамата сохту ду рӯз ҳам зиндагонӣ накарда мурда рафт, Олимҷони ман. Зewи келину дӯмод ҳами *қаср-да* (Д.Т.). Ин *тури* келин гуфтагия аз ягон ҷой наёфтам, пага чӣ хел келинбинон мерафтошад; *Тура* нағзакак тоза кунем, мешад (И.А). Ин бовақонат ҳамиқа касали шуден, ки рошетон равем хавар гирем, ки *лос* шуда хов мегӯн; Ресмони гӯсола канда рафтас*, лос* кати барои гӯсола ресмон бофам (Ш.Т.).

Ба инҳо монанд, вожаҳои *ғижак* ва *кокулдоракро* мегирем**,** ки дар забони адабӣ якумӣ дар маънии «асбоби мусиқӣ», дуюмӣ ба маънии «духтари гесудор» ба кор мераванд. Аммо дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор калимаи *ғижак* дар ифодаи маҳфуми «кафше, ки чармгарон барои арусон омода месозанд» ва воҳиди луғавии «*кокулдор*», моҳиятан, дар маънои «наъи қанде, ки қанодон омода месозанд» маъмуланд. Аҳмадҷон бо ҳаму *ғижаки* зормондеша гифта, гуму гӯр гумшуда рафтас; Арус ҳамон кафшҳои *ғижакашро* пӯшад имрӯз да (р) пеши дӯсту душман (Қ.Т.); Ин паризоди *кокулдорака* а(з) куҷо келинкара оварошан, да (р) ин гирду гузаро ин хели духтар набуд; Отеш, ду- се кило қанди *кокулдорак* биёред**,** меҳмон мебиёд (Қ.Т.).

Ба ин гурӯҳ боз калимаҳои *қавза ва мурғакро* низ дохил намудан мумкин аст, ки маънии луғавии онҳо дар забони адабӣ «чизе, ки дар мушт ҷо шавад» ва «чӯча, мурғаки майда» мебошад. Вале дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба ғайр аз маънои аслии хеш онҳо табдили маънӣ намуда, *қабза* мафҳуми «андоваи даҳони дудбарои хона» ва *мурғак м*аънии умуман «дудбаро»-и печкаи кулолиро ифода мекунанд: А(з) ҳаму бозор омадеду я (к) қавзаҳак гашнич новаред; Акнун *қабзайа* (ро) аз нав кунем мешад, дадеш (Қ.Т.). *Мурғаки* ҷола–ҷолайа (ро) кушта, ба кампири Марзия мурғшӯрбо кунетон; *Мурғака* (ро) тоза накунем намешад, дуда лаґат кара рафтас (т) (Қ,Т.); *Қавзая* (ро) аз нав каран лозим (Қ.Т.).

Мисли ин вожаҳои *қулфак, печак, чок, пари паша***,** ки маънии луғавии онҳо дар забони адабӣ ба ҳама маълум аст, вале дар лаҳҷаҳои мазкур ба ғайр аз маъноҳои аввалаашон табдили маънӣ кардаанд: вожаи якум ба маънии «матои чоркунҷаи хурде, ки барои танг наомадани остини курта васл карда мешавад», калимаи дуюм ба маънии «як навъи қанд», воҳиди луғавии сеюм дар ифодаи маҳфуми «дарз, либоси дӯхтанӣ», ибораи чорум ба маънии «як навъи алочаи гаронбаҳое, ки бофандагони маҳаллӣ истеҳсол менамоянд» ба кор мераванд: *Қулфака* (ро) гум, ки кардӣ то бегонӣ сарсону саргардон мегардӣ; *Бе қулфак* курта(а)м танг омадаст (Ш.Т.)**;** *Печакҳои* ҳаёчая тоза кунем баъд мерем; *Печак-а* а(з) магазин харидам (Д.Т.); Куртеша *чок* кара, базӯр аз сари Манзура буроварам; Да (р) хона *чок* дӯхта шиштас (И.Т.). Ҳамиқа хонаҳо беодами мондан, ки *паша пар* намезанад; Алоч (а) и *пари паши* хеле қиммат будас (М.Т.).

Бояд қайд кард, ки доираи густариши иддае аз калимаҳои навъи боло як андоза васеъ аст ва онҳо ғайр аз лаҳчаҳои водии Ҳисор дар баъзе лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ низ ба ин маъниҳо дучор меоянд. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои луғавии *печак, қулфак, чок ва зираро* нисбат додан мумкин аст, ки оварда шудани онҳо дар луғатҳо аз он шаҳодат медиҳанд.

Калимаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва майишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор мавқеи калонро ишғол намуда, хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд.

4.1.2. Вожаҳои иқтибосӣ

Дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор, ба мисли дигар лаҳҷаву шеваҳо теъдоди зиёди калимаву истилоҳоти иқтибосӣ ба назар мерасанд. Калимаҳои иқтибосӣ бо сабабҳои гуногун ба лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ ворид шудаанд.

Зикр бояд намуд, ки ин гурӯҳи калимаҳо дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ба мисли дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо ду роҳ инкишоф ёфта истодаанд: бо роҳи бевосита ва бавосита.

Роҳи бевосита ба рушди худи вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор иртиботи ногусастанӣ дорад: маънои маҷозӣ гирифтани калимаҳо *шикатурка кардан* (худро оро додан), *кино кардан* (ҷанг шудан), бо маънии лаҳҷавӣ корбаст шудани баъзе аз воҳидҳои луғавӣ *халифа* (омӯзонандаи қуръон, мардикорӣ кардан, алочабофӣ кардан), *қасоба* (тоқии гирдаки. зардӯзӣ); пайдо намудани маъниҳои иловагӣ дар калимаҳо *лаҳм* (гӯшти мулоим), *маърака* (чорабиниҳои марбут ба муносибати маргу мурда ва туй), *авқот* (хӯрок*) ятимак* (ченаки вазн), *ғарибак* (ҷойе, ки бо рушди ҳунармандӣ таъсис ёфтаст); тобишҳои услубӣ пайдо намудани калимаҳо. Инҳо сабабҳое ба шумор мераванд, ки бевосита рушду такомули дохилии вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисоро таъмин месозанд.

Роҳи бавоситаи иқтибосшавии калимаҳо дар иртибот бо таъсири ҳамешагии забонҳои бегона ба амал меояд. Чӣ тавре ки маълум аст, ба ҳамаи лаҳҷаву шеваҳо ва забонҳо таъсири дигар забонҳо хоҳ нохоҳ мерасад. Махсусан, водии Ҳисор, ки дар роҳи Абрешим қарор дорад, бевосита ба рушду такомул ва паҳншавии калимаҳои иқтибосӣ дар ин мавзеъ поя гузошта тавонист, рушди ҳунармандӣ ва тиҷорат, инчунин, боис шуданд, ки ба лаҳҷаҳои ин водӣ ғарам - ғарам калимаҳои иқтибосӣ ворид гардида, таркиби луғавии лаҳҷаҳои мазкурро бойу ғанӣ гардонанд.

Гарчанде қисми зиёди вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисорро калимаҳои сирф тоҷикӣ-форсӣ ташкил диҳанд ҳам, аммо бо ташаккулёбии фарҳангу тамаддун ва иқтисодиёт дар ин мавзеъ калимаҳои зиёде аз забонҳои дигар ворид гашта, дар дохили лаҳҷаҳо чунон ҳазм гаштаанд, ки барои муайян намудани баромади онҳо як таҳқиқоти омории забоншиносӣ лозим аст. Ин раванд дар гӯйишҳои мардумони дигар мавзеъҳо низ ба назар мерасанд. Оид ба ин масъала В.С. Расторгуева чунин ибрози ақида намудааст: «Дар қатори вожаҳои сирф эронӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои зиёди иқтибосӣ низ ба кор мераванд» [178, с.151].

Гарчанде дар мадди аввал чунин менамояд, ки дар ин мавзеъ калимаҳои сирф тоҷикӣ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ нақши босазоеро бозида истодаанд, аммо амиқтар агар назар афканем, дарк менамоем, ки вожаву

истилоҳоти аз забонҳои бегона ворид гардида ба мисли *коғаз, чунгак, фарфор* (чинӣ),*чавкандӣ, карбос, шакар* (ҳиндӣ) фонус*, номус, пиёла* (юнонӣ) низ дар гӯйиши мардумони ин водӣ ба мисли забони адабӣ дар истифода мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо бо ин калимаҳо таркибҳои лаҳҷавие ба зуҳур омадаанд, аз қабили *чомоқи коғазак /коғатак* (як навъи чормағз), *Ашурбиwӣ чунгак* (лақаби шахс), *дандони фарфор* (навъи дандони сунъӣ), *сурфаи таги чавканӣ* (чоркунҷае, ки аз лой, болояш андова шудааст, ва махсус дар таги токи ангур сохта шудааст), *карwоси гириди маърака* (карбосе, ки дар туйу маъракаҳо дар ҷойи нишасти мардон мекашанд, то ин ки ҳангоми гузаштани занон мардон онҳоро набинанд), *Ҳамиди шакар* (лақаби одам)*, кали номус*акӣ (баномус), *пиёлаи биринҷулчакунӣ* (пиёлае, ки барои чен кардани ҳаҷми бирин ҳангоми пухтани ош лозим аст) ва ғайра.

Дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор калимаву истилоҳоти иқтибосӣ хеле зиёд ба назар мерасанд. Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки теъдоди бештари ин калимаҳоро иқтибосоти арабӣ, туркӣ-узбекӣ ва русӣ-байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ки номгузори шудани маҳалҳо аз қабили *Наймано, Қалуқо, Бойбичаҳо,Олтинжилав* аз ин шаҳодат медиҳанд. Гарчанде бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номҳои ин мавзеъҳо тоҷикӣ шудаанд, аммо то айни замон мардуми тагҷойӣ барои гирифтани номҳои тоҷикии ин мавзеъҳо одат накардаанд.

Дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба меъёрҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикӣ мутобиқ гаштани калимаву истилоҳоти иқтибосӣ ба назар мерасанд.

а) азхудшавии фонетикӣ: Ҳазмшавии калимаҳои иқтибосӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор, одатан зимни ба тағйироти овозӣ рӯ ба рӯ гардидани худи калимаву истилоҳот ба зуҳур меояд. Масалан, калимаву истилоҳоти русӣ иқтибосии шпроты, стяжка, шкатурка, шкатулка, безрукавка, нивидимки, форма, булавка, печенье, брошка, алифье ва монанди инҳоро мардуми ин мавзеъ ба гунаи *шипрот, ситяжка, шикатурка,*

шикатулка, безрукафка, левидемка, фурма, булафка, пичинак, бирушка мавриди истифода қарор доранд.

Аз сабаби рушди соҳаи чорводорӣ истифодабарии калимаҳои турғ, қъшқор, бърдоқӣ, совлъқ, хърга, съқум, туруғ, суқум, совлуқ, юрга ба назар мерасанд, ки омили асосии пайдоиши ин вожаҳо дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ, асосан, ба пешаи чорводорӣ шуғл варзидани қавмҳои мӯсобозорӣ ва қалуқо мебошад. Муайян намудани иқтибосҳои туркӣ аз рӯйи муносибаташон бо лаҳҷаву шеваҳои дигаре, ки дар водии Ҳисор арзи вуҷуд доранд, басо мушкил аст, чунки дар тули асрҳо баъзе аз онҳо шакли овозии худро ба таври шинохтанашаванда тағйир додаанд.

Аслан, сабаби асоси ба вуҷуд омадани ҳодисаи фонетикӣ дар он аст, ки дар забони адабии тоҷикӣ ва лаҳҷаю шеваҳои он бо ду ҳамсадо оғоз ёфтани калимаву истилоҳот, махсусан калимаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, ба назар намерасад. Аз ин лиҳоз, талаффузи иқтибосҳое, ки ҳиҷои аввали онҳо бо ду ё се ҳамсадо шуруъ мешавад, ба соҳибони лаҳҷаҳои мазкур каме душворӣ пеш меорад. Ана ҳамин ҳодисаи забонӣ тақозо менамояд, ки дар ҳиҷои аввали *шпроты, стяжка, шкатурка, шкатулка* барин вожаҳои русӣ садоноки «**и**» илова гарданд.

Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба мисли дигар лаҳҷаву шеваҳо ҳамсадои «**ҳ**» чандон устувор нест. Ин ҳодисаи забониро муҳаққиқ Р. Сангинова дар вожагони лаҳҷаи тоҷикони Конибодом мушоҳида намуда, чунин ибрози ақида намудааст: «Ин аст, ки гоҳ дар охир ва гоҳ дар мобайни калимаҳо фурӯгузар гардидани он ба назар мерасад. Ҳамин ҳолатро дар калимаҳои иқтибосии арабӣ низ дидан мумкин аст: *арво* (арвоҳ), *овло* (оллоҳ), *фотийа* (фотеҳа), *ал* (аҳл), *этимол* (эҳтимол) ва ғайра» [188, с. 136].

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, дар водии Ҳисор, ки бархурди шеваи шимолӣ бо ҷанубӣ ба назар мерасад. Айнан, ин калимаҳо дар мавзеъҳое ки намояндагони шеваи шимолӣ умр ба сар мебаранд, чунин тарзи талаффуз доранд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки азхудшавии фонетикии калимаву истилоҳоти иқтибосии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, феълан, дар заминаи тағйирот ё худ мувофиқати овозии онҳо ба қоидаҳои дохилии худи лаҳҷаҳои мазкур ба вуҷуд омадааст.

б) азхудшавии грамматикӣ: Гурӯҳи зиёди калимаву истилоҳоти иқтибосие, ки аз забонҳои арабӣ ё туркиву русӣ-аврупоӣ ба луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор ворид шудаанд, на фақат шакли фонетикиашон ба қонунҳои овозии лаҳҷаҳои мазкур мувофиқанд ва инчунин, хусусиятҳои дигари грамматикии онҳо низ мутобиқат гардидаанд. Калимаву истилоҳоте, ки аз забони русӣ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ иқтибос шудаанд, дар ин лаҳҷаҳо мисли забони адабӣ ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хусусиятҳои дар забони асл доштаи худ, аз қабили шумора, ҷинсият, падеж ва тасрифи худро вобаста ба падежҳо аз даст додаанд. Масалан, дар забони русӣ ҳастанд калимаҳое, ки танҳо дар шакли ҷамъ истифода мешаванд, аммо дар гӯйиши мардуми ин водӣ дар шакли танҳо: *шилюпка* (шлёпанцы), *бурук* (брюки), *макасин* (мокасины). Инчунин, категорияи ҷинсият низ дар баъзе калимаҳои иқтибосии русӣ ҳангоми истифода дар ин лаҳҷаҳо ба назар намерасд, аз қабили *адёл* (одяло), *варенӣ* (варенье), *ден раждени* (день рождение), *маска* (масло) ва ғайра.

Дар таркиби калимаҳои сохта бо ҷузъи итибосӣ якҷоя омадани вандҳои забони тоҷикӣ дар ин лаҳҷа як омили дигари ҳазмшавии онҳост. Барои мисол калимаҳои русии *пичинак, пирогак, тортак, алвиеҳакро* мисол оварда метавонем.

***в) бо калимаҳои иқибосӣ якҷоя омада, калимаҳои мураккаб сохтан*:** Ин ҳодисаи забонӣ на танҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, инчунин дар лаҳҷаву шеваҳои дигар ҳам ба назар расида, бештари ин калимаҳо ифодакунандаи номи касбу пеша мебошанд, аз қабили, *трактирсозкун, камбайнсозкун, маторсоз, дивигателҷамъкун, светсозкун, газсозкун, стиралнисозкун, лоткасозкун, мошинсозкун, печкасозкун, столсосозкун,* ки қисми якумашон трактор, комбайн, двигател, стиралка, свет, газ, лотка, мошин, печка, стол иқтибос аз

забони русӣ буда, зимни ҳамин қонун ба вуҷуд омадаанд. Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ созем, ки аксарияти исмҳои иқтибосии русӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор бо ёридиҳандаҳои феълии тоҷикӣ якҷо омада, ҷузъи номии феълҳои таркибии номиро ташкил медиҳанд: *шикатурка каран* (хонаро қумшивоқ кардан), *истяшка каран* (сафед кардан), *капел мондан* (сӯзандору кардан), *малаток каран* (бо болиға задан), *обой задан* (зардевор часпонидан), *сепаратор кардан* (ширро аз қаймоқ ҷудо кардан) ва амсоли инҳо.

***г) азхудшавии лексикӣ*:** Дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор калимаву истилоҳоте ба назар мерасанд, ки ба маънои аслии худ корбаст мешаванд. Барои ифодаи номи ашёи гуногун, асбобҳои рӯзгор, аломат, хислат ва рӯйдодҳои олами воқеӣ намояндагони лаҳҷаҳои маҳаллӣ аз забонҳои бегона калимаву истилоҳоти мувофиқро интихобан ҷудо карда мегиранд, ки аксарияти онҳо аз нигоҳи маънӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳо ҳазм мегарданд. Ин рӯйдод бештар дар вожагони соҳаи пухтупаз ба назар мерасанд. Масалан, калимаҳои *қайла, кумоч, қурмоқ, сузма, тиғма, бурусоқ, қуйма* ва ғайра.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки теъдоди калимаҳои иқтибосӣ дар вожагони соҳаи маишӣ ва ҳунармандии лаҳҷаҳои водии Ҳисор чунон зиёданд, ки зиёдии мавод моро водор сохт, то онҳоро ба гурӯҳои арабӣ, туркӣ-узбекӣ ва русӣ-аврупоӣ ҷудо намоем.

4.1.2.1. Вожаҳои иқтибосии арабӣ

Равшан аст, ки воридшавии калимаҳои арабӣ ба дохили забонамон аз аввал то айни замон як хел набуда, балки ин раванд бо рушду такомули давраҳои забони форсӣ-тоҷикӣ ва тамаддуни оламшумули ин ақвом вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ворид гардидани калимаҳои иқтибосии арабиро ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ олимон ба давраҳои пеш аз ислом ва ба таърихи равобити

мардуми эронинажод бо арабҳо, ки ба қаъри садсолаҳои мансуб медонанд [226, с. 15].

Дар лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор ба мисли забони тоҷикӣ низ қисми зиёди ин вожаҳо дар истеъмол қарор дошта, чунон ҳазм гаштаанд, ки ҳатто худи ворисони лаҳҷаҳо аз бегона будани онҳо дарак надоранд. Гарчанде ки калимаҳои *косиб* (كاسب) (ҳунарманд), *касаба* (كسبه) (пеша) сирф арабӣ бошанд ҳам, вале ворисони лаҳҷаҳо ин калимаҳоро ба мисли худӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Бо калимаи арабии ҳалво (حلوى), ки дар ин гӯйишҳо шакли ҳавлоро гирифтааст, ташаккулёбии калимаҳои зиёде ба назар мерасад, ба монанди *ҳавлошӯрон* (шахсе, ки хамири ҳалворо мешӯронад), *ҳалвотарош* (корди махсуси ҳалвопазон), *ҳавлопаз* (шахсе, ки ба пухтани ҳалво маҳорат дорад), *ҳавлои пашм* (ҳалвои ба пашмак монанд), *ҳавлои сурхак* (ҳалвои рангаш сурх), ҳавлои лавз (ҳавлои чормағзӣ) ва ғайра.

Дар бобати ибораи *ҳавлои лавз* ҳаминро гуфтанием, ки гарчанде ворисони лаҳҷаҳои мазкур аз ин воқиф набошанд ҳам, аммо ин ибораро ҳар ду ҷузъаш арабӣ аст. Яке аз омилҳои дигари ворид гаштани калимаҳои арабӣ ин тиҷорат буда, тавассути Роҳи Бузурги Абрешим ва рушди тиҷорат қисми зиёди калимаҳои арабӣ ба лаҳҷаҳои водии Ҳисор ворид гаштаанд.

Ба қавли Муҳаммадтақӣ Баҳор «аз аҳди Ҳахоманишинӣ то аҳди Яздигурди Шаҳриёр муддати ҳазору дувист сол ин миллат (араб) бастагии сиёсӣ ва тиҷорати бо Эрон дошта ва бо Ҳинд низ тавассути киштинавардони эронӣ марбут будааст» [56, с.139].

Гарчанде воридшавии калимаҳои арабӣ ба дохили вожагони забони тоҷикӣ хеле барвақт сурат гирифтааст, оид ба теъдоду истифодабарии онҳо олимон фикру андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Масалан, профессор Ҳ. Маҷидов андешаи хешро оид ба ин масъала ба таври зайл баён намудааст: «Калимаҳоии аслии тоҷикӣ, ки бунёди лексикиву грамматикии забонро ташкил медиҳанд, чандон зиёд нестанд. Умуман, дар забонҳои мутараққии олам

теъдоди чунин калимаҳо аз ду се ҳазор бештар нест. Дар забони муосири тоҷик ҳам онҳо тақрибан дар ҳамин миқдор қарор доранд» [141, с. 94].

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, иддае аз калимаҳои арабӣ дар дохили вожагони ин лаҳҷаҳо чунон ҳазм гардидаанд, ки ҳатто аз арабӣ будани онҳо худи ворисони лаҳҷаҳо дарак надоранд. Масалан, калимаи *ҳалилов*, ки ба тағйироти фонетикӣ дучор шуда, дар лаҳҷаҳои ин мавзеъ шакли «*ҳайлов*»-ро гирифтааст, аз ҷумлаи ин калимаҳост. Худи воҳиди луғавии ҳалил (حليل) ҳалил дар фарҳанг чунин маънидод шудааст: «ҳалол раво, маҷозан шавҳар» [297, с. 720].

Тавассути калимаи ҳалил вожаи ҳалила (حليلة) ташаккул ёфтааст, маънои аслиаш чунин аст: «ҳалила як навъ доруи талхе, ки барои рафъи касалиҳои меъда кор фармуда мешавад» [296, с. 720], ки ба назари мо маҳз маънои ин калима барои ба вуҷуд омадани воҳиди луғавии «*ҳалилов*»-и лаҳҷавӣ замина гузошта тавонистааст.

Ҷолиби диққат аст, ки омили асосии воридшавии калимаҳои арабӣ ба вожагони забони тоҷикӣ ҳодисаи таърихии дар асрҳои VII-VIII Хуросон ва Мовароуннаҳрро забт кардани истилогарони араб ба ҳисоб меравад. Ин масъаларо ҳар як муҳаққиқ бо таври хосса шарҳу возеҳ дода тавонистааст. Масалан, донишманди шинохтаи тоҷик Н. Маъсумӣ оид ба ин масъала чунин менависад: «Тағйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ мебошад, ки ин на танҳо ба воқеаи таърихии дар асрҳои VII-VIII рӯйдода вобаста аст, балки протсеси дохилшавии унсурҳои забони арабӣ дар тамоми давраҳои ҳаёти тореволютсионии мардуми Осиёи Миёна давом дошт». [143, с.131].

Албатта, андешаҳои Н. Маъсумӣ то андозае, дуруст аст, зеро аслан, тағйирот дар расму русум, суннату анъана, тарзи зисту рӯзгордорӣ ба мушоҳида мерасид, ки хох-нохоҳ намояндагони миллати тоҷик вазифадор буданд, ки барои баёни ин мафҳумҳо дар он давра калимаҳои иқтибосии арабиро истифода намоянд.

Воқеан, истифодаи калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ бо таърих, фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон иртиботи зич дошта, рушду такомули ҳар як давраи ҳаёти ҷамъиятӣ хоҳ-нохоҳ таъсирашро ба ҷамъият гузоштааст. Агар як марҳилаи инкишофи ҷомеа имконияти воридшавии истилоҳоти як забонро бо забони дигар тоҷикӣ барҳам дода бошад, марҳилаи дигар ба забони тоҷикӣ дохил гардидани вожаҳои аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ имконият фароҳам овардааст [235, с. 102].

Забоншиноси варзидаи тоҷик М.Н. Қосимова оиб ба ин масъала бетараф набуда, диду нигоҳи хешро роҷеъ ба ин масъала чунин баён намудааст: «Азбаски дар асрҳои IX-X забони адабии тоҷик ва намояндагони илму ҳунари тоҷик ба забони арабӣ сахт муқобилият нишон медодагӣ шуданд, калимаҳои арабӣ дар осори хаттии ин асрҳо ниҳоят кам вомехӯранд» [126, с. 80].

Ин равандро мо бештар дар забони асарҳои классикӣ мушоҳида карда метавонем. Омезиши тамаддун ва фарҳангҳо дар асри Аббосиён ба вуқуъ омада, мо таъсирпазирии дутарафа дар адабиёти тоҷик ва арабро равшан мушоҳида карда метавонем» [125, с. 64].

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки пас аз Инқилоби Октябр истифодаи калимаҳои истилоҳоти арабӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба мисли забони адабии тоҷикӣ он қадар зиёд ба назар намерасид, аммо бо вуҷуди ин, то айни замон, иқтибосоти арабӣ дар дохили вожагони шеваю лаҳҷаҳо мавқеи калонро ишғол менамоянд. Албатта, бо мушоҳидаҳо собит намудем, ки агар дар нутқи мардуми куҳансол мо калимаҳои арабии *арақчин, атр, атторро* дучор шавем, аммо дар нутқи насли наврас бошад, ба ҷойи ин калимаҳо истифодабарии калимаҳои, *духи, шапка, парфюмер* ба мушоҳида мерасанд. Пас қиёс бояд кард, ки раванди воридшавии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар вожагони шеваю лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба мисли забони адабӣ як зайл суръат нагирифта, бо вазъи иҷтимоии ин мардумон иртиботи ногусастанӣ дорад.

Инчунин, ҳангоми таҳлили мавод ба мушоҳида расид, ки баъзе калимаҳои арабӣ дар ташаккулёбии калимаҳои русӣ -аврупоӣ низ нақши беҳамторо

бозидаанд. Ба ин мисол шуда метавонанд калимаҳои *атрибут,* ва *каблук*, ки тавассути калимаҳои арабии عطر (атр) ва كعب (каъб) сохта шудаанд.

Масалан, агар ба этимологияи калимаи *каблук,* ки ба соҳаи кафшгарӣ марбут аст, жарфтар назар афканем, огоҳ мегардем, ки ин калима аз забони арабӣ дар шакли «каb» ба забони русӣ -аврупоӣ ворид гашта, бо меъёрҳои он забонҳо мутобиқ шудааст. Айни замон, мафҳуми «пошнаи пойафзори занона»-ро ифодагар аст [302, с.151].

Воқеан, ҳангоми ба забон гирифтани ин калимаҳо арабӣ будани онҳо ба назар намерасад. Аз ҳисоби калимаҳои арабӣ бештар вожагони соҳаи маишӣ бойу ғанӣ гардида, рушду такомул ёфтааст, ки ин падида на танҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба мушоҳида мерасад. Р. Сангинова ин ҳодисаро дар лаҳҷаи Конибодом ба мушоҳида гирифта, оид ба ин масъала диди хешро чунин овардааст: «Забони арабӣ, дар ҳақиқат, дар бобати такомул ва рушду нумуи лексикаи забони тоҷикӣ аз манбаъҳои нисбатан қадимтар ба шумор меравад. Забони тоҷикӣ дар дарозои таърих аз ҳисоби забони арабӣ калимаҳои зиёдеро иқтибос гирифтааст, ки онҳо дар радифи вожаҳои сирф тоҷикӣ (эронӣ) дар истеъмоли мардуми тоҷик мавқеи устувор пайдо намуда, бо мурури замон хусусияти тоҷикӣ касб кардаанд» [188, с. 140].

Калимаҳои арабӣ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ба мисли дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, ки лозим донистем онҳоро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намоем:

1.Калимаҳои арабии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ:

а) калимаву истилоҳоти соҳаи чармгарӣ: *сурфа* (шакли дурусташ суфра) (سفره), *қасоб* (шакли пурраaш қассоб) (قصّاب), сарроч (зингар) (سراج), саҳов (чармгаре, ки пӯстро аз гӯшт ҷудо мекунад) (سقاب), ғилоф (ниёми корд) (غلاف) ва ғайра.

Дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ калимаи сурфа дар таркиби калимаҳои мураккаб омада, гунаҳои *сурфадӯз* (шахсе, ки сурфа медӯзад), *сурфабур* (шахсе, ки аз чарм сурфаро пора менамояд), *сурфапарто* (зане, ки дар маросими оши биwиён ва оши биwисшанбегӣ сурфа мепартояд), *сурфаҒундор* (зане, ки пас аз

маросимҳо оши сурфаро ҷамъ мекунад), *таги сурфа* (пуле, ки дар оши бивиён ва оши бибисешанбегӣ дар таги сурфа мепартоянд), *сурфакушоён* (маросими ордбезон), *сурфаи мурод* (дастурхони туй кушодан)-ро ба вуҷуд овардааст.

Дар китоби «Забони миллат–ҳастии миллат» ин гуна калимаҳо дурага номида шудаанд [251, с. 338].

Ҳамин тавр, дар соҳаи чармгарӣ калимаҳое ба назар мерасанд, ки дар ташаккули онҳо нақши калимаҳои арабӣ назаррасанд.

***б) калимаву истилоҳоти соҳаи кулолӣ*:** *зарф* (ашёи кулолӣ барои гирифтаи чизҳои гуногун) (ظرف), *табақ* (зарфи паҳн барои кашидани хӯрок (قطب), *қадаҳ* (зарфбарои нӯшидан) (قدح) ва ғайра.

Теъдоди ин гурӯҳи калимаҳо чандон зиёд нестанд. Истилоҳоти дурагаи *қаламонак* (қаламмонак) (асбобе, ки дар он қаламҳоро мегузоранд), *шамъмонак* (асбобе, барои гузоштани шамъ сохта шудааст), *ғаллаандозак* (асбобе, ки дар он ғалла нигоҳ дошта мешавад) бо калимаҳои арабии *қалам* (قلم), *шамъ* (شمع) ва *ғалла* (غلّة) сохта шудаанд, ки ба соҳаи кулолӣ мансубанд. Шарҳи калимаи *қалам* аз ҷониби устод Айнӣ чунин дода шудааст: «Қалам олоте, ки бо вай хат менависанд» [258, с.510].

Истифодабарии калимаи *зарф* (ظرف) низ дар баъзе мавридҳо дар ифодаи мафҳуми дар гӯйиши мардуми қаратоғии водии Ҳисор ба назар мерасад: Йа зарфи калон доруя бачаҳакат резондас (Н.Ш.).

Инчунин, ба исми хоси Довуд (داوو) пасванди **-ӣ** ҳамроҳ шуда, сифати нисбии *довудӣ* ба зуҳур омадааст, ки ифодагари мафҳуми «нақше, ки дар рӯйи зарфҳои кулолӣ мекашанд» буда, корбаст шудани ин калима бештар дар нутқи куҳансолон ба назар мерасад: Алишер косаи гули *довудии* ҳасоямона ай дастуш ғалтонда шикастай, дадаша гуфтум ай бозор оварсай (Ч.Т.).

Маълум гашт, ки дар вожагони соҳаи кулолӣ калимаҳое ба назар мерасанд, ки бо калимаҳои арабӣ сохта шудаанд.

в) калимаву иситилоҳоти соҳаи заргарӣ: *ҳалқа* (гӯшвор) (حلقة), *муҳра* (донаҳои аз санг омодашуда) (مهره), *лоҷвард* (навъе аз санг) (لاجورد), *марҷон* (ҷонвари баҳрии гиёҳмонанде, ки гала-гала зери харсангҳои зериобӣ пайдо

мешавад) (مرجان), *ёқут* (чанд навъ аз сангҳои қиматбаҳо, ки сурх сабз, зард, кабуд ва сафед мешаванд) (ياقوت), *забарҷад* (навъе аз сангҳои қиматбаҳо, ки ранги сабзи моил ба зардӣ дорад (زبرجد), *зумуррад* (санги гаронбаҳои сабзранг) (زمر) ва ғайра.

Дар вожагони ин соҳа ҳам ба мисли дигар соҳаҳо тавассути калимаҳои арабӣ ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаб ба назар мерасанд.

Ба мушоҳида гирифтем, ки танҳо тавассути калимаи арабии гӯйишҳои мардумони ин мавзеъ калимаву ибораҳои зиёде сохта шудаанд, ки дар мавридҳои гуногун мавриди истифода қарор мегиранд, аз қабили *ҳалқи дупочакдор* (гӯшворе, ки ду овеза дорад), *ҳалқи балдоқ* (як навъи гӯшвор), *ҳалқи баргак* (навъи гӯшворе, ки ба барг шабоҳат дорад), *ҳалқи заргарӣ* (гӯшворе, ки заргарон омода намудаанд), *ҳалқи тилло* (гӯшвори аз тилло сохташуда), *ҳалқи нуқра* (гӯшворе, ки аз нуқра сохта шудааст), *ҳалқи келинчакӣ* (гӯшворе, ки дар маросими туйи арусӣ арусон ба гӯшҳояшон меовезанд), *ҳалқи бечишмак* (гӯшвори бенигин), *ҳалқи нигиндорак* (гӯшвори нигиндор), *ҳалқи почадар* (гӯшворе, ки овезаҳои дароз дорад), *ҳалқи почакалта* (гӯшворе, ки овезаҳои кӯтоҳ дорад) ва ғайра. Калимаҳои *ҳалқаи биҷир, ҳалқаи ғуломӣ, ҳалқаи заҳиранок, ҳалқаи марҷонӣ,* ки дар нутқи занони водии Ҳисор корбаст мегарданд, хоси забони адабӣ низ мебошанд» [260, с.63].

Бояд зикр намоем, ки калимаи *муҳра* (مهره) низ баромади арабӣ дошта, тавассути ин калима ба зуҳур омадани калимаҳои *муҳри аловак* (муҳрае, ки дар торикӣ шуъла медиҳад), *муҳри гарди хазина* (муҳраи хурд ба мисли гард), *муҳри ақиқӣ* (муҳраи сурх), *муҳри садаф* (муҳраи сафед)-ро ба мушоҳида гирифтем.

г) калимаву истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ: *ҷома* (чапон) (جامه), *қарс* (рӯймол) (قرس), *ғазал* (нақше, ки дар шерозаи тоқӣ медӯзанд) (غزل), *ҷайб* (кисса) **(**جيب**)**, *лиwос* (либос) (لباس) ва ғайра. Калимаи ғазал ба худ сермаъноиро касб намуда, дар ифодаи номи нақш омадааст. Дар асл, ин калима маънои «яке аз навъҳои машҳури шеъриро ифода менамояд».

Воқеан, тавассути калимаи *ҷома* калимаҳои мураккаби *ҷомадӯз, ҷомадӯзӣ, ҷомапоракун, ҷомашерозгир, ҷомафурӯш, ҷомашӯйӣ* ва *ҷомаворӣ* ба

зуҳур омадаанд, ки сирф хусусиятҳои этнолинвистӣ ва сотсиолингвистӣ дошта, бо тарзи зисту зиндагонии ин халқҳо алоқамандии зич доранд. Дар гузашта ба маънои калимаи «*остин*» вожаи «*устим*» корбаст мешудааст [278, с.63].

Дар ин мавзеъ мақоли «Ҷомаи бемаслиҳат кӯтоҳ намеояд» ба мисли забони адабӣ дар истифода қарор дошта, хусусияти маънои худро то ба имрӯз гум накардааст, ки дар ташаккулёбии он мавқеи калимаи *ҷома* назаррас аст. Ин мақол ҳам дар нутқи намояндагони шеваи шимолӣ ва ҳам дар нутқи намояндагони шеваи ҷанубӣ як хел дар истифода қарор дорад: Чоку чиликата гифта, рош равем гуфтам, гапакама гӯш накарӣ, ман медонистам ки *ҷоми бе маслиҳат кӯтоҳ намебиёд* (Ш.Т); Оваи чакана ба ранги нофармъ медухтиш хъшрутар мешид, меган алла *ҷумаи бе маслиҳат кутоҳ нъмеша* (Б.Т.).

Бар хилофи ин ақида бояд ҳаминро зикр намоем, ки баъзе аз калимаву истилоҳоте дар бахши ҷомадӯзӣ дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ вуҷуд доранд, ки маънову муҳтавои онҳо, маҳз, ба ворисони ин лаҳҷаҳо ошно буда, майдони маънои онҳо аз ҳудуди ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд. Ба ин мисол шуда метавонад таркиби луғавии *ҷомаи рӯйи тобут* (ҷомае, ки барои мардони пиронсол духта, дар сандуқ мегузоранд, то ин ки рӯзи маргаш ба сари тобуташ партоянд).

Мавриди қайд аст, ки маънии ибораҳои *ҷомаи шаҳӣ, ҷома кӯдакона, ҷомаӣ туйӣ, ҷомаи занона, ҷомаи мардона* ба намояндагони ҳамаи лаҳҷаву шеваҳо ошно мебошанд. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки калимаи *ҷома* ба диду зеҳни мардуми ин мавзеъ чунон ҳам зиёд рост омадааст, ки ҳатто обсабзи дар гирду атрофи ҷӯйҳо рӯйидаро *ҷоми қурwоқа* номгузорӣ намудаанд.

Дар бобати ибораи халқии «*ҷомаи ҳасрат пӯшидан*» ҳаминро гуфтаниям, ки ин ибора дар нутқи мардуми куҳансоли ин мавзеъ дар ифодаи маънои «афсус хӯрдан» ба назар мерасад: Агар отаҳакат гапама мегифтану ҳами Шодиҷона хонадор мекаран, ҳоли Шодиҷон салту сувайт намегашту худакашон *ҷоми ҳасрат* пушида намешиштан (Ш.Т.).

Вожаи *ҷомадӯзиро* дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор синоними *чапондӯзӣ* низ иваз мекунад. Синоними истилоҳи *ҷома* дар лаҳҷаи мазкур вожаи лаҳҷавии

чапон мебошад. Ин бахши ҳунармандӣ дар тамоми кишвари мо маъмул буда, дар ҳар як мавзеъ калимаву истилоҳоти зиёде мавриди истифода қарор доранд, ки дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Вобаста ба ин бахши ҳунармандӣ, Н. Гадоев қайд мекунад, ки вожаи *ҷома* дар лаҳҷаи Тагнов ду шакл дорад: *ҷома* ва *ҷума* [69,с. 53].

***д) калимаву истилоҳоте, ки ба мафҳумҳои бофандагӣ марбутанд*:** *ғарағара* (ғалтаки асбоби бофандагӣ) (غرغرة), *заъфарон* (ранги зард ва фарсуда) (زعفران), ва ғайра. Калимаи ғарғара маънои «гардонидани об дар гулу» низ корбаст мешавад.

Вожаҳои арабии арабии Муҳаммад (محمد), ки шакли Маҳмадро гирифтааст, мушк (маҷозан-ранги сиёҳ) (مشك), *заъфар* (заъфарон)(زعف), *алиф* (номи ҳарфи якуми алифбои арабиасос (ألف) ва *ғарб* (яке аз чор самти уфуқ, ки ҷойи фурӯ нишастани офтоб аст)(غرب), ки дар пайдоиши номҳои *алочаи маҳмадшоҳии зирагӣ* (ин нақши алоча ба Маҳмад ном шахс мансуб аст), *алочаи мушкузаъфар* (алочае, ки аз ду ранг ришта- мушкӣ ва заъфарон бофта шудааст), *алочаи ғарбӣ* (алочае, ки нақшаш ғарбӣ аст), *алочаи алифӣ* (алочае, ки нақшаш ба ҳарфи алиф шабоҳат дорад) нақши босазоеро бозидаанд.

Инчунин, бо калимаи иқтибосии арабии халифа (лақаби подшоҳони ислом)(خليفة) феъли х*алифагӣ кардан* (марде, ки ба бофандагӣ машғул аст) ба зуҳур омадааст. Дар пайдоиши ченакҳои вазни *ғарибак* (ченаки вазн 107 гр), *ятимак* (ченаки вазн) ва *мисқол* (4, 68 гр) мавқеи калимаҳои арабии *ғариб* (маҷ. бекас, бечора) (غريب), *ятим* (сағир) (يتيم) ва *мисқол* (ченаки вазни чизҳои майда) (مثقال) назаррасанд.

Хулоса, дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ калимаҳое мавҷуданд, ки дар ташаккулбии онҳо мавқеи калимаҳои арабӣ бениҳоят калонанд.

1. Калимаҳои арабии ифодакунандаи соҳаи маишӣ:

Теъдоди ин гурӯҳи калимаҳо назар ба калимаҳои соҳаи ҳунармандӣ хеле зиётар буда, дар нутқи ҳаррӯзаи мардум дар истифода қарор доранд ва зиёдии мавод моро водор сохт, ки онҳоро боз ба гурӯҳҳо ҷудо намоем:

а) вожаҳои ифодакунандаи рукнҳои шариат: Олоҳ (الله), Таъоло (تعالي), *ибодат* (عبادت), *лайлатулқадр* (ليلةالقدر), *ифтор* (افطار), *саҷда* (سجده), *ния*т (نيت), *қироат* (قرائت), *китобат* (كتابت), *воҷибот* (واجبات), *ҳаҷ* (حج), *Марям*(مريم) ва ғайра.

Аз сабаби он ки мардумони ин мавзеъ суннату анъанаҳои дини мубини исломро ба ҷо меоваранд, аз ин лиҳоз истифодабарии ин навъи калимаҳо хеле зиёд ба назар мерасанд.

Дар ин мавзеъ дар ифодаи калимаи «тасбеҳ» истифодабарии ибораи «ашки марям» ба назар мерасад. Дар бобати истифодабарии ибораи «*ашки марям»* ҳаминро бояд гуфт, ки ин ибора бо вожаи арабии (مريم) (номи ашхос) ташаккул ёфтааст, аслан, номи як навъ гиёҳест, ки тибқи хурофотҳои динӣ, гӯё аз ашки Марями бокира рӯйидааст, аз тухми он гиёҳ доначаҳои калон калон ба мисли муҳра мерӯяд ва онро мардуми маҳаллӣ ба ҷойи тасбеҳ истифода мебаранд.

Гарчанде дар ифодаи маънои *Худо* истилоҳоти зиёде дар забони тоҷикӣ вуҷуд дошта бошад, ҳам аммо дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор бештар истифодабарии калимаи *Оло* (Оллоҳ) ба назар мерасад: Ё *Оло* мадад кун, Насимҷони мана а(з) қарзу қавола бурор (Ш.Т.).

Ин вожа муродифҳои зиёде дорад, ки муҳаққиқ Қ. Саидаҳтамов низ ин падидаро дар таҳқиқоти хеш ба мушоҳида гирифта, чунин овардааст «Истилоҳоти Худо, Худованд, Яздон, Яздонпараст, Яздонӣ, Эзид, Парвардигор, Ҷонофарин, Кирдгор, Додор, Офаридгор, Офариниш, Офаранда ва ғайра аз вожахои аслии забон буда, гурӯҳи вожаҳои маъноиро дар дохили гурӯҳи мавзуи истилоҳоти марбут ба номи Худованд ташкил медиҳанд» [186 с. 110].

Истифодабарии ин калимаҳо аз мавриду мавқеъ ва тасвири забони ҷаҳони ин қавму қабилаҳо низ иртиботи ногусастанӣ дорад. Масалан, вожаи *шоҳ* дар тасвири забони мардуми кӯҳистон, аз ҷумла, мардуми Вахон ивазкунандаи вожаи «Худо» будааст [134, с. 26].

Бо ин маънӣ корбаст гардидани ин калимаро дар гӯйишҳои ин мардумон ба мушоҳида нагирифтем.

б) номи ашхоси диндор: شيخ, *қозӣ* (قاضي), *мулло* (ملا), *халифа* (خليفه), *амир* (امير), *аҷнабӣ* (اجنبي), *эшон* (ايشان) ва ғайра .Истифодабарии номи ашхоси динӣ бо забони адабии тоҷик якранг буда, тафовут ба назар намерасад.

Дар ин маврид, лозим донистем калимаи «эшон»-ро ҳамчун истилоҳи динӣ каме шарҳу тафсир намоем. Калимаи арабии *эшон* дар нутқи мардумони ин мавзеъ ба мисли забони адабӣ ба ду маънӣ маъруфият дорад, ба маънои «шахси диндор» ва «ҷонишини онҳо». Албатта, фаромӯш набояд сохт, ки дар ин водӣ намояндагони илму фарҳанг низ истиқомат менамоянд, аз ин лиҳоз, ин калима бо ду маънои доштааш маъмул аст, аммо ба хилофи ин андешаҳо ҳаминро гуфтанием, ки агар дар гузашта шахсе ҳамчун эшон (қории Қуръони шариф) дар байни ин мардум эътибор дошта бошад, пас авлоди онҳоро низ эшонҳо меноманд.

Воқеан, эшонҳо дар байни мардуми водии Ҳисор то ҳанӯз як мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Онҳо диққату эҳтироми махсусеро сазоворанд. Анъанаи дигаре миёни ин мардум то айни замон ҳифз гардидааст, ки эшонҳо бояд ҳатман фарзандони худро бо эшонҳо оиладор намоянд.

Миёни донишмандон оид ба баромади вожаи *эшон* ақидаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Масалан, оид ба баромади вожаи *эшон* забоншиноси варзида А. Семёнов чунин ибрози ақида намудааст: «Ишони форсӣ дар шеваҳои кӯҳистон, Самарқанд ва Бухоро дучор намешавад. Дар Осиёи Марказӣ маънои калимаи *эшон* шахси диндор буда, аз ҷиҳати баромади худ форсӣ нест» [191, с.83]. Ба ақидаи А. Семёнов вожаи эшон дар ифодаи шахси диндор вожаи арабӣ намебошад.

Муҳаққиқи забони «Маҷмуъ-ут-таворих» Г. Камолова менависад, ки *эшон д*ар асари номбурда ба маънои «шахси баландмартаба ва диндор» қайд мешавад. Дар ин сурат, *эшон* на чун ҷонишин, балки ҳамчун исм зоҳир мешавад. Барои тавқияти фикр муаллиф чумлаи зеринро овардааст:»То муддати панҷ сол ба пеши эшон дарс хонда, бисёр дониш пайдо кардам» [116, с.95].

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, дар забони тоҷикӣ ҷонишини эшон бо ҷонишини *онҳо* муродиф мебошад. Баромади ин ҷонишинро донишманд А.Семёнов чунини менигорад: «Ҷонишини *эшон* калимаи кутоҳкардашудаи Али шон**,** ки маъноияш «шахси баландмартаба ва баландараҷа мебошад, ба ҳисоб меравад»[12, с. 89]. Ба андешаи мо, ин ҷонишин бо калимаи Али шон ягон алоқамандие надорад.

Аз сабаби он ки вожаи *эшон* ҳамчун ҷонишин дар гузашта дар осори пурғановати ниёгонамон хеле зиёд корбаст шудааст, аз ин лиҳоз миёни донишмандон баҳсҳои беканореро ба зуҳур овардааст. Забоншиноси дигар Б. Сиёев маънои дигари ин калимаро ба назар гирифта, чунин қайд намудааст: «Ҷонишини *эшон* таърихи қадима дорад он дар давраи қадим ва миёна инкишофи забонамон дар баробари соҳиби маънои ишора буданаш, ба сифати ҷонишини шахси сеюми ҳам истеъмол шудааст» [191, с. 73].

в) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои марг ва азодорӣ: *ҷиноза* (ҷаноза) (جنازه), *маит* (майит, шахси вафоткарда) (ميت), калима (كلمة), *шаҳодат* (شهادت), *ёсин* (يس), *азроил* (عزرائيل) *ваҳм* (وهم), *раҳматӣ* (رحمت) (шахси мурда), *савол* (سوال), *ҷувов* (ҷавоб (جواب) (пурсиш дар он дунё), *қиёмат* (قيامت) (он дунё), *маърака* (معركه) ва ғайра. Дар ин бахш калимаи *манзил* (منزل) ба маънои «гӯристон» истифода мешавад: Баъди кор йа сари *манзилаки* отаҳакам равам (Ш.Т.); Сари *манзил* брен, тоза кнен, ки ҷазири бъд шъдаст (Т.Ҳ.). Ҳангоми номбар намудани ин гурӯҳи калимаҳо баромади арабӣ доштани онҳо камтар ба назар мерасад, зеро аксарияти ин калимаҳо дар водии Ҳисор шакл ва хусусиятҳои лаҳҷавиро ба худ касб намудаанд.

Забоншинос Б. Алиев ҳангоми таҳлили этнолингвистии вожагони этнографии яғнобӣ овардааст, ки калимаи *қабристун* дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дар шакли гуристун ва қавристон вомехӯрад [2,с. 19].

Оид ба калимаи *маърака* забоншиносон фикру андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Ин калима ҳам дар забони адабии тоҷик ва ҳам дар лаҳҷаву шеваҳо дар ҳамин шакл дар истифода қарор дорад. Муҳаҷқиқ А. Ҳасанов корбасти ин калимаро дар ҳамин шакл дар лаҳҷаи шимолӣ ба мушоҳида гирифтааст [222,

с.126]. Гарчанде шакли ин калима тағйир наёфта бошад ҳам, вале ин калима дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба мисли дигар гӯйишҳо фарқ дорад.

Ба масъалаи омӯзиши вожаҳои анъанавӣ аксарияти муҳаққиқон даст зада истодаанд. Масъалан, муҳаққиқ А. Хонхуҷаева чунин ибрози андеша намудааст: «Дар вазъи имрӯза яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ масъалаи омӯзиши вожаҳои этнографии ифодакунандаи маросимҳи дафн ва туйи арусӣ ба ҳисоб меравад» [217, с. 5].

г) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои беморӣ: *мараз* (مرض), қай (قي) (партофтан), *сакта* (سكتة), *зуком* (زكام), *маюб*(معيوب) ва ғайра. Инчунин, дар ташаккулёбии калимаҳои *медакасал* (меъдадард), *димоғмахка*м (бинимахкам), *ҷасатхам* (букрӣ), *кифткаҷала* (китфи ноҳамвор), *зиқи нафас* (навъи беморӣ), ки дар гӯйишҳои ин мардумон сермаҳсуланд, мавқеи калимаҳои арабии *меъда* (معدة), *димоғ* (دماغ), *ҷасад* (جسد), *китф* (كتف), *зиқ* (ذق) хеле калонанд.

д) вожаҳои ифодакунандаи номи хешовандон: *хола* (خاله) (хоҳари модар), *амма* (عمّة) (хоҳари падар), *оила* (عائله) (зан, завҷа), *амак* (عمك) (бародари падар), *волида* (والده), *волидайн* (والدين) , *авлод* , (اولاد)*аҷдод* (اجداد) ва ғайра. Бештари ин калимаҳо дар шакли аслии хеш дар истифода қарор доранд.

Аз омӯзишу пажуҳишии калимаҳои арабӣ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба хулосае омадем, ки истифодаи онҳо миёни мардуми ин мавзеъ гуногун аст. Албатта, ҳангоми истифодаи онҳо сину сол ва вазъи иҷтимоии ворисони лаҳҷа ба назар мерасад. Масалан, мардуми куҳансол, ки бештар рукнҳои диниро адо менамоянд бештар калимаҳои *тоат* (طاعة), *ибодат* (عبادة), *фитр* (فطر), *ифтор* (إفطار), *уламмо* (علماء), *фақир* (فقير), *маит* (ميت) ғайраро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Мактаббачагон бошанд, бештар калимаҳои *талаба* (طلبه), *китоб* (كتاب), *қалам* (قلم), *дафтар* (دفتر), *мактаб* (مكتب), *нақша* (نقشه), *унсурҳои малим* (муаллим) (معلمٌ), *машқ* (مشق), *тарбия* (تربية), *шарқ* (شرق), *ғарб* (غرب), *ҷумла* (جملة), *истило* (истилоҳ) (اصطلاح), *адабиёт* (عدبيات), *ахлоқ* (اخلاق), *фаррош* (فرّاش), *нуҷум* (نجوم)-ро, асосан, дар гуфторашон корбаст менамоянд.

Калимаҳои *ҳофиз* (حافظ), косиб (كاسب), қассоб (قصّاب), *амма* (عمّة), *авқот* (аҚвот) (اوقات), *асал (*عسل*), ғалла* (غلّة) ва ғайра бошанд, дар истеъмоли ҳама табақаҳои аҳолӣ истифода мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки калимаву истилоҳоти арабӣ дар вожагони соҳаи маишӣ ва ҳунармандии лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба назар расида, солҳои зиёд, дар истифода қарор доранд. Ба меъёрҳои дохилии лаҳҷаву шеваҳои мазкур мутобиқ гардида, ҳамчун моли худӣ дар истифодаанд.

4.1.2.2. Вожаҳои иқтибоси туркӣ-узбекӣ

Зисту зиндагонии якҷояи мардуми тоҷик ва узбек таърихи чандинҳазорсола дорад. Маҳз, ин раванд шароит фароҳам овардааст, ки таъриху маданият, тарзи зиндагӣ, урфу одат, либос, таом ва ғайра ба ҳам монанд гарданд. Ҳаёти муштараки маданӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабӣ ба забони ҳамдигар бе таъсир намонд.

Рӯшан аст, ки одамон бидуни муносибат, доду гирифт бо ҳам наметавонанд зиндагӣ кунанд, бинобар ин, дар натиҷаи ба вуҷуд омадани робита ва алоқамандии бисёрҷониба миёни гурӯҳҳои этникии гуногун таъсиргузорӣ ба забон низ ба миён меояд. Муҳаққиқ Мино Корвонӣ масъалаи зеринро чунин арзёбӣ намудааст: «Ба таваҷҷуҳ бидуни ҳақиқат, медонем, ки туркҳо ва тоҷикҳо (фосизабонҳо), аз ҷумла, мардумони қадимаи машрикзамин буда, дар арсаҳои мухталиф бо ҳам равобиту муносибати наздик доштанд ва аз ин ҷост, забонҳои онон таъсири мутақобил болои якдигар гузоштааст» [145, с. 118].

Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ калимаҳои туркӣ-узбекӣ хеле зиёд дучор мешаванд. Калимаҳои туркӣ-узбекии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, асосан, калимаҳое мебошанд, ки дар забони тоҷикӣ муродиф надоранд ва ё бо мурури замон дараҷаи истеъмоли муродифҳои тоҷикии онҳо танг шудаанд, аммо муродифҳои лаҳҷавии онҳо ба назар мерасанд. Масалан, калимаҳои *уғурчагӣ* ва

нугул дар ифодаи мафҳуми (пиёзу гашничи кӯфташуда) дар мавридҳои гуногун якдигарро иваз мекунад.

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар вожагони соҳаи хӯрокворӣ ва пухтупаз дар ин мавзеъ калимаву ибораҳои зиёдро вохӯрдан мумкин аст, ки тавассути забони форсӣ-тоҷикӣ ба забони туркӣ-узбекӣ ворид гашта гардишхӯрдаанд. Ба ин мисол шуда метавонад калимаи *қоқ,* ки тавассути он якчанд калимаву истилоҳоте, ки ба соҳаи хӯрокворӣ ва пухтупаз марбутанд ба зуҳур омадаанд. Аз қабили *қовунқоқ /қоқандак* (харбузақоқ), *қоқмағзак* (чормағзи пучак), *севқоқ* (себи қоққардашуда), *шафтолуқоқ* (шафтолуи қоққардашуда), *зардолуқоқ* (зардолуи қоққардашуда), *қоқфатиро* (фатири кӯракӣ), *қоқнон* (нони хушкшуда) ва ғайра.

Ба тахмин наздик ва яқин аст, ки калимаи *қоқнон* ҳам ба мисли дигар калимаҳо ба меъёрҳои забонҳои туркӣ -узбекӣ мутобиқ гашта, шакли «қоқ»-ро гирифтааст.

Роҷеъ ба пайдоиши калимаи қанор ҳаминро гуфтанием, ки ин калима дар заминаи рушди ҳунари қанордӯзӣ, ки бо пахтакорӣ иртиботи зич дорад ва барои ниёзи мардум ҳангоми ғунучини пахта хеле зиёд дӯхта мешавад, пайдо шудааст. Дар асл, ин калима ҳам, гарчанде дар фарҳангҳо калимаи туркӣ буданаш дарҷ гардида, «ҷуволи калон» маънидод шуда бошад ҳам [297, с. 673], аммо ба ақидаи бархе аз муҳаққиқон вожаи *қанор* гунаи аз лиҳози шаклу маъно таҳаввулёфтаи *канур* будааст, ки тоҷикони имрӯза дар баёни маънии «халтаи калони пахта ё алаф андохташаванда» ба кор мебаранд.

Воқеан, вожаҳои туркӣ дар ифодаи номвожаҳои ҷуғрофӣ хеле зиёд ба назар мерасанд. Сабаби туркӣ номгузорӣ намудан дар он аст, ки дар бисёри мавзеъҳои ин водӣ тоҷикон ва узбекон якчоя зиндагонӣ менамоянд. Масалан, дар шаҳри Турсунзодаи водии Ҳисор деҳаи Қипчоқ /Қибчоқ, ки дар он ҷой навъҳои гуногуни ҳунармандӣ тараққӣ кардааст, барои ташаккулёбии калимаҳои *дӯзандаи қипчоқӣ, устои қипчоқӣ, заргари қипчоқӣ* замина фароҳам оварда тавонистааст.

Рӯшан аст, ки калимаи «*Қибчоқ»* ҳамчун номвожаи ҷуғрофӣ аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегирад, ки дарҷи он дар луғатҳои пешин аз он шаҳодат медиҳанд. Дар «Ғиёс-ул-луғот» вожаи Қибчоқ чунин маънидод шудааст: «Номи даштест миёни Турон ва Туркистон, ки атроки он ҷо бисёр бераҳм ва мардумкуш мебошанд. Мутааххирин аз олами тасмиятулҳол ва бисмилмаҳал; бошандагони он ҷоро низ қибчоқ гӯянд; ва маҷозан лафзи қибчоқ ба маънии бебок низ меояд» [268, с. 127].

Мардуми ин мавзеъ аз гузашта дорои таъриху тамаддуни бойу ғанӣ буда, дар ҳамаи давру замон дар тавассути маданият ва фарҳанги худ миёни дигар қавму қабилаҳо маъруфияти хосса доштанд. Хушбахтона, тавонистаанд, ки то ба имрӯз он маданияту фарҳанг ва суннату анъанаи хешро ҳифз намоянд. Зеро идома додани расму оин, урфу одат ва суннату анъанаҳои гузаштагонамон аз худшиносиву худогоҳии ҳар як фарди соҳибмаърифату соҳибилм дарак дода, бо ин васила, руҳи ачдододамонро шод ва таъриху тамаддун ва маданияту фарҳанги хешро зинда нигоҳ дошта метавонем. Зеро худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ аз огоҳӣ доштан аз таърихи гузаштаи халқ ва ошноӣ бо корнамоии фарзандоне, ки дар роҳи расидан бо озодиву истиқлол ва таҳкиму пойдории давлатдории миллӣ талош кардаанд сарчашма мегирад [85, с.15].

Дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, инчунин, теъдоди зиёди калимаву истилоҳоти узбекӣ ба назар мерасанд, махсусан дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ин гурӯҳи калимаҳо бештар хусусияти гуфтугӯйӣ пайдо кардаанд. Агар амиқтар ва жарфтар назар афканем, гарчанде дар айни замон низ тоҷикон бо узбекон яҷоя умр ба сар баранд ҳам, аммо истифодаи теъдоди калимаву истилоҳоти иқтибосии узбекӣ нисбат ба калимаву истилоҳоти арабӣ дар луғоти забони тоҷикӣ камтар ба назар мерасанд.

Албатта, иқрор шуда метавонем, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо ва рушди бесобиқаи илму техника баъзе аз намудҳои ҳунарҳои мардумӣ низ аз байн рафта истодаанд, ки ин раванд, бевосита таъсири хешро ба забон низ гузошта истодааст, яъне калимаву истилоҳоти ин соҳаҳо ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол гузашта истодаанд. Аксаран, таҳти таъсири бевоситаи

ҷаҳонишавӣ фарқ байни кишварҳои пешрафта ва ақибмонда фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо шиддат мегардад [249, с. 2].

1. Вожаҳои туркӣ-узбекии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ:

Аксар намудҳои ҳунармандӣ дар Ҳисори шодмон рушд намуда истодааст. Аз ин лиҳоз, теъдоди калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар ин минтақа хеле зиёд ба назар мерасанд, ки аксарияташон калимаҳои иқтибосӣ мебошанд, махсусан калимаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ. Калимаҳову истилоҳоти узбекии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар ҳама лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ қариб як шакл доранд. Оид ба ин масъала ҳанӯз устод Садриддин Айнӣ дар айёми худ чунин гуфта буд: «Забони аҳвоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳмад, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳҳо, дар киноя ва истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дар дигар бобатҳо хусусият ва руҳи забони тоҷик риоя карда шуда бошад, гуфта ҷавоб диҳем. Дар ин сурат, агар лаҳҷаеро риоя карда чизе навишта шавад, агарчи ин лаҳҷа ба лаҳҷаҳои дигар баробар наояд ҳам, дар фаҳмиданаш бисёр душворӣ пеш намеояд» [43, с. 107].

Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор теъдоди зиёди вожаҳои туркӣ-узбекии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ намудем:

а) соҳаи оҳангарӣ ва заргарӣ: *темур* (оҳан), *ӯймоқ* (ангуштбона), *элак* (ордбез), *яғлоғу* (обрезак), *қазон* (дег), *эзангӯ* (абзори оҳании мустаҳакаме, ки барои савор шудан ба асп ёрӣ мерасонад), *қайчӣ* (дукордаи матоъбурӣ, микроз), *чилим* (абзори тамокукашӣ: зарфест найнӯл, ки дар дарунаш об андохта, бар сараш тамоку даргиронда аз нӯгаш дуди тамокуро мекашанд), *қошуқ* (кавлез), *балдо*қ (навъе аз гӯшвори занона), *қоштилло* (наъе аз зинати занона, ки занҳо дар пешонӣ мегузоранд) ва ғайра.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, гарчанде муодилҳои тоҷикии баъзе аз ин калимаву истилоҳот дар забони тоҷикӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо барои мардуми тоҷик истифодаи калимаву истилоҳоти узбекӣ созтар аст. Ба ин мисол

шуда метавонад калимаи *элак*, ки дар фарҳанг гунаи тоҷикии он *парвезан* ва *ордбез* оварда шудааст [297, с. 614].

Гарчанде вожаҳои *owгирак, owбардорак, якдаста, оврезак* воҳиди луғавии узбекии «яғлоғу»-ро, ки марбут ба соҳаи оҳангарӣ аст, иваз карда тавонанд ҳам, аммо барои мардумони ин мавзеъҳо истифодабарии калимаи *ялоғу* осон аст, ҳоло он ки дар луғат чунин тафсири ин калима, тамоман дигар хел дода шудааст: «тоба, яъне зарфи паҳни филизие, ки дар он равган доғ мекунанд ва гӯшту хӯрданиҳои дигар бирён мекунанд» [296, с. 638].

Устод Айнӣ ҳам баромади ин калимаро узбекӣ медонанд [259, с .496].

Илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки вожаи *ялоғу* дар нутқи мардуми Ҳисор мафҳуми зарфи раганширинкуниро ифода намекунад, балки мафҳуми зарфи обрезиро ифода намуда, дар баробари муродифҳояш хеле зиёд корбаст мешавад, ки Сайидои Насафӣ низ дар осори хеш ба ҳамин маънӣ ин вожаро корбаст намудааст:

Дилбари мисгар ба каф кафгир рӯй аз ман битофт,

Гуфтам: Эй паймоншикан, *яғлоғуи* ту даста ёфт? [329, с. 437].

Маълум гашт, ки теъдоди калимаҳои туркии ифодакунандаи соҳаи оҳангарӣ ва заргарӣ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор назаррасанд.

***б) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои чармгарӣ*:** *қамчин* (абзори аспронӣ), *телпак* (каллапӯш) *туқум* (полони хар), *қайиш* (камарбанд), *тулум* (халтаи чармие, ки барои паниркунӣ тавсия шудааст), *туқум, юрт* (хаймаи чармин), *қалпоқ* (кулоҳи чармин), *қапчуқ* (хамёни чармин) ва ғайра. Миёни намояндагони забони париён калимаи қайиш дар шакли « қейш» маъмул аст. Воҳиди луғавии туқум «полони хар» тафсир шудааст [297, с. 383]. Дар дар нутқи ворисони ин лаҳҷаҳо ин вожа ба тағйироти маънои гирифтор шуда, ифодагари мафҳуми «сарулибос» низ мебошад: Оишро *туқумош* нав шудаст замину осмонро дигар намешиносад. Имрӯз хамон *туқумоҳои* муйсафедро шуштаниям (Ш.Т.).

***в) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои пазандагӣ*:** қатлама (фатири қат-қати дар равган бирёншуда), *бурсо* (як навъи порчаҳои аз хамир буридаи дар

равган бирёншуда), *қотурма* (нони аз ширу равган шӯрондашудаи, дар равган бирёншуда), *буламоқ* (отолаи аз равгани зард омодашуда), *қӯйма* (хамири бо пиёзу гашнич ва тухми бирёншуда), *қатиқ* (чака), *тупа* (хамири буридаи дар об пухташуда), *тиғма /сузма* (чакаи бо пиёзу қаламфур омехтакардашуда) *талқон*, *қимиз* (нӯшокӣ аз шири байтал), *қима* (гӯшти кӯфта қавурдоқ як навъ гӯшти бирён), *юндуқ* (хӯроки бемаза), *сарқут* (хӯроки бозмонда), *чурғот* (мост), *қӯймоқ* (чалпак), *айрон* (дӯғ), *қазӣ* (ҳасиби гӯшти асп), *қурмоқ* (омехтаи чурғот бо каймоқ) ва ғайра.

Қайд кардан ба маврид аст, ки воҳиди луғавии *қатиқ* доираи интишори хеле васеъ дорад. Ин вожа, ҳатто, дар забони русӣ низ мавриди истифода қарор дошта, дар китоби «Луғати Этимологии забони русӣ» иқтибос аз забони туркӣ будани он оварда шудааст [302, с. 211].

Калимаҳои соҳаи пазандагӣ дар гӯйишҳои мардумони ин мардумон хеле зиёд мавриди истифода қарор дошта, дар гӯйишҳои ин мардумон ҳазм шудаанд.

ғ)вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои бофандагӣ: бойсунӣ, тошканча, *олчинбар* (навъи алоча), *қолин* (навъи гилем), *қоқма* (гилеме, ки аз риштаи дурушти пашмин бофта шудааст), *алочаи узбекӣ* (алочае, ки бо усули узбекӣ бофта шудааст), *кӯндаланг* (баракӣ), *қизилалоча* (алочаи сурх), *қизилёқ* (рустание, ки аз он ранги сурх ҳосил мекунанд), *кӯк* (ранги кабуд), *пистоқӣ* (ранги сабз) ва ғайра.

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки одатан, тиҷорат дар водии Ҳисор бо истеҳсоли абрешим, ҳунари бофандагӣ иртиботи зич дорад, аксарияти калимаҳои иқтибосии узбекӣ ифодакунандаи мафҳумҳои бофандагӣ мебошанд. Аз шарофати тиҷорати абрешим дар биёбону даштҳои беобу гиёҳ қофилаю корвонҳо пайваста рафтуо дошт, шоҳроҳу чорсӯҳо корвонсарою монораҳои мудофиавӣ марказҳои тиҷоратӣ ва шаҳракҳо қомат меафрохтанд, дар мавзеъҳои муносибати роҳи тулонӣ чоҳҳои обкашӣ ва сардобҳо падид меомаданд [248, с. 93].

Гарчанде аксарияти калимаҳои узбекии соҳаи бофандагӣ муодилҳои тоҷикии худро дошта бошанд ҳам, вале барои бофандаҳо истифодабарии гунаҳои узбекии онҳо осон аст.

д) вожаҳои ифодакунандаи соҳаи дӯзандагӣ: *сачоқ* (дастмол), *ямоқ,* (порагӣ), *гупич*а (камзӯли ғафси пахтадор), *яқа* (гиребон), *тириз* (пораи матое, ки дар ду тарафи курта барои танг наомаданаш андохта мешавад), *юрма* (чакан), *чапон* (ҷома), *эзор* (поҷома) ва ғайра. Калимаи *яқа* дар «Луғати узбекӣ-русӣ» чунин маънидод шудааст: уоқа - воротник [294, с. 123].

Иқтибосҳои узбекӣ калимаҳое мебошанд, ки дар забони адабии тоҷикӣ ҷанбаи умумиистеъмолӣ доранд. Иқтибосҳои узбекӣ низ дар забони тоҷикӣ ба дараҷае ҳазм шудаанд, ки мувофиқи қонунҳои дохилии забони тоҷикӣ аз онҳо калимаҳои нав сохта шудаанд.

1. Калимаҳои узбекӣ дар ифодаи ҳунармандӣ ва касбу кор пасвандҳои тоҷикӣ қабул карда, калимаҳои нав сохтаанд, ки номи пеша ё машғулиятанд: *ашӯлачӣ, отарчӣ, аврумончӣ, улоғчӣ* ва ғайра.

2. Калимаҳои туркӣ бо калимаҳои тоҷикӣ дар як таркиб омада, калимаҳои мураккаб сохтаанд. Иқтибосҳои узбекӣ бо асоси ҳозираи феъл омада номи касбу кор ва асбобу абзори рӯзгорро ифода намудаанд: *туқумдӯз, юрмадӯз, қимакӯб, буламоқпаз, қуймапаз қаламапаз, тулумдӯз, яқадӯз, қоқмабоф, қолинбоф* ва ғайра.

Калимаву истилоҳоти иқтибосии узбекии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандии лаҳҷаҳои водии Ҳисорро таҳлил намуда чунин натиҷагирӣ намудем:

а) омили асосии ворид шудани калимаву истилоҳоти узбекии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ба лаҳҷаҳои водии Ҳисор натиҷаи дар як мавзеъ аз қадимулайём якҷоя зиндагӣ намудани ин миллатҳо мебошад;

б) теъдоди калимаву истилоҳоти иқтибосии узбекии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор нисбат ба калимаву истилоҳоти иқтибосии арабии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ камтар ба назар мерасад;

в) калимаву истилоҳоти иқтибосии узбекии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандии лаҳҷаҳои водии Ҳисор, асосан, калимаҳое мебошанд, ки бовуҷуди муродифҳои тоҷикии зиёд доштанашон ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқ гардидаанд ва доираи истеъмоли баъзе муродифҳои онҳо танг шудааст.

2. Вожаҳои туркӣ-узбекии ифодакунандаи соҳаи маишӣ: Аксарияти ин калимаҳо хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, дар дигар лаҳҷаву шеваҳо ба назар мерасанд. Хусусиятҳои хоси ин гурӯҳи калимаҳоро ба инобат гирифта, чунин номгузорӣ намудем:

***а) вожаҳои ифодакунандаи номи зироатҳо*:** *қарапӯчоқ* (гандуми пӯсташ сиёҳ)**,** *жарга* (як навъ гандуми сафедак), *басирбой* (гандуме, ки тухми онро Басирбой ном шахс овардааст), *бурдоқӣ* (нахуди калон калон) ва ғайра.

***б) вожаҳои* ифодакунандаи номи сабзавотҳо:** *қарарайҳон* (райҳони сиёҳ), *қизилкартошка* (картошкаи сурх) *қутурбодринг* (бодаринги холчадор), *қизилкаду* (кадуи сурх), *тағоракаду* (кадуи калон)ва ғайра

в) вожаҳои ифодакунандаи номи гулу гиёҳҳо: қизилёқ (гиёҳе ки бо шохҳои он ранг мекунанд), *қарақош* (гули сиёҳгӯш), *янтоқ* (хори саҳроӣ), *явшон* (дармана), *юнучқа* (ришқа) ва ғайра.

***г) вожаҳои ифодакунандаи номи меваҳо*:** *қарапӯчоқ* (харбузаи пӯсташ сиёҳ), *қароқулӣ* (харбузаи сиёҳчаранг), *оққовун* (харбузаи дилааш сафед), *парсилдоқ* (харбузае, ки таъмаш ба шибит монандӣ дорад), *шоҳқовун* (харбузае, ки дар гузашта махсус барои шоҳон мепарвариданд), *кӯкча* (харбузаи пӯсташ кабудча), *индамас* (навъи махсуси харбуза), *ичқизил* (харбузаи дилааш сурх), *қораангур* (ангури сиёҳ), *бойсунӣ* (ангуре, қаламчаи онро аз бойсун овардаанд), *куксултон* (як навъ олучаи туруш), *қурвоқатут* (тути калон-калон) ва ғайра.

Аслан ҳайвони хонагии боркашро дар лаҳҷаи Қаратоғ «улоғ» мегӯянд. Профессор Маҷидов Ҳ. калимаи улоғро чунин шарҳ додаастаст: «Калимаи иқтибосии туркиву муғулӣ, маъноаш ҳайвони саворӣ» [141, с. 114].

Аксарияти номи меваҳо калимаҳои туркӣ мебошанд, ки тавассути Роҳи Абрешим вориди ин лаҳҷаҳо шудаанд.

д) вожаҳои ифодакунандаи номи парандаҳо: *қилвоч* (фароштурук), *шунқор* (навъе аз мурғони шикорӣ), *ҷарчинғай* (уқоби хурд) *қуш* (боз), *лочин* (шоҳин), *оқсунқур* (бози сафед), *кароғуш* (галевоҷ), *қалдирғоч* (парасту) ва ғайра.

е) вожаҳои ифодакунандаи соҳаи моҳидорӣ : *қизилмоҳӣ* (моҳи сурх), *оқмоҳӣ* (моҳи сафед), *қилтиқ* (сук), *қармоқ* (шаст), *такичак* (бузак), *тур* (асбоби моҳидорӣ) ва ғайра.

ё) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ: *хотун* (зан), *эркак* (шавҳар), *таго* (бародари модар), *янга* (зани бародар), *келин* (зани писар), *қайсингил* (хоҳаршуй), *қайнӣ* (додаршӯй), *қайнота* (падари шавҳар), *ҷиян* (писар ё духтари додар ё хоҳар), *бикка* (зани калон), *апа* (хоҳари калон) *ака* (бародар), *ука* (додар), *она* (модар), *кундош* (палонҷи дигари шавҳар) ва ғайра. Калимаи хотун дар осори классикон ба ду маънӣ корбаст гардидааст, ба маънои зан ва кадбону [190, с. 42].

Ҳамин тариқ, теъдоди калимаҳои туркӣ узбекӣ дар вожагони соҳаи маишӣ ва ҳунармандӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, ки омили асосии ин раванд зисту зиндагонии якҷояи мардуми тоҷик ва узбек ба ҳисоб меравад.

4.1.2. 3. Вожаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ

Воқеан, тибқи оморе, ки аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд дар ҳудуди кишвари мо намояндагони бештар аз 92 забонҳо истиқомат дошта, ва Тоҷикистон яке аз кишварҳое ба шумор меравад, ки дар он барои рушду такомули забони ақаллиятҳо шароитҳои хеле хуб фароҳам оварда тавонистааст.

Чӣ тавре ки маълум аст, мардумони русзабонҳо низ дар қаламрави Тоҷикистони азизи мо муқимӣ гаштаанд, ки дар гуфтори ҳамарӯзаашон аз калимаву истилоҳоти тоҷикӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Рӯшан аст, ки аксари ин вожаҳо ифодагари номҳои хӯрок, пӯшок, олами набототу ҳайвонот, суннату анъанаҳои динӣ , расму оинҳои миллӣ ва ғайра ба ҳисоб рафта, тасвири забонии русҳои Тоҷикистонро нишон дода метавонанд.

Калимаҳои тоҷикиро ворисони забони русӣ ба меъёрҳои забони адабии муосири рус мутобиқ намуда, сипас дар гуфторашон истифода менамоянд. Дар гӯйиши русҳои муқими Тоҷикистон бештари ҳолатҳо истифодабарии калимаву ибораҳои *барибир* (ба ҳар ҳол), *хоп /майлаш* (хуб, ман розӣ), *руза* (рӯзадорӣ), *курбон байрам* (иди Қурбон) ба назар мерасанд.

Гарчанде дар забони русӣ ҳангоми муроҷиат ба шахс ному насаб гирифташуда, ин анъана солҳои тулонӣ миёни ин мардум ҳифз шуда бошад ҳам, аммо бо таъсири гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор дар нутци русзабонҳое, ки дар водии Ҳисор истиқомат менамоянд истифодабарии калимаҳои *тога* (таго), *амакӣ* (амак), *апашка* (апа), *холашка* (хола), *янгашка* (янга) щангоми муроҷиат ба назар мерасанд. Калимаҳои *шир, катик* (қатиқ), *каймак* (қаймоқ), *чика* (чака), *плов* (палов), *танур* (танур) *манти* (манту), *самса* (санбӯса), *курпича* (курпача), *чепан* (чапон) аз ҷониби русзабонҳо хеле зиёд мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҳангоми таҳлили мавод ба хулосае расидем, ки барои мардумони рус бештар осонтар аст, ки бо лаҳҷаву шеваҳо гуфтори худро ба роҳ монанд, ки ин дар натиҷаи зиндагонии якҷояи ин қавмҳо қабилаҳо ба миён омадааст. Аз сабаби аз меъёрҳои забони русӣ воқиф набуданашон ба ин мардумон гуфтор бо забони русӣ каме мушкилиро пеш меорад. Айни замон, мушкили муайяне барои аҳолии Точикистон ин аст, ки гуфтори гуфтугӯйии тоҷикӣ аз забони адабии тоҷикӣ хеле фарқ мекунад. Ин раванд аз сабаби зиёд будани гурӯҳҳои этникӣ ва лаҳҷаву шеваҳо ба зуҳур омадааст.

Суханронии гуфтугӯйӣ, ки дар муоширати ғайрирасмӣ мавриди истифода қарор мегирад, тавассути вожаҳои аз гӯйишҳои гуногун таркибёфта ба роҳ монда мешавад. Бояд зикр намоем, ки таъсири байниҳамдигарии забонҳои русӣ ва тоҷикӣ раванди давомдорест, ки онро худи ворисони забонҳо ҳамчун воситаи муҳимтарини муоширати инсоният мепазироянд.

Мусаллам аст, ки масъалаҳои хешигарии забонҳо ҳамеша таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб намуда буд. Аз сабаби он, ки забони русӣ низ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил аст, аксарияти калимаҳое, ки дар забони

тоҷикӣ мавриди истифода қарор мегиранд, тарзи талаффузашон бо забони русӣ монандӣ доранд, аз қабили *брат*-бародар, *растанӣ* - растение, *мама* - ма, *сенор* - сестра ва ғайра. Гарчанде дар гузашта дар гӯйиши мардуми ин мавзеъҳо истифодабарии калимаҳои *болшивик* (большевик), *ревалутсия* (революция), *меншивик* (меньшевик), *губернотур* (губернатор) ва монанди инҳо ба назар мерасиданд ҳам, аммо ин калимаҳо, айни замон ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол дохил шудаанд, зеро онҳо бо Инқилоби Октябр иртибот доштанд.

Вожагони забонҳо далели робитаҳои этникӣ, робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии байни ҷомеаҳоро дар забон инъикос мекунад.

Бештари калимаҳои русӣ ифодагари мафҳумҳои соҳаи техникӣ аз қабили *мошин* (мошина), *самалёт* (самолёт), *вертайлот* (верталёт), *инҷинир* (инжинер), *пирараб* (прораб), *римон* (ремонт) ва монанди инҳо буданд [69, с. 114].

Барои ҳазм шудан, калимае, ки аз забони ғайр омадаанд, бояд дар забони нав барои худ ҷой бигиранд, ба луғати он забон устувор ворид шаванд. Аксари забоншиносон бар ин назаранд, ки хусусияти асосии вожаҳои ҳазмгардида воридшавии одии онҳо ба забони воридгардида набуда, дар таркиби луғавии ин забон, тобеияти комили онҳо ба меъёрҳои ин забон ба ҳисоб мераванд. Раванди мутобиқшавии калимаҳои қабулшуда дар ҳар сатҳи забон бо хусусиятҳои муайяни хос мутобиқгардида, дар робита ба азхудкунии пурраи вожаҳои қабулшуда имкониятҳои гуногун дорад.

Иқтибосшавии калимаҳо забонро бойу ғанӣ гардонида, маъмулан, агар назар афканем, ба асолати он халал намерасонад, зеро онҳо луғати асосии забон, сохти грамматикии хоси ин забонро нигоҳ дошта, конунҳои дохилии инкишофи забонро вайрон намекунанд. Равандҳои пуршиддати иҷтимоӣ ва таърихӣ таъсирашонро на танҳо ба забони адабӣ, балки ба лаҳҷаву шеваҳо расонида, боиси ба тағйироти назарраси фонетикӣ гирифтор гардидани баъзе аз онҳо шудаанд, ки дар баъзе ҳолатҳо ворисони лаҳҷа онҳоро ҳамчун моли худи пиндошта истифода менамоянд.

Ҳангоми шунидани калимаҳои *пӯшта* (почта), *очур* (очередь), *истакон* (стакан), *шакалот* (шкалад), *малмалот* (мармелад), *лампӯшка* (лампочка), *шӯт* (счёт) моли забони русӣ будани онҳо ба назар намерасад. Аммо ба андешаи бархе аз донишмандон ин ҳодиса мутобиқшавӣ ба меъёрҳои забон ва лаҳҷаву шеваҳо набуда, балки вайрон гаштани шакли калима ба ҳисоб меравад. Масалан, муҳаққиқ М. Муродова ҳангоми таҳқиқи забони ҳикоёти Д. Рачабӣ ба ин гурӯҳи калимаҳо диққати махсус дода чунин овардааст: «Бархе аз калимаҳои русиро нависанда дар ҳамон шакли русии вайроне, ки дар забони тоҷикӣ талаффуз мешаванд, истифода намудааст, счёт дар шакли шӯт» [146, с. 136].

Бар хилофи андешаҳои муҳаққиқ ҳаминро иброз намуданием, ки ин калимаҳо калимаҳои вайроншуда набуда, балки калимаҳои ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқгашта мебошанд. Дар китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» низ ин гурӯҳи калимаҳоро муаллиф ҳамчун калимаҳои вайроншуда шаҳр надодааст. Дар бобати истифодаи ин калимаҳо аз ҷониби Аҳмади Дониш чунин овардааст: «Аз ҷониби адиб дигар баъзе ҳолатҳо агар аз ин ду роҳ калима ва ё таркиби муносиб пайдо накард, дар он сурат, онҳоро дар шакли забони асл бо мурооти савтиёт ва талаффузи забон ба кор мебарад, монанди *губирнот* (губернатор), *газит* (газета), *фаврик* (фабрика), *телегроф* (телеграф), *пӯштахона* (почта), *импиротур* (император), *азбук* (азбука), *закун* (закон) ва ғайра» [251, с.309].

Теъдоди калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор чунон ҳам зиёд ба назар мерасанд, ки танҳо тавассути гурӯҳбандӣ метавонем мавқеи истифадабарии онҳоро муайян намоем.

2. Калимаву истилоҳоти русӣ-аврупоии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ

Омилҳои асосии истифодабарии ин навъи калимаҳо зисту зиндагонии якҷояи мардумони рус бо мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ин гурӯҳи калимаҳо хеле зиёд ба назар мерасанд ва чунин тақсимбандӣ шудаанд:

***а) соҳаи чармгарӣ*:** *шапк*а (шапка) *ремент* (ремень), *сӯмкача* (сумка), *шилопка* (шлёпанцы), *макасинак* (мокасины), т*ӯфлӣ* (туфли), *сапошка* (сапожки) ва ғайра. Ҳангоми таҳлили мавод исбот намудем, ки дар гӯйишҳои ин мардум ба мисли забони адабӣ истифодабарии чаҳор ҳарф, ки ба низоми фонетикии забони тоҷикӣ номувофиқ аст ба назар намерасад ц, ы, щ, ь ва ғайра. Гарчанде аксарияти калимаҳои ин забонҳо маҳз аз ин овозҳо ташаккул ёфтаанд.

Воқеан, инро профессор Ҳ. Маҷидов нишонаҳои назарраси савтӣ наҳвӣ ва маъноӣ ҳисобида чунин овардааст: «Дар як идда калимаҳои русию аврупоӣ овозҳои хоси забони русӣ ц,щ, ы, мавҷуданд» [141, с. 118]. Дар соҳаи чармгарь истифодабарии теъдоди ками вожаҳо ба назар мерасанд.

***б) соҳаи оҳангарӣ*:** *истанок* (станок), *мед* (мед), *серибро* (серебро), *алумин* (алюминий), *лапатка* (лопатка), *мастерок* (мастерок), *лум* (лом) ва ғайра. Дар соҳаи оҳангарӣ калимаву истилоҳоти зиёди иқтибосшуда аз забони русӣ ба назар мерасанд.

в) соҳаи сохтмон ва меъморӣ: *абой* (обои), *симент* (цемент), *алибастир*, (алебастер), *караска* (краска), *пол* (пол), *паталок* (потолок), *шифир* (шифер), *туруба* (труба), *паластики* (пластика), *тёпли пол* (тёплый пол) *фанерка* (фанер), *шикатӯрка* (шкатурка), *билила* (белила), *шӯтка* (щётка), *кърана /киран* (кран), *килей* (клей), *замаска* (замазка), *семент* (цемент), *река* (рейка) ва ғайра.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки як гурӯҳ фелъҳо бо калимаҳои русӣ-аврупоӣ сохта шудаанд ва чӣ тавре ки маълум аст, дар калимаҳои русӣ ду-се ҳамсадо паси ҳам омада метавонанд, ки ин хусусият барои забони тоҷикӣ бегона аст, аз ин лиҳоз, шакли ин калимаҳо дар гӯйишҳои ин мардумон каме тағйир ёфтаанд, аз қабили *истяшка каран, шкатурка /шикатурка каран, шпаклёвка каран* ва ғайра.

г) соҳаи дӯзандагӣ: фурма /*фӯрма* (форма), *какетка* (кокетка), *варатник* (воротник) *пиростин* (простины) *пададёл* (пододеяльник), *пиҷак* (пиджак), *кастун* (костюм), *бурук* (брюки), *сарафан* (сарафан), *пиҷама* (пиджама), *шерсак* (шерсть), *коверкот, съкна* (сукно), *гирбишинак* (крепдешин), *кревсатин*

(крепсатин), *паланой* (палотно), марлиҳак (марлия), *сатин* (сатин), *шифон* (шифон) ва ғайра.

д) соҳаи пухтупаз: *кекс* (кекс) *пичинак* (печенье), *карзинка* (корзинка), *рагарики* (рогалики), *паселуйчик* (поцелуйчики) (навъҳои кулчақандҳо), *пирожнӣ* (пирожное), *аливие* (оливье), *винигрет* (винегрет), *сезар* (цезарь), *напалён* (наполеон), *красни барх* (красный бархат), *чирипаха* (черепаха), *рафаело* (рафаэлло), *дамски палчик* (дамски пальчики), *снежни гара* (снежная гора) (навъи торт) ва ғайра.

Маълум гашт, ки аксарияти калимаҳои марбут ба соҳаи пухтупаз дар гӯйиши мардумони ин мавзеъҳо пасванди – ак-ро ба худ қабул мекунанд. *пирогак* (пираги), *шакалотак* (шакалад), *тортак* (торт), *хворостак* (хворост) ва ғайра. Калимаҳои *маска* (масло), *смитан* (сметан), *тварог* (творог), *сир* (сыр) низ дар соҳаи пухтупаз васеъ истифода бурда мешаванд. Калимаи маска бидуни ин маънь дар забони тоҷикӣ боз ба маънои «жанри мусиқии англисӣ, ки дар асри XVII ба авҷ расид», низ маъмул аст [1, с.100].

Дар вожагони соҳаи пухтупаз теъдоди зиёди вожаҳои русӣ-аврупоӣ ба назар мерасанд.

е) вожаҳои ифодакунандаи зебу зинат ва ороишоти занон: *пудра* (пудра), *касметик* (космкетика), *гумношка* (губная помада), *кирем* (крем), *тен* (тени), *румиян* (румяна) ва ғайра. Инчунин, дар ин маврид, калимаи чолка (буридани мӯйи пешонӣ) ба назар мерасад. Ин калима дар забони тоҷикӣ ба маънои «мӯйи асп» корбурд мешавад, ки бо ин маъноя дар луғатҳои пешин низ дарҷ гардидааст: «Чол - ҳар чизи думуйро гӯянд ва умуман, аспе, ки муйи он сурху сафеди дарҳам омехта бошад» [278, с. 335].

Дар назари мо ин калима аз забони тоҷикӣ-форсӣ ба таркиби вожагони русӣ ворид гаштааст. Гарчанде бархе аз олимон ин калимаро хоси забони русӣ шуморанд ҳам, аммо С. Раҳматуллозода иброз намудааст, ки калима *чолак* ифодакунандаи мафҳуми «арчаи сабз» мебошад [180, с. 22]. Ин маънои калима низ дар асоси маънои аввалаи он ба зуҳур омадааст..

Ҳамин тавр, дар гӯйиши ин мардум калимаҳои русии дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва майишӣ ҷойи зада низ иваз гардидааст, зеро зада дар забони тоҷикӣ, одатан, дар ҳиҷои охири калима меафтад, аз қабили - *картошка, майка, икра, булка, будулик* ва ғайра.

2. Калимаву истилоҳоти русӣ-аврупоии ифодакунандаи соҳаи маишӣ:

Аз байни ин калимаҳо бештар калимаи *туйи камсамолӣ* дар ифодаи «туйи замонавӣ», ки дар ташаккули он калимаи русии комсомол мавқеи муайянро бозидааст, хеле сермаҳсул аст. Ин калима бештар хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамояд. Фарқи туйи камсамолӣ аз туйи одӣ дар он аст, ки хароҷоташ камтар аст. Пештар туйҳо хароҷоти зиёд доштанд, ки инро ҳатто Пешвои муаззами миллат зикр намудаанд**:** «Туйи хонадоршавӣ ба силсилаи оинҳои даркору нодаркораш ба як хароҷоти миёншикан табдил ёфтааст» [242, с. 130]..

Аслан, урфу одатҳое миёни тоҷикон вуҷуд доранд, ки ба ақидаи бархе аз одамон гузаронидани онҳо дар маросими туйи ақди никоҳ ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, анъанаи додани маҳр ва сарулибос ба ин дохил мешавад. Айни замон, ҳатто, номҳои ин либосҳоро бо забони русӣ номбар менамоянд, аз қабили *фата, накидка*, пончо, *шарф, плаш, палто, безрукафка* ва ғайра. Тарафи домодшаванда вазифадор аст мувофиқи рӯйхати додаи хонадони арусшаванда ва хешу табори ӯ миқори зиёди либосҳои қимат ва матоъҳои камёбу гаронбаҳо тайёр намояд [243, с. 129].

а) калимаву истилоҳоте, ки ба бахши сиёсат дахл доранд: *камунист* (коммунист), *испалком* (исполнителний комитет), *райкум* (райком), *депутат* (депутат), *министир* (министр), *закун* (закон), *делигат* (делегат) ва ғайра.

б) калимаҳое, ки ба мактабу маориф иртибот доранд*: иниститут* (институт), *унверсет* (унверситет), *училиш* (училище), *яслӣ* (ясли), *экзамин* (экзамен), *завич* (завуч), *интернат* (интернат), *дедо* (детский дом), *кадр* (кадр), *лагир* (лагер), *вожат* (вожатый), *рушка* (ручка), *дела* (дело), *фурма* (форма), *галастук* (галстук), *садик* (детсад) ва ғайра.

в) калимаҳое, ки номи асбобҳои рӯзгорро ифода мекунанд: *каструлк**а*** **(**кострюлка), *графин* (графинак), *карзинка* (карзина), *метир* (метр), *дарошка*

(дорожка), *шикаф* (шкаф), *миска* (миска), *истакан* (стакан), *стол* (стол) *устал* (стул), *учочик* (счетчик), *шинур* (шнур), *яшук* (ящик), *тарелка* (тарелка), *адёл* (одеяло), *сумка* (сумка), *каравот* (кравaт), *тумбушка* (тумбочка), *чойник* (чайник) ва ғайра.

г) калимаҳое, ки ба соҳаи тиб мансубанд: вирач (*врач), духтур* (доктор), *афтик* (аптека), *бинт* (бинт), *гарелка* (грелка), *бонка* (банка), *испирт* (спирт), *грип*, (грипп) *давлени* (давление), *жилудка* (желудка), *зараза* (зараза), *зубной* (зубной), *типиркулос* (туберкулез), *язва* (язва), *кампрес* (компресс), *наркос* (наркоз), *витамин* (витамин), *искорӣ* (скорая) , *апарастка* (оператсия) ва ғайра.

***ғ) калимаҳои соҳаи кишоварзӣ*:** *биргат* (бригадир), *насос* (насос), *табил* (табел), *силитир* (селитра), *фасфор* (фосфорт), *капуст* (капуста), *укроб* (укроб), *редиска* (редиска), *картишка* (картошка), *сафхоз* (савхоз) *калхоз* (колхоз), *пилон* (план) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили мавод собит гардид, ки калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар гӯйиши ин мардум аломати фонетикии дигари худро аз даст додаанд, масалан, нарм талаффуз шуданро, аз қабили *апрель, контироль, альбом, альманах, артель, альпинист, альтернатива, альбатрос, посылка* ва ғайра

Баъзе исмҳо дар забони русӣ ба сифат мубаддал гаштаанд. Дар ташаккули калимаҳои *туйи камсамолӣ, пахтаи зовутӣ, орди магазинӣ, маъракаи саристолӣ, араи светӣ,* ки маҳз, ба соҳаи маишӣ марбутанд, исмҳои комсамол, завод, магазин, стол, свет саҳми босазоеро бозидаанд Аз таҳлили мавод бармеояд, ки калимаҳои русӣ-аврупоӣ дар дохили вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ як қабати калонро ташкил дода, дар мавридҳои зарурӣ калимаҳои тоҷикиро иваз карда метавонанд.

4.2. Вожагони ғайрифаъол

4.2.1. Вожагони таърихӣ

Мусаллам аст, ки як қисми вожагони забон ва лаҳҷаву шеваҳои онро калимаҳои ғайрифаъол ташкил медиҳанд. Гарчанде истифодабарии ин гурӯҳи калимаҳо дар нутқи ворисони забон ва лаҳҷаву шеваҳои он ба назар нарасанд ҳам, аммо адибон онҳоро дар забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ маҳз, бо мақсадҳои муайяни услубӣ ва барои тасвири ҳодисаву воқеаҳои гузашта корбаст менамоянд. Доир ба ин гурӯҳи калимаҳо дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти зиёде ба назар мерасанд, ки дар онҳо донишмандони тоҷик ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мазкурро баррасӣ намуда, ба комёбиҳо ноил гаштаанд. Аз қабили Н. Маъсумӣ, 2011, М. Муҳаммадиев, 1954, Ҳ. Юсупов, 1964, Х. Ҳусейнов, 1973, Ҳ. Маҷидов, 2007, Б. Камолиддинов, 1973, Қ. Мухторӣ, 2006, М. Фозилова, 2016 ва дигарон. Ҳар яке аз муҳаққиқон ин гурӯҳи калимаҳоро ба таври худ шарҳу тавзеҳ додаанд. Масалан, муаллифи мақолаи «Корбурди калимаю ибораҳои таърихӣ архаистӣ дар очерки таърихии Садриддин Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» М. Фозилова ин гурӯҳи калимаҳоро чунин шарҳ додааст: «Калимаҳои таърихӣ-архаистӣ чунин калимаҳое мебошанд, ки дар як замони муайяни таърихӣ истифода бурда шуда, аммо дар забони адабии ҳозира, аксар дар асарҳои бадеӣ ва илмӣ бо мақсадҳои услубӣ истеъмол карда мешаванд» [215, с. 66].

Ба андешаи мо хуб мешуд, агар М. Фозилова ин гурӯҳи калимаҳоро аз ҳамдигар ҷудо менамуд, зеро онҳо дар забоншиносӣ дар шаклҳои историзмҳо ва архаизмҳо пазируфтаву шинохта шудаанд. Масалан, муҳаққиқони рус М.В. Панов ва Р.Б. Сабаткаев дар китоби «Русский язык» калимаҳои куҳнашударо ба архаизмҳо ва историзмҳо ҷудо намуда, фарқияти онҳоро чунин нишон додаанд: «Калимаҳои куҳнашуда ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Як гурӯҳро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки бо сабаби бо калимаҳои нав яъне синонимҳо иваз шуданашон аз истифода баромадаанд. Ба гурӯҳи дигар калимаҳое дохил

мешаванд, ки истифодаашон қатъ шудааст, зеро номҳои ашё ва падидаҳои ифодакунандаи онҳо аз ҳаёт нест шудаанд» [166, с. 31].

Дар ҳақиқат, андешаи муаллифон хеле бамаврид аст. Масалан, калимаи босмачӣ, ки дар нутқи мардуми Ҳисор ба мисли дигар намояндагони лаҳҷаву шеваҳо мавриди истифода қарор дорад, ба историзмҳо марбут аст. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки дар айни замон ин калима ба маънои аслии худ наомада, сермаъноиро ба худ касб намудааст. Ва дар ифодаи «шахси разилу золим» дар баъзе мавридҳо корбаст шудани он ба назар мерасад. Пайдоиши ин калима бо сохти ҷамъиятӣ иритиботи зич дорад, яъне маънои аслии он «шахсоне, ки дар ҳаракати аксуинқилобӣ ва озодихоҳона бар зидди ҳокимияти шуравӣ дар Осиёи Ииёна иштирок менамуданд».

Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, калимаҳои таърихӣ бо сохти ҷамъияти таърихи халқу миллат таърихи ногусастанӣ дорад. Ба андешаи Х. Юсупов калимаҳои таърихӣ барои ифодаи низоми давлатдорӣ, ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии замони гузашта ягона шакл ва номгӯйҳое мебошанд, ки олимон ва адибон дар истеъмоли онҳо эҳтиёҷ доранд ва барои муайян кардани характери таърихии воқеа ҳамчун унсури махсуси луғавӣ истифода мекунанд ва онҳо ба хонандагони имрӯза шароит ва тартиби зиндагии давраи пешинро равшан нишон медиҳанд [256, с. 86].

Инчунин, дар гуфтори мардумони водии Ҳисор истифодабарии ибораҳои *оши дарвешон* ва *курти дарвешӣ* ба назар мерасад, ки яке ба соҳа дӯзандагӣ ва дигаре ба соҳаи пухтупаз марбут буда, аз ҳодисаву воқеаҳои гузаштаи дур дарак медиҳанд. Дар гузашта дарвешон либоси махсус доштаанд, ки дар нутқи гуфтугӯйӣ бо номи *либоси дарвешӣ* маъмул буд. Аслан, калимаи *дарвеш* дар гуфтори мардуми ин мавзеъ ба маънои «бенаво», «фақир», «қашшоқ» ва «гадо» корбаст мегардад, ки дар луғат низ ин маъноҳо зикр гардидаанд [296, с. 327].

Дар гузашта шахсони доро барои онҳо хӯрок омода менамуданд, ки бо номи *оши дарвешон* маъмул буд. Агар жарфтару амиқтар назар афканем, дар ин ибораҳо хусусиятҳои архаистӣ бештар назаррас аст. Зеро, айни замон, ҷойи ин ибораро дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор воҳиди луғавии *деги дарвешон*

гирифтааст. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки дар мавриди хуроки худоӣ омода намудан ин ибора вирди забони занони водии Ҳисор мегардад: Рав очаҳаки Қузратҷона хаwар кун, имрӯз *деги дарвешон* дорем (Ш.Т.).

Гарчанде бештари вожагони таърихӣ, айни замон, дар нутқи зиндаи мардумӣ дар истеъмол қарор надошта бошанд ҳам, вале ибораи *куртаи дарвешӣ* ба маънои «либоси камбағалона» то айни замон, дар нутқи намояндагони ҳам шеваи шимолӣ ва ҳам шеваи ҷанубии водии Ҳисор вохӯрдан мумкин аст: Ямоқои сари кифти ману *курти дарвеши* отета дида, ту а (з) моҳон ор накун, ба нӯги сӯзан ҷамъ карда, туйяка салту сувайта ба кулфатои анча хонадор карем (Н.Ш.).

Аслан, бештари калимаҳое, ки аз давраҳои аввали забонамон маншаъ мегирад, дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ маҳфуз мондаанд. Вожаҳои таърихии *қаландар* ва *қаландарӣ* ба ин гурӯҳи калимаҳо дохил мешаванд, ки дар як давраи муайяни таърихӣ корбаст мегардиданд, аммо бо мурури замон аз байн рафтаанд.

Истифодабарии калимаи «қаландар»-ро низ дар нутқи сокинони водии Ҳисор ба мушоҳида гирифтан мумкин аст: Даврони мън *қаландар* шъда ба Масква бърмада бърафтаст (Д.Т.). Дар нутқи мардуми куҳансоли деҳаҳои Батош, Шунук, Даҳбед ва Дӯстии ноҳияи Турсунзода калимаи *қаландар* ба маънои муҳоҷир низ дар айни замон бештар истифода мегардад. Пас, аз ин мебарояд, ки ин калима ҳам хусусияти архаистӣ дорад ва ҳам хусусияти таърихиро доро мебошад. Зеро яке аз хусусиятҳои хоси калимаҳои таърихӣ ин синоним надоштани онҳо ба шумор меравад, ки оид ба ин хусусияти онҳо дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» низ дарҷ гардидааст: «Калимаҳои таърихӣ дар забони ҳозира синоним надоранд, яъне барои ифодаи воқеияти гузашта, ки бо калимаҳои таърихӣ номбар мешаванд, дар забони ҳозира воситаҳои дигари лексикии ҳамвазн вуҷуд надоранд» [96, с. 52].

Аз ин мебарояд, ки калимаҳои таърихӣ, ки дар як вақти муайяни таърихӣ барои инъикоси ҳодисаҳои сиёсиву таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мавриди истифода қарор доштанд, бо сабаби нест шудани он равандҳо ҳодисаву воқеаҳо

ниёзи мардум бар истифодаи онҳо намонд ва онҳо аз байн рафтанд. Масалан, дар нутқи ворисони ин лаҳҷаҳо ҳам калимаҳои болшевик ва меншавик, ки аз сабаби ба зеҳни мардум беҳад хуш омаданашон, ҳатто номи деҳаҳо чунин номгузорӣ карда шуда буданд, бо гузашти айём вазифаи худро адо карда, ба гурӯҳи историзмҳо ворид гаштаанд. Ногуфта намонад, ки гарчанде бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти номвожаҳо бо калимаҳои тоҷикӣ иваз карда шуда бошанд ҳам, аммо барои мардуми куҳансол истифодаи номвожаҳои пешин боб аст: Ҳич гапма гуш накарсодай йа резги ҷонуш қати арус хуш карай, меган у духтари мундуқи таги сандуқ ай *Балчабекай* (А.Ҳ.).Вобаста ба баъзе хусусиятҳояшон калимаҳои таърихиро дар гуфтори мардумони водии чунин Ҳисор гурӯҳбандӣ намуданамудан мумкин аст:

а) калимаҳое, ки мафҳумҳо ва номи ашёҳои гуногунро ифода мекунанд: *ханҷар, найза, гурз, шамшер, камон* ва ғайра. Гарчанде ин калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашудаи таърихӣ дохил шуда бошанд ҳам, аммо дар нутқи ин мардумон дар истифода қарор доранд: Йа резги ҷонашкаш қати йа аламон, рош мегум, манзуру писанд намекунаде, ба ин рафтораш да (р) дилакам ханҷар заду рафт (Д.Т.). Маънои асосии калима ханҷар «силоҳи кордмонанди дудамаи нӯгтез» [300, с. 424] буда, дар забони адибони классик истифодаи он хеле назаррас аст.

Мусаллам аст, ки дар забони адабии тоҷик ва дар лаҳҷаву шеваҳои он калимаи *шамшер*, ки ба маънои силоҳи сарди оҳанӣ ё фӯлодии дарози якдама ё дудамаи дастадор, шоф [300, с. 623] маъмул буд, ба гурӯҳи калимаҳои таърихан куҳнашуда ворид шудааст. Айни замон, бо сабаби ниёзи мардум ба ин ашё намонанаш, ин калима ба маънои аслии хеш дар истифода қарор надорад. Аммо бидуни ин гуфтаҳо роҷеъ ба вожаи *шамшер* ҳаминро зикр намуданием, ки бо ин калима дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор калимаи сохтаи *шамшерак* дар истифода қарор дорад, ки ба маъноҳои «лӯбиёи сабзак», «як қисми дӯкони бофандагӣ» ва «нақши шерози тоқии мардона» корбаст мешавад: *Шамшеракои* лубиҳойа а (з) ҳаёча чида иқа оши угром нандохте (Б.Ҳ.). Отаҳаката гӯ, ҳаму

шамшераки дӯкона соз кара монан (Қ.Т.). Ай тори равоқ тоқии *шерози шамшеракдорама* биёр (Қ. Ш.).

Роҷеъ ба калимаи *найза,* ки дар гузашта ба маънои «чӯби дарози сахт, ки дар нӯгаш пайкони оҳанӣ шинонда мешавад ва яке аз силоҳҳои ҷангӣ ба шумор меравад» [300, с. 623] маъмул буд, гуфтанием, ки ин калима, айни замон, бо ин маъно байни мардумони ин водӣ дар истифода қарор надошта, аммо ба маънои «чӯби дарози нӯгтез», ки бачагон бо он бозӣ менамоянд маъмул аст.

б) калимаю ибораҳое, ки номи мансаб, рутба ва мафҳумҳои давлатдориро ифода мекунанд: *шоҳ, подшоҳ, ҳоким, султон, хон, мир, амир, эликбошӣ, юзбошӣ, минбошӣ, шоҳзода* ва ғайра**.** Албатта, ин калимаҳо бо ҳодисаву воқеаҳо аз иваз шудани сохти давлатдорӣ гувоҳӣ дода метавонанд. Агар амиқтару жарфтар назар андозем, вожаҳои *шоҳ, подшоҳ, султон, хон, хоким* ва амир хусусиятҳои синонимиро зоҳир менамоянд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки аксарияти ин калимаҳо дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ ба мисли дигар гӯйишҳо дар дохили зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ омада метавонанд: Ай рӯйи гапош маълум шид, ки и бачара худош *шоҳу* таъбуш *вазирай* (Қ.Ш.). Инчунин, ногуфта намонад, ки дар нутқи мардуми куҳансол калимаи подшоҳ ба маънои «президент» корбаст мешавад: Худоҷон, ҳами подшоҳаки мора да пуштаку паноҳакуш нигоҳ дорае (Л. Ҳ.).

в) калимаю ибораҳое, ки номвожаҳои ҷуғрофиро ифода мекунанд: кӯҳи Қоф, давлати Лавако, Кирмон, Чағониён ва ғайра. Ин номвожаҳо дар як замон дар нутқи ворисони забонамон хеле сермаҳсул буданд, аммо бо мурури замон доираи истеъмоли онҳо маҳдуд гашта, онҳоро дар нақлу ривоятҳо ва рубоиву таронаҳое, ки аз ҷониби намояндагони ин лаҳҷаву шеваҳо эҷод карда мешаванд, вохӯрдан мумкин аст:

Ин ёраки ман пушти куҳи Қоф рафтаст,
Мусофир шуда,ҷураҳоша суроғ рафтаст.
Ман аруси ӯ мешам, дар интизорӣ,
Қалинги мара ҷамъкунӣ Киров рафтаст (С. Ш.).

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ маълум гашт, ки Чағониён номи қадимаи Ҳисор мебошад [236, с. 7]

Ҳамин тариқ, мардумони ин мавзеъ калима ва ибораҳои таърихиро бо мақсадҳои услубӣ, нишон додани ҳолати воқеии ҳодисаву воқеаҳо, ҳолати замони гузашта, вазъи иҷтимоию фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии он замони гузашта ба кор овардаанд.

4.2.2. Вожагони куҳнашуда

Рӯшан аст, ки рушди ҳунармандӣ на танҳо омили пешравии ҷомеа ва некуаҳолии халқ мегардад, инчунин ин падидаи нек боис ташаккулу такомули таркиби луғавии забон низ шуда метавонад. Таркиби луғавии забонамон қомуси азимест, ки дар он олами маънавии халқ, таъриху таҷрибаи зиндагии вай, урфу одат ва хислату хусусиятҳои он дар қолаби калимаҳои ҷудогона сабт ёфтаанд. Маҳз, ба воситаи калимаҳои забонамон мо ба ин боигариҳои маънавии гузаштагони худ соҳиб мешавем [141, с. 39].

Бо рушди саноату ҷаҳонигароӣ аксарияти вожаҳое, ки дорои мафҳумҳои ҳунармандӣ буданд, бо гузашти айём, мавқеи худро аз даст дода, ба ҷойи он истилоҳу калимаҳои нав вориди забон гардиданд. Оид ба калимаҳои куҳнашуда донишмандону мутафаккирон андешаҳои ҷолиб рӯйи варақ оварда шудааст. Масалан, дар китоби «Забони миллат–ҳастии миллат» муаллиф андешаи хешро оид ба ин гурӯҳи калимаҳо чунин баён намудааст: «Калимае, унсуре ё қоидаи забоние аз доираи истифода дур мегардад, мавқеи пешинаи худро аз даст медиҳад. Ба захираи ғайрифаъолу маҳдуд ва эҳтиётии забон ворид мешавад. Хусусан, калимаҳо умри дароз дида, шояд вазифаи худро адо карда, ҷойи худро ба калимаҳои дигар медиҳанд» [250, с. 240].

Дар ҳақиқат, муаллиф дуруст қайд намудаст, ки калимаҳои куҳнашуда, калимаҳое мебошанд, ки вазифаи худро адо кардаанд, ба ҷойи онҳо калимаҳои дигар пайдо шудаанд, яъне синонимҳои онҳо пайдо шудаанд. Масалан, дар гуфтори ин мардум ба ҷойи калимаи *лачак* истифодабарии вожаи *рӯймол,* ба

ҷойи воҳиди луғавии *жард* истифодабарии калимаи *пурхӯр* ва ба ҷойи *чакман* истифодабарии калимаи *палто* ва ғайра ба назар мерасад.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, онҳо барои тасвири ҳодисаву воқеаҳои гузашта корбаст мешаванд. Калимаҳои лачак, жард ва чакманро бештар дар фолклори ин мавзеъ ба мушоҳида гирифтем, гарчанде онҳо бештар дар фолклор ба назар мерасанд. Оид ба ин масъала бархе аз донишмандон ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд. Масалан, забоншинос Х. Ҳусейнов ҳангоми таҳқиқи забон ва услуби повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ ба ин гурӯҳи калимаҳо диққати махсус дода, чунин овардааст: «Хусусияти услубии калимаю ибораҳои куҳнашуда дар ҳамин буд, ки нависанда ба воситаи онҳо дар пеши назари хонанда воқеаю ҳодисаҳои таърихӣ, тарзи гуфтугӯйи замони гузаштаро ифода мекунад ва амалу ҳолатҳои деринаи ҳаётиро зинда мегардонад» [225, с.47- 48].

Воқеан, донишмандон роҷеъ ба калимаҳои куҳнашуда фикру андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Ба андешаи бархе аз забоншиносон омилҳои ба зуҳур омадани онҳо ба фаъолияти шахс иртибот дорад. Масалан, профессор Ш. Исмоилов овардааст, ки «солҳои охир баробари ривоҷу равнақи дастгоҳҳои пуриқтидори саноатӣ ва дастраси мардум гардидани анвои гуногуни матоъҳои хушрангу баландсифат, ба касби бофандагӣ эҳтиёҷ намондааст. Ба ин муносибат, калимаву истилоҳоти марбут ба ин касб як андоза хусусияти архаистӣ гирифта, аз истеъмоли умум дур шуда истодаанд» [109 с. 105].

Суханони профессор Ш. Исмоилов хеле бамаврид аст, чунки баъзе унсурҳое, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор мафҳумҳои ҳунармандиро ифода менамуданд, оҳиста-оҳиста мавқеи истеъмоли худро аз даст додаанд. Ҳангоми таҳлили мавод собит гардид, ки гарчанде иддае аз калимаҳои куҳнашуда, айни замон, дар забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор надошта бошанд ҳам, аммо дар лаҳҷаҳо истифодабарии онҳо ба назар мерасанд. Масалан, лаҳҷашинос Р. Сангинова истифодабарии калимаи *тирмоқ* (навъи дар)-ро дар лаҳҷаи Конибодом ба мушоҳида гирифтааст [188, с. 158].

1.Калимаҳои куҳнашудаи ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор : Бо фаро расидани даврони Истиқлол ва махсусан, эълон гардидани солҳои 2020-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон боиси он гардид, ки мо тоҷикон ба асли худ баргардем. Он анъана ва суннатҳои мардумие, ки доштем, аз нав зинда гардонем. Рушди забон бо таърихи халқ, бо фарҳанги он, бо санъат, бо анъана, бо урфу одат ва расму оини он алоқаи ногусастанӣ дорад [250, с. 13].

Чӣ тавре ки маълум аст, ҳангоми инкишофи ҷамъият ва масъалаҳои мубраме, ки дар ҷомеа пайдо мешаванд, дар забон калимаҳои нав пайдо мешаванд, ки мафҳумҳо ва ҳодисаҳои навро ифода мекунанд, дар ин маврид аксарияти вожаю истилоҳоти пешина ҷойи худро ба калимаҳои нав медиҳанд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки иқдоми неки Сарвари кишвар боиси зинда шудани баъзе аз калимаҳо низ гардида тавонист. Ҳунармандон дар ин давра фаъолияти худро ҷиддитар ба роҳ монда, он ҳунарҳое, ки дар як давраи муайян нишон намедоданд, аз нав зинда шудаанд.

Теъдоди ин гурӯҳи калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор бениҳоят зиёд буда, онҳо чунин гурӯҳбандӣ карда шуданд:

а) калимаҳои куҳнашудаи соҳаи чармгарӣ: *мӯкидӯз* (марде, ки аз чарм мӯкӣ медӯзад), *мӯзадӯз* (марде, ки аз чарм мӯза медӯзад), *куҳнадӯз* (марде, ки пойафзори куҳнаро медӯзад), *кемухтгар* (чармгаре, ки аз пӯсти ҳайвон чарми донаҳои майдадоштаро бо роҳи ошдиҳии пӯст ҳосил мекунад) *сароч* (марде, ки аз чарм, зини асп ва афзори онро месозад), *саҷов* (марде, ки сари чорворо бурида ба қассоб медиҳад), *сахтиён* (пӯсти ошдодашуда, махсусан чарми мулоими буз), *пӯстак* (аз пӯсти бузу гӯсфанд, омода намудани шол барои нишаст), *фалахмон* (абзори махсуси чармини сангпаронӣ) *чоруқ* (як навъи пойафзори мардонаи сабук), *чоруқбан* (банди чоруқ), *хомак* (як навъи чоруқ), *мукӣ* (навъи пойафзори мардона) ва ғайра.

Маълум гашт, ки воқеъ будани гузари Чармгарон дар ин мавзеъ аз рушди ин касби қадимаи тоҷикон шаҳодат медиҳад, аммо бояд ҳаминро қайд намоем,

ки чармгарон ҳамаи он ашёҳое, ки дар гузашта тайёр мекарданд, чандин солҳо ба истифода надоданд. Аслан, мардуми тоҷик аз гузашта фарҳанги волои либоспӯшӣ дошта, сарулибоси аз абрешими тоза, пашм ва пахтаи тоза истеҳсолкардашударо ба бар менамуданд. Пояфзорашон аз чарми тоза дӯхта мешуд, зеро мавзее, ки онҳо истиқомат мекарданд, барои рушди соҳаи чорводорӣ хеле мусоид буд, аз ин лиҳоз, истеҳсоли чарм низ дар ин мавзеъ бе ягон монеа ба роҳ монда шуда буд, ба мисли дигар кишварҳои Осиё.

Воҳиди луғавии ч*оруқдӯзӣ* бо мурури замон дар ин мавзеъ то як андоза камистеъмол гашта истодааст. Ва бо баробари ин калимаи *чоруқ* як замон на танҳо дар ин мавзеъ, балки дар дигар манотиқи кишварамон аз истифода баромада буд. Корбаст шудани ин калима на танҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, балки дар дигар шеваю лаҳҷаҳо низ ба назар намерасад. Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар китоби «Забони миллат–ҳастиии миллат» дар мавриди сарвату ғановатмандии забони «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ Румӣ ақидаронӣ намудан, муаллиф байти зеринро овардаст:

Чоруқат раъби кадомин Осаф аст,
Пӯстин гӯйӣ, ки куртай Юсуф аст.

Инчунин, бо суханони зерин ақидаи хешро оид ба истилоҳоте, ки Мавлонои бузург истифода намудааст, ҷамъбаст кардааст: «Ҳам курта ва ҳам калимаи чоруқ ба маънои пойафзор, ки аз пӯсти хоми ҳайвонот медӯхтанд, калимаҳои хоси тоҷикӣ буда, имрӯз ҳам дар истифодаанд» [251, с. 42].

Дар ҳақиқат, муаллиф дар ин маврид дуруст қайд намудааст, зеро истилоҳи *чоруқ,* гарчанде дар лаҳҷаву шеваҳо ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол ворид шуда бошад, аммо дар забони адабии тоҷик ин калима мавқеи худро аз даст надодааст, зеро нависандагону шоирон барои тасвири ҳодисаву воқеаҳои гузашта ин калимаро дар осори худ истифода намуда, бо ин васила, урфу одат ва суннату анъанаи мардуми куҳанбунёди тоҷикро тасвир карда метавонанд.

Дар айни замон, чармгарони ин мавзеъ чоруқро барои пӯшидану дар саҳро кор кардан, намедӯзанд, балки барои намоиш додан дар намоишгоҳҳо ва

барои пӯшидану ба саҳна баромадани санъаткорон тайёр менамоянд. Гарчанде истифодаи ин ашё аз байн рафта буд, аммо бо эҳё гардидани ҳунари чоруқдӯзӣ ин калима дар нутқи ҳунармандон мавриди истифода қарор дорад. Инчунин, ҳам дар нутқи ворисони шеваи шимолӣ ва ҳам ҷанубӣ истифода гардидани ибораи рехтаи «*чоруқ ғалбер шудан*» ба назар мерасад, ки рубоии зерин аз ин гувоҳӣ медиҳад:

Париҳаки роҳдурема бинам дер-дер,
Аз сурхии рухсоракаш, кай шавам ман сер-сер.
Акаҳаки ҷалодата рози кардӣ,
Аз омадани бисёра шуд *чоруқам* ғалбер.

б) калимаҳои куҳнашудаи соҳаи оҳангарӣ: *мехчагар* (оҳангаре, ки аз сими оҳани мех месозад), *дегрез* (оҳангаре, ки аз қолиб филиз об карда дег мерезад), *кетмангар* (оҳангаре, ки каланд месозад), *чормех*, (мехе, ки барои бастани одамон омода менамоянд), *найза* (абзоре, ки барои ҷанг омода месозанд), *фонус* (чароғи дастӣ) ва ғайра:

г) калимаҳои куҳнашудаи соҳаи дӯзандагӣ: *рағза* (шалворе, ки аз матои ғафси пашмин дӯхта мешавад), *эзорағза* (навъи рағза), *шорағза* (навъи рағза), *чакман* (болопӯше, ки аз матои пашмин омода мешавад), чакмандӯз (*марде, ки чакман медӯзад), лачак* (рӯймол), *лачакдӯзӣ* (рӯймолдӯзӣ), *қасоба* (навъи каллапӯши занона), *калтача* (ҷомаи кӯтоҳи занона), *калтачадӯз* (зане, ки калтача медӯзад), *зардеворӣ* (матои гулдӯзӣ барои гирди девор), *зардеворидӯз* (зане, ки зардеворӣ медӯзад), *туқумдӯз* (марде, ки аз латтапора ва намад туқуми хар медӯзад) ва ғайра.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, яке аз хусусиятҳои асосии калимаҳои куҳнашуда, ин пайдо шудани муодилҳои онҳо мебошад. Ин андешаи моро забоншинос С. Ҳалимова дар монографияи худ «Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ» ҷонибдорӣ намуда, чунин овардааст: Вожаҳои куҳнашуда номи қадимаи ҳодисаю ашёҳо, аломату амалҳои мавҷуда мебошанд, ки ҳоло истеъмол намешаванд. Вожаҳои куҳнашуда дар забони имрӯза ҷояшонро ба муродифҳояшон додаанд [221, с. 104].

Аз сабаби он ки дар нутқи мардумони ин маҳалҳо синонимҳои зиёди вожаи лачак, аз қабили *руймол /нумол, сарбанд, сарпечак, қарс, уребча* ва инчунин, калимаҳои иқтибосии *шарф ва касинка* низ ҳамин мафҳумро ифода карда метавонанд, ки дар айни замон дар ин лаҳҷаҳо хеле серистеъмоланд, пайдо шудаанд, калимаи лачак ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил шуд. Бояд ҳаминро иброз намоем, ки гарчанде калимаи *лачак* дар забони тоҷикӣ корбаст мешуд, аммо дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» тафсир нашудааст. Устод Айнӣ оид ба вожаи «лачак» чунин овардааст: «*Лачак*» парчае буд, ки занон дар мӯй ва зери гулу мебастанд [259, с. 180]. «Лачакдӯз» шахсе буд, ки лачак медӯхт. Таҳлилҳо собит намуданд, ки калимаи *лачак* дар фолклори ин мавзеъ истифода шудааст:

Лачаки сарат аз рангаки нофармон,
Аз ишқаки ту ман сарсону сарвайрон.
Гар салту сувайтии ман бепоён,
Хонатон раван бо лаъливу дастурхон.

***

Лачаки сари духтара бин пилагӣ,
Дӯстут, ки надошт накун дигар хирагӣ.
Ин дилаки ту моил ба мани маҷнун бошад,
Келини очам ин духтари ваъдагӣ.

Истилоҳи *қасобадӯзӣ* низ марбут ба ҳунармандони қаратоғии водии Ҳисор буд, зеро ҳунари қасобадӯзӣ низ миёни занҳои ин мавзеъ хеле рушд карда буд ва қасобаҳои дӯхтаи занони қаратоғӣ дар бозорҳо харидорони хеле зиёд доштанд. Гарчанде вожаи *лачак* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» тафсир нашуда бошад ҳам, аммо оид ба калимаи «*қасоба*» ишора шудааст, ки ба луғати забони арабӣ шомил аст ва чунин тафсир шудааст: *қасоба* - матое, ки дар сар мебанданд (махсуси занҳо). Қасобабанд - он, ки ба сараш қасоба мебандад:

Ҳама сарболову гесукаманданд.
Ҳама париёнпӯшу *қасобабандан* [296, с. 678].

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки барои занҳои ҳунарманди қаратоғӣ калимаи *қасоба* мафҳуми «матоеро, ки дар сар мебанданд» бегона буда, маънои «тоқии баланди зардӯзӣ кардашуда»-ро ифода менамояд ва онро арусон дар туйи арусиашон дар сар менамоянд. Гарчанде ҳунари қасобадӯзӣ солҳои тулонӣ аз миён рафта, ин калима низ бо баробари аз байн рафтани ин ҳунар аз истеъмол баромада бошад ҳам, аммо бо баробари эҳё гаштани ҳунари қасобадӯзӣ ин калима танҳо дар ин мавзеъ дар баъзе мавридҳо занони ҳунарманд истифода мебаранд.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, яке аз омилҳои асосии ба вожагони ғайрифаъол гузаштани калимаҳо ин пайдо шудани синонимҳои онҳо мебошад. Айни замон, вожаи *васкак* ҷойи худро ба муодилҳояш *камзӯлча, гупича, беостинак* додааст.

Дар баъзе мавридҳо, занҳои ин мавзеъ бештар дар нутқашон истилоҳи «*васкакчаи зардӯзӣ*»-ро мавриди истифода қарор медиҳанд, зеро ин либоси асосие, ки барои арусон омода месозанд ба ҳисоб меравад. Вожаҳои *чашмбанддӯзӣ* ва *яктаҳдӯзӣ* низ танҳо ба занҳои куҳансоли водии Ҳисор маъмул буда, аз сабаби ниёз надоштани бонувон ба *чашмбанду яктаҳ* бо мурури замон ин ҳунарҳо на танҳо дар водии Ҳисор, балки дар дигар мавзеъҳои кишварамон аз байн рафтаанд. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки чашмбанд, як лавозимоте буд, ки бе он занҳо ба кӯча намебаромаданд. Гарчанде ба ақидаи мутафаккирони рус ин лавозимот зебоии занҳоро пинҳон менамуд, аммо дар он замон пӯшидани он барои занҳо ҳатмӣ буд. Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда бармеояд, ки дар соли 1898-ум мутафаккири рус А.А. Семёнов дар Қаратоғи водии Ҳисор буд, ки ӯ дар хотираҳояш навиштааст: «Занҳои маҳаллиро бо либосҳои безеб вохӯрдан мумкин буд, онҳо дар рӯяшон чашмбанд гирифта мегаштанд» [227, с. 62].

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» тафсири калимаи *чашмбанд* на чандон ба ҳақиқат наздик аст: *чашмбанд /чишмбанд* - воситае, ки бо он занҳо рӯяшонро аз номаҳрам пинҳон кунанд

[274, с. 238]. Зеро чашмбанд восита набуда, балки як лавозимоти занонае буд, ки дар он замон пӯшидани он ҳатмӣ буд.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар Вахё ва Шимоли Кӯлоб калимаи чашмбандак /чъмбанд дорои мафҳуми пораи чарми орошуда, ки чашми аспи ҷувозро то нимаш панаҳ мекунад, мебошад [179, с. 13].

Гарчанде оид ба ворид намудани калимаи *чашмбанд* ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда каме муболиға намоем ҳам, аммо аз сабаби ниёзи занон ба ин ашё намондан, айни замон, ин калимаро ба ин гурӯҳ ворид намудаанд. Ин калима бо ҳодисаву воқеаҳои гузашта иртиботи зич дорад. Дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» ин падида хеле содаву фаҳмо оварда шудааст: «Дар ҷараёни нутқ шинохтани калимаҳои таърихӣ чандон душвор нест, зеро онҳо танҳо барои зарурати номбар намудани воқеияти гузашта истифода мешаванд. Архаизмҳо бошанд ҷойи худро ба калимаҳои дигар додаанд ва аз ин ҷиҳат муайян намудани хусусиятҳои онҳо, ки дар натиҷаи тангшавии мавқеъ ба гурӯҳи пассиви лексика гузаштаанд ва бо муродифҳои худ муносибати маъноӣ пайдо намудаанд, басе душвор аст» [96, с. 53].

Равшан аст, ки калимаи «*куҳнадӯз* - косибе, ки пойяфзори куҳнаву аз кор баромадаро дарбеҳ мекард» дар як давраи муайян вирди забони мардум буд. Шояд дар он давра аксарияти одамони ин мавзеъ барои либоси нав харидан имкон надоштанд, аз ин лиҳоз, ба куҳнадӯзон муроҷиат мекарданд. Инчунин, ин калима дар баъзе лаҳҷаҳои водии Ҳисор бо номи *ямоқдӯз* низ маъмул аст. Аммо бо пешрафти ҷомеа, сатҳи некуаҳволии халқ низ рӯ ба беҳбудӣ намуд ва акнун, мардум имконияти либоси нав харидан ва пӯшиданро доранд, аз ин рӯ, дигар ниёз ба меҳнати куҳнадӯзону ямоқдӯзон надоранд ва бо ҳамин сабабҳо калимаҳои *куҳнадӯз* ва *ямоқдӯз б*а гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда дохил шудаанд.

г) калимаҳои куҳнашудаи соҳаи бофандагӣ: *ресмонрес* (зане, ки аз пилла нахи абрешим мересад), *пилтабоф* (зане, ки барои чароғ пилта мебофад), *обчоқ* (марде, ки дар тору пуди бофандагӣ маҳорат дорад), *дӯк* (чӯби ресандагӣ), *ишқуборчӣ* (ҳунарманде, ки ба нахҳо бо рангҳои гуногун гул мепартояд),

мушкузаъфарбофӣ (як навъи алочабофӣ), *беқасаббофӣ* (як навъи алочабофӣ) ва ғайра.

Мусаллам аст, ки ҳунарҳои дӯзандагӣ ва бофандагӣ, бо ҳаёти мардум иртиботи сахт дошта ва ба касбҳои дӯстдоштаи занҳои ин мавзеъ мубаддал гаштаанд. Гарчанде бо рушду такомули тиҷорат ҳама гуна маводи дӯзандагӣ ва бофандагӣ дастраси дӯзандагону бофандагони водии Ҳисор гашта истода бошад ҳам, лекин барои дӯхтану бофтани баъзе ашёҳо, айни замон, низ аз риштаҳои абрешимии дастӣ тайёршуда истифода менамоянд, ки дар тайёр намудани онҳо баъзе асбобҳо нақши беҳамторо адо менамояд. Яке аз чунин ашёҳо лосчуw мебошад.

Истилоҳи л*осчуwсозӣ* ба намояндагони на ҳамаи лаҳҷаву шеваҳо маъмул аст, зеро танҳо тавассути *лосчуw* риштаҳои абрешимиро лос зада, ҳамвору якхела менамоянд, то ҳангоми дӯхтан дурушт натобад. Ва илова бар ин, бояд равшанӣ андозем, ки феъли *лос задан /лосук задан* низ маҳз, дар ин мавзеъ серистеъмол мебошад. Аз сабаби он ки ҳоло ба ҷойи *лосчуw,* ки аслан, оҳангарон онро месохтанд, тебианаҳои калон ва симчӯбчаҳое, ки дар маҳозаҳо барои бофтани чӯроб мефурӯшанд, истифода мешаванд, оҳангарон дигар *лосчуw* намесозанд

Калимаи *лос* дар ин мавзеъ сермаъноиро ба худ касб намуда, мафҳумҳои «риштаи бесифати абрешимӣ», «беҳаракат шудан ҳангоми беморӣ», «ҳайвони худмурдаи ҳаромшуда» ва «як навъи оҳуи даштӣ» ифода намуда метавонад: Аз ин *лос* ҷойнамоз духта нашавад (М.Т). Баъди дилпечак отаҷонат *лос* шуда хованд (Ш.Т.). Бузи Ҳамроқулой имшав *лос* шудас (И.А). Да(р) кӯҳҳои Ҳакимӣ *лос* қарив, ки нест (Қ.Т.). Илова бар ин, ҳаминро гуфтанием, ки калимаи *лос* дар ифодаи мафҳуми «оҳу» аз забони русӣ дар ин лаҳҷа дар шакли «лось»иқтибос шудааст.

Айни замон, дар ин водии Ҳисор ҳунарҳои атласбофӣ ва адрасбофӣ хеле рушд карда истодаанд ва дар ин бахш, бо мурури замон калимаву истилоҳоти зиёд аз қабили *помбархатлас, симдоратлас, хонатлас, вилюратлас* пайдо шуда бошанд, аммо калимаҳои *беқасаб* (навъҳои матои абрешимие, ки аз онҳо ба

писарону мардон ҷома медӯхтанд) аз байн рафтаанд ва мардум дигар ниёз ба беқасаббофон низ надоранд.

Аслан, мардуми тоҷик аз гузашта дар масъалаи интихоби либос хеле ҳасос буданд, аммо, айни замон, ҳунармандон аз он матоъҳое, ки пӯшидани онҳо танҳо ба занҳо тавсия шудааст, барои мардон низ ҷома медӯзанд. Матоъҳои *беқасаб, мушкузаъфар* ва *алочаи хоссагӣ*, ки танҳо аз онҳо дар гузашта барои мардон ҷома тайёр менамуданд, аз сабаби душворбоф буданашон дигар бофта намешаванду ин калимаҳо низ дар истифода нестанд. Ин навъи матоъ диққати муҳаққиқон, ҳунармандон ва сайёҳонро ба худ ҷалб карда буд. Дар соли 1857 сайёҳи рус И.А. Маев бозори қаратоғро дида чунин навиштааст: «Аз матои пурдошти ин ҷой ва махсусан, аз шоҳию беқасаби он дар Бухоро ва шаҳри Ҳисору атрофи он ҷомаҳои зебое тайёр мекарданд, аз ҷомаҳои дӯхтаи рах-рахи ин матоъҳо ҳавас мекард» [227, с. 61].

Боиси зинда гаштани ин гурӯҳи калимаҳо бештар ба шуғли асосии ин мардум, яъне бофандагӣ гаштааст. Таввасути Роҳи Бузурги Абрешим шуҳрату овозаи матоъҳои абрешимии ин мавзеъ дар гузашта дар дигар мавзеъҳо паҳн шуда буданд.

Ҳамин тариқ, Роҳи Абрешим ба ташаккулу қувватгирӣ ва болорави неру сиёсиву иқтисоди давлати Бузурги Кӯшониён мусодат намуда, дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун давраи мутаҳидшавӣ ва зери парчами ягона гирд омадани халқиятҳои гуногуни ориётабори Осиёи Миёна ва Осиёи Марказӣ эътироф шудааст [248, с. 110].

Истилоҳи *дуксозӣ* (сохтани абзори чӯбине. ки бо он тоби риштаро мебароранд) ба соҳаи бофандагӣ марбут буда, айни замон низ, ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол гузашта истодааст. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» калимаи *дук,* айнан, дар ҳамин шакл оварда шудааст: Аз *чарху дуки* худ намондан - дар орзуи кори дигар нашуда, аз паи касбу кори худ шудан, кору касби худро давом додан [297, с. 382].

г) калимаҳои куҳнашудаи соҳаи заргарӣ: *ҳ*унари заргарӣ низ дар ин мавзеъ яке аз касбҳои пазируфта ба ҳисоб рафта, вожаву истилоҳоти ин соҳа як

қабати асосии вожагони соҳаи ҳунармандиро ташкил медиҳанд. Ибораи *қоли бинӣ* барои занҳои ин мавзеъ ошно бошад ҳам истифодаи он дар нутқи мардум кам ба назар мерасад, зеро дар гузашта сӯрох намудани бинии духтарҳо ҳатмӣ буд ва ороишоти *қоли бинӣ* низ талабгорони зиёд дошт. Аз ин лиҳоз, ин истилоҳ бештар вирди забони мардум гашта буд. Дар забони адибони классикӣ таркиби «*қилу қол*»-*ро* вохӯрдан мумкин аст. Калимаи арабии *қило* маънои «чизи гуфташуда»-ро ифода мекунад. Калимаи *қол* ба маънои «гуфт, гуфтор» истифода мешавад. Ҳар дуи ин калимаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба тавассути воҳидҳои фразеологӣи *беқилу қол* ба маънои «бе гуфтугӯ», аз байни касон *қил* намегузарад «хеле бо ҳам наздиканд» дар истифода мондаанд [147, с. 155].

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки теъдоди калимаҳои куҳнашудаи ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор хеле зиёд ба назар мерасанд.

2. Калимаҳои куҳнашудаи ифодакунандаи мафҳумҳои маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор

Аслан, пайдоиш ва аз байн рафтани калимаҳо бо зисту зиндагонӣ ва рӯзгори ворисони забон иртиботи ногусастанӣ дорад. Чӣ тавре дар боло зикр намудем, калимаҳое, ки дар як давра хеле серистеъмол буданд, бо гузашти замон, вазифаи худро адо намуда, ҷойи худро ба калимаҳои дигар медиҳанд. Масалан, ҳам ба намояндагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ва ҳам ба намояндагони дигар лаҳҷаву шеваҳо вожаи *каҷовасозӣ* (каҷова сабад ё қуттие, ки барои кашонидани бор, асосан, мева бо як банд аз ду паҳлуи асп, хар, шутур овезон карда мешавад) ошно буда, ҳанӯз ин ҳунари нотакрори тоҷикон аз байн нарафтааст, аммо бо сабаби зиёд будани техника, ниёзи мардум дигар ба истифодаи каҷова намонда, воҳиди луғавии *каҷовасозӣ* дар ин манотиқ ба гурӯҳи калимаҳои камистеъмол дохил шудааст.

Бояд зикр намоем, ки дар гузашта асппарварӣ шуғли дӯстдоштаи мардуми тоҷик буда, аспҳои тагҷойӣ дар бозори ҷаҳони харидорони зиёд доштанд. Мувофиқи тадқиқоти олимону аспшиносон ром кардан ва ривоҷ

ёфтани шуғли аспварӣ дар сарзамни Бохтару Суғд ва Хоразм 4-ҳазор сол пеш аз ин оғоз ёфта, дар омезишу ҳамоҳанги бо асотиру хамосаҳои қадимаи тоифаҳои ориёӣ ва адои оинҳои дин аз насл ба насл гузаштааст [247, с. 57].

Гарчанде профессор Раҳматуллозода С. оид ба калимаву истилоҳоти марбут ба навъҳои асп фикрҳои арзишмандро иброз намуда бошад ҳам, аммо оид ба истилоҳи каҷова чизе наовардааст.

Ба вожагони соҳаи зироаткорӣ калимаи «*кӯҳлӣ* «-ро ворид намудан мумкин аст. Чӣ тавре ки маълум аст, ин калима низ ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол дохил шуда, қариб мавқеи истифодаи худро аз даст дода буд. Дар луғати «Бурҳони қотеъ» муодили ин калима *партав* оварда шудааст: пархав бар вазни партав, ҷойе бошад дар кунҷи хонаҳо созанд ва пур аз ғалла кунанд [278, с. 227].

Мусаллам аст, ки динҳо аз маросимҳо ба вуҷуд меоянд ва ҳамеша дар худ ин ё он маросимҳоро фаро мегиранд, гарчанде усулан динҳо танҳо аз маросимҳо иборат нестанд. Дар таърихи пайдоиш ва таҳаввули динҳо ҳаракати маросимӣ нахустин амале буд, ки тасаввуроти мифологии одамони ибтидоӣ ва дигар имкониятҳо ва робитаи байни онҳо – рақси маросимӣ, мусиқии нахустин, ҳайкалсозӣ, тасвирҳои кандакоришуда ва тасвирҳои рӯйи сангҳо ва баъдинаро, инчунин, забони овозӣ ба вуҷуд овард.

Маросим аз ҷумлаи қадимтарин аломатҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Маросим ба маънои динӣ ин шакли рафтори рамзӣ мебошад, ки бо эътиқод ба қувваҳои олӣ (фавқулода ва деринашаванда: ба имкониятҳои фавқулодаи ҳайвонот, предметҳои сеҳрнок ва ё муқаддас, ба руҳҳо, худоён, ҷодугарӣ, афсун, чашм кардан ва амсоли инҳо; дар динҳои яктопарастӣ – эътиқод ба Худо) алоқаманд аст.

Аксарияти калимаҳои куҳнашуда бо маросимҳо иртиботи зич доранд. Вожаи *кӯканбофӣ* низ дар заминаи маросими *алову алас* (алобгардон) пайдо шуда, ифодакунандаи амалест, ки ҳангоми бемор шудани шахс ба сомон расонида мешавад. Тавассути пахтаи сафед риштаи ғафсро бофта, дар гардани бемор меовехтанд. Танҳо дар маросими алову алас аз гардани шахси бемор

гирифта, ӯро алобгардон менамуданд. Инчунин, калимаи кӯкан ба маънои «арғамчине, ки тавассути он бузҳоро мебанданд» низ омада метавонад.

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки гарчанде кӯкан дар ҳамин шакл миёни мардуми дигар мавзеъ низ ошно бошад ҳам, аммо дар баъзе лаҳҷаву шеваҳо дигар мафҳумҳоро низ ифода карда метавонад. Масалан, ин истилоҳ ба маънои «ресмони ҳамоили геребони ҷома, ки дар сари худпӯшак дорад ва ба якдигар бо арғамчини борик бастани якчанд буз ё гӯсфандро ифода менамояд» [276, с. 196].

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки калимаи *кукан*, аслан ба забони тоҷикӣ аз забони русӣ иқтибос шудааст, ки дар забони русӣ мафҳуми «банде, ки моҳии сайдшударо аз ғалсамааш дар он мекашанд»–ро дар худ нигоҳ дошта тавонистааст [302, с. 404].

Калимаи *чавку* дар ифодаи мафҳуми туй дар айни замон маҳдуд гаштааст, зеро айни замон, туйҳо ба мисли дигар мавзеъҳо дар шакли дигар гузаронида мешаванд. Доираи истеъмоли калимаи аспакбоз низ хеле танг шуда, ин калима ба гурӯҳи вожаҳои камистеъмол ворид гашта истодааст.

Агар жарфтар назар андозем, калимаи оши дарвешон то андозае ба тасвири забонии ҷаҳони ин мардум наздиктар аст.

Бо рушди саноату ҷаҳонигароӣ аксарияти вожаҳое, ки дорои мафҳумҳои ҳунармандӣ буданд бо гузашти айём мавқеи худро аз даст дода, ба ҷойи онҳо истилоҳу калимаҳои нав вориди забон гардидаанд.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, калима ва унсуре ё қоидаи забоние, ки аз доираи истифода дур мегардад, мавқеи пешинаи худро аз даст медиҳад. Ба захираи ғайрифаъолу маҳдуд ва эҳтиётии забон ворид мешавад. Хусусан, калимаҳо умри дароз дида, шояд вазифаи худро адо карда, ҷойи худро ба калимаҳои дигар медиҳанд, теъдоди чунин калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле зиёданд.

Инчунин, бояд тазакур дод, ки барои занҳои ҳунарманди водии Ҳисор калимаи *ашкимарямкашӣ,* ки дар худ мафҳуми «*тасбеҳкашӣ*»-ро нигоҳ медорад, низ ошност. *Ашкимарям* гиёҳест, ки тухмаш ба муҳрачаҳо шабоҳат

дорад ва пас аз хушк шудан, ин муҳрачаҳоро ба ришта кашида, тасбеҳ омода месозанд. Ҳар як амали ҳунармандӣ дар ин мавзеъ ба самте равона шудааст. Тасбеҳро низ барои туҳфа намудан ба ҷавонон тайёр менамуданд, то ин ки онҳо низ аз амалҳои динии гузаштагони хеш хабардор шуда, ба саҷдаву тасбеҳгардонӣ шуруъ намоянд. Дини ислом дар ҷараёни ташаккулу таҳаввулот, маҳз, бо ҳидояти паёмбар ва фидоиёни бозаковату дурандеши аҳли ҳирфаву футувват аз кеши қабилаҳои бодиянишини араб ба дини ҷаҳонӣ тамаддуни арзишманди умумбашарӣ табдил ёфт [249, с. 157].

а) соҳаи зироаткорӣ: *ҷуфтгар* (деҳқоне, ки бо омоч замин шудгор мекунад), *ҷуфтбурор* (марде, ки ҷувонаҳои бониро ба саҳро мебарорад), *пардозчӣ* (андовагаре, ки бо лой палҳоро пардоз медиҳад), *човагар* (марде, ки аз чӯбкаду зарфи равғангирӣ месозад) ва ғайра. Ба вожагони соҳаи зироаткорӣ калимаи «кӯҳлӣ»-ро ворид намудан мумкин аст. Ин калима низ ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол дохил шуда, қариб мавқеи истифодаи худро аз даст дода буд. Дар гузашта дар забони тоҷикӣ муодили ин калима *партав* ба ҳисоб мерафтааст.

б) соҳаи чорводарӣ*: *соисбон (марде, ки асп мебонад), *саройбон* (марде, ки саройҳои чорвоҳоро назорат мекунад), *ахтагар* (марде, ки ҳайвонҳои хонагиро ахта менамояд), *сорбон* (шутурбон) ва ғайра. Дар ин зербоб оварда шудааст, ки вожаҳои *кӯкан* (навъи ресмоне, ки бо он говро мебанданд) ва *куканбофӣ* (шахсе, ки кӯкан мебофад) бо мурури замон маъруфияти худро низ аз даст додаанд.

Кӯкан бо маросими алову алас (алобгардонӣ) низ вобастагии сахт дошта, ҳангоми бемор шудан, он тавассути пахтаи сафед бофта, дар гардани бемор овехта мешуд. Танҳо дар маросими алову алас аз гардани шахси бемор гирифта, ӯро алобгардон менамуданд. Гарчанде калимаи *кукан* дар ҳамин шакл миёни мардуми дигар мавзеъ низ ошно бошад ҳам, аммо дар баъзе лаҳҷаву шеваҳо дигар мафҳумҳоро низ ифода карда метавонад. Масалан, ин истилоҳ ба маънои «ресмони ҳамоили геребони ҷома, ки дар сари худпӯшак дорад ва ба якдигар бо арғамчини борик бастани якчанд буз ё гӯсфанд»-ро ифода менамояд.

Аз баррасиҳои масъалаҳои дар ин боб суратгирифта метавон ба чунин **натиҷагириҳо** расид:

1. Теъдоди калимаҳои аслии тоҷикии ифодакунандаи мафҳумҳои хунармандӣ ва маишӣ хеле зиёданд. Аксарияти онҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Калимаҳое, ки ба соҳаи чармгарӣ марбутанд бештар чунин хусусиятҳоро доро мебошанд.

2. Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки калимаҳои аслан, тоҷикӣ дар забон хусусиятҳои хоси худро доранд. Яке аз чунин хусусиятҳо калимасоз будани онҳо ба ҳисоб меравад.

3. Аксарияти калимаҳои аслии тоҷикӣ пасвандҳои махсуси худро, ки таърихи ташаккули хеле қадима доранд дар бар мегиранд. Иддае аз ин калимаҳо дар ин лаҳҷаҳо маъмуланд, аз қабили ҳевар, шиновар, ёвар ва ғайра, ки бо пасванди қадимаи **-вар** ташаккул ёфтаанд.

4. Дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор калимаҳои арабӣ хеле зиёд ба назар мерасанд. Ин гурӯҳи калимаҳо дар дохили вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ чунон ҳазм шудаанд, ки барои муайян намудани баромади таърихии онҳо як таҳқиқоти забоншиносӣ зарур мебошад.

5. Аксарияти калимаҳои арабӣ дар ифодаи суннату анъанаҳои динӣ корбаст шуда, ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқ гаштаанд. Дар охири онҳо талаффузи ҳарфи **-ҳ** ба назар намерасад.

6. Истифодабарии калимаҳои туркӣ-узбекӣ бештар дар ифодаи мафҳумҳои пухтупаз ба назар мерасанд. Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки аксарияти ин калимаҳо муодили худро дар гӯйишҳои мазкур надоранд.

7. Калимаҳои туркӣ-узбекӣ бештар дар гуйиши мардумони ноҳияи Турсунзода ба назар мерасанд. Дар ин мавзеъ теъдоди гуруҳҳои этникии мусобозориҳо, барлосҳо, найманҳо, қалуқҳо хеле зиёд буда, таъсири забони онҳо ба гӯйишҳои мардумони ин мавзеъ назаррас аст.

8. Таҳлилҳо собит намуданд, ки калимаҳои русӣ-аврупоӣ дар ифодаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ бештар дар нутқи ҷавонон дар истифода қарор доранд. Масалан, барои онҳо осонтар аст, ба ҷойи калимаҳои пешибарсӯзанак, сарсӯзанак, ангуштарин, дастмона истифода намудани калимаҳои брошка, невидимка, калсо (кольцо) ва ғайра.

9. Вожагони таърихӣ низ дар ифодаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Бештари ин калимаҳо калимаҳое мебошанд, ки бо ҳодисаҳои таърихӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, дар заминаи он, ҳодисаву воқеаҳо пайдо гаштаанд, аз қабили шамшер, гурз, найза, босмачӣ, дарвеш ва ғайра. Маълум гашт, ки дар иртибот бо онҳо, дар соҳаи ҳунармандӣ калимаҳои оши дарвешон, куртаи дарвешӣ, чакмани босмачигӣ, шорағзаи мирӣ пайдо гаштаанд.

10. Мавқеи вожагони куҳнашуда дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор баръало намоён буда, аксарияти ин калимаҳо дар гӯйиши мардумони куҳансоли ин мардум дар истифода қарор доранд. Калимаву ибораҳои кӯзаи қулқулак, сираман, мисқол, қоли бинӣ ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

ХУЛОСА

Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор мисли минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ дорои аҳаммияти назарраси ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Зеро ба таври пурра ва қатъӣ муайян намудани ҷанбаҳои этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, нишон додани тасвири забонии ҷаҳони ин қавмҳо, нишон додани доираи интишори маъноии калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи лаҳҷаҳо ва бе натиҷагирӣ аз муносибати ин ду шохаи забони миллӣ – забони адабиву лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар шароити кунунии рушди забоншиносии тоҷик як амали аз имкон берун аст [1-М; 18-М].

2. Зарурати омӯзиши масъалаи матраҳшуда аз он сар мезанад, ки лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз манбаъҳои асосӣ ва ғановатманди таҳаввулоту рушду густариши забони адабӣ маҳсуб меёбанд ва забони адабӣ ҷойҳои холиву нимхолии худро пайваста аз ҳисоби унсурҳои фаъол ва меъёрзеби лаҳҷаҳои маҳаллӣ пур менамояд. Аз ҷониби дигар, вижагиҳои лаҳҷаҳои водии Ҳисор бештар дар муқоиса бо забони адабии тоҷикӣ муайян карда мешаванд, аз ин рӯ, забони адабӣ барои мушаххас ва муқаррар намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи лаҳҷаҳои водии Ҳисор меъёр ба ҳисоб меравад. Бо пешрафти ҷомеа ва рушди забони тоҷикӣ аксари гӯйишҳо дар ин мавзеъ аз байн рафта истодаанд ва яке аз масъалаҳои мубрам дар ин самт ҳифзи гӯйишҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор маҳсуб меёбад [21-М].

3. Ҳангоми таҳлили мавод собит гардид, ки шарҳу тафсири истилоҳи этнолингвистика» аз ҷониби муҳаққиқон ба таври гуногун нишон дода шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо донишмандон мафҳуми истилоҳи «этнолингвистика»-ро бо истилоҳи «антропологияи фарҳангӣ» ва «фарҳанги антропологӣ» ифода менамоянд, ки чунин шакл низ, ба андешаи мо, хато нест. Омӯзишу пажуҳиши этнолингвистика ҳамчун илми тозабунёд аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик низ ба хубӣ ба роҳ монда шуда, дар ин самт таҳқиқоти назаррас сурат гирифтаанд [15-М].

4. Забон бо фарҳанг робитаи бевосита дорад. Дар водии Ҳисор намояндагони якчанд гурӯҳҳои қавмӣ зиндагӣ мекунанду фарҳанг, тамаддун ва

таърихи хешро танҳо тавассути забон ба насли наврас интиқол дода истодаанд. Маънои этнолингвистии «фарҳанг» ҳамчун мафҳуми васеи мардумшиносӣ дар тамоми тамаддун, дониш, эътиқод, санъат, ахлоқ, қонунҳо ва баъзе дигар қобилиятҳо ва урфу одатҳое, ки инсон ҳамчун як чизи азхудкарда қабул намудааст, зоҳир мешавад [28-М].

5. Омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ таърихи тулонӣ дошта, ҳанӯз муҳаққиқони варзида, аз қабили М. Андреев, И.И. Зарубин, В.С. Расторгуева, Л.В. Успенская, Н. Ершов, Ш. Исмоилов М. Муҳаммадҷонов, И. Сулаймонов дар таҳқиқоти хеш, гарчанде истилоҳи этнолингвистика»-ро истифода набурда бошанд ҳам, пажуҳишҳои хусусияти этнолингвистидоштаро анҷом додаанд [20-М].

6. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳанӯз истилоҳи «регионолект» ҳамчун истилоҳи этнолингвистӣ то солҳои наздик аз ҷониби олимони тоҷик ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор нагарифтааст. Лаҳҷаҳои минтақавӣ дар водии Ҳисор регионолекти махсусро ба вуҷуд оварда тавонистаанд. Бо таъсири забони узбекӣ ба гӯйиши мардумони минтақаи Турсунзода як регионолекти махсус ба вуҷуд омадааст, ки инро мо дар гӯйиши мардумони Чиртак, Пахтаобод, Ширканд, Чегараи шаҳри Турсунзодаи водии Ҳисор ба мушоҳида гирифта тавонистем. Истифодаи калимаҳои *тоқибойғурдӣ* (навъи бозӣ), *мушкетӣ* (навъи бозӣ), *ҳилмӣ* (наъи рӯймол), *қалағай* (навъи рӯймол), *пӯчоқи писта* (навъи рӯймол), *пилтадӯзӣ* (навъи тоқии мардона), *қурмоқ* (омехтаи қаймоқ бо чурғот), *қармоқ* (шаст), *буламоқ* (навъи атола) аз ин гувоҳӣ медиҳанд [29-М].

Инчунин, пажуҳиши этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор нишон дод, ки баъзе регионолектҳои водии Ҳисор таъсири худро ба забонҳои гурӯҳҳои этникии парён, каволӣ соғутарош, чистонӣ ва ҷӯгиҳо гузоштаанд. Баъзе калимаҳои ба соҳаи ҳунармандӣ тааллуқдошта дар нутқи ин гурӯҳҳои этникӣ корбаст шуда, шакли тамоман дигарро соҳибанд, аз қабили *мозо* (мӯза), *чҳурӣ* (кордча), *кҳарчӣ* (тоба), *чаву* (ҷорӯб), *чамча* (қошуқ), *андалӣ* (элак) ва ғайра [23-М].

8. Фолклор бо этнолингвистика робитаи ногусастанӣ дорад. Маҳз, дар фолклори мардуми водии Ҳисор урфу одат ва тарзи зисту зиндагонӣ, суннату анъанаҳои қавму қабилаҳо таҷассум меёбанд [14-М].

Бештари калимаҳои ифодакунандаи суннату анъанаҳои мардумӣ сирф хусусиятҳои қавмиро ифода менамоянд [32-М].

Инчунин, исбот гардид, ки ҳатто, дар фолклор вазъи иҷтимоӣ ва рӯйдодҳое, ки дар ҷомеа ба вуқуъ мепайванданд, таҷассум ёфта, тасвири забонии ин қавмҳо нишон дода мешаванд [31-М].

9. Аксарияти калимаҳои соҳаи чармгарӣ хусусияти этнолингвистӣ пайдо намудаанд. Баъзе калимаҳое, ки дар соҳаи чармгарӣ дар водии Ҳисор корбаст мешаванд, аз қабили *мукӣ*, *хомак, чоруқ, сахтиён, фалахмон, банди мелок, кемухт, кемухтгар, кемухтгарӣ* ва ғайра аз даврaҳои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ гирифтаанд [33-М].

10. Аксарияти калимаҳои соҳаи оҳангарӣ дар осори классикони тоҷику форс дар ҳамин шаклу маънӣ оварда шудаанд, аз қабили *аскана, теғ, шамшер, шамъдон* ва ғайра. Бештар калимаҳои ифодакунандаи ҳунари кордсозӣ ба худ маънои маҷозиро касб намудаанд, ки майдони маъноияшон на чандон васеъ буда, танҳо хоси ин ду шеваанд, аз қабили *покутарош* (тоза тарошидани мӯйи сар), *шамшерзанак* (ҷанги ду одам), *калитак шудан* (гирифтани забон, лакнат), *қулф бастан* (гирифтани ҳино), *корд ба дил* (ранҷондан) ва ғайра [26-М].

11. Калимаву истилоҳоти соҳаи кулолӣ, аз қабили *қулқулак, гуловӣ, чилимкашак, мурғак, қабза, кӯгичаҳушток* ва ғайра ба калимаҳои хоси лаҳҷа ё худ диалектизмҳои лексикӣ мубаддал гаштаанд. Майдони маъноии онҳо на чандон васеъ буда, ҳатто дар водии Ҳисор ин калимаҳо хоси шеваи шимолӣ буда, ба намояндагони шеваи ҷанубӣ ошно нестанд [7-М].

12. Бештари вожаву истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ дар асоси лексикаи лаҳҷаи кӯлобии ҳисорӣ, ғармии ҳисорӣ ва лаҳҷаи қаратоғӣ ташкил шудаанд. Аксарияти ин калимаҳо, аз қабили *чакан* таърихи пайдоиши хеле куҳан доранд [33-М]. Дар ин бахш бештар диалектизмҳо, аз қабили *қошуқча* (қисми пушти тоқипӯшак), *гирвончаи дандончадор* (куртае, ки гебонаш бо қуроқҳои ба таври дандонча

буридашуда оро дода шудааст), *оча бача* (ҷойпӯш ва ҷойпӯшча), *зияк* (шерозпоча) ва ғайра ба назар мерасанд [9-М].

Дар вожагони соҳаи дӯзандагӣ таркибҳои *ҷомаи рӯйи тобут* (ҷомае, ки ҳангоми мурдани шахс ба рӯйи тобути ӯ мепартоянд), *мӯйбофак* (матое, ки барои хушк шудан ба мӯйҳои зани мурда мепечонанд), *саломтияк* (дастрӯймоли зардӯзие, ки тавассути он арус дар маросими рӯбинон салом медиҳад) маҳз, аз хусусиятҳои урфу одат ва суннату анъанаҳои мардумони ин мавзеъ дарак медиҳанд [2-М].

13. Дар вожагони бофандагӣ калимаву истилоҳоте кам нестанд, ки тибқи меъёрҳои фонетикии худи лаҳҷаи мазкур амал карда, тағйироти муайяни овозиро аз сар мегузаронанд: *бирешум* (абрешим), *калова* (калоба), *аврмонӣ* (абрмонӣ), *бowакасб* (касби бобоӣ), *кафтаргул* (кабӯтаргул), *зиндаъкунӣ* (мубаддал намудани тухм ба кирмак), *дъстазанӣ* (гузоштани даста ба кирмак) ва ғайра [3-М].

14. Як гурӯҳи калони вожаҳои соҳаи сохтмон, ки хоси лаҳҷаҳои водии Ҳисор мебошанд, аз ҳисоби унсурҳои марбут ба даврахои пешинаи тараққиёти забони тоҷикӣ сар задаанд. Масалан, воҳидҳои луғавии *бурё* ва *бурёкубон* (маросиме, ки ба муносибати сохтани хона баргузор мешавад), *кулба* (хона), *сутун* (ров), *андова* (молидани гил), *хиштрез* (шахсе, ки хишт мерезад) ҳамин гуна хусусият доранд, ки дар забони адабиёти классикӣ зиёд ба кор рафтаанд. Майдони маъноии воҳидҳои луғавии *қушхона, шабхона, чақалоқхона, келинхона, пирхона, дӯконхона* на чандон васеъ буда, доираи интишори онҳо аз ҳудуди ин маҳалҳо дур рафта нарафтааст [24-М].

15. Аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи пазандагӣ сирф хусусиятҳои этнолингвистӣ зоҳир намуда, ба пайдоиши онҳо ягон суннат ё анъанае боис гаштааст [32-М]. Ин ҷо воҳидҳои луғавӣ, аз қабили *кулчаи дасти арус* (кулчае, ки дар маросими равғанрезон мепазанд), *чалпаки рӯйи дил* (чалпаке, ҳангоми бемор шудани кӯдаки чилланок пухта, ба болои шиками ӯ мегузоранд), *тарҳавлои рӯзи чил* (тарҳалвое, ки дар марсими чил мепазанд), *умочи бивисешанбегӣ* (умоче, ки дар маросими бибисешанбегӣ омода менамоянд) ва ғайра дар назар аст [10-М].

16. Дар водии Ҳисор номвожаҳое, аз қабили *Ғарибак, Осиёбхона, гузари Чармгарон, Читгарон, Қасобхона, гузари Кулолон, Собунхона* ғайра ба назар мерасанд, ки асоси пайдоиши онҳо ҳунарҳо мебошанд [12-М].

17. Бештари калимаҳои ифодакунандаи зироаткорӣ сирф хусусиятҳои этнолингвистӣ касб карда, дар пайдоиши онҳо маросимҳои мавсимӣ нақши босазо гузоштаанд, аз қабили *хирманкӯбон, шолиниҳол, шолихишова, ҷомиқурвоқағундорӣ* ва ғайра [4-М]. Ҳангоми таҳлили мавод собит гардид, ки калимаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ дар заминаи ранг, номи одамон, замон, узвҳои ҳайвонот пайдо шудаанд, аз қабили *ангурӣ сиёҳак, себи сибиринка, себи пешпазак, ноки линги хар* ва ғайра [8-М].

18. Дар калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои чорводорӣ бештар омезиши ду шева–шеваи шимолӣ ва ҷанубӣ ба назар мерасад. Калимаҳои *модгов, мочабуз*, (шеваи шимолӣ) ва *гови мода, бузи мода* (шеваи ҷанубӣ) аз ин шаҳодат медиҳанд [6-М].

19. Аксарияти калимаҳои соҳаи моҳипарварӣ ва занбӯрпарварӣ тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро нишон медиҳанд. Аз сабаби он, ки моҳипарварӣ касби дӯстоштаи мардумони ин мавзеъ ба шумор меравад, дар ин замина, калимаву истилоҳоти зиёде пайдо шудаанд, ки зимни ин пеша ба миён омадаанд, аз қабили *Ашури маҳиқап, Холмаҳмади маҳипаз, Саидхӯҷи маҳипарвар* ва ғайра [13-М]. Дар заминаи пешаи замбурпарварӣ теъдоди бештари калимаҳо ба худ хусусиятҳои лаҳҷавӣ касб намуданд, аз қабили *занбӯри илло, занбӯри зардак, модарзанбӯр, шаробасал, гуласал* ва ғайра [19-М].

20. Калимаву истилоҳоте, ки мафҳумҳои тиббиро ифода менамоянд, бештар хусусияти этнолингвистӣ дошта, бо хурофотҳои динӣ сахт алоқаманд мебошанд, аз қабили *ҷодубуророн, суқбуророн, дедонбандӣ, тавбандӣ, кирмшипонӣ, сиёҳидегмолӣ, нучамонӣ, момолгӣ, алову алас, куканбандӣ, чилтано* ва ғайра. Аксарияти ин калимаҳо аз давраҳои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ гирифта, дар фарҳангҳои пешин дарҷ гаридидаанд, аз қабили *сурхӣ, тарбод, бисмил, рагмол* ва ғайра [16-М].

21. Баъзе аз калимаҳои ифодакунандаи номи бозиҳо дар водии Ҳисор, бо вуҷуди хусусиятҳои этнолингвистӣ доштанашон, инчунин, вижагиҳои сотсиолингвистиро низ зоҳир менамоянд, аз қабили *уйношбозӣ, ойимбозӣ, ҷувоншишонӣ, қиморбозӣ, қартабозӣ* ва ғайра [18-М].

22. Бархе аз калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешовандӣ калимаҳои туркӣ-муғулӣ ба ҳисоб мераванд [24-М]. Ин гурӯҳи калимаҳо дар натиҷаи якҷоя зиндагонӣ намудани қавмҳои узбектабор ба ин лаҳҷаҳо ворид гардидаанд, аз қабили *қайнӣ, қайсингил, қайнона, онабивӣ* ва ғайра [5-М].

23. Ҳангоми таҳлили мавод собит гардид, ки баъзе унсурҳое, ки дар шакли русӣ-аврупоӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор корбаст мегарданд, калимаҳои сирф тоҷикӣ ва арабӣ буда, гардиш хӯрдаанд [25-М]. Масалан, калимаҳои *болкона, сарупо, рад, икара, чол, поҷома, каб, мири адолат,* ки айни замон, дар шаклҳои *балкон, сарафан, ряд, чолка, пижама, каблук, адмирал,* ки мавриди истифода қарор доранд, ба ин гурӯҳи калимаҳо ворид мешаванд [22-М].

24. Бештари калимаҳои муғулӣ-узбекӣ муодили худро дар лаҳҷаҳои мазкур надоранд, аз қабили *тиғма, қайла, сузма, қурмоқ, қуйма, қурут, қаслоқ, қаймоқ, қилтиқ, қовунқоқ* ва ғайра. Бештар дар соҳаи ҳунармандӣ калимаи туркии *эрмак* ба маънои «кор» мавриди истифода қарор дорад. Воҳидҳои луғавии *чапон* (ҷома), *куйлак* (курта), *юрма* (сӯзанӣ), *телпак* (каллапӯш), ҷелак (куртаи тунуки мардона) низ чунон дар таркиби лаҳҷаҳои мазкур ҳазм гаштаанд, ки барои муайян намудани баромади онҳо як таҳқиқоти забоншиносии махсус лозим аст [27-М].

25. Калимаҳои куҳнашуда бо тараққиёти илму техника ҷойи худро ба калимаҳои дигар додаанд. Масалан, калимаҳои *ҳаллоҷӣ, ҳаллоҷисоз, ҳаллоҷикун, қасобадӯз, лачакдӯз, чоруқдӯз, маҳсидӯз, мукидуз* ва ғайра. Аз истеъмол баромадани як қатор воҳидҳои луғавӣ вобаста ба тағйири сохти ҷомеа ва дигар гардидани раванди зиндагии аҳолӣ иртибот дорад [11-М].

26. Дар ҳар як лаҳҷа, ки дар ҳудудҳои муайяни ҷуғрофӣ паҳн шудаанд, унсурҳоеро метавон пайдо кард, ки аз даврахои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ гирифта, хоси ҳамон лаҳҷаанд. Ин ҳодиса дар калимаву истилоҳоте ба назар мерасад, ки хусусиятҳои табиии маҳаллиро дар бар мегиранд ва ё бештар ба

хусусиятҳои қавмии мардум ва касбу ҳунари онҳо алоқамандӣ доранд. Падидаи мазкур бештар дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор роиҷ аст. Чунончи, калимаҳои *пашмак* (як навъи ҳалво), *калақанд* (қанди сафеди лӯндашакли калон), *чилчӯв гулқанд* (навъи қанд), *даҳани фаранг* (маводде, ки барои рангро қапидани ришта истифода мешавад) танҳо дар лаҳҷаи Қаратоғ ба қайд гирифта шудаанд, вале баръакси ин, вожаҳое низ вомехӯранд, ки дар аксарияти лаҳҷаҳои шимолӣ қобилияти коро̄ доранд. аз қабили *зулфин* (зулфаки дар), *мехгардон* (як наъ асбоб), *гулбанд* (навъи корд), *пирхона* (дӯконхона), *гуландоз* (як навъ асбоб, ки тавассути он кордҳоро гул меандозанд), *бегулбанд* (навъи корд), *наъл* (наъл), *доскала* (доси калон), *газамбур* (навъи анбӯр)ва ғайра[1-М].

27. Вожагони ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор як қисми ҷудонопазири вожагони касбӣ (профессионалӣ)-и забони миллии тоҷик маҳсуб меёбанд. Заминаи асосии вожагони соҳавии лаҳҷаи мазкурро калимаву истилоҳоти хоси забони тоҷикӣ (умуман эронӣ) ташкил медиҳанд. Хусусияти муҳимми калимаву истилоҳоти соҳавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар он зоҳир мегардад, ки аксаран якмаъно (моносемия) мебошанд, вале, дар баробари ин, теъдоди зиёди калимаҳои сермаъно низ ба назар мерасанд, аз қабили *аспак* (аспи хурд), а*спак* (як қисми асбоби бофандагӣ), *аспак* (нақше, ки кулолон дар кӯза мекашанд), *аспак* (бозӣ бо аспи сунъӣ дар маросими тӯй), *зоғак* (як қисми асбоби бофандагӣ), *зоғак* (зоғнӯл), *зоғак* (нақше, ки дар шерози тоқии мардон дӯхта мешавад) ва ғайра [17-М].

28. Инчунин, дар гӯйишҳои водии Ҳисор вожаҳое вуҷуд доранд, ки ҳудуди истеъмолашон маҳдуд буда, дар дигар лаҳҷаҳо ба кор намераванд: *сиёҳчироғ, осмончироғ, гирдичимилиқӣ, парипаша, хосагӣ, гижас, самсамӣ, фатилла, ликак, қошуқча, қандоwак, этимак, мискинак, оринҷак, зоғак, шамшерак, зуғӯта, маштут, қулқулак* ва ғайра. Албатта, гарчанде теъдоди ин гурӯҳи калимаҳо чандон зиёд набошад ҳам, унсурҳое ҳастанд, ки дар ду ё се соҳаи зиндагии мардум бо маъниҳои марбут ба ҳамон соҳаҳо истеъмол меёбанд, вале шумораи ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ ниҳоят кам аст. Аз ин рӯ, омӯзиши вожагони соҳавии лаҳҷаҳои

водии Ҳисор, аз як тараф, барои такмил ва пурра сохтани қабатҳои гуногуни таркиби луғавии забони адабии тоҷик аҳаммият пайдо намояд, аз тарафи дигар, барои тартиб додани фарҳангҳои соҳавӣ, истилоҳотӣ дар бахшҳои гуногуни илм, касбу ҳунар ва ба низом даровардану такмил додани ҷиҳатҳои маъноии истилоҳоти забони тоҷикӣ, дар маҷмуъ, аҳаммияти муҳим касб мекунад [5-М; 21-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқоти ба сомон расонидшуда маълум мегардад, ки гарчанде дар бобати хусусиятҳои этнолигвистии гӯйишҳои водии Ҳисор дар шаклҳои мухталиф пажуҳишҳои илмӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, маҳз, ҳанӯз. вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии он дар шакли таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст. Дар доираи мавзуи мазкур метавон оид ба ҷанбаҳои гуногуни этнолингвистии гӯйишҳои водии Ҳисор чандин пажуҳишҳо анҷом дод. Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки хусусиятҳои этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйишҳои водии Ҳисор мавриди баррасию пажуҳиши амиқ қарор дода шавад. Дар баробари ин, бо натиҷагирӣ аз пажуҳиши мавзуъ барои истифодаи амалии он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқон дар омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои этнолингвистии гӯйишҳои водии Ҳисор ва баррасии номвожаҳои ҷуғрофӣ, махсусан номвожаҳои бо ҳунарҳои мардумӣ иртиботдошта метавонад мусоидат кунад.

2. Пажуҳиши этнолингвистикаи гӯйишҳои минтақавӣ, ки аксари вожаҳои онҳо таърихи қадима доранд, дар бобати муайян намудани як қатор масъалаҳои марбут ба таърихи забони адабии тоҷик, бахусус, давраҳои алоҳидаи густариши он, ҷанбаҳои услубӣ, қолабҳои калимасозӣ ва қабатҳои вожагонӣ-маъноии он аҳаммияти калон пайдо мекунад.

3. Натиҷагирӣ аз мавзуи мазкур дар омӯзиши масъалаҳои этнолингвистика, лаҳҷашиносӣ, мардумшиносӣ, номҳои ҷуғрофӣ ва ғайра ёрӣ мерасонад.

4. Фарҳангҳои соҳаи ҳунармандӣ, ки бештар фарогири калимаҳои ифодакунандаи ҳунармандӣ мебошанд, дар асоси рисолаи мазкур мураттаб карда шаванд.

5. Фарҳангҳои соҳаи маишӣ, ки бештар фарогири калимаҳои ифодакунандаи соҳаи маишӣ мебошанд, дар асоси рисолаи мазкур мураттаб карда шаванд.

6. Фарҳанги боварҳои ба соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ алоқамандбуда, ки бештар фарогири боварҳои мардумӣ мебошанд, дар асоси рисолаи мазкур мураттаб карда шаванд.

7. Дар мураттабсозии фарҳангҳои калимаҳои таърихӣ ва куҳнашуда, ки бештар фарогири калимаву истилоҳи аз истеъмолбаромада ва таърихан маҳдудшуда мебошанд, мавриди истифода қарор гирад.

8. Дастурҳои таълимӣ оид ба этнолингвистика, забоншиносии фарҳангӣ, луғатшиносӣ ва шевашиносӣ дар асоси рисолаи мазкур бештар таълиф карда шуда, омӯзиши фанҳои этнолингвистика ва забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар донишкадаву донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

9. Натиҷаҳо, нуктаҳо ва маводи амалии рисола метавонад дар ҷараёни таълими забоншиносӣ, забоншиносии фарҳангӣ, луғатшиносӣ, курсу семинарҳои махсус дар факултетҳои махсус ва факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар самаранок кор фармуда шавад.

10. Ба мутахассисони соҳа зарур аст, ки аз дастовардҳои илмии диссертатсия истифода бурда, таълифоти минбаъдаи худро ба роҳ монанд, ки метавонад дар пурра кардани ҷанбаҳои назариявии забони тоҷикӣ ва ҳалли баъзе масъалаҳои забоншиносии қавмӣ мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур ибтидои таҳқиқи вижаи илмӣ дар ин самт буда, таваҷҷуҳи пажуҳишгаронро ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба он ҷалб менамояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

А) Диссертатсия ва авторефератҳо

1. Абдуллоева, З.Ф. Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ: дисс... номзади илмҳои филологӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллоева. – Душанбе, 2019. – 144 с.
2. Алиев, Б.П. Ягнобская этнографическая лексика: автореф. дисс... канд. филол. наук [Текст] / Б.П. Алиев. – Душанбе,1998. – 21 с.
3. Азимова, У.А. Таҳлили муқоисавии-таърихии лексика ва фразеологияи “Таърихи Байҳақӣ» бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ: дисс... номзади илмҳои филологӣ [Матн]/ У.А. Азимова. – Хуҷанд, 2020. – 165 с.
4. Аминов, А. Мавқеи гулбазм дар ҷашни арусии мардуми тоҷик (дар мисоли маводи ноҳияи Файзобод): дисс... номзади илмҳои филологӣ [Матн] / А Аминов. – Хуҷанд, 2018. – 160 с.
5. Ахмад, Ходжи Хусайни Сафар. Лексико-семантические особенности газелей Соиба: автореф. дисс... канд. филол. наук [Текст] / Сафар Хусайни Ходжи Ахмад. – Душанбе, 2004. – 25 с.
6. Берлизов, А. А. Лексика рыболовства украинских говоров нижнего Поднестровья: автореф. дис… канд. фил. наук [Текст] / А. А. Берлизов. – Киев, 1976. – 21 с.
7. Бобоева, М.Т. Термины брачного родства в немецком и таджикском языках: автореф. дис… канд. фил. наук [Текст] / М.Т. Бобоева. – Боку, 1990. – 24 с.
8. Бобомуродова, М. Этнолингвистическая характеристика лексики женских украшений в таджикском языке: автореф. дис… канд. фил. наук [Текст] / М Бобомуродова. – Душанбе, 2012.– 25 с.
9. Броимшоева, М.К. Этнолингвистический анализ шугнанских примет и предсказаний: автореф. дис…канд. фил. наук [Текст] / М.К. Броимшоева. – Душанбе, 2006. – 24 с.

10. Бурханова, Х. Лексика гончарного производства в таджикском языке: автореф. дисс… канд. фил. наук [Текст] / Х. Бурханова. – Душанбе, 2006. – 24 с.
11. Гадоев, Н. Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кулоб): дисс... доктори илмҳои филологӣ [Матн] / Н. Гадоев. – Душанбе, 2019. – 335 с.
12. Замонов, З. Лексика даштиджумского говора таджикского языка: автореф. дисс... канд. филол. наук [Текст] / З. Замонов. – Душанбе. 2009. – 19 с.
13. Игнатович, Т.Ю. Восточно-Забайкальские говоры севернорусского произхождения в синхронном и диахронном аспектах: на материале фонетики и морфологии: автореф. дис... доктор. филол наук [Текст] / Т.Ю. Игнатович. – Улан-Уде, 2013. – 48 с.
14. Исмоилов, Ф.Х. Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: дисс... номзади илмҳои филологӣ [Матн] / Ф.Х. Исмоилов. – Душанбе, 2021. – 172 с.
15. Истамова, М.Д. Лексика швейного и вышевального искусства в Самаркандских говорах таджикского языка: автореф. дисс... канд. филол. наук [Текст] / М.Д. Истамова. – Душанбе, 1983. – 25 с.
16. Кабиров, Ш. Лексические особенности Таърихи Бадахшон: автореф. дисс... канд. филол. наук [Текст] / Ш. Кабиров. – Душанбе, 1979. – 24 с.
17. Кабиров, М. Лексика говоров таджиков Чирчика Ташкентской области республики Узбекистан: автореф. дисс... канд. филол. наук [Текст] / М. Кабиров. – Душанбе, 1995. – 18 с.
18. Кабиров, Х. Этнолингвистическая исследования битовой лексики языка таджиков Китая: автореф. дис… канд. филол. наук [Текст] / Х. Кабиров. – Душанбе, 2017. – 24 с.
19. Каландаров, С.Д. Арабские заимствованные слова в «Наводир-ул-вакое» Ахмада Дониша: автореф. дис… канд. филол. наук [Текст] / С. Каландаров. – Душанбе, 2006. – 24 с.

20. Калинина, М.В. Лексико-семантическое поле «одежда» в донском казачьем диалекте: этнолингвистический и лингвокультурологический аспекты [Текст] / М.В. Калинина. – Волгоград, 2008. – 25 с.
21. Каримова, М.Д. Ташаккул ва инкишофи лексикаи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ (дар асоси маводи лексикаи лаҳчаи тоҷикони Лахш): дис... номз. илм. филологӣ [Матн] / М.Д. Каримова. – Душанбе, 2018. – 171 с.
22. Маринин, А.В. Лексика промыслов и ремёсел в говорах Вадского района Нижегородской области: дисс... канд. филол. наук [Текст] / А.В. Маринин. – Арзамас, 2011. – 25 с.
23. Мирбобоев, А. Лексика животноводства Ваханского языка: авфтореф. дисс… кан. филол. наук [Текст] / А. Мирбобоев. – Душанбе, 1991. – 21 с.
24. Некушоева, Ш.С. Этнолингвистическое и сравнительное освещение предметно-бытовой лексики шугнано рушанской группы памирских языков. дисс... канд.филол. наук [Текст] / Ш.С. Некушоева. – Душанбе, 2010. – 162 с.
25. Петроченко, В. Лексика рыбного промысла в русских говорах Северного Приангарья (опыт ретроспективного анализа): автореф. дисс… канд. филол. наук [Текст] / В. Петроченко. – Екатеринбург, 1992. – 18 с.
26. Рахимов, Д. Приметы как жанр таджикского фолклора: дисс... кан. филол. наук [Текст] / Д. Рахимов. – Душанбе, 2003. – 186 с.
27. Раҳматуллоева, Г.А. Муносибати гендерӣ дар фолклори маросимии занҳои Бадахшон: дисс... номз. илм. филологӣ [Матн] / Г.А. Раҳматуллоева.– Хуҷанд, 2019. – 188 с.
28. Розиков, Б. Лексика ювелирного и медницкого мастерства в таджикском языке: автореф. дисс… кан. филол. наук [Текст] / Б. Розиков. – Худжанд, 2000. – 24 с.
29. Сывороткин, М.М. Лексик ремёсл и промыслов русского населения Низовьев реки Сережи: автореф. дисс... кан. филол. наук [Текст] / М.М. Сывороткин. – Горький, 1981. – 24 с.

30. Сулаймонов, И.О. Лексика говора горного Гиссара: дисс... канд. филол. наук [Текст] / И.О. Сулаймонов. – Душанбе, 2019. – 190 с.
31. Тариева, Л. Этнолингвистические аспекты изучения структуры отрослевого словаря (на материале лексики швейного дела ингушском языке: афтореф. дисс..канд. филол. наук [Текст] / Л. Тариева. – М., 1995. – 24 с.
32. Усмонова, С. Лексика орнаментации текстиля в таджикском языке: дисс. канд. филол. наук [Текст] / С. Усмонова. – Душанбе, 1971. – 234 с.
33. Хайдарова, Д.А. Особенноси медицинской терминологии в таджикском и английском языках: афтореф. дисс… канд. филол. наук [Текст] / Д.А. Хайдарова. – Душанбе, 2007. – 25 с.
34. Халимова, М. Лексика обозначающая понятие «одежда» в таджикском языке (на основе материалов говора Худжанда и его окрестностей): дис...канд. филол. наук [Текст] / М. Халимова. – Худжанд, 2002. – 171 с.
35. Хасанова, М.И. Обрядовая лексика ретуала бракосочетания в деалекте Худжанда: Этнолингвистический аспект: дисс... канд. филол. наук [Текст] / М.И. Хасанова. – Худжанд, 2010. – 156 с.
36. Худойбердиева, Д. Этнолингвистеческий и структурный анализ лексики женской одежды и моды в разносистемных языках (на материале русского, таджикского и английского языков): автореф. дисс. канд. филол. наук [Текст] / Д. Худойбердиева. – Душанбе, 2020. – 28 с.
37. Фиргалиева, Ч. И. Лексика садоводства в современном татаррском языке: авфтореф. дисс... канд. филол. наук [Текст] / Ч.И. Фиргалиева. – Казань, 2007. – 24 с.
38. Ҷӯраева, Х. Ё. Мирзо Олимҷон Ҳазрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX: дисс... ном. илм. филол. [Матн] / Х. Ё.Ҷӯраева – Душанбе, 2019. – 152 с.

Б) Монография, дастурҳои таълимӣ ва илмӣ-методӣ, брошураҳо ва мақолаҳо

39. Абуалӣ, ибни Сино. Қонуни тиб. Китоби 2 [Матн] / Сино Абуалӣ. – Душанбе, 1991. – 446 с.

40. Абуалии, Балъамӣ. Таърихи табарӣ. Аз силсилаи халқҳои эронӣ дар махазҳои таърихӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷ. 1 [Матн] / Балъамӣ Абуалӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 195 с.
41. Айнӣ, С. Мактуби кушод ба рафиқ Толис [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1948. – № 11. – С. 37-40.
42. Айнӣ, С. Маънои калимаи тоҷик [Матн] / С. Айнӣ // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. – Сталинобод, 1948. – С. 37-40.
43. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 263 с.
44. Азизов, Д., Мухторов, М., Бегов, С. Деҳаи Ҳакимӣ [Матн] / Д. Азизов, М. Мухторов, С. Бегов. – Душанбе: Шарқи Озод, 2017. – 286 с.
45. Альфред, Луис Крёбер. Избранное: Природа культуры [Текст] / Луис Крёбер Альфред. – М.: Российское политическая энциклопедия, 2004. – 1006 с.
46. Андреев, М.С. Некоторые результаты этнографической экспедиции в Самаркадсукую область в 1921 году [Текст] / М.С. Андреев // Изв. Туркест. отд. русс. геог. общ-во. Т. 17, 1924. – С. 121-140.
47. Андреев, М. С. Краткий обзор некоторых особенностей таджикских говоров [Текст] / М.С. Андреев. – Ташкент, 1930. – 44 с.
48. Андреев, М.С. О таджикском языке настоящего времени [Текст] / М.С. Андреев // Материалы по истории таджиков и Таджикистана. – Сталинабад, 1945. – 70 с.
49. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (Верховы Амударьи). Вып. 1 [Текст] / М.С. Андреев // Труды АН Тадж. ССР. Ин-т истории, археологии и этнографии. Т.7. – Сталинабад: АН таджикской ССР, 1953. – 251 с.
50. Аттобуллоев, С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ Ҷ. 4 (синтаксис) [Матн] / С. Аттобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1984. – 249 с.
51. Ахметьянов, Р.Г. Общая лексика материальной культуры народов Среднего Повольжья [Текст] / Ахметьянов Р.Г. – М.: Наука, 1989. – 200 с.

52. Ашурмамадова, У. К гипотезе Соссюра о праязыке: историко сравнительный анализ лексики кровного родство (в таджикском, английском и шугнанском языке) [Текст] / У. Ашурмамадова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – № 6. – С. 30-37.
53. Аъзам, Таваккулӣ. Сухане чанд дар бораи вожаи «хусур», яке аз истилоҳоти хешовандӣ дар забони яғнобӣ [Матн] / Тааккулӣ Аъзам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2013. – № 4 (30). – С. 131-134.
54. Бадалов, И. Нақши «Роҳи бузурги абрешим» дар равобити таърихию сиёсии халқҳои Осиёи Миёна ва Хитой [Матн] / И. Бадалов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё». Д ТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе, 2018. – С. 270-272.
55. Баротов, Р.Б., Новиков, В.П. Каменное чудо Таджикистана [Текст] / Р.Б. Баротов, В.П. Новиков. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 205 с.
56. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / М. Баҳор. Талхиси Сайидабутолиби Миробиддин; зери назари Н.Ю. Салимов; баргардони Ш.Р. Исрофилниё, Н. Саркоров. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
57. Бердиева, Т. Арабские заимствования в таджикском языке (по материалам прессы 20-х годов) [Текст] / Т. Бердиева. – Душанбе: Дониш, 1968. – 331 с.
58. Бердиева, Т. Лингвистические и экстралингвистические причины арабских заимствований (по материалам прессы 20-х годов). Т. 1 [Текст] / Т. Бердиева. – Душанбе, 1971. – 230 с.
59. Бердиева, Т. Назарияи Иқтибос [Матн] / Т. Бердиева. – Душанбе: Дониш, 1991. – 128 с.
60. Бобомуродова, М. Лексикаи зебу зинат ва ороиши занона [Матн] / М. Бобомуродова. – Душанбе, 2012. – 187 с.

61. Бобомуродова, М. Вожаҳои ифодакунандаи ҳунари бофандагӣ [Матн] / М. Бобомуродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 8. – С. 38-41.
62. Бородина, М.А. Диалекты или региональные языки (К проблеме языкавой ситуации в современной Франции) [Текст] / М.А. Бородина // Вопросы языкознания. – М., 1982. – № 5. – С. 29-34.
63. Борунов, О. Баъзе хусусиятҳои ҷудогонаи унсурҳои туркӣ дар лаҳҷаи Вахиёи Қоротегни [Матн] / О. Борунов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 97-103.
64. Брейко, Т.С. Лексика Пчёловодство в русском фолклоре [Текст] / Т.С. Брейко. Славянская чтения // Материалы Всероссийской научно-практической конференции. – Омск, 2014. – С. 193-200.
65. Бузургзода, Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик [Матн] / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1940. – 125 с.
66. Буриева, Ш.Б. Тобишҳои услубӣ маъноиии вожаҳои марбут ҳунармандӣ бар мабнои фарҳанги «Бурҳони қотеъ» [Матн] / Буриева Ш.Б. // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2020. – № 4 (40). – С. 76-84.
67. Бурҳонова, Ҳ. Оид ба лексикаи кулолӣ [Матн] / Ҳ. Бурҳонова // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1980. – С. 69-77.
68. Валиева, З.А. Фазои когнитивии «меҳмондорӣ» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / З.А. Валиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 7. – С. 52-57.
69. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов [Матн] / Н. Гадоев. – Душнбе: Ирфон, 2012. – 208 с.
70. Гафуров, Б. Таджики. Книга 1 [Текст] / Б. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 701 с.
71 Гафуров, Б. Таджики. Книга 2 [Текст] / Б. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 480 с.
72. Герд, А.С. Ввдение в этнолингвистику. Курс лекций и хрестоматия. 2. изд. [Текст] / А.С. Герд. – СПб.: Изд-во С.- Петерб. ун-та, 2005. – 557 с.

73. Герд, А.С. Проблемы формирование научной терминологии [Текст] / А.С. Герд. – Ленинград, 1968. – 263 с.
74. Гончарова, П. А. Санъати зардӯзии Бухоро [Матн] / П.А. Гончарова. – Тошканд, 1986. – 110 с.
75. Гордлевский, В.А. Игры анатолийских турок [Текст] / В.А. Гордлевский // Известия о-ва обследо-вания изучение Азербайджана. Вып. 5. – Баку, 1927. –122 с.
76. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1985. – 335 с.
77. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2 [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1956. – 372 с.
78. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 3 [Матн]. – Душанбе: Дониш. – 224 с.
79.Григорьев, В.В. Обозрение диалектических отличий употребительного у бухарских таджиков персидского языка. (О некоторых событиях в Бухре, Коканде и Кашгаре) [Текст] / В.В. Григорьев. – Казань, 1861. – 71 с.
80. Гузберг, Л. Регионолект [Текст] / Л. Гузберг // Филолог – Пермский государственный гуманитарно-педагогический унверситет. – Пермь, 2010. – №11. – С. 14-20.
81. Гулмирзоева, З.Т. Шарҳи чанд вомвожаи заргарии осори манзуми асри Х [Матн] / З.Т. Гулмирзоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №7. – С. 152-157.
82. Гумбольдт, В. фон. О различии строения человеческих языков и его влиянии на духовное развитие человечества [Текст] / В. фон. Гумбольдт // Избранные труды по языкознанию. – М., 1984. – С. 72-80.
83. Ғаффоров, Р. Нависанда ва лаҳҷаҳои забон [Матн] / Р. Ғаффоров // Нависанда ва забон. – Душанбе, 1977. – С. 118-150.
84. Ғаффоров, Р., Неменова, Р.А. Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ [Матн] / Р. Ғаффорова, Р.А. Неменова. – Душанбе: Дониш, 1973. – 201 с.

85. Ғафуров, Б. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна). Китоби 1. [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 701 с.
86. Давлятов, Ч.А. Изучение омонимии в современном таджикском языке [Текст] / Ч. А. Давлятов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 180-185.
87. Дадабоева, М.Н. Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ [Текст] / М.Н. Дадабоева // Учёные записки. Гуманитарные науки. – Худжанд, 2017. – №2. – С. 222-226.
88. Десницская, А.В. Вопросы изучение родство идуевропейских языков [Текст] / А. Десницская. – М., 1955. – 152 с.
89. Додихудоев, Р.Х. Памирская микротопонимия (исследование и материалы) [Текст] / Х.Р. Додихудоев. – Душанбе, 1975. – 165 с.
90. Додихудоев, Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ [Матн] / Р.Х Додихудоев, Л.Г. Герценберг. – Душанбе: Маориф, 1988. – 215 с.
91. Дудников, А.В. Русский язык [Текст] / А.В. Дудников. – М., 1983. – 261с.
92. Дьяконов, И.М История Мидии (от древнейших времён до конца 4 века до н.э.). 1 книга [Текст] / И.М. Дьяконов. – Боку: Нигыл Евы, 2012. – 332 с.
93. Ерофеева, Е.В. Региолект как континуум [Текст] / Е.В. Ерфеева // Вестник Санкт – Петербургского университета. Язык и литература. Том 17. – Санкт – Петербург, 2020. – №4. – С. 596-614.
94. Ерфеева, Е.В. Социальное варьирование в региолекте [Текст] / Е.В. Ерофеева // Филологические заметки. Том 18. – Пермь, 2020. – №2. – С. 301-313.
95. Ершов, Н.Н. Каратаг и его ремесло [Текст] / Н.Н. Ершов. – Душанбе, 1984. – 100 с.
96. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1 [Матн]. – Душанбе, 1973. – 451 с.
97. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2 [Матн]. – Душанбе, 1973. – 451 с.

98. Зайниддинова, З. Маълумотҳо доир ба истилоҳоти ифодакунандаи зан дар шеваҳои ҷанубӣ [Матн] / З. Зайниддинова // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1980. – С. 105-108.
99. Зайниддинова, З. Аз хусуси истилоҳи «палонҷ» ва синонимҳои он [Матн] / З. Зайниддинова // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1990. – С. 64-68.
100. Зарубин, И.И. Ошорские тексты и словарь [Текст] / И.И. Зарубин. – Тр. Экпидиции 1928 г. Вып 5. – Ленинград, 1930. – 100 с.
101. Захаржевская, Р.В. История костюма: От античности до современности. 3-изд., доп. [Текст] / Р.В. Захаржевская. – М.: РИПОЛ классик, 2005. – 288 с.
102. Зварыкина, И. С. Способы номинации регионализмов Астраханского края [Текст] / И.С. Зварыкина // Вестник Иркутского государственног лингвистического унверситета. – Иркутск, 2014. – №1. – С. 213-217.
103. Зиязетдинова, Г.Д. Лексика пёловодства татарского литературного языка [Текст] / Г.Д. Зиязетдинова Г.Д. – Казань, 2003. – 224 с.
104. Зуҳуров, Н. Истилоҳоти стоматологию ортопедӣ ва ҷанбаҳои этимологӣ [Матн] / Н. Зуҳуров // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё». – Душанбе, 2018. – С. 245-247.
105. Ибрагимов, С. Профессиональная лексика узбекского языка [Текст] / С. Ибрагимов. – Ташкент: Изд. Акад. наук. Узб. ССР, 1961. – 164 с.
106. Иванов, В.В. Хетский язык [Текст] / В.В. Иванов. – М.:Эдиториал, 2001. – 298 с.
107. Исматова, С.М. Ифодаи либос дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [Матн] / С.М. Исматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – С. 87-90.
108. Исмоилов, Ш. Садои асрҳо [Матн] / Ш. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/3 (303). – С. 3-7.

109. Исмоилов, Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт [Матн] / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 332 с.
110. История таджикского народа. Т. 3 [Текст]. – М., 1964, – 720 с.
111. Кабиров, Х.Ш. Иқтибосоти тарафайни воҳидҳои луғавии рӯзгордории тоҷикон ва уйғурони муқимии Чин [Матн] / Х.Ш. Кабиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/1 (95). – С.131-135.
112. Кадоло, Т. А. Региональная лексика как проявление поликультурности [Текст] / Т. Я. Кадоло // Язык и культура. – Томск, 2011. – №1. – С. 23-28.
113. Калинин, А.В. Лексика русского языка [Текст] / А.В. Каленин. – М., 1966. – 329 с.
114. Камолиддинов, Б. Услубшиносӣ [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 115 с.
115. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1989. – 156 с.
116. Камолова, Г. Хусусиятҳои грамматикии забони насри асри XVI (дар асоси материали «Маҷмуъ-ут-таворих» [Матн]/ Г. Камолова. – Душанбе, 1973. – 122 с.
117. Касимова, М.Н. Лексико-грамматические особенности похожих пасловиц и поговорок русского и таджикского языков [Текст] / М. Н. Касимова // Язык – столп поклонения. – Душанбе, 2002. – С. 56-67.
118. Касимов, О. Титулы правителей евразийских стран: лингвокултурологический анализ [Текст] / О. Касимов // Материалы международной научно-теоретический конференции «Шёлковый путь и Евразийские межкультурные отношения». – Душанбе, 2018. – С. 19-23.
119. Касимов, О. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси [Текст] / О. Касимов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 140 с.
120. Кириева, Е.В. История костюма: европейский костюм от античности до XX века [Текст] / Е.В. Киреева. – М.: Просвещение, 1970. – 165 с.

121. Кирсанова, Р.М. Костюм в русской художественной культуре XVIII-первой половины – XX в. [Текст] / Р.М. Кирсанова. Опыт энциклопедии под ред. Морозовой. В. Д. Синюкова. – М.: Большая Российская энциклопедия, 1995. – 383 с.
122. Кирсанова, Р.М. Ленты, кружева, ботинки [Текст] / Р.М. Кирсанова. – М.: Рудомино: Экисмо, 2006. – 80 с.
123. Косвен, М.О. Очерки истории первобытной культуры [Текст] / О.М. Косвен – М., 1963. – 161 с.
124. Қаҳҳоров, Н.Ш., Ҳайитов, А.Ҳ., Зубайдов, К.Ш., Латипов, З.Т., Давлатов, М.Н. Занбӯриасалпарварӣ [Матн] / Н.Ш. Қаҳҳоров, А.Ҳ. Ҳайитов, К.Ш. Зубайдов, З.Т. Латипов, М.Н. Давлатов. – Душанбе: Гулдаста, 2014. – 102 с.
125. Қобилов, Ф. Жанри наврӯзия дар адабиёти араб [Матн] / Ф. Қобилов // Маводи конференсияи байналмилалии илми-амалӣ «Наврӯзу навбаҳорон дар осори адибони арабу аҷам». – Душанбе, 2017. – С. 64-70.
126. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) [Матн] / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.
127. Лексика русского языка [Текст]. – Рязань, 1979. – 97 с.
128. Мақсудов, Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара [Матн]/ Т. Мақсудов. – Душанбе, 1977. – 160 с.
129. Мамаева, Т.В. Фрагмент профессиональной языковой картины мира охотников и рыбаков Приенисейской Сибири (этнолингвистический аспект) [Текст] / Т.В. Мамаева // Вестник Красноярского государственного педагогического университета им. В.П. Астафьева. – Краснодар, 2010. – №4 (38). – С. 99-105.
130. Матанцева, М.Б. Историко этимологический анализ лексики охотничьего промысла в говорах старообрядцев (семейских) Забайкалья [Текст] / М.Б. Матанцева // История языка. – Новосибирск, 1999. – С 104-119.
131. Матробиён, С.Қ. Маҷмуаи таълимӣ методӣ аз фанни «Этнолингвистика»- (Забоншиносии қавмӣ) [Матн] / Матробиён С.Қ. – Душанбе, 2011. – 51 с.

132. Матробов, С.Қ. Робитаҳои забонӣ (дар мисоли лексикаи бозиҳои сунатии вахониҳо аз назари қиёс [Матн]/ С.Қ. Матробов // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳо. – Душанбе, 2011. – № 1 (4). – С. 43-51.
133. Матробов, С.К. Традиционные игры ваханцев (этнолингвистический очерк) [Текст] / С.К. Матробов. – Душанбе - Санкт-Петербург, 2012. – 210 с.
134. Матробиён, С.Қ. Мавқеи форматҳои иқтибосии намоз дар забони вахонӣ [Матн] / С.Қ. Матробиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/1 (95). – С. 26-30.
135. Матробиён, С.Қ. Масоили этнолингвистика, усул ва равандҳои тадқиқотии он дар забоншиносии муосир [Матн] / С.Қ. Матробиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 8. – С. 26-29.
136. Матробиён, С.Қ. Марзгустарии этнолингвистӣ: лексикаи мероси маънавии миллӣ (дар мисоли миллии вахонизабонон) [Матн] / С.Қ. Матробиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №4/8. – С. 111-115.
137. Матробиён, С.Қ. Нахустин сарчашмаҳои хатии этнолингвистии тоҷик [Матн] / С.Қ. Матробиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 13-23.
138. Маҳмадҷонов, О.О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор [Матн] / О.О. Маҳмадҷонов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 222 с.
139. Маҳмудов, М. Баъзе намунаҳо аз лексикаи шеваи тоҷикони райони Ҳисор [Матн]/ М. Маҳмудов // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – Душанбе, 1964. – С. 74-84 .
140. Маҳмудов, М. Лаҳҷаҳои тоҷикони Китоб [Матн] / М. Маҳмудов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 140 с.
141. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ) [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душнбе: Ирфон, 2007. – 242 с.

142. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1996. – 267 с.
143. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 385 с.
144. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2 (Забоншиносӣ) [Матн] / Н. Маъсумӣ. –Душанбе, 1980. – 349 с.
145. Мино, Корвонӣ. Ҷойгоҳи вожаҳои туркӣ дар сурудаҳои бархе шуарои порсигӯйи классик [Матн] / Корвонӣ Мино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 180-185.
146. Муродова, М. Нигоҳе ба забони ҳикоёти Додарҷони Раҷабӣ [Матн] / М. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/1 (95). – С. 136-140.
147. Муслимов, М. Вожаҳо куҳнашуда ва таърихан маҳдудшуда дар дохили воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / М. Муслимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5 – С. 155-157.
148. Мухторов, З. Таърихи забони точикӣ [Матн] / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
149. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ [Матн] / Қ. Мухторӣ. – Душанбе: Даваштич, 2006. – 134 с.
150. Муҳамадиев, М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, – 1968. – 76 с.
151. Муҳаммадиева, Қ. Қайдҳо оид ба баъзе хусусиятҳои лексикаи нонвоӣ [Матн] // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1980. – С. 60-69.
152. Муҳаммадиев, М., Талбакова, Ҳ., Нурмуҳаммадов, Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик [Матн] / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмуҳаммадов. – Душанбе, 1997. – 189 с.
153. Набиева, Г.В. Инкишофи лексикаи сару либос [Матн] / В.Г. Набиева // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1980. – С. 39-48.

154. Назарова, З.О. Этнолингвистический анализ лексики связанной со свадебным обрядом (на материале памирских языков) [Текст] / З.О. Назарова // Российский гуманитарный журнал. – М., 2015. – Том 4. – №6. – С. 471-486.
155. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: Таърих, гароиш ва дурнамо [Матн] / С. Назарзода. – Душанбе: Дақиқӣ, 2013. – 375 с.
156. Назарзода, С. Забони ваҳдатгаро [Матн] / С. Назарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 35-40.
157. Насруллоев, М. Н. Иқтибосоти арабӣ дар осори мансури Убайди Зоконӣ [Матн] / М. Н. Насрулоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 178 с.
158. Неменова, Р.Л., Ҷӯраев, Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн] / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 328 с.
159. Ниёзмухамедов, Б. Канибадамское наречие таджикского языка [Текст] / Б. Ниёзмухамедов. – Сталинабад: Изд во тадж филиала Акад. наук СССР, 1951. – 58 с.
160. Ниёзмуҳаммадов, Б. Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик [Матн] / Б. Ниёзмуҳамадов. – Сталинобод, 1960. – 100 с.
161. Норматов, М. Муқаддимаи забоншиносӣ [Матн] / М. Норматов. – Душанбе: Маориф, 1995. – 176 с.
162. Нуралӣ, Нурзод. Аз Сада то Наврӯз [Матн] / Нурзод Нуралӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 175 с.
163. Озер, Саяна Прокопьевна. Структурно-семантическая соотносимость лексики одежды в русском и английском языках [Текст] / Прокопьевна Саяна Озер. – Душанбе, 2016. – 245 с.
164. Оранский, И.М. Таджикоязычные этнографические группы Гиссарской долины (Средняя Азия, этнографическое исследование [Текст] / И.М. Оранский. – М.: Наука, 1983. – 236 с.
165. Очирова, Н.Ч. Мукабенова, Ж.А. Шарапова, Н.Н. Лексика, отражающая традиционную пищу калмыков (этнолингвистический аспект) [Текст] /

Н.Ч. Очирова, Ж.А. Мукабенова, Н.Н. Шарапова // Вестник Калмыцкого унверситета. – Калмыцк , 2019. – № 4 (44). – С. 93-99.

166. Панов, М.В., Сабаткоев, Р.Б. Русский язык [Текст] / М.В. Панов, Р.Б. Сабаткоев. – Л.: Просвещение, 1982. – 475 с.

167. Парвиз, Нотили Хонларӣ. Дастури таърихии забони форсӣ [Матн] / Хонлари Нотили Парвиз. – Теҳрон, 1372.

168. Пейсиков, Л.С. Лексикология современного персидского языка [Текст] / Л.С. Пейсиков. – М.: Изд-во Московского унверситета, 1975. – 207 с.

169. Перехвальская, Е.В. Этнолингвистика (учебник для академического бакалавриата) [Текст] / Е.В. Перехвальская. – М.: Юрайт, 2016. – 351 с.

170. Пещерова, Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков [Текст] / Е.М. Пещерова // Сб. музея антропологии и этнографи. Т. 17. – М. – Л., 1957. – 94 с.

171. Пещерова, Е. М. Гончарное производства Средной Азии [Текст] / Е.М. Пещерова. – М. – Л., 1959. – 201 с.

172. Пропп, В.Я. Специфика фольклора [Текст] / В.Я. Пропп // Ленинградский государственный Ордена Ленина университет. Труды юбилейной научной сессии. Секция филологических наук. – Л., 1946. – С. 138-148.

173. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып. 2 (Шайдан Ашт, Чуст, Касансай) [Текст] / В.С. Расторгуева. – М.: Академии наук СССР, 1952. – 322 с.

174. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып. 1 (Варзобский говор таджикского языка) [Текст] / В.С. Расторгуева. – М., 1952. – 205 с.

175. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып. 3 (Ленинабадско-Канибадамская группы северных таджикских говоров) [Текст] / В.С. Расторгуева. – М., 1956. – 190 с.

176. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып. 4 (Южно – Фарганские говоры уратюбинской группы) [Текст] / В.С. Расторгуева. – М., 1961. – 223 с.

177. Расторгуева, В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров [Текст] / В.С. Расторгуева. – М.: Наука, 1964. – 188 с.
178. Расторгуева, В.С., Керимова, А.А. Система таджикского глагола [Текст] / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. – М., 1964. – 288 с.
179. Раҳматуллозода, С. Таҳлили вожаҳои марбут ба ҳайвонот ва парандагон [Матн] / С. Раҳматуллозода. – Душанбе: Матбаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – 55 с.
180. Раҳматуллозода, С. Таҳқиқи лингвистии морфемаҳои грамматикӣ [Матн] / С. Раҳматуллозода. – Душанбе: Матбаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021. – 119 с.
181. Реформатский, А.А. Введение в языкознание [Текст] / А.А. Реформатский. – М.: Просвещение, 1967. – 94 с.
182. Розенфельд, А.З. Говор Каратегина. Тр. АН Тадж. ССР. Т. XVIII [Текст] / А.З. Розенфельд. – Сталинабад, 1960. – 73 с.
183. Розенфельд, А.З. Заметки по лексике Ванчских говоров таджикско языка [Текст] / А.З. Розенфельд // Иранский сборник. – М.,1963. – С. 68-80.
184. Розенфельд, А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка [Текст] / А.З. Розенфельд. – Л.: Изд-во Ленинградского университета, 1971. – 192 с.
185. Русская диалектология [Текст]. – М., 1972. – 207 с.
186. Саидаҳтамов, Ф. Истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои динӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус [Матн] / Ф. Саидаҳтамов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №5. – С.100-114.
187. Сайко, В.В. Среднеазиятская глазурованная керамика XII-XV вв. [Текст] / В.В. Сайко. – Душанбе, 1969. – 179 с.
188. Сангинова, Р. Лексикаи лаҳҷаи Конибодом [Текст] / Р. Сангинова. – Душанбе: Файзи Борон, 2021. – 213 с.
189. Сангова, Х.Р. Сохти грамматикии истилоҳоти тиббӣ дар забони лотинӣ [Матн] / Х.Р. Сангова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №7 – С. 57-62.

190. Сафарова, Г.Ф. Семантическое поле слова «зан» (женщина) в таджикской поэзии [Текст] / Г.Ф. Сафарова. – Душанбе: Нушбод, 2021. – 209 с.
191. Семёнов, А. Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии [Текст] / А. Семёнов. – Санкт Петербург, 1900. – С. 83-89.
192. Сепир, Э. Избранное труды по языкознанию и культурологии [Текст] / Э. Сепир. – М., – 1993. – 317 с.
193. Серебренников, Б.А. Роль человеческого фактора в языке [Текст] / Б.А. Серебренников. – М., 1988. – 300 с.
194. Сиёев, Б. Таърихи воҳидҳои ҷуфт дар забони адабии тоҷик [Матн] / Б. Сиёев // Мактаби советӣ. – Душанбе, 1968. – №9. – С. 11-16.
195. Сиёев, Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Б. Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1982. – 73 с.
196. Соколов, В.К. Советская фолклористика к 50-летию Октября [Текст] // Советская этнография. – М.,1967. – №10. – С. 81-83.
197. Султонов, М.Б. Формирование персидско- таджикской медицинской терминологии [Текст] / М.Б. Султонов // Международный журнал экспериментального образования. – М., 2012. – №5. – С. 81-83.
198. Суфиева, Г. Баъзе суннатҳои мардумӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ [Матн] / Г. Суфиева // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё». – Душанбе, 2018. – С. 227-230.
199. Талбакова, Ҳ. Истеъмоли калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар (дӯзандагӣ) дар «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил [Матн] / Ҳ. Талбакова // Мақолаҳо доир ба забон ва адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1973. – С. 52-73.
200. Теркулов, В.И. Региолект или национальный вариант: к постоновке проблемы [Текст] / В.И. Теркулов // Филология и культура. – Казань, 2012. – №2 (28). – С.117-120.

201. Титова, О.В. Лексика ткачества в диалектах удмуртского языка [Текст] / О.В. Титова // Вестник Удмуртского университета. – Удмурт, 2015. – №5. – С. 57-60.
202. Титова, М. В. Професиональная лексика алтайских пчёловодов в аспекте взаимодействия языка и культуры [Текст] / М. В. Титова // Известия Российского государственного педагогического унверситета им. А.Г. Герцена. – М., 2007. – №14 (37). – С. 204-210.
203. Толстой, Н.И. Язык и народная культура [Текст] / Н.И. Толстой // Очерки по славянской мифологиии этнолингвистике. – М., 1995. – С. 27-40.
204. Трубачёв, Н. Происхождение названий домашних животных в славянских языках [Текст] / Н. Трубачёв. – М., 1960. – 124 с.
205. Тураҳасанов, К.Ш. Нақши калимаҳои арабӣ дар истилоҳсозии тиббӣ [Матн] / К.Ш. Тураҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8 – С. 46-49.
206. Турсунов, Ш. Таърихи деҳаи Чиртак ва Чиртакиён [Матн] / Ш. Турсунов. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 208 с.
207. Тухтасунов, О. Таҳлили этимологии метали нуқра дар забонҳои гуногун [Матн] / О. Тухтасунов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5 – С. 94-97.
208. Тухтасунов, О. Андешаҳо атрофи ромгардонӣ ва маънои асп дар баъзе забонҳо [Матн] / О. Тухтасунов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6 – С. 92-96.
209. Умняшкин, А.А. Структурные особенности слов бытовой лексики татского языка. Центр по изучению древних и современных языков Азербайджана [Текст] / А.А. Умняшкин // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. – №5 – С. 152-160.
210. Уорф, Б. Отношение норм поведения и мышления к языку. Наука и языкознание. Лингвистика и логика [Текст] / Б. Уорф // Новое в лингвистике. – М., 1960. – С. 135-198.

211. Усмонова, М. Лексико-семантические пласты их стилистические особенности в литературной прозе Хабибуло Назарова [Текст] / М. Усмонова. – Душанбе: Нушбод, 2022. – 157 с.
212. Успенская, Л.В. Каратагский говор таджикского языка [Текст] / Л.В. Успенская. – Сталинабад: Государственное издательство, 1956. – 126 с.
213. Успеская, Л.В. Говоры таджиков Гиссарского района [Текст] / Л.В. Успенская. – Душанбе: Дониш, 1962. – 170 с.
214. Файзалии, Шукур. Зиндагиномаи Шунук ва Шунукчиён [Матн] / Шукур Файзалӣ. – Душанбе: Бебок, 2014. – 302 с.
215. Фозилова, М.М. Корбурди калимаю ибораҳои таърихӣ-архаистӣ дар очерки таърихии С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» [Матн] / М. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №5. – С. 66-71.
216. Холова, М.Б. Баъзе тағйиротҳои овозӣ дар калимаҳои иқтибосии руссиву аврупоии забони адабии тоҷикии ибтидоии асри XX [Матн] / М. Холова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4 – С. 57-63.
217. Хонхужаева, А. Таснифоти мавзуи этнографии марбути маросими мотам [Матн] / А. Хонхужаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 3-9.
218. Хорошева, Н.В Регионолект как промежуточный идиом во французком и русском языках [Текст] / Н.В. Хорошева // Вестник Пермского унверситета. Российская и зарубежная филология. – Пермь, 2011. – №3 (15). – С. 32-40.
219. Хоҷаев, Д. Гуфтори наку куҳан нагардардад [Матн] / Хоҷаев Д. – Душанбе: Шуҷоён, 2017. – 230 с.
220. Хромов, А.Л. Говоры таджиков Матчинского района [Текст] / А.Л. Хромов // Тр. АН тадж. ССР, Т. 7. – Душанбе, 1962. – 215 с.
221. Ҳалимова, С.Ш. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ [Матн]/ С.Ш. Ҳалимова. – Душанбе: Маориф, 2014. – 152 с.

222. Ҳасанов, А.А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои Х- ХШ дар гӯйиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) [Матн] / А.А. Ҳасанова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 254 с.
223. Ҳасанова, М. Лексикаи маросими мотам дар лаҳҷаи Хуҷанд [Матн] / М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/1 (95). – С.70-74.
224. Ҳомидов, Д. Шевашиносии тоҷик [Матн] / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2006. – 162 с.
225. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе, 1973. – 253 с.
226. Ҷумъаев, М.О. Дар бораи ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) пас аз зуҳури ислом [Матн] / М.О. Ҷумаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4 – С. 15-18.
227. Ҷӯрабоев, Р. Диёри шоир [Матн] / Р. Ҷӯрабоев. – Душанбе: Иттиҳоди истеҳсолии матбаи вилояти Кулоб, 1991. – 225 с.
228. Ҷӯраев, Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон [Матн] / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе, 1975. – 227с.
229. Шакармамадов, Н. Назми халқии Бадахшон [Матн] / Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 125 с.
230. Шанский, И.М. Лексикология современного русского языка [Текст]. – М., 1972. – 186 с.
231. Шанский, Н.М., Иванов, В.В. Современней русский язык. Часть 1 [Матн] / Н.М. Шанский, В.В. Иванов. – М., 1981. – 190 с.
232. Шарифов, Б. Медицинская терминология в произведениях Хаккони [Текст] / Б. Шарифов // Материалы международной научно-теоретический конференции «Шёлковый путь и Евразийские межкультурные отношения». – Душанбе, 2018. – С. 290-294.

233. Шарофов, Н.О., Ҷӯраев, Т.Қ. Лексикаи касбу ҳунар – сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик [Матн] / Н.О. Шарофов, Т.Қ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1991. – 92 с.
234. Шафоатов, Н.А. Истиҳоти мураккаби соҳаи варзиш [Матн] / Н.А. Шафоатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 25-29.
235. Шафоатов, Н.А. Мавқеи истилоҳоти варзишие, ки ҳангоми бозиҳои даставӣ истифода мешаванд [Матн]/ Н.А. Шафоатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 102-105.
236. Шодибек, Собирӣ. Доираи адабии Ҳисор (Аз асри Х то аввали асри ХХ) [Матн]/ Собирӣ Шодибек. – Душанбе: Ашуриён, 2015. – 117 с.
237. Шукуров, М. Забони мо ҳастии мост [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе, 1991. – 231 с.
238. Шукуров, Г.Х. Робитаи забон ва фарҳанг [Матн] / Г.Х. Шукуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5.– С. 152-155.
239. Эдвард, Тейлор. Первобытная культура [Текст] / Тейлор Эдвард – М.: Прогресс, 1989 – 448 с.
240. Эмил, Бенвенист. Общая лингвистика. Под ред. Ю.С. Степанова [Текст] / Бенвист Эмил. – М.: Прогресс, 1974. – 573 с.
241. Эмомалӣ, Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 1 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
242. Эмомалӣ, Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 2 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 560 с.
243. Эмомалӣ, Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 3 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
244. Эмомалӣ, Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 4 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 560 с.

245. Эмомалӣ, Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 5 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
246. Эмомалӣ, Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 6 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 560 с.
247. Эмомалӣ, Раҳмон.Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 124 с.
248. Эмомалӣ, Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
249. Эмомалӣ, Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
250. Эмомалӣ, Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 1 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе, 2016. – 516 с.
251. Эмомалӣ, Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 2 [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе, 2020. – 431 с.
252. Эшниёзов, М. Диалекологияи тоҷик. Қисми 1 [Матн] / М. Эшниёзов. – Душанбе: 1977. – 110 с.
253. Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик. Қисми 2 [Матн] / М. Эшниёзов. – Душанбе ,1979.– 193 с.
254. Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик. Қисми 3 [Матн] / М. Эшниёзов. – Душанбе, 1986. – 96с.
255. Эшниёзов, М. Вожаноманависӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ [Матн] / М. Эшниёзов. – Душанбе: УДТ, 1999. – 298 с.
256. Юсуфов, Х. Калимаҳои архаистӣ дар забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Х. Юсуфов // Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1964. – С. 86-92.
257 Яқубшоҳ, Ю. Тоҷикон [Матн] / Ю. Яқубшоҳ. – Душанбе, 1994. – 82 с.

В) Фарҳангномаҳо

258. Аббос, Икбол. Лугат-е Фурс (Персидский словарь) Асади Туси [Текст] / Аббос Икбол. – Тегеран: Издательство: Маджлис, 1319.

259. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик [Матн] / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ. 12. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 560 с
260. Бобомуродов, Ш. Мухторов, З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ [Матн] / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2015. – 322 с.
261. Бобомуродова, М. Краткий словарь лексики женских украшеный [Текст] / М. Бобомуродова. – Душанбе: Бебок, 2014. – 71 с.
262. Большой академический словарь русского языка. Т. 8 [Текст]. – М.: Наука, 2007. – 840 с.
263. Большой словарь иностранных слов [Текст]. – М.: Центорополтграф, 2008. – 685 с.
264. Большая советская энциклопедия. Т. 30 [Текст]. – М: Большая советская энциклопедия, 1978. – 631 с.
265. Большой тольковый словарь русского языка [Текст] / гл. Ред. С.А. Кузнецов [1- е изд]. – СПБ.: Норит, 2000. – 1536 с.
266. Вахринг, Г. Дойчес вартербух мит айнен лексикон дер дойчен шпрахлехре (Wahring G. Deutsches Warterbuch mit einem Lexikon der deutschen Sprachlehre) [Text] / G. Wahring. – Manchen: Mosaik, 1991. – 1493 s.
267 Ғиёсиддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 1 [Матн] / Муҳаммад Ғиёсиддин. –Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
268. Ғиёсиддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 2 [Матн] / Муҳаммад Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
269. Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ [Матн] / О. Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983. – 143 с.
270. Дари-русский словарь [Текст]. – М.: Русский язык, 1966. – 752 с.
271. Калонтаров, Я.И. Луғати имлои забони тоҷикӣ [Матн] / Я.И. Калонтаров – Душанбе: Ирфон, 1974. – 331 с.
272. Крылов, Г.А. Этимологический словарь русского языка [Текст] / Г.А. Крылов. – СПб.: Полиграфуслуги, 2005. – 432 с.
273. Лингвистический энциклопедический словарь [Текст] / гл. Ред. В.Н. Ярцев. – М.: Советская энциклопедия, 1990. – 685 с.

274. Луғати шеваи ҷанубӣ (макети ҳарфи «д») [Матн] / Мураттибон: М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1971. – 75 с.
275. Маҳмудов, М., Бердиев, Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро [Матн] / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, – 1989. – 278.
276. Маҳмудов, М., Ҷӯраев, Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ [Матн] / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, – 1997. – 287 с.
277. Маҳмудов, М., Ҷӯраев, Ғ., Бердиев, Б. Фарҳанги лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [Матн] / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе, 2012. – 946 с.
278. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1 [Матн] / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб. – 1993. – 416 с.
279. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 2 [Матн] / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб. – 1993. – 280 с.
280. Муҳаммадиев, М. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ [Матн] / М. Муҳамадиев. – Душанбе: Маориф, 1975. – 260 с.
281. Ожигов, С.И. Толковый словарь русского язык [Текст] / С.И. Ожигов. – М.: Русский язык 1981. – 816 с.
282. Популярная художественная энциклопедия: Архитектура. Живопись. Скульптура. Графика. Декаративное исскуство [Текст] / гл ред. В.М, Полевой – М.: Советская энциклопедия, 1986. – Кн. И (М.Я.) – 432 с.
283. Розенталь, Д.Э., Теленкова М. Словарь-справочник лингвистических терминов [Текст] / Д.Э. Розенталь, М. Теленкова. М., 1976. – 196 с.
284. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып. 5 (Таджикско-русский диалектный словарь) [Текст] / В.С. Расторгуева. – М., 1963. – 250 с.
285. Расторгуева, В.С., Эдельман, Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Т. 1 [Текст] / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. – М.: Восточная литература, 200. – 327 с.
286. Семенов, А.В. Этимологический словар русского языка [Текст] / А.В. Семенов. – Москова: Юновес, 2003. – 704 с.

287. Сепир, Э. Избр. труды по языкознанию и культурологии [Текст] / Э. Сепир. – М.: Прогресс, 1993. – 656 с
288. Сироҷуддин, Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят [Матн] / Орзу Алихони Сироҷуддин. – Душанбе, 1992. – 238 с.
289. Словарь иностранных слов [Текст]. – М., 1954. – 701 с.
290. Стелбин-Каменский, И.М. Этимологический словарь ваханского языка [Текст] / И.М. Каменский-Стелбин. – СП(б)., 1999. – 480 с.
291. Сурат Луғатнала [Матн]. – Душанбе: Эр – граф, 2022. – 52 с.
292. Таджикско-русский диалектный словарь: Юго-Восточний Таджикистан [Текст]. – Л.: Изд-во Ленинградского унверситета,1882. – 239 с.
293. Таджикско-русский словарь [Текст]. – Душанбе: Академия наук, Республики Таджикистан. Институт языка и летиратуры имени Рудаки, 2006. – 784 с .
294. Узбекско-русский словарь [Текст]. – М., 1959. – 839 с.
295. Ушаков, Д.Н. Толковый словарь русского языка [Текст] / Д.Н. Ушаков. – М.: Хит-книга, 2021. – 768 с.
296. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
297. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 947 с.
298. Фарҳанги ибораҳои халқӣ [Матн]. – Душанбе: Адиб, 1988. – 400 с.
299. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе, 2008. – 949 с.
300. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн]. – Душанбе, 2008. – 945 с.
301. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 1 [Текст] / Фасмер. – М.: Прогресс,1986. – 573 с.
302. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 2 [Текст] / М. Фасмер. – М.: Прогрес, 1986. – 673 с.
303. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 3 [Текст] / М. Фасмер. – М.: Прогресс, 1987. – 832 с.

304. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 4 [Текст] / М. Фасмер. – М.: Прогресс, 1987. – 864 с.

305. Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 124 с.

306. Филин, Ф.П. Проект словаря русских народных говоров [Текст] / Ф.П. Филин. – Л., 1961. – 230 с.

307. Фозилов, М. Фаҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ (фаҳанги фразеологӣ). Ҷ. 2 [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе, 1964. – 801 с.

308. Ҷӯраев, Р. Этимологияи сад калима [Матн] / Р. Ҷӯраев. – Душанбе: Адиб, 1985. – 28 с.

309. Шанский, Н.М. Этимологический словарь русского языка [Текст] / Н.М. Шанский. – М.: Дрофа, – 2000. – 399 с.

310. Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе, – 1989. – 576 с.

311. Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. Ҷ. 2 [Матн]. – Душанбе, 1991. – 608 с.

312. Энциклопедический словарь в 3-х томах. Т. 1 [Текст]. – М.: ГИС, 1953. – 547 с.

313. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 2 [Матн]. – Душанбе: Саредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1980. – 634 с.

314. Энсиклопедияи миллии Тоҷик. Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2011. – 608 с.

Г) Сарчашмаҳо

315. Абдуқодири, Бедил. Осор. Ҷ. 3 [Матн] / Бедил Абдуқодир. – Душанбе: Адиб, 1991. – 429 с.

316. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ. 6 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 551 с.

317. Айнӣ, С. Одина [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1938. – 150 с.

318. Айнӣ, С. Марги судхӯр [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2015. – 561 с.
319. Айнӣ, С. Кулиёт. Ҷ. 2 [Матн] / С. Айнӣ.– Душанбе: Дониш, 2020. – 656 с.
319 (а). Айни С. Кулиёт Ҷ. 4. Ҷалодони Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. –362 с.
320. Айнӣ, С. Кулиёт. Ҷ. 5. Дохунда [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 500 с.
321. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] / Дониш Аҳмад. – Душанбе: Дониш, 1988. – 285 с.
322. Гулчини ашъори Мирзо Турсунзода [Матн]. – Душанбе, 2011. – 149 с.
323. Китоби муқаддас [Матн]. – Душанбе, 1999. – 1180 с.
324. Қуръони Карим (матни асл, тарҷума ба забони тоҷикӣ ва тавзеҳи фишурдаи баъзе аз оёт) [Матн]. – Душанбе, 2013. – 1226 с.
325. Лоиқ. Санги роҳ [Матн] / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 232 с.
326. Мавлоно, Ҷалолуддин Муҳаммади Румӣ. Мунтахоботи куллиёти Шамсӣ Табрезӣ [Матн] / Румӣ Муҳаммад Ҷалолуддин Мавлоно. – Душанбе, 2001. – 486 с.
327. Низомии Ганҷавӣ. Кулиёт. Ҷ. 1 [Матн] / Ганҷавӣ Низомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 464 с.
328. Низомии Ганҷавӣ. Кулиёт. Ҷ. 2. Лайлӣ ва Маҷнун [Матн] / Ганҷавӣ Низомӣ. – Душанбе: Ирфон,1982. – 368 с.
329. Рубоиёти Умари Хайём [Матн]. – Душанбе: Эр- граф, 2018. – 208 с.
330. Сайидои Насафӣ. Девони мунтахаби Сайидо [Матн] / Насафӣ Сайидо. – Сталинобод, 1944. – 646 с.

Ғ) Сарчашмаҳои электронӣ

331. Алёшина, Л.М. Лексика коноплеводства в орловских говорах / Л.М. Алёшина [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://www.dissercat.com/content/leksika-konoplevodstva-v-orlovskikh-govorakh (дата обращения: 25.10.2021).

332. Апресян, А.Д. Языковая картина мира и системная лексикография / А.Д. Апресян [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01002954740 (дата обращения: 29.10.2021).
333. Блинова, О.И. Производственно-промысловая лексика старожильческого говора с. Вершинина Томского района Томской области: дисс… канд. филол. наук / О.И. Блинова [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01005975820 (дата обращения: 26.10.2021).
334. Бятикова, О.Н. Лексика рыболовства в татарском литературном языке: дис. канд. филол. Наук / О.Н. Бятикова [Эл. рес.] // Режим доступа: https://dspace.kpfu.ru/xmlui/bitstream/handle/net/31638/738237.pdf (дата обращения: 22.10.2021).
335. Веклич, М.В. Формирование русской анатомической терминологии: XVIII век: автореферат дис… кандидата филологических наук/ М.В. Веклич [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01000203226 (дата обращения: 25.10.2021).
336. Власова, Л.А. Лексика кухонной утвари и посуды в орловских говорах: дис. канд. филол. наук / Л.А. Власова [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01002297070 (дата обращения: 17.06.2022).
337. Копылова, Э.В. Профессионально-терминологическая лексика рыбаков Волго-Каслия: автореф. дис… канд. филол. наук [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01006239499 (дата обращения: 18.03.2022).
338. Лебедева, И.В. Названия грибов в говорах Костромской области: автореф. дисс... канд. филол. наук / И.В. Лебедева [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01000056251 (дата обращения: 14.04.2022).
339. Литвинов, М.И. Ремесленно-промысловая терминология в словаре В.И. Даля: дисс. канд. филол. наук / М.И. Литвинов [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01005890424 (дата обращения: 18.11.2021).

340. Мамаева, Т.В. Эвенкийский субстрат в лексике охотников Восточной Сибири / Т.В. Мамаева [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https: // new-disser.ru/_avtoreferats/01006759048.pdf (дата обращения: 10.01.2021).
341. Михайлова, Л.П. Лексика льнообработки, прядения и ткачества в новгородских говорах: дисс... канд. филол. наук / Л.П. Михайлова [Эл. рес.] // Режим доступа:URL: https://search.rsl.ru/ru/record/010058824 (дата обращения: 17.03.2021).
342. Назарова, И.В. Лексика женских головных уборов в говорах юга Нижегородской области: дисс… канд. филол. наук / И.В. Назарова [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01007375339 (дата обращения: 25.10.2021).
343. Панова, М.В. Наименования одежды в русских говорах Воронежской области (Ареальный аспект) / М.В. Панова [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01003225229 (дата обращения: 26.02.2022).
344. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017, шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://president.tj/node/16771 (саннаи мурочиат: 3.02.2020).
345. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://president.tj/node/19088 (саннаи мурочиат: 3.02.2020)
346. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2019, шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://president.tj/node/21975 (саннаи мурочиат: 3.02.2020).
347. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. – 2019. – №189 (23792). – 07 октябр // Низоми дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/ (саннаи мурочиат: 3.02.2020).

348. Титова, М.В. Лексика пчеловодства на Алтае: комплексное исследование: дисс… канд. филол. наук / М.В. Титова [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01003065444 (дата обращения: 12.09.2022).
349. Толикина, Е.Н. Русская ремесленно-промысловая терминология 1 пол. XIX в. и ее и ее отражение в лексикографии того времени / Е.Н. Толикина [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01006039098 (дата обращения: 10.10.2021).
350. Толстой, Н.И. О предмете этнолингвистики и её роли в изучении языка и этноса текст / Н.И. Толстой [Эл. рес.] // Ареальные исследования в языкознании и этнографии (язык и этнос). – Л.: Наука, 1983. – С. 181-190 (дата обращения: 10.02.2022).
351. Чумакова, Ю.П. Лексика, связанная с обработкой конопли и шерсти, прядением и ткачеством, в районе Богословщина Рязанской области / Ю.П. Чумакова [Эл. рес.] // Режим доступа: URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01006379273 (дата обращения: 25.10.2021).

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавҷудияти унсурҳое, ки аз адабиёти классикӣ дар лаҳҷаи Қаратоғ ба мерос мондаанд [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 73-77.

[2-М]. Абдуллоева, Г.З. Влияние Шёлкового пути в развитии и становлении лексики швейного дела Гиссарской долины [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 6. – С. 64-68.

[3-М]. Абдуллоева, Г.З. Лексика ткацкого дела Гиссарской долины и её эквиваленты в русском современном русском языке [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 7. – С. 71-74.

[4-М]. Абдуллоева, Г.З. Луғати анъанавии соҳаи зироаткорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 90-94.

[5-М]. Абдуллоева, Г.З. Истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 6. – С. 84-88.

[6-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи истилоҳоти чорводорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 8. – С. 96-99.

[7-М]. Абдуллоева, Г.З. Этнолингвистические аспекы лексики гончарной отрасли в говорах Гисарской долины [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Вестник

института языков. Серия филологических, педагогогических, исторических наук. – Душанбе, 2020. – № 3 (39). – С. 18-24.

[8-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғати соҳаи боғдорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 – С. 32-37.

[9-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии диалектизмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 31-38.

[10-М]. Абдуллоева, Г.З. Хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти соҳаи қаннодӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 30-34.

[11-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи калимаҳои куҳнашудаи ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2021. – № 3. – С. 109-116.

[12-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқамандбуда дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 10-17.

[13-М]. Абдуллоева, Г.З. Луғати соҳаи моҳидорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 96-100.

[14-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии рубоиёти наврӯзӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С.18-24.

[15-М]. Абдуллоева, Г.З. Нақши этнолингвистика дар забоншиносии муосир [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2021. – № 4 (49). – С. 70-76.

[16-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои тиббӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 115-123.

[17-М]. Абдуллоева, Г.З. Корбурди калимаҳои сермаъно дар луғоти ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 6. – С. 11-20.

[18-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 6. – С. 100-107.

[19-М]. Абдуллоева, Г.З. Назаре ба калимаву истилоҳоти соҳаи занбӯрпарварӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 39-43.

[20-М]. Абдуллоева, Г.З. Андешае чанд перомуни омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – № 4. – С. 22-30.

[21-М]. Абдуллоева, Г.З. Роҳҳои ташаккул ва ҳимояи забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳои дар ҳудуди Тоҷикистон арзи вуҷуддошта [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 60-66.

[22-М]. Абдуллоева, Г.З. Регионолект ва муносибати он бо лаҳҷаву шева ва гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 52-59.

[23-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғоти соҳаи сохтмон дар лаҳаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4. – С. 73-78.

[24-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 6. – С. 24-31.

[25-М]. Абдуллоева, Г.З. Назаре ба калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 7. – С. 51- 57.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[26-М]. Абдуллоева, Г.З. Термины и слова кузнечного дела в говорах Гиссарской долины их эквиваленты в русском языке [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Сборник материалов международной научно-практической конференции «Русский и иностранные языки: перспективы, исследования и преподавание в вузах Таджикистана». Национальный исследовательский университет «МЭИ» Филиал в г. Душанбе (Республика Таджикистан) (22.01.2020). – Душанбе, 2020. – С. 370-376.

[27-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи калимаҳои иқтибосии узбекии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Узбекистон: ҳолат ва дурнамо». Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистони ба номи Сотим Улуғзода (30.10.2021). – Душанбе, 2021. – С. 63-68.

[28-М]. Абдуллоева, Г.З. Робитаи забон ва фарҳанг [Матн] (дар ҳаммуаллифӣ) / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот». Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистони ба номи Сотим Улуғзода (11.04. 2022). – Душанбе, 2022. – С. 67-72.

[29-М]. Абдуллоева, Г.З. Региолект и его соотношение с региональными диалектами [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы языкознания и литературоведения в современном времени». Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода (23.12.2022) – Душанбе, 2022. – С. 504-508.

[30-М]. Абдуллоева, Г.З. Анализ лексики, обозначающей женских украшения в говорах Гиссарской долины (Этнолингвистический анализ) [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Сборник материалов международной научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений «Россия – Узбекистан – Таджикистан. Формирование инновационности проектирования социально-культурных процессов: от идеи до реализации». Челябинский государственный институт культуры, Бухарский государственный унверситет, Государственный институт искусств и культуры Узбекистана, Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзода, Самаркандский государственный институт иностранных языков, Таджикская национальная консерватория имени Талабшо Сатторова, Государственный университет языков имени Сотима Улугзода, Государственная академия хореографиии Узбекистана (25.11. 2022). – Челябинск – Бухара, 2022. – С. 360-369.

[31-М]. Абдуллоева, Г.З. Фольклор Гиссарской долины и его связь с этнолингвистикой [Текст] / Г.З. Абдуллоева. // Сборник материалов

международной научно-теоретической конференции молодых учёных высших учебных заведений «Таджикистан – Россия и Узбекистан. «Сохранение и укрепление традиционных духовно-нравственных ценностей общества: стратегическое планирование в сфере духовной культуры» Государственный университет языков имени Сотима Улугзода, Челябинский государственный институт культуры, Государственный институт искусств и культуры Узбекистана, Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзода, Государственная академия хореографиии Узбекистана, филиал Государственного (25.02. 2023). – Узбекистан–Душанбе, 2022. – С. 132-138.

[32-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғоти соҳаи кафшдӯзӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон, донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Нақши фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар рушди босуботи ҷомеа». Ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик (17.04.2023). – Душанбе, 2023. – С. 5-7.

[33-М]. Абдуллоева, Г.З. Хусусиятҳои этнолингвистии луғоти соҳаи кашидадӯзӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Забони русӣ дар фазои муосири дузабона» Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (14-15.05.2023). – Душанбе, 2023. – С. 129-133.

III. Монография:

[34-М]. Абдуллоева, Г.З. Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор. Монография [Матн] / Г.З. Абдуллоева. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – 396 с.